# *АХТАРОНИ АДАБ*

# 20

## ҲАЙАТҲОИ МУШОВАРА ВА ТАҲРИРИЯИ 50-ҶИЛДАИ ОСОРИ КЛАССИКОН ВА МУОСИРОН АЗ СИЛСИЛАИ «АХТАРОНИ АДАБ»

### ҲАЙАТИ МУШОВАРА

*Саидмурод Фаттоев*
*Мирзошоҳрух Асрорӣ*
*Абдуҷаббор Раҳмонов*
*Мамадшо Илолов*
*Меҳмон Бахтӣ*
*Гулназар*
*Акбар Турсун*
*Фарҳоди Карим*

### ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

*Абдулҳамид Самад*
*Сайидалӣ Маъмур*
*Абдунабӣ Сатторзода*
*Худоӣ Шарифов*
*Мирзо Муллоаҳмадов*
*Алии Муҳаммадии Хуросонӣ*
*Гурез Сафар*

**НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ**

# ХАМСА

ДУШАНБЕ,
«АДИБ»
2012

ББК 83,3(0)9+83,3 (2 тоҷик)
А-19

*Баргардон, пешгуфтор ва таҳияи*
***АЪЛОХОН АФСАҲЗОД,***
***АЛИИ МУҲАММАДИИ ХУРОСОНӢ ВА***
***МУБАШШИР АКБАРЗОД***

Муҳаррир
***Мубашшир Акбарзод***

А-19 ***Низомии Ганҷавӣ*** *Хамса: Лайлию Маҷнун, Ҳафт пайкар* — Душанбе: «Адиб», 2012. - 480 саҳ.

Зода ва парвардаи Ганҷаи Озарбойҷон Низомии Ганҷавӣ аз бузургтарин устодони каломи бадеъи форсӣ-тоҷикӣ ба шумор рафта, «Хамса»-и дилписанду бегазанди ӯ аз шоҳкорҳои фарҳанги дунё эътироф гардидааст.

Шоир бо ин шоҳасар мактаби адабии «Хамса»-сароиро дар адабиётамон поя гузоштааст, ки баъд аз он дар пайравии ин асар ва достонҳои алоҳидаи он дар адабиёти Шарқ асарҳои зиёде офарида шудаанд.

Дар Тоҷикистон «Хамса» ё достонҳои алоҳидаи он борҳо ба нашр расидааст. Инак, нашри тозаи ин асар дар се ҷилд бо тасҳеҳи нав пешкаши хонанда мегардад.

**ISBN 978-9947-2-033-0**

**© Нашриёти "Адиб", 2012.**

# ЛАЙЛИЮ МАҶНУН

## БА НОМИ ЭЗИДИ БАХШОЯНДА

Эй номи ту беҳтарин сароғоз,
Бе номи ту нома кай кунам боз?!
Эй ёди ту мӯниси равонам,
Ҷуз номи ту нест бар забонам!
Эй коркушои ҳар чӣ ҳастанд,
Номи ту калиди ҳар чӣ бастанд.
Эй ҳеҷ хате нагашта з-аввал
Бе ҳуҷҷати номи ту мусаҷҷал.
Эй ҳасткуни асоси ҳастӣ,
Кӯтаҳ зи дарат дароздастӣ.
Эй хутбаи ту «таборакаллоҳ»,
Файзи ту ҳамеша боракаллоҳ.
Эй ҳафт арӯси нуҳ аморӣ
Бар даргаҳи ту ба пардадорӣ.
Эй ҳаст на бар тариқи чунӣ,
Донои бурунию дарунӣ!
Эй ҳар чӣ рамида в-орамида,
Дар кунфаякун ту офарида.
Эй воҳиби ақлу боиси ҷон,
Бо ҳукми ту ҳасту нест яксон.
Эй маҳрами олами таҳайюр,
Олам зи ту ҳам тиҳию ҳам пур.
Эй ту ба сифоти хеш мавсуф,
Эй наҳйи ту мункар, амр маъруф.
Эй амри туро нафоз мутлақ,
В-аз амри ту коинот муштақ.
Эй мақсади ҳиммати баландон,
Мақсуди дили ниёзмандон,
Эй сурмакаши баландбинон,
Дарбозкуни даруннишинон.
Эй бар варақи ту дарси айём
З-оғоз расида то ба анҷом.
Соҳиб туӣ, он дигар ғуломанд,
Султон туӣ, он дигар кадоманд?!
Роҳи ту ба нури лоязолӣ
Аз ширку шарик ҳар ду холӣ.
Дар сунъи ту, к-омад аз адад беш,
Оҷиз шуда ақли иллатандеш.
Тартиби ҷаҳон, чунонки боист,
Кардӣ ба масобате, ки шоист.

Бар аблақи субҳу адҳами шом
Ҳукми ту зад ин тавилаи бом.
Гар ҳафт гиреҳ ба чарх додӣ,
Ҳафтод гиреҳ бад-ӯ кушодӣ.
Хокистаре ар зи хок судӣ,
Сад ойинаро бад-он зудудӣ.
Бар ҳар вараќе, ки ҳарф рондӣ,
Нақши ҳама дар ду ҳарф хондӣ.
Бе кӯҳкане зи «коф»-у «нун»-е
Кардӣ ту сипеҳри бесутуне.
Ҳар ҷо ки хазинае шигарф аст,
Қуфлаш ба калиди ин ду ҳарф аст.
Ҳарфе ба ғалат раҳо накардӣ,
Як нукта дар ӯ хато накардӣ.
Дар олами олам офаридан
Беҳ з-ин натавон рақам кашидан.
Ҳар дам на ба ҳаққи дастранҷе
Бахшӣ ба мани хароб ганҷе.
Ганҷи ту ба базл кам наёяд,
В-аз ганҷи кас ин карам наёяд.
Аз қисмати бандагию шоҳӣ
Давлат ту диҳӣ, ба ҳар кӣ хоҳӣ.
Аз оташи зулму дуди мазлум
Аҳволи ҳама туро́ст маълум.
Ҳам қиссаи нонамуда донӣ,
Ҳам номаи нонавишта хонӣ.
Ақл обилапою кӯй торик,
В-он гоҳ раҳе чу мӯй борик.
Тавфиқи ту гар на раҳ намояд,
Ин уқда ба ақл кай кушояд?
Ақл аз дари ту басар фурӯзад,
Гар пой дарун ниҳад, бисӯзад.
Эй ақли маро кифоят аз ту,
Ҷустан зи ману ҳидоят аз ту.
Ман баддилу роҳ бимнок аст,
Чун роҳномо туӣ, чӣ бок аст.
Оҷиз шудам аз гаронии бор,
Тоқат на, чӣ гуна бошад ин кор?
Мекӯшаму дар танам тавон нест,
К-озарми ту ҳаст, бок аз он нест.
Гар лутф кунию гар кунӣ қаҳр,
Пеши ту якест нӯш бо заҳр.

Шак нест дар ин, ки ман асирам,
К-аз лутф зиям, зи қаҳр мирам.
Ё шарбати лутф дор пешам,
Ё қаҳр макун ба қаҳри хешам.
Гар қаҳр сазои мост, охир,
Ҳам лутф барои мост, охир!
То дар нафасам инояте ҳаст,
Фитроки ту кай гузорам аз даст?!
В-он дам ки нафас ба охир ояд,
Ҳам хутбаи номи ту сар ояд.
В-он лаҳза, ки маргро басечам,
Ҳам номи ту дар ҳанут печам.
Чун гард шавад вуҷуди пастам,
Ҳар ҷо, ки равам, туро парастам!
То  ҳастам дар ҳисоби ҳастӣ,
Бар ёди ту май хурам дудастӣ.
Дар исмати инчунин ҳисоре
Шайтони раҷим кист боре?!
Чун ҳирзи туам ҳамоил омуд,
Сарҳангии дев кай кунад суд?!
Эҳром гирифтаам ба кӯят,
Лаббайказанон ба ҷустуҷӯят.
Эҳромшикан басест, зинҳор,
З-эҳром шикастанам нигаҳ дор!
Ман бекасу рахнаҳо ниҳонӣ,
Хон, эй каси бекасон, ту донӣ!
Чун нест ба ҷуз ту дастгирам,
Ҳаст аз карами ту ногузирам!
Як зарра зи кимиёи ихлос
Гар бар миси ман занӣ, шавам хос!
Он ҷо, ки диҳӣ зи лутф як тоб,
Зар гардад хоку дур шавад об.
Ман гар гуҳарам в-агар сафолам,
Пирояи туст рӯймолам!
Аз атри ту лофад остинам,
Гар удаму гар дарамна, инам!
Пеши ту на дин, на тоат орам,
Ифлоси тиҳишафоат орам.
То ғарқ нашуд сафина дар об,
Раҳмат куну даст гиру дарёб!
Бардор маро, ки уфтода-м,
В-аз маркаби ҷаҳли худ пиёда-м.

Ҳам ту ба инояти илоҳӣ
Он ҷо қадамам расон, ки хоҳӣ!
Аз зулмати худ раҳоиям деҳ,
Бо нури худ ошноиям деҳ!
То чанд маро зи биму уммед
Парвона диҳӣ ба моҳу хуршед?!
То кай ба ниёзи ҳар навола-м
Бар шоҳу шубон кунӣ ҳавола-м?!
Аз хони ту бонаимтар чист?
В-аз ҳазрати ту каримтар кист?!
Аз хирмани хеш деҳ закотам,
Манвис ба ину он баротам!
То мазрааи чу ман харобе
Ободшавад ба хоку обе,
Хоке деҳ аз остони хешам,
В-обе, ки дағал барад зи пешам!
Рӯзе, ки маро зи ман ситонӣ,
Зоеъ макун аз ман, он чи монӣ.
В-он дам, ки маро ба ман диҳӣ боз,
Як соя зи лутф бар ман андоз!
Он соя на, к-аз чароғ дур аст,
Он соя, ки он чароғи нур аст,
То бо ту чу соя нур гардам,
Чун нур зи соя дур гардам.
Бо ҳар кӣ нафас барорам ин ҷо,
Рӯзеш фурӯ гузорам ин ҷо.
Дарҳои ҳама зи аҳд холист,
Илло дари ту, ки лоязолист.
Ҳар аҳд, ки ҳаст, дар ҳаёт аст,
Аҳд аз паси марг бесубот аст.
Чун аҳли ту ҳаст ҷовидонӣ,
Яъне, ки ба маргу зиндагонӣ,
Чандон ки қарори аҳд ёбам,
Аз аҳди ту рӯй барнатобам.
Бе ёди туам нафас наёяд,
Бо ёди ту ёди кас наёяд.
Аввал, ки наофарида будам,
В-ин таъбияҳо надида будам.
Кемухт агар аз замим кардӣ,
Боз аз замиям адим кардӣ.
Бар сурати ман зи рӯи ҳастӣ
Ороиши офарин ту бастӣ.

В-акнун, ки нишонагоҳи ҷудам,
То боз адам шавад вуҷудам,
Ҳар ҷо, ки нишондиям, нишастам,
В-он ҷо, ки барӣ-м, зердастам.
Гардида раҳӣ-т ман дар ин роҳ
Гаҳ бар сари тахту гаҳ буни чоҳ.
Гар пир бувам в-агар ҷавонам,
Раҳ мухталиф асту ман ҳамонам.
Аз ҳол ба ҳол агар бигардам,
Ҳам бар раҳи аввалин навардам.
Бе ҳоҷатам офаридӣ аввал,
Охир нагузориям муаттал.
Гар марг расад, чаро ҳаросам?,
К-он роҳ ба туст, мешиносам!
Ин марг на, боғу бӯстон аст,
К-ӯ роҳи сарои дӯстон аст!
То чанд кунам зи марг фарёд?!
Чун марг аз ӯст, марги ман бод!
Гар бингарам ончунон ки рой аст,
Ин марг на марг, нақли ҷой аст!
Аз хӯрдгаҳе ба хобгоҳе,
В-аз хобгаҳе ба базми шоҳе!
Хобе, ки ба базми туст роҳаш,
Гардан накашам зи хобгоҳаш.
Чун шавқи ту ҳаст хонахезам,
Хуш хусбаму шодмона хезам!
Гар банда Низомӣ аз сари дард
Дар назми дуо далерие кард,
Аз баҳри ту бинам абрхезаш,
Гар қатра бурун диҳад, марезаш!
Гар сад луғат аз забон кушояд,
Дар ҳар луғате туро ситояд.
Ҳам дар ту ба сад ҳазор ташвир
Дорад рақами ҳазор тақсир.
В-ар дам назанад чу тангҳолон,
Донӣ луғати забони лолон.
Гар тан ҳабашӣ, сириштаи туст,
В-ар хат хутанӣ, набиштаи туст!
Гар ҳар чӣ набиштаӣ, бишӯӣ,
Шӯям даҳан аз зиёдагӯӣ.
В-ар боз бад оварам нишоне,
Эй довари доварон, ту донӣ!

З-он пеш, к-аҷал фаро расад танг,
В-айём инон ситонад аз ҷанг,
Раҳ боз деҳ аз раҳи қабулам
Бар равзаи турбати расулам!

## НАЪТИ ПАЙҒАМБАРИ АКРАМ

Эй шоҳсавори мулки ҳастӣ,
Султони хирад ба чирадастӣ.
Эй хатми паямбарони мурсал,
Ҳалвои пасину милҳи аввал.
Навбоваи боғи аввалин сулб,
Лашкаркаши аҳди охирин тулб.
Эй ҳокими кишвари кифоят,
Фармондиҳи фатвии вилоят,
Ҳар-к-орад бо ту худпарастӣ,
Шамшери адаб хурад дудастӣ.
Эй бар сари сидра гашта роҳат,
В-эй манзари арш пойгоҳт!
Эй хоки ту тӯтиёи биниш,
Равшан ба ту чашми офариниш.
Шамъе, ки на аз ту нур гирад,
Аз боди бурути худ бимирад.
Эй қоили афсаҳулқабоил,
Якзахмии авзаҳуддалоил,
Дорандаи ҳуҷҷати илоҳӣ,
Донандаи рози субҳгоҳӣ!
Эй сайииди боргоҳи кавнайн,
Нассобаи шаҳри қоба қавсайн.
Рафта зи валои арши воло
Ҳафтод ҳазор парда боло.
Эй садрнишини ҳарду олам,
Меҳроби замину осмон ҳам.
Гашта замӣ осмон зи динат,
Не-не, шуда осмон заминат!
Эй шаш ҷиҳат аз ту хира монда,
Бар ҳафт фалак ҷаниба ронда.
Шаш-ҳафт ҳазор сол буда,
К-ин дабдабаро ҷаҳон шунуда.
Эй ақл наволапечи хонат,
Ҷон банданависи остонат!

Ҳар ақл, ки бе ту, ақл бурда,
Ҳар ҷон, ки на зиндаи ту, мурда!
Эй куняту номи ту Муайяд,
Булқосим, в-онгаҳе Муҳаммад!
Ақл арчи халифаи шигарф аст,
Бар лавҳи сухан тамомҳарф аст.
Ҳам муҳри муайядӣ надорад,
То меҳри муҳаммадӣ надорад.
Эй шоҳи муқаррабони даргоҳ,
Базми ту варои ҳафт хиргоҳ.
Соҳибтарафи вилояти ҷуд,
Мақсуди ҷаҳон, ҷаҳони мақсуд!
Сарҷӯши хулосаи маонӣ,
Сарчашмаи оби зиндагонӣ.
Хоки ту адими рӯи одам,
Рӯи ту чароғи чашми олам.
Даврон, ки фарасниҳодаи туст,
Бо ҳафт фарас пиёдаи туст!
Чарх аз паи саҷдаи ту метохт,
Мағрибшудане баҳона месохт.
Тавфи ҳарами ту созад анҷум,
Дар гаштани чарх пай кунад гум.
Он кист, ки бар бисоти ҳастӣ
Бо ту накунад чу хок пастӣ?!
Иксири ту дода хокро лавн
В-аз баҳри ту офарида шуд кавн.
Сархайл туию ҷумла хайланд,
Мақсуд туӣ, ҳама туфайланд!
Султони сарири коинотӣ,
Шоҳаншаҳи кишвари ҳаётӣ!
Лашкаргаҳи ту сипеҳри хазро,
Гесӯи ту чатру ғамза туғро.
В-ин панҷ намоз, к-асли тавба-ст,
Дар навбатии ту панҷ навба-ст.
Дар хонаи дин ба панҷ бунёд
Бастӣ дари сад ҳазор бедод.
В-ин хонаи ҳафтсақф карда,
Бар чор халифа вақф карда,
Сиддиқ ба сидқ пешво буд,
Форуқ зи фарқ ҳам ҷудо буд!
В-он пири ҳаётии худотарс
Бо Шери Худой буд ҳамдарс.

Ҳар чор зи як навард буданд,
Райҳони як обх(в)ард буданд.
З-ин чор халифа мулк шуд рост,
Хона ба чаҳор ҳад муҳайёст!
З-омезиши ин чаҳоргона
Шуд хушнамак ин чаҳорхона.
Динро, ки чаҳор соқ додӣ,
З-ин гуна чаҳор тоқ додӣ.
Чун абруи хуби ту дар офоқ
Ҳам ҷуфт шуд ин чаҳору ҳам тоқ.
Аз ҳалқаи дастбанди ин фарш
Як рақси ту то куҷост, то арш!

## МЕЪРОҶИ ПАЙҒАМБАР

Эй нақши ту маърачи маонӣ,
Меъроҷи ту нақли осмонӣ.
Аз ҳафт хазона дар кушода,
Бар чор гуҳар қадам ниҳода.
Аз ҳавсалаи замонаи танг
Бар фарқи фалак зада шабоҳанг.
Чун шаб алами сиёҳ бардошт,
Шабранги ту рақси роҳ бардошт.
Хилватгаҳи арш гашт ҷоят,
Парвози парӣ гирифт поят.
Сар барзада аз сарои фонӣ
Бар авҷи сарои уммаҳонӣ.
Ҷибрил расида тавқдардаст,
К-аз баҳри ту осмон камар баст.
Бар ҳафт фалақ, ки ҳалқа бастанд,
Наззораи туст, ҳар чӣ ҳастанд!
Бархез, ҳало, на вақти хоб аст,
Маҳ мунтазири ту – Офтоб аст!
Дар насхи Уторид аз ҳуруфат
Мансух шуд ояти вуқуфат!
Зуҳра табақи нисор бар фарқ
То  нури ту кай барояд аз шарқ!
Хуршед ба сурати ҳилоле
Заҳмат зи раҳи ту карда холӣ.
Миррих мулозими ютоқат,
Мавкибрави камтарин вушоқат!

Дурроҷаи Муштарӣ ба он нур
Аз чашми ту гуфта чашми бад дур.
Кайвон алами сиёҳ бар дӯш,
Дар бандагии ту ҳалқадаргӯш.
Дар кавкабаи чунин ғуломон
Шарт аст бурун шудан хиромон.
Имшаб шаби қадри туст, биштоб,
Қадри шаби қадри хеш дарёб!
Ороиши сармадист имшаб,
Меъроҷи Муҳаммадист имшаб!
Эй давлати он шабо, ки чун рӯз
Гашт аз қадами ту оламафрӯз!
Паргор ба хок даркашидӣ,
Ҷадвал ба сипеҳр баркашидӣ.
Барқе, ки Буроқ буд номаш,
Рифқи равиши ту кард ромаш.
Бар суфти чунон насуфта тахте
Тайёра шудӣ чу некбахте.
З-он ҷо ки чунон якаспа рондӣ,
Даврони дуаспаро бимондӣ.
Рабъи фалак аз чаҳор гӯша
Дода зи дарат ҳазор хӯша.
Аз сурху сапеди дахли он боғ
Бахши назари ту муҳри «мо зоғ».
Бар турраи ҳафт боми олам
На тос гузоштӣ, на парчам.
Ҳам парчами чархро гусастӣ,
Ҳам тосаки моҳро шикастӣ.
Товуси пароні чархи ахзар
Ҳам бол фиканда бо ту, ҳам пар.
Ҷибрил зи ҳамраҳит монда,
«Аллоҳу маак» зи дур хонда.
Микоилат нишонда бар сар,
Оварда ба хоҷатоши дигар.
Исрофилат фитода дар пой,
Ҳам ними раҳат бимонда бар ҷой.
Рафраф, ки шуда рафиқи роҳат,
Бурда ба сарири сидрагоҳат.
Чун аз сари сидра баргузаштӣ,
Авроқи ҳудус дарнаваштӣ.
Рафтӣ зи бисоти ҳафтфаршӣ
То торуми тангбори аршӣ!

Саббӯҳзанони аршпоя
Аз нури ту карда ғусли соя.
Аз ҳаҷлаи арш барпаридӣ,
Ҳафтод ҳиҷобро даридӣ.
Танҳо шудӣ аз гаронии рахт,
Ҳам тоҷ гузоштию ҳам тахт.
Бозори ҷиҳат ба ҳам шикастӣ,
Аз заҳмати фавқу таҳт растӣ.
Хиргоҳ бурун задӣ зи кавнайн,
Дар хаймаи хоси қобақавсайн.
Ҳам ҳазрати зулҷалол дидӣ,
Ҳам сирри каломи Ҳақ шунидӣ.
Аз ғояти ваҳму ғаври идрок
Ҳам дидану ҳам шуниданат пок.
Дархостӣ, он чи буд комат,
Дархоста хос шуд ба номат!
Аз қурбати ҳазрати Илоҳӣ
Боз омадӣ, он чунон ки хоҳӣ!
Гулнор шукуфта аз ҷабинат,
Тавқеи карам дар остинат!
Оварда бароти растгорон
Аз баҳри чу мо гуноҳкорон.
Моро чӣ маҳал, ки чун ту шоҳе
Дар сояи худ кунад паноҳе?!
З-он ҷо, ки ту равшан Офтобӣ,
Бар мо на шигифт, агар битобӣ!
Дарёи мурувват аст роят,
Хазрои нубувват аст ҷоят!
Шуд бе ту ба халқ-бар мурувват
Дарбастатар аз дари нубувват.
Ҳар к-аз қадами ту сар кашида,
Давлат қаламеш даркашида!
В-он к-ӯ камари вафот баста,
Бар манзараи абад нишаста!
Боғи Ирам аз умеду бимат
Ҷизятдиҳи нофаи насимат!
Эй масъади осмоннавашта,
Чун ганҷ ба хок бозгашта,
Аз суръати осмонхиромӣ
Сирре бикушой бар Низомӣ!
Мавқуфи ниқоб чанд бошӣ?!
Дар бурқаъи хоб чанд бошӣ?!

Бархезу ниқоби рух барандоз,
Шоҳӣ, ду-серо ба рух дарандоз!
Ин суфра зи пушти бор баргир,
В-ин парда зи рӯи кор баргир!
Ранг аз ду сияҳ- сафед биздой,
Зиддӣ зи чаҳор табъ бикшой!
Якаҳд кун ин ду беваforо,
Якдаст кун ин чаҳорпоро.
Чун тарбияти ҳаёт кардӣ,
Ҳалли ҳама мушкилот кардӣ.
З-он нофа ба бод бахш тибе,
Бошад, ки ба мо расад насибе.
З-он лавҳ, ки хондӣ аз бидоят,
Дар хотири мо фикан як оят.
З-он сарфа, ки ёфтиш бесарф,
Бар дафтари мо навис як ҳарф.
Бинмой ба мо, ки мо чӣ номем,
В-аз бутгару бутшикан кадомем?!
Эй кори маро тамомӣ аз ту,
Нерӯи дили Низомӣ аз ту,
З-ин дил ба дуо қаноате кун,
В-аз баҳри Худо шафоате кун!
То парда ба мо фурӯ гузоранд,
В-ин парда, ки ҳаст, барнадоранд!

## БУРҲОНИ ҚОТЕЪ ДАР ҲУДУСИ ОФАРИНИШ

Дар навбати бори ом додан
Бояд ҳама шаҳр ҷом додан.
Файёзаи абри ҷуд гаштан,
Найсони ҳама вуҷуд гаштан.
Боридани бедареғ чун мул,
Хандидани бениқоб чун гул.
Ҳар ҷой чу Офтоб рондан,
Дар роҳ ба бадра зар фишондан.
Додан ҳамаро ба бахшиши ом
Вомею ҳалол кардан он вом.
Пурсидани ҳар, кӣ дар ҷаҳон ҳаст,
К-аз фоқаи рӯзгор чун раст.
Гуфтан сухане, ки кор бандад,
З-он қатра чу ғунча бозхандад.

Ман, к-ин шакарам дар остин аст,
Резам, ки ҳариф нозанин аст.
Бар ҷумла ҷаҳон фишонам ин нӯш,
Фарзанди азизи худ кунам гӯш.
Ман бар ҳама тан шавам ғизосоз,
Худ қисми ҷигар бад-ӯ расад боз.
Эй нозири нақши офариниш,
Бардор халал зи роҳи дониш.
Дар роҳи ту ҳар киро вуҷудест,
Машғули парастишу суҷудест.
Бар табли тиҳӣ мазан ҷарасро,
Бекор мадон навои касро!
Ҳар зарра, ки ҳаст, агар ғуборест,
Дар пардаи мамлакат ба корест.
Ин ҳафт ҳисори баркашида
Бар ҳазл набошад офарида.
В-ин ҳафт равоқи зери парда
Охир ба газоф нест карда.
Кори ману ту бад-ин дарозӣ,
Кӯтоҳ кунам, ки нест бозӣ!
Дебочаи мо, ки дар навард аст,
Н-аз баҳри ҳавову хобу х(в)ард аст!
Аз хобу хуриш, беҳ, ар битобӣ,
К-ин дар ҳама гову хар биёбӣ!
З-он моя, ки табъҳо сириштанд,
Моро вараќе дигар навиштанд,
То дарнигарему роз ҷӯем,
Сарриштаи кор бозҷӯем.
Бинем замину осмонро,
Ҷӯем якояк ину онро,
К-ин кору киёӣ аз паи чист?!
Ӯ кист, киёи кори ӯ кист?!
Ҳар хат, ки бар ин варақ кашидаст,
Шак нест дар он, ки офаридаст!
Бар ҳар чӣ нишонаи тирозист,
Тартиб гувоҳи корсозист.
Савганд диҳам бад-он Худоят,
К-ин нукта бад-ӯст раҳнамоят.
К-он ойина дар ҷаҳон кӣ дидаст,
К-аввал на ба сайқале расидаст?!
Бе сайқалӣ ойина муҳол аст,
Ҳар дам, ки ҷуз ин занӣ, вабол аст!

Дар ҳар чӣ назар кунӣ ба таҳқиқ,
Ороста кун назар ба тавфиқ.
Мангар, ки чӣ гуна офаридаст,
К-он дидаварӣ варои дид аст.
Бингар, ки зи худ чӣ гуна бархост,
В-он вазъ ба худ чӣ гуна шуд рост?!
То бар ту ба қатъ лозим ояд,
К-он аз дигаре мулозим ояд.
Чун расм ҳавола шуд ба рассом,
Растӣ ту зи ҷаҳлу ман зи дашном.
Ҳар нақши бадеъ, к-оядат пеш,
Ҷуз мубдиъи ӯ дар ӯ маяндеш!
З-ин ҳафт паранди парниёнранг
Гар пой бурун ниҳӣ, хурӣ санг.
Пиндоштӣ, ин парандпӯшӣ,
Маълуми ту гардад, ар бикӯшӣ?!
Сарриштаи рози офариниш
Дидан натавон ба чашми биниш.
Ин ришта қазо на ончунон тофт,
К-ӯро сари ришта во тавон ёфт.
Сарриштаи қудрати худой
Бар кас накунад гиреҳкушой.
Оҷиз ҳама оқилону шайдо,
К-ин руқъа чӣ гуна кард пайдо?
Гар донад кас, ки чун ҷаҳон кард,
Мумкин, ки тавонад ончунон кард?!
Чун вазъи ҷаҳон зи мо муҳол аст,
Чуниш бурунтар аз хаёл аст!
Дар пардаи рози осмонӣ
Сиррест зи чашми мо ниҳонӣ.
Чандон ки ҷаниба ронам он ҷо,
Пай бурд наметавонам он ҷо.
Дар тахтаи ҳайкали руқумӣ
Хондам ҳама нусхаи нуҷумӣ.
Бар ҳар чӣ аз он бурун кашидам,
Оромгаҳе дарун надидам.
Донам, ки ҳар он чи соз карданд,
Бар таъбияеш боз карданд.
Ҳар-ч он назаре дар ӯ тавон баст,
Пӯшида хазинае дар ӯ ҳаст.
Он кун, ки калиди он хазина
Пӯлод бувад, на обгина.

То чун ба хазина даршитобӣ,
Шарбат талабӣ, на заҳр ёбӣ.
Донӣ, ки хазинаҳои чолок
Холӣ набувад зи заҳру тарёк?!
Мӯсо ба хазинаҳо гуҳар дошт,
Қорун ҳам аз он хазина бардошт.
Лекин чу хилоф дар миён буд,
Ин манфиат, он ҳалоки ҷон буд.
Пиромани ҳар чӣ нопадид аст,
Ҷадвалкаш худ хате кашида-ст.
В-он хат,ки зи авҷ баргузашта,
Атфест ба майл бозгашта,
К-андеша чу сар ба хат расонад,
Ҷуз бозпас омадан надонад.
Паргор чу тавфи соз гардад,
Дар доми нахуст бозгардад.
Ин ҳалқа, ки гирди хона бастанд,
Аз баҳри чунин баҳона бастанд,
То ҳар кӣ зи ҳалқа баркунад сар,
Саргашта шавад чу ҳалқа бар дар.
Дар силсилаи фалак мазан даст,
К-ин силсиларо ҳам охире ҳаст.
Гар ҳукми табоеъ аст, бигзор,
К-ӯ низ расад ба охири кор.
Берунтар аз ин ҳаволагоҳест,
К-он ҷо ба тариқи аҷз роҳест.
З-он парда насим деҳ нафасро,
К-ӯ пардаи каж надод касро.
Ин ҳафт фалак ба пардасозӣ
Ҳаст аз ҷиҳати хаёлбозӣ.
З-ин парда тарона сохт натвон
В-ин парда ба худ шинохт натвон.
Гар пардашинос аз ин қиёсӣ,
Ҳам пардаи худ намешиносӣ.
Гар Борбадӣ ба лаҳну овоз
Бепарда мазан даме бар ин соз.
Бо пардадаридагони худбин
Дар хилвати ҳеч парда маншин.
Он парда талаб, ки чун Низомӣ
Маъруф шавӣ ба некномӣ.
То чанд заминниҳод будан,
Силиҳури хоку бод будан?!

Чун бод давидан аз паи хок?
Машғул шудан ба хору хошок?
Боде, ки вакили харҷи хок аст,
Фарроши гареваи мағок аст!
Бистонад аз ин, бад-он супорад,
Гаҳ моя барад, гаҳе биёрад.
Чандон ки замист марз бар марз,
Хокест ниҳода дарз бар дарз!
Гаҳ зилзила, гоҳ сел хезад,
З-ин сояд хоку з-он бирезад.
Чун зилзила резад, об сояд,
Дарзе зи харита вокушояд.
В-он дарз ба садмаҳои айём
Водикадае шавад саранҷом.
Ҷӯе, ки дар ин гили хароб аст,
Хоридаи боду чоки об аст.
Аз кӯи замин чу бигзарӣ боз,
Абру фалак аст дар такутоз.
Ҳар як ба миёнаи дигар шарт,
Афтода ба шакли гӯй дар харт.
Ин шакли курӣ на дар замин аст,
Ҳар хат, ки ба гирди ӯ, чунин аст.
Ҳар дуд, к-аз ин мағок хезад,
То як-ду-се найза барситезад,
В-он гаҳ ба тариқи майлнокӣ
Гардад ба тавофи дайри хокӣ.
Гарданда фалак чу хатти паргор
Тайёра нашуд магар бад-ин кор.
Абре, ки биёяд аз биёбон,
То масъади худ шавад шитобон.
Бар авҷи суъуди худ бикӯшад,
Аз ҳадди суъуд барнаҷӯшад.
Ӯ низ тавофи давр гирад,
Аз доира майл мепазирад.
Биниш чу хайма истода,
Сар бар уфуқи замин ниҳода.
То дарнигарӣ ба кӯчу хайлаш,
Донӣ, ки ба доира-ст майлаш.
Ҳар ҷавҳари фард,к-ӯ басит аст,
Майлаш ба вилояти муҳит аст.
Гардун, ки муҳити ҳафтмавҷ аст,
Чандон ки ҳамеравад, дар авҷ аст.

Гар дар уфуқ асту гар дар аълост,
Ҳар ҷо ки равад, ба сӯи болост.
З-он ҷо ки ҷаҳонхиромии ӯст,
Болоии ӯ тамомии ӯст!
Болоталабон, ки авҷҷӯянд,
Болои фалак ҷуз ин нагӯянд.
Н-аз илми фалак гиреҳкушоист,
Худ дар ҳама илм рӯшноист.
Гар моя ҷавест в-ар пашизе,
Аз чор гуҳар дар ӯст чизе.
Аммо натавон ниҳуфти он ҷуст,
К-ин дона дар обу хок чун руст?!
Гар моя замин бад-ӯ расонад,
Бахшидани сураташ чӣ донад?!
В-он ҷо ки замин ба зери пай буд,
Дар дона ҷамоли хӯша кай буд?!
Гирам, ки зи дона хӯша хезад,
Дар қолаби сураташ кӣ резад?!
Дар пардаи ин хаёли гардон
Охир сабабест ҳолгардон.
Наздики ту он сабаб чӣ чиз аст?!
Бинмой, ки ин сухан азиз аст!
Донанда ҳар он сабаб, ки бинад,
Донад, ки мусаббиб офаринад.
Зинҳор, Низомиё, дар ин сайр
Побаст машав ба доми ин дайр!

## САБАБИ НАЗМИ КИТОБ

Рӯзе ба муборакию шодӣ
Будам ба нишоти кайқубодӣ.
Абрӯи ҳилолиям кушода,
Девони Низомиям ниҳода.
Ойинаи бахт пеши рӯям,
Иқбол ба шона карда мӯям.
Субҳ аз гули сурх даста баста,
Рӯзам ба нафас шуда хуҷаста.
Парвонаи дил чароғ бар даст,
Ман булбули боғу боғ сармаст.
Бар авҷи сухан алам кашида,
Дар дурҷи хунар қалам кашида.

Минқори қалам ба лаъл суфтан,
Дуррочи забон ба нукта гуфтан.
Дар хотирам ин, ки вақти кор аст,
К-иқбол рафиқу бахт ёр аст;
То кай нафаси тиҳӣ гузинам,
В-аз шуғли ҷаҳон тиҳӣ нишинам?!
Даврон, ки нишоти фарбиҳӣ кард,
Паҳлу зи тиҳиравон тиҳӣ кард.
Сагро, ки тиҳӣ бувад тиҳигоҳ,
Ноне нарасад тиҳӣ дар ин роҳ.
Бар сози ҷаҳон наво тавон сохт,
К-онрост ҷаҳон, ки бо ҷаҳон сохт.
Гардан ба ҳаво касе фарозад,
К-ӯ бо ҳама чун ҳаво бисозад.
Чун ойина ҳар куҷо, ки бошад,
Ҷинсе ба дурӯғ бартарошад.
Ҳар табъ, ки ӯ хилофҷӯй аст,
Чун пардаи каҷ хилофгӯй аст!
Ҳон, давлат, агар бузургворе
Кардӣ зи ман илтимоси коре!
Ман қуръазанон ба ончунон фол,
В-ахтар ба гузаштан андар он ҳол.
Муқбил, ки барад,чунон барад ранҷ,
Давлат, ки диҳад, чунон диҳад ганҷ!
Дарҳол расид қосид аз роҳ
Овард мисоли ҳазрати шоҳ.
Бинвишта ба хатти хуби хешам
Даҳ-ponзда сатри нағз пешам.
Ҳар ҳарфе аз ӯ шукуфта боғе,
Афрӯхтатар зи шабчароғе,
К-эй маҳрами ҳалқаи ғуломӣ,
Ҷодусухани ҷаҳон, Низомӣ!
Аз чошнии дами саҳархез
Сеҳре дигар аз сухан барангез!
Дар лофгаҳи шигифткорӣ
Бинмой фасоҳате, ки дорӣ!
Хоҳам, ки ба ёди ишқи Маҷнун
Ронӣ сухане чу дурри макнун.
Чун Лайлии бикр, агар тавонӣ,
Бикре ду-се дар сухан нишонӣ,
То хонаму гӯям:– «Ин шакар бин!»
Ҷунбонам сар, ки тоҷи сар бин!

Болои ҳазор ишқнома
Ороста кун ба нӯги хома!
Шоҳи ҳама ҳарфҳост ин ҳарф,
Шояд, ки дар ӯ кунӣ сухан сарф.
Дар зевари порсию тозӣ
Ин тозаарӯсро тирозӣ.
Донӣ, ки ман он суханшиносам,
К-абёти нав аз куҳан шиносам.
То даҳдаҳии ғароибат ҳаст,
Даҳпанҷзанӣ раҳо кун аз даст.
Бингар, ки зи ҳуққаи тафаккур
Дар мурсалаи кӣ мекашӣ дур!
Туркисифатӣ вафои мо нест,
Туркона сухан сазои мо нест.
Он  к-аз насаби баланд зояд,
Ӯро сухани баланд бояд.
Чун ҳалқаи шоҳ ёфт гӯшам,
Аз дил ба димоғ рафт ҳушам.
На заҳра,ки сар зи хат битобам,
На дида, ки раҳ ба ганҷ ёбам.
Саргашта шудам дар он хиҷолат
Аз сустии умру заъфи ҳолат.
Кас маҳрам на, ки роз гӯям
В-ин қисса ба шарҳ бозгӯям.
Фарзанд – Муҳаммади Низомӣ,
Он бар дили ман чу ҷон гиромӣ,
Ин нусха чу дил ниҳод бар даст,
Дар паҳлуи ман чу соя биншаст.
Дод аз сари меҳр пои ман бӯс,
К-эй он ки задӣ бар осмон кӯс!
«Хусрав-Ширин» чу ёд кардӣ,
Чандин дили халқ шод кардӣ.
«Лайлӣ-Маҷнун» бибоядат гуфт,
То гавҳари қиматӣ шавад ҷуфт.
Ин номаи нағз гуфта беҳтар,
Товуси ҷавона ҷуфта беҳтар.
Хоса малике чу шоҳи Шарвон,
Шарвон чӣ, ки шаҳрёри Эрон!
Неъматдиҳу пойгоҳсоз аст,
Сарсабзкуни суханнавоз аст.
Ин нома ба нома аз ту дархост,
Биншину тирози нома кун рост.

Гуфтам:– «Сухани ту ҳаст барҷой,
Эй ойинарӯю оҳанинрой,
Лекин чӣ кунам, ҳаво дуранг аст,
Андеша фароху сина танг аст.
Даҳлези фасона чун бувад танг,
Гардад сухан аз шуд-омадан ланг.
Майдони сухан фарох бояд,
То табъ саворие намояд.
Ин оят агарчи ҳаст машҳур,
Тафсири нишот ҳаст аз ӯ дур.
Афзори сухан нишоту ноз аст,
З-ин ҳар ду сухан баҳонасоз аст.
Бар шефтагию банду занҷир
Бошад сухани бараҳна дилгир.
В-ороиш кардани зи ҳад беш
Рухсораи қиссаро кунад реш.
Дар марҳалае, ки раҳ надонам,
Пайдост, ки нукта чанд ронам.
На боғу на базми шаҳрёрӣ,
На руду на май, на комгорӣ.
Бар хушкии регу сахтии кӯҳ
То чанд сухан равад дар андӯҳ?
Бояд сухан аз нишот созӣ,
То байт кунад ба қисса бозӣ.
Ин буд, к-аз ибтидои ҳолат
Кас гирд нагашташ аз маломат.
Гӯянда зи назми ӯ пар афшонд,
То ин ғоят нагуфта з-он монд.
Чун шоҳи ҷаҳон ба ман кунад боз,
К-ин нома ба номи ман бипардоз,
Бо ин ҳама тангии масофат
Он ҷош расонам аз латофат,
К-аз хондани ӯ ба ҳазрати шоҳ
Резад гуҳари насуфта бар роҳ.
Хонанда-ш агар фасурда бошад,
Ошиқ шавад, ар на, мурда бошад!
Боз он халафи халифазода,
К-ин ганҷ бад-ӯст даркушода,
Якдонаи аввалин футӯҳам,
Яклолаи охирин сабӯҳам.
Гуфт:– «Эй сухани ту ҳамсари ман,
Яъне лақабаш бародари ман,

Дар гуфтани қиссае чунин чуст
Андешаи назмро макун суст!
Ҳар ҷо,ки ба дасти ишқ хонест,
Ин қисса бар ӯ намакфишонест.
Гарчи намаки тамом дорад,
Бар суфра кабоби хом дорад.
Чун суфтаи хориши ту гардад,
Пухта ба гузориши ту гардад.
Зеборӯе бад-ин накӯӣ
В-он гоҳ бад-ин бараҳнарӯӣ.
Кас дур на ба қадри ӯ фишондаст,
З-ин рӯй бараҳнарӯй мондаст.
Ҷон асту чу кас ба ҷон накӯшад,
Пироҳани орият напӯшад.
Пирояи ҷон зи ҷон тавон сохт,
Кас ҷони азизро наяндохт.
Ҷонбахши ҷаҳониён дами туст
В-ин ҷони азиз маҳрами туст!
Аз ту амали сухангузорӣ,
Аз банда дуо, зи бахт ёрӣ!»
Чун дилдиҳии ҷигар шунидам,
Дил дӯхтаму ҷигар даридам.
Дар ҷустани гавҳар истодам,
Кон кандаму кимиё кушодам.
Роҳе талабид табъ кӯтоҳ,
К-андеша буд аз дарозии роҳ.
Кӯтаҳтар аз ин набуд роҳе,
Чобуктар аз ин миёнагоҳе.
Баҳрест сабук, вале раванда,
Моҳиш на мурда балки зинда.
Бисёр сухан бад-ин ҳаловат
Гӯянду надорад ин тароват.
З-ин баҳр замири ҳеч ғаввос
Барн-орад гавҳаре чунин хос!
Ҳар байте аз ӯ чу риштаи дур –
Аз айб тиҳию аз ҳунар пур.
Дар ҷустани ин матои нағзам
Як мӯй набуд пойлағзам.
Мегуфтаму дил ҷавоб медод,
Хоридаму чашма об медод.
Дахле,ки зи ақл дарҷ кардам,
Дар зевари ӯ ба харҷ кардам.

Ин чор ҳазор байт аксар
Шуд гуфта ба чор моҳ камтар.
Гар шуғли дигар ҳаром будӣ,
Дар чорда шаб тамом будӣ.
Бар ҷилваи ин арӯси озод
Ободтар он, ки гӯяд: «обод!»
Ороста шуд ба беҳтарин ҳол
Дар салхи раҷаб ба «се»-ю «фе»,«дол».
Таърихи аён, ки дошт бо х(в)ад
Ҳаштоду чаҳор баъди понсад,
Пардохтамаш ба нағзкорӣ
В-андохтамаш бад-ин аморӣ,
То кас набарад ба сӯи ӯ роҳ,
Илло назари мубораки шоҳ!

## ДАР МАДҲИ ШЕРВОНШОҲ АХСИТОН ИБНИ МАНУЧЕҲР

Дорандаи тахти подшоҳӣ,
Дорои сапедию сиёҳӣ,
Сархайли сипоҳи тоҷдорон,
Сарҷумлаи ҷумла шаҳрёрон,
Хоқони ҷаҳон, маликмуаззам,
Мутлақ маликулмулуки олам,
Соҳибқиҳати ҷалолу тамкин,
Яъне, ки ҷалоли давлату дин,
Тоҷи маликон Абулмузаффар,
Зебандаи мулки ҳафт кишвар,
Шарвоншаҳи офтобсоя,
Кайхусрави кайқубодпоя.
Шоҳи сухан Ахситон, ки номаш
Меҳрест, ки меҳр шуд ғуломаш.
Султони ба тарки чатр гуфта,
Пайдо, на халифаи ниҳуфта!
Баҳромнажоду муштаричеҳр,
Дурри садафи малик Манучеҳр.
З-ин тоифа то ба даври аввал
Шоҳиш ба насл – дар мусалсал.
Нутфаш, ки расида гоҳ бар гоҳ,
То Одам ҳаст, шоҳ бар шоҳ.
Дар мулки ҷаҳон,ки бод то дер
Кӯтаҳқаламу дарозшамшер,

Аврангнишини мулки бенақл,
Фармондиҳи бенақиса чун ақл.
Гарданкаши ҳафт чархи гардон,
Меҳроби дуои ҳафтмардон.
Раззоқ, на к-осмони арзоқ,
Сардору саридори офоқ.
Файёзаи чашмаи маонӣ,
Донои румузи осмонӣ.
Асрори дувоздаҳ улумаш
Нарм аст, чунин ки муҳри мумаш.
Ин ҳафт қавораи шаш ангушт,
Як дида, чаҳор дасту нуҳ пушт,
То барнакашад зи чанбараш сар,
Мондаст чу ҳалқа сар ба чанбар.
Дарёи хушоб ном дорад,
З-ӯ Оби Ҳаёт вом дорад.
Кон аз кафи ӯ хароб гашта,
Баҳр аз карамаш сароб гашта.
З-ин сӯ зафараш ҷаҳон ситонад,
З-он сӯ карамаш ҷаҳон фишонад.
Гирад ба бало раги равона,
Бахшад ба ҷаноҳ тозиёна.
Кавсар чакад аз машоми бахташ,
Дӯзах ҷаҳад аз димоғи лахташ.
Хуршеди мамолики ҷаҳон аст,
Шоистаи базму разм аз он аст.
Миррих ба теғу Зуҳра бо ҷом
Бар росту чапаш гирифта ором.
Зуҳра диҳадаш ба ҷом ёрӣ,
Миррих кунад силоҳдорӣ.
Аз теғаш кӯҳи лаъл хезад
В-аз ҷом чу кӯҳ лаъл резад.
Чун бингарӣ он ду лаъли хунхор,
Хунею маест лаълкирдор.
Лутфаш ба гаҳи сабӯҳ соқӣ,
Лутфест чунон, ки бод боқӣ!
Захмаш, ки адӯ бад-ӯст маққур,
Захмест, ки чашми бад аз ӯ дур!
Дар лутф чу боди субҳ тозад,
Ҳар ҷо, ки расад, ҷигар навозад.
Дар захм чу соиқа-ст қаттол,
Бар ҳар кӣ фитод,сӯхт дарҳол.

Лутф аз дами субҳ ҷонфишонтар,
Захм аз шаби ҳаҷр ҷонситонтар.
Чун санчуқи шоҳияш биҷунбад,
Пӯлоде сахраро бисунбад.
Чун турраи парчамаш биларзад,
Ғавғои замин ҷаве наярзад.
Дар гардиши рӯзгор дер аст,
К-оташ забар асту об зер аст.
То ӯ шуда шаҳсавори абраш,
Бигзашт муҳити об аз оташ.
Қайсар ба дараш ҷанибадоре,
Фағфур гадои кист, боре?!
Хуршед бад-он кушодарӯӣ
Як атсаи базми ӯст, гӯӣ.
В-он бадр, ки номи ӯ мунир аст,
Дар ғошиядорияш ҳақир аст.
Гӯянд, ки буд тири Ораш
Чун найзаи одиён синонкаш.
Бо тиру камони он ҷаҳонгир
Дар миъҷари новак афтад он тир.
Гӯянд, ки дошт шахси Парвез
Шаклею шамоиле диловез.
Бо гарди рикобаш ар ситезад,
Парвез ба қоимӣ бирезад.
Бар ҳар кӣ расид теғи тезаш,
Барбаст аҷал раҳи гурезаш.
Бар ҳар зиреҳе, ки найза ронда,
Як ҳалқа дар он зиреҳ намонда.
Зӯбин-ш ба захми нимх (в) арда
Шахси ду ҷаҳон дуним карда.
Дар меҳр чу Офтоб зоҳир,
Дар кина чу рӯзгор қоҳир!
Чун субҳ ба меҳр беназир аст,
Чун меҳр ба кина шергир аст.
Барбаст ба номи худ ба шаш ҳарф
Гирди камари замона шаш тарф.
Аз шаш задани ҳуруфи номаш
Бар нард шуда надаб тамомаш.
Гар душмани ӯ чу пашша ҷӯшад,
Бо сарсари қаҳри ӯ накӯшад.
Чун мавкиби офтоб хезад,
Соя ба талоя худ гурезад.

Он ҷо,ки саманди ӯ занад сум,
Шер аз намати замин шавад гум.
Тираш чу бароти марг ронад,
Кас номаи зиндагӣ нахонад.
Чун ханҷари ҷазъгун барорад,
Лаъл аз дили санг хун барорад.
Чун теғи дурӯя баркушояд,
Даҳ-даҳ сари душманон рабояд.
Бар душман, агар Фаросёб аст,
Танҳо заданаш чу Офтоб аст.
Лашкар гираҳи камар набаста,
К-ӯ бошад хасмро шикаста.
Чун лашкари ӯ бад-ӯ расида,
Аз лашкари хасм кас надида.
Сад Рустамаш арчи дар рикоб аст,
Лашкаршиканӣ-ш аз ин ҳисоб аст.
Чун базм ниҳад ба шаҳрёрӣ,
Пайдо шавад абри навбаҳорӣ,
Чандон ки вуҷӯҳи соз бинад,
Бахшад, на чунон, ки боз бинад.
Чандон ки ба рӯзе ӯ кунад харҷ,
Даврон накунад ба солҳо дарҷ.
Бахшидани гавҳараш ба кайл аст,
Таҳрири ғулом хайл-хайл аст.
З-он ҷом, ки Ҷам ба х(в)ад набахшад,
Рӯзе набувад, ки сад набахшад.
Сифтӣ ҷасади ҷаҳон надорад,
К-аз хилъати ӯ нишон надорад.
Бо ҷудаш мушк қир бошад,
Чинӣ на, ки Чин ҳақир бошад.
Гирад ба ҷаридае ҳисоре,
Бахшад ба қасидае диёре.
Он файз, ки резад ӯ ба як ҷӯш,
Дарёш наёварад дар оғӯш.
Зар бо дили ӯ,ки бас фарох аст,
Гӯӣ, на зар аст, санглох аст.
Гар ҳар шаҳро хазина хезад,
Шоҳ ӯст, к-аз ӯ хазина резад.
Бо пашшае ончунон кунад ҷуд,
К-афзун кунадаш зи пили Маҳмуд.
Дар сояи тахти пилсояш
Пилон накашанд пилпояш.

Дарёи Фурот шуд, валекин
Дарёи равон, Фуроти сокин.
Он рӯз, ки рӯзи бор бошад,
Наврӯзи Бузургвор бошад,
Нодида бигӯям аз ҷаду бахт,
К-ӯ чун бувад аз шукӯҳ бар тахт.
Чун бадр, ки сар барорад аз кӯҳ,
Саф баста ситора гирдаш анбӯҳ.
Ё чашмаи Офтоби равшан,
К-ояд ба назорагоҳи гулшан.
Ё партави раҳмати илоҳӣ,
К-ояд ба нузули субҳгоҳӣ.
Ҳар чашм, ки бинад ончунон нур,
Чашми бади халқ аз ӯ шавад дур.
Ё Раб, ту маро, к-Увайсномам,
Дар ишқи муҳаммадӣ тамомам,
З-он шаҳ, ки Муҳаммадиҷамол аст,
Рӯзӣ-м кун, он чи дар хаёл аст!

## ХИТОБИ ЗАМИНБӮС

Эй олами ҷону ҷони олам,
Дилхушкуни одамию Одам,
Тоҷи ту варои тоҷи Хуршед,
Тахти ту фузун зи тахти Ҷамшед.
Ободии олам аз тамомит
В-озодии мардум аз ғуломит,
Мавло шуда ҷумлаи мамолик
Тавқеи туро ба «сиҳҳа золик».
Ҳам мулки ҷаҳон ба ту мукаррам,
Ҳам ҳукми ҷаҳон ба ту мусаллам.
Ҳам хутбаи ту тирози ислом,
Ҳам сиккаи ту халифаэҳром.
Гар хутбаи ту даманд бар хок,
Зар хезад аз ӯ ба ҷои хошок.
В-ар сиккаи ту зананд бар санг,
Кас дарназанад ба симу зар чанг.
Розӣ шуда аз бузургворит
Давлат ба ятоқи найзадорит.
Мирохурии ту чархро кор,
Коҳу ҷав аз он кашад дар анбор.

Он-ч аз ҷаву кохи ӯ нишон аст,
Ҷавхӯшаву кохи Каҳкашон аст.
Бурдӣ зи ҳаво латифхӯӣ,
В-аз боди сабо абирбӯӣ.
Файзи ту, ки чашмаи ҳаёт аст,
Рӯзидиҳи асли уммаҳот аст.
Полудаи ровақи рабеъӣ
Хоки қадами ту аз мутеъӣ.
Ҳар ҷо, ки дилест Қоф то Қоф,
Аз бандагии ту мезанад лоф.
Чун дасти зафар кулоҳбахшӣ.
Чун фазли Худо гуноҳбахшӣ.
Боқист ба мулк- дар асосат,
Пешу паси мулк ҳаст посат.
Гар пеш равӣ, чароғи роҳӣ,
В-ар пас бошӣ, ҷаҳонпаноҳӣ.
Чун машъали пешбин мувофиқ,
Чун субҳи пасин муниру содиқ.
Девони амалнишон ту дорӣ,
Ҳукми амали ҷаҳон ту дорӣ.
Онҳо, ки дар ин амал раисанд,
Бар хоки ту «абдуҳу» нависанд.
Муставфии ақлу мушрифи рой
Дар мамлакати ту корфармой.
Давлат, ки нишонаи мурод аст,
Дар ҳаққи ту соҳибэътиқод аст.
Нусрат, ки адӯ аз ӯ гурезад,
Аз сояи давлати ту хезад.
Гӯӣ, аламат, ки нури дида-ст,
Аз давлату нусрат офарида-ст.
Бо ҳар кӣ ба ҳукм ҳамнабардӣ,
Бандӣ камари ҳазормардӣ.
Бе он ки ба хун кунӣ барашро,
Дар доманаш афганӣ сарашро,
В-он кас, ки назар бад-ӯ расонӣ,
Бар тахти саодаташ нишонӣ.
Бар фатҳ нависӣ ояташро
В-обод кунӣ вилояташро.
Гарчи назари ту бар Низомӣ
Фархунда шуд аз баландномӣ,
Ӯ низ, ки посбони кӯй аст,
Бар давлати ту ҳуҷастарӯй аст!

Мурғе, ки ҳумой ном дорад,
Чун фаррухии тамом дорад?!
Ин мурғ,ки меҳри туст моя-ш,
На-шгифт, ки фаррух аст соя-ш.
Ҳар мурғ, ки мурғи субҳгоҳ аст,
Вирди нафасаш дуои шоҳ аст.
Бо рифъату қадр ном дорад,
Бар фатҳу зафар мақом дорад.
Бо рифъату қадр бод ҷоҳат,
Бо фатҳу зафар сарири гоҳат!
Олам ҳамасола хуррам аз ту,
Маъзул мабод олам аз ту!
Иқбол мутеъу ёр бодат,
Тавфиқ рафиқи кор бодат!
Чашми ҳама дӯстон кушода
Аз давлати шоҳу шоҳзода!

## СУПУРДАНИ ФАРЗАНДИ ХЕШ БА ФАРЗАНДИИ ШЕРВОНШОҲ

Чун гавҳари сурхи субҳгоҳӣ
Бинмуд сапедӣ аз сиёҳӣ,
Он гавҳари конкушодаи ман,
Пушти ману пуштзодаи ман,
Гавҳар ба кулоҳи кон барафшонд
В-аз гавҳари кони шаҳ сухан ронд.
К-ин бекасро ба ақд пайванд
Даркаш ба паноҳи он Худованд!
Биспор маро ба аҳдаш имрӯз,
К-ӯ навқалам асту ман навомӯз.
То чун карамаш камол гирад,
Андарзи туро ба фол гирад,
К-он тахтнишин, ки авҷсой аст,
Хурд аст, вале бузургрой аст.
Сайёраи осмони мулк аст,
Ҷисми малик асту ҷони мулк аст.
Он Юсуфи ҳафтбазму нуҳмаҳд,
Ҳам волии аҳду ҳам валиаҳд;
Навмаҷлису навнишоту навмеҳр,
Дурри садафи малик Манучеҳр;

Фахри ду ҷаҳон ба сарбаландӣ,
Мағзи маликон ба ҳушмандӣ.
Меросситони Моҳу Хуршед,
Мансубакушои биму уммед;
Нури басари бузургворон,
Меҳроби намози тоҷдорон.
Пирояи тахту мафхари тоҷ,
К-иқбол ба рӯи ӯст муҳтоҷ.
Эй аз шарафи ту, шоҳзода,
Чашми малик Ахситон кушода!
Мамзуҷи ду мамлакат ба шоҳӣ
Чун себи дуранги субҳгоҳӣ!
Як тухм ба хусравӣ нишонда,
Аз тухмаи Кайқубод монда.
Дар маркази хатти ҳафтпаргор
Як нуқтаи нав нишаста бар кор.
Эзид ба худат паноҳ дорад
В-аз чашми бадат нигоҳ дорад!
Дорам ба Худо умедворӣ,
К-аз ғояти зеҳну ҳушёрӣ
Он ҷот расонад аз иноят,
К-омода шавӣ ба ҳар кифоят.
Ҳам номаи хусравон бихонӣ,
Ҳам гуфтаи бихрадон бидонӣ.
Ин ганҷи ниҳуфтаро дар ин дурҷ
Бинӣ чу маҳи дуҳафта дар бурҷ.
Донӣ, ки чунин арӯси маҳде
Н-ояд зи қирони ҳеҷ аҳде?!
Гар дар падараш назар наёрӣ,
Тимори бародараш бидорӣ.
Аз роҳи навозиши тамомаш
Расме абадӣ кунӣ ба номаш,
То ҳоҷатманди кас набошад,
Сар пешу назар зи пас набошад.
Ин гуфтаму қисса гашт кӯтоҳ,
Иқболи ту боду давлати шоҳ!
Он чашм кушода бод аз ин нур
В-ин сарв мабод аз он чаман дур!
Рӯи ту ба шоҳ пушт баста,
Пушту дили душманон шикаста!
Зинда ба ту шоҳ ҷовидонӣ
Чун Хизр ба оби зиндагонӣ!

Аҷроми сипеҳри авҷманзар
Афрӯхта бод аз ин ду пайкар!

## ДАР ШИКОЯТИ ҲАСУДОН ВА МУНКИРОН ФАРМОЯД

Барҷӯш, дило, ки вақти ҷӯш аст,
Гӯёи ҷаҳон чаро хамӯш аст?!
Майдони сухан марост имрӯз,
Беҳ з-ин сухане куҷост имрӯз?!
Уҷрохури дастранҷи хешам,
Гар муҳташамам, зи ганҷи хешам.
З-ин сеҳр саҳаргаҳе, ки ронам,
Маҷмӯаи ҳафт субъ хонам.
Сеҳре, ки чунин ҳалол бошад.
Мункир шуданаш муҳол бошад.
Дар сеҳри сухан чунон тамомам,
К-оинаи ғайб гашт номам.
Шамшери забонам аз фасеҳӣ
Дорад сари муъҷизи масеҳӣ!
Назмам асар execut онҷунон намояд,
К-аз ҷазри асам забон кушояд.
Ҳарфам зи табаш чунон фурӯзад,
К-ангушт бар ӯ ниҳӣ, бисӯзад.
Шеър об зи ҷӯйбори ман ёфт,
Овоза ба рӯзгори ман ёфт!
Ин бенамакон, ки нонхуронанд,
Дар сояи ман ҷаҳонхуронанд.
Афгандани сайд кори шер аст,
Рӯбаҳ зи шикори шер сер аст.
Аз хӯрдани ман ба кому ҳалқе
Он беҳ, ки зи ман хуранд халқе.
Ҳосид зи қабули ин равоӣ
Дур аз ману ту ба жожхоӣ!
Чун соя шуда ба пеши ман паст,
Таъризи маро гирифта дар даст.
Гар пеша кунам ғазалсароӣ,
Ӯ пеш ниҳад дағалдароӣ.
Гар соз кунам қасоиди чуст,
Ӯ боз кунад қалоиди суст.
Бозам чу ба назм қисса ронад,
Қисса чӣ кунам, ки қисса хонад!

Ман сикка занам ба қолабе хуб,
Ӯ низ занад, валек мақлуб.
Каппӣ ҳама он кунад, ки мардум,
Пайдост дар оби тира анҷум.
Бар ҳар ҷасаде, ки тобад он нур,
Аз сояи хеш ҳаст ранҷур.
Соя, ки нақисасози мард аст,
Дар танзгарӣ газофгард аст.
Танзе кунаду надорад озарм,
Чун чашмаш нест, кай бувад шарм?
Пайғамбар, к-ӯ надошт соя,
Озод набуд аз ин талоя.
Дарёи муҳитро, ки пок аст,
Аз чирки даҳони саг чӣ бок аст?
Харчанд зи чашми зардгӯшон
Сурх аст рухам зи хуни ҷӯшон,
Чун баҳр кунам канорашӯӣ,
Аммо на зи рӯи талхрӯӣ.
Захме чу чароғ мехурам чуст,
В-аз ханда чу шамъ мешавам суст.
Чун ойина гар на оҳанинам,
Бо сангдилон чаро нишинам?
Кон кандани ман мабин, ки мардам,
Ҷон кандани хасм бин зи дардам!
Дар мункири санъатам беҳӣ нест,
К-илло шаби чоршанбеҳӣ нест.
Дузди дури ман ба ҷои музд аст,
Бад гӯядам, арчи бонги дузд аст.
Дуздон чу ба кӯй дузд ҷӯянд,
Дар кӯй даванду «Дузд...» гӯянд.
Дурдуздии ман ҳалол бодаш,
Бад гуфтани ман вабол бодаш!
Бинад ҳунару ҳунар надонад,
Бад мекунад, ин қадар надонад.
Гар бобасар аст, бебасар бод!
В-ар кӯр шудаст, кӯртар бод!
Ӯ дуздаду ман гудозам аз шарм,
Дуздафшорист ин, на озарм!
Не-не, чу ба гадя дил ниҳодаст,
Гӯ: «Хезу биё, ки дар кушода-ст!
Он к-ӯст ниёзманди суде,
Гар ман будаме, чикора буде?

Ганҷи ду ҷаҳон дар остинам,
Дар дуздии муфлисе чӣ бинам?!
Воҷибсадақам ба зердастон,
Гӯ: «Хоҳ бидузду хоҳ бистон!»
Дарёи дур асту кони ганҷам,
Аз нақбзанон чӣ гуна ранҷам?!
Ганҷина ба банд метавон дошт,
Хубӣ ба сипанд метавон дошт.
Модар, ки сипанд ёр додам,
Бо диръи Сипандёр зодам.
Дар хатти Низомӣ ар ниҳӣ гом,
Бинӣ адади ҳазору як ном.
В-Илёс, к-алиф барӣ зи ломаш,
Ҳам бо наваду нуҳ аст номаш.
З-ин гуна ҳазору як ҳисорам,
Бо сад кам  як силеҳ дорам.
Ҳам фориғам аз кашидани ранҷ,
Ҳам эминам аз буридани ганҷ.
Ганҷе, ки чунин ҳисор дорад,
Нақҷоб дар ӯ чӣ кор дорад?
Ин аст, ки ганҷ нест бе мор,
Ҳар ҷо, ки рутаб бувад, бувад хор!
Ҳар номваре, ки ӯ ҷаҳон дошт,
Бадномкуне зи ҳамраҳон дошт.
Юсуф, ки зи моҳ иқд мебаст,
Аз ҳиқди бародарон намераст.
Исо, ки дамаш надошт дуде,
Мебурд ҷафои ҳар ҷуҳуде.
Аҳмад, ки саромади Араб буд,
Ҳам хастаи хори Бӯлаҳаб буд!
Дер аст, ки то ҷаҳон чунин аст,
Бе неши магас кам ангубин аст!

## УЗРИ ШИКОЯТ

То ман манам, аз тариқи зӯрӣ
Н-озурда зи ман ҷаноҳи мӯре.
Дурре ба хушоби кас нашустам,
Шӯридани кори кас наҷустам,
З-он ҷо, ки на ман ҳарифхӯям,
Дар ҳаққи саге баде нагӯям.

Бар фисқи саге, ки шериям дод,
«Ло айба лаҳу» далериям дод.
Донам, ки ғазаб ниҳуфта беҳтар,
В-ин гуфта, ки шуд, нагуфта беҳтар.
Лекин ба ҳисоби кордонӣ
Беғайратӣ аст безабонӣ!
Он кас, ки зи шаҳри ошноист,
Донад, ки матои мо куҷоист.
В-он, к-ӯ ба кажии ман кашад даст,
Хасмаш на манам, ки ҷуз мане ҳаст.
Хомӯш, дило, зи ҳарзагӯӣ,
Мехур ҷигаре ба тозарӯӣ.
Чун гул ба раҳил кӯс мезан,
Бар дасти кушанда бӯс мезан.
Нонхӯрд зи хуни хеш медор,
Сар нест, кулоҳ пеш медор.
Озоркашӣ куну маёзор,
К-озурда ту беҳ, ки халқ б-озор!

## ДАР НАСИҲАТИ ФАРЗАНДИ ХУД МУҲАММАДИ НИЗОМӢ

Эй чордасола қурратулъайн,
Болиғназари улуми кавнайн!
Он рӯз, ки ҳафтсола будӣ,
Чун гул ба чаман ҳавола будӣ,
В-акнун, ки ба чордаҳ расидӣ,
Чун сарв бар авҷ сар кашидӣ,
Ғофил манишин, на вақти бозист,
Вақти ҳунар асту сарфарозист!
Дониш талабу бузургӣ омӯз,
То беҳ нигаранд рӯзат аз рӯз!
Ному насабат ба хурдсолист,
Насл аз шаҷари бузург холист.
Ҷое, ки бузург боядат буд,
Фарзандии ман надорадат суд!
Чун шер ба худ сипаҳшикан бош,
Фарзанди хисоли хештан бош!
Давлат талабӣ, сабаб нигаҳ дор,
Бо халқи Худо адаб нигаҳ дор!
Он ҷо, ки фасонае сиголӣ,
Аз тарси Худо мабош холӣ.

В-он шуғл талаб зи рӯи ҳолат,
К-аз карда набошадат хиҷолат.
Гар дил ниҳӣ, эй писар, бад-ин панд,
Аз панди падар шавӣ баруманд.
Гарчи сари сарварит бинам,
В-ойини суханварит бинам,
Дар шеър мапечу дар фани ӯ,
Чун акзаби ӯст аҳсани ӯ!
З-ин фан маталаб баландномӣ,
К-он хатм шудаст бар Низомӣ.
Назм арчи ба мартабат баланд аст,
Он илм талаб, ки судманд аст.
Дар ҷадвали ин хати қиёсӣ
Мекӯш ба хештаншиносӣ!
Ташреҳи ниҳоди худ даромӯз,
К-ин маърифатест хотирафрӯз.
Пайғамбар гуфт:– «Илму илмон:
Илмуладён ва илмулабдон».
Дар нофи ду илм бӯи тиб аст,
В-он ҳар ду фақеҳ ё табиб аст.
Мебош фақеҳи тоатандӯз,
Аммо на фақеҳи ҳилатомӯз.
Мебош табиби исавиҳуш,
Аммо на табиби одамикуш.
Гар ҳар ду шавӣ,баланд гардӣ,
Пеши ҳама арҷманд гардӣ.
Соҳибтарафайни аҳд бошӣ,
Соҳибтарафи ду маҳд бошӣ.
Мекӯш ба ҳар варақ, ки хонӣ,
К-он донишро тамом донӣ.
Полонгарие ба ғояти х(в)ад
Беҳтар зи кулоҳдӯзии бад.
Гуфтан зи ман,  аз ту кор бастан,
Бекор наметавон нишастан.
Бо ин ки сухан ба лутфи об аст,
Кам гуфтани ҳар сухан савоб аст.
Об арчи ҳама зулол хезад,
Аз хӯрдани пур малол хезад.
Кам гӯю гузида гӯй чун дур,
То з-андаки ту шавад ҷаҳон пур.
Лоф аз сухани чу дур тавон зад,
Он хишт бувад, ки пур тавон зад.

Марвориде, к-аз асл пок аст,
Ороишбахши обу хок аст.
То ҳаст дуруст, ганҷу конҳост,
Чун хурд шавад, давои ҷонҳост.
Як даста гули димоғпарвар
Аз сад хирман гиёҳ беҳтар!
Гар бошад сад ситора дар пеш,
Таъзими як офтоб аз ӯ беш.
Гарчи ҳама кавкабе батоб аст.
Афрӯхтагӣ дар Офтоб аст!

## ЁД КАРДАНИ БАЪЗЕ АЗ ГУЗАШТАГОНИ ХЕШ

Соқӣ ба куҷо, ки майпарастам,
То соғари май диҳад ба дастам?!
Он май, ки чу ашки ман зулол аст,
Дар маҳзари ошиқон ҳалол аст.
Дар май ба умеди он занам чанг,
То бозкушояд ин дили танг.
Шерест нишаста бар гузаргоҳ,
Хоҳам, ки зи шер гум кунам роҳ.
З-ин пеш нишоте озмудам,
Имрӯз на он касам, ки будам.
Ин низ чу бигзарад зи дастам,
Оҷизтар аз ин шавам, ки ҳастам.
Соқӣ, ба ман овар он маи лаъл,
К-афганд сухан дар оташам наъл.
Он май, ки гиреҳкушои кор аст,
Бо рӯҳ чу рӯҳ созгор аст.
Гар шуд падарам ба суннати ҷад
Юсуф писари Закӣ Муайяд.
Бо давр ба доварӣ чӣ кӯшам,
Давр аст на ҷавр, чун хурӯшам?
Боқӣ падари кӣ монд з-Одам,
То хуни падар хуҳам зи олам?
Чун дар падарони рафта дидам,
Ирқи падарӣ зи дил буридам.
То ҳар чӣ расад зи неши он нӯш,
Дорам ба фариза тан фаромӯш.
Соқӣ, манишин, ба ман деҳ он май,
К-аз хуни фусурда баркашад хай!

Он май, ки чу гунг аз он бинӯшад,
Нутқаш ба мизоҷи дур биҷӯшад.
Гар модари ман – раисаи курд
Модарсифатона пеши ман мурд,
Аз лобагарӣ киро кунам ёд,
То пеши ман орадаш ба фарёд?!
Ғам beштар аз қиёси х(в)ард аст,
Гирдоба фузун зи қадди мард аст.
З-он бештар аст коси ин дард,
К-онро ба ҳазор дам тамом х(в)ард.
Бо ин ғаму дарди беканора
Доруи фаромушист чора.
Соқӣ, паи борагим реш аст,
Май деҳ, ки раҳи раҳил пеш аст.
Он май, ки чу шӯр дар сар орад,
Аз пой ҳазор сар барорад.
Гар Хоҷаумар, ки холи ман буд,
Холӣ шуданаш ваболи ман буд,
Аз талхгувории навола-м
Дар нойи гулӯ шикаст нола-м!
Метарсам аз ин кабудзанҷир,
К-афғон кунам, ӯ шавад гулӯгир.
Соқӣ, зи хуми шаробхона
Пеш ор мае чу нордона.
Он май, ки муҳитбахши кишт аст,
Ҳамшираи шираи биҳишт аст.
То кай дами аҳл, аҳли дам ку?!
Ҳамроҳ куҷову ҳамқадам ку?!
Нахле, ки ба шаҳд хуррамӣ кард,
Он шаҳд зи рӯи ҳамдамӣ кард.
Пила, ки бирешиминкулоҳ аст,
Аз ёрии ҳамдамони роҳ аст.
Аз шодии ҳамдамон кашад мӯр
Онро, ки аз ӯ фузун бувад зӯр.
Бо ҳар кӣ дар ин раҳӣ ҳамовоз,
Дар пардаи ӯ наво ҳамесоз.
Дар пардаи ин таронаи танг
Хориҷ бувад, ар надонӣ, оҳанг.
Дар Чин на ҳама ҳарир бофанд,
Гаҳ ҳулла, гаҳе ҳасир бофанд.
Дар ҳар чӣ зи эътидоли ёрист,
Анҷомиши он ба созгорист.

Ҳар руд, ки бо ғино насозад,
Буррад, чу ғаногараш навозад.
Соқӣ, маи мушкбӯй бардор,
Банд аз мани чораҷӯй бардор!
Он май, ки усораи ҳаёт аст,
Бокӯраи кӯзаи набот аст.
З-ин хонаи хокпӯш то кай,
З-он хӯрдани заҳру нӯш то кай?
Он хонаи анкабут бошад,
Гаҳ бандад захму гаҳ харошад.
Гаҳ бар магасе кунад шабехун,
Гаҳ дасти касе раҳонад аз хун.
Чун пила бибанд хонаро дар,
То дар шаби хоби худ ниҳӣ сар.
Ин хона, ки хонаи вабол аст,
Пайдост, ки вақфи чанд сол аст.
Соқӣ, зи маю нишот маншин,
Май талх деҳу нишот ширин.
Он май, ки чунон ҳоли мард аст,
Зоҳир кунад он чӣ дар навард аст.
Чун мор макун ба саркашӣ майл,
К-ин ҷо зи қафо ҳамерасад сайл.
Гар ҳафт сарат чу аждаҳо ҳаст,
Ҳар ҳафт сарат ниҳанд бар даст.
Беҳ гар хатаре чунон насанҷӣ,
К-аз вай чу биюфтӣ, биранҷӣ.
Дар вақти фурӯ фитодан аз бом
Сад газ набувад, чунон ки як гом.
Хоке шаву аз хатар маяндеш,
Хок аз се гуҳар басо кунӣ пеш.
Ҳар гавҳаре арчи тобнок аст,
Манзуртарини ҷумла хок аст!
Ӯ ҳаст падид дар се ҳамкор
В-он ҳар се дар ӯст нопадидор.
Соқӣ, маи лоларанг баргир,
Насфе ба навои чанг баргир.
Он май, ки мунодии сабӯҳ аст,
Ободкуни сарои рӯҳ аст.
То кай ғами норасида х(в)ардан?!
Донистану ношунида кардан?!
Беҳ, гар суханам ба ёд дорӣ,
В-аз умри гузашта ёд н-орӣ!

Он умри шуда, ки пешх(в)ард аст,
Пиндор, ҳанӯз дар навард аст.
Ҳам бар вараќи гузашта гираш,
Вокардаву дарнавашта гираш.
Ангор, ки ҳафт субъ хондӣ,
Ё ҳафт ҳазор сол мондӣ.
Охир, на чу муддат испарӣ гашт,
Он ҳафт ҳазор сол бигзашт.
Чун қомати мо барои ғарқ аст,
Кӯтоҳу дарозро чӣ фарқ аст?!
Соқӣ, ба сабӯҳи бомдодам
Май деҳ, ки нахӯрда нӯш бодам!
Он май, ки чу Офтоб гирад,
З-ӯ чашмаи хушк об гирад.
То чанд чу ях фусурда будан?
Дар об чу муши мурда будан?
Чун гул бигузор нармхӯӣ,
Бигзар чу бунафша аз дурӯӣ.
Ҷое бошад, ки хор бояд,
Девонагие ба кор бояд.
Курде хараке ба Каъба гум кард,
Дар Каъба давиду уштулум кард,
К-ин бодияро раҳе дароз аст,
Гум гаштани хар зи ман чӣ роз аст?
Ин гуфту чу гуфт, бозпас дид,
Хар диду чу дид хар, бихандид.
Гуфто:– «Харам аз миёна гум буд,
Воёфтанаш ба уштулум буд».
Гар уштулуме намезад он курд,
Хар мешуду бор низ мебурд.
Ин деҳ, ки ҳисори беҳушон аст,
Ақтоъдиҳи забункушон аст.
Бе шер диле ба сар наёяд
В-аз говдилон ҳунар наёяд.
Соқӣ, маи ноб дар қадаҳ рез,
Обе бизан, оташе барангез!
Он май, ки чу рӯи санг шӯяд,
Ёқут зи рӯи санг рӯяд.
Поинталаби хасон чӣ бошӣ?!
Дасти хуши нокасон чӣ бошӣ?!
Гардан чӣ ниҳӣ ба ҳар қафое,
Розӣ чӣ шавӣ ба ҳар ҷафое?!

Чун кӯҳ баландпуштие кун,
Бо нарми ҷаҳон дуруштие кун!
Чун савсан агар ҳарир бофӣ,
Дурдӣ хурӣ аз замини софӣ!
Хорӣ халали дарунӣ орад,
Бедодкашӣ забунӣ орад.
Мебош чу хор ҳарбабардӯш,
То хирмани гул кашӣ дар оғӯш,
Нерӯшикан аст ҳайфу бедод,
Аз ҳайф бимирад одамизод.
Соқӣ, манишин, ки рӯз дер аст,
Май деҳ, ки сарам зи шуғл сер аст!
Он май, ки чароғи раҳравон шуд,
Ҳар пир, ки хӯрд аз ӯ, ҷавон шуд.
Бо як-ду-се ринди лоуболӣ
Роҳе талаб аз ғурур холӣ.
Бо зарра нишин чу нури Хуршед!
Ту кию нишотгоҳи Ҷамшед?
Бигзор маоши подшоҳӣ,
К-оворагӣ оварад сипоҳӣ!
Аз суҳбати подшаҳ бипарҳез
Чун пунбаи хушк аз оташи тез!
Он оташ агарчи пур зи нур аст,
Эмин бувад он касе, ки дур аст.
Парвона, ки нури шамъаш афрӯхт,
Чун базмнишини шамъ шуд, сӯхт.
Соқӣ, нафасам зи ғам фурӯ баст,
Май деҳ, ки ба май зи ғам тавон раст!
Он май, ки сафои сим дорад,
Дар дил асаре азим дорад.
Дил неҳ ба насиби хосаи хеш,
Хоидани ризқи кас маяндеш!
Баргардад бахт аз он сабукрой,
К-афзун зи гилеми худ кашад пой.
Мурғе, ки на авҷи хеш гирад,
Ҳинҷори ҳалок пеш гирад.
Море, ки на роҳи худ бисечад,
Аз печиши кори худ бипечад.
Зоҳид, ки кунад силоҳпӯшӣ,
Силӣ хурад аз зиёдакӯшӣ.
Рӯбаҳ, ки занад тапонча бо шер,
Донӣ, ки ба дасти кист шамшер?

Соқӣ, маи мағзҷӯш дардеҳ,
Ҷоме ба салои «нӯш» дардеҳ!
Он май, ки калиди ганҷи шодист,
Ҷондоруи ҷоми Кайқубодист.
Хурсандиро ба табъ дарбанд,
Мебош, бад-он чи ҳаст, хурсанд.
Ҷуз одамиён, ҳар он чи ҳастанд,
Бар шиққаи қонеӣ нишастанд.
Дар ҷустани ризқи худ шитобанд,
Созанд бад-он қадар, ки ёбанд.
Чун ваҷҳи кифояте надоранд,
Ёрои шикояте надоранд.
Он одамӣ аст, к-аз далерӣ
Куфр орад вақти нимсерӣ.
Гар фавт шавад яке навола-ш,
Бар чарх расад нафиру нола-ш.
Гар тар шавадаш ба қатрае бом,
Дар абр забон кашад ба дашном.
В-ар як ҷавсанг тоб гирад,
Харсанг дар Офтоб гирад.
Шарти равиш он бувад, ки чун нур
З-олоиши неку бад шавӣ дур.
Чун об зи рӯи ҷоннавозӣ
Бо ҷумлаи рангҳо бисозӣ.
Соқӣ, зи раҳи баҳона бархез,
Пеш ор маи муғона, бархез!
Он май, ки ба базм ноз бахшад,
Дар разм салоҳу соз бахшад.
Афсурда мабош, агар на сангӣ!
Раҳвортар ой, агар на лангӣ!
Гард аз сари ин намад фурӯ рӯб!
Пое ба сари намад фурӯ кӯб!
Дар рақс раванда чун фалак бош!
Гӯ, ҷумлаи роҳ пурхасак бош!
Маркаб бидеҳу пиёдагӣ кун,
Силӣ хуру рӯкушодагӣ кун!
Бори ҳама мекаш, ар тавонӣ,
Беҳтар чӣ зи боркашраҳонӣ?!
То чун ту биафтӣ аз сари кор,
Суфти ҳама кас туро кашад бор!
Соқӣ, маи арғавониям деҳ,
Ёридиҳи зиндагониям деҳ!

Он май, ки чу бо мизоҷ созад,
Ҷон тоза кунад, ҷигар навозад.
З-ин домгаҳ эътикоф бикшой,
Бар аҷзи худ эътироф бинмой.
Дар роҳ тале бад-ин баландӣ
Густох машав ба зӯрмандӣ.
Бо як сипари дарида чун гул
То чанд шағаб кунӣ чу булбул?
Раҳ пуршикан аст, пар бияфкан,
Теғ аст қавӣ, сипар бияфкан.
То борагии ту пеш тозад,
Сарбори ту чарх беш созад.
Якбора бияфт аз ин саворӣ,
То ёбӣ роҳи растгорӣ.
Бинӣ, ки чу Маҳ шикаста гардад,
Аз уқдаи рахм раста гардад.
Соқӣ, ба нафас расид ҷонам,
Тар кун ба зулоли май даҳонам.
Он май, ки нахӯрда, ҷои ҷон аст,
Чун хӯрда шавад, давои ҷон аст.
Фориғ манишин, ки вақти кӯч аст,
Дар худ манигар, ки чашм луч аст.
Ту обилапою роҳ душвор,
Эй пораи кор, чун бувад кор?
Ё  рахти худ аз миёна барбанд,
Ё дар ба рухи замона дарбанд!
Суҳбат чу ғала намедиҳад боз,
Ҷон дар ғаладони хилват андоз!
Бе нақш саҳифа чанд хонӣ?!
Бе об сафина чанд ронӣ?!
Он беҳ, ки, Низомиё, дар ин роҳ
Бар чашма занӣ чу Хизр хиргоҳ!
Сероб шавӣ чу дурри макнун
Аз оби зулоли ишқи Маҷнун!

## ОҒОЗИ ДОСТОН

Гӯяндаи достон чунин гуфт,
Он лаҳза, ки дурри ин сухан суфт,
К-аз мулки Араб бузургворе
Будаст ба хубтар диёре.

Бар омириён кифоят ӯро,
Маъмуртарин вилоят ӯро.
Хоки Араб аз насими номаш
Хушбӯйтар аз раҳиқи ҷомаш.
Соҳибҳунаре, ба мардумӣ тоқ,
Шоистатарини ҷумла офоқ.
Султони Араб ба комгорӣ,
Қоруни Аҷам ба молдорӣ.
Дарвешнавозу меҳмондӯст,
Иқбол дар ӯ чу мағз дар пӯст.
Мебуд халифавор машҳур,
Аз бехалафӣ чу шамъи бенур.
Муҳтоҷтар аз садаф ба фарзанд,
Чун хӯша ба дона орзуманд.
Дар ҳасрати он ки дасти бахташ
Шохе бадар орад аз дарахташ,
Яъне, ки чу сарвбун бирезад,
Сарве дигараш зи бун бихезад.
То чун ба чаман расад тазарве,
Сарве бинад ба ҷои сарве.
Гар сарвбуни куҳан набинад,
Дар сояи сарви нав нишинад.
Зинда-ст касе, ки дар диёраш
Монад халафе ба ёдгораш.
Мекард бад-ин тамаъ карамҳо,
Медод ба соилон дирамҳо.
Бадре ба ҳазор бадра меҷуст,
Мекошт суман, вале намеруст.
Дур металабиду дур намеёфт,
В-аз дурталабӣ инон наметофт.
В-огаҳ на, ки дар ҷаҳондирангӣ
Пӯшида бувад салоҳрангӣ.
Ҳар ч-он талабӣ, агар набошад,
Аз маслиҳате бадар набошад.
Ҳар неку баде, ки дар шумор аст,
Чун дарнигарӣ, салоҳи кор аст.
Бас ёфта кон ба соз бинӣ,
Ноёфта беҳ, чу боз бинӣ.
Бисёр ғараз, ки дар навард аст,
Пӯшидани ӯ салоҳи мард аст.
Ҳар кас ба такест бист бар бист,
В-огаҳ на касе, ки маслиҳат чист.

Сарриштаи ғайб нопадид аст,
Бас қуфл, ки бингарӣ, калид аст.
Бечора касест одамизод,
Хоке, ки чу пуф кунӣ, барад бод.
Хуш бош дар инчунин мағоке,
Бар хок фиган ҳадиси хокӣ.
Чун дурталаб аз барои фарзанд
Мебуд чу кони лаъл дар банд,
Эзид ба тазарруъе, ки шояд,
Додаш писаре, чунон ки бояд.
Наврýста гуле чу нори хандон,
Чӣ нору чӣ гул? – Ҳазор чандон!
Равшангуҳаре зи тобнокӣ,
Шабрӯзкуни сарои хокӣ.
Чун дид падар ҷамоли фарзанд,
Бикшод дари хазинаро банд.
Аз шодии он хазинахезӣ
Мекард чу гул хазинарезӣ.
Фармуд варо ба доя додан,
То раста шавад зи моя додан.
Даврон-ш ба ҳукми доягонӣ
Парвард ба шири меҳрубонӣ.
Ҳар шир, ки дар лабаш сириштанд,
Ҳарфе зи вафо бар ӯ навиштанд.
Ҳар моя, ки аз ғизош доданд,
Дилдӯстие дар ӯ ниҳоданд.
Ҳар нил, ки бар рухаш кашиданд,
Афсуни диле бар ӯ дамиданд.
Чун лола даҳан ба шир мешуст,
Чун барги суман зи шир меруст.
Гуфтӣ, ки ба шир буд шаҳде,
Ё буд маҳе миёни маҳде.
Аз маҳ чу ду ҳафта буд рафта,
Шуд Моҳи дуҳафта бар ду ҳафта.
Шарти ҳунараш тамом карданд,
Қайси ҳунариш ном карданд.
Чун бар сари ин гузашт соле,
Бифзуд ҷамолро камоле.
Ишқаш ба дудастӣ об медод,
З-ӯ гавҳари ишқ тоб медод.
Соле ду-се дар нишоту бозӣ
Меруст ба боғи дилнавозӣ.

Чун шуд ба қиёс ҳафтсола,
Омуд бунафша гирди лола.
К-аз ҳафт ба даҳ расида солаш,
Афсонаи халқ шуд ҷамолаш.
Ҳар кас, ки рухаш  зи дур диди̅,
Боде зи дуо бар ӯ дамиди̅.
Шуд чашми падар ба рӯи ӯ шод,
Аз хона ба мактабаш фиристод,
Додаш ба дабири донишомӯз,
То ранҷ барад бар ӯ шабу рӯз.
Ҷамъ омада аз сари шукӯҳе
Бо ӯ ба мувофиқат гурӯҳе.
Ҳар кӯдаке аз умеду аз бим
Машғул шуда ба дарсу таълим.
Бо он писарони хурдпайванд
Ҳамлавҳ нишаста духтаре чанд.
Ҳар як зи қабилаеву ҷое,
Ҷамъ омада дар адабсарое.
Қайси ҳунари̅ ба илм хондан,
Ёқути лабаш ба дур фишондан.
Буд аз садафи дигар қабила
Носуфта дуреш ҳамтавила:
Офатнарасида духтаре хуб,
Чун ақл ба номи нек мансуб!
Ороста луъбате чу Моҳе,
Чун сарви сиҳи̅ назорагоҳе.
Шӯхе, ки ба ғамзаи камина
Суфти̅ на яке, ҳазор сина.
Оҳучашме, ки ҳар замоне
Кушти̅ ба карашмае ҷаҳоне.
Моҳи араби̅ ба рух намудан,
Турки аҷами̅ ба дил рабудан.
Зулфаш чу шабе, рухаш чароғе,
Ё машъалае ба чанги зоғе.
Кӯчакдаҳане, бузургсоя,
Чун тунги шакар фарохмоя.
Шаккаршикане ба ҳар чи̅ хоҳи̅,
Лашкаршикан аз шакар чи̅ хоҳи̅?
Таъвиз миёни ҳамнишинон,
Дархурди канори нозанинон.
Маҳҷубаи байти зиндагони̅,
Шаҳбайти қасидаи ҷавони̅.

Икди занах аз хаи ҷабинаш
В-аз ҳалқаи зулфи анбаринаш.
Гулгуна зи хуни ширпарвард,
Сурма зи саводи модар овард.
Бар риштаи зулфу икди холаш
Афзуда ҷавоҳири ҷамолаш.
Дар ҳар диле аз ҳавош майле,
Гесӯш чу лайлу ном Лайлӣ,
Аз дилдорӣ, ки Қайс дидаш,
Дил доду ба меҳри дил харидаш.
Ӯ низ ҳавои Қайс меҷуст,
Дар синаи ҳар ду меҳр меруст.
Ишқ омаду ҷоми хом дардод,
Ҷоме ба ду хӯйром дардод.
Мастӣ ба нахустбода сахт аст,
Афтодани нофитода сахт аст.
Чун аз гули меҳр бӯ гирифтанд,
Бо ҳам ҳамарӯза хӯ гирифтанд.
Ин ҷон ба ҷамоли он супурда,
Дил бурда, валек ҷон набурда,
В-он бар рухи ин назар ниҳода,
Дил додаву коми дил надода.
Ёрон ба ҳисоби илмхонӣ,
Эшон ба ҳадиси меҳрубонӣ.
Ёрон сухан аз луғат сириштанд,
Эшон луғате дигар навиштанд.
Ёрон варақе зи илм хонданд,
Эшон нафасе ба ишқ ронданд.
Ёрон сифати фиъол гуфтанд,
Эшон ҳама ҳасби ҳол гуфтанд.
Ёрон ба шумори пеш буданд,
Эшон ба шумори хеш буданд.

## ОШИҚ ШУДАНИ ЛАЙЛИЮ МАҶНУН БА ЯКДИГАР

Ҳар рӯз, ки субҳ бардамидӣ,
Юсуфрухи машриқӣ расидӣ,
Кардӣ фалаки турунҷпайкар
Райҳонии ӯ турунҷӣ аз зар.
Лайлӣ зи сари турунҷбозӣ
Кардӣ зи занах турунҷсозӣ.

З-он тозатурунҷи наврасида
Наззоратурунҷ каф бурида.
Чун бар кафи ӯ турунҷ диданд,
Аз ишқ чу нор мекафиданд.
Шуд Қайс ба ҷилвагоҳи ғунҷаш
Норанҷрух аз ғами турунҷаш.
Бурда зи димоғи дӯстон ранҷ
Хушбӯии он турунҷу норанҷ.
Чун якчанде бар ин баромад,
Афғон зи ду нозанин баромад.
Ишқ омаду кард хона холӣ,
Бардошта теғи лоуболӣ.
Ғам доду дил аз канорашон бурд,
В-аз дилшудагӣ қарорашон бурд.
З-он дил, ки ба якдигар бидоданд,
Дар маърази гуфтугӯ фитоданд.
Ин парда дарида шуд зи ҳар сӯй
В-он роз шунида шуд ба ҳар кӯй.
З-ин қисса, ки муҳкам ояте буд,
Дар ҳар даҳане ҳикояте буд.
Карданд ба ҳам басе мудоро,
То роз нагардад ошкоро.
Банди сари нофа гарчи хушк аст,
Бӯи хуши ӯ гувои мушк аст.
Боде, ки зи ошиқӣ асар дошт,
Бурқаъ зи ҷамоли ишқ бардошт.
Карданд шикеб, то бикӯшанд
В-он ишқи бараҳнаро бипӯшанд.
Дар ишқ шикеб кай кунад суд?
Хуршед ба гил нашояд андуд!
Чашме ба ҳазор ғамза ғаммоз,
Дар парда ниҳуфта чун бувад роз?
Зулфе ба ҳазор ҳалқа занҷир,
Ҷуз шефтадил шудан чӣ тадбир?
З-он пас чу ба ақл пеш диданд,
Дуздида ба рӯи хеш диданд.
Чун шефта гашт Қайсро кор,
Дар чанбари ишқ шуд гирифтор,
Аз ишқи ҷамоли он дилором
Нагрифт ба ҳеҷ манзил ором.
Дар суҳбати он нигори зебо
Мебуд,  валек ношикебо.

Якбора дилаш зи по дарафтод,
Ҳам хик дариду ҳам хар афтод.
Онон, ки науфтода буданд,
«Маҷнун» лақабаш ниҳода буданд.
Ӯ низ ба ваҷҳи бенавоӣ
Медод бар ин сухан гувоӣ.
Азбаски сухан ба таъна гуфтанд,
Аз шефта моҳи нав ниҳуфтанд.
Азбаски чу саг забон кашиданд,
З-оҳубара сабзаро буриданд.
Лайлӣ чу бурида шуд зи Маҷнун,
Мерехт зи дида дурри макнун.
Маҷнун чу надид рӯи Лайлӣ,
Аз ҳар мижае кушод сайле.
Мегашт ба гирди кӯю бозор,
Дар дида сиришку дар дил озор.
Мегуфт сурудҳои корӣ,
Мехонд чу ошиқон ба зорӣ.
Ӯ мешуду мезаданд ҳар кас
«Маҷнун! Маҷнун!..» зи пешу аз пас.
Ӯ низ фисор суст мекард,
Девонагие дуруст мекард.
Меронд харе ба гардани хурд,
Хар рафту ба оқибат расан бурд.
Дилро ба ду ним кард чун нор,
То дил ба ду ним хонадаш ёр.
Кӯшид, ки рози дил бипӯшад,
Бо оташи дил кӣ боз кӯшад?
Хуни ҷигараш ба рух баромад,
Аз дил бигузашту бар сар омад.
Ӯ дар ғами ёру ёр аз ӯ дур,
Дил пурғаму ғамгусор аз ӯ дур.
Чун шамъ ба тарки хоб гуфта,
Н-осуда ба рӯзу шаб нахуфта.
Мекушт зи дард хештанро,
Меҷуст давои ҷону танро.
Меканд бад-он умед ҷоне,
Мекӯфт саре бар остоне.
Ҳар субҳдаме шудӣ шитобон
Сарпойбараҳна дар биёбон.
Ӯ бандаи ёру ёр дар банд,
Аз якдигар ба бӯй хурсанд.

Ҳар шаб зи фироқ байтхонон
Пинҳон рафтӣ ба кӯи ҷонон.
Дар бӯса задию бозгаштӣ,
Бозомаданаш дароз гаштӣ.
Рафтан-ш беҳ аз шамол будӣ,
Бозомаданаш ба сол будӣ.
Дар вақти шудан ҳазор пар дошт,
Чун омад, хор бар гузар дошт.
Мерафт, чунон ки об дар чоҳ,
Меомаду сад гирева бар роҳ.
Пойобила чун ба ёр мерафт,
Бар маркаби роҳвор мерафт.
Бод аз пас дошт, чоҳ дар пеш,
К-омад ба ваболи хонаи хеш.
Гар бахт ба коми ӯ задӣ соз,
Ҳаргиз ба ватан наёмадӣ боз!

## ДАР СИФАТИ ИШҚИ МАҶНУН

Султони сарири субҳхезон,
Сархайли сипоҳи ашкрезон,
Мутвории роҳи дилнавозӣ,
Занҷирии кӯи ишқбозӣ,
Қонуни муғанниёни Бағдод,
Байёъи муомилони фарёд,
Табболи нафири оҳанин кӯс,
Рӯҳбони калисиёи афсӯс,
Ҷодуи ниҳуфта, деви пайдо,
Ҳорути мушаввашони шайдо,
Кайхусрави бекулоҳу бетахт,
Дилхушкуни сад ҳазор берахт,
Иқтоъдиҳи сипоҳи мӯрон,
Аврангнишини пушти гӯрон;
Дурроҷаи қалъаҳои васвос,
Дорандаи поси дайри бепос,
Маҷнуни ғарибу дилшикаста,
Дарёи зи ҷӯш нонишаста
Ёре ду-се дошт дилрамида,
Чун ӯ ҳама воқиарасида.
Бо он ду-се ёр ҳар саҳаргоҳ
Рафтӣ ба тавофи кӯи он моҳ.

Берун зи ҳисоби номи Лайлӣ
Бо ҳеҷ сухан надошт майле.
Ҳар кас, ки ҷуз ин сухан кушодӣ,
Нашнидию посухаш надодӣ.
Он кӯҳ, ки Наҷд буд номаш,
Лайлӣ ба қабила ҳаммақомаш,
Аз оташи ишқу дуди андӯҳ
Сокин нашудӣ, магар бар он кӯҳ.
Бар кӯҳ шудию мезадӣ даст
Афтон-хезон чу мардуми маст.
Овози нашид баркашидӣ,
Бехуд шуда, сӯ ба сӯ давидӣ.
В-он гаҳ мижаро пуроб кардӣ,
Бо боди сабо хитоб кардӣ,
К-эй боди сабо, ба субҳ бархез,
Дар домани зулфи Лайлӣ овез!
Гӯ: Он ки бабоддодаи туст,
Бар хоки раҳ уфтодаи туст,
Аз боди сабо дами ту ҷӯяд,
Бо хоки замин ғами ту гӯяд.
Боде бифиристаш аз диёрат,
Хокеш бидеҳ ба ёдгорат!
Ҳар к-ӯ на чу бод бар ту ларзад,
На бод, ки хок ҳам наярзад.
В-он кас, ки на ҷон ба ту супорад,
Он беҳ, ки зи ғусса ҷон барорад.
Гар оташи ишқи ту набудӣ,
Селоби ғамат маро рабудӣ.
В-ар оби ду дида нестӣ ёр,
Дил сӯхтӣ оташи ғамат зор.
Хуршед, ки ӯ ҷаҳонфурӯз аст,
Аз оҳи пуроташам ба сӯз аст.
Эй шамъи ниҳони хонаи ҷон,
Парвонаи хешро маранҷон!
Ҷоду чашми ту баст хобам,
То гашт чунин ҷигар кабобам.
Эй дарду ғами ту роҳати дил,
Ҳам марҳаму ҳам ҷароҳати дил!
Қанд аст лаби ту, ар тавонӣ,
Аз вай қадре ба ман расонӣ,
К-ошуфтагии маро дар ин банд
Маъҷуни муфарриҳ омад он қанд.

Ҳам чашми баде расид ногоҳ,
К-аз чашми ту уфтодам, эй моҳ!
Бас меваи обдори чолок,
К-аз чашми бад уфтод бар хок.
Ангушткаши замонааш кушт,
Захмест кушанда захми ангушт.
Аз чашмрасидагӣ, ки ҳастам,
Шуд чун ту расидае зи дастам.
Ниле, ки кашанд гирди рухсор,
Ҳаст аз паи чашмзахми ағёр.
Хуршед, ки нилгунҳуруф аст,
Ҳам чашмрасидаи кусуф аст.
Ҳар ганҷ, ки бурқаъе напӯшад,
Дар бурдани он ҷаҳон бикӯшад!

## РАФТАНИ МАҶНУН БА НАЗЗОРАИ ЛАЙЛӢ

Рӯзе, ки ҳавои парниёнпӯш
Халхоли фалак ниҳод дар гӯш,
Симоби ситораҳо дар он сарф
Шуд з-оташи Офтоб шангарф,
Маҷнуни рамидадил чу симоб
Бо он ду-се ёри нозбартоб
Омад ба диёри ёр пӯён,
«Лаббайк»-занону байтгӯён.
Мешуд суи ёри дилрамида
Пироҳани собирӣ дарида.
Мегашт ба гирди хирмани дил,
Медӯхт дарида домани дил.
Мерафт давон чу мардуми маст,
Мезад ба сару ба рӯй - бар даст.
Чун кори дилаш зи даст бигзашт,
Бар хиргаҳи ёр маст бигзашт.
Бар расми араб нишаста он моҳ,
Барбаста зи дар шиканҷи хиргоҳ.
Он дид дар ину ҳасрате х(в)ард
В-ин дид дар ону навҳае кард.
Лайлӣ чу ситора дар аморӣ,
Маҷнун чу фалак ба пардадорӣ.
Лайлӣ калабанд боз карда,
Маҷнун гилаҳо дароз карда.

Лайлӣ зи хурӯш чангдарбар,
Маҷнун чу рубоб дастбарсар.
Лайлӣ на, ки субҳи гетиафрӯз,
Маҷнун, на ки шамъи хештансӯз.
Лайлӣ ба гузор боғ дар боғ,
Маҷнун, ғалатам, ки доғ бар доғ.
Лайлӣ чу қамар ба равшанӣ чуст,
Маҷнун чу қасаб баробараш суст.
Лайлӣ ба дарахти гул нишондан,
Маҷнун ба нисори дур фишондан.
Лайлӣ, чӣ сухан?! Париваше буд.
Маҷнун, чӣ ҳикоят?! Оташе буд!
Лайлӣ сумани хазоннадида,
Маҷнун чамани хазонрасида.
Лайлӣ дами субҳ пеш мебурд,
Маҷнун чу чароғ пеш мемурд.
Лайлӣ ба карашма зулфбардӯш,
Маҷнун ба вафош ҳалқабаргӯш.
Лайлӣ ба сабӯҳи ҷоннавозӣ,
Маҷнун ба самоъи хирқабозӣ.
Лайлӣ зи дарун паранд медӯхт,
Маҷнун зи бурун сипанд месӯхт.
Лайлӣ чу гули шукуфта меруст,
Маҷнун ба гулоб дида мешуст.
Лайлӣ сари зулф шона мекард,
Маҷнун дури ашк дона мекард.
Лайлӣ маи мушкбӯй дар даст,
Маҷнун на зи май, зи бӯи май маст.
Қонеъ шуда ин аз он ба бӯе
В-он розӣ аз ин ба ҷустуҷӯе!
Аз бими таҷассуси рақибон
Созанда зи дур чун ғарибон,
То чарх бад-ин баҳона бархост,
К-он як назар аз миёна бархост.

## РАФТАНИ ПАДАРИ МАҶНУН БА ХОСТГОРИИ ЛАЙЛӢ

Чун роҳи диёри дӯст бастанд,
Бар ҷӯи бурида пул шикастанд.
Маҷнун зи машаққати ҷудоӣ
Кардӣ ҳама шаб ғазалсароӣ.

Ҳар дам зи диёри хеш пӯён,
Бар Наҷд шудӣ сурудгӯён.
Ёре ду-се аз пас уфтода,
Чун ӯ ҳама уру саркушода.
Савдозадаи замона гашта,
Дар расвоӣ фасона гашта.
Хешон ҳама дар шикояти ӯ,
Ғамгин падар аз ҳикояти ӯ.
Пандаш доданду панд нашнид,
Гуфтанд фасона чанд, нашнид.
Панд арчи ҳазор судманд аст,
Чун ишқ омад, чӣ ҷои панд аст!
Мискин падараш бимонда дар банд,
Ранҷурдил аз барои фарзанд.
Дар пардаи он хаёлбозӣ
Бечора шуда зи чорасозӣ.
Пурсид зи маҳрамони хона,
Гуфтанд якояк ин фасона,
К-ӯ дил ба фалон арӯс додаст,
К-аз парда чунин бадар фитодаст.
Чун қисса шунид, қасди он кард,
К-аз чеҳраи гул фишонад он гард.
Он дур, ки ҷаҳон бад-ӯ фурӯзад,
Бар тоҷи муроди худ бидӯзад.
Он зинати қавмро ба сад зайн
Хоҳад зи барои қурратулъайн.
Пирони қабила низ яксар
Бастанд бад-он мурод маҳзар,
К-он дурри насуфтаро дар он суфт
Бо гавҳари тоқи худ кунад ҷуфт.
Якрӯя шуд он гурӯҳро рой,
К-оҳанги сафар кунанд аз он ҷой.
Аз роҳи никоҳ, агар тавонанд,
Он шефтаро ба маҳ расонанд.
Чун саййиди омирӣ чунон дид,
Аз гиря гузашту бозхандид.
Бо анҷумане бузург бархост,
Кард аз ҳама рӯй барги раҳ рост.
Ороста бо чунон гурӯҳе
Мерафт ба беҳтарин шукӯҳе.
Чун аҳли қабилаи дилором
Огоҳ шуданд хос то ом,

Рафтанд бурун ба мизбонӣ,
Аз роҳи вафову меҳрубонӣ.
Дар манзили меҳр пай фишурданд,
В-он нузл, ки буд, пеш бурданд.
Бо саййиди омирӣ ба як бор
Гуфтанд: «Чӣ ҳоҷат аст, пеш ор!
Мақсуд бигӯ, ки пос дорем,
Дар додани он сипос дорем!»
Гуфто, ки муродам ошноист,
Он ҳам зи паи ду рӯшноист!
В-он гаҳ падари арӯсро гуфт,
К-ороста бод ҷуфт бо ҷуфт!
Хоҳам ба тариқи меҳру пайванд
Фарзанди туро зи баҳри фарзанд,
К-ин ташнаҷигар, ки регзор аст,
Бар чашмаи ту назар ниҳодаст.
Ҳар чашма, ки оби лутф дорад,
Чун ташна хурад, ба ҷон гуворад.
З-ин сон ки ман ин мурод ҷӯям,
Хиҷлат набарам, ба он чи гӯям.
Маъруфтарини ин замона
Донӣ, ки манам дар ин миёна?!
Ҳам ҳашмату ҳам хазина дорам,
Ҳам олати меҳру кина дорам.
Ман дурхараму ту дурфурӯшӣ,
Бифрӯш матоъ, агар баҳушӣ!
Чандон ки баҳо кунӣ падидор,
Ҳастам ба зиёдатӣ харидор!
Ҳар накд, ки он бувад баҳоӣ,
Бифрӯш, чу омадаш равоӣ!
Чун гуфта шуд ин ҳадиси фаррух,
Додаш падари арӯс посух,
К-ин гуфта на бар қарори хеш аст,
Мегӯ ту, фалак ба кори хеш аст!
Гарчи сухан обдор бинам,
Бар оташи тез кай нишинам?!
Гар дӯстие дар ин шумор аст,
Душманкомиш сад ҳазор аст.
Фарзанди ту гарчи ҳаст бадром,
Фаррух набувад, чу ҳаст худком.
Девонагие ҳаменамояд,
Девона ҳарифи мо нашояд!

Аввал ба дуо иноятe кун,
В-он гаҳ зи вафо ҳикоятe кун!
То ӯ нашавад дурустгавҳар,
Ин қисса нагуфтанист дигар!
Гавҳар ба халал харид натвон,
Дар ришта халал кашид натвон.
Донӣ, ки араб чӣ айбҷӯянд,
Ин кор кунам, маро чӣ гӯянд?
Бо ман бикун ин сухан фаромӯш,
Хатм аст бар ину гашт хомӯш.
Чун омириён сухан шуниданд,
Ҷуз бозшудан даре надиданд.
Навмед шуда зи пеш рафтанд,
Озурда ба ҷои хеш рафтанд.
Ҳар як чу ғариби ғамрасида
Аз роҳи забон ситамрасида,
Машғул бад-он ки ганҷ бозанд,
В-он шефтаро илоҷ созанд?
В-он гаҳ ба насиҳаташ нишонданд,
Бар оташ хор мефишонданд,
К-ин ҷо беҳ аз он арӯси дилбар
Ҳастанд бутони рӯҳпарвар.
Ёқутлабони дурбуногӯш,
Ҳам ғолияпошу ҳам қасабпӯш.
Ҳар як ба қиёс чун нигоре,
Оростатар зи навбаҳоре.
Дар пеши сад ошно, ки ҳастӣ,
Бегона чаро ҳамепарастӣ?
Бигзор, к-аз ин ҳуҷастаномон
Хоҳем туро буте хиромон.
Ёре, ки дили туро навозад,
Чун шаккару шир бо ту созад.
Лайлӣ на, ки ҷони туст, хомӯш,
Он беҳ, ки варо кунӣ фаромӯш!

## ЗОРӢ КАРДАНИ МАҶНУН ДАР ИШҚИ ЛАЙЛӢ

Маҷнун чу шунид панди хешон,
Аз талхии панд шуд парешон.
Зад дасту дарид пираҳанро,
К-ин мурда чӣ мекунад кафанро?

Он, к-аз ду ҷаҳон бурун кашад тахт,
Дар пираҳане куҷо кашад рахт?
Чун Вомиқ аз орзуи Азро
Гаҳ кӯҳ гирифту гоҳ саҳро.
Туркона зи хона рахт барбаст,
Дар кӯчгаҳи раҳил биншаст.
Дурроъа дариду диръ медӯхт,
Занҷир буриду банд месӯхт.
Мегашт зи дур чун ғарибон
Доман бидарида то гиребон.
Бар куштани хеш гашта волӣ,
«Лоҳавла» аз ӯ ба ҳар ҳаволӣ.
Девонасифат шуда ба ҳар кӯй,
«Лайлӣ, Лайлӣ!» - занон ба ҳар сӯй.
Эҳромдарида, саркушода,
Дар кӯи маломат уфтода.
Бо неку баде, ки буд, дарсохт,
Нек аз баду бад зи нек нашнохт.
Мехонд нашиди меҳрубонӣ
Бар шавқи ситораи ямонӣ.
Ҳар байт, ки омад аз забонаш,
Бар ёд гирифт ину онаш.
Ҳайрон шуда ҳар касе дар он пай,
Медиду ҳамегирист бар вай.
Ӯ фориғ аз он ки мардумӣ ҳаст,
Ё бар ҳарфаш касе ниҳад даст.
Ҳарф аз вараќи ҷаҳон сутурда,
Мебуд на зиндаву на мурда.
Бар санг фитода хор чун гил,
Санги дигараш ниҳода бар дил.
Софитани ӯ чу дурд гашта,
Дар зери ду санг хурд гашта.
Чун шамъ ҷигаргудоз монда,
Ё мурғи зи ҷуфт бозмонда.
Дар дил ҳама доғи дарднокӣ,
Бар чеҳра ғуборҳои хокӣ.
Чун монда шуд аз азобу андӯҳ,
Саҷҷода бурун фиканд аз анбӯҳ.
Биншасту ба ҳой-ҳой бигрист,
К-овах, чӣ кунам, давои ман чист?
Овора зи хонумон чунонам,
К-аз кӯй ба хона раҳ надонам:

На бар дари дайри худ панохе,
На бар сари кӯи дӯст роҳе.
Қарробаи ному шишаи нанг
Афтоду шикаст бар сари санг.
Шуд табли башоратам дарида,
Ман табли раҳил баркашида.
Гоҳам ба фусӯс маст хонанд,
Гаҳ ошиқи бутпараст хонанд.
Чун зар, манигар, ки гилпарастам,
Гулбардастам, на гилбадастам.
Турке, ки шикори ланги ӯям,
Омочгаҳи хаданги ӯям,
Ёре, ки зи ҷон мутеъам ӯро,
Дар додани ҷон шафеъам ӯро.
Гар мастам хонд ёр, мастам,
В-ар шефта гуфт, низ ҳастам.
Чун шефтагию мастиям ҳаст,
Дар шефта дил маҷӯю дар маст.
Ошуфта чунон наям ба тақдир,
К-осуда шавам ба ҳеҷ занҷир.
Вайрон на чунон шудаст корам,
К-ободии хеш чашм дорам.
Эй кош, ки бар ман уфтодӣ
Боде, ки маро ба бод додӣ!
Ё соиқае даромадӣ сахт,
Ҳам хона бисӯхтию ҳам рахт.
Кас нест, ки оташе дарорад,
Дуд аз ману ҷони ман барорад.
Андозад дар дами наҳангам,
То бозраҳад ҷаҳон зи нангам.
Аз нохалафӣ, ки дар замона-м,
Девонаи халқу деви хона-м.
Хешони маро зи хӯи ман хор,
Ёрони маро зи номи ман ор.
Хунрези мани хароби хаста
Ҳаст аз дияту қисос раста.
Эй ҳамнафасони маҷлису руд,
Бадруд шавед ҷумла, бадруд,
К-он шишаи май, ки буд дар даст,
Афтода шуд, обгина бишкаст.
Гар дар раҳам обгина шуд хурд,
Сел омаду обгинаро бурд.

То ҳар ки ба ман расид рояш,
Н-озорад аз обгина пояш.
Эй бехаборон зи дарду оҳам,
Хезеду раҳо кунед роҳам!
Ман гумшудаам, маро маҷӯед,
Бо гумшудагон сухан магӯед.
То кай ситаму ҷафо кунедам?!
Бо меҳнати худ раҳо кунедам.
Берун макунед аз ин диёрам,
Ман худ ба гурехтан саворам.
Аз пой фитодаам зи тадбир,
Эй дӯст, биёву дасти ман гир.
Ин хаста, ки дилсупурдаи туст,
Зинда ба ту беҳ, ки мурдаи туст.
Бинвоз ба лутф як саломам,
Ҷон тоза намо ба як паёмам.
Девона манам ба рою тадбир,
Дар гардани ту чарост занҷир?
Дар гардани худ расан маяфкан,
Ман, беҳ, бошам расанбагардан.
Зулфи ту дарид, ҳар чӣ дил дӯхт,
Ин пардадарӣ варо кӣ омӯхт?
Дил бурдани зулфи ту на зӯр аст.
Ӯ ҳиндуву рӯзгор кӯр аст.
Коре бикун, эй нишони корам,
З-ин чаҳ, ки фурӯ шудам, барорам.
Ё даст бигир аз ин фусӯсам,
Ё пой бидор, то бибӯсам.
Бекор наметавон нишастан,
Дар кунҷ хатост даст бастан.
Бе раҳматам инчунин чӣ мондӣ?
«Ирҳам-турҳам» магар нахондӣ?
Осуда, ки ранҷ бар надорад,
Аз ранҷурон хабар надорад.
Сере, ки ниҳад гуруснаро хон,
Хурдак шиканад ба коса-дар нон.
Онрост хабар аз оташи гарм.
К-ӯ даст дар ӯ занад баозарм?!
Эй ҳам ману ҳам ту одамизод,
Ман хори хасак, ту шохи шамшод.
Зарних чу зар куҷо азиз аст?
З-он як ман, аз ин ба як пашиз аст.

Эй роҳати ҷони ман, куҷоӣ?
Дар бурдани ҷони ман чароӣ?
Ҷурми дили узрхоҳи ман чист?
Ҷуз дӯстият гуноҳи ман чист?
Як шаб зи ҳазор шаб маро бош,
Як рои савоб, гӯ, хато бош.
Гардан макаш аз ризои ин кор,
Дар гардани ман хатои ин кор.
Ин камзадаро, ки ном кам нест,
Озарми ту ҳаст, ҳеҷ ғам нест.
Сафрои ту гар машомсӯз аст,
Лутфат зи паи кадом рӯз аст?
Гар чашми ту оташе занад тез,
Обе зи сиришки ман ба ӯ рез!
Эй моҳи навам ситораи ту,
Ман шефтаи назораи ту!
Беҳ, гар ба туам наменавозанд,
К-ошуфтаву моҳи нав насозанд.
Аз соя нишони ту напурсам.
К-аз сояи хеш мебитарсам.
Ман кори туро ба соя дида,
Ту соя зи кори ман бурида.
Бурдӣ дилу ҷонам, ин чӣ шӯр аст?
Ин бозӣ нест, дасти зӯр аст.
Аз ҳосили ту, ки ном дорам,
Беҳосилии тамом дорам.
Бар васли ту гарчи нест дастам,
Ғам нест, чу бар умед ҳастам.
Гар бинад тифли ташна дар хоб,
К-ӯро ба сабӯи зар диҳанд об,
Лекин чу зи хоби хуш барояд,
Ангушт зи ташнагӣ бихояд.
Поям чу ду «лом» хампазир аст,
Дастам чу ду «ё» шиканҷагир аст.
Номи ту маро чу ном дорад,
К-ӯ низ ду «ё», ду «лом» дорад.
Ишқи ту зи дил ниҳоданӣ нест
В-ин роз ба кас кушоданӣ нест!
Бо шир ба тан фурӯ шуд ин роз,
Бо ҷон бадар ояд аз танам боз!»
Ин гуфту фитод бар сари хок,
Наззорагиён шуданд ғамнок.

Гаштанд ба лутф чорасозаш,
Бурданд ба сӯи хона бозаш.
Ишқе, ки на ишқи ҷовидонист,
Бозичаи шаҳвати ҷавонист.
Ишқ он бошад, ки кам нагардад,
То бошад, аз ин қадам нагардад.
Он ишқ, на сарсарӣ хаёл аст,
К-ӯро абадулабад завол аст.
Маҷнун, ки баландноми ишқ аст,
Аз маърифати тамоми ишқ аст.
То зинда ба ишқ боркаш буд,
Чун гул ба насими ишқ х(в)аш буд.
В-акнун, ки гулаш раҳилёб аст,
Он қатра, ки монд аз ӯ, гулоб аст.
Ман низ бад-он гулоби хушбӯй
Хуш мекунам оби худ дар ин ҷӯй!

## БУРДАНИ ПАДАР МАҶНУНРО БА ХОНАИ КАЪБА

Чун рояти ишқи он ҷаҳонгир
Шуд чун маҳи Лайлӣ осмонгир,
Ҳар рӯз ҳамиданомтар гашт,
Дар шефтагӣ тамомтар гашт.
Ҳар шефтагӣ, к-аз он навард аст,
Занҷирбури судоъи мард аст.
Бардошта дил зи кори ӯ бахт,
Дармонда падар ба кори ӯ сахт.
Мекард ниёиш аз сари сӯз,
То з-он шаби тира бардамад рӯз.
Ҳоҷатгоҳе нарафта нагзошт,
Илло, ки бирафту даст бардошт.
Хешон ҳама дар ниёз бо ӯ,
Ҳар як шуда чорасоз бо ӯ.
Бечорагии варо чу диданд,
Дар чорагарӣ забон кашиданд.
Гуфтанд ба иттифоқ яксар,
К-аз Каъба кушода гардад ин дар.
Ҳоҷатгаҳи ҷумлаи ҷаҳон ӯст,
Меҳроби замину осмон ӯст.
Пазруфт, ки мавсими ҳаҷ ояд,
Тартиб кунад, чунон ки бояд.

Чун мавсими ҳаҷ расид, бархост,
Уштур талабиду маҳмил орост.
Фарзанди азизро ба сад ҷаҳд
Биншонд чу моҳ дар яке маҳд.
Омад суи Каъба сина пурҷӯш,
Чун Каъба ниҳод ҳалқа бар гӯш.
Гавҳар ба миёни зар баромехт,
Чун рег бар аҳли рег мерехт.
Шуд дар раҳаш аз басе хизона
Он хонаи ганҷ ганҷхона.
Он дам ки ҷамоли Каъба дарёфт,
Дар ёфтани мурод биштофт.
Бигрифт ба рифқ дасти фарзанд,
Дар сояи Каъба дошт якчанд.
Гуфт:– «Эй писар, ин на ҷои бозист,
Биштоб, ки ҷои чорасозист!
Дар ҳалқаи Каъба ҳалқа кун даст,
К-аз ҳалқаи ғам бад-ӯ тавон раст.
Гӯ:– «Ё раб, аз ин гизофкорӣ
Тавфиқ деҳам ба растгорӣ!
Раҳмат куну дар паноҳам овар,
З-ин шефтагӣ ба роҳам овар!
Дарёб, ки мубталои ишқам
В-озод кун аз балои ишқам!»
Маҷнун чу ҳадиси ишқ бишнид,
Аввал бигирист, пас бихандид.
Аз ҷой чу мори ҳалқа барҷаст,
Дар ҳалқаи зулфи Каъба зад даст.
Мегуфт гирифта ҳалқа дар бар,
К-имрӯз манам чу ҳалқа бар дар.
Дар ҳалқаи ишқ ҷон фурӯшам,
Бе ҳалқаи ӯ мабод гӯшам!
Гӯянд:– «Зи ишқ кун ҷудоӣ,
К-ин аст тариқи ошноӣ!»
Ман қут зи ишқ мепазирам,
Гар мирад ишқ, ман бимирам!
Парвардаи ишқ шуд сириштам,
Ҷуз ишқ мабод сарнавиштам!
Он дил, ки бувад зи ишқ холӣ,
Селоби ғамаш барод ҳолӣ!

Ё раб, ба худоии худоит
В-он гаҳ ба камоли подшоит,
К-аз ишқ ба ғояте расонам,
К-ӯ монад, агарчи ман намонам!
Аз чашмаи ишқ деҳ маро нур
В-ин сурма макун зи чашми ман дур!
Гарчи зи шароби ишқ мастам,
Ошиқтар аз ин кунам, ки ҳастам!
Гӯянд, ки хӯ зи ишқ во кун,
Лайлиталабӣ зи дил раҳо кун!
Ё раб, ту маро ба рӯи Лайлӣ
Ҳар лаҳза бидеҳ зиёда майле!
Аз умри ман он чи ҳаст барҷой,
Бистону ба умри Лайлӣ афзой!
Гарчи шудаам чу мӯяш аз ғам,
Як мӯй нахоҳам аз сараш кам!
Аз ҳалқаи ӯ ба гӯшмолӣ
Гӯши адабам мабод холӣ,
Бе бодаи ӯ мабод ҷомам,
Бе сиккаи ӯ мабод номам,
Ҷонам фидии ҷамол бодаш,
Гар хун хурадам, ҳалол бодаш!
Гарчи зи ғамаш чу шамъ сӯзам,
Ҳам бе ғами ӯ мабод рӯзам!
Ишқе, ки чунин ба ҷои х(в)ад бод,
Чандон ки бувад, яке ба сад бод!»
Медошт падар ба сӯи ӯ гӯш,
К-ин қисса шунид, гашт хомӯш.
Донист, ки дил асир дорад,
Дарде на давопазир дорад.
Чун рафт ба хона сӯи хешон,
Гуфт, он чи шунид, пеши эшон,
К-ин силсилае, ки банд бишкаст,
Чун ҳалқаи Каъба дид дар даст.
З-ӯ замзамае шунид гӯшам,
К-овард чу Замзаме ба ҷӯшам.
Гуфтам магар он саҳифа хонад,
К-аз меҳнати Лайлияш раҳонад.
Ӯ худ ҳама кому рои ӯ гуфт,
Нафрини худу дуои ӯ гуфт.

## ОГОҲИИ ПАДАРИ МАҶНУН АЗ ҚАСДИ ҚАБИЛАИ ЛАЙЛӢ

Чун гашт ба олам ин сухан фош,
Афтод варақ ба дасти авбош,
К-аз ғояти ишқи дилситоне
Шуд шефта нозанин ҷавоне.
Ҳар неку баде, к-аз ӯ шуниданд,
Дар неку баде забон кашиданд.
Лайлӣ зи гизофи ёфагӯён
Дар хонаи ғам нишаст мӯён.
Шахсе ду зи хайли он ҷамила
Гуфтанд ба шоҳи он қабила,
К-ошуфта ҷавоне аз фалон дашт
Бадномкуни диёри мо гашт.
Ояд ҳама рӯз саркушода,
Ҷавқе чу саг аз пай уфтода.
Дар ҳуллаи мо зи роҳи афсӯс
Гаҳ рақс кунад, гаҳе замин бӯс.
Ҳар дам ғазале дигар кунад соз,
Ҳам хушғазал асту ҳам хушовоз.
Бар ҳар ғазале, ки месарояд,
Сад пардадарӣ ҳаменамояд.
Ӯ гӯяду халқ ёд гиранд,
Морову туро ба бод гиранд.
Лайлӣ зи нафири ӯ ба доғ аст,
К-ин бод ҳалоки он чароғ аст.
Бинмой ба қаҳр гӯшмолаш,
То боз раҳад маҳ аз ваболаш.
Чун огаҳ гашт шаҳна з-ин ҳол,
Дузд обилапою шаҳна қаттол,
Шамшер кашиду дод тобаш,
Гуфто, ки бад-ин диҳам ҷавобаш!
Аз омириён яке хабар дошт,
Ин қисса ба ҳайййи хеш бардошт,
Бо саййиди омирӣ дар он боб
Гуфт:– «Офати норасида дарёб,
К-он шаҳнаи ҷонситони хунрез
Обе тунд асту оташе тез!
Тарсам, Маҷнун хабар надорад,
Он гаҳ дорад, ки сар надорад.
З-он чоҳи кушодасар, ки пеш аст,
Дарёфтанаш ба ҷои хеш аст».

Саргашта падар зи меҳрубонӣ
Барҷаст ба шафқате, ки донӣ.
Фармуд ба дӯстони ҳамзод,
То бар паи ӯ раванд чун бод.
Он сӯхтаро ба дилнавозӣ
Оранд зи роҳи чорасозӣ.
Ҳар сӯ ба талаб шитофтандаш,
Ҷустанд, вале наёфтандаш.
Гуфтанд:– «Магар к-аҷал расидаш
Ё чанги дарандае даридаш?»
Ҳар дӯсте аз қабилагоҳе
Мехӯрд дареғу мезад оҳе.
Гирён ҳама аҳли хонаи ӯ
Аз гум шудани нишонаи ӯ.
В-он гӯшанишини гӯшсуфта
Чун ганҷ ба гӯшае ниҳуфта.
Аз машғалаҳои ҷӯш бар ҷӯш
Ҳам гӯша гирифта буду ҳам гӯш.
Дар тарфи чунон шикоргоҳе
Хурсанд шуда ба гарди роҳе.
Гурге, ки ба зӯри шер бошад,
Рӯбаҳ беҳ аз ӯ, чу сер бошад.
Бозе, ки нашуд ба хӯрд муҳточ,
Рағбат накунад ба ҳеч дурроҷ.
Хушгор гуруснаро кулича-ст,
Бо серӣ нони майда ҳеҷ аст.
Чун табъ ба иштиҳо шавад гарм,
Говарси дуруштро кунад нарм.
Ҳалво, ки таоми нӯшбаҳр аст,
Дар ҳайза хурӣ, ба ҷои заҳр аст!
Маҷнун, ки зи нӯш буд бебаҳр,
Мехӯрд наволаҳои чун заҳр.
Медод зи роҳи бенавоӣ
Колои касодро равоӣ.
На, на, ғами ӯ на ончунон буд,
К-аз ғояти ӯ ғамӣ тавон буд,
К-он ғам, ки бад-ӯ барот медод,
Аз банди худаш наҷот медод.
Дар ҷустани ганҷ ранҷ мебурд,
Бе он ки раҳе ба ганҷ мебурд.
Шахсе зи қабилаи банӣ Саъд
Бигзашт бар ӯ чу толеи саъд.

Дидаш ба канораи саробе
Афтода хароб дар харобе,
Чун лангари байти хештан ланг,
Маъниш фароху қофия танг!
Яъне, ки касе надорад аз пас,
Беқофият аст мард бекас.
Чун толеъи хештан камонгир,
Дар саҷда камону дар вафо тир.
Яъне, ки ваболашон нишон дошт,
К-омезиши тир дар камон дошт.
Ҷуз нола касе надошт ҳамдам,
Ҷуз соя касе наёфт маҳрам.
Марди гузаранда чун дар ӯ дид,
Шаклею шамоиле накӯ дид.
Пурсид сухан зи ҳар шуморе,
Ҷуз хомушияш надид коре.
Чун аз суханаш умед бардошт,
Бигзашту варо ба ҷой бигзошт.
З-он ҷо ба диёри ӯ гузар кард,
З-ӯ аҳли қабиларо хабар кард,
К-инак ба фалон харобии танг
Мепечад ҳамчу мор бар санг,
Девонаву дардманду ранҷур,
Чун дев зи чашми одамӣ дур.
Аз хӯрдани захм суфта ҷонаш,
Пайдо шуда мағзи устухонаш.
Бечора падар чу з-ӯ хабар ёфт,
Рӯ аз ватану қабила бартофт.
Мегашт чу дев гирди ҳар ғор,
Девонаи хешро талабгор.
Дидаш ба рифоқ, гӯшае танг
Афтодаву сар ниҳода бар санг.
Бо худ ғазале ҳамесиголид,
Гаҳ навҳа намуду гоҳ нолид.
Хуноби ҷигар зи дида резон,
Чун бахти худ уфтону хезон.
Аз бодаи бехудӣ чунон маст,
К-огаҳ на,ки дар ҷаҳон касе ҳаст.
Чун дид падар, салом додаш,
Пас дилхушии тамом додаш.
Маҷнун чу салобати падар дид,
Дар пои падар чу соя ғалтид,

К-эй тоҷи сару сарири ҷонам,
Узрам бипазир, нотавонам!
Мебину мапурс ҳолатамро,
Мекун ба қазо ҳаволатамро!
Чун хоҳам, чун ки дар чунин сӯз
Чашми ту бибинадам бад-ин рӯз!
Аз омадани ту рӯсиёҳам,
Узрат ба кадом рӯй хоҳам?!
Донӣ, ки ҳисоби кор чун аст?!
Сарришта зи дасти мо бурун аст?!

## ПАНД ДОДАНИ ПАДАР МАҶНУНРО

Чун дид падар ба ҳоли фарзанд,
Оҳе бизаду амома бифканд.
Нолид чу мурғи субҳгоҳӣ,
Рӯзаш чу шабе шуд аз сиёҳӣ.
Гуфт: «Эй вараќи шиканҷдида,
Чун дафтари гул варақдарида!
Эй шефта, чанд беқарорӣ?!
В-эй сӯхта, чанд хомкорӣ?!
Чашми кӣ расид дар ҷамолат?
Нафрини кӣ дод гӯшмолат?
Хуни кӣ гирифт гарданатро?
Хори кӣ халид доманатро?
Аз кор шудӣ, ки корат афтод?
Дар дида кадом хорат афтод?
Шӯрида бувад, на чун ту бадбахт,
Сахтиш расад, на инчунин сахт.
Монда нашудӣ зи ғам кашидан
В-аз таънаи душманон шунидан?!
Дилсер нагаштӣ аз маломат,
Зинда нашудӣ бад-ин қиёмат?
Бас кун ҳавасе , ки пеш бурдӣ,
К-оби ману санги хеш бурдӣ!
Дар хиргаҳи кори хурдакорӣ
Айбест бузург беқарорӣ!
Айб арчи даруни пӯст беҳтар,
Ойинаи дӯст дӯст беҳтар.
Ойина зи рӯи рострӯӣ
Бинмояд айб, то бишӯӣ.

Ойина зи хубу зишт пок аст,
Ин таъбия хоназои хок аст.
Биншину зи дил раҳо кун ин дард,
Он беҳ, ки накӯбӣ оҳани сард.
Гирам, ки надорӣ он сабурӣ,
К-аз дӯст кунӣ ба сабр дурӣ.
Охир кам аз он,  ки гоҳ-гоҳе
Оию ба мо кунӣ нигоҳе.
Ҳар кас ба ҳавои дил таке ронд,
Аз баҳри гурехтан таке монд.
Бе бода кифоят  аст мастӣ!
Бе орзу – орзупарастӣ!
Ту рафта, ба бод дода хирман,
Ман монда чунин ба коми душман.
То дар ману дар ту сиккае ҳаст,
Ин сиккаи бад раҳо кун аз даст!
Ту руд занию ман занам рон,
Ту ҷома дарию ман дарам ҷон.
Ишқ ар зи ту оташе барафрӯхт,
Дил сӯхт туро, маро ҷигар сӯхт.
Навмед машав зи чора ҷустан,
К-аз дона шигифт нест рустан.
Коре, ки на з-ӯ умед дорӣ,
Бошад сабаби умедворӣ?!
Дар навмедӣ басе умед аст,
Поёни шаби сияҳ сапед аст!
Бо давлатиён нишину бархез,
З-ин бахти гурезпой  бигрез!
Овора мабод давлат аз даст,
Чун давлат ҳаст, коми дил ҳаст!
Давлат сабаби гиреҳкушоист,
Пирӯзаи хотами худоист.
Фатҳе, ки ба ду ҷаҳон кушоданд,
Дар домани давлаташ ниҳоданд.
Гар сабр кунӣ, ба сабр бешак
Давлат ба ту ояд андак-андак.
Дарё, ки чунин фарохрӯй аст,
Полоиши қатраҳои ҷӯй аст.
В-он кӯҳи баланд, к-абрнок аст,
Ҷамъомада резаҳои хок аст.
Ҳон, то нашавӣ ба собирӣ суст,
Гавҳар ба диранг метавон ҷуст!

Берой машав, ки марди берой
Бепоя бувад чу кирми бепой.
Рӯбоҳ зи гург баҳра з-он бурд,
К-ин рои бузург дорад, он хурд.
Дилро ба касе чӣ боядат дод,
К-ӯ н-оварадат ба солҳо ёд?
Ӯ бе ту чу гул, ту пой дар гил,
Ӯ сангдилу ту санг бар дил.
Гар бо ту ҳадиси ӯ бигӯянд,
Расвоии кори ту биҷӯянд.
Заҳрест ба қаҳри нафс додан
Каждумзадаро карафс додан.
Машғул шав, эй писар, ба коре,
То бигзарӣ аз чунин шуморе!
Ҳинду зи чӣ мағзи пил хорад?
То Ҳиндустон ба ёд н-орад.
Ҷонию азизтар зи ҷонӣ,
Дар хона бимон, ки хонумонӣ!
Аз кӯҳ гирифтанат чӣ хезад,
Ҷуз об, ки он зи рӯй резад?
Ҳам санг дар ин раҳ асту ҳам чоҳ,
Медор зи ҳар ду чашм бар роҳ!
Мастез, ки шаҳна дар камин аст,
Занҷир мабур, ки оҳанин аст!
Ту тифли раҳию фитна раҳдор,
Шамшер бибину сар нигаҳ дор!
Пеш ор зи дӯстон тане чанд,
Хуш бош ба рағми душмане чанд!»

## ҶАВОБ ДОДАНИ МАҶНУН ПАДАРРО

Маҷнун ба ҷавоби он шакаррез
Бикшод лаби табарзадангез.
Гуфт: «Эй фалаки шукӯҳмандӣ,
Болотарат аз фалак баландӣ!
Шоҳи даману раиси атлол,
Рӯи араб аз ту анбаринхол.
Даргоҳи ту қиблаи суҷудам,
Зинда ба вуҷуди ту вуҷудам.

Хоҳам, ки ҳамеша зинда монӣ,
Худ бе ту мабод зиндагонӣ!
З-ин панд хазинае, ки додӣ,
Бар сӯхта марҳаме ниҳодӣ.
Лекин чӣ кунам мани сияҳрӯй,
К-афтода, ба худ наям дар ин кӯй?!
З-ин раҳ, ки на бар қарори хешам,
Донӣ, на ба ихтиёри хешам?!
Ман баставу бандам оҳанин аст,
Тадбир чӣ суд, қисмат ин аст!
Ин банд зи худ кушод натвон
В-ин бор зи худ ниҳод натвон!
Ин соиқа, к-ӯ фитод бар ман,
Сӯзад на яке, ҳазор хирман.
Танҳо на манам ситамрасида,
Ку дида, ки сад чу ман надида?
Соя на ба худ фитод дар чоҳ,
Бар авҷ ба хештан нашуд Моҳ.
Аз пайкари пил то пари мӯр
Кас нест, ки нест бар вай ин зӯр.
Гар кор ба хости халқ будӣ,
Нохоста кас наёзмудӣ.
Санг аз дили танги ман бикоҳад,
Дилтангии хештан кӣ хоҳад?
Бахти бади ман маро биҷӯяд,
Бадбахтиро зи худ кӣ шӯяд?
Гар дастрасе будӣ дар ин роҳ,
Ман будаме Офтоб ё Моҳ.
Чун кор ба ихтиёри мо нест,
Беҳ кардани кор кори мо нест.
Хушдил назиям мани балокаш
В-он кист, ки дорад ӯ дили х(в)аш?
Хунрез чу реши донарезам,
Саргашта чу гарди хонахезам.
Чун барқ зи ханда лаб бибандам,
Тарсам, ки бисӯзам, ар бихандам.
Гӯянд маро:– «Чаро нахандӣ?
Гиряст нишони дардмандӣ?»
Тарсам, чу нишоти ханда хезад,
Сӯз аз даҳанам бурун гурезад.

## ҲИКОЯТ

Кабке ба даҳан гирифт мӯре,
Мекард бар он заъиф зӯре.
Зад қаҳқаҳа мӯр бекароне,
К-эй кабк, ту инчунин надонӣ?
Шуд кабки дарӣ зи қаҳқаҳа суст,
К-ин пешаи ман на пешаи туст!
Чун қаҳқаҳа кард кабк ҳолӣ,
Минқор зи мӯр кард холӣ.
Ҳар қаҳқаҳа, к-инчунин занад мард,
Шак на, ки шукӯҳ аз ӯ шавад фард.
Ханда, ки на дар мақоми хеш аст,
Дархурди ҳазор гиря беш аст.
Чун ман зи паи азобу ранҷам,
Роҳат ба кадом ишва санҷам?
Он пирхаре, ки мекашад бор,
То ҷонаш ҳаст, мекунад кор.
Осудагӣ он гаҳе пазирад,
К-аз зистани чунин бимирад.
Дар ишқ магӯ, ки теғ тез аст,
К-ин ишқ дар асл хонахез аст.
Сар, к-ӯ бирамад зи теғбозӣ,
Андохта беҳ ба марди ғозӣ.
Дар ишқ чӣ ҷои бими теғ аст?
Теғ аз сари ошиқон дареғ аст.
Ошиқ зи ниҳеби ҷон натарсад,
Ҷонталаб аз ҷаҳон натарсад.
Чун моҳи ман уфтод дар меғ,
Дорам сари теғ, ку сари теғ?
Сар, к-ӯ зи фидо дареғ бошад,
Шоистаи ташту теғ бошад.
З-ин ҷон, ки бар оташ уфтодаст,
Бо нохушиям х(в)аш уфтодаст.
Ҷонест маро бад-ин табоҳӣ,
Бигзор, зи ҷони ман чӣ хоҳӣ?!
Маҷнун чу ҳадиси худ фурӯ гуфт,
Бигрист падар, бад-он чи ӯ гуфт.
З-ин гӯша падар нишаста гирён,
З-он сӯ писар уфтода урён.
Пас бори дигар ба хона бурдаш,
Бинвохт, ба дӯстон супурдаш.

В-он шефтадил ба шӯрбахтӣ
Мекард сабурие ба сахтӣ.
Рӯзе ду-се дар шиканҷа мезист,
З-он гуна, ки ҳар кӣ дид, бигрист.
Пас парда дариду оҳ бардошт,
Сӯи дару дашт роҳ бардошт.
Мезист ба ранҷу нотавонӣ,
Мемурд, кадом зиндагонӣ?!
Чун гарм шудӣ ба ишқ ваҷдаш,
Бурдӣ ба нишотгоҳи Наҷдаш.
Бар Наҷд шудӣ чу шери сармаст,
Оҳан бар пою санг бар даст.
Чун барзадӣ аз нафир ҷӯше,
Гуфтӣ ғазале ба ҳар хурӯше.
Аз ҳар тарафе халоиқ анбӯҳ
Наззора шудӣ ба гирди он кӯҳ.
Ҳар нодирае, к-аз ӯ шуниданд,
Дар хотиру дар қалам кашиданд.
Бурданд ба туҳфаҳо дар офоқ,
З-ин ғуня ғанӣ шуданд ушшоқ!

## ДАР АҲВОЛИ ЛАЙЛӢ

Сардафтари ояти накӯӣ,
Шоҳаншаҳи мулки хубрӯӣ,
Феҳристи ҷамоли ҳафт паргор,
Аз ҳафт халифа ҷомагихор;
Рашки рухи моҳи осмонӣ,
Ранҷи дили сарви бӯстонӣ;
Мансубакушои биму уммед,
Меросситони Моҳу Хуршед;
Меҳроби намози бутпарастон,
Қандили сарою сарви бустон,
Ҳамхобаи ишқу ҳамсари ноз,
Ҳам хозину ҳам хазинапардоз,
Пироягари парандпӯшон,
Сармоядиҳи шакарфурӯшон,
Дилбанди ҳазор дурри макнун,
Занҷирбури ҳазор Маҷнун,
Лайлӣ, ки ба хубӣ ояте буд
В-ангушткаши вилояте буд,

Сероб гулаш пиёла дар даст,
Аз ғунчаи навбарӣ бурун ҷаст.
Сарви сиҳияш кашидатар шуд,
Майгун рутабаш расидатар шуд.
Меруст ба боғи дилфурӯзӣ,
Мекард ба ғамза халқсӯзӣ!
Аз ҷодуие, ки дар назар дошт,
Сад мулк ба ним ғамза бардошт.
Мекард  ба вақти ғамзасозӣ
Бар тозию турк турктозӣ.
Сайде зи каманди ӯ намераст,
Ғамза-ш бигирифту зулф мебаст.
Аз оҳуи чашми нофавораш
Ҳам нофа, ҳам оҳувон шикораш.
В-аз ҳалқаи зулф вақти нахҷир
Бар гардани шер баст занҷир.
Аз чеҳра гул, аз лаб ангабин кард,
К-он дид табарзад, офарин кард.
Дил дода ҳазор нозанинаш
Дар орзуи гулангабинаш.
Зулфаш раҳи бӯсахоҳ меруфт,
Мижгон-ш «Худо диҳод!» мегуфт.
Зулфаш ба каманд пеш мехонд,
Мижгон-ш ба дурбош меронд.
Бурда ба ду рух зи Моҳ бешӣ,
Гулро ду пиёда дода пешӣ.
Қаддаш чу кашида зодсарве,
Рӯяш чу ба сарв-бар тазарве.
Лабҳош, ки ханда бар шакар зад,
Ангушт газид бар табарзад.
Лаълаш, ки ҳадиси бӯс мекард,
Бар тунги шакар фусӯс мекард.
Чоҳи занахаш, ки сар кушода,
Сад дил ба ғалат дар ӯ фитода.
Зулфаш расане фиканда дар роҳ,
То ҳар кӣ фитад, барорад аз чоҳ.
Бо ин ҳама нозу дилситонӣ
Хун шуд ҷигараш зи меҳрубонӣ.
Дар парда, ки роҳ буд баста,
Мебуд чу парда баршикаста.
Мерафт ниҳуфта бар сари бом
Наззоракунон зи субҳ то шом,

То Маҷнунро чӣ гуна бинад,
Бо ӯ нафасе куҷо нишинад?!
Ӯро ба кадом дида ҷӯяд,
Бо ӯ ғами дил чӣ гуна гӯяд?
Аз бими рақибу тарси бадхоҳ
Пӯшида ба ними шаб задӣ роҳ.
Чун шамъ ба заҳрханда мезист,
Ширин хандиду талх бигрист.
Гулро ба сиришк мехарошид,
В-аз чӯб рафиқ метарошид.
Месӯхт ба оташи ҷудоӣ,
На дуд дар ӯ, на рӯшноӣ.
Ойинаи дард пеш медошт,
Мӯнис зи хаёли хеш медошт.
Пайдо шағабе чу бод мекард,
Пинҳон ҷигаре чу хок мех(в)ард.
Ҷуз соя набуд пардадораш,
Ҷуз парда касе на ғамгусораш.
Азбаски ба соя роз мегуфт,
Ҳамсояи ӯ ба шаб намехуфт.
Месохт миёни обу оташ,
Гуфтӣ, ки парист он париваш.
Хунёгари зан сарири дук аст,
Тир олати ҷаъбаи мулук аст.
Ӯ дуки дусар фиганда аз чанг,
Бардошта тири яксароҳанг,
Аз яксар тир коргар шуд,
Саргардон дук аз он дусар шуд.
Дарё-дарё гуҳар бароҳехт,
Киштӣ-киштӣ зи дида мерехт.
Мехӯрд ғаме ба зери парда,
Ғам хӯрда варову ғам нах(в)арда.
Дар гӯш ниҳода ҳалқаи зар,
Чун ҳалқа ниҳода гӯш бар дар.
Бо ҳалқаи гӯши хеш месохт
В-он ҳалқа ба гӯши кас наяндохт,
Дар ҷустани нури чашмаи Моҳ
Чун чашма бимонда чашм бар роҳ,
То худ кӣ бад-ӯ паёме орад,
З-ороми дилаш саломе орад.
Боде, ки зи Наҷд бардамидӣ,
Ҷуз бӯи вафо дар ӯ надидӣ!

В-абре, ки аз он тараф кушодӣ,
Ҷуз оби латаф бад-ӯ надодӣ.
Ҳар ҷо, ки зи кунҷи хона медид,
Бар худ ғазале равона медид.
Ҳар тифл, ки омадӣ зи бозор,
Байте гуфтӣ нишонда бар кор.
Ҳар кас, ки гузашт зери бомаш,
Медод ба байтаке паёмаш.
Лайлӣ, ки чунон малоҳате дошт,
Дар назми сухан фасоҳате дошт.
Носуфта дурею дур ҳамесуфт,
Чун худ ҳама байти бикр мегуфт,
Байте, ки зи ҳасби ҳоли Маҷнун
Хондӣ ба масал чу дурри макнун,
Онро дигаре ҷавоб гуфтӣ,
Оташ бишунидӣ, об гуфтӣ.
Пинҳон вараҷе ба хун сириштӣ
В-он байтакро бар ӯ навиштӣ.
Бар роҳгузар фикандӣ аз бом,
Додӣ зи суман ба сарв пайғом.
Он руқъа касе, ки баргирифтӣ,
Бархондию ракс даргирифтӣ.
Бурдию бад-он ғариб додӣ,
К-аз вай сухани ғариб зодӣ.
Ӯ низ бадеҳае равона
Гуфтӣ ба нишони он нишона.
З-ин гуна миёни он ду дилбанд
Мерафт паёмгунае чанд.
З-овозаи он ду булбули маст
Ҳар булбулае, ки буд, бишкаст!
З-он ҳар ду бирешими хушовоз
Барсозбасе бирешими соз.
Бар рӯду рубобу нолаи чанг
Якранг навои он ду оҳанг!
З-эшон сухане ба нукта рондан,
В-аз чанг задан, зи ной хондан.
Аз нағмаи он ду ҳамтарона
Мутриб шуда кӯдакони хона.
Хасмон дари таъна боз карданд,
Дар ҳар ду забон дароз карданд.
В-эшон зи бади газофгӯён
Худро ба сиришки дида шӯён.

Буданд бад-ин тариқ соле
Қонеъ ба хаёлу чун хаёлӣ.

## РАФТАНИ ЛАЙЛӢ БА ТАМОШОИ БӮСТОН

Чун хайма кашид гул ба саҳро,
Шуд хок ба рӯи гул мутарро,
Хандид шукуфта бар дарахтон
Чун сиккаи рӯи некбахтон.
Аз лолаи сурху аз гули зард
Гетӣ алами дуранг баркард.
Аз баргу наво ба боғу бустон
Бо баргу наво ҳазордастон.
Серобии сабзаҳои навхез
Аз луълуи тар зумуррадангез.
Лола зи варақ фишонда шангарф,
К-афтода сиёҳияш бар он ҳарф.
Зулфайни бунафша аз дарозӣ
Дар пой фитода вақти бозӣ.
Ғунча камар устувор мекард,
Пайконкашие зи хор мекард.
Гул ёфт ситабрақи ҳарирӣ,
Шуд бод ба гӯшворагирӣ.
Нилуфар аз Офтоб гулранг,
Бар об сипар фиканда бе ҷанг.
Сунбул сари нофа боз карда,
Гул даст бад-ӯ дароз карда.
Шамшод ба ҷаъд шона кардан,
Гулнор ба нор дона кардан.
Наргис зи димоғи оташинтоб
Чун табзадагон биҷаста аз хоб.
Хуршед зи қатраҳои бода
Хун аз раги арғавон кушода.
З-он чашмаи сим, к-аз суман руст,
Насрин вараќе, ки дошт, мешуст.
Гул дида ба бӯс боз мекард,
Чун мисл надид, ноз мекард.
Савсан на забон, ки теғ дар бар,
Не, не, ғалатам, ки теғ бар сар.

Мурғони забонгирифта чун зоғ
Бикшода забони мурғ дар боғ.
Дурроҷ зи дил кабобе ангехт,
Қумрӣ намаке зи сина мерехт.
Ҳар фохта бар сари чаноре
Дар замзамаи ҳадиси ёре.
Булбул зи дарахт сар кашида,
Маҷнунсифат оҳ баркашида.
Гул чун рухи Лайлӣ аз аморӣ
Берун зада сар ба тоҷдорӣ.
Дар фасли гуле чунин ҳумоюн
Лайлӣ зи висоқ рафт берун.
Банди сари зулф тоб дода,
Гулро зи бунафша об дода.
Аз нӯшлабони он қабила
Гирдаш чу гуҳар яке тавила.
Туркони арабнишинашон ном,
Хуш бошад турки тозиандом.
Дар ҳалқаи он бутони чун ҳур
Мерафт чунон, ки чашми бад дур!
То сабзаи боғро бибинад,
Дар сояи сурхгул нишинад.
Бо наргиси тоза ҷом гирад,
Бо лола набиди хом гирад.
Аз зулф диҳад бунафшаро тоб
В-аз чеҳра гули шукуфтаро об.
Омӯзад  сарвро саворӣ,
Шӯяд зи суман сапедкорӣ.
Аз нофаи ғунча боҷ хоҳад
В-аз мулки чаман хироҷ хоҳад.
Бар сабза зи соя нахл бандад,
Бар сурати сарву гул бихандад.
На, на, ғаразаш на ин сухан буд,
На сарву гулу на настаран буд.
Будаш ғараз он, ки дар паноҳе
Чун сӯхтагон барорад оҳе.
Бо булбули маст роз гӯяд,
Ғамҳои гузашта бозгӯяд.
Ёбад зи насими гулситоне
Аз ёри ғариби худ нишоне.
Бошад, ки дилаш кушода гардад,
Боре зи дилаш фитода гардад.

Нахлистоне бад-он замин буд,
К-ороиши нақшбанди Чин буд.
Аз ҳулла ба ҳулла нахлгоҳаш,
Дар Боғи Ирам кушода роҳаш.
Нузҳатгоҳе чунон гузида
Дар бодия чашми кас надида.
Лайлию дигар арӯсномон
Рафтанд бад-он чаман хиромон.
Чун гул ба миёни сабза биншаст,
Бар сабза зи соя гул ҳамебаст.
Ҳар ҷо, ки насими ӯ даромад,
Савсан бишукуфту гул баромад.
Бар ҳар чамане, ки даст мешуст,
Шамшод дамиду сарв меруст.
Бо сарвбунони лоларухсор
Омад ба нишоту ханда дар кор.
То якчанде нишот месохт
В-охир зи нишотгаҳ бурун тохт.
Танҳо  бинишаст зери сарве,
Чун бар пари тӯтие тазарве!
Бар сабза нишаста хирмани гул,
Нолида чу дар баҳор булбул.
Нолиду ба нола дар ниҳонӣ
Мегуфт зи рӯи меҳрубонӣ,
К-эй ёри мувофиқи вафодор
В-эй чун ману ҳам ба ман сазовор!
Эй саври ҷавонаи ҷавонмард,
В-эй бо дили гарму бо дами сард!
Эй аз дари он, ки дар чунин боғ
Оию зудоӣ аз дилам доғ,
Бо ман ба муроди дил нишинӣ,
Ман норвану ту сарв бинӣ.
Гирам, зи манат фароғи ман нест,
Парвои сарою боғи ман нест,
Охир, ба забони некномӣ
Кам з-он ки фиристиям паёме?
Нокарда сухан ҳанӯз парвоз,
К-аз раҳгузаре баромад овоз.
Шахсе ғазале чу дурри макнун
Мехонд зи гуфтаҳои Маҷнун,
К-эй пардадари салоҳи корам,
Уммеди ту бод пардадорам!

Маҷнун ба миёни мавҷи хун аст,
Лайлӣ ба ҳисоби кор чун аст?
Маҷнун ҷигаре ҳамехарошад,
Лайлӣ намак аз кӣ метарошад?
Маҷнун ба хаданги хор суфта-ст,
Лайлӣ ба кадом ноз хуфта-ст?
Маҷнун ба ҳазор навҳа нолад,
Лайлӣ чӣ нишот месиголад?
Маҷнун ҳама дарду доғ дорад,
Лайлӣ чӣ баҳору боғ дорад?
Маҷнун камари ниёз бандад,
Лайлӣ ба рухи кӣ бозхандад?
Маҷнун зи фироқ дилрамида-ст,
Лайлӣ ба чӣ роҳат орамида-ст?
Лайлӣ чу самоъи ин ғазал кард,
Бигристу зи гиря санг ҳал кард.
З-он сарвбутони бӯстонӣ
Медид дар ӯ яке ниҳонӣ,
К-аз дурии дӯст бар чӣ сон аст,
Бар дӯст чӣ гуна меҳрубон аст.
Чун боз шуданд сӯи хона,
Шуд дар садаф он дури ягона.
Донандаи роз роз нанҳуфт,
Бо модараш он чи дид, баргуфт,
То модари мушфиқаш навозад,
Дар чорагариш чора созад.
Модар зи паи арӯси ноком
Саргашта шуда чу мурғ дар дом,
Мегуфт:– «Гараш гузорам аз даст,
Он шефта гашту ин шавад маст.
В-ар собирие бад-ӯ намоям,
Барн-ояд аз ӯ в-аз ӯ бароям.
Бар ҳасрати ӯ дареғ мех(в)ард,
Мехӯрд дареғу сабр мекард.
Лайлӣ, ки чу ганҷ шуд ҳисорӣ,
Мебуд чу Моҳ дар аморӣ.
Мезад нафасе гирифта чун меғ,
Мехӯрд ғаме ниҳуфта чун теғ.
Дилтанг, чунон ки буд, мезист,
Бе дилтангӣ ба ишқ-дар кист?!

## ХОСТГОРИИ ИБНИ САЛОМ ЛАЙЛИРО

Феҳристкаши бисоти ин боғ
Бар рони сухан чунин кашад доғ,
К-он рӯз, ки Маҳ ба боғ мерафт,
Чун Моҳи дуҳафта карда ҳар ҳафт,
Гул бар сари сарв даста баста,
Бозори гулобу гул шикаста,
Зулфайни мусалсалаш гиреҳгир,
Печида чу ҳалқаҳои занҷир.
Дар раҳ зи Банӣ Асад ҷавоне
Дидаш чу шукуфта дилситоне.
Шахсе ҳунарӣ, басангу соя,
Дар чашми араб баландпоя.
Бисёрқабилаву қаробот,
Кораш ҳама хидмату муроот.
Гӯши ҳама халқ бар саломаш,
Бахт Ибни Салом карда номаш.
Ҳам симхудову ҳам қавипушт,
Халқе суи ӯ кашида ангушт.
Аз дидани он чароғи тобон
Дар чора чу бод шуд шитобон.
В-он гаҳ на, ки гарчи ганҷ бозад,
Бо бод чароғ дарнасозад.
Чун сӯи ватан гаҳ омад аз роҳ,
Будаш тамаъи висоли он Моҳ.
Маҳро нагирифт кас дар оғӯш,
Ин нукта магар шудаш фаромӯш?
Чора талабиду кас фиристод
Дар ҷустани ақди он паризод,
То Лайлиро ба хосторӣ
Дар мавкиби худ кашад аморӣ.
Найранг намуду хоҳиш ангехт,
Хокӣ шуду зар чу хок мерехт.
Пазруфт ҳазор ганҷи шоҳӣ,
В-аз рамгала беш аз он, ки хоҳӣ.
Чун рафт миёнҷии сухангӯй
Дар ҷустани он нигори дилҷӯй,
Хоҳишгарие ба дастбӯсӣ
Мекард зи баҳри он арӯсӣ.
Ҳам модару ҳам падар нишастанд
В-уммед дар он ҳадис бастанд.

Гуфтанд:– «Сухан ба ҷои хеш аст,
Лекин қадаре диранг пеш аст,
К-ин тозабаҳори бӯстонӣ
Дорад аразе зи нотавонӣ.
Чун мо зи беҳиш бозхандем,
Шукрона диҳему ақд бандем.
Ин ақд нишони суд бошад,
Иншоаллаҳ, ки зуд бошад!
Аммо на ҳанӯз, рӯзаке чанд
Мебояд шуд ба ваъда хурсанд,
То ғунчаи гул шукуфта гардад,
Хор аз дари боғ руфта гардад,
Гардан-ш ба тавқи зар дарорем,
Бо тавқи зараш ба ту супорем!»
Чун Ибни Салом аз он ниёзӣ
Шуд номзади шикебсозӣ,
Маркаб ба диёри хештан ронд,
Биншасту ғубори хеш биншонд.

## РАСИДАНИ НАВФАЛ БА МАҶНУН

Лайлӣ паси пардаи аморӣ
Дар пардадарӣ зи пардадорӣ,
Аз пардаи ному нанг рафта,
Дар пардаи ною чанг рафта.
Нуқли даҳани ғазалсароён,
Райҳонии мағзи атрсоён.
Дар пардаи ошиқон ханида,
Захми дафи мутрибон чашида.
Афтода чу зулфи хеш дар тоб
Бемӯнису беқарору бехоб.
Маҷнуни рамида низ дар дашт
Саргашта чу бахти хеш мегашт.
Бе узр ҳамедавид азро
Дар мавкиби ваҳшиёни саҳро.
Бӯре ба ҳазор зӯр меронд,
Байте ба ҳазор дард мехонд.
Бар Наҷд шудӣ зи тезваҷдӣ,
Шайхона, вале на шайхи наҷдӣ.
Бар захмаи ишқ кӯфтӣ пой,
В-аз садмаи оҳ рӯфтӣ ҷой.

Ҳар ошиқ, к-оҳи вай шунидӣ,
Ҳар ҷома, ки доштӣ, даридӣ.
Аз нармдилони мулки он бум
Буд оҳане обдода чун мум,
Навфалноме, ки аз шуҷоъат
Буд он тарафаш ба зери тоъат.
Лашкаршикане ба захми шамшер,
Дар меҳр ғизолу дар ғазаб шер.
Ҳам ҳашматгиру ҳам ҳишамдор,
Ҳам давлатманду ҳам дирамдор.
Рӯзе зи сари қависилоҳӣ
Омад ба шикори он навоҳӣ.
Дар рахнаи ғорҳои дилгир
Мегашт ба ҷустуҷӯи нахҷир.
Дид обилапои дардманде,
Бар ҳар мӯе зи мӯя банде,
Меҳнатзадае ғарибу ранҷур,
Душманкоме, зи дӯстон дур.
Ваҳшишуда аз миёни мардум,
Ваҳше ду-се уфтода дар дум.
Мехонд нашида аз сари ҷӯш,
К-он кас, ки шунид, гашт мадҳуш.
Пурсид зи хӯю аз хисолаш,
Гуфтанд, чунон ки буд, ҳолаш,
К-аз меҳри зане бад-ин ҳазинӣ
Девона шуд инчунин, ки бинӣ.
Гардад шабу рӯз байтгӯён
Он ғолияро зи бод ҷӯён.
Ҳар бод, ки бӯи ӯ расонад,
Сад байту ғазал бад-ӯ бихонад.
Ҳар абр, к-аз он диёр пӯяд,
Шеъре чу шакар бад-ӯ бигӯяд.
Оянд мусофирон зи ҳар бум,
Бинанд дар ин ғариби мазлум.
Оранд шароб ё таоме,
Бошад, ки бад-ӯ диҳанд ҷоме.
Гирад ба ҳазор ҷаҳд як ҷом
В-он низ ба ёди он дилором.
Дар кори ҳама шумораш ин аст,
Ин аст шумори кораш, ин аст.
Навфал чу шунид ҳоли Маҷнун,
Гуфто, ки зи мардумист акнун,

К-ин дилшударо чунон ки донам,
Кӯшам, ки ба коми дил расонам!
Ман дар талаби шикор гардам,
Бах-бах, ки чунин шикор кардам.
Аз пушти саманди хайзарондаст
Рон бозкушоду бар замин ҷаст.
Он гоҳ варо ба пеши худ хонд,
Бо хештанаш ба суфра биншонд.
Мегуфт фасонаҳои гармаш,
Чандон ки чу мум кард нармаш.
Гӯянда чу дид, к-он ҷавонмард
Бе дӯст наволае намех(в)ард,
Ҳарч он на ҳадиси дӯст будӣ,
Гар худ ҳама мағз, пӯст будӣ.
Аз ҳар намате, ки қисса мехонд,
Ҷуз дар Лайлӣ сухан намеронд.
В-он шефтаи зи раҳ рамида
З-онҳо, ки шунида, орамида,
Хушдил шуду орамид бо ӯ,
Ҳам хӯрду ҳам ошамид бо ӯ.
Бо ӯ ба бадеҳа хуш даромад,
Чун ёфт ҳариф, хуш баромад.
Мезад ҷигараш чу мағз бар ҷӯш,
Мехонд қасидаҳои чун нӯш.
Бар ҳар сухане ба хандаи х(в)аш,
Мегуфт бадеҳае чу оташ.
В-он чарбсухан ба хушҷавобӣ
Мекард иморати харобӣ,
К-аз дурии он чароғи пурнур,
Ҳон, то нашавӣ чу шамъ ранҷур,
К-ӯро ба зару ба зӯри бозу
Гардонам бо ту ҳамтарозу.
Гар мурғ шавад, ҳаво бигирад,
Ҳам чанги манаш қафо бигирад!
Гар бошад чун шарора дар санг,
Аз оҳанаш оварам фарочанг!
То ҳамсари ту нагардад он моҳ,
Аз вай накунам каманд кӯтоҳ!
Маҷнун зи сари умедворӣ
Мекард ба саҷда ҳақгузорӣ,
К-ин қисса, ки атрсои мағз аст,
Гар рангу фиреб нест, нағз аст,

Ӯро ба чу ман рамидаҳӯе
Модар надиҳад ба ҳеҷ рӯе.
Гулро натавон ба бод додан,
Маҳзода ба девзод додан.
Ӯро суи мо куҷо тавоф аст?
Девонаву моҳи нав? Газоф аст!
Шустанд басе ба чорасозӣ
Пироҳани мо, нашуд намозӣ.
Карданд басе сапедсимӣ,
Аз мо нашуд ин сияҳгилемӣ
Гар дасти туро  кароматe ҳаст,
Он дастрасӣ бувад на з-ин даст.
Андеша кунам, ки вақти ёрӣ
Дар нимараҳам фурӯ гузорӣ.
Ноомада он шикор дар шаст,
Дорӣ зи ману зи кори ман даст.
Он бод, ки ин дуҳулзабонӣ
Бошад тиҳӣ аз тиҳимиёнӣ.
Гар аҳд кунӣ, бад-он чӣ гуфтӣ,
Муздат бошад, ки роҳ руфтӣ!
В-ар чашмаи ин сухан сароб аст,
Бигзор маро, туро савоб аст!
То пешаи хеш пеш гирам,
Хезам, паи кори хеш гирам!
Навфал зи нафири зории ӯ
Шуд тезъинон ба ёрии ӯ,
К-ӯ низ ғарибу ҳам ҷавон буд,
Озодасиришту меҳрубон буд.
Бахшуд бар он ғариби ҳамсол
Ҳамсоли тиҳӣ на, балки ҳамҳол.
Мисқол намуду хӯрд савганд,
Аввал ба худоии Худованд,
В-он гаҳ ба рисолати расулаш,
К-имондиҳи ақл шуд қабулаш,
К-аз роҳи вафо ба ганҷу шамшер
Кӯшам на чу гург, балки чун шер.
На сабр бувад, на хӯрду хобам.
То он чи талаб кунам, биёбам.
Лекин ба туям таваққуъе ҳаст,
К-аз шефтагӣ раҳо кунӣ даст!
Биншинию сокинӣ пазирӣ,
Рӯзе ду-се дил ба даст гирӣ.

Аз ту дили оташин ниҳодан
В-аз ман дари оҳанин кушодан!
Чун шефта шарбате чунон дид,
Дар хӯрдани он наҷоти ҷон дид.
Осуду рамидагӣ раҳо кард,
Бо ваъдаи он сухан вафо кард.
Мебуд ба сабр пойбаста,
Обе зада, оташе нишаста.
Бо ӯ ба қароргоҳи ӯ тохт,
Дар сояи ӯ қароргаҳ сохт.
Гармоба заду либос пӯшид,
Ором гирифту бода нӯшид.
Бар расми араб амома дарбаст,
Бо ӯ ба шаробу руд биншаст.
Чандин ғазали латифпайванд
Гуфт аз ҷиҳати ҷамоли дилбанд.
Навфал ба сараш зи меҳрубонӣ
Мекард чу абр дурфишонӣ.
Чун роҳати пӯшишу х(в)ариш ёфт,
Ороста шуд, ки парвариш ёфт.
Шуд чеҳраи зардаш арғавонӣ,
Болои хамида – хайзаронӣ.
В-он ғолиягун хати сиёҳаш
Паргор кашид гирди Моҳаш.
З-он гул, ки латофати нафас дод,
Бод он чи рабуд, бозпас дод.
Шуд субҳи мунир боз хандон,
Хуршед намуд боз дандон.
Занҷирии дашт шуд хирадманд,
Аз бандии хона дур шуд банд.
Дар боғ гирифт сабза ором,
Доданд ба дасти сурхгул ҷом.
Маҷнун ба сукунату гаронӣ
Шуд оқили маҷлиси маонӣ.
В-он меҳтари меҳмоннавозаш
Медошт ба сад ҳазор нозаш.
Бе талъати ӯ тараб намекард,
Май ҷуз ба ҷамоли ӯ намех(в)ард.
Моҳе ду-се дар нишоткорӣ
Карданд ба ҳам шаробхорӣ.

## ИТОБ КАРДАНИ МАҶНУН БО НАВФАЛ

Рӯзе ду ба ду нишаста буданд,
Шодию нишот мефузуданд.
Маҷнун зи шикояти замона
Байте ду-се хонд ошиқона,
К-эй фориғ аз оҳи дуднокам,
Бар боди фиреб дода хокам!
Сад ваъдаи меҳр дода бешӣ,
Бо ним вафо накарда хешӣ.
Пазруфта, ки пешат оварам нӯш,
Пазруфтаи хеш карда фармӯш?!
Оварда маро ба дилфиребӣ,
Вадода ба дасти ношикебӣ!
Додим забон ба меҳру пайванд
В-имрӯз ҳамекунӣ забонбанд.
Сад захми забон шунидам аз ту,
Як марҳами дил надидам аз ту!
Сабрам шуду ақл рахт барбаст,
Дарёб, вагарна рафтам аз даст!
Дилдории бедиле намудан
В-он гаҳ ба хилофи қавл будан
Дур уфтад аз бузургворӣ
Ёрон беҳ аз ин кунанд ёрӣ!
Қавле, ки дар ӯ вафо набинам,
Аз чун ту касе раво набинам!
Бе ёр манам заъифу ранҷур,
Чун ташна зи оби зиндагӣ дур!
Шарт аст ба ташна об додан,
Ганҷе ба деҳи хароб додан.
Гар силсилаи маро кунӣ соз,
Варна, шуда гир шефта боз.
Гар Лайлиро ба ман расонӣ,
Варна, на ману на зиндагонӣ!

## ҶАНГ КАРДАНИ НАВФАЛ БО ҚАБИЛАИ ЛАЙЛӢ

Навфал зи чунин итоби дилкаш
Шуд нарм чунон, ки мум аз оташ.
Барҷасту ба азми роҳ кӯшид,
Шамшер кашиду диръ пӯшид.

Сад марди гузини корзорӣ,
Парранда чу мурғ дар саворӣ,
Ороста карду рафт пӯён
Чун шери сиёҳ ҷангҷӯён.
Чун бар дари он қабила зад гом,
Қосид талабиду дод пайғом,
К-инак ману лашкаре чу оташ
Ҳозир шудаем тунду саркаш.
Лайлӣ ба ман оваред ҳолӣ,
Варна, ману теғи лоуболӣ.
То ман ба навозише, ки донам,
Ӯро ба сазои ӯ расонам.
Ҳам куштаи ташна об ёбад,
Ҳам обрасон савоб ёбад!
Чун қосид шуд, паёми ӯ бурд,
Шуд шишаи меҳр дар миён хурд.
Доданд ҷавоб, к-ин на роҳ аст,
Лайлӣ на кулича, қурси Моҳ аст.
Касро суи моҳ дастрас нест,
На кори ту, кори ҳеҷ кас нест!
Ӯро чӣ барӣ, ки Офтоб аст,
Ту деви раҷиму ӯ шаҳоб аст.
Шамшер кашӣ, кашем дар ҷанг,
Қорура занӣ, занем бар санг!
Қосид чу шунид, ком-ноком
Бозомаду боздод пайғом.
Бори дигараш ба хашмнокӣ
Фармуд, ки пой дор хокӣ,
К-эй бехабарон зи теғи тезам,
Фориғ зи ҳаюни гармхезам!
Аз роҳи касе, ки мавҷи дарёст,
Хезед, вагарна фитна бархост!
Пайғомрасони ӯ дигар бор
Овард паёми носазовор.
Он хашм дар ӯ чунон асар кард,
К-оташ зи дилаш забон бадар кард.
Бо лашкари худ кашида шамшер,
Афтод дар он қабила чун шер!
В-эшон ба ҳам омаданд чун кӯҳ,
Бардошта наърае ба анбӯҳ!
Бар навфалиён инон кушоданд,
Шамшер ба шер дарниҳоданд.

Дарёи масоф гашт ҷӯшон,
Гаштанд мубориზон хурӯшон.
Шамшер зи хуни ҷом бар даст
Мекард ба ҷуръа хокро маст.
Сарпанҷаи найзаи далерон
Панҷашикани шитоби шерон.
Мурғони хаданги тезрафтор
Бар хӯрдани хун кушода минқор.
Пӯлодаи теғи мағзполой
Сарҳои сарон фиканда бар пой.
Ғурридани тозиёни пурҷӯш
Кар карда сипеҳру Моҳро гӯш.
Аз соиқаи аҷал, ки меҷаст,
Пӯлод ба санг дарнамераст.
Зӯбини бало сиёсатангез,
Сар чун сари мӯи дайламон тез.
Хуршеди дурафш даҳзабона,
Чун субҳи дарида даҳнишона.
Гашта замӣ аз варам чу дарё,
Санг обиларӯй чун Сурайё.
Ҳар шери сиёҳи истода
Чун мори сияҳ даҳанкушода.
Шерони сиёҳ дар даридан,
Девони сапед дар давидан.
Ҳар кас ба масоф дар саворӣ,
Маҷнун ба ҳисоби ҷонсупорӣ.
Ҳар кас фарасе ба ҷанг меронд,
Ӯ ҷумла дуои сулҳ мехонд.
Ҳар кас талале ба теғ мекушт,
Ӯ хештан аз дареғ мекушт.
Мекард чу ҳоҷиён тавофе,
Ангехта сулҳе аз масофе.
Гар шарм наёмадиш, чун меғ
Бар лашкари хештан задӣ теғ.
Гар таъназанаш маъоф кардӣ,
Бо мавкиби худ масоф кардӣ.
Гар хандаи душманон надидӣ,
Аввал сари дӯстон буридӣ.
Гар дастрасаш будӣ ба тақдир,
Бар ҳамсипарони худ задӣ тир.
Гар дил назадиш пойпуштӣ,
Пуштигари хешро бикуштӣ.

Мебуд дар ин сипоҳи ҷӯшон
Бар нусрати он сипоҳ кӯшон.
Ин ҷо ба талоя Рахш ронда
В-он ҷо ба язак дуо нишонда.
Аз қавми вай ар саре фитодӣ,
Бар дасти буранда бӯс додӣ.
В-он кушта, ки буд зи хайли ёраш,
Мешуст ба чашми селбораш.
Карда сари найза з-ин тараф рост,
Сарнайзаи фатҳ аз он тараф хост.
Гар лашкари ӯ шудӣ қавидаст,
Ҳам тир бирехтию ҳам шаст.
В-ар ҷониби ёри ӯ шудӣ чер,
Ғурридӣ аз он нишот чун шер.
Пурсид яке, ки эй ҷавонмард,
К-аз дур занӣ чу чарх новард!
Мо аз паи ту ба ҷонсупорӣ,
Бо хасм туро чарост ёрӣ?
Гуфто, ки чу хасм ёр бошад,
Бо теғ маро чӣ кор бошад?
Бо хасм набарди хун тавон кард,
Бо ёр набард чун тавон кард?
Аз маъракаҳо ҷароҳат ояд,
Ин ҷо ҳама бӯи роҳат ояд.
Маъшуқа чу бӯи ҷон фиристад,
Ошиқ ба иваз ҳамон фиристад.
Ӯ сурма фиристад аз ғуборам,
Ман санг задан чӣ заҳра дорам?
Ӯ дода ба ваъда ангабинам,
Ман сиркадиҳӣ раво набинам.
Он ҷониби дасти ёр дорад,
Кас ҷониби ёр хор дорад.
Майли дили меҳрубонам он ҷост,
Он ҷо, ки дил аст, ҷонам он ҷост!
Шарт аст ба пеши ёр мурдан,
З-ӯ ҷон ситадан, зи ман супурдан!
Чун ҷони худ инчунин супорам,
Бар ҷони шумо чӣ раҳмат орам?
Пурсанда чу ҳол инчунин дид,
Бигрист, ба гиря дар замин дид.
Ӯ рақскунон ба зери гарде
Мекард бад-ин сифат набарде.

Навфал ба масоф теғ дар даст,
Мегашт ба сони пили сармаст.
Мебурд ба ҳар тарида ҷоне,
Афганда ба ҳамлае ҷаҳоне!
Ҳар сӯ, ки тавоф зад, сар афшонд,
Ҳар ҷо, ки расид, ҷӯи хун ронд.
В-он теғзанон, ки лоф ҷустанд,
То аввали шаб масоф ҷустанд.
Чун турраи ин кабудчанбар
Бар ҷабҳати рӯз рехт анбар,
З-ин гурҷии туррабаркашида
Шуд рӯз чу турра сарбурида.
Он ҳар ду сипаҳ зи ҳам буриданд,
Бар маърака хобгаҳ гузиданд.
Чун мори сиёҳ муҳра барчид,
Заҳҳоки сапедадам бихандид,
Дар дасти муборизони чолок
Шуд найза ба сони мори Заҳҳок!
Дар гирди қабилагоҳи Лайлӣ
Чун кӯҳ расида буд-ш хайле.
Аз пешу паси қабила ёрон
Карданд басичи тирборон.
Навфал, ки сипоҳе align="center"ончунон дид,
Ҷуз сулҳ даре задан зиён дид.
Ангехт миёнҷие зи хешон,
То сулҳ диҳад миёни эшон,
К-ин ҷо на ҳадиси теғбозист,
Даллолагие ба дилнавозист.
Аз баҳри паризада ҷавоне
Хоҳам зи шумо паринишоне.
В-аз хосаи хештан дар ин кор
Ганҷина фидо кунам ба харвор.
Гар кардани ин амал савоб аст,
Ширинтар аз ин сухан ҷавоб аст.
В-ар з-он ки шакар намефурӯшед,
Дар додани сирка ҳам накӯшед!
Чун рост намекунед коре,
Шамшер задан чарост боре?!
Чун кард миёнҷӣ ин сароғоз,
Гашт он ду сипаҳ зи якдигар боз.
Чун хоҳиши якдигар шуниданд,
Аз кинакашӣ инон кашиданд.

Сулҳ омаду дурбош дар ҷанг,
То аз ду гурӯҳ дур шуд ҷанг.

## ИТОБ КАРДАНИ МАҶНУН БО НАВФАЛ

Маҷнун чу шунид бӯи озарм,
Кард аз сари кин кумайтро чарм.
Бо Навфали теғзан барошуфт,
К-эй аз ту расида ҷуфт бо ҷуфт!
Аҳсант, зиҳӣ, умедворӣ,
Беҳ з-ин набувад тамомкорӣ!
Ин буд баландии кулоҳат?!
Шамшер кашидани сипоҳат?!
Ин буд ҳисоби зӯрмандит?!
В-ин буд фусуни девбандит?!
Ҷавлон задани самандат ин буд?!
Андохтани камандат ин буд?!
Роят, ки хилофи рои ман кард,
Некӯ ҳунаре ба ҷои ман кард.
Он дӯст, ки буд саломдушман,
Кардиш кунун тамом душман.
В-он дар, ки буд аз вафопарастӣ,
Бар ман ба ҳазор қуфл бастӣ.
Аз ёрии ту буридам, эй ёр,
Бурдӣ зеҳи кори ман, зиҳӣ кор!
Бас ришта, ки бигсалад зи ёрӣ,
Бас қоим, к-афтад аз саворӣ.
Бас тири шубон, ки дар таг афтод,
Бар гург фиканду бар саг афтод.
Гарчи карамат баландном аст,
Дар уҳдаи аҳд нотамом аст.
Он гаҳ ки чунин на хаста будам,
Беҳ з-ин ба ту пушт баста будам.
З-ин кишта чу ноумед будӣ,
К-он ҷо, ки накоштӣ, дурудӣ.
Бунёд ниҳодаӣ чу мардон,
Ҳам ту ба карам тамом гардон.
Торик дилам, ту рӯшноӣ,
В-озурда танам, ту мӯмиёӣ.
Навфал сипарафканон зи ҳарбаш,
Бинвохт ба рифқҳои чарбаш,

К-аз бемададию бесипоҳӣ
Кардам ба фиреб сулҳхоҳӣ.
Акнун, ки ба ҷои худ расидам,
Н-аз теғи бурандаҳӯ буридам.
Лашкар зи қабилаҳо бихонам,
Пӯлод ба санг дарнишонам.
Наншинам, то ба захми шамшер,
Ин ёва зи бом н-оварам зер!
В-он гаҳ зи Мадина то ба Бағдод
Дар ҷамъи сипоҳ кас фиристод.
Дар ҷустани кин зи ҳар диёре
Лашкар талабид рӯзгоре.
Овард ба ҳам сипоҳи анбӯҳ,
Пас парда кашид кӯҳ то кӯҳ.
Омад ба масофгоҳ аввал,
Душман шуда кӯр, балки аҳвал!

## МАСОФ КАРДАНИ НАВФАЛ БОРИ ДУВУМ

Ганҷинакушои ин хазина
Сар боз кунад зи ганҷи сина,
К-он рӯз, ки Навфал он сипаҳ ронд,
Бинанда бад-ӯ шигифт дармонд.
Аз зилзилаи масофхезон
Шуд қуллаи Бӯқубайс резон.
Хасмон чу хурӯши ӯ шуниданд,
Дар ҳарб шуданду саф кашиданд.
Солори қабила бо сипоҳе
Баршуд ба сари назорагоҳе.
Саҳро ҳама найза диду ханҷар,
В-офоқ гирифта мавҷи лашкар.
Аз наъраи кӯсу нолаи ной
Дил дар тани мурда мешуд аз ҷой.
Рое на, ки ҷангро бисеҷад,
Рӯе на, ки рӯй аз он бипеҷад.
З-он гуна, ки буд, пой бифшурд,
Сел омаду рахти бахтро бурд.
Қалби ду сипаҳ ба ҳам барафтод,
Ҳар теғ, ки рафт, бар сар афтод.
Аз хуни равон, ки рег мешуст,
Аз реги равон ақиқ меруст.

Дил монда шуд аз ҷигар даридан,
Шамшер хиҷил зи сар буридан!
Шамшер кашид Навфали гурд,
Мекард ба ҳамла кӯҳро хурд.
Месохт чу аждаҳо набарде,
Захмею даме, дамею марде.
Бар ҳар кӣ задӣ кудинаи гурз,
Бишкастӣ, агарчи будӣ Албурз.
Бар ҳар вараке, ки теғ рондӣ,
Дар дафтари ӯ варақ намондӣ.
Маҷнун ба ҳамон ҳавасшумурдан,
Новардкунон ба ҷонсупурдан.
Карданд набарде ончунон сахт,
К-аз арраи теғ тахта шуд тахт.
Ёрон чу кунанд ҳамъинонӣ,
Аз санг бароваранд хонӣ.
Паркандагӣ аз нифоқ хезад,
Пирӯзӣ аз иттифоқ хезад.
Бар навфалиён хуҷаста шуд рӯз,
Гаштанд ба фоли саъд фирӯз.
Бар хасм заданду баршикастанд,
Куштанду бирехтанду хастанд.
Ҷуз хаста набуд, ҳар кӣ ҷон бурд,
В-он низ, ки хаста буд, мемурд.
Пирони қабила хокбарсар
Рафтанд ба хокбӯси он дар.
Карданд басе хурӯшу фарёд,
К-эй довари доддеҳ, бидеҳ дод!
Эй пеши ту душмани ту мурда,
Моро ҳама кушта гиру бурда!
Аз куштани мо туро чӣ хезад,
Мардона зи мурда хун нарезад.
Бо мо ду-се хаста найзаву тир
Бар даст магиру дасти мо гир!
Як раҳ бинеҳ ин қиёмат аз даст,
К-охир, ба ҷуз ин қиёмате ҳаст!
То душмани ту силеҳ пӯшад,
Шамшери ту беҳ, ки боз кӯшад?
Чун хасм зи ту салоҳ резад,
Бо хасми фитода кӣситезад?
Мо, к-аз паи ту сипар фигандем,
Гар афв кунӣ, ниёзмандем!

Пайғом ба тиру найза то чанд?
Бо бесипарон ситеза то чанд?
Ёбандаи фатҳ, к-он ҷазаъ дид,
Бахшуду гуноҳи рафта бахшид.
Гуфто, ки арӯс боядам зуд,
То гардам аз ин қабила хушнуд.
Омад падари арӯс ғамнок,
Чун хок ниҳода рӯй бар хок,
К-эй дар Араб  аз бузургворӣ
Дархурди сарию тоҷдорӣ!
Маҷрӯҳаму пиру дилшикаста,
Дур аз ту ба рӯзи бад нишаста.
Дар сарзаниши араб фитода,
Худро «аҷамӣ» лақаб ниҳода.
Ин хун, ки зи шарҳ беш бинам,
Дар гардани бахти хеш бинам.
Хоҳам, ки дар ин гуноҳкорӣ
Симоб шавам зи шармсорӣ!
Гар духти маро биёварӣ пеш,
Бахшӣ ба камина бандаи хеш,
Розӣ шаваму сипос дорам
В-аз ҳукми ту сар бурун наёрам!
В-ар оташи тез барфурӯзӣ,
В-ӯро ба масал чу уд сӯзӣ,
В-ар з-он, ки дарафканӣ ба чоҳаш,
Ё теғ кашӣ, кунӣ табоҳаш,
Аз бандагии ту сар натобам,
Рӯй аз сухани ту барнатобам!
Гар тозагули рабеъ бошам,
Фармони туро мутеъ бошам.
Аммо надиҳам ба дев фарзанд,
Девона ба банд беҳ, ки дар панд.
Сарсомию нур чун бувад х(в)аш?
Хошоку, наъузубиллаҳ, оташ!
Ин шефтарои ноҷавонмард
Беоқибат асту ройгонгард.
Хӯ карда ба кӯҳу дашт гаштан,
Ҷавлон задану ҷаҳон наваштан,
Бо номшикастагон нишастан,
Номи ману номи худ шикастан.
Дар аҳди ҳунар шикастакомӣ
Беҳ з-он, ки бувад шикастаномӣ!

Дар хоки Араб намонд боде,
К-аз духтари ман накард ёде.
Ноёфта дар забонаш афганд,
Дар сарзаниши ҷаҳонаш афганд.
Гар дар кафи ӯ ниҳӣ зимомам,
Бо нанг бувад ҳамеша номам.
Он кас, ки дами наҳанг дорад,
Беҳ з-он, ки бимонду нанг дорад.
Бадномии номи ман маяндӯз,
Ин рӯз бибин, битарс аз он рӯз.
Гар ҳеҷ расӣ маро ба фарёд,
Озод кунӣ, ки бодӣ озод!
Варна, ба Худо, ки бозгардам
В-аз нози ту бениёз гардам.
Буррам сари он арӯси чун моҳ,
Дар пеши саг афганам дар ин роҳ,
То бозраҳам зи ному нангаш,
Озод шавам зи сулҳу ҷангаш!
Фарзанди маро дар ин таҳаккум
Саг, беҳ, бихурад, ки девмардум!
Онро, ки газад саги хатарнок,
Чун марҳам ҳаст, несташ бок.
В-онро, ки даҳони одамӣ ҳаст,
Натвон ба ҳазор марҳамаш баст.
Чун ӯ вараҷе чунин фурӯ хонд,
Навфал ба ҷавоби ӯ фурӯ монд.
З-он чиразабони раҳматангез
Бахшоиш карду гуфт: «Бархез!
Ман гарчи саромади сипоҳам,
Духтар ба дили хуш аз ту хоҳам.
Чун менадиҳӣ, дили ту донад,
Аз ту ба ситам кӣ меситонад?
Ҳар зан, ки ба дасти зӯр хоҳанд,
Нон хушку асида шӯр хоҳанд.
Ман, к-омадам аз паи дуоҳо,
Мустағниям аз чунин ҷафоҳо.
Онон, ки надими хос буданд,
Бо пир дар ин халос буданд,
К-он шефтахотири ҳаваснок
Дорад манише азим нопок.
Ҳар зан, ки ба чанги ӯ дарафтад,
Бадхӯ шавад ӯ, на дарх(в)ар афтад.

Шӯридадиле чунин ҳавоӣ
Тан дарнадиҳад ба кадхудоӣ.
Бар ҳар чӣ диҳиш, агар наҷот аст,
Собит набувад, ки бесабот аст.
Мо дӣ зи барои ӯ ба новард,
Ӯ рӯй ба фатҳи душман овард.
Мо аз паи ӯ нишонаи тир,
Ӯ дар рухи мо кашида такбир.
Ин нест нишони ҳушмандон,
Ӯ хоҳ ба гиря, хоҳ хандон.
Ин васлат агар фароҳам афтад.
Ҳам қуръаи фол бар ғам афтад.
Некӯ набувад зи рӯи ҳолат
Ӯ бо халалу ту бо хиҷолат.
Он беҳ, ки чу ному нанг дорем,
З-ин кори намуна чанг дорем!
Хоҳишгар аз ин ҳадис бигзашт,
Бо лашкари хеш бозпас гашт.
Маҷнуни шикастадил дар он кор
Дилхаста шуд аз газанди он хор,
К-имрӯз, ки рӯзи дастбурд аст,
Он бахт, ки хуфта буд, мурда-ст,
Дар бахти чу ман салимрое
Боистӣ, агар будӣ вафое.
Омад бари Навфал об дар чашм,
Ҷӯшанда чу кӯҳи оташ аз хашм,
К-эй пой ба дӯстӣ фашурда,
Пазруфтаи худ ба сар набурда!
Дар субҳдаме бад-он сапедӣ
Додим ба рӯзи ноумедӣ.
Аз дасти ту сайди ман чаро рафт?
В-он даст гирифтанат куҷо рафт?
Ташна-м ба лаби Фурот бурдӣ,
Нохӯрда, ба дӯзахам супурдӣ?
Шаккар зи қиматра баркушодӣ,
Шарбат кардӣ, вале надодӣ.
Бар хони табарзадам нишондӣ,
Бозам чу магас зи пеш рондӣ.
Чун охири ришта ин гиреҳ буд,
Ин ришта наришта, пунба беҳ буд.
Ин гуфту инон аз ӯ бигардонд,
Якаспа шуду дуаспа меронд.

Чандон, ки намуда шуд муроот,
К-инро беҳ аз ин бувад мукофот.
Тартиб кунам аз ин диёрат
Ҷуфте ҳунарию созгорат.
Боҳурмату ҳусну бохазина,
Симобсурину симсина.
То корат аз ӯ ба соз гардад,
Давлат ба дари ту бозгардад.
З-ин гуна басе умед доданд,
Банд аз дили ӯ намекушоданд.
Гум кард пай аз миёни эшон,
Мерафт чу абр дилпарешон.
Мерехт зи дида об бар хок,
Бар заҳри кушанда рехт тарёк.
Навфал чу ба мулки хеш пайваст,
Бо ҳамнафасони хеш биншаст.
Маҷнуни ситамдидаро хонд,
То дил диҳадаш, к-аз ӯ дилаш монд.
Ҷустанд басе дар он мақомаш,
Афтода буд аз ҷарида номаш.
Гум гаштани ӯ, ки нораво буд,
Огоҳ шуданд, к-аз куҷо буд.

## РАҲОНИДАНИ МАҶНУН ОҲУВОНРО

Созандаи арғануни ин соз
Аз парда чунин барорад овоз,
К-он мурғи ба ком норасида,
Аз навфалиён чу шуд бурида,
Тайёраи тундро шитобон
Меронд чу бод дар биёбон.
Мехонд суруди бевафоӣ
Бар Навфалу он хилофроӣ.
Бо ҳар дамане аз он вилоят
Мекард зи бахти бад шикоят.
Мерафт сиришкрезу ранҷур,
Андохта дид доме аз дур.
Дар дом фитода оҳуе чанд,
Муҳкам шуда дасту пой дар банд.

Сайёд бад-ин тамаъ, ки хезад,
Хун аз тани оҳувон бирезад.
Маҷнун ба шафоат аспро ронд,
Сайёд савор диду дармонд.
Гуфто, ки ба расми домёрӣ
Меҳмони туам, бад-он чи дорӣ!
Дом аз сари оҳувон ҷудо кун,
Ин як-ду рамидаро раҳо кун!
Беҷон чӣ кунӣ рамидаеро?
Ҷонест ҳар офаридаеро!
Чашмею сурине инчунин хуб,
Бар ҳар ду набишта ғайри мағзуб.
Дил чун диҳадат, ки барситезӣ,
Хуни ду-се бегунаҳ бирезӣ?
Он кас, ки на одамист, гург аст,
Оҳукушӣ оҳуе бузург аст.
Чашмаш на ба чашми ёр монад,
Бӯяш на ба навбаҳор монад.
Бигзор ба ҳаққи чашми ёраш,
Бинвоз ба ёди навбаҳораш.
Гардан мазанаш, ки бевафо нест,
Дар гардани ӯ расан раво нест.
Он гардани тавқбанди озод
Афсӯс бувад ба теғи пӯлод.
В-он чашми сиёҳи сурмасуда
Дар хок хато бувад ғунуда,
В-он сина, ки рашки сими ноб аст,
На дархури оташу кабоб аст.
В-он содасурини нозпарвард,
Донӣ, ки ба захм нест дарх(в)ард?
В-он нофа, ки мушки ноб дорад,
Хун рехтанаш чӣ об дорад?
В-он пои латифи хайзаронӣ
Дархурди шиканҷа нест, донӣ!
В-он пушт, ки бори кас насанҷад,
Бар пушти замин занӣ, биранҷад.
Сайёд бад-он нашид, к-ӯ хонд,
Ангушт гирифта дар даҳан монд.
Гуфто:– «Сухани ту кардаме гӯш,
Гар фақр набудаме ҳамоғӯш.
Нахчири думоҳа қайдам ин аст,
Як хона иёлу сайдам ин аст.

Сайёд, бад-ин ниёзмандӣ
Озодии сайд чун писандӣ?
Гар бар сари сайд соя дорӣ,
Ҷон бозхараш, ки моя дорӣ!»
Маҷнун ба ҷавоби он тиҳидаст
Аз маркаби худ сабук фурӯ ҷаст.
Оҳутаки хешро бад-ӯ дод,
То гардани оҳувон шуд озод.
Ӯ монду яке ду оҳуи хурд,
Сайёд бирафту борагӣ бурд.
Медод зи дӯстӣ, на з-афсӯс
Бар чашми сиёҳи оҳувон бӯс,
К-ин чашм агар на чашми ёр аст,
З-он чашми сиёҳ ёдгор аст!
Бисёр бар оҳувон дуо кард
В-он гоҳ зи доманаш раҳо кард.
Рафт аз паи оҳувон шитобон,
Фарёдкунон дар он биёбон.
Бе кинаварӣ силоҳ баста,
Чун гул ба силоҳи хеш хаста.
Дар марҳалаҳои реги ҷӯшон
Гашта зи табиш чу деги ҷӯшон.
Аз дил ба ҳаво бухор дода,
Хорову қасаб ба хор дода.
Шаб чун қасаби сиёҳ пӯшид,
Хуршед қасаб зи моҳ пӯшид,
Он шефтаи маҳи ҳисорӣ
Чун тори қасаб шуд аз низорӣ,
З-он сон, ки ба ҳеҷ ҷустуҷӯе
Фарқаш накунад касе зи мӯе.
Шаб чун сари зулфи ёр торик,
Раҳ чун тани дӯстдор борик,
Шуд навҳакунон даруни ғоре
Чун моргазида сусморе.
Аз баҳри ду дида гавҳар афшонд,
Биншаст зи пою мавҷ биншонд.
Печид чунон, ки бар замин мор,
Ё бар сари оташ афганӣ хор.
То рӯз нахуфт аз оҳ кардан
В-аз нома чу шаб сиёҳ кардан.

## ОЗОД КАРДАНИ МАҶНУН ГАВАЗНОНРО

Чун субҳ ба фоли некрӯзӣ
Барзад алами ҷаҳонфурӯзӣ,
Абрӯи Ҳабаш ба Чин даромад,
К-ойинаи Чин зи Чин баромад.
Он ойинаи хаёл дар чанг
Чун ойина буд, лек дар занг.
Бархост, чунон ки буд аз оташ,
Чун дуди абир бӯи ӯ х(в)аш.
Раҳ пеш гирифт байтхонон,
Бардошта бонги меҳрубонон.
Мерафту ба дида роҳ меруфт,
«Мошоаллоҳу кона»  мегуфт.
Ногоҳ расид дар мақоме,
Андохта дид боз доме.
Дар дом гавазне уфтода,
Гардан зи расан ба теғ дода.
Сайёд бар он гавазни гулранг
Оварда чу шери шарза оҳанг.
То бе гунаҳеш хун бирезад,
Хуне, ки чунин, аз ӯ чӣ хезад?
Маҷнун чу расид пеши сайёд,
Бикшод забон чу неши фассод,
К-эй чун саги золимон забунгир,
Дом аз сари оҷизон бурун гир!
Бигзор, ки ин асири бандӣ
Рӯзе ду кунад нишотмандӣ!
З-ин ҷуфтаи хун карона гирад,
Бо ҷуфти худ ошёна гирад.
Он ҷуфт, ки имшабаш биҷӯяд,
Аз гум шуданаш туро чӣ гӯяд?!
К-эй он ки туро зи ман ҷудо кард,
Маъхуз мабод ҷуз бад-ин дард!
Сайёди ту рӯзи хуш мабинод,
Яъне, ки ба рӯзи ман нишинод!
Гар тарсӣ аз оҳи дардмандон,
Баркан зи чунин шикор дандон!
Рои ту чӣ кардӣ, ар ба тақдир
Нахҷиргар ӯ шудӣ, ту нахҷир?
Шукронаи ин чӣ мепазирӣ,
К-ӯ сайд шуду ту сайдгирӣ?

Сайёд бад-ин сухангузорӣ
Шуд дур зи хуни он шикорӣ.
Гуфто:– «Накунам ҳалок ҷонаш,
Аммо надиҳам ба ройгонаш.
Ваҷҳи хуриши ман ин шикор аст,
Гар бозхариш вақти кор аст»!
Маҷнун ҳама созу олати хеш
Барканду сабук ниҳод дар пеш.
Сайёд салеҳу соз бардошт,
Сайде сара диду сайд бигзошт.
Маҷнун суи он шикори дилбанд
Омад чу падар ба сӯи фарзанд.
Молид бар ӯ чу дӯстон даст,
Ҳар ҷо ки шикаста дид, мебаст.
Сар то пояш ба каф бихорид,
З-ӯ гарду зи дида ашк борид.
Гуфт:– «Эй зи рафиқи хештан дур,
Ту низ чу ман зи дӯст маҳҷур!
Эй пешрави сипоҳи саҳро,
Хиргоҳнишини кӯҳи хазро!
Бӯи ту зи дӯст ёдгорам,
Чашми ту назири чашми ёрам!
Дар сояи ҷуфт бод ҷоят,
В-аз дом кушода бод поят!
Холӣ зи ту захми кинахоҳон,
Дур аз сари ту каманди шоҳон!
Дандони ту аз даҳонаи зар
Ҳам дар садафи лаби ту беҳтар.
Чарми ту, ки созманди зеҳ шуд,
Ҳам бар зеҳи ҷомаи ту беҳ шуд.
Ашки ту агарчи ҳаст тарёк,
Норехта беҳ чу заҳр бар хок.
Эй синакушои гарданафроз,
Дар сӯхтасинае бипардоз!
Донам, ки дар ин ҳисори сарбаст
З-он моҳи ҳисорият хабар ҳаст.
Вақте ки чаро кунӣ дар он бум,
Ҳоли дили ман кунӣ-ш маълум,
К-эй монда ба коми душманонам,
Чунон ки бихоҳӣ, ончунонам.
Ту дуру ман аз ту низ ҳам дур,
Ранҷур ману ту низ ранҷур.

Пире на, ки дар миёна афтад,
Тире на, ки бар нишона афтад.
Боде, ки надорад аз ту бӯе,
Номаш набарам ба ҳеҷ рӯе.
Ёде, ки зи ту асар надорад,
Бар хотири ман гузар надорад.
З-ин гуна яке на, балки сад беш
Мегуфт ба ҳасби ҳолати хеш.
Аз пои гавазн банд бикшод,
Чашмаш бӯсиду кардаш озод.
Чун рафт гавазни домдида,
З-он буқъа равон шуд орамида.
Сайёраи шаб чу бар сари чоҳ
Юсуфрӯе харид чун Моҳ,
Аз анҷумани расадфурӯшон
Шуд Мисри фалак чу Нил ҷӯшон.
Он милкашида мил бар мил
Мерафт чу Нил ҷома дар нил.
Чандон ки забон бадар кунад мор,
Ё мурғ занад ба об минқор.
Н-осуда чу мори бардарида,
Нағнуда чу мурғи парбурида.
Мағзаш зи ҳарорати димоғаш
Сӯзанда чу равғани чароғаш.
Гар худ ба масал чу шамъ мурдӣ,
Паҳлӯ ба суи замин набурдӣ!

## СУХАН ГУФТАНИ МАҶНУН БО ЗОҒ

Шабгир, ки чархи лоҷвардӣ
Ороcт кабудие ба зардӣ,
Хандидани қурси он гули зард
Офоқ ба ранги сурхгул кард.
Маҷнун чу гули хазонрасида
Мегашт миёни оби дида.
З-он об, ки бар вай оташ афшонд,
Киштӣ чу сабо ба хушк меронд.
Аз гармии Офтоби сӯзон
Тафсид ба вақти нимрӯзон.
Чун соя надошт ҳеҷ рахте,
Биншаст ба сояи дарахте.

Дар сояи он дарахти олӣ
Гирд омада обе аз ҳаволӣ,
Ҳавзе шуда чун фалак мудаввар,
Покизаву хуш чу ҳавзи Кавсар.
Пиромани об сабза руста,
Ҳам сабза, ҳам об рӯйшуста!
Он ташна зи гармии ҷигартоб
З-он об чу сабза гашт сероб.
Осуд замоне аз давидан
В-аз гуфтану ҳеҷ ношунидан.
З-он мафраши ҳамчу сабз дебо
Медид дар он дарахти зебо.
Бар шох нишаста дид зоғе,
Чашмею чӣ чашм?! Чун чароғе!
Чун зулфи бутон сиёҳу дилбанд,
Бо дил чу ҷигар гирифта пайванд.
Солиҳ мурғе чу ноқа хомӯш,
Чун солиҳиён шуда сияҳпӯш.
Бар шох нишаста чусту бино,
Ҳамчун шаба дар миёни мино!
Маҷнун чу мусофире чунон дид,
Бо ӯ дили хеш ҳамъинон дид.
Гуфт: «Эй сияҳи сапеднома,
Аз дасти кӣ сиёҳҷома?!
Шабранг чароӣ, эй шабафрӯз?!
Рӯзат зи чӣ шуд сияҳ бад-ин рӯз?!
Бар оташи ғам манам, ту ҷӯшӣ,
Ман сӯгзада, сияҳ ту пӯшӣ?!
Гар сӯхтадил, на хомроӣ,
Чун сӯхтагон сияҳ чароӣ?!
В-ар сӯхтавор гармхезӣ,
Аз сӯхтагон чаро гурезӣ?
Шояд, ки хатиби хутбахонӣ,
Пӯшида сияҳлибос аз онӣ?!
Зангибачаи кадом созӣ?!
Ҳиндуи кадом турктозӣ?!
Ман шоҳ, магар ту чатри шоҳӣ?!
Гар чатр наӣ, чаро сиёҳӣ?!
Рӯзе, ки расӣ ба назди ёрам,
Гӯ, бе ту зи даст рафт корам.
Дарёб, ки гар ту дарнаёбӣ,
Ночиз шавам дар ин харобӣ!

Гуфтӣ, ки матарс, даст гирам,
Тарсам, ки дар ин ҳавас бимирам.
Рӯзе оӣ, ки мурда бошам,
Меҳри ту ба хок бурда бошам.
Биноии дида чун бирезад,
Аз додани тӯтиё чӣ хезад?
Чун гург бара зи меш бирбуд,
Фарёди шубон куҷо кунад суд?
Чун сел хароб кард бунёд,
Девор чи коҳгил, чи пӯлод.
Чун киштаи хушк монд бебар,
Хоҳ абр бибору хоҳ бигзар!»
Ин тири забон кушода густох
В-он зоғ парида шох бар шох.
Ӯ парри сухан дароз карда,
Парранда раҳил соз карда.
Чун гуфт басе фасона бо зоғ,
Шуд зоғу ниҳод бар дилаш доғ.
Шаб чун пари зоғ бар сар овард,
Шабпарра зи хоб сар баровард.
Гуфтӣ, ки ситорагон чароғанд,
Ё дар пари зоғ чашми зоғанд.
Маҷнун чу шаби чароғмурда,
Афтодаву дида зоғбурда,
Мерехт сиришки дида то рӯз
Монандаи шамъи хештансӯз.

## БУРДАНИ ПИРЗАН МАҶНУНРО БА ДАРИ ХИРГОҲИ ЛАЙЛӢ

Чун нури чароғи осмонгард
Аз пардаи субҳ сар бадар кард,
Дар ҳар назаре шукуфт боғе,
Шуд ҳар басаре чу шабчароғе.
Маҷнун чу паранда зоғпӯён,
Парвонасифат чароғҷӯён.
Аз роҳи раҳил хор бардошт,
Ҳинҷори диёру ёр бардошт.
Чун бӯи даман шунид, биншаст,
Як лаҳза ниҳод бар ҷигар даст.
Боз аз нафасаш баромад овоз,
Чун мурда, ки ҷон бад-ӯ расад боз.

Шуд пирзане зи дур пайдо,
Бо ӯ шахсе ба шакли шайдо.
Сар то қадамаш кашида дар банд
В-он шахс ба банд гашта хурсанд.
Зан мешуд дар шитоб кардан,
Мебурд варо расанбагардан.
Маҷнун чу асир дид дар банд,
Занро ба Худой дод савганд,
К-ин марди бабанд кист бо ту,
Дар банд зи баҳри чист бо ту?!
Зан гуфт:– «Сухан чу рост хоҳӣ,
Мардест на бандию на чоҳӣ.
Ман беваам, ин рафиқ дарвеш,
Дар ҳар ду зарурате зи ҳар беш.
Аз дарвешӣ бад-он расидам,
К-ин банду расан дар ӯ кашидам,
То гардонам асирвораш,
Тавзеъ кунам ба ҳад диёраш.
Гирд оварам аз чунин баҳона
Муште алаф аз барои хона.
Бинем, к-аз он миён чӣ бархост,
Ду нима кунем росторост.
Ниме ману ниме ӯ ситонад,
Гарде ба миёна – дар намонад».
Маҷнун зи сари шикастаболӣ
Дар пои зан уфтод ҳолӣ,
К-ин силсилаву танобу занҷир
Бар ман неҳ, аз ин рафиқ баргир,
К-ошуфтаву мустаманд моем,
Ӯ нест сазои банд, моем!
Мегардонам ба рӯсиёҳӣ
Ин ҷову ба ҳар куҷо, ки хоҳӣ!
Ҳарч он баҳам ояд аз чунин кор,
Бе ширкати ман турост, бардор!»
Чун дид зан инчунин шикоре,
Шуд шод ба инчунин шуморе.
З-он ёр бидошт дарзамон даст,
Он банду расан ҳама дар ин баст.
Бинвохт ба банд кардан ӯро,
Мебурд расанбагардан ӯро.
Мебасту зи банд мераҳондаш
В-аз ҳулла ба ҳулла медавондаш.

Ҳар ҷо, ки расиду мардумон дид,
Бигрист яке, яке бихандид.
Хандид касе, ки буд ғофил,
Бигрист касе, ки буд оқил.
Ӯ дода ризо ба захм х(в)ардан,
Занҷир ба пою ғул ба гардан.
Чун бар дари хаймае расидӣ,
Мастона суруд баркашидӣ.
«Лайлӣ!» гуфтию санг х(в)ардӣ,
Дар хӯрдани санг рақс кардӣ.
Чун чанд ҷафош бар сар овард,
Гирди дари Лайлияш баровард.
Чун боде аз он чаман бар ӯ ҷаст,
Бар хоки чаман чу сабза биншаст.
Бигрист бар он чаман ба зорӣ
Чун дидаи абри навбаҳорӣ.
Сар мезад бар замину мегуфт,
К-эй ман зи ту тоқу бо ғамат ҷуфт!
Муҷримтар аз он шудам дар ин роҳ,
К-озод шавам зи банду аз чоҳ.
Инак сару пой ҳар ду дар банд,
Гаштам ба уқубати ту хурсанд.
Гар з-он ки намудаам гуноҳе,
Маъзур наям ба ҳеҷ роҳе.
Ман ҳукмкашу ту ҳукмронӣ,
Таъдиб кунам, чунон ки донӣ!
Мангар ба масофи теғу тирам,
Дар пеши ту, бин, ки чун асирам.
Гар тохтане ба латма кардам,
Аз латмаи хеш захм х(в)ардам.
Гар дӣ гунаҳе намуд поям,
Имрӯз расанбагардан оям.
Гар дасти шикаста шуд камонгир,
Инак ба шиканҷа зери занҷир.
З-он ҷурм, ки пеш аз ин намудам,
Бисёр ҷиноят озмудам.
Мапсанд маро чунин ба хорӣ,
Гар мекушиям, бикуш! Чӣ дорӣ?
Гар ҷуз ба ту муҳкам аст бехам,
Баркаш чу салиби чормехам.
Эй, к-аз ту вафост бевафоӣ,
Пеши ту хатост бехатоӣ!

Ман бо ту чу нестам хатокор,
Худро ба хато кунам гирифтор.
Бошад, ки вафое ояд аз ту,
Ё тири хатое ояд аз ту.
Дар зиндагиям дуруд н-орӣ,
Дасте ба сарам фуруд н-орӣ,
Дар куштагиям умеди он ҳаст,
К-орӣ ба баҳона бар сарам даст.
Гар теғ равон кунӣ бад-ин сар,
Қурбони худам кунӣ бад-ин дар.
Исмоиле зи худ бисанҷам,
Исмоилиям, агар биранҷам.
Чун шамъ дилам фурӯғнок аст,
Гар бозбурӣ сарам, чӣ бок аст?
Шамъ аз сари дарди сар кашидан
Беҳ гардад вақти сар буридан.
Дар пои ту беҳ, ки мурда бошам,
То зиндаву бе ту ҷон харошам.
Чун нест маро бари ту роҳе,
З-ин пас ману гӯшаею оҳе.
Сар додаву оҳ барнаёрам,
То пеши ту дарди сар наёрам.
Гӯӣ, зи ту дарди сар ҷудо бод,
Дард они ман аст, сар туро бод!
Ин гуфту зи ҷой ҷаст чун тир,
Девона шуду бурид занҷир.
Аз кӯҳаи ғам шукӯҳ бигрифт,
Чун кӯҳагирифта кӯҳ бигрифт.
Бар Наҷд шуду нафир мезад,
Бар худ зи тапонча тир мезад.
Хешон чу аз ӯ хабар шуниданд,
Рафтанду надиданӣ бидиданд.
Ҳам модару ҳам падар дар он кор
Навмед шуданд аз ӯ ба якбор.
Бо кас чу намешуд орамида,
Гуфтанд ба тарки он рамида.
В-ӯро шуда дар харобу обод
Ҷуз ному нишони Лайлӣ аз ёд.
Ҳар кас, ки бад-ӯ ҷуз ин сухан гуфт,
Ё тан зад, ё гурехт, ё хуфт!

## ДОДАНИ ПАДАР ЛАЙЛИРО БА ИБНИ САЛОМ

Ғаввоси ҷавоҳири маъонӣ
Кард аз лаби худ гуҳарфишонӣ,
К-он рӯз, ки Навфал он зафар ёфт,
Лайлӣ ба виқоя-дар хабар ёфт.
Мегуфт ба хотир он дилафрӯз
«Ал-айш», ки ёри мост пирӯз!
Омад падараш забонкушода,
Бар фарқ амома каҷ ниҳода.
Баргуфт зи роҳи тезҳушӣ
Афсонаи он забонфурӯшӣ,
К-имрӯз чӣ ҳила нақш бастам,
То з-офати он рамида растам?!
Бастам суханаш, ба об додам,
Якборагияш ҷавоб додам.
Навфал, ки Худо ҷазо диҳодаш,
Кард аз дари мо «Худодиҳодаш».
Ӯ низ ба ҳаҷр гашт хурсанд,
Дандони тамаъ зи васл барканд.
Арризқу илаллаҳ аз чунон ёр,
Алминнату лиллаҳ аз чунин кор.
Лайлӣ зи падар бад-ин ҳикоят
Ранҷид чунон, ки бениҳоят.
Дар парда ниҳуфта оҳ медошт,
Парда зи падар нигоҳ медошт.
Чун рафт падар зи парда берун,
Шуд наргиси ӯ зи гиря гулгун.
Чандон зи раҳи ду дида хун ронд,
К-аз роҳи худ он ғубор биншонд.
Чун гумшуда дид ҳамтарозу,
Гаҳ даст газиду гоҳ бозу.
Мерехт зи дида хуни софӣ,
Мекард бар об ҳуллабофӣ.
Дод об зи наргис арғавонро,
Дар ҳавза кашид хайзаронро.
Аҳде на, ки қисса бозгӯяд,
Ёре на, ки чора бозҷӯяд.
Дар силсила бому дар гирифта,
Мезист чу мори саргирифта.
В-аз ҳар тарафе насими кӯяш
Медод хабар зи лутфи бӯяш.

Бар суҳбати ӯ зи номдорон
Дилгарм шуданд хостгорон.
Ҳар кас ба вилоятею моле
Меҷуст зи ҳусни ӯ висоле.
Аз дурталабони он хизона
Даллола ҳазор дар миёна.
Ин даст кашида, то барад маҳд,
Он сина кушода, то хурад шаҳд.
Ӯро падар аз бузургворӣ
Медошт чу дур дар устуворӣ.
В-он симтан аз камоли фарҳанг
Он шиша нигоҳ дошт аз санг.
Мехурд вале ба сад мудоро
Пинҳон ҷигару май ошкоро.
Чун шамъ ба ханда рух барафрӯхт,
Хандиду ба зери ханда месӯхт.
Чун гул камари дурӯя мебаст
Зӯбин дар пою шамъ бар даст.
Мебурд зи рӯи созгорӣ
Он лангиро ба роҳворӣ.
Аз муштариёни бурҷи он моҳ
Сад Зуҳра нишаст гирди хиргоҳ.
Чун Ибни Салом аз ин хабар ёфт,
Бар ваъдаи шарткарда биштофт.
Омад зи паи арӯсхоҳӣ
Бо тоқу турунби подшоҳӣ.
Овард хизонаҳои бисёр,
Анбар ба ману шакар ба харвор.
В-аз нофаи мушку лаъли конӣ
Ороста барги армағонӣ.
В-аз баҳри фарешҳои зебо
Чандин шутураш ба зери дебо.
В-аз бухтию тозии таковар
Чандон, ки надошт ақл бовар.
З-он зар, ки ба як ҷаваш ситезанд,
Мерехт чунон, ки рег резанд.
Он зар на, ки он чу рег мебехт,
Бар куштани хасм рег мерехт!
Карда ба чунон мурувввате чуст
Он хонаи регбумро суст
Рӯзе ду зи ранҷи раҳ баросуд,
Қосид талабиду шуғл фармуд.

Ҷодусухане, ки кардӣ аз шарм
Ҳангоми фиреб сангро нарм;
Ҷонзиндакуне, ки аз фасеҳӣ
Шуд мурдаи ӯ дами масеҳӣ!
Бо пешкаше зи ҳар тароиф,
Оварда зи Руму Чину Тоиф.
Қосид бишуду хазинаро бурд,
Як-як ба хазинадор биспурд.
В-он гаҳ ба калиди хушзабонӣ
Бикшод хазинаи ниҳонӣ,
К-ин шоҳсавори шерпайкар
Рӯи араб асту пушти лашкар!
Соҳибтабаъу баландном аст,
Асбоби бузургияш тамом аст.
Гар хун талабӣ, чу об резад,
В-ар зар гӯӣ, чу хок безад!
Ҳам з-ӯ бирасӣ ба ёвариҳо,
Ҳам бозраҳӣ зи довариҳо!
Қосид чу басе сухан дар ин ронд,
Мискин падари арӯс дармонд.
Чандон ки ба гирди кор баргашт,
Иқрораш аз ин қарор нагзашт.
Бар кардани он амал ризо дод,
Маҳро ба даҳони аждаҳо дод.
Чун рӯзи дигар арӯси Хуршед
Бигрифт ба даст ҷоми Ҷамшед,
Бар суфти араб ғуломи русӣ
Афганд мусаллии арӯсӣ,
Омад падари арӯс дар кор,
Орост ба ганҷ кӯю бозор.
Домоду дигар гурӯҳро хонд,
Дар пешгаҳи нишот биншонд.
Ойини суруру шодкомӣ
Бархост ба ғояти тамомӣ.
Бар расми араб ба ҳам нишастанд,
Акде, ки шикаста, бозбастанд.
Тӯфони дирам бар осмон рафт,
Дар ширбаҳо сухан ба ҷон рафт.
Бар ҳаҷлаи он бути диловоз
Карданд ба тунгҳо шакаррез.
В-он тангдаҳони тангрӯзӣ
Чун уду шакар ба атрсӯзӣ.

Атре зи бухори дил барангехт
В-ашке чу гулоби талх мерехт.
Лаъл оташу ҷазъаш об медод,
Ин ғолия в-он гулоб медод.
Чун сохта шуд басичи ёраш,
Носохта буд ҳеҷ кораш.
Наздики даҳон шикаста шуд ҷом,
Полуда, ки пухта буд, шуд хом.
Бар хор қадам ниҳӣ, бидӯзад,
В-оташ ба даҳан барӣ, бисӯзад.
Узве, ки мухолифат пазирад,
Фармони туро ба худ нагирад.
Ҳарч он зи қабила гашт осӣ,
Берун фитад аз қабила хосӣ.
Чун моргазида гардад ангушт,
Воҷиб шавадаш буридан аз мушт.
Ҷондоруи табъ созгорист,
Мурдан сабаби хилофкорист.
Лайлӣ, ки муфарриҳи равон буд,
Дар мухталифӣ ҳалоки ҷон буд.
Тобандаи он чароғи шоҳӣ
Ҷусташ ба чароғи субҳгоҳӣ.

## БУРДАНИ ИБНИ САЛОМ ЛАЙЛИРО БА ХОНАИ ХУД

Чун субҳдам офтоби равшан
Зад хайма бар ин кабуд гулшан,
Сайёраи шаб пур аз авон шуд,
Бар Даҷлаи нилгун равон шуд.
Домоди нишотманд бархост,
В-аз баҳри арӯс маҳмил орост.
Чун рафт арӯс дар аморӣ,
Бурдаш ба басе бузургворӣ.
Аврангу сарири х(в)ад бад-ӯ дод,
Ҳукми ҳама неку бад бад-ӯ дод.
Рӯзе ду-се бар тариқи озарм
Мекард ба рифқ мумро нарм.
Бо нахли рутаб чу гашт густох,
Дасте ба рутаб кашид бар шох.
З-он нахли раванда хӯрд хоре,
К-аз дард нахуфт рӯзгоре.

Лайлиш тапончае чунон зад,
К-афтод чу мурда мард бех(в)ад.
Гуфт:– «Ар дигар ин амал намоӣ,
Аз хештану зи ман бароӣ,
Савганд ба офаридгорам,
К-орост ба сунъи худ нигорам,
К-аз ман ғарази ту барнахезад
В-аз теғи ту хуни ман бирезад!»
Чун Ибни Салом дид савганд,
З-он бут ба салом гашт хурсанд.
Донист, к-аз ӯ фароғ дорад,
Ҷуз вай дигаре чароғ дорад.
Лекин ба тириқи сар кашидан
Менатвонист аз ӯ буридан,
К-аз дидани он маҳи дуҳафта
Дил дода бад-ӯ, зи даст рафта.
Гуфто:– «Чу зи  меҳри ӯ чунинам,
Он беҳ, ки дар ӯ зи дур бинам.
Хурсанд шудан ба як назора
З-он беҳ, ки кунад зи ман канора».
В-он гаҳ зи сари гуноҳкорӣ
Пӯзиш бинамуду кард зорӣ,
К-аз ту ба назора дил ниҳодам,
Гар з-ин гузарам, ҳаромзодам!»
З-он пас, ки ҷаҳон гузошт бо ӯ,
Беш аз назаре надошт бо ӯ.
В-он зинати боғу зеби гулшан
Бар роҳ ниҳода чашми равшан,
То бод, ки оварад ғуборе
Аз домани ғори ёри ғоре.
Ҳар лаҳза ба навҳа бар гузаргоҳ
Бехуд бадар омадӣ зи хиргоҳ.
Гоме ду-се тохтӣ чу мастон,
Нолондатар аз ҳазордастон.
Ҷустӣ хабаре зи ёри маҳҷур,
Додӣ асаре ба ҷони ранҷур.
Чандон ба тариқи носабурӣ
Нолид зи дарду доғи дурӣ,
К-он ишқи ниҳуфта шуд ҳувайдо
В-он роз чу рӯз гашт пайдо,
Бардошта ранҷи ношикебаш,
Аз шавҳару аз падар ниҳебаш.

Чун ишқ сиришта шуд ба гавҳар,
Чи боки падар, чи бими шавҳар?!

## ОГОҲИИ МАҶНУН АЗ ШАВҲАР КАРДАНИ ЛАЙЛӢ

Фарзона сухансарои Бағдод
Аз сирри сухан чунин хабар дод,
К-он шефтаи расанбурида,
Девонаи моҳинавнадида,
Маҷнуни ҷигаркабобгашта,
Деҳқони деҳи харобгашта.
Мегашт ба ҳар басичгоҳе,
Мӯнис на ба ҷуз дареғу оҳе!
Бӯе, ки зи сӯи ёраш омад,
Хушбӯйтар аз баҳораш омад!
З-он бӯи хуши димоғпарвар
Аъзош гирифта ранги анбар,
З-он анбари хуш зи баҳри савдо
Мекард муфарриҳе муҳайё.
Бар хок фитода чун залилон,
Дар зери дарахте аз муғелон.
З-он рӯй, ки рӯи кор нашнохт,
Хор аз гулу гул зи хор нашнохт!
Ногаҳ сияҳе, шутурсаворе,
Бигзашт бар ӯ чу гурзаморе.
Чун дид дар он асири берахт,
Бигрифт зимоми ноқаро сахт.
Ғуррид ба шакли наррадеве,
Бардошт чу ғофилон ғиреве,
К-эй бехабар аз ҳисоби ҳастӣ,
Машғул ба кори бутпарастӣ!
Беҳ, гар зи бутон инон битобӣ,
К-аз ҳеҷ буте вафо наёбӣ!
Ин кор, ки ҳаст, нест бонур,
В-он ёр, ки нест, ҳаст аз ин дур!
Бекор касӣ ту аз чунин кор,
Беёр беҳӣ ту аз чунин ёр!
Он дӯст, ки дил бад-ӯ супурдӣ,
Бар душманияш гумон набурдӣ.
Шуд душмани ту зи бевафоӣ,
Хӯ бозбурид аз ошноӣ

Чун хирмани худ ба бод додат,
Бадаҳд шуду накард ёдат:
Доданд ба шавҳаре ҷавонаш,
Карданд арӯс дарзамонаш.
В-ӯ хидмати шӯйро бисечид,
Печид дар ӯву сар напечид.
Бошад ҳамарӯза гӯш дар гӯш,
Бо шавҳари хештан ҳамоғӯш.
Кораш ҳама бӯсаву канор аст,
Ту дар ғами кораш, ин чӣ кор аст?!
Чун ӯ зи ту дур шуд ба фарсанг,
Ту низ бизан қароба бар санг!
Чун н-оварадат ба солҳо ёд,
З-ӯ ёд макун, чӣ корат афтод.
Зан, гар на яке, ҳазор бошад,
Дар аҳд кам устувор бошад.
Чун нақши вафову аҳд бастанд,
Бар номи занон қалам шикастанд.
Зан дӯст бувад, вале замоне,
То ҷуз ту наёфт меҳрубоне.
Чун дар бари дигаре нишинад,
Хоҳад, ки дигар туро набинад.
Зан майл зи мард беш дорад,
Лекин суи коми хеш дорад.
Зан рост набозад, он чи бозад,
Ҷуз зарқ насозад, он чи созад.
Бисёр ҷафои зан кашиданд
В-аз ҳеҷ зане вафо надиданд.
Марде, ки кунад занозмоӣ,
Зан беҳтар аз ӯ ба бевафоӣ.
Зан чист?! Нишонагоҳи найранг,
Дар зоҳир сулҳу дар ниҳон ҷанг.
Дар душманӣ офати ҷаҳон аст,
Чун дӯст шавад, ҳалоки ҷон аст.
Гӯӣ, ки бикун, намениюшад,
Гӯӣ, ки макун, думарда кӯшад.
Чун ғам хурӣ, ӯ нишот гирад.
Чун шод шавӣ, зи ғам бимирад.
Ин кори занони ростбоз аст,
Афсуни занони бад дароз аст».
Маҷнун зи газофи он сияҳгӯш
Барзад зи дил оташе ҷигарҷӯш.

Аз дарди дилаш, ки дар бар афтод,
Аз пой чу мурғ дар сар афтод.
Чандон сари худ бикӯфт бар санг,
К-аз хун ҳама кӯҳ гашт гулранг!
Афтод миёни санги хора,
Ҷон пораву ҷома пора-пора.
Он дев, ки он фусун бар ӯ хонд,
Аз гуфтаи хештан хиҷил монд.
Чандон нагузашт аз он баландӣ,
К-он дилшуда ёфт ҳушмандӣ.
Омад ба ҳазор узр дар пеш,
К-эй ман хиҷил аз ҳикояти хеш!
Гуфтам сухане дурӯғу бад рафт,
Афвам кун, к-он чи рафт, х(в)ад рафт!
Гар бо ту яке мазоҳ кардам,
Бар узри ту ҷон мубоҳ кардам.
Он парданишини рӯйбаста
Ҳаст аз қибали ту дилшикаста.
Шӯяш, ки варо ҳарифу ҷуфт аст,
Сар бар сари ӯ шабе нахуфтаст.
Гарчи дигаре никоҳ басташ,
Аз аҳди ту дур нест дасташ.
Ҷуз номи ту бар забон наёрад,
Ғайри ту кас аз ҷаҳон надорад.
Як дам набувад, ки он паризод
Сад бор наёварад туро ёд.
Солест, ки шуд арӯсу беш аст,
Бо меҳри туву ба мӯҳри хеш аст.
Гар бе ту ҳазор сол бошад,
Бар хӯрдан аз ӯ муҳол бошад.
Маҷнун, ки дар он дурӯғгӯӣ
Дид ойинае бад-он дурӯӣ,
Андактар аз он чи буд, ғам х(в)ард,
Кам моя аз он чи буд, кам кард.
Мебуд чу мурғи паршикаста,
З-он зарба, ки хӯрд саршикаста.
Аз ҷазъи пуроб лаъл месуфт,
Бар аҳди шикаста байт мегуфт.
Сомону саре надошт кораш,
К-аз вай хабаре надошт ёраш.

## ШИКОЯТ КАРДАНИ МАҶНУН БО ХАЁЛИ ЛАЙЛӢ

Машшотаи ин арӯси навъаҳд
Дар ҷилва чунон кашидаш аз маҳд,
К-он маҳднишин арӯси ҷаммош,
Рашки қалами ҳазор наққош,
Чун гашт ба шӯй пойбаста,
Буд аз паи дӯст дилшикаста.
Ғамхораи ӯ ғаме дигар ёфт,
К-аз кардани шӯи ӯ хабар ёфт.
Гашта хиради фариштафомаш
Маҷнунтар аз он, ки буд номаш.
Афтода чу мурғи парфишонда,
Беш аз нафасе дар ӯ намонда.
Дар ҷустани оби зиндагонӣ
Барҷаст ба ҳолате, ки донӣ.
Шуд сӯи диёри он парирӯй,
Борикшуда зи мӯя чун мӯй.
Бо ӯ ба забони бод мегуфт,
К-эй ҷуфти нишотгашта бо ҷуфт!
Ку он ду ба ду ба ҳам нишастан,
Аҳде ба ҳазор уҳда бастан?
Ку он ба висол ваъда додан,
Сар бо хати хозиъӣ ниҳодан?
Даъво кардан ба дӯстдорӣ,
Додан ба вафо умедворӣ?
В-имрӯз ба тарки аҳд гуфтан,
Рух бе гунаҳе зи ман ниҳуфтан?!
Гирам, дилат аз сари вафо шуд,
Он даъвии дӯстӣ куҷо шуд?
Ман бо ту ба кори ҷонфурӯшӣ,
Кори ту ҳама забонфурӯшӣ!
Ман меҳри туро ба ҷон харида,
Ту меҳри касе дигар гузида.
Кас аҳди касе чунин гузорад,
К-ӯро нафасе ба ёд н-орад?
Бо ёри нав онҷунон шудӣ шод,
К-аз ёри қадим н-оварӣ ёд!
Гар бо дигаре шудӣ ҳамоғӯш,
Моро ба забон макун фаромӯш.
Шуд дар сари боғи ту ҷавоним,
Оваҳ, ҳама ранҷи боғбоним.

Ин фохта ранҷ бурд дар боғ,
Чун мева расид, мехурад зоғ!
Хурмои ту гарчи созгор аст,
Бо ҳар кӣ, ба ҷуз ман аст, хор аст.
Бо оҳи чу ман самумдоғе
Кас барнахӯрад зи чун ту боғе.
Чун сарви равонӣ, эй суманбар,
Аз сарв нахӯрда ҳеҷ кас бар.
Бардоштӣ аввалам ба ёрӣ,
Бигзоштӣ охирам ба хорӣ.
Он рӯз, ки дил ба ту супурдам,
Ҳаргиз ба ту ин гумон набурдам.
Бифрефтиям ба аҳду савганд,
К-они ту шавам ба меҳру пайванд.
Савганд, нигар, чӣ рост х(в)ардӣ,
Пайванд, нигар, чӣ рост кардӣ!
Кардӣ дили худ ба дигаре гарм
В-аз дидаи ман наёмадат шарм?
Танҳо на ману туем дар давр,
К-озарм яке кунем бо ҷавр.
Дигар мутааррифон ба коранд,
К-эшон баду некҳо шуморанд.
Бинанд, ки то ғами ту х(в)ардам,
Бо ман туву бо ту ман чӣ кардам.
Гирам, ки маро ду дида бастанд,
Охир дигарон назора ҳастанд!
Чун ухдаи аҳд бозҷӯянд,
Ҷуз аҳдшикан туро чӣ гӯянд?
Фаррух набувад шикастани аҳд,
Андеша кун аз шикастани маҳд.
Гул то нашикаст аҳди гулзор,
Нашкаст замона дар дилаш хор.
Май то нашикаст рӯи авбош,
Дар номшикастагӣ нашуд фош!
Шаб то нашикаст Моҳро ҷом,
Бо рӯи сияҳ нашуд саранҷом.
Дар ту ба чӣ дил умед бандам
В-аз ту ба чӣ рӯй бозхандам?
К-он ваъда, ки пай дар ӯ фишурдӣ,
Умрам шуду ҳам ба сар набурдӣ.
Ту он накунӣ, ки ман шавам шод,
В-он кас на манам, ки н-орамат ёд.

Бо он ҳама ранҷ, к-аз ту санҷам,
Ранҷида шавам, гар аз ту ранҷам.
Ғам дар дили ман чунон нишондӣ,
К-озарм дар он миён намондӣ.
Он рӯй на, к-ошнот хонам,
В-он дил на, ки бевафот донам.
Оҷиз шудаам зи хӯи хомат,
К-охир чӣ тавон ниҳод номат?
Бо ин ҳама ҷаврҳо, ки ронӣ,
Ҳам қуввати ҷисму қути ҷонӣ!
Бедоди ту гарчи умркоҳ аст,
Зебоии чеҳра узрхоҳ аст.
Онро, ки чунон ҷамол бошад,
Хуни ҳама кас ҳалол бошад.
Рӯзӣ туву ман чароғи дилреш,
Беҳ, з-он набувад, ки мирамат пеш.
Маҳ гар шакарин бувад, ту Моҳӣ,
Шаҳ гар ба ду рух бувад, ту шоҳӣ.
Гул дар қасабию лола дар хаз,
Ширину разин чу шираи раз.
Гар оташ бинадат бад-он нур,
Обаш ба даҳон дарояд аз дур.
Боғ арчи гулу гулоладор аст,
Аз акси рухат наволахор аст.
Атлас, ки қабои лаъли шоҳист,
Бо қирмизии рухи ту коҳест.
З-абрӯи ту ҳар хаме хаёлест,
Ҳар як шаби идро ҳилолест!
Гар уд на сандали сапед аст,
Бо сурхгули ту сурхбед аст.
Султони рухат ба чатри мушкин
Ҳам мулки Ҳабаш гирифту ҳам Чин.
Аз хубии чеҳраи чунин ёр
Душвор тавон бурид, душвор!
Тадбири дигар ҷуз ин надонам,
К-ин ҷон ба сари ту барфишонам.
Озарму вафои ту гузинам,
Дар ҷавру ҷафои ту набинам!
Ҳам бо ту шикебро диҳам соз,
То умр куҷо инон кашад боз!

## РАФТАНИ ПАДАРИ МАҶНУН БА ДИДАНИ ФАРЗАНД

Деҳқони фасеҳи порсизод
Аз ҳоли араб чунин кунад ёд,
К-он пири писарбабоддода,
Яъқуби зи Юсуф уфтода
Чун Маҷнунро рамидадил дид,
З-оромиши ӯ умед бибрид.
Оҳе ба шиканҷа дарҷ мекард,
Умре ба умед харҷ мекард.
Н-осуд зи чора бозҷустан,
Зангӣ хутанӣ нашуд ба шустан.
Бисёр давиду мол пардохт,
Иқбол бар ӯ назар наяндохт.
З-он дардрасида гашт навмед,
К-уммеди беҳӣ надошт ҷовид.
Дар гӯша нишасту сохт тӯша,
То кай расадаш чаҳоргӯша.
Пирию заифию забунӣ
Кардаш ба раҳил раҳнамунӣ.
Танг омад аз ин сарочаи танг,
Шуд нои гулӯш чун дами чанг.
Тарсид, к-аҷал ба сар дарояд,
Бегона касе зи дар дарояд.
Бигрифт асо чу нотавонон,
Бардошт тане ду аз ҷавонон.
Шуд боз ба ҷустуҷӯи фарзанд,
Бар ҳар чӣ кунад Худой хурсанд.
Баргашт ба гирди кӯҳу саҳро,
Дар реги сиёҳу дашти хазро.
Мезад баумед дасту пое,
Аз вай асаре надид ҷое,
То оқибаташ яке нишон дод,
К-инак ба фалон уқубатобод
Ҷоею чӣ ҷой? Чун мағоке,
Монандаи гӯр ҳавлноке!
Чун абри сиёҳ зишту нох(в)аш,
Чун нафти сапед кони оташ.
Раҳ пеш гирифт пири мазлум,
Якрӯза давид то бад-он бум.
Дидаш, на чунон ки дида мехост,
К-он дид, дилаш зи ҷой бархост.

Бешахс раванда дид ҷоне,
Дар пӯст кашида устухоне.
Оворае аз ҷаҳони ҳастӣ,
Мутвории роҳи бутпарастӣ.
Чӯбе ба хаёл бозбаста,
Мӯе зи даҳони марг раста.
Бар рӯи замин зи саг давонтар,
В-аз зеризаминиён ниҳонтар.
Деги ҷасадаш зи ҷӯш рафта,
Афтода зи пою ҳушрафта.
Монандаи мори печдарпеч
Печида сар аз кулоҳу сарпеч.
Аз чарми дадон ба дастворе
Бар ноф кашида чун изоре.
Оҳиста фароз рафту биншаст,
Молид ба рифқ бар сараш даст.
Хуни ҷигар аз ҷигар барангехт,
Ҳам бар ҷигар аз ҷигар ҳамерехт.
Маҷнун чу кушод дидаро боз,
Шахсе бари хеш дид дамсоз.
Дар рӯи падар назора мекард,
Нашнохт в-аз ӯ канора мекард.
Он к-ӯ худро кунад фаромӯш,
Ёди дигарон куҷо кунад гӯш?
Гуфто: «Чӣ касӣ? Зи ман чӣ хоҳӣ?
Эй ман раҳии ту, аз чӣ роҳӣ?!
Гуфто:– «Падари туам бад-ин рӯз,
Ҷӯёни ту бо дили ҷигарсӯз!»
Маҷнун чу шинохташ, ки ӯ кист,
Дар пои вай уфтоду бигрист.
Аз ҳар ду сиришки дида бикшод,
Ин бӯса бад-ину он бад ин дод.
Карданд зи рӯи беқарорӣ
Бар худ ба ҳазор навҳа зорӣ.
Чун чашми падар зи гиря пардохт,
Сар то қадамаш назар барандохт.
Дидаш чу бараҳнагони маҳшар
Ҳам пой бараҳна монда, ҳам сар.
Аз айба кушод кисвате нағз,
Пӯшид дар ӯ зи пой то мағз.
Дар ҳайкали ӯ кашид ҷома
Аз ғояти кашф то амома.

Аз ҳар масале, ки ёд будаш,
Панде падарона менамудаш,
К-эй ҷони падар, на вақти хоб аст,
К-айём дуаспа дар шитоб аст.
З-ин раҳ, ки гиёш теғи тез аст,
Бигрез, ки маслиҳат гурез аст.
Дар захми чунин нишонагоҳе
Солет нишаста гиру моҳе.
Тире зада чархи бемудоро,
Хун рехта аз ту ошкоро.
Рӯзе ду-се пайфишурда гират,
Афтода зи пой, мурда гират.
Дар мурдорӣ зи гург то шер
Карда даду домро шикамсер.
Беҳтар саги шаҳри хеш будан,
То зулли ғарибӣ озмудан.
Чандон ки давид пай, давидӣ,
Ҷое нарасидию расидӣ.
Ранҷида шудан на рой дорад,
Бо ранҷкашӣ кӣ пой дорад?
Он рӯдкада, ки ҷои об аст,
Аз сел нигар, ки чун хароб аст?
В-он кӯҳ, ки сел аз ӯ гурезад,
Дар зилзила, бин, ки чун гурезад?
З-ин сон ки ту захму ранҷ бинӣ,
Фарсуда шавӣ,гар оҳанинӣ!
Аз тавсании ту пур шуд айём,
Рӯзе ду-се ром шав,биёром!
Сар рафту ҳанӯз бадлагомӣ,
Дил сӯхта шуд, ҳанӯз хомӣ.
Сокин шав аз ин ҷамоза рондан!
Бо ёвагиён фарас давондан!
Гаҳ мушрифи девхона будан,
Гаҳ девчаи замона будан?
Собир шаву пойдору бишкеб,
Худро ба даме дурӯғ бифреб.
Хуш бош ба ишва, гарчи бод аст,
Бас оқил, к-ӯ ба ишва шод аст.
Гар ишва бувад дурӯғу гар рост,
Охир, нафасе тавонад орост.
Беҳ, гар нафасет хуш бароянд,
То худ нафаси дигар чӣ зояд.

Ҳар хушдилие, ки он на ҳолист,
Аз такяи эътимод холист.
Бас гандум, к-он захира карданд,
З-он ҷав, ки заданд, ҷав нах(в)арданд.
Имрӯз, ки рӯзи умр барҷост,
Мебояд кард кори худ рост.
Фардо, ки аҷал инон бигирад,
Узри ту ҷаҳон куҷо пазирад?
Шарбат на зи хоси хешат оранд,
Ҳам пардаи ту ба пешат оранд.
Он пӯшад зан, ки ришта бошад,
Мард он даравад, ки кишта бошад.
Имрӯз бухури ҷаҳд месӯз,
То бӯи хушет бошад он рӯз!
Пешина иёри марг месанҷ,
То марг расад, набошадат ранҷ.
Аз панҷаи марг ҷон касе бурд,
К-ӯ пеш зи марги хештан мурд.
Ҳар сар, ки ба вақти марг пеш аст,
Силизадаи қафои хеш аст.
В-он лаб, ки дар он сафар бихандад,
Аз пухтаи хеш тӯша бандад.
Майдони ту бекас аст, биншин,
Шӯридасарӣ бас аст, биншин!
Ороми дилест ҳар дамеро,
Поёне ҳаст ҳар ғамеро!
Сагро ватану туро ватан нест,
Ту одамиӣ, дар ин сухан нест.
Гар одамиӣ, чу одамӣ бош,
В-ар дев, чу дев дар замӣ бош!
Ғӯле, ки басич дар замӣ кард,
Худро ба такаллуф одамӣ кард.
Ту одамиӣ, бад-ин шарифӣ
Бо ғӯл чаро кунӣ ҳарифӣ?!
Рӯзе ду, ки бо ту ҳамъинонам,
Холӣ машав аз рикоби ҷонам!
Ҷинси ту манам, ҳарифи ман бош,
Таскини дили заъифи ман бош!
Имшаб чу инон зи ман битобӣ,
Фардо, ки талаб кунӣ, наёбӣ!
Гар бар ту аз ин сухан гаронист,
Ин ҳам зи қазои осмонист.

Наздик расид, кор месоз,
Бо гардиши рӯзгор месоз!
Хуш зӣ ту, ки ман варақ наваштам,
Май хур ту, ки ман хароб гаштам.
Ман мегузарам, ту дар амон бош,
Ғам кушт маро, ту шодмон бош!
Афтод бар Офтоб гардам,
Наздик шуд офтобзардам.
Рӯзам ба шаб омад, эй саҳар, ҳон,
Ҷонам ба лаб омад, эй писар, ҳон!
Эй ҷони падар, биёву биштоб,
То ҷони падар нарафта, дарёб!
З-он пеш, ки ман дароям аз пой,
Дар хонаи хеш гарм кун ҷой,
То чун аҷалам расад, бимирам,
Донам, ки касест ҷойгирам.
Чун рахт кашанд аз ин сароям,
Охир халафе бувад ба ҷоям.
Напсандад, ҳеч дӯсту душман,
Ман мурда, ту холӣ аз сари ман.
Бегонае аз миён дарояд,
Андӯхтаи маро рабояд.
Пасмондае аз пасам набошад,
Бо чун ту касе касам набошад.
Овози раҳил додам инак,
Дар кӯчгаҳ уфтодам инак!
Тарсам, ки ба кӯч ронда бошам,
Оӣ туву ман намонда бошам,
Сар бар сари хоки ман бимолӣ,
Нолӣ зи фироқу сахт нолӣ!
Гар худ нафасат чу дуд бошад,
З-он дуд маро чӣ суд бошад?!
В-ар тоби ғамат ҷаҳон бисӯзад,
Кай чеҳраи бахти ман фурӯзад?

## ҶАВОБ ДОДАНИ МАҶНУН ПАДАРРО

Чун панди падар шунуд фарзанд,
Мехост, ки дил ниҳад бар он панд.
Рӯзе ду ба чобукӣ шикебад,
Модар кушаду падар фиребад.

Чун тавбаи ишқ месиголид,
Ишқ омаду гӯши тавба молид.
Дар ишқ, ки пил ҳам пиёда-ст,
Мардона касест, к-уфтодаст.
Шери намадину шери беша:
Ин дӯзаду он дарад ҳамеша.
Тире, ки зи шасти ишқ хезад,
Бар дасти зананда захм резад.
Маҷнуни табоҳмағзи беҳуш,
Чун кард насиҳати падар гӯш,
Гуфт:– «Эй нафаси ту ҷонфазоям,
Андешаи ту гиреҳкушоям,
Мавлои насиҳати ту ҳушам,
Дар ҳалқаи бандагит гӯшам.
Панди ту чароғи ҷонфурӯзист,
Нашнидани ман зи тангрӯзист.
Фармони ту карданист, донам,
Кӯшам, ки кунам, наметавонам!
Бар ман зи хирад чӣ сикка бандӣ?
Бар сиккаи кори ман чӣ хандӣ?
Дар хотири ман, ки ишқ варзад,
Олам ҳама ҳаббае наярзад.
Бахтам на чунон ба бод додаст,
К-аз ҳеҷ шунидаем ёд аст.
Ҳар ёд, ки буд, рафт бар бод,
Ҷуз фармушиям намонда бар ёд.
Имрӯз магӯ:– «Чӣ хӯрдаӣ дӯш?»
К-он худ сухане бувад фаромӯш.
Гар з-он чи равад дар ин замонам,
Пурсӣ, ки «чӣ мекунӣ?» - Надонам!
Донам, падарӣ ту, ман ғуломат,
В-огоҳ наям, ки чист номат?
Танҳо на падар зи ёди ман рафт,
Худ ёди ман аз ниҳоди ман рафт.
Дар худ ғалтам, ки ман чӣ номам?
Маъшуқаму ошиқам?! Кадомам?!
Чун барқ дилам зи гармӣ афрӯхт,
Дилгармии ман вуҷуди ман сӯхт?!
Чун ман ба каричаву гиёе
Қонеъ шудаам зи ҳар абое,
Пиндорам, к-осиёи даврон
Пардохта гашт аз обу аз нон.

Дар ваҳшати хеш гаштаам гум,
Ваҳшӣ назияд миёни мардум.
Бо ваҳш касе, ки унс гирад,
Ҳам одати ваҳшиён пазирад.
Чун харбузаи магасгазида
Беҳ, гар шавам аз шикам бурида.
Тарсам, ки зи ман барояд ин гард,
Дар ҷумлаи бӯстон расад дард.
Беҳ, к-обиларо зи тифл пӯшанд,
То хуни баҷӯшро наҷӯшанд.
Моил ба харобияст роям,
Он беҳ, ки хароба гашт ҷоям.
Кам гир зи мазраат гиёҳе,
Гӯ, дар адам афт хоки роҳе!
Як ҳарф магир, аз он чӣ хондӣ,
Пиндор, ки нутфае нарондӣ.
Гӯре бикану бар ӯ бинеҳ даст,
Пиндор, ки мурд ошиқе маст.
З-он кас натавон салоҳ дархост,
К-аз вай қалами салоҳ бархост.
Гуфтӣ, ки раҳи раҳил пеш аст,
В-ин гумшуда дар раҳили хеш аст.
То реҳлати ту хазони ман буд,
Они ту, надонам, они ман буд.
Бар марги ту зинда ашк резад,
Ман мурда, зи мурдае чӣ хезад?!»

## ВИДОЪ КАРДАНИ ПАДАР МАҶНУНРО

Чун дид падар, ки дардманд аст,
Дар олами ишқ шаҳрбанд аст.
Бардошт аз ӯ умеди беҳбуд,
К-он риштаи таб пур аз гireҳ буд.
Гуфт:– «Эй ҷигару ҷигарх(в)ари ман!
Ҳам ғулли ману ҳам афсари ман!
Навмедии ту самоъ кардам,
Худрову туро видоъ кардам!
Афтод падар зи кор, бигрӣ,
Бигрӣ басазову зор бигрӣ!
Дар гарданам ор дасту бархез,
Обе зи сиришк бар рухам рез!

То ғусли кафан кунам бад-он об,
Дар маҳди сафар ҳушам барад хоб.
Ин бозпасин дами раҳил аст,
Дар дида ба ҷои сурма мил аст.
Дар бар гирам, на ҷои ноз аст,
То тӯша кунам, ки раҳ дароз аст!
З-ин олам рахт барниҳодам,
Дар олами дигар уфтодам.
Ҳам дур наям зи олами ту.
Мемираму мехурам ғами ту!
Бо ин ки чу дида нозанинӣ,
Падруд, ки дигарам набинӣ!
Падруд, ки рахти роҳ бастам,
Дар киштии рафтагон нишастам!
Падруд, ки бор барниҳодам,
Дар қабзи қиёмат уфтодам!
Падруд, ки хешӣ аз миён рафт,
Мо дер шудему корвон рафт!
Падруд, ки азми кӯч кардам,
Рафтам, на чунон, ки бозгардам!»
Чун аз сари ин дуруд бигзашт,
Падрудаш карду бозпас гашт.
Омад ба сарои хеш ранҷур,
Наздик бад-он, ки ҷон шавад дур.
Рӯзе ду зи рӯи нотавонӣ
Мекард ба ғусса зиндагонӣ.
Ногаҳ аҷал аз камин бурун тохт,
Носохта кор кори ӯ сохт.
Мурғи фалакӣ бурун шуд аз дом,
Дар мақъади сидқ ёфт ором.
Аршӣ ба таноби арш зад даст,
Хокӣ ба нишеби хок пайваст.
Осуда касест, к-ӯ дар ин дайр
Н-осуда бувад чу Моҳ дар сайр.
Дар хонаи ғам бақо нагирад,
Чун барқ бизояду бимирад.
Дар манзили олами сипанҷӣ
Осуда мабош, то наранҷӣ.
Он кас, ки дар ин деҳаш мақом аст,
Осудадилӣ бар ӯ ҳаром аст.

Он мард, к-аз ин ҳисор ҷон бурд,
Он мурд дар ин, на ин дар он мурд.
Девест ҷаҳон фариштасурат,
Дар банди ҳалоки ту зарурат.
Дар косаш нест ҷуз ҷигар чиз,
В-аз паҳлуи мост он ҷигар низ.
Бо ҳар кӣ дар ин ҷаҳон нишинӣ,
Хоҳӣ, ки бибинияш, набинӣ.
Ин девкада на ҷои майл аст,
Бархез, ки раҳгузори сайл аст.
Хурмодаҳанист хори дарбӯс,
Афсӯс, ки ҳаст ҷои афсӯс.
Сарви ту дар ин чаман дареғ аст,
К-обаш намаку гиёш теғ аст.
То чанд ғами замона хӯрдан?
Тозидану тозиёна хӯрдан?!
Олам хуш хур, ки олам ин аст,
Ту дар ғами оламӣ, ғам ин аст.
Дузде, ки бувад зи даст боло,
Гавҳар барад аз миёни коло.
Он мор бувад, на марди чолок,
К-ӯ ганҷ раҳо кунад, хурад хок.
Хуш хур, ки гули ҷаҳонфурӯзӣ,
Чун мор мабош хокрӯзӣ.
Умр аст ғараз, ба умр дарпеч,
Чун умр намонд, гӯ, мамон ҳеч.
Сим арчи салоҳи хубу зиштист,
Лангаршикани ҳазор киштист.
Чун чаҳ маситон, мадор дар чанг,
Бистону бидеҳ чу осиёсанг.
Чун бистонӣ, бибоядат дод,
К-аз доду ситад ҷаҳон шуд обод.
Гаҳ дуктарош бошу битрош,
Гаҳ тиртарош низ мебош.
Чун борат нест, боҷ набвад,
Бар вайронӣ хироҷ набвад.
Фориғ манишин ба ҳеч ҷое,
Мезан ба дурӯғ дасту пое.
Ғофил магузар ба ҳеч кӯе,
Мекун ба нифоқ ҳоюҳуе.
Афсурда касест марди бекор,
Ҳар пуштбурида бод бебор!

З-онон, ки ҷаниба бо ту ронданд,
Бингар ба ҷарида, то ки монданд.
Рафтанд каёну динпарастон,
Монданд ҷаҳон ба зердастон.
Ин қавм киёну он каёнанд.
Бар ҷои каён, нигар, киёнанд?
Ҳампояи он сарон нагардӣ,
Илло ба тариқи некмардӣ.
Некӣ куну аз бадӣ маяндеш,
Нек ояд некро фаро пеш.
Бад бо ту накард, ҳар кӣ бад кард,
К-он бад ба яқин ба ҷои х(в)ад кард.
Некӣ бикуну ба чаҳ дарандоз,
К-аз чаҳ ба ту рӯй баркунад боз.
Ҳар неку баде, ки дар навоест,
Дар гунбади оламаш садоест.
Бо кӯҳ касе, ки роз гӯяд,
Кӯҳ он чи шунид, бозгӯяд.
Дар чархи баланд, агар баландӣ,
Мекун назаре ба ҳушмандӣ.
Кас  сар зи фалак бадар набурдаст,
В-ин руқъа касе ба сар набурдаст.
Арродаву манҷаниқу ғазбон
Бар ҳисни фалак ниҳод натвон,
К-ӯ дур чунон шудаст аз ин хок,
К-аз таънаи хок бошадаш бок.
Мастона мабин дар ин амалгоҳ,
К-афтода чу ту басест дар чоҳ.
Пиндоштаӣ, бад-ин дарозӣ
Ҳаст ин намат аз барои бозӣ.
То з-ин чоҳат бурун наёранд,
Доим расанат фурӯ гузоранд.
«Ловаллаҳ», к-ин бисоти маъмур
Натъест, ки нест қатъ аз ӯ дур.
Ҳар ҷо, ки иморате биёбӣ,
Бошад пасу пеши ӯ харобӣ.
В-он ҷо, ки харобаест пайваст,
Ҳам расми иморате дар ӯ ҳаст.
Дар ҳеҷ деҳ аз харобу ободⁿ
Боқӣ наниҳодаанд бунёд!

## ОГОҲИИ МАҶНУН АЗ МАРГИ ПАДАР

Рӯзе, зи қазо, ба вақти шабгир,
Мерафт шикорие ба нахҷир.
Бар Наҷд нишаста буд Маҷнун,
Чун бар сари тоҷ дурри макнун.
Сайёд чу дид бар гузар шер,
Бикшод дар ӯ забон чу шамшер.
Пурсид варо чу сӯгворон,
К-эй дур зи аҳли байту ёрон!
Фориғ, ки зи пеши ту пасе ҳаст,
Ё ҷуз Лайлӣ туро касе ҳаст?!
Н-аз модару н-аз падар ба ёдат,
Бешарм касӣ, ки шарм бодат!
Чун ту халафе ба хок беҳтар,
К-аз нохалафӣ бароварӣ сар!
Гирам, зи падар ба зиндагонӣ
Дурӣ талабидӣ аз ҷавонӣ,
Чун мурд падар, туро бақо бод,
Охир, кам аз он, ки орияш ёд!
Оӣ ба зиёраташ замоне
В-орӣ зи тараҳҳумаш нишоне!
Дар пӯзиши турбаташ панохӣ,
Узре зи равони ӯ бихоҳӣ!
Маҷнун зи навои он каҷоҳанг
Нолиду хамид рост чун чанг.
Худро зи дареғ бар замин зад,
Бисёр тапонча бар ҷабин зад.
З-орому қарор гашт холӣ,
То гӯри падар давид ҳолӣ.
Чун шӯшаи турбати падар дид,
Алмоси шикаста дар ҷигар дид.
Бар турбаташ уфтод беҳуш,
Бигрифташ чун ҷигар дар оғӯш.
Аз дӯстии равони покаш
Тар кард ба оби дида хокаш.
Гаҳ хоки варо гирифт дар бар,
Гаҳ кард зи дард хок бар сар.
Зиндонии рӯзро шаб омад,
Бемори шабонаро таб омад.
Ӯ худ ҳамасола дар ситам буд,
К-аз гоми нахуст асири ғам буд.

Он кас, ки асири бим гардад,
Чун бошад, чун ятим гардад?
Навмед шуда зи дастгирӣ,
Бо зулли ятимию асирӣ,
Ғалтид бар он замин замоне,
Меҷуст зи ҳамнишин нишоне.
Чун ғамхури хешро намеёфт,
Аз ғам хӯрдан инон наметофт.
Чандон зи мижа сиришки хун рехт,
К-андоми замин ба хун баромехт.
Гуфт: «Эй падар, эй падар, куҷоӣ,
К-афсар ба писар наменамоӣ?!
Эй ғамхури ман, куҷот ҷӯям?!
Тимори ғами ту бо кӣ гӯям?!
Ту беписарӣ салоҳ дидӣ,
З-он рӯй ба хок даркашидӣ?!
Ман бепадарӣ надида будам,
Талх аст кунун, ки озмудам!
Фарёд, ки дурам аз ту, фарёд!
Фарёдрасе на ҷуз ту бар ёд!
Ёрам ту будию ёварам ту,
Нерӯи дили диловарам ту.
Устоди тириқатам ту будӣ,
Ғамхори ҳақиқатам ту будӣ.
Бе буди ту бар маҷоз мондам,
Афсӯс, ки аз ту бозмондам!
Саркӯфти дуриям макун беш,
Ман худ хиҷилам зи кардаи хеш!
Фарёд бароянд аз ниҳодам,
К-ояд зи насиҳати ту ёдам!
Ту роизи ман ба хушхиромӣ,
Ман тавсани ту ба бадлагомӣ.
Ту гӯши маро чу ҳалқаи зар,
Ман дур зи ту чу ҳалқа бар дар.
Ман карда дуруштию ту нармӣ,
Аз ман ҳама сардӣ, аз ту гармӣ.
Лафзе ба муроди ту нагуфтам,
Як шаб ба канори ту нахуфтам.
Ту дар ғами ҷони ман ба сад дард,
Ман гирди ҷаҳон гирифта новард.
Ту бистари ман зи гард руфта,
Ман рафта, ба тарки хоб гуфта.

Ту базми нишоти ман ниҳода,
Ман бар сари санге уфтода.
Ту гуфта дуо в-асар накарда,
Ман кишта дарахту бар нах(в)арда.
Ҷондӯстии туро ба ҳар дам
Ёд ораму ҷон барорам аз ғам.
Бар ҷома зи дида нил пошам,
То кӯру кабуд ҳар ду бошам.
Оҳ, эй падар, оҳ, аз он чи кардам,
Як дард на, бо ҳазор дардам.
Озурдамат, эй падар, на бар ҷой,
Вой, ар биҳилам намекунӣ, вой!
Озори ту роҳи мо магирод,
Моро ба гуноҳи мо магирод.
Эй нурдиҳи ситораи ман,
Хушнудии туст чораи ман!
Тарсам, кунадам Худой маъҳуд,
Гар ту нашавӣ зи банда хушнуд.
Гуфтӣ, ҷигари манӣ, ба тақдир,
В-он гоҳ бад-ин ҷигар занӣ тир?!
Гар ман ҷигари туям, матобам,
Чун бенамакон макун кабобам.
З-ин сон ҷигарат ба хункушоӣ,
Ту дар ҷигари замин чароӣ?
Хуни ҷигарам хурӣ бад-ин рӯз,
Хонӣ ҷигарам, зиҳӣ ҷигарсӯз!
Бо ман ҷигарат ҷигарх(в)ар афтод,
К-оташ  ба чунин ҷигар дарафтод.
Гар дар ҳақи ту шудам гунаҳкор,
Гаштам ба гуноҳи худ гирифтор.
Гар панд ба гӯш дарнакардам,
Аз захми ту гӯшмол х(в)ардам».
З-ин гуна дареғу оҳ мех(в)ард,
Рӯзе ба шабе сиёҳ мекард.
То шаб алами сиёҳ нанмуд,
Нола-ш зи дуҳул задан наёсуд.
Шаб чун садаф аз сиёҳпуштӣ
Бо моҳию маҳ гирифт куштӣ.
Моҳӣ табиш аз садаф барангехт,
То ҷумла дур аз даҳан фурӯ рехт.
Маҷнун зи ду дидаи садафранг
Мерехт нисори дур ба фарсанг.

Бар гӯри падар нишаста, то рӯз
Мехонд қасидаҳои дилсӯз.
Сар то сари турбаташ яке кард,
Хона шуда ҷуфту хонагӣ фард.
Рухсора бад-он хатира месуд,
То субҳ дар ин сабӯҳ мебуд.
Чун ҳотифи субҳ дам баровард
В-аз кӯҳ шафақ алам баровард,
Иксирии субҳи кимиёгар
Кард аз дами хеш хокро зар,
Он хоки равон зи рӯи он хок
Бар пуштаи Наҷд рафт ғамнок.
Мекард ҳамон сиришкборӣ,
Аммо ба тариқи сӯгворӣ.
Мезад нафасе ба шӯрбахтӣ,
Мезист ба сад ҳазор сахтӣ.
Мебурд зи бахри дилфурӯзе
Рӯзе ба шабе, шабе ба рӯзе!

## УНСИ МАҶНУН БО ВУҲУШУ СИБОЪ

Соҳибхабари фасонапардоз
З-ин қисса чунин хабар кунад боз,
К-он даштбисоти кӯҳболин,
Райҳони сарочаи сафолин,
Аз сӯги падар чу бозпардохт,
Овора ба кӯҳу дашт метохт.
Рӯзе зи таридагоҳи он дашт
Бар хоки диёри ёр бигзашт.
Дид, аз қалами вафосиришта
«Лайлӣ – Маҷнун» ба ҳам навишта.
Нохун заду он варақ харошид,
Худ монду рафиқро тарошид.
Гуфтанд назорагон:– «Чӣ рой аст,
К-аз ҳар ду рақам яке ба ҷой аст?»
Гуфто:– «Рақаме беҳ, ар пас афтад,
К-аз мо ду рақам яке бас афтад.
Чун ошиқро касе биковад,
Маъшуқа аз ӯ бурун таровад».
Гуфтанд:– «Чарост дар миёна
Ӯ гумшудаву ту бар нишона?!»

Гуфто, ки ба пеши ман на некӯст,
К-ин дилшуда мағз бошад, ӯ пӯст.
Ман беҳ, ки ниқоби дӯст бошам,
Ё бар сари мағз пӯст бошам!
Ин гуфту гузашт аз он гузаргоҳ
Чун робиа рафт роҳу бероҳ.
Мехонд чу ошиқон насибе,
Меҷуст илоҷро табибе.
Ваҳшишудаву расангусаста,
В-аз таънаву хӯи халқ раста.
Хӯ карда чу ваҳшиёни саҳро
Бо бехи наботҳои хазро.
На хӯи даду на ҳитаи дом,
Бо дому дадаш ҳамора ором.
Оварда ба ҳифзи дурбошӣ
Дар шеру гавазн хоҷатошӣ.
Ҳар ваҳш, ки буд дар биёбон,
Дар хидмати ӯ шуда шитобон.
Аз шеру гавазну гургу рӯбоҳ
Лашкаргоҳе кашида бар роҳ.
Эшон ҳама гашта бандафармон,
Ӯ бар ҳама шоҳ чун Сулаймон.
Аз парри уқоб соябонаш,
Дар сояи каргас устухонаш.
Шоҳиш ба ғояте расида,
К-аз хӯи дадон дадӣ бурида.
Афтода зи меш гургро зӯр,
Бардошта шер панҷа аз гӯр.
Саг бо харгӯш сулҳ карда,
Оҳубара шири шер х(в)арда.
Ӯ мешуд ҷон ба каф гирифта
В-эшон пасу пеш сафгирифта.
Аз хобгаҳаш гаҳе ки хуфтӣ,
Рӯбоҳ ба дум замин баруфтӣ.
Оҳу ба муғаммизӣ давидӣ,
Пояш ба канор даркашидӣ.
Бар гардани гӯр такя додӣ,
Бар рони гавазн сар ниҳодӣ.
Зону зада бар сурини ӯ шер,
Чун ҷондорон кашида шамшер.
Гург аз ҷиҳати ятоқдорӣ
Рафта ба язак ба ҷонсупорӣ.

Дарранда паланги ваҳшзода
Аз хӯи палангӣ уфтода.
З-ин ёвагиёни даштпаймой
Гирдаш ду-се саф кашида барпой.
Ӯ чун маликон ҷиноҳ баста,
Дар қалбгаҳи дадон нишаста.
Аз бими дарандагони хунхор
Бо суҳбати ӯ надошт кас кор.
Онро, ки ризои ӯ надиданд,
Ҳолиш дарандагон дариданд.
В-онро, ки бихондӣ ӯ ба дидан
Кас заҳра надоштӣ даридан.
Бо ӯ чи зи ошно, чи аз хеш,
Бе дастурӣ касе нашуд пеш!
Дар мавкиби он ҷаридаронон
Мерафт чу бо гала шубонон.
Бо ваҳш чу ваҳш гашта ҳамдаст,
К-аз ваҳш ба ваҳш метавон раст.
З-он ҷумлаи оҳувони чолок
Буд оҳуяке аҷаб шағабнок.
Бозикуну чобуку тарабсоз,
Молидасурину гарданафроз.
Маҷнун, ки бар оҳувон назар дошт,
Бо ӯ назаре тамомтар дошт.
Ӯро бари хеш хонд пайваст,
Ҳар соат суд бар сараш даст.
Чашмаш ҳама рӯз бӯса медод,
Мекард зи чашми дилситон ёд.
Мардум ба тааҷҷуб аз ҳисобаш
В-аз рафтани ваҳш дар рикобаш.
Ҳар ҷо, ки ҳавасрасидае буд,
То дида бар ӯ назад, наёсуд.
Ҳар рӯз мусофире зи роҳе
Кардӣ бари ӯ қароргоҳе.
Овардӣ аз он хуриш, ки шояд
То рӯзаи назр аз ӯ кушояд.
В-он ҳурмнишини чарми шерон,
Баддилкуни ҷумлаи далерон,
Як зарра аз он навола х(в)ардӣ,
Боқӣ ба дадон ҳавола кардӣ.
Азбаски рабеъию тамузӣ
Додӣ ба дадон бароти рӯзӣ,

Ҳар дад, ки бидид, сачда кардаш,
Рӯзидиҳи хештан шумардаш.
Перомани ӯ давидани дад
Буд аз паи касби рӯзии х(в)ад.
Эҳсон ҳама халқро навозад,
Озодонро ба банда созад.
Бо саг чу сахо кунад мачусӣ,
Саг гурба шавад ба чоплусӣ!

## ҲИКОЯТ

Дар қисса шунидаам, ки боре
Будаст ба Марв тоҷдоре.
Дар силсила доштӣ саге чанд
Девонафашу чу дев дар банд.
Ҳар як ба салобати гурозе,
Бурда сари уштуре ба гозе.
Шаҳ чун шудӣ аз касе бар озор,
Додиш бад-он сагони хунхор.
Ҳар кас, ки зи шоҳ беамон буд,
Овардану хӯрданаш ҳамон буд.
Буд аз нудамои шаҳ ҷавоне,
Дар ҳар ҳунаре тамомдоне.
Тарсид, ки шоҳи ошносӯз
Бегона шавад бад-ӯ яке рӯз.
Оҳуи варо ба саг намояд,
Дар неши сагонаш озмояд.
Аз бими сагон бирафт пешӣ,
Бо сагбонон гирифт хешӣ.
Ҳар рӯз шудию гӯсфанде
Дар матраҳи он сагон фигандӣ.
Чандон бинавохтшон бад-он сон,
К-он душворӣ бад-ӯ шуд осон.
Аз миннати даст зери пояш
Гаштанд сагон мутеъи рояш.
Рӯзе ба тариқи хашмнокӣ
Шаҳ дид дар он ҷавони хокӣ.
Фармуд ба сагдилони даргоҳ,
То пеши сагон барандаш аз роҳ.
В-он сагманишон сагӣ намуданд,
Чун саг ба табаррукаш рабуданд.

Бастанду бад-он сагон-ш доданд,
Худ дур шуданду истоданд.
В-он шерсагони оҳанинчанг
Карданд нахуст бар вай оҳанг.
Чун мунъими худ шинохтандаш,
Дум лобакунон навохтандаш.
Гирдаш ҳама дастбанд бастанд,
Сар бар сари дастҳо нишастанд.
Буданд бар ӯ чу доя дилсӯз,
То рафт бар ин яке шабонрӯз.
Чун рӯзи сапед рӯй бинмуд
Сайфури сиёҳ шуд зарандуд,
Шуд шоҳ зи кори худ пушаймон,
Ғамгин шуду гуфт бо надимон,
К-он оҳуи бегуноҳро дӯш
Додам ба саг, ин-т хоби харгӯш!
Бинед, ки он сагон чӣ карданд?!
Андоми варо чӣ гуна х(в)арданд?
Сагбон чу аз ин сухан шуд огоҳ,
Омад бари шоҳу гуфт, к-эй шоҳ,
Ин шахс на одамӣ, фаришта-ст,
К-Эзид зи кароматаш сириштаст.
Бархезу биё, бибин дар он нур,
То сунъи Худой бинӣ аз дур.
Ӯ дар даҳани сагон нишаста,
Дандони сагон ба муҳр баста.
З-он гургсагони аждаҳорӯй
Н-озурда бар ӯ яке сари мӯй.
Шаҳ кард шитоб, то шитобанд,
Он гумшударо магар биёбанд.
Бурданд муваккалони роҳаш
Аз силки сагон ба садри шоҳаш.
Шаҳ монд шигифт, к-он ҷавонмард
Чун буд, к-аз он сагон наёзард?
Гирён – гирён ба пой бархост,
Сад узр ба оби чашм аз ӯ хост.
Гуфто, ки сабаб чӣ буд, бинмой,
К-ин як нафаси ту монд барҷой?
Гуфто:– «Сабаб он, ки пеш аз ин банд
Додам ба сагон наволае чанд.
Эшон ба наволае, ки х(в)арданд,
Бо ман лаби худ ба муҳр карданд.

Даҳ сол ғуломии ту кардам,
Ин буд баре, ки аз ту х(в)ардам.
Додӣ ба сагонам аз як озор
В-ин буд, ки набуд саг ошнохор.
Саг дӯст шуду ту ошно на,
Сагро ҳақи ҳурмату туро на.
Саг сулҳ кунад ба устухоне,
Нокас накунад вафо ба ҷоне!»
Чун дид шаҳ он шигифткорӣ,
К-аз мардумияст растагорӣ,
Ҳушёр шуд аз хумори мастӣ,
Бигзошт сагию сагпарастӣ.
Мақсудам аз ин ҳикоят он аст,
К-эҳсону диҳиш ҳисори ҷон аст.
Маҷнун, ки бад-он дадон хуриш дод,
Кард аз паи худ ҳисоре обод.
Эшон, ки салоҳкор буданд,
Перомани ӯ ҳисор буданд.
Гар хост в-агар нишаст, ҳолӣ
Он мавкиб аз ӯ набуд холӣ.
Ту низ гар он кунӣ, ки ӯ кард,
Хуноби ҷаҳон набоядат х(в)ард.
Ҳамхони ту гар халифаном аст,
Чун аз ту хурад, туро ғулом аст.

## НИЁИШ КАРДАНИ МАҶНУН БА ДАРГОҲИ ХУДОИ ТАОЛО

Рахшанда шабе чу рӯз равшан,
З-ӯ тоза фалак чу сабз гулшан.
Аз мурсалаҳои зарҳамоил
Заррин шуда чархро шамоил.
Сайёра ба дастбанди хубӣ
Бар натъи уфуқ ба пойкӯбӣ.
Бар дев шаҳоб ҳарба ронда,
«Ло ҳавла ва ло» зи дур хонда.
Аз нофаи шаб ҳаво муанбар
В-аз гавҳари Маҳ замин мунаввар.
З-он гавҳару нофа чархи шашток
Пурзевару атр карда офоқ.
Анҷум сифати дигар гирифта,
Зебандагие зи сар гирифта.

Сад гуна ситораи шабоҳанг
Бинмуда сипеҳр дар як авранг.
Карда фалак аз фалак саворӣ
Рӯиндизи қутбро ҳисорӣ.
Фарқад ба язак ҷаниба ронда,
Киштӣ ба ҷиноҳи Шат расонда.
Парвин зи ҳарири зарду азрақ
Бар санҷақи зар кашида байрақ.
Маҳ гирди паранд зар кашида,
Пироя аз қасаб танида.
Гуфтӣ, ки камонгурӯҳаи шоҳ
Як муҳра фитод бар сари моҳ.
Ё шакли Уторид аз камонаш
Тирест, ки зад бар осмонаш.
Зуҳра, ки ситоми зини ӯ буд,
Хушхӯ чу хайи ҷабини ӯ буд.
Хуршед чу теғи ӯ ҷаҳонсӯз,
Пӯшида ба шаб, бараҳна дар рӯз.
Миррих ба кина гарми таъҷил,
То чашми адӯшро кашад мил.
Бирҷис ба меҳри ӯ нигин дошт,
К-иқболи ҷаҳон дар остин дошт.
Кайвон мисане алоқаовез,
То оҳани теғи ӯ кунад тез.
Шоҳе, ки чунин бувад ҷалолаш,
Офоқ мабод бе ҷамолаш!
Дар хидмати ин хидеви номӣ
«Мо аъзама шаънук», эй Низомӣ!
Аз шакли буруҷу аз манозил
Афтода сипеҳр дар залозил.
Акси Ҳамал аз ҳилолханда
Бар ҷайби фалак зиҳе фиганда.
Гови фалакӣ чу гови дарё
Гавҳар ба гулӯ – дар аз Сурайё.
Ҷавзо камари дурӯя баста,
Бар тахти дупайкарӣ нишаста.
Ҳуқъа чу кавоъиби қасабпӯш
Бо ҳунъа нишаста гӯш дар гӯш.
Харчанг ба чангалу Зироъӣ
Андохта нохуни сибоъӣ.
Нусра ба нисор гавҳарафшон,
Турфа тарафе дигар зарафшон.

Ҷабҳа зи фурӯғи ҷабҳати хеш
Афрӯхта сад чароғ дар пеш.
Қалбуласад аз Асад фурӯзон,
Чун  оташи уд удсӯзон.
Азрорухи Сунбула дар он тарф
Бе сарфа накард донае сарф.
Ангехта ғарф чун каримон
Сеқурса ба Косаи ятимон.
Мизон чу забони марди доно
Бикшода забона бо Забоно.
Авво зи Симоки ҳечшамшер
Тозисаги хеш ронда бо шер.
Иклил ба Қалб тоҷ дода,
Ақраб ба Камон хироҷ дода.
Бо содиру вориди Наъоим
Балда ду-се даст карда қоим.
Ҷаддӣ сари худ чу буз бурида,
К-афсонаи «Сарбузӣ» шунида.
Зобеҳ зи хатар даҳон гирифта,
Саъд Ахбиярo инон гирифта.
Балъ ар на дуои балъамӣ буд,
Дар субҳ чаро ду даст бинмуд?
Далв аз гулаҳои офтобӣ
Хомӯшлаб аз даҳанпуробӣ.
Бинвишта ду байт зераш аз зар,
К-ин ҳаст муқаддам, он муаххар.
Хотуни Рашо зи ноқадорӣ
Бо Батналҳут дар аморӣ!
Бар шаҳраҳи манзили кавокиб
Аҷроми буруҷ гашта рокиб:
Баста ба сепояи ҳавоӣ
Батнулҳамал аз чаҳорпоӣ.
Айюқ ба дасти зӯрмандӣ
Бурда зи ҳамафсарон баландӣ,
В-он кавкаби дегпоякирдор
Дар деги фалак фишонда афзор.
Насрайни паранда пар кушода,
Тоир шуда, Воқеъ истода.
Шиъро ба сиёқати ямонӣ
Бе шеър ба остинфишонӣ,
Мабсута ба як чароғ зинда,
Мақбуза ду чашми Зоғ канда.

Сайёфи Миҷарра ранги шамшер
Андохта бар қилодаи Шер!
Чун фарди равон ситораи Фард
Бар фарқи ҷануб ҷилва мекард.
Биншаста Сарир бар тавобеъ
Солис чӣ аҷаб ба зери робеъ?!
Тавқеъи Симокҳо мусалсал
Гаҳ Ромеҳ буда, гоҳ Ағзал,
Мекард Суҳо зи ҳамнишинон
Наққодии чашми тезбинон.
Тобон Дами гург дар саҳаргоҳ
Чун Юсуфи чоҳӣ аз буни чоҳ.
Пиромани он фалакнавардон
Паргори Баноти наъш гардон.
Қорӣ бари Наъш дар саворӣ.
Кай дур бувад зи наъш қорӣ?
Маҷнун зи сари назорасозӣ
Мекард ба чарх ҳуққабозӣ.
Бар Зуҳра назар гумошт аввал,
Гуфт:– «Эй ба ту бахтро муъаввал,
Эй Зуҳраи равшани шабафрӯз,
Эй толеъи давлат аз ту пирӯз,
Эй машъалаи нишотҷӯён,
Соҳибрасади сурудгӯён;
Эй дар кафи ту калиди ҳар ком,
Дар ҷуръаи ту раҳиқи ҳар ҷом.
Эй муҳри нигини тоҷдорӣ,
Хотуни сарои комгорӣ,
Эй тибатии латифроён,
Хулқи ту абири атрсоён,
Лутфе кун аз он латаф, ки дорӣ,
Бикшой дари умедворӣ,
З-он ёр, ки ӯ давои ҷон аст,
Бӯё бирасон, ки вақти он аст!».
Чун Муштарӣ аз уфуқ баромад,
Бо ӯ зи дари дигар даромад,
К-эй Муштарӣ, эй ситораи саъд,
Эй дар ҳама ваъда содиқулваъд,
Эй дар назари ту ҷонфазоӣ,
Дар сиккаи ту ҷаҳонкушоӣ.
Эй муншии номаи иноят,
Бар фатҳу зафар туро вилоят;

Эй рост ба ту қарори олам,
Моил ба салоҳ кори олам.
Эй бахти маро баландӣ аз ту,
Дилро ҳама зӯрмандӣ аз ту.
Дар ман ба вафо назорае кун
В-ар чора-т ҳаст, чорае кун.
Идбори маро зи ман бигардон,
Он кун, ки чунон кунанд мардон,
Аз дӯст ба ман расон нишоне,
Кам гир гуле зи гулситоне.
Чун дид, ки он бухорхезон
Ҳастанд зи авҷи худ гурезон,
Донист, к-аз он хаёлбозӣ
Кораш нарасад ба чорасозӣ.
Нолид дар он, ки чорасоз аст,
Аз ҷумла вуҷуд бениёз аст.
Гуфт:– «Эй дари ту паноҳгоҳам,
Дар ҷуз ту касе чаро паноҳам?
Эй Зуҳраву Муштарӣ ғуломат,
Сарномаи номи ҷумла номат,
Эй илми ту беш аз он, ки хонанд,
В-эҳсони ту беш аз он, ки донанд,
Эй бандкушои ҷумла мақсуд,
Дорои вуҷуди довари ҷуд,
Эй корбаровари баландон,
Некӯкуни кори мустамандон,
Эй мо ҳама бандагони дар банд,
Касро на ба ҷуз ту кас Худованд,
Эй ҳафт фалак фикандаи ту,
Эй ҳар кӣ ба ҷуз ту, бандаи ту,
Эй шаш ҷиҳат аз баланду пастӣ
Мамлук туро ба зердастӣ,
Эй гар басаре ба ту расида,
Бедида шуда, чу дар ту дида,
Эй ҳар кӣ саги ту,гавҳараш пок,
В-эй ҳар кӣ на бо ту, бар сараш хок!
Эй хоки ман аз ту обгашта,
Бингар ба мани хаorбгашта.
Магзор, ки оҷизе ғарибам,
Аз раҳмати хеш бенасибам.
Он кун зи инояти Худоӣ,
К-ояд шаби ман ба рӯшноӣ.

Рӯзам ба вафо хуҷаста гардад,
Бахтам зи баҳона раста гардад.
Чун як ба як ин сухан фурӯ гуфт,
Дар гуфтани ин сухан фурӯ хуфт.
Дар хоб чунин намуд бахташ,
К-аз хок бар авҷ шуд дарахташ.
Мурғе бипаридӣ аз сари шох,
Рафтӣ бари ӯ ба табъи густох.
Гавҳар зи даҳан фурӯ фишондӣ,
Бар тораки тоҷи ӯ нишондӣ.
Бинанда зи хоб чун даромад,
Субҳ аз уфуқи фалак баромад.
Чун субҳ зи рӯи тозарӯӣ
Мекард нишоти меҳрҷӯӣ.
З-он хоб мизоҷ баргирифта,
З-он мурғ чу мурғ пар гирифта.
Дар ишқ, ки васл тангёб аст,
Шодӣ ба хаёл ё ба хоб аст!

## РАСИДАНИ НОМАИ ЛАЙЛӢ БА МАҶНУН

Рӯзею чӣ рӯз?! Оламафрӯз,
Равшан ҳама чашм аз чунон рӯз!
Субҳаш зи биҳишт бардамида,
Бодаш нафаси Масеҳдида.
Он бахт, ки кор аз ӯ шавад рост,
Он рӯз ба дасти рост бархост.
Давлат зи итоб сер гашта,
Бахт омада, гарчи дер гашта.
Маҷнуни машаққатозмуда,
Дилкоштаву ҷигардуруда
Он рӯз нишаста буд бар кӯҳ,
Гирдаш даду дом гашта анбӯҳ.
Аз парраи дашт сӯи он санг
Гарде бархост тӯтиёранг.
В-аз бурқаъиончунон ғуборе
Рухсора намуд шаҳсаворе.
Шахсею чӣ шахс?! Порае нур,
Пеш омаду шуд пиёда аз дур.
Маҷнун чу шинохт, к-ӯ ҳариф аст,
В-аз гавҳари мардуме шариф аст,

Бар мавкиби он сибоъ зад даст,
То ҷумла шуданд бар замин паст.
Омад бари он савори тозӣ,
Бикшод забон ба дилнавозӣ,
К-эй наҷми ямонӣ, ин чӣ сайр аст?
Ман кию ту кӣ?! Бигӯ, ки хайр аст?!
Симои ту гарчи дилнавоз аст,
Андешаи ваҳшиён дароз аст.
Тарсам зи расан, ки мордида-м,
Чӣ мор, ки аждаҳогазида-м.
З-ин пештарам газофкоре
Дар сина чунон нишонд хоре,
К-аз новаки оҳанини он хор
Рӯяд зи дилам ҳанӯз мисмор.
Гар ту ҳам аз он матоъ дорӣ,
Беҳ, гар накунӣ сухангузорӣ.
Марди сафарӣ зи лутфи рояш
Чун соя фитод зери пояш.
Гуфт:– «Эй шарафи баландномон,
Бар пои дадон кашидадомон,
Оҳу ба дили ту меҳрдода,
Бар хатти ту шер сарниҳода,
Соҳибхабарам зи ҳар тариқе,
Яъне ба рафиқе аз рафиқе.
Дорам сухане ниҳуфта бо ту,
Он гуна ки кас нагуфта бо ту.
Гар рухсати гуфтан аст, гӯям,
Варна суи роҳи хеш пӯям».
Ошиқ чу шунид умедворӣ,
Гуфто, ки биёр, то чӣ дорӣ?
Пайғомгузор дод пайғом,
К-эй толеъи тавсанат шуда ром,
Дӣ бар гузари фалон ватангоҳ
Дидам саname, нишаста чун моҳ.
Моҳею чӣ Моҳ?! Офтобе,
Бар Моҳи вай аз қасаб ниқобе!
Сарве, на чу сарви боғ бебар,
Боғе, на чу боғи хулд бедар.
Ширинсухане, ки чун сухан гуфт,
Бар лафзи чу обаш об мехуфт.
Оҳучашме, ки чашми оҳуш
Медод ба шер хоби харгӯш.

Зулфи сияҳаш ба шакли «ҷим»-е,
Қаддаш чу «алиф», даҳон чу «мим»-е.
Яъне, ки чу бо ҳуруфи «ҷом»-ам,
Шуд ҷоми ҷаҳоннамой номам.
Чашмаш чу ду наргиси пур аз хоб
Руста ба канори чашмаи об.
Абрӯи батоқи ӯ ба ҳам ҷуфт,
Ҷуфт омадаву батоқ мегуфт.
Ҷодуманише ба дил рабудан,
Райҳоннафасе ба атр судан.
Алқисса, чӣ гӯям, ончунон чуст,
К-аз дида баромад, аз нафас руст!
Аммо қадаре зи меҳрубонӣ
Пазруфта нишони нотавонӣ.
Тираш сифати камон гирифта,
Ҷазъаш зи  гуҳар нишон гирифта.
Най гашта қазиби хайзаронӣ-ш,
Хайрӣ шуда ранги арғавонӣ-ш.
Хайрӣ-ш на зард, балки зар буд,
Най буд, валек найшакар буд.
Бар қалъаи он арӯси танноз
Ғазбони фалак арӯсакандоз.
Султону Аёз ҳар ду ҳамдаст,
Сарҳанг харобу посбон маст.
Дар дӯст ба ҷон умед баста,
Бо шӯй зи бими ҷон нишаста.
Бар гул зи мижа гулоб мерехт,
Маҳтоб бар офтоб мебехт.
Азбаски намуд навҳасозӣ,
Бахшуд дилам бар он ниёзӣ.
Гуфтам:– «Чӣ касию гирят аз чист?
Нолидани зорат аз паи кист?»
Бикшод шакар ба заҳрханда,
К-эй бар ҷигарам намак фиганда!
Лайлӣ будам, валекин акнун
Маҷнунтарам аз ҳазор Маҷнун.
З-он шефтаи сияҳситора
Ман шефтатар ҳазорбора.
Ӯ гарчи нишонагоҳи дард аст,
Охир, на чу ман зан аст, мард аст.
Дар шеваи ишқ ҳаст чолок,
К-аз ҳеҷ касе наёядаш бок.

Чун ман ба шиканҷа дарнакоҳад,
Он ҷо қадамаш равад, ки хоҳад.
Мискин мани бекасам, ки як дам
Бо кас назанам даме дар ин ғам.
Тарсам, ки зи бехудию хомӣ
Бегона шавам зи некномӣ.
Заҳре ба даҳан гирифта нӯшам,
Дӯзах ба гиёҳи хушк пӯшам.
Аз як тарафам ғами ғарибон,
В-аз сӯи дигар ғами рақибон.
Ман з-ин ду алоқаи қавидаст
Дар кашмакаш уфтода пайваст.
На дил, ки ба шӯй барситезам,
На заҳра, ки аз падар гурезам!
Гаҳ ишқ дилам диҳад, ки бархез,
З-ин зоғу заған чу кабк бигрез!»
Гаҳ гӯяд ному нанг:– «Биншин,
К-аз кабк қавитар аст шоҳин!»
Зан гарчи бувад мубориза фган,
Охир, чу зан аст, ҳам бувад зан.
Зан, гир, ки худ ба хун далер аст,
Зан бошад зан, агарчи шер аст.
З-ин ғам чу наметавон буридан,
Тан дардодам ба ғам кашидан.
Лекин ҷигарам ба зери хун аст,
К-он ёр, ки беман аст, чун аст?
Бе ман вараҷи кӣ мешуморад?
Айём чӣ гуна мегузорад?
Соҳибсафари кадом роҳ аст?
Суфра-ш ба кадом хонақоҳ аст?
Ҳамсуҳбатии кӣ мегузинад?
Ёраш киву бо кӣ менишинад?
Гар ҳастӣ аз он мусофир огоҳ,
Моро хабаре бидеҳ дар ин роҳ».
Чун ман зи вай ин сухан шунидам,
Хомӯш будан раво надидам.
Он нақш, ки будам аз ту маълум,
Бар дил задамаш чу муҳр бар мум,
К-он шефтаи зи худ рамида
Ҳаст аз ҳама дӯстон бурида.
Бод аст зи ишқи ту ба дасташ,
Гӯр асту гавазн ҳамнишасташ.

Ишқи ту шикаста будаш аз дард,
Марги падараш шикастатар кард.
Бинад ҳама рӯз хор бар хор,
З-ин гуна фитода кор дар кор.
Гаҳ қиссаи меҳнати ту хонад
В-аз дида ҳазор сел ронад.
Гаҳ марсияти падар кунад соз
В-аз санги сияҳ барорад овоз.
В-он гаҳ зи қасоиди ҳалолат,
К-омӯхтаам зи ҳасби ҳолат,
Хондам ду-се байт пеши он Моҳ,
З-он сон ки баромад аз дилаш оҳ.
Ларзид ба ҷою сар фурӯ бурд,
Дур аз ту, чунон ки гуфтам, ӯ мурд.
Баъд аз нафасе, ки сар баровард,
Оҳе дигар аз ҷигар баровард.
Бигрист ба ҳойҳою фарёд,
Кард аз падарат ба навҳа-дар ёд.
В-аз бекасии ту дар чунин дард
Мегуфту бар он дареғ мех(в)ард.
Чун кард басе хурӯшу зорӣ,
Бинмуд ба аҳдам устуворӣ,
К-эй покдили ҳалолзода,
Бардор, ки ҳастам уфтода!
Рӯзе, ки аз ин қароргоҳат
Тадбир бувад ба азми роҳат,
Бар хиргаҳи ман гузар кун аз роҳ
В-аз дур ба ман намуд хиргоҳ.
То номае аз ҳисоби корам,
Тартиб кунам, ба ту супорам.
Ёрет расод, то ниҳонӣ
Ин нома ба ёри ман расонӣ.
Ин гуфту аз он ҳазира бархост,
Ман низ шудам ба роҳи худ рост.
Дирӯз бад-он нишон, ки фармуд,
Рафтам ба дари висоқи ӯ зуд,
Дидам-ш, кабудкардаҷома,
Пӯшида, ба ман супурд нома.
Бар нома ниҳод муҳри андуҳ,
Яъне, карамал китобу хатмуҳ.
В-он нома, чунон ки буд, бикшод,
Бӯсиду сабук ба дасти ӯ дод.

Маҷнун чу сиҳои номаро дид,
Ҷуз нома, ҳар он чи буд, бидрид.
Бар пой ниҳод сар чу паргор,
Баргашт ба гирди хеш сад бор.
Афтод, чунон ки уфтад маст,
Ӯ рафта зи дасту нома дар даст.
Омад чу ба ҳуши хештан боз,
Дод аз дили худ шикеброро соз.

## МУФОДИ НОМАИ ЛАЙЛӢ БА МАҶНУН

Чун бозкушод номаро банд,
Буд аввали нома карда пайванд:
Ин нома ба номи подшоҳе,
Ҷонзиндакуне, хирадпаноҳе!
Донотари ҷумла кордонон,
Донои забони безабонон.
Қассоми сапедию сиёҳӣ,
Рӯзидиҳи ҷумла мурғу моҳӣ,
Равшанкуни осмон ба анҷум,
Пироядиҳи замин ба мардум.
Фарди азалӣ ба зулҷалолӣ,
Ҳаййи абадӣ ба лоязолӣ.
Ҷон доду ба ҷонвар ҷаҳон дод,
З-ин беш хазина чун тавон дод!
Орост ба нури ақл ҷонро,
Бифрӯхт ба ҳар ду ину онро.
З-ин гуна басе гуҳар фишонда
В-он гоҳ ҳадиси ишқ ронда,
К-ин нома, ки ҳаст чун паранде,
Аз ғамзадае ба дардманде,
Яъне зи мани ҳисорбаста,
Наздики ту, эй қафасшикаста.
Эй ёри қадимъаҳд, чунӣ?
В-эй Маҳдии ҳафт маҳд, чунӣ?
Эй хозини ганҷи ошноӣ,
Ишқ аз ту гирифта рӯшноӣ!
Эй хуни ту дода кӯҳро ранг,
Сокин шуда чун ақиқ дар санг!
Эй чашмаи Хизр дар сиёҳӣ,
Парвонаи шамъи субҳгоҳӣ.

Эй аз ту фитода дар ҷаҳон шӯр,
Гӯре ду-се карда мӯниси гӯр.
Эй захмгаҳи маломати ман,
Ҳамқофилаи қиёмати ман.
Эй раҳм накарда бар тани хеш,
В-оташ зада-бар ба хирмани хеш.
Эй дил ба вафои ман ниҳода.
Дар маърази гуфтугӯ фитода,
Ман дил ба вафои ту супурда,
Ту дил зи вафои ман набурда,
Чунию чӣ гунаӣ, чӣ созӣ?
Ман бо ту, ту бо кӣ ишқ бозӣ?
Чун бахти ту дар фироқам аз ту,
Ҷуфти туам, арчи тоқам аз ту.
В-он ҷуфтаниҳода гарчи ҷуфт аст,
Сар бо сари ман шабе нахуфтаст.
Ман суда, вале дурам насудаст,
Алмоси касаш наёзмудаст.
Ганҷи гуҳарам, ки дарбамуҳр аст,
Чун ғунчаи боғ сарбамуҳр аст.
Шӯй арчи шукӯҳи шӯй дорад,
Бе рӯи туам чӣ рӯй дорад?!
Дар сир нишони савсанӣ ҳаст,
Райҳон нашавад валек дар даст.
Чун зардхиёр кунҷ гардад,
Ҳамколбади турунҷ гардад.
Туршӣ кунад аз турунҷхӯӣ,
Аммо надиҳад турунҷбӯӣ.
Мехостаме, к-аз ин ҷаҳонам
Бошад чу туе ҳамошёнам,
В-он к-аз раҳи ту рамад чу харгӯр
Мурда ба хар оварандаш аз гӯр.
Чун бо ту ба ҳам наметавон зист,
З-он сон ки манам, гуноҳи ман чист?
Он дил, ки ризои ту наҷӯяд,
Беҳ, гар ба қазои бад бимӯяд.
В-он, к-аз паи захми туст шасташ,
Пеш аз ҳама хушк бод досташ!
Мӯе зи ту пеши ман ҷаҳонест,
Хоре зи раҳи ту гулситонест.
Хазродаманию хизрдоман,
Дарсоз чу оби Хизр бо ман.

Ман моҳу ту офтобӣ аз нур,
Чашме ба ту мекушоям аз дур.
Узри қадамам ба бозмондан,
Донӣ, ки хатост бар ту хондан.
Марги падари ту чун шунидам,
Бар мурдаи тан кафан даридам.
Кардам ба тапонча рӯйро хурд,
Пиндоштам, он падар маро мурд.
Дар дида чу гул кашидаам мил,
Ҷома зада чун бунафша дар нил.
Бо ту зи мувофиқию ёрӣ
Кардам ҳама шарти сӯгворӣ.
Ҷуз омадане, ки н-омад аз даст,
Ҳар  шарт, ки бояд,он ҳама ҳаст.
Гар з-он ки тан аз ту ҳаст маҳҷур,
Ҷонам зи ту нест як замон дур.
Аз ранҷи дили ту ҳастам огоҳ,
Ҳам чора шикеб шуд дар ин роҳ.
Рӯзе ду дар ин раҳилхона
Мебояд сохт бо замона,
К-ин хона, ки обу рангат орад,
Аз тангии худ ба тангат орад.
Бифкан чу харон дарозии гӯш,
Кӯтоҳии умр бину хомӯш.
Кам кун ҷазаъу ба сабр бифзой,
Дар раҳ дигарест, харҷ кун ҷой.
Дар дилшудагӣ қарор медор,
Сабре ба ситам ба кор медор.
Ман низ ҳамин иёр дорам,
Лекин қадам устувор дорам.
Оқил беҳ, агар назар бибандад
З-он гиря, ки душмане бихандад.
Доно, беҳ, агар наёварад ёд
З-он ғам, ки мухолифе шавад шод.
Эй дар ҳақи худ чунон ки ҳастӣ,
Хуш бош дар ин миён, ки ҳастӣ.
Дар хат машав, ар ҷаҳон бигардад,
К-ин чарх замон-замон бигардад.
Деҳқон, манигар, ки дона резад,
Он бин, ки зи дона дона хезад.
Он нахл, ки дорад ин замон кор,
Фардо рутаби тар оварад бор.

В-он ғунча, ки дар хасак ниҳуфта-ст,
Пайғомдиҳи гули шукуфта-ст.
Дилтанг мабош, агар касат нест,
Ман кас наям, охир? Ин басат нест?!
Фарёд зи бекасӣ на рой аст,
К-охир каси бекасон Худой аст.
Аз бепадарӣ масӯз чун барқ,
Чун абр машав ба гиря-дар ғарқ.
Гар рафт падар, писар бимонод!
Кон, гӯ, бишикан, гуҳар бимонод!»
Маҷнун, ки бихонд номаи дӯст,
Афтод бурун чу ғунча аз пӯст.
Ҷуз «ё раб»-аш аз даҳан наёмад,
Як лаҳза ба хештан наёмад.
Чун шуд ба қарори худ тануманд,
Бишмурд ба гиря соате чанд.
В-он қосидро бидошт барҷой,
Гаҳ досташ бӯса доду гаҳ пой.
Гуфто, ки на коғазу на хома,
Чун рост кунам ҷавоби нома?
Қосид зи миён кушод дурҷе,
Чобук шуда чун вакили харҷе,
В-асбоби дабирие, ки бояд,
Биспурд бад-ӯ, чунон ки шояд.
Маҷнун қалами раванда бардошт,
Нақше ба ҳазор нукта бингошт.
Дерина ғаме, ки дар дилаш буд,
Дар мурсалаи сухан баромуд.
Чун нома тамом кард, сар баст,
Бифканд ба пеши қосид аз даст.
Қосид ситаду давид чун бод,
З-он гуна ки бурд номаро, дод.
Лайлӣ чу ба нома-дар назар кард,
Ашкаш бидавиду нома тар кард.

## НОМАИ МАҶНУН ДАР ПОСУХИ ЛАЙЛӢ

Буд аввали он хуҷастапаргор
Номи малике, ки несташ ёр!
Донои ниҳону ошкоро,
К-ӯ дод гуҳар ба санги хоро,

Дорои сипеҳру ахтаронаш,
Дорандаи Наъшу духтаронаш,
Бинокуни дил ба ошноӣ,
Рӯзовари шаб ба рӯшноӣ,
Серобкуни баҳори хандон,
Фарёдраси ниёзмандон.
В-он гаҳ зи ҷигаркабобии хеш
Гуфта сухани харобии хеш,
К-ин нома зи ман, ки беқарорам,
Наздики ту, эй қарори корам.
Не, не, ғалатам, зи хунбаҷӯше,
В-он гаҳ ба куҷо?! Ба хунфурӯше,
Яъне, зи мани калиддарсанг
Наздики ту, эй хазинадарчанг.
Ман хоки туам бад-ин хаобӣ,
Ту оби киӣ, ки равшан обӣ?
Ман дар қадами ту мешавам паст,
Ту дар камари кӣ мезанӣ даст?
Ман дардситони ту ниҳонӣ,
Ту дарди дили кӣ меситонӣ?
Ман ғошияи ту баста бар дӯш,
Ту ҳалқаи кӣ ниҳода дар гӯш?
Эй каъбаи ман ҷамоли рӯят,
Меҳроби ман остини кӯят.
Эй марҳами сад ҳазор сина,
Дур дар маю май дар обгина.
Эй тоҷ, вале на дар сари ман,
Торочи ту лек бар дари ман.
Эй ганҷ, вале ба дасти ағёр,
З-он ганҷ ба дасти дӯстон мор.
Эй Боғи Ирам ба бекалидӣ,
Фирдавси фалак ба нопадидӣ.
Эй банди маро муфаттиҳ аз ту,
Савдои маро муфарриҳ аз ту.
Ин чӯб, ки уди бешаи туст,
Машкан, ки ҳалоки тешаи туст!
Бинвоз маро, мазан, ки хокам,
Афрӯхта кун, ки гарднокам.
Гар бинвозӣ, баҳорат орам,
В-ар захм занӣ, ғуборат орам.
Лутф аст ба ҷои хок дарх(в)ард.
К-аз лутф гул ояд, аз ҷафо гард.

Дар пои туам ба сарфишонӣ,
Ҳамсар макунам ба саргаронӣ.
Он роҳ мадеҳ, ки барситезам,
В-он об, ки мекашам, бирезам.
Чун бархезад тариқи озарм,
Гардад ҳама шармнок бешарм.
Ҳастам ба ғуломии ту машҳур,
Хасмам кунӣ, ар кунӣ зи худ дур.
Сагро чу диҳӣ силеҳи гургӣ,
Шереш кунӣ ба сад бузургӣ.
Ганҷина мадеҳ ба ҳар гадое,
Тарсам, ки кунад ҷаҳон хатое.
Ман дар раҳи бандагӣ кашам бор,
Ту пояи хоҷагӣ нигаҳ дор.
Бо ту сипарам, маяфканам зер,
Чун бифканиям, шавам ба шамшер.
Бар олати хештан мазан санг,
Бо лашкари хештан макун ҷанг.
Чун бар тани хештан занӣ неш,
Андоми дурустро кунӣ реш.
Он кун, ки ба рифқу дилнавозӣ
Озодонро ба банд созӣ.
Он беҳ, ки дирамхаридаи ту
Сурма набарад зи дидаи ту.
Ҳар хоҷа, ки ин кифояташ нест,
Бар бандаи худ вилояташ нест.
В-он кас ки бад-ин ҳунар тамом аст,
Нахрида варо басе ғулом аст.
Ҳастам чу ғуломи ҳалқадаргӯш,
Медор ба бандагиму мафрӯш.
Дар мағз маяфкан оташи тез,
В-оташ зи димоғи кас маянгез!
Дар ҳар тане аз ғазаб ғирев аст,
Ҳар одамӣ ошнои дев аст.
Чун деви ту аз замин бароянд,
Он деви дигар баробар ояд.
Ман хоркашам, ту боркаш бош,
Ман бо ту х(в)ашам, ту низ х(в)аш бош!
Чандон шиканӣ зи дастбозӣ,
Рӯзем чаро наменавозӣ?
Боде, ки барорам аз дами сард,
Дар мағзи ҳаво бияфсурад гард.

Эй дар канафи дигар хазида,
Ҷуфте ба муроди худ гузида.
Накшода фуқоъе аз саломам,
Бар тахтаи ях навишта номам.
Бо ман сухани ту печ-печ аст,
На ҳеч тиҳӣ, ки ҳечи ҳеч аст.
Як наъл бар абрашам надодӣ,
Сад наъл дар оташам ниҳодӣ.
Рӯзам чу шаби сиёҳ кардӣ,
Ҳам захм задӣ, ҳам оҳ кардӣ.
Дар дилситадан надодиям дод,
Гар ҷон бибарӣ, кай ориям ёд?
Захме ба забон ҳамефурӯшӣ,
Ман сӯхтаму ту барнаҷӯшӣ.
На ҳар кӣ забон дароз дорад,
Захм аз тани хеш боздорад.
Савсан зи сари забондарозӣ
Шуд дар сари теғу теғбозӣ.
Ёре, ки бувад маро харидор,
Ҳам бар рухи ӯ бувад падидор.
Он-ч аз ту маро дар ин мақом аст,
Бинмой маро, ки то кадом аст?
Ин аст, ки аҳди ман шикастӣ,
Дар уҳдаи дигаре нишастӣ?
Бо ман ба забон фиреб созӣ,
Бо ӯ ба мурод ишқ бозӣ.
Гар ошиқӣ, оҳи содиқат ку?
Бо ман нафаси мувофиқат ку?
Дар ишқи ту чун мувофиқӣ нест,
Ин салтанат аст, ошиқӣ нест.
Ту фориғ аз он, ки бедиле ҳаст,
В-андӯҳи туро муомиле ҳаст.
Ман дида ба рӯи ту кушода,
Сар бар сари кӯи ту ниҳода.
Бар қуръаи чорҳадди кӯят
Фоле занам аз барои рӯят.
Осуда касе, ки дар ту бинад,
На он, ки ба рӯзи ман нишинад.
Хуррам на маро, тавонгареро,
К-ӯ дорад чун ту гавҳареро.
Боғ арчи зи булбулон пуроб аст,
Анҷир наволаи ғуроб аст.

Об аз дили боғбон хурад нор,
Бошад, ки хурад чу нуқл бемор.
Дерест, ки то ҷаҳон чунин аст,
Мӯҳтоҷ ту, ганҷ дар замин аст.
Кай мебинам, ки лаъли гулранг
Берун ҷаҳад аз шиканҷаи санг?
В-он моҳ, к-аз ӯст дидаро нур,
Гардад зи даҳони аждаҳо дур?
Занбӯр парида, шаҳд монда,
Хозин шуда моҳу маҳд монда.
Бикшода хазина в-аз ҳисораш
Афтода ба дар хазинадораш.
Деҳқони хасис рафта аз боғ,
Булбул шуда дар нишемани зоғ!
Дар боғчаи гули қасабчин
Гардан зада зангии рутабгин.
З-ойина ғубори занг бурда,
Ганҷина ба ҷою мор мурда.
Дизбонуи ман зи диз кушода,
Дизбони вай аз диз уфтода.
Гар ман шудам аз чароғи ту дур,
Парвонаи ту мабод бенур.
Гар кушт маро ғами маломат,
Бод Ибни Саломро саломат.
Эй неку бади миҷозам аз ту,
Дардам зи туву илоҷам аз ту!
Ҳарчанд ҳисорат оҳанин аст,
Луълуи тарат садафнишин аст,
В-аз ҳалқаи зулфи пуршиканҷат,
Дар домани аждаҳост ганҷат.
Донӣ, ки зи дӯстдории хеш
Бошад дили дӯстон бадандеш.
Бар ман зи ту сад ҳавас нишинад,
Гар бар ту яке магас нишинад.
З-он ошиқ кӯртар касе нест,
К-ӯро магасе чу каргасе нест.
Чун мӯрча беқарор аз онам,
То он магас аз шакар биронам.
Ин он масал аст, к-он ҷавонмард
Бе моя ҳисоби суд мекард.
Андӯҳи гули начида медошт,
Поси дури нохарида медошт.

Бигзашт зи ишқат, эй суманбар,
Кор аз лаби хушку дидаи тар.
Шӯридатарам, аз он чи дидӣ,
Маҷнунтар, аз он ки мешунидӣ.
Бо ту худии ман аз миён рафт,
Ин роҳ ба бехудӣ тавон рафт.
Ишқе, ки дил инчунин наварзад,
Дар мазҳаби ишқ ҷав наярзад.
Чун аз лаби ту тамаъ надорам,
Бӯсе, ки диҳӣ ба ёдгорам.
Вақте ки абири лутф соӣ,
Ё нофаи хуни хуш кушоӣ,
Бӯе ба насими субҳ биспор,
З-он бӯй моро кушода кун кор.
Аз боғи рухат, ки бод сероб,
Хоҳам рутабе, валек дар хоб.
Аз бодаи ҷоми ту, дилором,
Дорам тамаъе на ончунон хом.
Ё раб, чӣ хуш он маи муғона,
К-аз дасти туам диҳад замона.
Бо ман ту нишаста бодадардаст,
Ман гашта зи бодаи ту сармаст.
Аз дасту даҳони ту паёпай
Гаҳ бӯса ситонаму гаҳе май.
Беҷодалабе бад-он зарифӣ
Чун бошад, чун кунад ҳарифӣ.
Шаҳде, ки ақиқгуна бошад,
Ӯро бимазӣ, чӣ гуна бошад?
Гоҳе зи лаби ту мемазам нӯш,
Гоҳ оварамат чу ҷон дар оғӯш!
Гаҳ бар занахи ту даст соям,
Гоҳе шакар аз лабат рабоям.
Ин ҷумла, ки гуфтаам, фасона-ст,
Бо ту ба сухан маро баҳона-ст.
Гар на ман аз ин ҳисоб дурам,
Дидори туро зи худ ғаюрам.
Бар пои тамаъ ниҳодаам банд,
Аз ту ба ҳикояти ту хурсанд.
Гар бо ту ҳазор шаб нишинам,
Аз рашки ту дар ту ҳам набинам.
Чун ишқи ту дар ман устувор аст,
Бо сурати ту маро чӣ кор аст?

Шар гашт маро шариф бо ту,
Ё ишқ маро ҳариф бо ту.
Чун ишқи ту рӯй менамояд,
Гар рӯи ту ғоиб аст, шояд.
Ишқи ту рафиқи рози ман бод,
Захми ту ҷигарнавози ман бод!
Бо захми ту гарчи марҳаме нест,
Чун ту ба саломатӣ, ғаме нест.
Гар ман шудам аз фироқ ранҷур,
Бод аз ту фироқи чун мане дур!
Гар лошахари ман афтад аз пой,
Тозифараси ту бод барҷой!
Идбори ман ар шавад ниҳонӣ,
Иқболи ту бод ҷовидонӣ!
Ҳар сар, ки нашуд мутеъи роят,
Андохта бод зери поят!

## ОМАДАНИ САЛИМИ ОМИРӢ - ХОЛИ МАҶНУН БА ДИДАНИ Ӯ

Саррофи сухан зи лафзи чун зар
Дар ришта чунин кашид гавҳар,
К-аз нақдкунони ҳоли Маҷнун
Пире сара буд холи Маҷнун.
Соҳибҳунаре, ҳалолзода,
Ҳам хоставу ҳам уфтода.
Дар ном Салими Омирӣ буд,
Дар чорагарӣ чу Сомирӣ буд.
Он бар ҳама реш марҳами ӯ,
Будӣ ҳамасола дар ғами ӯ.
Ҳар моҳ зи ҷомаву таомаш
Бурдӣ ҳама олате тамомаш.
Як рӯз нишаст бар наҷибе,
Шуд дар талаби чунон ғарибе.
Метохт наҷиб дашт бар дашт,
Девона чу девбод мегашт.
То ёфт варо ба кунҷи кӯҳе,
Озод зи банди хар гурӯҳе.
Бар ваҳшати халқ роҳ баста,
Ваҳше ду-се гирди ӯ нишаста.
Додаш чу мусофирони ранҷур
Аз бими дадон саломе аз дур.

Маҷнун зи шунидани саломаш
Пурсид нишону ҷуст номаш.
Гуфто, ки манам Салими Омир,
Саркӯби замонаи муқомир.
Холи ту, вале зи рӯи ту фард,
Рӯи ту ба хол нест дарх(в)ард.
Ту худ ҳама чеҳра хол гаштӣ,
Яъне ҳабашимисол гаштӣ?
Маҷнун чу шинохт, пеш хондаш,
Ҳамзонуи хештан нишондаш.
Ҷусташ хабаре зи ҳар нишоне
В-осуд ба суҳбаташ замоне.
Чун ёфт Салимаш ончунон ур,
Бе гӯру кафан миёни он гӯр,
Он ҷомаи тан, ки дошт дар бор,
Оварду намуд узри бисёр,
К-ин ҷома ҳалолияст, дарпӯш,
Бо ман ба ҳалолзодагӣ кӯш.
Гуфто:– «Тани ман зи ҷома дур аст,
К-ин оташи тезу он бухур аст.
Пиндор, дар ӯ назора кардам,
Пӯшидаму боз пора кардам».
Азбаски Салим боз кӯшид,
Он ҷома чунон ки буд, пӯшид.
Овард сабук таъом дар пеш,
Ҳалвову кулича аз адад беш.
Чандон ки дар ӯ намуд нола,
З-он суфра нахӯрд як навола.
Буд ӯ зи навола хӯрдан озод,
З-ӯ меситаду ба ваҳш медод.
Пурсид Салим, к-эй ҷигарсӯз,
Охир, ту чӣ мехурӣ шабу рӯз?
Аз туъма тавонад одамӣ зист,
Гар одамиӣ, таоми ту чист?
Гуфт:– «Эй чу дилам Салим номат,
Тавқеъи саломатат саломат!
Аз бехуришӣ танам фасурда-ст,
Нерӯи хурандагиш мурда-ст.
Ҳастам ҳама шаб фитода бар санг,
Рӯзам шуда тангу рӯзиям танг.
Аз гурсунагӣ чу мехарошам,
Самғе зи дарахт метарошам.

Ин аст ғизом ё гиёҳе
В-он ҳам на ба ҳафтае, ба моҳе.
Қути дили ман, чу рост хоҳӣ,
Бошад зи насими субҳгоҳӣ!
Ҳар бод, ки бӯи дилбар орад,
Шак нест, ки ҷон ба ман дарорад.
Хӯ бозбуридам аз х(в)аришҳо,
Фориғ шудаам зи парваришҳо.
Дар нои гулӯм нон нагунҷад,
Гар з-он ки фурӯ барам, биранҷад.
З-ин сон ки манам бад-ин низорӣ,
Мустағниям аз таъомхорӣ.
Аммо нагузорам аз хуриш даст,
Гар ман нахурам, хурандае ҳаст.
Хӯрде, ки хурад гавазн ё шер,
Эшон хоянду ман шавам сер».
Чун дид Салим, к-он ҳунарманд
Аз нон ба гиёҳ гашта хурсанд,
Бар рағбати он дурушстхорӣ
Кардаш ба ҷавоби нарм ёрӣ,
К-аз хӯрдани донаҳои айём
Бас мурғ, ки уфтод дар дом.
Онро, ки ҳавои дона беш аст,
Ранҷу хатари замона беш аст.
Ҳар к-ӯ чу ту қонеъи гиёҳ аст,
Дар олами хеш подшоҳ аст.

## ҲИКОЯТ

Рӯзе малике зи номдорон
Мерафт ба расми шаҳрёрон.
Бар хонаи зоҳиде гузар дошт,
К-он зоҳид аз он ҷаҳон хабар дошт.
Омад аҷабаш, ки ончунон мард
Маъвогаҳи худ хароб чун кард?
Пурсид зи хосагони худ шоҳ,
К-ин шахс чӣ мекунад дар ин роҳ?
Хӯрдаш чиву хобгоҳи ӯ чист?
Андоза-ш то куҷову ӯ кист?
Гуфтанд, ки зоҳидест машҳур,
Аз хоб ҷудову аз хуриш дур.

Аз халқи ҷаҳон гирифта дурӣ,
Дарсохта бо чунин сабурӣ.
Шаҳ чун вароқи салоҳи ӯ хонд,
Бо ҳоҷиби хос сӯи ӯ ронд.
Ҳоҷиб суи зоҳид омад аз роҳ,
То оварадаш ба хидмати шоҳ.
Гуфт:– «Эй зи ҷаҳон бурида пайванд,
Гашта ба чунин хароба хурсанд,
Ёре на, чӣ мекунӣ дар ин кор?
Қуте на, чӣ мехурӣ дар ин ғор?!»
Зоҳид қадаре гиёҳи суда
Аз матраҳи оҳувон дуруда,
Бардошт бад-ӯ, ки х(в)ардам ин аст,
Раҳтӯшаву раҳнавардам ин аст!
Ҳоҷиб зи ғурури подшоӣ
Гуфташ, ки дар ин бало чароӣ?
Гар хидмати шоҳи мо кунӣ соз,
Аз хӯрдани ин гиё раҳӣ боз.
Зоҳид гуфто:– «Чӣ ҷои ин аст?
Ин нест гиё, гулангабин аст.
Гар ту сари ин гиё биёбӣ,
Аз хидмати шоҳ сар битобӣ».
Шаҳ чун сухане шунид аз ин даст,
Шуд гарму зи борагӣ фурӯ ҷаст.
Дар пои ризои зоҳид афтод,
Мекард дуову бӯса медод.
Хурсанд ҳамеша нозанин аст,
Хурсандиро вилоят ин аст.
Маҷнун зи нишоти он фасона
Барҷасту нишаст шодмона.
Дил дод ба дӯстон замоне,
Пурсид зи ҳар касе нишоне.
В-он гоҳ гирифт гиря дар пеш,
Пурсид зи ҳоли модари хеш,
К-он мурғи шикастабол чун аст,
Кораш чӣ расиду ҳол чун аст?
Бо ин ки аз ӯ сиёҳрӯям,
Ҳам ҳиндуваки сиёҳи ӯям.
Ранҷуртан аст ё тануманд,
Ҳастам ба ҷамолаш орзуманд.
Чун дид Салим, к-он ҷигарреш
Дорад сари меҳри модари хеш,

Бекон нагузошт гавҳарашро,
Овард зи хона модарашро.

## ДИДАНИ МОДАР МАҶНУНРО

Модар чу зи дур дар писар дид,
Алмоси шикаста дар ҷигар дид.
Дид, он гули сурх зард гашта,
В-он оина зангх(в)ард гашта.
Андоми танаш шикаста шуд хурд,
З-андешаи ӯ ба дасту по мурд.
Гаҳ шуст ба оби дида рӯяш,
Гаҳ кард ба шона ҷаъди мӯяш.
Сар то қадамаш ба меҳр молид,
Бар ҳар вараме ба дард нолид.
Мебурд ба ҳар канорае даст,
Гаҳ обила суду гаҳ варам баст.
Гаҳ шуст сари пур аз ғубораш,
Гаҳ канд зи пои хаста хораш.
Чун кард зи рӯи меҳрубонӣ
Бо ӯ зи талаттуф, он чи донӣ,
Гуфт:– «Эй писар, ин чӣ турктозист?
Бозист, чӣ ҷои ишқбозист?
Теғи аҷал инчунин дудастӣ,
В-он гаҳ ту кунӣ ҳанӯз мастӣ.
Бигзашт падар шикоятолуд,
Ман низ гузашта гир ҳам зуд.
Бархезу биё ба хонаи хеш,
Барҳам мазан ошёнаи хеш.
Гар з-он ки вуҳуш ё туюранд,
То шаб ҳама з-ошёна дуранд.
Чун шаб ба нишонаи худ ояд,
Ҳар мурғ ба хонаи худ ояд.
Аз халқ ниҳуфта чанд бошӣ,
Н-осуда, нахуфта чанд бошӣ?
Рӯзе ду , ки умр ҳаст барҷой,
Бар бистари худ дароз кун пой.
Чандин чӣ ниҳӣ ба гирди ҳар ғор
По бар сари мӯр ё думи мор?
Море зада гир бе амонат,
Мӯре шуда гир меҳмонат.

Ҷон аст на сангреза, биншин,
Бо ҷон макун ин ситеза, биншин.
Ҷону дили худ ба ғам маранҷон,
На сангдилӣ, на оҳанинҷон!»
Маҷнун зи нафирҳои модар
Афрӯхт чу шуълаҳои озар,
Гуфт:– «Эй қадами ту афсари ман,
Ранҷи садафи ту гавҳари ман,
Полидаи донаи ту киштам,
Хоки паи ту дари биҳиштам.
Гар з-он ки маро ба ақл раҳ нест,
Донӣ, ки маро дар ин гунаҳ нест!
Кори ман агар чунин бад афтод,
Ин кор маро на аз х(в)ад афтод.
Кӯшидани мо куҷо кунад суд,
К-ин кори фитода буданӣ буд.
Афтод ҳазор борам ин кор,
Аз чора гузашт корам ин бор.
Ишқе ба чунин балову зорӣ,
Донӣ, кӣ набошад ихтиёрӣ!
Ман дар паи он, ки мурғи ҷонам
Аз қолаби ин қафас раҳонам.
Дар дом кашӣ маро дигар бор,
То дар ду қафас шавам гирифтор.
Даъват макунам ба хона бурдан,
Тарсам зи ваболи хона мурдан!
Ман зинда чунин, ки даштгирам,
Беҳ з-он ки ба хона-дар бимирам.
Бо ваҳш ба ин сурудгӯӣ
Беҳ з-он ки ба хона туршрӯӣ.
Дар хона мани зи соз рафта
Бозомада гиру бозрафта.
Гуфтӣ, ки зи хонаногузир аст,
Ин нард на нарди хонагир аст.
Бигзор маро ту дар чунин дард,
Ман дардзада-м, ту бозпас гард!»
Ин гуфту чу соя дар сар афтод,
Дар бӯсаи пои модар афтод.
З-он ҷо, ки надошт поси рояш,
Бӯсид ба узр хоки пояш.
Кардаш ба видоъу шуд дар он дашт,
Модар бигиристу бозпас гашт.

Ҳамчун падараш ҷаҳон ба сар бурд,
Ӯ низ дар орзуи ӯ мурд.
Ҳар рӯз ҷаҳон ба ҷонрабоист,
Инсоф деҳ, ин чӣ бевафоист!
Гетӣ, ки сари вафо надорад,
Гӯӣ, ки кас ошно надорад.
Ин аҳдшикан, ки рӯзгор аст,
Чун барзгарони тухмкор аст.
Корад ду-се тухмро ба оғоз,
Чун кишта расид, бидравад боз.
Афрӯзад ҳар шабе чароғе,
Бар ҷон ниҳадаш зи дуд доғе,
Чун субҳ дамад, бар ӯ дамад бод,
То мирад аз ӯ, чунон к-аз ӯ зод.
Гардун, ки тилисми доғсозист,
Бо мо ба ҳамон чароғбозист.
То дар гираҳи фалак бувад пой,
Ҳар ҷо, ки равӣ, гиреҳ бувад ҷой.
Он гаҳ шавад ин гиреҳ кушода,
К-аз чор фарас шавӣ пиёда.
Чун риштаи ҷон шав аз гиреҳ пок,
Чун риштаи таб машав гиреҳнок.
Гар уд кунад гиреҳнамоӣ,
Ту нофа шав аз гиреҳкушоӣ.

## ОГОҲИИ МАҶНУН АЗ ВАФОТИ МОДАР

Чун шоҳсавори чархи гардон
Майдон биситад зи ҳамнабардон,
Хуршед зи бими аҳли офоқ
Қарробаи май ниҳод бар тоқ.
Субҳ аз сари шӯрише, ки ангехт,
Қарроба шикасту май бурун рехт.
Маҷнун ба ҳамон қасидахонӣ
Мезад дуҳули ҷаридаронӣ.
Меронд ҷарида бар ҷарида,
Мехонд қасида бар қасида.
Аз модари худ хабар набудаш,
К-омад аҷал, аз ҷаҳон рабудаш.
Як бори дигар Салими дилдор
Омад бари он ғариби ғамхор.

Додаш хуришу либос пӯшид,
Мотамзадагона бархурӯшид,
К-он пирзани балорасида
Дур аз ту ба ҳам ниҳод дида.
Рахт аз бунгоҳи ин саро бурд,
Дар орзуи ту чун падар мурд.
Маҷнун зи раҳили модари хеш
Зад дасти дареғ бар сари хеш.
Нолид чунон, ки дар саҳар чанг,
Афтод чунон, ки шиша дар санг.
Мекард зи модару падар ёд,
Шуд бар сари хокашон ба фарёд.
Бар турбати ҳар ду зор нолид,
Дар машҳади ҳар ду рӯй молид.
Гаҳ рӯй дар ину гаҳ дар он суд,
Дору паси марг кай кунад суд?
Хешон чу хурӯши ӯ шуниданд,
Як-як зи қабила медавиданд.
Диданд варо бад-он низорӣ,
Афтода ба хок-бар ба хорӣ.
Хуноба зи дидагон кушоданд,
Дар пои фитода дарфитоданд.
Ҳар дида зи рӯи сустхезӣ
Мекард бар ӯ гулобрезӣ.
Чун ҳушрамида гашт ҳушёр,
Доданд бар ӯ дуруди бисёр.
Карданд ба бозбурданаш ҷаҳд,
То бо ватанаш кунанд ҳамаҳд.
Оҳе заду роҳи кӯҳ бардошт,
Рахти худ аз он гурӯҳ бардошт.
Мегашт ба гирди кӯҳу ҳомун
Дил пурҷигару ҷигар пур аз хун.
Муште дадагон фитода аз пас,
На ёри касу на ёри ӯ кас.
Саҷҷода бурун фиканд аз ин дайр,
Зеро ки надид дар шараш хайр.
З-ин умр чу барқи пой дар роҳ
Мекард чу абр даст кӯтоҳ.
Умре, ки бинош бар завол аст,
Як дам шумар, ар ҳазор сол аст.
Чун умр нишони марг дорад,
Бо ишваи ӯ кӣ барг дорад?

Эй ғофил аз он, ки мурдане ҳаст,
В-огаҳ на, ки ҷон супурдане ҳаст,
То кай ба худат ғурур бошад?
Марги ту зи барг дур бошад.
Худро магар аз заъифрой
Санҷида наӣ, ки то куҷоӣ?
Ҳар зарра, ки дар масоми арзест,
Ӯро бари хеш тӯлу арзест,
Лекин бари кӯҳи қофпайкар
Ҳамчун алиф аст, ҳеҷдарбар.
Бингар, ту чӣ барг ё чӣ шохӣ
Дар мазрааe бад-ин фарохӣ!
Сар то сари худ бибин, ки чандӣ,
Бар сар фалакӣ бад-ин баландӣ?
Бар умри худ ар басеч ёбӣ,
Худро зи  муҳит ҳеч ёбӣ.
Пиндоштаи туро қабулест,
Ё дар ҷиҳати ту арзу тӯлест.
Ин паҳну дарозият ба ҳам ҳаст
Дар қолаби ин қавораи паст.
Чун баргузарӣ зи ҳадди пастӣ,
Дар худ на гумон барӣ, ки ҳастӣ.
Бар хок нишину бод мафрӯш,
Нанге чу туро, ба хок мепӯш.
Он завқ нашуд ҳанӯзат аз ёд,
К-аз ҳоҷати халқ бошӣ озод
Дорӣ ду-се мехи зангх(в)арда,
В-он ҳам ба закот гирдкарда.
Аз шодии он қурозае чанд
Гӯӣ, ки манам ҷаҳонхудованд.
То ҳаст ба чун худе ниёзат,
Бо сӯз бувад ҳамеша созат.
Он гоҳ расӣ ба сарбаландӣ,
К-эмин шавӣ аз ниёзмандӣ.
Ҳон, то саги нони кас набошӣ,
Ё гурбаи хони кас набошӣ,
Чун машъала дастранҷи худ хур,
Чун шамъ ҳамеша ганҷи худ хур,
То бо ту ба суннати Низомӣ
Султони ҷаҳон кунад ғуломӣ.

## ХОНДАНИ ЛАЙЛӢ МАҶНУНРО

Лайлӣ на, ки луъбати ҳисорӣ,
Дизбонуи қалъаи аморӣ,
Гашт аз дами ёр чун дами мор,
Яъне, ба ҳазор ғам гирифтор.
Дилтанг чу дастгоҳи ёраш,
Дарбастатар аз ҳисоби кораш.
Дар ҳалқаи риштаи гиреҳманд
Зиндонии бандгашта бе банд.
Шӯяш ҳамарӯза доштӣ пос,
Перомани дур шикастӣ алмос,
То нагрезад шабе чу мастон
Дар рахнаи дайри бутпарастон.
Бо ӯ зи хушию меҳрубонӣ
Кардӣ ҳамарӯза ҷонфишонӣ.
Лайлӣ зи сари гирифтачеҳрӣ
Дидӣ суи ӯ ба сардмеҳрӣ.
Рӯзе, ки навола бемагас буд,
Шаб зангию ҳуҷра беасас буд,
Лайлӣ бадар омад аз дари кӯй,
Машғул ба ёру фориғ аз шӯй.
Дар раҳгузаре нишаст дилтанг,
Дур аз раҳи душманон ба фарсанг,
Меҷуст касе, ки ояд аз роҳ,
Бошад зи ҳадиси ёраш огоҳ.
Ногоҳ падид шуд ҳамон пир,
К-аз чорагарӣ накард тақсир.
Дар роҳу равиш чу Хизр пӯён,
Ҳинҷорнамою роҳҷӯён.
Пурсидаш луъбати ҳисорӣ,
К-аз кори фалак хабар чӣ дорӣ?
Он ваҳшнишини ваҳшатомез
Бар ёди кӣ мекунад забон тез?
Пир аз сари меҳр гуфт, к-эй моҳ,
Он Юсуфи бе ту монда дар чоҳ,
Он қулзуми нонишаста аз мавҷ,
В-он моҳи ҷудофитода аз авҷ,
Овоз кушода чун мунодӣ,
Мегардад дар миёни водӣ.
«Лайлӣ» - гӯён ба ҳар ду гоме,
Лайлиҷӯён ба ҳар мақоме.

Аз неку бади худаш хабар нест,
Ҷуз бар раҳи Лайлияш гузар нест.
Лайлӣ чу шуд огаҳ аз чунин ҳол,
Шуд сарвбунаш зи нола чун нол.
Аз тоқчаи ду наргиси ҷуфт,
Бар суфти суман ақиқ месуфт.
Гуфто: «Манам он рафиқи дилсӯз,
К-аз ман шуда рӯзи ӯ бад-ин рӯз.
Аз дард наям ба як замон фард,
Фарқ аст миёни мо дар ин дард.
Ӯ бар сари кӯҳ мекашад роҳ,
Ман дар буни чоҳ мезанам оҳ.
Аз гӯш кушод гавҳаре чанд,
Бӯсиду ба пеши пир афганд,
К-инро биситону бозпас гард,
Бо ӯ нафасе ду ҳамнафас гард!
Наздики ман ораш аз раҳи дур,
Чандон ки назар кунам дар он пур!
Ҳолӣ, ки биёварӣ зи роҳаш,
Биншон ба фалон нишонагоҳаш.
Наздики ман ой, то ман оям,
Пинҳон ба рухаш назар кушоям.
Бинам, ки чӣ обу ранг дорад,
Дар вазни вафо чӣ санг дорад.
Бошад, ки зи гуфтаҳои хешам
Хонад ду-се байти тоза пешам.
Гардад гираҳи мануфтода
Аз хондани байти ӯ кушода.
Пир он дури суфта бар камар баст,
З-он дурри насуфта рахт барбаст.
Дасте салаби халалнадида
Бурд аз паи он салабдарида.
Шуд кӯҳ ба кӯҳ тез чун бод,
Гоҳе ба харобу гаҳ ба обод.
Рӯзе ду-се ҷусташ андар он бум
В-аҳволи ваяш нагашт маълум.
То оқибаташ фитода бар хок
Дар домани кӯҳ ёфт ғамнок.
Пиромани ӯ дарандае чанд,
Хозин шуда чун хазинаро банд.
Маҷнун чу зи дур дид дар пир,
Чун тифл намуд майл бар шир.

Зад бар дадагон ба тундӣ овоз,
То сар накашанд сӯи ӯ боз.
Чун вахш ҷудо шуд аз канораш,
Пир омаду шуд сипосдораш.
Аввал сари хеш бар замин зад
В-он гаҳ дари узру офарин зад.
Гуфт:– «Эй ба ту мулки ишқ барпой,
То бошад ишқ, бош барҷой.
Аз чашмаи хур чу Хизр барх(в)ар
В-офоқнаворд чун Сикандар!
Лайлӣ, ки ҷамилаи ҷаҳон аст,
Дар дӯстии ту то ба ҷон аст.
Мепурсаду мекунад саломат
Хоҳад ба иродати тамомат.
Дерест, ки рӯи ту надидаст,
Н-аз лафзи ту нуктае шунидаст.
Кӯшад, ки яке дамат бибинад,
Бо ту ду ба ду ба ҳам нишинад.
Ту низ шавӣ ба рӯи ӯ шод,
Аз банди фироқ гардӣ озод.
Хонӣ ғазале ду ромишангез,
Бозори гузаштаро кунӣ тез.
Нахлистонест хубу хушранг,
Дар ҳам шуда ҳамчу бешаи танг.
Бар авҷи сипеҳр саркашида,
Зераш ҳама сабза бардамида.
Миодгаҳи баҳорат он ҷост,
Он ҷост калиди корат, он ҷост!»
Он гаҳ салабе, ки дошт дар банд,
Пӯшид дар ӯ ба аҳду савганд.
Маҷнун камари мувофиқат баст,
Аз кашмакаши мухолифат раст.
Пай бар паи ӯ ниҳоду биштофт,
Дар ташнагӣ оби зиндагӣ ёфт.
Ташна зи Фурот чун гурезад,
Бо ғолия бод чун ситезад?
Бо ӯ дадагон ба аҳд ҳамроҳ,
Чун лашкари некаҳд бо шоҳ.
Иқбол мутеъу бахт мунқод,
Омад ба қароргоҳи миод.
Биншаст ба зери нахли манзур,
Омоҷгаҳе, дадон аз ӯ дур.

Пир омаду з-он чи кард бунёд,
Бо он бути хиргаҳӣ хабар дод.
Хиргоҳнишин бути парирӯй
Ҳамчун париён парид аз кӯй.
З-онсӯтари ёри худ ба даҳ гом
Ором гирифту рафт аз ором,
Фармуд ба пир, к-эй ҷавонмард,
З-ин беш маро намонд новард.
З-ин гуна, ки шамъ мефурӯзам,
Гар пештарак равам, бисӯзам.
Шӯест марову гарчи хуфтаст,
Ин ҳол на аз Худо ниҳуфтаст.
Гар з-он, ки ба шӯй дил надодам,
Охир, на чунон ҳаромзодам.
З-ин беш қадам задан ҳалок аст,
Дар мазҳаби ишқ айбнок аст.
З-он ҳарф, ки айбнок бошад,
Он беҳ, ки ҷарида пок бошад,
То чун ки ба доварӣ нишинам,
Аз карда хиҷолате набинам.
Ӯ низ, ки ошиқи тамом аст,
З-ин беш ғараз бар ӯ ҳаром аст.
Дархоҳ, к-аз он забони чун қанд
Ташриф диҳад ба байтаке чанд.
Ӯ хонад байту ман кунам гӯш,
Ӯ орад бода, ман кунам нӯш.
Пир аз сари он баҳори навбар
Омад бари он баҳори дигар.
Дидаш ба замин баруфтода,
Оромрамида, ҳушдода.
Боде зи дареғ бар дилаш ронд,
Обе зи сиришк бар вай афшонд.
Чун ҳуш ба мағзи ӯ даромад,
Бо пир нишасту хуш баромад.
Гуфт:– «Ин чӣ баҳор буд, гӯӣ,
К-овард ба мо абирбӯӣ?
Ин бӯй на бӯи навбаҳор аст,
Бӯи сари зулфи он нигор аст.
Бӯест азим нағзу дилҷӯй,
Бодо дили ман фидои ин бӯй».
Пир аз сари ошиқозмоӣ
Гуфто, ки хатост ин ҷудоӣ,

Хоҳӣ, ки ба хона ёрат ояд,
В-ороста дар канорат ояд.
Бе дидани рӯи ӯ чунинӣ,
Чун бошад чун, гараш бибинӣ?
Гуфто:– «Макун, эй Салими дилмард,
Пиромани ин ҳадис н-овард.
Чун ман шудаам ба бӯи май маст,
Майро натавон гирифт бар даст».
Кард он гаҳе аз нашид овоз
Ин байтаке чандро сарогоз.

## ҒАЗАЛ ХОНДАНИ МАҶНУН НАЗДИ ЛАЙЛӢ

Оё ту кучову мо кучоем?
Ту з-они кию мо туроем!
Моему навои бенавоӣ,
Бисмиллаҳ, агар ҳарифи моӣ.
Ифлосхарони ҷонфурӯшем,
Хазпоракуну палоспӯшем.
Аз бандагии замона озод,
Ғам шод ба мову мо ба ғам шод.
Ташначигару ғариқи обем,
Шабкӯру надими Офтобем.
Гумроҳу сухан зи раҳнамоӣ,
Дар деҳ наю лофи деҳхудоӣ.
Деҳрондаву деҳхудойномем,
Чун Моҳ ба нимаи тамомем.
Бе муҳраву дида ҳуққабозем,
Бе пою рикеб Рахштозем.
Ҷуз дар ғами ту қадам надорем,
Ғамдори туему ғам надорем.
Дар олам агарчи сустхезем,
Дар кӯчгаҳи раҳил тезем.
Гӯӣ, ки бимир дар ғамам зор,
Ҳастам зи ғами ту андар ин кор.
Охир бизанам ба вакт ҳолӣ
Бар табли раҳили худ даволе.
Эй ёри шигарф, дар ҳама кор
Айёраву ошиқи ту айёр.
Айёр, ки бифшурад гулӯро,
Худро кушад, он гаҳе адӯро.

Он кас, ки зи хуни х(в)ад натарсад,
Аз куштани неку бад натарсад.
Гург аз рама гар ҳарос дорад,
Бо худ намаду палос дорад.
Шабхуш макунам, ки нест дилкаш
Бе ту шаби мову он гаҳе х(в)аш.
Ноомада рафтан ин чӣ соз аст?
Нокишта дурудан ин чӣ роз аст?
Бо ҷони манат қадам насозад,
Яъне, ки ду ҷон ба ҳам насозад.
То ҷон наравад зи хона берун,
К-ой ту аз ин баҳона берун.
Ҷоне ба ҳазор борнома,
Маъзул кунаш зи корнома.
Ҷоне беҳ аз ин ба ёр дардеҳ,
Пое беҳ аз ин ба кор дарнеҳ.
Ҳар ҷон, ки на аз лаби ту ояд,
Ояд ба лабу маро нашояд,
В-он ҷон, ки лаби туаш хизона-ст,
Ганҷинаи умри ҷовидона-ст.
Бисёр касон туро ғуломанд,
Аммо на чу ман мутеъи номанд,
То ҳаст зи ҳастии ту ёдам,
Осудаву тандурусту шодам.
Вон гаҳ, ки зи дил наёрамат ёд,
Бошам ба диле, ки душманат бод!
З-ин пас туву ман, ману ту з-ин пас,
Як дил ба миёни мо-ду тан бас!
В-он дил-дили ту чунин савоб аст,
Яъне дили ман дили хароб аст.
Субҳӣ туву бо ту зист натвон,
Илло ба яке дилу дусад ҷон.
Дар худ кашамат, ки ришта яктост,
То ин ду адад яке шавад рост.
Чун сиккаи мо ягона гардад,
Нақши дуӣ аз миёна гардад.
Бодом, ки сикка нағз дорад,
Як тан буваду ду мағз дорад.
Ман бо туам, он чи монда барҷой,
Кафшест бурун фитода аз пой.
Он-ч они ман аст, бо ту нур аст,
Дурам ман, аз он чи аз ту дур аст.

Тан кист, ки андар ин мақомаш
Бар сиккаи ту зананд номаш?
Сар нузли ғами туро нашояд,
Зери аламӣ туро нашояд.
Ҷонест ҷарида дар миён чуст,
В-он низ на бо ман аст, бо туст.
Гарчи зи ту бандам, эй паризод,
Озодтарӣ зи сарви озод.
Ҳастам мани бепаноҳу пайванд
Дар бандагият чу гул камарбанд.
Боде, ки зи кӯи ту барояд,
Ҷон бахшаду занги дил зудояд.
Он ёбам аз ӯ ба ҷонфизоӣ,
К-озурдамиён зи мӯмиёӣ!
Ту сагдилу посбон-т сагрӯй,
Ман хоки раҳи сагони он кӯй.
Сагбонии ту ҳамегузинам,
Дар ҷанби сагон аз он нишинам.
Яъне, дадагон маро ба дунбол
Ҳастанд сагони тезчангол.
Ман муфлисаму ту молдорӣ,
Ман холияму ту хол дорӣ.
Ту бо зару бо дирам ҳама сол,
Холат дираму зар аст халхол.
То холи дирамваши ту дидам,
Халхоли туро дирам харидам.
Абр аз паи навбаҳор бигрист,
Маҷнун зи паи ту зор бигрист.
Чарх аз рухи маҳ ҷамол гирад,
Маҷнун ба рухи ту фол гирад.
Ҳиндуи сиёҳ посбон аст,
Маҷнун ба бари ту ҳамчунон аст.
Булбул зи ҳавои гул ба гард аст,
Маҷнун зи фироқи ту ба дард аст,
Халқ аз паи лаъл меканад кон,
Маҷнун зи паи ту меканад ҷон.
Ё раб, чӣ хуш иттифоқ бошад,
Гар бо манат иштиёқ бошад.
Маҳтобшабе чу рӯз равшан
Танҳо ману ту миёни гулшан.
Ман бо ту нишаста гӯшдаргӯш,
Бо ман ту кашида нӯш дар нӯш.

Дар бар кашамат чу руд дар чанг,
Пинҳон кунамат чу лаъл дар санг.
Гардам зи хумори наргисат маст,
Мастона кашам ба сунбулат даст.
Бар ҳам шиканам шиканҷи гесӯт,
То гӯш кашам камони абрӯт.
Бо нори барат нишаст гирам,
Себи занахат ба даст гирам.
Гаҳ нори туро чу себ соям,
Гаҳ себи туро чу нор хоям.
Гаҳ зулф барафканам ба дӯшат,
Гаҳ халқа бурун кунам зи гӯшат.
Гоҳ аз қасабат саҳифа шӯям,
Гаҳ бо рутабат бадеҳа гӯям.
Гаҳ гирди гулат бунафша корам,
Гоҳе зи бунафша гул барорам.
Гаҳ дар бари худ кунам нишастат,
Гаҳ номаи ғам диҳам ба дастат.
Ё раб, чӣ бувад, ки инчунин рой
Бар кор бувад, чӣ хуш бувад, ҳой!
Хуш мезанам инчунин суруде,
Гар нагсалад аз миёна руде.
Шӯридасарам мадор чандин,
Зеру забарам мадор чандин.
Он ҷо, ки туӣ, маро нахонӣ,
В-ин ҷо чӣ хуш аст, агар бидонӣ.
На шарми касе, на бими ағёр,
Касро на ба гирди кори ман кор.
Гар бархезию барнишинӣ,
Худро мутааррифе набинӣ.
Бинӣ ду-се безабону хомӯш,
Карда баду некро фаромӯш.
Оворагӣ ар ба чора жарф аст,
Дар сояи хилвате шигарф аст.
Гар даст нагирадат хатире,
Охир, набувад ба пойгире.
Гар дӯстии касат набошад,
Ҳам душманӣ аз пасат набошад.
Он ҷо чӣ кунӣ, ки бими ҷон аст,
Ноаҳли ғаюр дар миён аст.
З-ин ҷо бадар ои хурраму шод,
Ин аст ҳисори эминобод.

Ёр акнун шав, ки умр ёр аст,
Кор аст ба вақту вақти кор аст.
Чашма манамо чу Офтобам,
Мафреб зи дур чун саробам.
Аз ташнагии ҷамолат, эй ҷон,
Ҷав-ҷав шудаам чу холат, эй ҷон.
Як ҷав надиҳӣ дилам дар ин кор,
Хуноби дилам диҳӣ ба харвор.
Ғам хӯрдан бе ту метавонам,
Май хӯрдан бо ту низ донам.
Кардӣ магар он масал фаромӯш:
«Чандон, ки давид, хуфт харгӯш».
Май деҳ, ки мани хароврӯзӣ
Хуноба хурам, кадом рӯзӣ?!
Дар базми ту май хуҷистафол аст,
Яъне, ба биҳишт май ҳалол аст.
Бо он, ки маро димоғ хуш аст,
Н-аз май, ки зи бӯи май шавам маст.
Дарё кашам аз кафи ту, соқӣ,
Нагзорам ним ҷуръа боқӣ.
Бар ёди ту май куҷо барад ҳуш?
Гар заҳр хурам, ҳаме бувад нӯш.
Масти ту шавам, ту ком бардор,
Мастона ту низ ҷом бардор.
Май ҷуз ба сабӯҳ х(в)ард натвон,
Дар парда сабӯҳ кард натвон.
Султон, ки сарири боғ ҷӯяд,
Ганҷина ба шаб чароғ ҷӯяд.
Он дузд бувад, ки аз сари ранҷ
Аз торикие талаб кунад ганҷ.
Ҳар хона, ки бечароғ бошад,
Зиндон бувад, арчи боғ бошад.
Дар назди ғамат дилам забун аст,
Дасте бизанам, ки дасти хун аст.
Хуштар чӣ аз он, ки чун шавам маст,
Дар ҳалқаи зулфи ту занам даст.
Гирам сари зулфи ту беозор,
Мастона бароварам ба бозор.
Дар ҳар қадаме кунам сабӯҳӣ,
В-аз ҳар лагаде хурам футӯҳе.
Ё раб, ту маро яке чунин рӯз
Рӯзӣ кун аз он бути ҷаҳонсӯз.

Ин гуфту гирифт роҳи саҳро,
Хун дар дилу дар димоғ сафро.
В-он сарви равон аз он чамангоҳ
Шуд рӯйгирифта сӯи хиргоҳ.

## ОШНО ШУДАНИ САЛОМИ БАҒДОДӢ БО МАҶНУН

Донои сухан чунин кунад ёд,
К-аз ҷумлаи мунъимони Бағдод
Ошиқписаре буд ошнорӯй,
Як мӯй нагашта аз яке мӯй.
Ҳам сели бало бад-ӯ расида,
Ҳам силии ошиқӣ чашида.
Дурдикаши ишқу дардпаймой,
Андӯҳнишину ранҷфарсой.
Гетӣ-ш Салом ном карда,
В-иқбол бад-ӯ салом карда.
Дар олами ишқ гашта чолок,
Дар хондани шеърҳо ҳаваснок.
Чун аз сари қиссаҳои дурпош
Шуд қиссаи Қайс дар ҷаҳон фош,
Дар ҳар тарафе зи табъи покаш
Хонданд насиби дарднокаш.
Ҳар ғамзадае, ки шеъри ӯ хонд,
Он ноқа, ки дошт, сӯи ӯ ронд.
Чун шаҳр ба шаҳр то ба Бағдод
Овозаи ишқи ӯ дарафтод,
Аз сеҳри ҳалоли ӯ зарифон
Карданд самоъ бо ҳарифон.
Афтод Саломро, к-аз он хок
Ояд ба саломи он ҳаваснок.
Барбаст буна ба ноқае чуст,
Бикшод инони ноқаро суст.
Дар ҷустани он ғариби дилтанг
Дар бодия ронд чанд фарсанг.
Пурсид нишону ёфташ ҷой,
Афтодабараҳна фарқ то пой.
Пероманаш аз вуҳуш ҷавқе,
Ҳалқа шуда бар мисоли тавқе.

Ӯ карда зи роҳи шавқу зорӣ
З-он ҳалқа ҳисоби тавқдорӣ.
Чун дид, ки ояд аз раҳи дур
Наздики вай он ҷавони манзур,
Зад бонг бар он сибоъи ҳоил,
То теғ кунанд дар ҳамоил.
Чун ёфт Салом аз ӯ қиёме,
Додаш зи миёни ҷон саломе.
Маҷнун зи хушомади саломаш
Бинмуд тақаррубе тамомаш.
Кардаш ба ҷавоби худ гиромӣ,
Пурсидаш, к-аз куҷо хиромӣ?
Гуфт:– «Эй ғарази маро нишона
В-оворагии маро баҳона!
Оям бари ту зи шаҳри Бағдод,
То аз рухи фаррухат шавам шод.
Дар шаҳри худ орамида будам,
В-албатта, сафарнадида будам.
Ғурбат зи барои ту гузидам,
К-абёти ғариби ту шунидам.
Чун кард маро Худой рӯзӣ
Рӯи ту бад-ин ҷаҳонфурӯзӣ,
Ин боқии умр, агар тавонам,
Ҷуз бо ту нагӯяму наронам.
З-ин пас ману хокбӯси поят,
Гардан накашам зи ҳукми роят!
Дам бе нафаси ту барнаёрам,
Дар хидмати ту нафас шуморам.
Ҳар шеър, ки афғанӣ ту бунёд,
Гирам манаш аз миёни ҷон ёд.
Чандон сухани ту ёд гирам,
К-омуда шавад бад-ӯ замирам.
Густохтарам ба худ раҳо кун,
Бо хотири хешам ошно кун.
Медеҳ зи нашиди худ симоъам,
Пиндор яке аз ин сибоъам.
Банда шудани чу ман ҷавоне,
Донам, ки надорадат зиёне.
Ман низ ба санги ишқ судам,
Ошиқ шуда, хорӣ озмудам.

## ПОСУХИ МАҶНУН БА САЛОМИ БАҒДОДӢ

Маҷнун чу ҳилол дар рухи ӯ
Зад хандаву дод посухи ӯ,
К-эй хоҷаи хуби нозпарвард,
Раҳ пурхатар аст, бозпас гард.
На марди манӣ, агарчи мардӣ,
К-аз сад ғами ман яке нах(в)ардӣ.
Ман ҷуз сари дому дад надорам,
На пои ту, пои х(в)ад надорам.
Ту омадаӣ, ки то дар ин дом
Мехе дигарам занӣ ба андом?!
Моро, ки зи хӯи худ малол аст,
Бо хӯи ту сохтан муҳол аст.
Аз суҳбати ман туро чӣ хезад?
Дев аз ману суҳбатам гурезад.
Ҳар рӯз ба манзиле гироям,
Ҳар шаб ба харобаест ҷоям.
Ман ваҳшияму ту унс ҷӯӣ,
Он навъ талаб, ки ҷинси ӯӣ.
Чун оҳан агар ҳамул гардӣ,
З-оҳи чу мане малул гардӣ.
Гар об шавӣ ба ҷоннавозӣ,
Бо оташи ман шабе насозӣ.
Ман муфлисаму наво надорам,
Меҳмонии ту раво надорам.
Гар ҳаст навои бенавоет,
Инак ману роҳи ошноет.
Бо ман ту нагунҷӣ андар ин пӯст,
Ман худкушаму ту хештандӯст.
Ман банди қабои худ кунам суст,
Ту бо дигаре камар кунӣ чуст.
Ман бастаи худ фишонам аз дӯш,
Ту бо дигаре шавӣ ҳамоғӯш.
Бо ман-т хатост ҳамнишастӣ,
Ман бутшикану ту бутпарастӣ.
Бигзор маро дар ин харобӣ,
К-аз ман дами ҳамдамӣ наёбӣ.
Гар дар талабам раҳе буридӣ
Эй ман раҳият, ки ранҷ дидӣ.
Чун ёфтиям ғарибу ғамхор,
«Аллоҳу маак» бигӯю бигзор.

Тарсам, чу ба лутф барнахезӣ,
Аз ранҷи зарурате гурезӣ.
Дар гӯши Саломи орзуманд
Пазруфта нашуд ҳадиси он панд.
Гуфто:– «Ба Худой, агар бикӯшӣ,
К-аз ташна зулолро напӯшӣ.
Бигзор, ки аз сари ниёзе
Дар қиблаи ту кунам намозе!
Гар саҳв шавад ба саҷда роҳам,
Дар саҷдаи саҳв узр хоҳам».
Маҷнун бигузошт аз басе ҷаҳд,
То уҳда ба сар барад дар он аҳд.
Бикшод Салом суфраи хеш,
Ҳалвову кулича рехт дар пеш.
Гуфто:– «Бикушой чеҳр бо ман,
Ноне бишикан ба меҳр бо ман.
Нохӯрданат арчи дилпазир аст,
З-ин як-ду навола ногузир аст.
Мард арчи ба табъ мард бошад,
Нирӯи танаш ба х(в)ард бошад».
Гуфто:– «Ман аз ин ҳисоб фардам,
К-онро, ки ғизохур аст, х(в)ардам.
Нерӯи касе ба нону ҳалвост,
К-ӯро ба вуҷуди хеш парвост.
Чун ман зи ниҳоди хеш покам,
Кай бехуришӣ кунад ҳалокам?!»
Чун дид Салом, к-он ҷигарсӯз
На хусбаду на хурад шабу рӯз.
На рӯй барад ба ҳеҷ кӯе,
На сабр кунад ба ҳеҷ рӯе,
Медод дилаш зи дилнавозӣ,
К-он беҳ, ки дар ин бало бисозӣ.
Доим дили ту ҳазин намонад,
Яксон фалак инчунин намонад.
Гарданда фалак шитобгард аст,
Ҳар дам варақеш дарнаванд аст.
То чашм ба ҳам ниҳода гардад,
Сад дар зи фараҷ кушода гардад.
З-ин ғам беҳ, агар ғамин набошӣ,
То пайсипари замин набошӣ.
Беҳ гардӣ, агарчи дардмандӣ,
Чандон ки гиристӣ, бихандӣ.

Ман низ чу ту шикаста будам,
Дилхаставу пойбаста будам.
Ҳам фазлу инояти худоӣ
Додам зи чунон ғаме раҳоӣ.
Фарҷом шавӣ ту низ хомӯш
В-ин воқиаро кунӣ фаромӯш.
Ин шуъла, ки ҷӯши меҳрубонист.
Аз гармии оташи ҷавонист!
Чун даргузарад ҷавонӣ аз мард,
Он кӯраи оташин шавад сард».
Маҷнун зи ҳадиси он накӯрой
Аз ҷой нашуд, вале шуд аз ҷой.
Гуфто:– «Чӣ гумон барӣ, ки мастам?
Ё шефтаи ҳавопарастам?!
Шоҳаншаҳи ишқам аз ҷалолат
Нобурда зи нафси худ хиҷолат.
Аз шаҳвати узрҳои хокӣ
Маъсум шуда ба ғусли покӣ.
З-олоиши нафс бозраста,
Бозори ҳавои худ шикаста.
Ишқ аст хулосаи вуҷудам,
Ишқ оташ гашту ман чу удам,
Ишқ омаду хос кард хона,
Ман рахт кашидам аз миёна.
Бо ҳастии ман, ки дар шумор аст,
Ман нестам, он чи ҳаст, ёр аст.
Кам гардад ишқи ман дар ин ғам,
Гар анҷуми осмон шавад кам.
Ишқ аз дили ман тавон сутурдан,
Гар реги замин тавон шумурдан.
Дар суҳбати ман чу ёфтӣ роҳ,
Медор забон зи айб кӯтоҳ.
Дар қомати ҳоли хеш бингар,
Аз таъни мақоли хеш бигзар.
Некӯ масале зад он сипаҳдор,
К-андозаи кори худ нигаҳ дор.
Сардӣ накун, арна гарм гардам,
В-он гаҳ ба ҳисоб нарм гардам.
Чандон ба саломат аст бозор,
К-олуда нашуд ба пои таррор.
К-аз тирарагӣ чу дил шавад гарм,
Бархезад аз он миёна озарм.

З-ин гуна гузорише аҷаб кард,
З-он ҳарф ҳарифро адаб кард.
Чун ҳирфати ӯ ҳариф бишнохт,
Ҳарфе ба хато дигар наяндохт.
Густохсухан мабош бо кас,
То узри сухан нахоҳӣ аз пас.
Гар сахт бувад камону гар суст,
Густох кашидан офати туст.
Гар суст бувад, малолат орад,
В-ар сахт бувад, хиҷолат орад.
Ҳар қуфл, ки хоҳияш кушудан,
Шарт аст нахуст озмудан.
Аввал расан аст, он гаҳе чоҳ,
Бе пой куҷо басар шавад роҳ?
Маҷнуну Салом рӯзаке чанд
Буданд ба ҳам ба роҳи пайванд.
Он туҳфа, ки дар миёна мерафт,
Чун дур ғазале равона мерафт,
Ҳар байт, ки гуфтӣ он ҷаҳонгард,
Бар ёд гирифтӣ он ҷавонмард.
Маҷнун зи раҳи заъифҳолӣ
Буд аз ҳама хобу хӯрд холӣ.
Бечора Саломро дар он дард
Н-аз хоб гузир буду н-аз х(в)ард.
Чун суфра тиҳӣ шуд аз навола,
Меҳмон ба видоъ шуд ҳавола.
Кард аз сари оҷизӣ видоъаш,
Бигзошт миёни он сибоъаш.
З-он марҳала рафт сӯи Бағдод,
Бигрифта басе қасида бар ёд.
Ҳар ҷо, ки яке қасида хондӣ,
Ҳуши шунаванда хира мондӣ.

## ВАФОТ ЁФТАНИ ИБНИ САЛОМ – ШАВҲАРИ ЛАЙЛӢ

Ҳар нукта, ки бар нишони корест,
Дар вай ба зарурат ихтиёрест.
Дар ҷунбиши ҳар чӣ ҳаст мавҷуд,
Туррест зи дурҷҳои мақсуд.
Коғаз вараќи дурӯй дорад,
К-омоҷгаҳ аз ду сӯй дорад.

З-ин сӯй варақшумори тадбир,
З-он сӯи дигар ҳисоби тақдир.
Кам ёбад котиби қаламрост
Он ҳар ду ҳисобро ба ҳам рост.
Бас гул, ки ту гул кунӣ шумораш,
Бинӣ ба газанди хеш хораш.
Бас хӯшаи ҳисрим аз намоиш,
К-ангур бувад ба озмоиш!
Бас гурсунагӣ, ки сустӣ орад,
Дар ҳозима тандурустӣ орад.
Бар вифқи чунин хилофкорӣ
Таслим беҳ аз ситезакорӣ.
Алқисса, чу қисса инчунин аст,
Пиндор, ки сиркаангубин аст.
Лайлӣ, ки чароғи дилбарон буд,
Ранҷи худу ганҷи дигарон буд.
Ганҷе, ки кашида буд море
Аз ҳалқа ба гирди ӯ ҳисоре.
Гарчи гуҳаре гаронбаҳо буд,
Чун маҳ ба даҳони аждаҳо буд.
Мезист дар он шиканҷаи танг
Чун донаи лаъл дар дили санг.
Шӯяш ҳама рӯз пос медошт,
Меҳӯрд ғаму сипос медошт.
Дар суҳбати ӯ бути паризод
Монанди парӣ ба банди пӯлод.
Мекард ба чобукӣ шикебе,
Медод фиребро фиребе.
То шӯй бараш набуд, нолид,
Чун шӯй расид, дида молид.
То софӣ буд, навҳа мекард,
Чун дурд расид, дард мех(в)ард.
Мехост, к-аз он ғам ошкоро
Гиряд нафасе, надошт ёро.
З-андӯҳи ниҳуфта ҷон бикоҳад,
Коҳидани ҷони худ кӣ хоҳад?
Аз ҳашмати шӯю шарми хешон
Мебуд чу зулфи худ парешон.
Бегона чу дур гаштӣ аз роҳ,
Бархостӣ аз сутуни хиргоҳ.
Чандон бигиристӣ бар он ҷой,
К-аз гиря даруфтодӣ аз пой.

Чун бонги пай омадӣ ба гӯшаш,
Мондӣ ба шиканҷа-дар хурӯшаш.
Чун шамъ ба чобукӣ нишастӣ
В-он гиря ба ханда даршикастӣ.
Ин бенамакӣ фалак ҳамекард
В-он хушнамак ин ҷигар ҳамех(в)ард,
То гардиши даври бемудоро
Кардаш амали худ ошкоро.
Шуд шӯи вай аз дареғу тимор
Дур аз рухи он арӯси бемор.
Афтод мизоҷ аз истиқомат,
Рафт Ибни Саломро саломат.
Дар тан таби тез коргар шуд,
Тобаш ба раҳи димоғ баршуд.
Роҳат зи мизоҷ рахт барбаст.
Қарробаи эътидол бишкаст.
Қорурашинос набз бифшурд,
Қорура шинохт, ранҷи ӯ бурд.
Медод ба мужда созгорӣ,
Дар тарбияти мизоҷ ёрӣ.
То дур шуд аз мизоҷ сустӣ,
Пайдо шуд роҳи тандурустӣ.
Бемор чу андаке беҳӣ ёфт,
Дар шахси низор фарбеҳӣ ёфт.
Парҳез накард, аз он чи бад буд
В-он карда на бар қарори х(в)ад буд.
Парҳез на дафъи як газанд аст,
Дар роҳату ранҷ судманд аст.
Дар роҳат аз ӯ сабот ёбанд
В-аз ранҷ бад-ӯ наҷот ёбанд.
Дар ранҷ гуле ҳазордоруст,
Дар ганҷ даре ҳазорборуст.
Чун вақти беҳӣ дар он таби тез
Парҳезшикан шикаст парҳез.
Таб боз мулозими нафас гашт,
Бемории рафта бозпас гашт.
Он тан, ки ба захми аввал афтод,
Захми дигараш ба бод бардод.
В-он гил, ки ба оби аввал олуд,
Обе дигараш расиду полуд.

Як зилзила аз нахуст бархост,
Девор дарида шуд чапу рост.
Чун зилзилаи дигар даромад,
Девори шикаста бар сар омад.
Рӯзе ду-се он ҷавони ранҷур
Мезад нафасе зи офият дур.
Чун шуд нафасаш ба сина-дар танг,
Зад шишаи бод бар сари санг.
Афшонд чу бод бар ҷаҳон даст,
Ҷонаш зи шиканҷаи ҷаҳон раст.
Ӯ рафту равему кас намонад,
Воме, ки ҷаҳон диҳад, ситонад.
Аз воми ҷаҳон агар гиёҳест,
Метарс, ки шӯх вомхоҳест.
Мекӯш, ки воми ӯ гузорӣ,
То бозраҳӣ зи вомдорӣ.
Маншин, ки нишастан андар ин вом
Мисмори тан асту мехи андом.
Бар гавҳари хеш бишкан ин дурд,
Барпар чу кабӯтарон аз ин бурд,
К-ин ҳафт хаданги чорбехӣ
В-ин нуҳ сипари ҳазормехӣ
Бо ҳарбаи марг агар ситезанд,
Афтанд чунон, ки барнахезанд.
Ҳар субҳ, к-аз ин равоқи дилкаш
Дар хирмани олам афтад оташ.
Ҳар шом, к-аз ин хуми гилолуд
Бар хунбураи фалак шавад дуд,
Таълимгари ту шуд, ки ин ҷой
Оташкадаест дудпаймой.
Рӯзею шабе чунин ҷигарсӯз,
Ту ғофилу хуррамӣ бад-ин рӯз.
Дерест, ки ин ду мурғи густох
Анбони ту мекунанд сӯрох.
Гар умри ту хирманест говарс,
Аз хӯрдани ин ду мурғ метарс.
Ҳар-ч он сипарӣ шавад саранҷом,
Хоҳӣ қадамею хоҳ сад гом.
Умри ту, ки сад муҳол бошад,
Гар сад на, ҳазор сол бошад,

Чун айби камеш дар камин аст,
Пиндор, ки шуд, сухан ҳамин аст.
Лайлӣ зи фироқи шӯи беком
Меҷаст зи ҷо чу гӯр аз дом.
Аз рафтанаш арчи суд санҷид,
Бо ин ҳама, шӯй буд, ранҷид.
Мекард зи баҳри шӯй фарёд
В-оварда ниҳуфта дӯстро ёд.
Аз меҳнати дӯст мӯй меканд,
Аммо ба туфайли шӯй меканд.
Аз дурии дӯст оҳ мезад,
Бар шевани шӯй роҳ мезад.
Дар ҳар чӣ ба гоҳу кӯй гуфтӣ,
«Эй дӯст» задию шӯй гуфтӣ.
Ашк аз паи дӯст дона мекард,
Шӯи шударо баҳона мекард.
Бар шӯй зи шеване, ки хондӣ,
Дар шеваи дӯст нукта рондӣ.
«Шӯяш» зи буруни пӯст будӣ,
Мағзаш ҳама «дӯст, дӯст!» будӣ.
Расми араб аст, к-аз паси шӯй
Нанмояд зан ба ҳеҷ кас рӯй.
Соле ду ба хона-дар нишинад,
Ӯ дар касу кас дар ӯ набинад!
Нолад ба тазарруъе, ки донад,
Байте ба муроди хеш хонад.
Лайлӣ ба чунин баҳона ҳолӣ
Хиргоҳ зи халқ кард холӣ.
Бар қоидаи мусибати шӯй
Бо ғам бинишаст рӯй дар рӯй.
Чун ёфт ғиревро баҳона,
Бархост сабурӣ аз миёна.
Мебурд ба шарти сӯгворӣ
Бар ҳафт фалак хурӯшу зорӣ.
Шӯридагие далер мекард,
Худро ба тапонча сер мекард.
Мезад нафасе, чунон ки мехост,
Хавфу хатараш зи роҳ бархост.

## СИФАТИ РАСИДАНИ ХАЗОН ВА ДАРГУЗАШТАНИ ЛАЙЛӢ

Шарт аст, ки вақти баргрезон
Хуноба шавад зи барг резон.
Хуне, ки бувад даруни ҳар шох,
Берун чакад аз масоми сӯрох.
Қорураи об сард гардад,
Рухсораи боғ зард гардад.
Шох обилаи ҳалок ёбад,
Зар ҷӯяд баргу хок ёбад.
Наргис ба ҷамоза барниҳад рахт,
Шамшод дарафтад аз сари тахт.
Симои суман шикаст гирад,
Гул номаи ғам ба даст гирад.
Бар фарқи чаман кулолаи хок
Печида шавад чу мори Заҳҳок.
Чун боди мухолиф ояд аз дур,
Афтодани барг ҳаст маъзур,
К-онон, ки зи ғарқагаҳ гурезанд,
З-андешаи бод рахт резанд.
Он сабзаи чархи лоҷвардӣ
Хайрӣ шавад аз ғубори зардӣ.
Рӯбоҳи зи раҳ фитода дар роҳ,
Олуда ба хун чу мӯи рӯбоҳ
Нозукҷигарони боғ ранҷур,
Шириннамакони ток махмур.
Андохта ҳиндуи кадевар
Зангибачагони токро сар.
Сарҳои биҳӣ зи турраи кох
Овехта ҳам ба турраи шох.
Себ аз занахе бад-он нигунӣ,
Бар нор занахзанон, ки чунӣ?
Нор аз ҷигари кафидаи хеш
Хуноба чаконда бар дили реш.
Бар писта, ки шуд даҳандарида
Уннoб зи дур лаб газида.
Норинҷ зи рӯи гирдрӯӣ
Бурда зи турунҷ мушкбӯӣ.
Деҳқон зи хуми маи муғона.
Сармаст шуда ба сӯи хона.
Дар маъракаи чунин хазоне
Шуд захмрасида гулситоне.

Лайлӣ зи сарири сарбаландӣ
Афтод ба чоҳи дардмандӣ.
Шуд чашмзада баҳори боғаш,
Зад бод тапонча бар чароғаш.
Он сар, ки исобаҳои зар баст,
Худро ба исобаи дигар баст.
Гашт он тани нозуки қасабпӯш
Чун тори қасаб заъифу бетӯш.
Шуд бадри маҳиш чун ҳилоле,
В-он сарви саҳиш чун хаёле.
Савдои дилаш ба сар даромад,
Сарсоми сараш ба дил баромад.
Гармои тамуз жоларо бурд,
Бод омаду барги лоларо бурд.
З-он рӯз, ки ёр аз ӯ ҷудо шуд,
Сарваш зи гудохтан гиё шуд.
Дар хотираш он фироқ раҳ кард,
Савдои варо яке ба даҳ кард.
То кор бад-он расид, к-аз кор
Якбора фитоду гашт бемор.
Табларза шикаст пайкарашро,
Табхола газид шаккарашро.
Болин талабид зодсарваш,
В-аз сарв фитода шуд тазарваш.
Афтод чунон, ки дона аз кишт,
Сарбанди қасаб ба рух фурӯ ҳишт.
Бар модари хеш роз бикшод,
Якбора дари ниёз бикшод,
К-эй модари меҳрубон, чӣ тадбир,
К-оҳубара заҳр хӯрд бо шир?
Дар кӯчгаҳ уфтод рахтам,
Чун суст шудам, магир сахтам!
Хун мехурам, ин чӣ меҳрубонист?
Ҷон меканам, ин чӣ зиндагонист?
Чандон ҷигари ниҳуфта х(в)ардам,
К-аз дил ба даҳан расид дардам.
Чун ҷон зи лабам нафас кушояд,
Гар роз кушода гашт, шояд.
Чун парда зи роз баргирифтам,
Падруд, ки роҳ баргирифтам.
Дар гарданам ор даст як бор,
Хуни ману гардани ту, зинҳор,

К-он лаҳза, ки ҷон супурда бошам
В-аз дурии дӯст мурда бошам.
Сурма-м зи ғубори дӯст даркаш!
Нилам зи ниёзи дӯст баркаш!
Фарқам зи гулоби ашк тар кун,
Атрам зи шамомаи ҷигар кун!
Барбанд ҳанутам аз гули зард,
Кофур фишонам аз дами сард!
Хун кун кафанам, ки ман шаҳидам,
То бошад ранги рӯзи идам.
Ороста кун арӯсворам,
Биспор ба хоки пардадорам!
Овораи ман чу гардад огоҳ,
К-овора шудам ман аз ватангоҳ
Донам, ки зи роҳи сӯгворӣ
Ояд ба саломи ин аморӣ.
Чун бар сари хоки ман нишинад,
Маҳ ҷӯяд, лек хок бинад.
Бар хоки ман он ғарибі хокӣ
Нолад ба дареғу дарднокӣ.
Ёр асту аҷаб азиз ёр аст,
Аз ман ба бари ту ёдгор аст.
Аз баҳри Худо, накӯш дорӣ,
Дар вай накунӣ назар ба хорӣ!
Он дил, ки наёбияш, биҷӯӣ,
В-он қисса, ки донияш, бигӯӣ.
Ман доштаам азизвораш,
Ту низ чу ман азиз дораш!
Гӯ, Лайлӣ аз ин сарои дилгир
Он лаҳза, ки мебурид занҷир,
Дар меҳри ту тан ба хок медод,
Бар ёди ту ҷони пок медод.
Дар ошиқии ту содиқӣ кард,
Ҷон дар сари кори ошиқӣ кард.
Аҳвол чӣ пурсиям, ки чун рафт,
Бо ишқи ту аз ҷаҳон бурун рафт.
То дошт дар ин ҷаҳон шуморе,
Ҷуз бо ғами ту надошт коре.
В-он лаҳза, ки дар ғами ту мемурд,
Ғамҳои ту роҳтӯша мебурд.
В-имрӯз, ки дар ниқоби хок аст,
Ҳам дар ҳаваси ту дарднок аст.

Чун мунтазирон дар ин гузаргоҳ
Ҳаст аз қибали ту чашмбарроҳ.
Мепояд, то ту дар пай оӣ,
Сарбозпас аст, то кай оӣ?
Як раҳ бираҳон аз интизораш,
Дархаз ба хазинаи канораш!
Ин гуфту ба гиря дида тар кард
В-оҳанги вилояти дигар кард.
Чун рози ниҳуфта бар забон дод,
Ҷонон талабиду зуд ҷон дод.
Модар, ки арӯсро чунон дид,
Оё, ки қиёмат он замон дид.
Миъҷар зи сари сапед бикшод,
Мӯи чу суман ба бод бардод.
Дар ҳасрати рӯю мӯи фарзанд
Бармезаду мӯю рӯй мекand.
Ҳар мӯя, ки буд, хондаш аз бар,
Ҳар мӯй, ки дошт, кандаш аз сар.
Пирона гирист бар ҷавонӣ-ш,
Хун рехт бар оби зиндагонӣ-ш.
Гаҳ рехт сиришк бар суринаш,
Гаҳ рӯй ниҳод бар ҷабинаш.
Чандон зи сиришкҳош хун руст,
К-он чашмаи обро ба хун шуст.
Чандон зи ғамаш ба меҳр нолид,
К-аз нолаи ӯ сипеҳр нолид.
Он навҳа, ки хун шавад бад-ӯ санг,
Мекард бар он ақиқи гулранг.
Маҳро зи ситора тавқ барбаст,
Сандуқи ҷигар ҳам аз ҷигар баст.
Оросташ, ончунон ки фармуд,
Гулро ба гулобу анбар олуд.
Биспурд ба хоку н-омадаш бок,
К-осоиши хок ҳаст дар хок.
Хотуни ҳисор шуд ҳисорӣ,
Осуд ғам аз хазинадорӣ.
З-ин чаҳ ба ҳиял наметавон раст,
В-ин дар ба ҷадал наметавон баст.
Кӯшид ҷавону рой зад пир,
Накшод кас ин гираҳ ба тадбир.
З-ин чорагарони бодпаймой
Дар кори фалак киро расад рой?

Гар бингарӣ аз гиреваи тез,
Ҳукми шабаҳе кунӣ зи Шабдез.
Гар пештарак кашад аз он даст,
Фармӯш кунӣ, ки оламе ҳаст.
Бо оҷизие чунин, ки моем,
Асрори фалак куҷо кушоем?
Ин оби равон, ки бас кабуд аст,
Обаш бибарод, к-оби рӯд аст,
К-аз ташнагӣ он арӯсро кушт,
В-аз оби худаш надод як мушт.
Лайлӣ чу нузул дар замин кард,
Девори хазина оҳанин кард.
Ҷумла араб аз фироқи рӯяш
Гаштанд шикастадил чу мӯяш.
Равза-ш, ки биҳишти дӯстон буд,
Гуфтӣ, ки баҳору бӯстон буд.
Хокаш зи шукӯҳу тобнокӣ
Ҳоҷатгаҳи халқ шуд зи покӣ.

## ЗОРӢ КАРДАНИ МАҶНУН ДАР МАРГИ ЛАЙЛӢ

Туғрокаши ин мисоли машҳур
Бар шиққа чунон набишт маншур,
К-аз ҳодисаи вафоти он Моҳ
Чун Қайси шикастадил шуд огоҳ,
Гирён шуду талх-талх бигрист,
Бе гиряи талх дар ҷаҳон кист?
Пӯшид ба сӯги ӯ сиёҳе
Чун зулмрасида додхоҳе.
Омад суи он ҳазира ҷӯшон,
Чун абр шуд аз дарун хурӯшон.
Бар машҳади ӯ, ки мавҷи хун буд,
Он сӯхтадил, мапурс, чун буд.
Аз дида чу хун сиришкрезон,
Мардум зи нафири ӯ гурезон.
Чандон ғаму дард ёд кардаш,
К-офоқ сиёҳ шуд зи дардаш.
Дар шӯшаи турбаташ ба сад ранҷ
Печид, чунон ки мор бар ганҷ.
Азбаски сиришки лолагун рехт,
Лола зи гиёҳи гӯраш ангехт.

Хуноби ҷигар чу шамъ полуд,
Бикшод забони оташолуд,
К-овах, чӣ кунам, чӣ чора созам,
К-аз дард чу шамъ мегудозам?
Дайламкулаҳем дилситон буд
В-аз ҷумлаи оламам ҳамон буд.
Ин пиргиёни дайламойин
Аз ман ситадаш ба захми зӯбин.
Будам гули обдор дар даст,
Бод омаду баргҳош бишкаст.
Сарве зи чаман гузидам озод,
Дасти аҷалаш ба бод бардод.
Бишкуфт баҳоре аз дарахтам,
Дардо, ки нигаҳ надошт бахтам.
Як даста бунафша доштам чуст,
Покиза, чунон ки аз дилам руст.
Бедодгаре зи ман рабудаш,
Ман кошта будам, ӯ дурудаш
Райҳонрухе аз ҷаҳон гузидам,
К-илло ба рухаш ҷаҳон надидам.
Дузде бадар омад аз камингоҳ,
Райҳон бишикасту рехт бар роҳ.
В-он гоҳ ба дахма сар фурӯ кард,
Мегуфту ҳамегирист аз дард,
К-эй тозагули хазонрасида,
Рафта зи ҷаҳон, ҷаҳон надида.
Чунӣ зи газанда хок, чунӣ?
Дар зулмати ин мағок чунӣ?
Он холи чу мушкдона чун аст?
В-он чашмаки оҳувона чун аст?
Чун аст ақиқи обдорат?
В-он ғолияҳои тобдорат?
Нақшат ба чӣ ранг метарозанд?
Шамъат ба  чӣ ташт мегудозанд?
Бар чашми чӣ ҷилва менамоӣ?
Дар мағзи кӣ нофа мекушоӣ?
Сарват ба кадом ҷӯйбор аст?
Базмат ба кадом лолазор аст?
Чунӣ зи газандаҳои ин хор?
Чун мегузаронӣ андар ин ғор?

Дар ғор ҳамеша ҷои мор аст,
Эй Моҳ, туро чӣ ҷои хор аст?
Бар ғори ту ғам хурам, ки ёрӣ,
Чун ғам нахурам, ки ёри ғорӣ?
Ҳам ганҷ шудӣ, ки дар заминӣ?
Гар ганҷ наӣ, чаро чунинӣ?
Ҳар ганҷ, ки дар даруни ғорест,
Бар домани ӯ нишаста морест.
Ман мор, к-аз ошён ба ранҷам,
Бар хоки ту посбони ганҷам.
Шӯрида будӣ чу рег дар роҳ,
Осуда шудӣ чу об дар чоҳ.
Чун Моҳ ғарибият насиб аст,
Аз маҳ на ғариб, агар ғариб аст.
Дар сурат агар зи ман ниҳонӣ,
Аз роҳи сифат даруни ҷонӣ.
Гар дур шудӣ зи чашми ранҷур,
Як чашмзад аз дилам наӣ дур.
Гар нақши ту аз миёна бархост,
Андӯҳи ту ҷовидона барҷост.
Ман, к-аз ту ба ёд дил ниҳодам,
Ёди ту куҷо равад зи ёдам?!
Чун нест ғамат зи ёд рафта,
Хоҳӣ ту нишаста, хоҳ хуфта.
Гар Рахши ту пеш дорад оҳанг,
З-он аст, ки ҳаст пои ман ланг.
Рафтию аз ин хароба растӣ,
Дар базмгаҳи Ирам нишастӣ
Ман низ чу баркушоям ин банд,
Оям ба ту баъди рӯзаке чанд.
То тавф задам ба гирди маҳдат,
Холӣ наям аз вафову аҳдат.
То бо ту даромадам дар ин хок,
Бодо кафанат зи хуни ман пок!
Ҷовид биҳишт ҷой бодат,
Ҷон дар ҳарами Худой бодат!
Қандили равонат аз равонӣ
Афрӯхта бод ҷовидонӣ!
Ин гуфту ниҳод даст бар даст,
Чархе заду дастбанд бишкаст.

Бардошт раҳи вилояти хеш,
Муште дадагонаш аз пасу пеш.
Дар рақси раҳил ноқа меронд,
Бар ҳасби фироқ байт мехонд.
Дар гуфтани ҳолати фироқӣ
Ҳарфе зи вафо намонд боқӣ.
Медод ба гиря регро ранг,
Мезад саре аз дареғ бар санг.
Бар раҳгузаре намонд хоре,
К-аз нола назад бар ӯ шароре.
Дар ҳеч раҳе намонд санге,
К-аз хуни худаш надод ранге.
Чун сахт шудӣ зи гиря кораш,
Бархостӣ орзуи ёраш.
Аз кӯҳ даромадӣ чу сайле,
Рафтӣ суи равзагоҳи Лайлӣ.
Сар бар сари хоки ӯ ниҳодӣ,
Бар хок ҳазор бӯса додӣ.
Бо турбати он бути вафодор
Гуфтӣ ғами дил ба зории зор.
Ӯ бар сари шуғлу меҳнати хеш
В-он дому дад истода дар пеш.
Ӯ замзама гашта з-оби дида
В-эшон ҳараме дар ӯ кашида.
Чашм аз раҳи ӯ ҷудо накарданд,
Касро бари ӯ раҳо накарданд.
Аз бими дадон бад-он гузаргоҳ
Бар ҷумлаи халқ баста шуд роҳ.
То ӯ нашудӣ, зи мурғ то мӯр,
Кас пай наниҳод гирди он гӯр.
З-ин сон вараqe сиёҳ мекард,
Умре ба ҳавас табоҳ мекард.
Рӯзе ду-се бо сагони он деҳ
Мезист, чунон ки марг аз ӯ беҳ,
Гаҳ қибла зи гӯри ёр месохт,
Гоҳ аз паи гӯри дашт метохт.
Дар дидаи мӯр буд ҷояш
В-аз гӯр ба гӯр буд пояш.
В-охир чу ба кори хеш дармонд,
Ӯ низ раҳилнома бархонд.

## ОМАДАНИ САЛОМИ БАҒДОДӢ ДИГАР БОР БА ДИДАНИ МАҶНУН

Таърихнависи ишқбозӣ
Гӯяд зи навиштаҳои тозӣ,
К-афтод Саломро дигар бор,
К-ояд ба саломи он гирифтор.
Бархост, ниҳод рӯй дар роҳ,
Мегашт ба кӯҳу дашт як моҳ.
Бар ҳар тарафе инон ҳаметофт,
Меҷуст в-аз ӯ нишон намеёфт,
То оқибаташ ба водие танг
Дид обилапою пойдарсанг.
Якбора шикаста парру болаш,
Аз гуна ба гуна гашта ҳолаш.
Аз рахна шудан ба неши ҳар хор
Реши дилаш аз танаш падидор.
Он дилшуда чун дар ӯ назар кард,
Гуфто:– «Зи куҷоӣ, эй ҷавонмард?!»
Гуфто, ки манам Саломи ранҷур,
К-оям ба саломат аз раҳи дур.
Маҷнун чу шунид шарҳи кораш,
Бишнохт, гирифт дар канораш.
Кард он дадагон зи роҳи ӯ дур,
Чун оташ аз обу соя аз нур.
Гуфто:– «Ба чӣ ранҷа гаштаӣ боз,
К-озурда шудӣ зи ман ба оғоз?
Ман ғамзадаву ту нозанинӣ,
Бо ман ба чӣ рӯй менишинӣ?
Аввал зи манат набуд созе,
К-охир ба манат бувад ниёзе?
Аммо чу расидӣ, эй ҷавонмард,
Гуфтан натавон, ки бозпас гард.
Ҳоҷат бинамой, то барорам,
Мақсуд бигӯй, то гузорам».
Бинмуд Салом ҳақшиносӣ-ш,
Бар ҳар сухане басе сипосеш,
К-инъоми ту ҳаст пешх(в)ардам,
Шукри ту ба ҷои хеш кардам.
З-ин пеш чунон ки дастрас буд,
Лутфи ту маро захира бас буд.

Аз табъи худам хазина додӣ,
Ганҷе зи ҳисори сина додӣ.
Кардӣ зи қасидаҳои чун дур
Дасту даҳани тиҳимро пур.
Боз ин ҳавасам гирифт, к-оям
В-аз боғи ту мевае рабоям.
Гар саъй кунӣ, ба ҷон пазирам,
Варна, раҳи хона пеш гирам.
Лекин аҷаб оядам, ки ин бор
Тайёра набинамат дар ин кор.
Имсол чӣ меҳнат озмудӣ,
К-он мард наӣ, ки пор будӣ?
Боли тарабат шикаста бинам,
Шӯру шағабат нишаста бинам?
Огоҳ кунам, ки кор чун аст?
Чунӣ туву бо ту ёр чун аст?
Маҷнун чу шунид пурсиши ёр,
Кор омаду боз ӯ шуд аз кор.
Нолид яке замон ба зорӣ
Дар ҳасрати он бути ҳисорӣ.
Барзад зи миёни ҷон даме сард,
К-овах, ҷигарам бисӯхт аз дард!
Бигзор, зи кори ман чӣ пурсӣ,
Эй ёр, зи ёри ман чӣ пурсӣ?
Ёрам ба куҷо? Ба зери хок аст,
Хокам ба даҳан, дурӯғи пок аст,
К-он ҳурнасаб вафосиришт аст,
Дарвозаи ӯ дари биҳишт аст.
Ӯ зиндаву мурда шуд чароғаш,
Ман мурдаву зиндаам ба доғаш.
Бисёр сухан дар ин варақ ронд,
Бисёр варақ дар ин сухан хонд.
Бигрифт Саломро сабук даст,
Дар машҳади ёр рафту биншаст,
К-он ёри паринишонам ин аст,
Ин аст ҳалоки ҷонам, ин аст!
Чун дид Салом зории ӯ,
Беёрию беқарории ӯ,
Он навҳагарӣ дар ӯ асар кард,
Ӯ низ ба навҳа дида тар кард.
Мерехт зи дида оби гулгун,
Аз ҳар мижа ронд чашмае хун.

В-он гаҳ ба латаф ҷавоб додаш,
Ғам хӯрду бад-он савоб додаш,
К-аз рафтани он гули биҳиштӣ
Дар мавҷи дилам шикаст киштӣ.
Ҷонам зи паи ту дар ғам афтод,
К-ин соиқа сахт муҳкам афтод.
Рӯи ту аз ин табиш барафрӯхт,
Аммо ба Худо, ки ҷони ман сӯхт.
З-ин сон ба навозиши фасоҳат
Мерехт намак бар он ҷароҳат.
Моҳе ду-се меҳр бохт бо ӯ,
З-он гуна ки буд, сохт бо ӯ.
Ҳар байт, к-аз ӯ шунид дар ҳол,
В-он гуфта, ки буд то ба даҳ сол
Ҳар қиссаву қитъаву қасида,
Як-як бинавишт бар ҷарида.
Чун ҳар чӣ бигуфта буд, бинвишт,
Дастурӣ хосту бозпас гашт.
В-он ҷумла, к-аз ӯ гирифт бар ёд,
Овард ба тухфа сӯи Бағдод.

## ВАФОТИ МАҶНУН БАР РАВЗАИ ЛАЙЛӢ

Ангушткаши сухансароён
Ин қисса чунин барад ба поён,
К-он сӯхтахирмани замона
Шуд хирмане аз сиришкдона.
Дастоси фалак шикаст хурдаш,
Чун хурд шикаст, бозбурдаш.
З-он ҳол, ки буд, зортар гашт,
Безӯртару низортар гашт.
Ҷоне зи қадам расида то лаб,
Рӯзе ба ситам расида то шаб.
Ноланда зи рӯи дарднокӣ
Омад суи он арӯси хокӣ.
Дар ҳалқаи он ҳазира афтод,
Киштӣ-ш дар оби тира афтод.
Ғалтид чу мӯри хастакарда,
Печид чу мори захмх(в)арда.
Байте ду-се зор-зор бархонд,
Ашке ду-се талх-талх бифшонд.

Бардошт ба сӯи осмон даст,
Ангушт кушоду дида барбаст,
К-эй холиқи ҳар чӣ офарида-ст,
Савганд, ба ҳар чӣ баргузида-ст!
К-аз меҳнати хеш вораҳонам,
Дар ҳазрати ёри худ расонам.
Озод кунам зи сахтҷонӣ
В- obод кунам ба сахтронӣ.
Ин гуфту ниҳод бар замин сар
В-он турбатро гирифт дар бар.
Чун турбати дӯст дар бар овард,
«Ё дӯст!» бигуфту ҷон баровард.
Ӯ низ гузашт аз ин гузаргоҳ
В-он кист, ки нагзарад бар ин роҳ?
Роҳест адам, ки ҳар чӣ ҳастанд,
Аз офати қатъи ӯ нарастанд.
Бо ин ақаба, ки дорад айём,
Анҷом кӣ мекунад саранҷом?
Ку захм, ки аз кабоби ин дуд
Аз шӯркунӣ нашуд намаксуд?
Реше на, ки ғавргоҳи ғам нест,
Хоридаи нохуни ситам нест.
Эй чун хари осиё куҳанланг,
Каҳтоби ту рӯи каҳрабоbuilt.
Дурӣ кун аз ин хароси гардон
К-ӯ дур шуд аз халоси мардон.
Дар хонаи селрез маншин,
Сел омад, сел, хез, маншин!
То пул нашикаст бар ту гардун,
З-ин пул бичаҳон ҷамоза берун.
Дар нофи ҷаҳон, ки печ-печ аст,
Бод аст, зи бод ҳеч ҳеч аст.
Густох мабош бар ниҳоде,
К-ӯ зинда нашуд, магар ба боде.
Биштоб, ки роҳат аз ҷаҳон рафт,
Оҳиста марон, ки корвон рафт.
Ин ҳафтсар аждаҳои хунхор
Дар гирди ту ҳалқаест чун мор.
Гар дарнигарӣ ба фарқу поят,
Дар ҳалқаи аждаҳост ҷоят.
Он пирзане, ки аждаҳохӯст,
Ин пирзан аст, к-аждаҳо ӯст.

Бигзар зи ҷаҳон, ки шӯҳра дуздест,
Кажбози тиҳӣ, на муҳрадуздест.
Кажзахм мабош, то тавонӣ,
Ҳар захм, ки кам занӣ, бимонӣ.
Аз маркаби хоҷагӣ фуруд ой,
Афтодани худ ба аҷз бинмой.
То шери аҷал чу заҳмат орад,
Бар оҷизии ту раҳмат орад.
Нахват равиши ту нест, бигзор,
Чун нонхуриши ту нест, бигзор,
Бо хок ба тарки меҳр ҷӯӣ,
Гӯӣ, ки биҷӯяму нагӯӣ.
Ин қуфл, ки банди сина-т орад,
Зар дар шиками захина-т орад.
Чун пирзанест, к-аз гаронӣ
Маргаш талабӣ, зараш ситонӣ.
То рух нанамоядат, ҳумоест,
Чун рӯй намояд, аждаҳоест.
Дар хок мапеч, к-ӯ ғуборест,
Бо табъ масоз, к-ӯ шарорест.
Бар тораки қадри хеш неҳ пой,
То бар сари осмон кунӣ ҷой.
Аз сел чу кӯҳ сар магардон,
Силӣ хуру рӯй бармагардон.
Санге, ки зи поят афканад наъл,
Бардору бибӯсу гӯ:– «Зиҳӣ лаъл!»
В-он сирка, ки бо ту барзанад ҷӯш,
Бар ҳам неҳ чашму нӯш кун, нӯш.
Ин раҳ ба вафо ба сар тавон бурд,
Ҷон з-ӯ ба ҷафо бадар тавон бурд.
Бадхӯ ба сабӯҳ бадхумор аст,
Хушхор чу оби хушгувор аст.
Чун оби раванда хушъинон бош,
Ҳар ҷо ки равӣ, латафрасон бош.
Обе, ки зи поргин хурад мард,
Чун оби раванда кай бувад сард?
Хоки ту шуда ҷаҳони ҳастӣ,
Чун хок макун ҷаҳонпарастӣ.
Доим ба ту-бар ҷаҳон намонад,
Онро мапараст, к-он намонад.

## ОГОҲИИ ҚАБИЛАИ МАҶНУН АЗ ВАФОТИ ВАЙ

Маҷнун зи ҷаҳон чу рахт барбаст,
Аз сарзаниши ҷаҳониён раст.
Бар маҳди арӯс хобанида,
Хобаш бирабуду баст дида.
Н-осуд дар ин сарои пурдуд,
Чун хуфт маъалғирома, осуд.
Афтода бимонд ҳам бар он ҳол
Як моҳу, шунидаам, ки як сол.
В-он ёвагиёни ройгонгард
Пиромани ӯ гирифта новард.
Ӯ хуфта чу шоҳ дар аморӣ,
В-эшон ҳама дар ятоқдорӣ.
Бар гирди ҳазира хона карданд,
З-он гӯргаҳ ошёна карданд.
Аз бими дарандагон чапу рост
Омадшуди халқ ҷумла бархост.
Наззорагие, ки дидӣ аз дур
Шӯридани он дадон чу занбӯр,
Пиндоштӣ, он ғариби хаста
Он ҷост ба расми худ нишаста.
В-он теғзанон ба қаҳрамонӣ
Бар шоҳ кунанд посбонӣ.
Огоҳ на з-он, ки шоҳ мурдаст,
Бодаш камару кулоҳ бурдаст.
В-он ҷефаи хун ба харҷ карда,
Дурре ба ғубор дарҷ карда.
Аз зилзилаҳои даври афлок
Шуд рехтаву фишонда бар хок.
Дар ҳайати ӯ зи ҳар нишоне
Номонда ба ҷо ҷуз устухоне.
З-он гургсагони устухонхор
Касро на ба устухони ӯ кор.
Чандон ки дадон буданд бар ҷой,
Нанҳод дар он ҳарам касе пой.
Мардум зи ҳифоз бонасиб аст,
Ин мардумӣ аз дадон ғариб аст.
Шуд сол гузашта в-он даду дом
Овора шуданд кому ноком.
Бархе зи алоқа бӯй бурданд,
Бархе зи мувофиқат бимурданд.

Даврон чу калиди ганҷ бирбуд
В-он қуфли хазинабанд фарсуд,
Густохравони он гузаргоҳ
Карданд даруни он ҳарам роҳ.
Диданд, фитода меҳрубоне,
Мағзе шуда, монда устухоне.
Чун маҳрами дида сохтандаш,
Аз роҳи вафо шинохтандаш.
Овоза равона шуд ба ҳар бум,
Шуд дар Араб ин фасона маълум.
Хешону гузидагони покон,
Ҷамъ омада ҷумла дарднокон,
Рафтанду дар ӯ назора карданд,
Тан хаставу ҷома пора карданд.
В-он колбади гуҳарфишонда
Ҳамчун садафи сапед монда.
Гарди садафаш чу дур зудуданд,
Бозаш чу садаф абир суданд.
Ӯ худ чу ғубори мушкваш дошт,
Аз нофаи ишқ бӯи х(в)аш дошт.
Дар гиря шуданд сӯгворон,
Карданд бар ӯ сиришкборон.
Шустанд ба оби дида покаш,
Доданд зи хок ҳам ба хокаш.
Паҳлӯгаҳи дахмаро кушоданд,
Дар паҳлуи Лайлияш ниҳоданд.
Шаҳро ба шаробхона бурданд,
Сармаст ба соқияш супурданд.
Хуфтанд ба ноз то қиёмат,
Бархост зи роҳашон маломат.
Буданд дар ин ҷаҳон ба як аҳд,
Хуфтанд дар он ҷаҳон ба як маҳд.
Карданд, чунон ки дошт роҳе,
Бар турбати ҳар ду равзагоҳе.
Он равза, ки рашки бӯстон буд,
Ҳоҷатгаҳи ҷумла дӯстон буд.
Ҳар-к омадӣ аз ғарибу ранҷур,
Дарҳол шудӣ зи ранҷу ғам дур.
З-он равза касе ҷудо нагаштӣ,
То ҳоҷати ӯ раво нагаштӣ.
Ё раб, чу ба эҳтирозу покӣ
Рафтанд зи олам он ду хокӣ,

Осоишу лутф ёрашон кун
В-омурзиши худ нисорашон кун!
Мо ҳам назием ҷовидонӣ,
Навбат чу ба мо расад, ту донӣ!

## ХАТМИ КИТОБ БА НОМИ ШАРВОНШОҲ

Шоҳо, малико, ҷаҳонпаноҳо,
Як шоҳ на, бал ҳазор шоҳо!
Ҷамшеди дувум ба тахтгирӣ,
Хуршеди якум ба беназирӣ.
Шарвоншаҳи Кайқубодпайкар,
Хоқони кабир – Абулмузаффар.
Не Шарвоншоҳ, бал ҷаҳоншоҳ,
Кайхусрави сонӣ – Ахситоншоҳ.
Эй хатми қирони подшоҳӣ,
Бе хотами ту мабод шоҳӣ!
Эй мафхари насли одамизод,
Эй мулки ду олам аз ту обод,
Эй чашмаи хуш миёни дарё,
Покию бузургият муҳайё!
Рӯзе, ки ба толеъи муборак
Берун барӣ аз сипеҳр торак,
Машғул шавӣ ба шодмонӣ,
В-ин номаи нағзро бихонӣ,
Аз пайкари ин арӯси фикрӣ
Гаҳ ганҷ барию гоҳ бикрӣ,
Он бод, ки дар писанд кӯшӣ,
З-аҳсанти худаш паранд пӯшӣ.
Дар гардани инчунин тафаззул
Аз ту караму зи ман таваккул.
Гарчи дили поку бахти фирӯз
Ҳастанд туро насиҳатомӯз,
З-ин носиҳи нусрати Илоҳӣ
Бишнав ду-се ҳарф субҳгоҳӣ.
Бингар, ки ҷаҳон чӣ сар фишондаст,
В-аз чанд мулук бозмондаст.
Бедор шаҳӣ ба кордонӣ,
Бедортарак шав, ар тавонӣ.

Бар гардани ҳеҷ некхоҳе
Шамшер мазан ба ҳар гуноҳе.
Бар коми ҷаҳон ҷаҳон бипардоз,
К-он беҳ, ки ту монӣ аз ҷаҳон боз.
Мулке, ки сазои рояти туст,
Худ дар ҳарами вилояти туст.
Доду диҳишат карон надорад,
Гар беш кунӣ, зиён надорад.
Коре, ки салоҳи давлати туст,
Дар ҷустани он макун инон суст.
Аз ҳар чӣ шукӯҳи ту ба ранҷ аст,
Пардозаш, агарчи кону ганҷ аст.
Мӯе муписанд норавоӣ
Дар равнақи кори подшоӣ.
Душман, ки ба узр шуд забонаш,
Эмин машаву зи дар биронаш.
Қодир шаву бурдбор мебош,
Май мехуру ҳушёр мебош.
Бозуи ту гарчи ҳаст корӣ,
Аз авни Худой хоҳ ёрӣ.
Рои ту агарчи ҳаст ҳушёр,
Рои дигарон зи даст магзор.
Бо ҳеҷ дудил машав суи ҳарб,
То сикка дуруст хезад аз зарб.
Аз суҳбати он касе бипарҳез,
К-ӯ бошад гоҳ нарму гаҳ тез.
Ҳар ҷо, ки қадам ниҳӣ фаропеш,
Боз омадани қадам биандеш.
То кор ба нуҳ қадам бароял,
Гар даҳ накунӣ ба харҷ, шояд,
Мафрист паёми додҷӯён,
Илло ба забони ростгӯён.
Дар қавл чунон кун устуворӣ,
К-эмин шавад аз ту зинҳорӣ.
Касро ба худ аз рухи кушуда
Густох макун наёзмуда.
Бар аҳди кас эътимод манмой,
То дар дили худ наёбияш ҷой.
Машмор адӯи хурдро хурд,
Хор аз раҳи худ чунин тавон бурд.

Дар гӯши касе маяфган он роз,
К-озурда шавӣ зи гуфтанаш боз.
Онро, ки занӣ, зи бех баркан,
В-онро, ки ту баркашӣ, маяфган.
Аз ҳар чӣ талаб кунӣ шабу рӯз,
Беш аз ҳама некномӣ андӯз.
Бо он ки ҳалоли туст бода,
Паҳлӯ кун аз он ҳаромзода.
Гарчи ба сабӯҳ бода пайваст,
Бода ту хурӣ, адӯ шавад маст.
Чандон-ш махур, ки мастӣ орад,
К-олоиши бутпарастӣ орад.
Он рӯз, ки хуштарӣ, дар он рӯз
Дар чашми бадон сипанд месӯз.
Он шаб, ки шавӣ ба табъ хуррам,
Боде зи дуо ба худ фурӯ дам.
Дар маҷлиси май кушода кун рӯй,
То гарм шавад нишоти он кӯй.
Бинмой ба бори ом шерӣ,
То кас назанад дами далерӣ.
Бар ҳар чӣ иморате хароб аст,
Биштоб, ки маслиҳат шитоб аст.
Бар куштани он ки бо забунист,
Таъҷил макун, агарчи хунист.
Бар дурии коми хеш мангар,
К-иқболи туаш дарорад аз дар.
З-ин ҷумла фасонаҳо, ки гӯям,
Бо ту ба сухан баҳона ҷӯям.
Гар на дили ту, ҷаҳонхудованд
Муҳтоҷ нашуд ба ҷинси ин панд.
З-он ҷо, ки турост раҳнамоӣ,
Н-ояд зи ту ҷуз савоб рое.
Диръи ту ба зери чархи гардон
Бас бод дуои некмардон.
Ҳирзи ту ба вақти шодкомӣ
Бас бошад ҳиммати Низомӣ.
Ё раб, зи ҷамоли ин ҷаҳондор
Ошӯбу газандро ниҳон дор!
Ҳар дар, ки занад, ту соз кораш,
Ҳар ҷо, ки равад, ту бош ёраш.

Бодо ҳама авлиёш мансур
В-аъдош, чунон ки ҳаст, мақҳур!
Бар дасташ ҷоми хусравонӣ
Пур бод зи оби зиндагонӣ!
Як қатра ба ман диҳод ҷомаш,
К-ин нома нигоштам ба номаш.
Ин нома, ки номдори вай бод,
Бар давлати ӯ хуҷастапай бод!
Шуд нома ба ғояти тамомӣ,
Ал-миннату лиллаҳ, эй Низомӣ!
Ҳам фотиҳатеш ҳаст масъуд,
Ҳам оқибатеш бод маҳмуд!

# ҲАФТ ПАЙКАР

## ҲАФТ ПАЙКАР

Эй ҷаҳон дида буди хеш аз ту,
Ҳеҷ буде набуда пеш аз ту.
Дар бидоят бидояти ҳама чиз,
Дар ниҳоят ниҳояти ҳама чиз.
Эй барорандаи сипеҳри баланд,
Анҷумафрӯзу анҷуманпайванд.
Офаринандаи хизонаи ҷуд,
Мубдиъу офаридгори вуҷуд.
Созманд аз ту гашта кори ҳама,
Эй ҳама в-офаридгори ҳама.
Ҳастию нест мислу монандат,
Оқилон ҷуз чунин надонандат.
Равшанӣ пеши аҳли биноӣ
На ба сурат, ба сураторӣ.
Ба ҳаёт аст зинда мавҷудот,
Зинда бал-к аз вуҷуди туст ҳаёт.
Эй ҷаҳонро зи ҳеҷ созанда,
Ҳам навобахшу ҳам навозанда.
Номи ту, к-ибтидои ҳар ном аст,
Аввалоғозу охиранҷом аст.
Аввалулаввалин ба пеши шумор
В-охирулохирин ба охири кор.
Ҳаст буди ҳама дуруст ба ту,
Бозгашти ҳама ба туст, ба ту.
Баста бар ҳазрати ту роҳи хаёл,
Бар дарат нонишаста гарди завол.
Туназодию дигарон зоданд,
Ту Худоию дигарон боданд.
Ба як андеша роҳ бинмоӣ,
Ба яке нукта кор бикшоӣ!
В-он ки ноаҳли саҷда шуд сари ӯ,
Қуфл бар қуфл баста шуд дари ӯ.
Ту диҳӣ субҳро шабафрӯзӣ,
Рӯзро мурғу мурғро рӯзӣ.
Ту супурдӣ ба офтобу ба моҳ
Ду саропардаи сапеду сиёҳ.
Рӯзу шаб соликони роҳи туанд,
Суфтагӯшони боргоҳи туанд.
Ҷуз ба ҳукми ту неку бад накунанд,
Ҳеҷ коре ба ҳукми х(в)ад накунанд.

Ту барафрӯхтӣ даруни димоғ
Хираде тобноктар зи чароғ.
Бо ҳама зиракӣ, ки дар хирад аст,
Бехуд аст аз туву ба ҷои х(в)ад аст.
Чун хирад дар раҳи ту пай гардад,
Гирди ин кор ваҳм кай гардад.
Ҷон, ки ӯ гавҳар асту дар тани мост,
Кас надонад, ки ҷои ӯ ба куҷост.
Ту ки ҷавҳар наӣ, надорӣ ҷой,
Чун расад дар ту ваҳми шефтарой?
Раҳнамоию раҳнамоят на,
Ҳама ҷоию ҳеҷ ҷоят на.
Мо, ки ҷузъе зи сабъи гардунем,
Бо ту беруни ҳафт берунем.
Ақли кулле, ки аз ту ёфта роҳ,
Ҳам зи ҳайбат накарда дар ту нигоҳ.
Эй зи рӯзи сапед то шаби доҷ
Ба мададҳои файзи ту муҳтоҷ.
Ҳолгардон туӣ ба ҳар соне,
Нест кас ҷуз ту ҳолгардоне.
То нахоҳӣ ту, неку бад набувад,
Ҳастии кас ба зоти х(в)ад набувад.
Ту диҳию ту орӣ аз дили санг
Оташи лаълу лаъли оташранг.
Гетию осмони гетигард
Бар дари ту зананд бардобард.
Ҳар касе нақшбанди пардаи туст,
Ҳама ҳеҷанд, карда кардаи туст.
Баду нек аз ситора чун ояд,
Ки худ аз неку бад забун ояд.
Гар ситора саъодате додӣ,
Кайқубод аз мунаҷҷиме зодӣ.
Кист аз мардуми ситорашинос,
Ки ба ганҷина раҳ барад ба қиёс.
Ту диҳӣ бе миёнҷӣ онро ганҷ,
Ки надонад ситора ҳафт аз панҷ.
Ҳар чӣ ҳаст аз дақиқаҳои нуҷум,
Бо якояк ниҳуфтаҳои улум,
Хондаму сирри ҳар варақ ҷустам,
Чун туро ёфтам, варақ шустам.
Ҳамаро рӯй дар Худо дидам,
Дар Худо-бар ҳама туро дидам.

Эй ба ту зинда, ҳар куҷо ҷонест,
В-аз танӯри ту, ҳар киро нонест,
Бар дари хеш сарфарозам кун
В-аз дари халқ бениёзам кун.
Нони ман бе миёнҷии дигарон
Ту деҳ, эй ризқбахши ҷонварон.
Чун ба аҳди ҷавонӣ аз бари ту
Ба дари кас нарафтам аз дари ту.
Ҳамаро бар дарам фиристодӣ,
Ман намехостам, ту медодӣ.
Чунки бар даргаҳи ту гаштам пир,
З-он чи тарсиданист, дастам гир.
Чӣ сухан, к-ин сухан хатост ҳама,
Ту марой, ҷаҳон марост ҳама.
Мани саргаштаро зи кори ҷаҳон
Ту тавонӣ раҳонд, бозраҳон.
Дар кӣ нолам, ки дастгир туӣ,
Дарпазирам, ки дарпазир туӣ.
Рози пӯшида  гарчи ҳаст басе,
Бар ту пӯшида нест рози касе.
Ғаразе, к-аз ту нест пинҳонӣ,
Ту баровар, ки ҳам ту медонӣ.
Аз ту низ ар бад-ин ғараз нарасам,
Бо ту ҳам беғараз бувад нафасам.
Ғараз он беҳ, ки аз ту меҷӯям,
Сухан он беҳ, ки бо ту мегӯям.
Роз гӯям, ба халқ, хор шавам,
Бо ту гӯям, бузургвор шавам.
Эй Низомӣ панохпарвари ту,
Ба дари кас маронаш аз дари ту.
Сарбаландӣ деҳ аз худовандӣ
Ҳимматашро ба тоҷи хурсандӣ,
То ба вақте ки арзкор бувад,
Гарчи дарвеш, тоҷдор бувад.

## ДАР НАЪТИ САЙЙИДУЛМУРСАЛИН САЛЛАЛЛОҲУ АЛАЙҲИ ВА ОЛИҲИ ВА САЛЛАМ

Нуқтаи хатти аввалин паргор,
Хотими охир, офариниши кор.
Навбари боғи ҳафт чархи куҳан,
Дурратуттоҷи ақлу тоҷи сухан.

Кист ҷуз хоҷаи муаййидрой,
Аҳмади мурсал, он расули Худой,
Шоҳи пайғамбарон ба теғу ба тоҷ,
Теғи ӯ шаръу тоҷи ӯ меъроҷ.
Уммию уммаҳотро моя,
Фаршро нуру аршро соя.
Панҷнавбатзани шариати пок,
Чорболишниҳи вилояти хок.
Ҳама ҳастӣ туфайлу ӯ–мақсуд,
Ӯ Муҳаммад, рисолаташ–маҳмуд,
З-аввалин гил, ки одамаш бифшурд,
Софӣ ӯ буду дигарон ҳама дурд.
В-охирин давр, к-осмон ронад,
Хутбаи хотимат ҳам ӯ хонад.
Амру наҳяш ба ростӣ мавқуф,
Наҳйи ӯ–мункар, амри ӯ–маъруф.
Он ки аз фақр фахр дошт, на ранҷ,
Чӣ ҳадис аст фақру чандон ганҷ?
В-он-к аз ӯ соя гашт рӯйсапед,
Чӣ сухан? Соя в-он гаҳе хуршед.
Мулкро қоими илоҳӣ буд,
Қоимандози подшоҳӣ буд!
Ҳар кӣ бархост, мефигандаш паст
В-он ки афтод, мегирифташ даст.
Бо накӯгавҳарон накӯ мекард,
Қаҳри бадгавҳарон ҳам ӯ мекард.
Теғ аз ин сӯ ба қаҳри хунрезӣ,
Рифқ аз он сӯ ба марҳамомезӣ.
Марҳамаш дилнавози тангдилон,
Оҳанаш пойбанди сангдилон.
Он ки бо ӯ бар асб зин бастанд,
Бар камарҳо даволи кин бастанд.
Инак имрӯз баъди чандин сол
Ҳама бар кӯси ӯ зананд давол,
Гарчи Эзид гузид аз даҳраш
В-ин ҷаҳон офарид аз баҳраш,
Чашми ӯро, ки муҳри «мозоғ» аст,
Равзагоҳе бурун аз ин боғ аст.
Ҳукми ҳафсадҳазорсола шумор
Тобеъи ҳукми ӯ ба ҳафт ҳазор.
Ҳалқадорони чархи кӯҳлипӯш
Дар раҳи бандагӣ-ш ҳалқабагӯш.

Чор ёраш гузин ба аслу ба фаръ,
Чор девори ганҷхонаи шаръ.
З-офарин буд нури биниши ӯ,
К-офаринҳо бар офариниши ӯ.
Бо чунон ҷон, ки ҳар дамаш мададест,
Аз замин то ба осмон ҷасадест.
Он ҷасадро ҳаёт з-ин ҷон аст,
Ҳама тахтанду ӯ Сулаймон аст,
Нафасаш бар ҳаво чу мушк афшонд,
Рутаби тар зи нахли хушк афшонд.
Муъҷизаш хори хушкро рутаб аст.
Рутабаш хори душман, ин аҷаб аст,
Карда нохун барои ангушташ
Себи маҳро дуним дар мушташ.
Себро гар зи қатъ бим кунад,
Нохунай равшанон дуним кунад.
Офарин кардаш офаринанда,
К-ин гузин буду ӯ гузинанда.
Бод беш аз мадори чархи кабуд
Бар гузинандаву гузида дуруд!

## ДАР МЕЪРОҶИ РАСУЛУЛЛОҲ САЛЛАЛЛОҲИ АЛАЙҲИ ВА САЛЛАМ

Чун нагунҷид дар ҷаҳон тоҷаш,
Тахт бар арш бурд меъроҷаш.
Сарбаландӣ-шро зи пояи паст
Ҷабраил омада Буроққи ба даст.
Гуфт:– «Бар бод неҳ паи хокӣ,
То заминӣ-т гардад афлокӣ.
Поси шабро зи хайлхонаи хос
Туӣ имшаб ятоқдори халос.
Суръати барқ ин Буроқ турост,
Барнишин, к-имшаб ин ятоқ турост.
Чунки тири ятоқат овардам,
Ба ҷанибат Буроқат овардам.
Маҳд бар чарх рон, ки моҳ туӣ,
Бар кавокиб давон, ки шоҳ туӣ.
Шаш ҷиҳатро зи ҳафт бех барор,
Нуҳ фалакро ба чормех дарор.
Бигзарон аз симоки чарх саманд,
Қудсиёнро дарор сар ба каманд.

Атрсоёни шаб ба кори туанд,
Сабзпӯшон дар интизори туанд.
Нозанинони Мисри ин паргор
Бар ту ошиқ шуданд Юсуфвор.
Хез, то дар ту як назора кунанд,
Ҳам кафу ҳам турунҷ пора кунанд.
Осмонро ба зери пояи хеш
Турра нав кун зи ҷаъди сояи хеш.
Бигзарон маркаб ба сипеҳри баланд,
Даркаш айвони қудсро ба каманд.
Шабравонро шукуфа деҳ чу чароғ,
Тозарӯ бош чун шукуфаи боғ.
Шаб шаби туст, вақт вақти дуост,
Ёфт хоҳӣ, ҳар он чи хоҳӣ хост.
Тозатар кун фариштагонро фарш,
Хайма зан бар сарири пояи арш.
Аршро дида барфурӯз ба нур,
Фаршро шиққа дарнавард зи дур.
Тоҷ бистон, ки тоҷвар  ту шудӣ,
Бар сар ой аз ҳама, ки сар ту шудӣ.
Сар баровар ба сар фарохтане,
Ду ҷаҳон хос кун ба тохтане.
Роҳи хеш аз ғубор холӣ кун,
Азми даргоҳи лоязолӣ кун.
То ба ҳаққулқудуми он қадамат
Бар ду олам равон шавад аламат!
Чун Муҳаммад зи Ҷабраил ба роз
Гӯш кард ин паёми рӯҳнавоз,
З-он сухан ҳушро тамомӣ дод,
Гӯшро ҳалқаи ғуломӣ дод.
Ду амин бар амонате ганҷур,
Ин зи дев, он зи дев мардум дур.
Он амини Худой дар танзил
В-ин амини хирад ба қавлу далел.
Он расонд, он чи буд шарти паём,
В-ин шунид, он чи буд сирри калом.
Дар шаби тира он сироҷи мунир
Шуд зи муҳри мурод нақшпазир.
Гардан аз тавқи он каманд натофт,
Тавқи зар ҷуз чунин нашояд ёфт.
Барққирдор бар Бурoқ нишаст,
Тозияш зеру тозиёна ба даст,

Чун даровард дар уқобӣ пой,
Кабки  улвихиром ҷаст зи ҷой.
Барзад аз пой парри товусӣ,
Моҳ бар сар чу маҳди ковусӣ.
Мепаридончунон, к-аз он таку тоб
Пар фиганд аз паяш чаҳор уқоб.
Ҳар чиро дид, зери гом кашид,
Шаб лагад хӯрду маҳ лигом кашид.
Ваҳм дидӣ, ки чун гузорад гом?
Барқ чун теғ баркашад зи наём?
Суръати ақл дар ҷаҳонгардӣ,
Ҷунбиши рӯҳ дар ҷавонмардӣ.
Буд бо роҳворияш ҳама ланг,
Бо чунин пайфарохияш ҳама танг.
Бо такаш сайри қутб холӣ шуд,
Гар ҷанубӣ в-агар шимолӣ шуд.
Дар масираш симоки он ҷадвал
Гоҳ Ромеҳ намуду гоҳ Аъзал.
Чун Муҳаммад ба рақси пои Буроқ
Дарнабишт ин саҳифаро авроқ,
Роҳи дарвозаи ҷаҳон бардошт,
Дурӣ аз даври осмон бардошт.
Мебурид аз манозили фалакӣ
Шоҳроҳе ба шаҳпари малакӣ.
Моҳро дар хати ҳамоили хеш
Дод сарсабзӣ аз шамоили хеш.
Бар Уторид зи нуқракории даст
Ранге аз кӯраи расосӣ баст.
Зуҳраро аз фурӯғи маҳтобӣ
Бурқаъе баркашид симобӣ.
Гарди роҳаш ба турктози сипеҳр
Тоҷи заррин ниҳод бар сари меҳр.
Сабз пӯшид чун халифаи Шом
Сурхпӯшӣ гузашт бар Баҳром.
Муштариро зи фарқи сар  то пой
Дарди сар диду гашт сандалсой.
Тоҷи Кайвон чу бӯса зад қадамаш,
Дар саводи абир шуд аламаш.
Ӯ хиромон чу боди шабгире
Бар ҳаюне чу шери занҷирӣ.
Ҳам рафиқаш зи турктоз афтод,
Ҳам Буроқаш зи пӯя бозафтод.

Манзил он ҷо расонд, к-аз дурӣ
Дид дар Ҷабраил дастурӣ.
Сар бурун зад зи маҳд Микоил
Ба расадгоҳи сури Исрофил.
Гашт аз он тахт низ рахтгарой,
Рафрафу сидра ҳар ду монд ба ҷой.
Ҳамраҳонро ба нимараҳ бигзошт,
Роҳи дарёи бехудӣ бардошт.
Қатра бар қатра з-он муҳит гузашт,
Қутр бар қутр ҳар чӣ буд, навашт.
Чун даромад ба соқи арш фароз,
Нардбон сохт аз каманди ниёз.
Сар бурун зад зи арши нуронӣ
Дар хатаргоҳи сирри субҳонӣ.
Ҳайраташ чун хатарпазирӣ кард,
Раҳмат омад, лигомгирӣ кард.
Қобақавсайни ӯ дар он асно
Аз дано рафт сӯи ав-адно.
Чун ҳиҷоби ҳазор нур дарид,
Дида дар нури беҳисоб расид.
Гоме аз буди худ фаротар шуд,
То Худо диданаш муяссар шуд.
Дид маъбуди хешро ба дуруст,
Дида аз ҳар чӣ дида буд, бишуст.
Дида бар як ҷиҳат накард мақом,
К-аз чапу рост мешунид салом.
Зеру болову пешу пас, чапу рост
Як ҷиҳат гашту шаш ҷиҳат бархост.
Шаш ҷиҳат чун забона тез кунад,
Ҳам ҷаҳон, ҳам ҷиҳат гурез кунад.
Беҷиҳат бо ҷиҳат надорад кор,
З-ин ҷиҳат беҷиҳат шуд он паргор.
То ҷиҳат бар назар ниқоб набаст,
Дил зи ташвишу изтироб нараст,
Ҷиҳат аз дида чун ниҳон бошад?
Дидани беҷиҳат чунон бошад.
Аз набӣ ҷуз нафас набуд он ҷо,
Ҳама ҳақ буду кас набуд он ҷо.
Ҳамагиро ҷиҳат куҷо санҷад?
Дар иҳотат ҷиҳат куҷо гунҷад?
Шарбати хос хӯрду хилъати хос
Ёфт аз қурби ҳақ бароти халос.

Ҷомаш иқболу маърифат соқӣ,
Ҳеҷ боқӣ намонд дар боқӣ.
Бо мудорои сад ҳазор дуруд
Омад аз авҷи он мадор фуруд.
Ҳар чӣ овард, базли ёрон кард,
Вақфи кори гуноҳкорон кард.
Эй Низомӣ, ҷаҳонпарастӣ чанд?
Бар баландӣ барой, пастӣ чанд?
Кӯш, то мулки сармадӣ ёбӣ,
В-он зи дини муҳаммадӣ ёбӣ.
Ақлро гар ақида дорад пос,
Растгорӣ ба нури шаръ шинос.

## САБАБИ НАЗМИ КИТОБ

Чун ишорат расид пинҳонӣ
Аз саропардаи сулаймонӣ,
Пар гирифтам чу мурғи болкушой,
То кунам бар дари Сулаймон ҷой.
Дар ишорат чунон намуд барид,
Ки ҳилоле баровар аз шаби ид.
Омчунон к-аз ҳиҷоби торикӣ
Кас набинад дар ӯ зи борикӣ,
То кунад сайди сеҳрсозии ту
Ҷодувонро хаёл бозии ту.
Пилпиле чандро ба оташ рез,
Ғулғуле дарфиган ба оташи тез.
Муми  афсурдаро дар ин гармӣ
Нарм гардон зи баҳри дилнармӣ.
Маҳд берун ҷаҳон аз ин раҳи  танг,
Пойкӯбӣ бас аст бар хари ланг.
Атсае деҳ зи килки нофакушой,
То шавад боди субҳ ғолиясой.
Бод, гӯ, рақс бар абир кунад,
Сабзаро мушк дар ҳарир кунад,
Ранҷ бар, вақти ранҷ  бурдани туст,
Ганҷи шаҳ  дар варақ шумурдани туст.
Ранҷбурди ту раҳ ба ганҷ барад,
Бибарад ганҷ, ҳар кӣ ранҷ барад.
Токи ангур то нагиряд зор,
Хандаи хуш наёрад охири кор.

Мағз бе устухон надид касе,
Ангубине куҷост бе магасе?
Абри беоб чанд бошӣ, чанд,
Гарм дорӣ  танӯри нон дар банд.
Парда барбанду чобукӣ бинмой,
Рӯи бикрони пардагӣ бикшой.
Чун бурид аз ман, ин ғараз дархост,
Шодмонӣ нишасту ғам бархост.
Ҷустам аз номаҳои нағзнаворд,
Он чи дилро кушода донад гард.
Ҳар чӣ таърихи шаҳрёрон буд,
Дар яке нома ихтиёр он буд.
Чобукандешае расида нахуст,
Ҳамаро назм дода буд дуруст.
Монда з-он лаълреза лахте гард,
Ҳар яке з-он қуроза чизе кард.
Ман аз он хурда чун гуҳарсанҷе
Бартарошидам инчунин ганҷе.
То бузургон чу накди кор кунанд,
Аз ҳама накдаш ихтиёр кунанд.
Он-ч аз ӯ ним гуфта буд, гуфтам,
Гавҳари нимсуфтаро суфтам.
В-он-ч дидам, ки рост буду дуруст,
Мондамаш ҳам бар он қарори нахуст.
Ҷаҳд кардам, ки дар чунин таркиб
Бошад ороише зи накши ғариб.
Бозҷустам зи номаҳои ниҳон,
Ки пароканда буд гирди ҷаҳон.
З-он суханҳо, ки тозиясту дарӣ
Дар саводи бухорию табарӣ.
В-аз дигар нусхаҳо пароканда
Ҳар дуре дар дафине оганда.
Ҳар варақ, к-уфтод дар дастам,
Ҳамаро дар харитае бастам.
Чун аз он ҷумла дар саводи қалам
Гашт сарҷумлаам гузида ба ҳам,
Гуфтамаш гуфтанӣ, ки бипсанданд,
На, ки худ зиракон бар ӯ ханданд.
Дайри ин номаро чу «Занд»-и маҷус
Ҷилва з-он додаам ба ҳафт арӯс,
То арӯсони чарх агар як  роҳ
Дар арӯсони ман кунанд нигоҳ,

Аз ҳамороишию  ҳамкорӣ
Ҳар якеро яке кунад ёрӣ.
Охир аз ҳафт хат, ки ёр шавад,
Нуқтае бар нишони кор шавад.
Нақшбанд арчи нақши даҳ дорад,
Сари як риштаро нигаҳ дорад.
Як сари ришта гар зи хат гардад,
Ҳама сарриштаҳо ғалат гардад.
Кас бар ин ришта гарчи рост нарафт,
Ростӣ, дар миёни  мост, нарафт.
Ман чу рассоми риштапаймоям,
Аз сари ришта нагзарад поям.
Ришта яктост, тарсам аз хатараш,
Хоса з-андоза бурдаам гуҳараш.
Дар ҳазор об ғусл бояд кард,
То ба обе расӣ, ки шояд х(в)ард.
Обе андохтанду мардум шуд,
Оби андохта басе гум шуд.
Ман к-аз он об дур кунам чу садаф,
Арзам охир ба муште обу алаф.
Сухане хуштар аз наволаи нӯш,
Кай сахо сӯи ман надорад гӯш.
Дар сахову сухан чӣ мепечам,
Кор бар толеъ асту ман ҳечам.
Нисбати ақрабист бо қавсӣ
Бухли Маҳмуду базли Фирдавсӣ.
Асадиро, ки Бӯдулаф бинвохт,
Толиъу толиъӣ ба ҳам дарсохт.
Ман чӣ мегӯям, ин чӣ гуфти ман аст,
К-обам аз абру дуррам аз Адан аст.
Садаф аз абр гар сахо бинад,
Абр низ аз садаф  вафо бинад,
К-абр он-ч аз ҳаво нисор кунад,
Садафаш дурри шоҳвор кунад.
Ин суханро ки ҷоҳ мехоҳам,
Мадад аз файзи шоҳ мехоҳам.
Ҳар чӣ ӯро иёр ё ададест,
Сабаби истиқоматаш мададест.
В-ар мадад пеши боргаҳ бошад,
Чор дар чор шонздаҳ бошад.
Ҷабраилам ба ҷиннии қаламам
Бар саҳифа чунин кашад рақамам,

К-ин фусунро ки ҷинниомӯз аст,
Ҷома нав кун, ки фасли Наврӯз аст.
Ончунон кун зи дев пинҳонаш,
Ки набинад магар Сулаймонаш.
З-ӯ талаб кун маро, ки мағзи ман ӯст,
Ман киям? Бозмонда лахте пӯст.
Муми сода-м, зи муҳри хотам дур,
Холӣ аз ангубину аз занбӯр.
То Сулаймон зи нақши хотами хеш
Муҳри ман бар чӣ сурат орад беш.
Рӯй агар сурху гар сиёҳ бувад,
Нақшбандаш дабири шоҳ бувад.
Бар ман он шуд, ки дар сухансанҷӣ
Даҳдаҳӣ зар диҳам, на даҳпанҷӣ.
Нахарад гар касе абири маро,
Мушки ман моя бас ҳарири маро.
З-он наматҳо, ки рафт пеш аз мо,
Навбарӣ кас надод беш аз мо.
Нағзгӯён, ки гуфтанӣ гуфтанд,
Монда гаштанду оқибат хуфтанд.
Мо, ки уҷротароши он гираҳем,
Пандвогири доҳиёни диҳем.
Гарчи з-алфози худ ба тақсирем,
Дар маонӣ тамомтадбирем.
Пӯст бемағз дидаем чу хоб,
Мағз бепӯст додаем чу об.
Бо ҳама нодирию навсуханӣ
Барнатобем рӯй аз он куҳанӣ.
Ҳосиле нест з-ин дур омудан,
Ҷуз ба паймона бод паймудан.
Чист, к-онро мани ҷавоҳирсанҷ
Барнасанҷидам аз ҷавоҳиру ганҷ?
Баркушодам басе хазонаи хос,
Ҳам калиде наёфтам ба халос.
Бо ҳама нузлҳои субҳи нузул,
Ҳам ба астағфируллаҳам машғул.
Эй Низомӣ, Масеҳи ту дами туст,
Дониши ту дарахти Марями туст.
Чун рутабрези ин дарахт шудӣ,
Нек бодат, ки некбахт шудӣ!

## ДУОИ ПОДШОҲИ САЪИД АЛОУДДИН КАРПАРСЛОН

Эй дил, аз ин хаёлсозӣ чанд?
Ба хаёле хаёлбозӣ чанд?
Аз сари ин хаёл даргузарам,
Дур беҳ з-ин хаёлҳо назарам!
Он чи мақсуд шуд дар ин паргор,
Чор фасл аст, беҳ зи фасли баҳор.
Аввалин фасл офарини Худой,
К-офариниш ба фазли ӯст ба пой.
В-он дигар фасли хутбаи набавӣ,
К-ин куҳан сикка з-ӯ гирифт навӣ.
Фасли дигар дуои шоҳи ҷаҳон,
К-он дуо дур бароварад зи даҳон.
Фасли охир насиҳатомӯзӣ
Подшаҳро ба фатҳу фирӯзӣ,
Подшоҳе, ки мулки ҳафт иқлим
Дахли давлат бад-ӯ кунад таслим.
Ҳуҷҷати мамлакат ба қавлу ба қаҳр,
Ояте дар худойгонии даҳр.
Хусрави тоҷбахши тахтнишон,
Бар сари тоҷу тахт ганҷфишон.
Умдаи мамлакат Алоуддин,
Ҳофизу носири замону замин.
Номи ӯ  рутбати уло дорад,
Гар гузашт аз фалак, раво дорад.
Фалаки беуло чӣ бошад? Паст,
Дар уло бе фалак баландӣ ҳаст?
Шоҳ Карпарслони кишваргир
Беҳ зи Алпарслон ба тоҷу сарир.
Маҳдие, к-офтоби ин маҳд аст,
Давлаташ хатми охирин аҳд аст.
Рустаме, к-аз фалаксавории Рахш
Ҳам бузург асту ҳам бузургибахш.
Ҳамсари осмону ҳамкафи абр,
Ҳам ба тан шеру ҳам ба ном ҳижабр.
Қуфли ҳастӣ чу дар калид омад,
Олам аз ҷавҳаре падид омад.
Ӯст он оламе, ки аз кафи хеш
Ҳар дам орад ҳазор ҷавҳар беш.
Саҳфи гардун зи шарҳи ӯ вараqе,
Ирқи дарё зи файзи ӯ араqе.

Баҳру бар ҳар ду зери фармонаш,
Баррию баҳрӣ офаринхонаш.
Сарбаланде чунон  баландсарир,
К-аз баландӣ-ш хурд гашт замир.
Дар бузургӣ баробари малак аст,
В-аз баландӣ  бародари фалак аст.
Бар тани душманони бурқаъдӯз
Барқи шамшери ӯст бурқаъсӯз.
Насли Ақсунқурӣ муайяд аз ӯ,
Аббу ҷад бо камоли абҷад аз ӯ.
Мулк бе гӯшмоли тасдеъаш
Сурхрӯ аз виқори тавқеъаш.
Фатҳ бар хоки пои ӯ зада фарқ,
Фитна дар оби теғи ӯ шуда ғарқ,
Оби ӯ оташи асирангез,
Хоки ӯ обро абиромез.
Дар набардаш, ки шер хорад дум,
Асби душман ба сар шавад, на ба сум.
Дар сабӯҳаш, ки хуни раз резад,
З-оби яхбаста оташ ангезад.
Ҳарбаро чун ба ҳарб тез кунад,
Рӯзро рӯзи растахез кунад.
Чун дари кони ҷуд бикшояд,
Ганҷ бахшад, гуноҳ бахшояд.
Шаҳ чу дарёст бе дурӯғу дареғ,
Ҷазру маддаш ба тозиёнаву теғ.
Ҳар чӣ орад ба захми теғ фароз,
Ба сари тозиёна бахшад боз.
Муштаривор бар сипеҳри баланд
Гӯри Кайвон канад ба сумми саманд.
Гар надидӣ бар аждаҳо шере
В-офтобе кашидашамшере,
Шоҳро бин, ки дар масофу шикор
Аждаҳосӯз гашту шерсавор.
Ночахаш зери аждаҳои алам
Аждаҳоро чу мор карда қалам.
Тангии матраҳаш ба тири душох
Карда бар шери шарза гӯр фарох.
Нӯги тираш ба ҳар куҷо, ки битофт,
Гаҳ ҷигар дӯхт, гоҳ мӯй шикофт.
Бозии хирс бурда аз шамшер,
Хирсбозӣ дароварида ба шер.

Шергире, валек на-з мастӣ,
Шергире ба аждаҳодастӣ.
Гурги даррандаро ба кӯҳи Саҳанд
Дасту пое ба як душох афганд.
Шаҳ чу аз гург дасту по бурда,
Шер бо ӯ ба дасту по мурда.
Тираш аз дасти гургу пои паланг
Бар суми гӯр карда саҳро танг.
Сайдгоҳаш зи хуни дарёҷӯш
Гоҳ гургина, гаҳ палангипӯш,
Бар гурозе, ки теғ ронад тез,
Гирад аз захми ӯ гуроз гурез.
Чун ба чарми камон дарорад зӯр,
Чармро бар гавазн созад гӯр.
Кунад, ар пой дарниҳад ба масоф,
Сангро чун ақиқ захра шикоф.
Он намояд ба теғи заҳрандуд,
К-осмон аз замин барорад дуд.
Ӯст дар разму базм ёфта ном,
Ҷондиҳу ҷонситон ба теғу ба ҷом.
Хок тира зи рӯшноии ӯ,
Чашм равшан ба ошноии ӯ.
Нофи хулқаш чу килки рассомон,
Мушк дар ҷайбу лаъл дар домон.
Гашта аз мушку лаъли ӯ ҳама ҷой
Мамлакат иқдбанду ғолиясой.
Аз қабои чун ӯ кулаҳдоре
З-осмон то замин кулаҳворе.
В-аз камони чун ӯ ҷаҳонгире
Чархи нуҳқабза камтарин тире.
З-он бузургӣ, ки дар сиголиши ӯст,
Чор гавҳар чаҳор болиши ӯст.
Душманаш чун дарахти бехзада
Бар дари ӯ ба чормех зада.
З-офтоби ҷалоли ӯст чу моҳ
Рӯи мо сурху рӯи хасм сиёҳ.
Чӣ аҷаб, к-офтоби зарриннаъл
Кӯҳро санг доду конро лаъл.
Гавҳари кон ҳарамдаридаи ӯст,
Кони гавҳар дирамхаридаи ӯст.
Дод ҷуръа-ш ба кӯҳу дарё қут,
Номи ин дур, нишони он ёқут.

Посдори ду ҳукм дар ду сарой,
Зобити ҳукми халқу ҳукми Худой.
Мепазирад зи файзи Яздон соз,
Мерасонад ба бандагонаш боз.
Чун ҷаҳон з-ӯ гирифт пирӯзӣ,
Фаррухӣ бодаш аз ҷаҳон рӯзӣ!
Ҳама рӯзаш хуҷаста бод ба фол,
Подшоҳӣ-шро мабод завол!
Назми авлоди ӯ ба саъди нуҷум
Дур ба дур бод то абад манзум.
Аз фурӯғи ду субҳи зебочеҳр
Бод равшан чу офтоби сипеҳр!
Ду маликзодаи баландсарир,
Ин ҷаҳонҷӯю он вилоятгир,
Ин фаридунсифат ба донишу рой,
В-он ба кайхусравӣ рикобкушой.
Нақши ин бар тирози афсару гоҳ!
Нусратуддин малик Муҳаммадшоҳ.
Номи он бар фалак зи роҳи расад
Гашта минбаъдӣ исмуҳу Аҳмад.
Чун бибинӣ дар ин хуҷаста ду ном,
Дар яке доира кунанд мақом.
Дар ду сурат, ки ҳукмашон баҳам аст,
Аҳмадию муҳаммадӣ рақам аст.
Чун ду зилъ аз яке бурун ояд,
Фарқ кардан миёна чун шояд?
Доим инро зи нусрат аст калид,
В-он зи фатҳи фалак шудаст падид.
Нусрат инро ба тарбияткорӣ,
Фалак онро ба тақвияткорӣ.
Ин зи нусрат зада сепояи бахт,
Фалак онро чаҳорпояи тахт.
Чашми шаҳ зери чархи миноӣ
Бод равшан бад-ин ду биноӣ!
Даври мулкаш бад-ин ду қутби ҷалол
Мунтазам бод бар ҷанубу шимол!
Давлаташ сайду сайд фарбеҳ бод,
Рӯзаш аз рӯзу шаб зи шаб беҳ бод!
Бод маҳҷубаи ниқоби шабаш,
Нури субҳи муҳаммадинасабаш!
Ин чу обои чарх бод ба ҷуд,
В-он шуда хатми уммаҳоти вуҷуд.

Номи ин Хизри ҷовидонӣ бод!
Ҳукми он Оби Зиндагонӣ бод!
Дар ҳифози хати сулаймонӣ
Арши Билқис бод нуронӣ!
Сояи шаҳ, ки ҳаст чашмаи нур,
З-он гулу гулситон мабодо дур!
Азалӣ шуд ҷаҳонпаноҳии ӯ,
Абадӣ бод подшоҳии ӯ!

## ДАР ХИТОБИ ЗАМИНБӮС

Эй камарбастаи кулоҳи ту бахт,
Зиндадори ҷаҳон ба тоҷу ба тахт,
Шаб ба поси ту ҳиндуест сиёҳ,
Баста бар гирди худ ҷалоҷили моҳ.
Субҳи муфрадрави ҳамоилкаш
Дар рикобат нафас барорад х(в)аш.
Шоми дайламкулаҳ, ки чокари туст,
Мушкбӯ аз киёии дари туст.
Рӯзи румӣ чу шаб шавад зангӣ,
Гар бурунаш куни зи сарҳангӣ.
Дар ҳама суфра, к-осмон дорад,
Учрии мамлакат ду нон дорад.
Камтар уҷрохури туро ба қиёс
Қути ҳафт ахтар аст ҷуръаи кос.
Хотами нусрати илоҳиро
Хатм бар туст подшоҳиро.
Осмон, к-офтоб аз ӯ асарест,
Бар миёни ту камтарин камарест.
Маҳ, ки аз чарх тахти зар кардаст,
Бо сарири ту сарбасар кардаст.
Оби борон, ки асли покӣ шуд,
Бо ту чун оби шӯрхокӣ шуд.
Лаъл бо теғи ту хазафранге,
Кӯҳ бо ҳилми ту сабуксанге.
Подшоҳон, ки дар ҷаҳон ҳастанд,
Ҳар як абре ба даст барбастанд.
Ҷуз як абри ту, к-абри найсонист,
Он дигар абрҳо зимистонист.
Хон ниҳанд, он гаҳе ки хун бих(в)аранд,
Нон диҳанд, он гаҳе ки ҷон бибаранд.

Ту бар он кас ки соя андозӣ,
Дер хонию зуд бинвозӣ,
Қадри аҳли ҳунар касе донад,
Ки ҳунарномаҳо басе хонад.
Он ки айб аз ҳунар надонад боз,
З-ӯ ҳунарманд кай пазирад соз?
Мулкро з-офаринишат шараф  аст
В-офаринномае ба ҳар тараф аст.
Дар язакдории вилояти ҷуд
Давлати туст  посдори вуҷуд.
Равнақе, к-аз ту дид давлату дин,
Боғ нодида з-абри фарвардин.
Гар каёнро ба толеи фаррух
Ҳафт хон буд бо дувозда рух.
Осмон бо буруҷи ӯ ба дуруст
Ҳафт хону дувоздаҳ рухи туст.
Ҳама олам тан асту Эрон дил,
Нест гӯянд з-ин қиёс хиҷил,
Чунки Эрон дили замин бошад,
Дил зи тан беҳ бувад, яқин бошад.
З-он вилоят ки меҳтарон доранд,
Беҳтарин ҷой беҳтарон доранд.
Дил туӣ в-ин масал ҳикояти туст,
Ки дили мамлакат вилояти туст.
Эй ба Хизру Сикандарӣ машҳур,
Мамлакатро зи илму адли ту нур.
З-оҳане гар Сикандар ойина сохт,
Хизр агар сӯи Оби Ҳайвон тохт.
Гавҳари ойина-ст синаи ту,
Оби Ҳайвон дар обгинаи ту.
Ҳар вилоят, ки чун ту шаҳ дорад,
Эзид аз ҳар бадаш нигаҳ дорад.
З-он  саодат, ки дар сарат донанд,
Муқбили ҳафт кишварат хонанд.
Панҷумин кишвар аз ту ободон
В-аз ту шаш кишвари дигар шодон.
Ҳама марзе зи меҳрбонии ту
Ба таманнои марзбонии ту.
Чор шаҳ доштанд чор тироз,
Панҷумин-шон туӣ ба умри дароз:
Дошт Искандар Аристотолис,
К-аз вай омӯхт илмҳои нафис.

Базми Нӯшервон сипеҳрӣ буд,
К-аз ҷаҳонаш Бузургмеҳре буд.
Буд Парвизро чу Борбаде,
Ки наво сад, на, сад ҳазор задӣ.
В-он маликро, ки буд Маликшаҳ ном,
Буд динпарваре чу Хоҷа Низом.
Ту, к-аз эшон беҳ афсаре дорӣ,
Чун Низомӣ суханваре дорӣ.
Эй Низомӣ, баландном аз ту,
Ёфта кори ӯ низом аз ту.
Хусравони дигар зи кони газоф
Мезананд аз хазинабахшӣ лоф.
Дона дар хоки шӯр мерезанд,
Сурма дар чашми кӯр мебезанд.
Дар гили шӯра донаафшонӣ
Бар наёрад, магар пушаймонӣ.
Дар замине дарахт бояд кишт,
К-оварад мевае чу боғи биҳишт.
Бода чун хокро диҳад соқӣ,
Номи деҳқон куҷо бувад боқӣ?
Ҷуз ту, к-аз доду донишат ҳарамест,
Кист, к-ӯро ба ҷои худ карамест?
Ман, ки алҳақ шинохтам ба қиёс,
К-аҳли фарҳангро то дорӣ пос.
Нахарӣ зарқи кимиёсозон,
Напазирӣ фиреби таннозон.
Нақши ин корномаи абадӣ
Дар ту бастам ба толеи расадӣ.
Муқбил он кас, ки дахли донаи ӯ
Бар чунин оварад ба хонаи ӯ,
К-абадуддаҳр то бувад барҷой,
Бошад аз номи ӯ саҳифакушой.
На чунон, к-аз паси қироне чанд
Қаламаш даркашад сипеҳри баланд,
Чунки пухтам ба даври ҳафт ҳазор
Дегпухте чунин ба ҳафт афзор.
Нӯшаш аз баҳри ҷонфурӯзии туст,
Нӯш бодат, бихур, ки рӯзии туст.
Чошнигирияш ба ҷон кардам
В-он гаҳе бар ту ҷон фишон кардам.
Эй фалакҳо ба хешии ту баланд,
Ҳам фалакзоду ҳам фалакпайванд.

Бар фалак чун парам, ки ман замиям,
Кай расам дар фаришта, к-одамиям?!
Хостам, то ба найшакарқаламӣ
Сабза рӯёнам аз саводи замӣ.
Аз шакар тӯшаҳои роҳ кунам,
То шакаррез базми шоҳ кунам.
Гар наям маҳрами шакаррезӣ,
Посдори шаҳам ба шабхезӣ.
Офтобест шоҳи гетитоб,
Дидаи ман шуда баробараш об.
Офтоб ар тавон бар об задан,
Об натвон бар офтоб задан.
Чашм бо чашма гар намесозад,
Бо хаёлаш хаёл мебозад.
Чист, к-он нест дар хазинаи шоҳ
Ба ҷуз ин нақди наврасида зи роҳ?
Дастгоҳеш деҳ ба сумми саманд,
То шавад пойгоҳаш аз ту баланд.
Киштаи кӯҳ, к-абр соқии ӯст,
Хӯрдани оби чаҳ надорад дӯст.
Киштае, к-абр бар сараш гузарад,
Ҷуръае оби чоҳ кас нах(в)арад.
Ман, ки муҳтоҷи оби он дастам,
Аз дигар обҳо даҳон бастам.
Нақси дур бошад, ар баҳо кунамаш,
Ҳам ба таслими шаҳ раҳо кунамаш.
Гар ниюшӣ чу Зуҳра роҳи навам,
Кунӣ ангушткаш чу моҳи навам.
В-ар набинӣ, ки нақш бас хурд аст,
Бод аз ин гуна гул басе бурда-ст.
Умр бодат, ки доду дин дорӣ,
Он диҳодат Худо, ки ин дорӣ.
Ҳар чӣ нек уфтад, зи давлати туст,
Аҳди он чиз бод бар ту дуруст!
В-он чи дур афтад аз инояти ту,
Дур бод аз туву вилояти ту!
Бод, то бар сипеҳр тобад ҳур,
Дӯстат дӯсткому душман кӯр!
Душманонат чунон ки бо дили танг
Санг бар сар зананду сар бар санг!
Бешият ҳаст, бешдонӣ бод
В-аз ҳама беш зиндагонӣ бод!

Аз ҳади давлати ту дасти завол
Дуру маҳҷур бод дар ҳама ҳол!

## СИТОИШИ СУХАН ВА ҲИКМАТ ВА АНДАРЗ

Он чи ӯ ҳам нав асту ҳам куҳан аст,
Сухан асту дар ин сухан сухан аст.
З-офариниш назод модари кун,
Ҳеҷ фарзанд хубтар зи сухун.
То нагӯӣ суханварон мурданд,
Сар ба оби сухан фурӯ бурданд.
Чун барӣ ном, ҳар киро хоҳӣ,
Сар барорад зи об чун моҳӣ.
Сухане, к-ӯ чу рӯҳ беайб аст,
Хозини ганҷхонаи ғайб аст.
Қиссаи ношунида ӯ донад,
Номаи нонабишта ӯ хонад.
Бингар, аз ҳар чӣ офарид Худой,
То аз ӯ ҷуз сухан чӣ монд ба ҷой?
Ёдгоре, к-аз одамизод аст,
Сухан аст, он дигар ҳама бод аст.
Ҷаҳд кун, к-аз наботию конӣ
То ба ақлию то ба ҳайвонӣ
Боз донӣ, ки дар вуҷуд он чист?
К-абадуддаҳр метавонад зист.
Ҳар кӣ худро чунон ки буд, шинохт,
То абад сар ба зиндагӣ афрохт.
Фонӣ он шуд, ки нақши хеш нахонд,
Ҳар кӣ ин нақш хонд, боқӣ монд.
Дар ту бингар чӣ буд, к-ин донист,
Он чи донист, монданӣ он аст.
Дар ҳисоби нав омадан зи китоб,
Дуву ду чанд шуд, чаҳор ақтоб.
Чун  ту худро шинохтӣ ба дуруст,
Нагзарӣ, гарчи бигзарӣ зи нахуст.
В-он касон, к-аз вуҷуд бехабаранд.
З-ин дар оянду з-он дигар гузаранд.
Равзана беғубору дар бедуд,
Кас набинад дар офтоб, чӣ суд?
Ҳаст хушнуд ҳар кас аз дили хеш,
Накунад кас иморати гили хеш.

Ҳар касе дар баҳона тезҳуш аст,
Кас нагӯяд, ки дӯғи ман туруш аст.
Болиғоне, ки булғаи коранд,
Сар ба ҷазри асам фурӯ н-оранд,
Соҳиби моя дурбин бошад,
Моя чун кам бувад, чунин бошад.
Марди бомояро, гар огоҳ аст,
Шаҳна бояд, ки дузд дар роҳ аст.
Хоҷаи Чин, ки нофа бор кунад,
Мушкро з-ангажа ҳисор кунад.
Пари ҳудҳуд ба зери парри уқоб
Гӯй бурд аз парандагон ба шитоб.
З-офат эмин наянд номварон,
Бехатар ҳаст кори бехатарон.
Мурғи зирак ба ҷустуҷӯи таом
Ба ду пой уфтад ҳаме дар дом.
Ҳар куҷо чун замин шикамхорест,
Аз заминхӯрди ӯ шикамворест.
Бо ҳама хӯрду бурд аз ин анбор,
Кам наёяд ҷаве ба охири кор.
Ҷав ба ҷав ҳар чӣ з-ӯ ситонӣ боз,
Як ба як ҳам бад-ӯ расонӣ боз.
Шамъворат ту тоҷи зар бояд,
Гиря аз ханда бештар бояд.
Он муфарриҳ, ки лаъл дораду дур,
Хандаи кам шуда-сту гиряи пур.
Ҳар касеро ниҳуфта ёре ҳаст,
Дӯсте ҳасту дӯстдоре ҳаст.
Хирад аст он, к-аз ӯ расад ёрӣ,
Ҳама дорӣ, агар хирад дорӣ.
Ҳар кӣ доди хирад надонад дод,
Одамисурат асту девниҳод.
В-он фаришта, ки одамилақаб аст,
Зираконанду зиракӣ аҷаб аст.
Дар азал буд, он чи бояд буд,
Ҷаҳди имрӯзи мо надорад суд.
Кор кун, з-он ки беҳ бувад ба саришт
Кору дӯзах зи коҳилию биҳишт.
Ҳар кӣ дар банди кори х(в)ад бошад,
Бо ту гар нек нест, бад бошад.

Бо тани марди бад кунад хешӣ,
Дар ҳақи дигарон бадандешӣ.
Ҳимматеро, ки ҳаст некандеш,
Некуипеша некӣ орад пеш.
Ончунон зӣ, ки гар расад хоре,
Нахурӣ таъни душманон боре.
Ин нагӯяд сар омад офоташ,
В-он нахандад, ки ҳон, мукофоташ.
Гарчи дасти ту худ нагирад кас,
Пой бар ту фурӯ накӯбад бас.
Он ки рифқи туаш ба ёд бувад,
Беҳ аз он, к-аз ғами ту шод бувад.
Нон махур пеши ноштоманишон,
В-ар хурӣ, ҷумларо ба хон бинишон.
Пеши муфлис зари зиёда масанҷ,
То напечад чу аждаҳо бар ганҷ.
Гар бувад бод боди наврӯзӣ,
Беҳ, ки пешаш чароғ нафрӯзӣ.
Одамӣ н-аз паи алафхорист,
Аз паи зиракию ҳушёрист.
Саг бар он одамӣ шараф дорад,
Ки чу хар дида бар алаф дорад.
Кӯш, то халқро ба кор оӣ,
То ба хулқат ҷаҳон биёроӣ.
Чун гул он беҳ, ки хӯи хуш дорӣ,
То дар офоқ бӯи хуш дорӣ.
Нашунидӣ, ки он ҳаким чӣ гуфт?
Хоби хуш дид, ҳар кӣ ӯ хуш хуфт.
Ҳар кӣ бадхӯ бувад гаҳи зодан,
Ҳам бар он хӯст вақти ҷон додан.
В-он ки зода бувад ба хушхӯӣ,
Мурданаш ҳаст ҳам ба хушрӯӣ.
Сахтгирӣ макун, ки хоки дурушт
Чун ту садро зи баҳри ноне кушт.
Хок пиростан чӣ кор бувад?
Омили хок хоксор бувад.
Гар касе пурсадат, ки дониши пок
З-одамӣ хезад, одамӣ аз хок,
Гӯ, гулоб аз гулу гул аз хор аст,
Нӯш дар муҳра, муҳра дар мор аст.

Бо ҷаҳон кӯш, то даго назанӣ,
Хайма дар коми аждаҳо назанӣ.
Дӯстӣ з-аждаҳо нашояд ҷуст,
К-аждаҳо одамӣ хурад ба дуруст.
Гар саге худ бувад мураққаъпӯш,
Сагдилиро куҷо кунад фармӯш?
Дӯстоне, ки дар нифоқ афтанд,
Душманонро ҳам иттифоқ афтанд.
Чун магас дар сияҳ сапед хазанд,
Ҳар дуро ранг бар хилоф разанд.
Беҳ, к-аз ин раҳзанон канора кунӣ,
Бар худ ин чорбанд пора кунӣ.
Дар чунин давр, к-аҳли дин пастанд,
Юсуфон гургу зоҳидон мастанд,
Нотавон бурд ҷон магар ба ду чиз,
Ба бадию ба бадписандӣ низ.
Ҳошалиллаҳ, ки бандагони Худой
Инчунин банд барниҳанд ба пой.
Аз паи дӯзах оташ ангезанд,
Нафт ҷӯянду талқро резанд.
Хез, то фитна зери пой орем,
Шарти фармонбарӣ ба ҷой орем.
Ба ҷаве зар ниёзмандӣ чанд?
Ҳафтқуфлию чорбандӣ чанд?
Лоларо бин, ки бод рахт рабуд
Аз паи як-ду қалби хунолуд.
Чун дирамнеҳ дирам надорад ҳеч,
Бод дар пайкараш надорад печ.
Ганҷбарсар машав чу абри сафед,
Пойбарганҷ бош чун хуршед.
То замине, к-аз абр тар гардад,
Аз заминбӯси ту ба зар гардад.
Кисаи зар бар офтоб фишон,
Санг дар лаъли офтоб нишон.
Ту ба зар чашмравшанию бад аст,
Чашмравшанкуни ҷаҳон хирад аст.
Зар ду ҳарф аст, ҳар ду бепайванд,
З-ин пароканда чанд лофӣ, чанд?
Дил макун чун замин зароганда,
То нагардӣ чу зар пароканда.

Ҳар нигоре, ки зар бувад баданаш,
Лоҷвардӣ разанд пираҳанаш.
Ҳар тарозу, ки гирди зар гардад,
Сангсори ҳазор дар гардад.
Карда гират ба ҳам ба бонге чанд
Аз ҳалолу ҳаром донге чанд.
Омада, лоуболие бурда,
Симкуш зинда, симкаш мурда.
Зар ба хӯрдан муфарриҳи тараб аст,
Чун ниҳӣ, ранҷу бимро сабаб аст.
Он ки худро зи ранҷу бим кушӣ,
Зарпарастӣ бувад, на симкушӣ.
Аблаҳӣ бин, ки аз паи санге
Дӯст бо дӯст мекунад ҷанге.
Беҳ, ки дил з-он хизона бардорӣ,
Ки аз ӯ ранҷу бим бардорӣ.
Ташнаро кай нишоти роҳ афтад?
Кай зияд, гар дар оби чоҳ афтад?
Он-ч з-ӯ бигзарию бигзорӣ,
Чанд бандию чанд бардорӣ?
Хонаи дев шуд ҷаҳон, биштоб,
То нагардӣ чу дев хонахароб.
Хонаи дев девхона бувад,
Гар худ айвони хусравона бувад.
Чанд ҳаммолии ҷаҳон кардан?
Дар замин ҳамли зар ниҳон кардан?
Гар се ҳаммоли коргар дорӣ,
Чор ҳаммоли хона бардорӣ.
Чор боде, ки бо ту мухталиф аст,
Хоки беалфу боди беалиф аст.
Хор, к-аз нахл дур шуд тоҷаш,
Беҳ, ки созанд сихи тутмоҷаш.
Оре, онро, ки дар шикам духул аст,
Барги тутмоҷ беҳ зи барги гул аст.
Беҳ, ки дандон канӣ зи хӯрдани пур,
То гиромӣ шавӣ чу донаи дур.
Шона, к-ӯро ҳазор дандон аст,
Даст дар риши ҳар касе з-он аст.
То расидан ба нӯшдоруи даҳр
Хӯрд бояд ҳазор шарбати заҳр.
Бар дари ин дукони қассобӣ
Бе ҷигар кам наволае ёбӣ.

Сад ҷигар пора шуд ба ҳар сӯе,
То даромад пиҳе ба паҳлӯе.
Гардани сад ҳазор сар бишкаст,
То яке гирдрон зи гардан раст.
Он яке по ниҳода бар сари ганҷ,
В-ин зи баҳри яке қуроза ба ранҷ.
Нест чун кор бар муроди касе,
Бемуродӣ беҳ аз мурод басе.
Ҳар муроде, ки дер ёбад мард,
Мужда бошад ба умри дернаворд.
Дерзӣ беҳ, ки дер ёбад ком,
К-аз тамомист кори умр тамом.
Лаъл к-ӯ дерзоду дербақост,
Лола, к-омад, сабук-сабук бархост.
Чанд чун шамъ маҷлис афрӯзӣ,
Ҷилва созию хештан сӯзӣ?
Пой бикшой аз ин биҳимӣ сум,
Сар бурун ор аз ин сафолин хум.
Аз сар ин шохи ҳафтбех бизан,
В-аз сум ин наъли чормех бикан.
Бар чунин чоҳи бӯрёбарсар
Мурда чун сангу бӯрё магзар.
Зинда чун барқ мир, то хандӣ.
Ҷонхудоӣ беҳ аз танумандӣ.
Гар муридӣ, чунон-к ронандат,
Бар раҳе шав, ки пир хонандат.
Аз муридони бемурод мабош,
Дар таваккул камэътиқод мабош.
Ман, ки мушкилкушои сад гиреҳам,
Деҳхудои деҳу буруни деҳам.
Гар дарояд зи роҳ меҳмоне,
Кист, к-ӯ дар миён ниҳад хоне?
Ақл донад, ки ман чӣ мегӯям,
З-ин ишорат, ки шуд, чӣ меҷӯям.
Нест аз нестӣ шикаст маро,
Гила з-он кас ки ҳаст, ҳаст маро.
Туркиямро дар ин ҳабаш нахаранд,
Лоҷарам дӯғбои хуш нах(в)аранд.
То дар ин кӯраи табиатпаз
Ҳомие доштам чу меваи раз.
Рӯзгорам ба ҳисримӣ мех(в)ард,
Тӯтиёҳои ҳисримӣ мекард.

Чун расидам ба ҳадди ангурӣ,
Мехурам нешҳои занбӯрӣ.
Май, ки ҷуз ҷуръаи замин набувад,
Қадри ангур беш аз ин набувад.
Бар тариқе равам, ки ронандам,
Лоҷарам оби хуфта хонандам.
Об гӯянд, чун шавад дар хоб,
Чашмаи зар бувад, на чашмаи об.
Ғалатанд, оби хуфта бошад сим,
Ях гувоҳӣ диҳад бар ин таслим.
Симро кай бувад масобати зар,
Фарқ бошад зи шамс то ба қамар.
Сими беё зи мис намуна бувад,
Хоса, он гаҳ ки божгуна бувад.
Оҳани ман, ки зарнигор омад,
Дар сухан бин, ки нуқракор омад.
Марди оҳанфурӯш зар пӯшад,
К-оҳанеро ба нуқра бифрӯшад.
Вой бар заргаре, ки вақти шумор
Зараш аз нуқра кам бувад ба иёр.
Аз ҷаҳон ин ҷиноятам сахт аст,
К-аз ҳунар нест давлат, аз бахт аст.
Он мубассир, ки ҳаст нақдшинос,
Ними ҷав несташ зи рӯи қиёс.
В-он ки ӯ пунба аз катон нашинохт,
Осмонро зи ресмон нашинохт.
Пуркатону қасаб шуд анбораш,
Зар ба сандуқу хаз ба хирвораш,
Чун чунин аст кори гавҳару сим
Аз фароғат чӣ бурд бояд бим?!
Чанд темор аз ин хароба кашем,
Офтобе дар офтоба кашем?!
Ояд овози ҳар кас аз даҳлез,
Рӯзе овози мо барояд низ.
Чун ман ин қисса чанд кас гуфтанд,
Ҳам дар он қисса оқибат хуфтанд.
Воҷиб он шуд, ки кор дарёбам,
Гар нагирад, чу дигарон хобам.
Роҳравро басечи раҳ шарт аст,
Тез рондан зи бимгаҳ шарт аст.
Меравам ман, харам намеояд,
Худ шудан боварам намеояд.

Он гаҳ аз рафтанам хабар бошад,
К-ошёнам буруни дар бошад.
Чанд гӯёи бехабар будан?
Дида дарбаста, дар бар омудан?
Як раҳ аз дидаҳо фаромуш бош,
Маҳрами роз бошу хомуш бош.
То бидонӣ, ки ҳар чӣ медонӣ,
Ғалатӣ ё ғалат ҳамехонӣ .
Пил бифкан, ки сел раҳ канда-ст,
Пилакиҳои чарх бин, чанд аст.
Бингар аввал, ки омадӣ зи нахуст,
З-он чи дорӣ, чӣ доштӣ ба дуруст?
Он барӣ з-ин ду пили новардӣ,
К-аввалин рӯз бо худ овардӣ.
Вами дарёву кӯҳ дар гардан,
Бо фалак рақс чун тавон кардан?
Кӯш, то вами ҷумла боздиҳӣ,
То ту монию як сутур тиҳӣ.
Чун зи бори ҷаҳон надорӣ ҷав,
Дар ҷаҳон ҳар куҷо, ки хоҳӣ, рав.
Пеш аз онат фиганд бояд рахт,
К-афсаратро фурӯ кашанд аз тахт.
Рӯз бошад, ки сад шукуфаи пок
Аз ғубори ҳасад фитад бар хок.
Ман, ки чун гул силоҳ рехтаам,
Ҳам зи хори ҳасад гурехтаам.
То магар далқпӯшии ҷасадам,
Талқ резад ба оташи ҳасадам.
Раҳ дар ин бимгоҳ то мурдан
Инчунин метавон ба сар бурдан.
Чун гузаштам аз ин работи куҳун,
Гӯ, фалакро ҳар он чӣ хоҳӣ, кун.
Чанд бошӣ, Низомиё, дар банд?
Хезу овозае барор баланд.
Ҷон дарафкан ба ҳазрати аҳадӣ,
То биёбӣ саодати абадӣ.
Гӯшпечидагони мактаби кун,
Чун даромӯхтанд лавҳи сухун,
Илмро хозини амал карданд,
Мушкили коинот ҳал карданд.
Ҳар касе роҳи хобгоҳе руфт,
Чунки ҳангоми хобаш омад, хуфт.

## ДАР НАСИҲАТИ ФАРЗАНДИ ХЕШ МУҲАММАД

Эй писар, ҳону ҳон, туро гуфтам,
Ки ту бедор шав, ки ман хуфтам.
Чун гули боғи сармадӣ дорӣ,
Муҳри номи муҳаммадӣ дорӣ.
Чун суҳаммад шудӣ зи масъудӣ,
Бонг барзан ба кӯси маҳмудӣ.
Сикка бар нақши некномӣ банд,
К-аз баландӣ расӣ ба чархи баланд.
То ман он ҷо ки шаҳрбанд шавам,
Аз баландӣ-т сарбаланд шавам.
Суҳбате ҷӯй, к-аз накӯномӣ
Дар ту орад накӯсаранҷомӣ.
Ҳамнишине, ки нофабӯй бувад,
Хубтар з-он ки ёфагӯй бувад.
Айби як ҳамнишаст бошаду бас,
К-афганад номи зишт бар сад кас.
Аз дарафтодани шикории хом
Сади дигар даруфтанд ба дом.
Зар фурӯ бурдани яке муҳтоҷ
Сад шикамро дарид дар раҳи ҳоҷ.
Дар чунин раҳ махусб чун пирон,
Гирд кун доман аз забунгирон.
То бад-ин кохи божгунанаворд
Нафиребӣ чу зан, ки мардӣ, мард.
Рақси маркаб мабин, ки раҳвор аст,
Роҳ бин, то чӣ гуна душвор аст.
Гар бар ин раҳ парӣ чу бози сапед,
Дида бар роҳ дор чун хуршед.
Хоса, к-ин роҳ роҳи нахчир аст,
Осмон бо камону бо тир аст.
Оҳанат, гарчи оҳанест нафис,
Роҳ санг асту санг мағнотис.
Бор чандон бар ин сутур овез,
Ки намонад бар ин гареваи тез.
Чун расад тангие зи даври дуранг,
Роҳ бар дил фарох дор, на танг.
Бас гиреҳ, к-ӯ калиди пинҳонест,
Бас дуруште, ки дар вай осонест.
Эй басо хоб, к-ӯ бувад дилгир,
В-асли он дилхушист дар таъбир.

Гарчи пайкони ғам ҷигардӯз аст,
Диръи сабр аз барои ин рӯз аст.
Аҳди худ бо Худой муҳкам дор,
Дил зи  дигар алоқа беғам дор.
Чун ту аҳди Худой нашкастӣ,
Уҳда бар ман, к-аз ину он растӣ.
Гавҳари некро зи иқд марез
В-он ки бадгавҳар аст, аз ӯ бигрез.
Бадгуҳар бо касе вафо накунад,
Асли бад дар хато хато накунад.
Асли бад бо ту чун шавад муътӣ,
Он нахондӣ, ки «аслу ло юхтӣ».
Каждум аз роҳи он ки бадгуҳар аст,
Монданаш айбу куштанаш ҳунар аст.
Ҳунар омӯз, к-аз ҳунармандӣ
Даркушоӣ кунӣ, на дарбандӣ.
Ҳар кӣ з-омӯхтан надорад нанг,
Дур барорад зи обу лаъл аз санг.
В-он ки дониш набошадаш рӯзӣ,
Нанг дорад зи донишомӯзӣ.
Эй басо тезтабъи коҳилкӯш,
Ки шуд аз коҳилӣ сафолфурӯш.
В-эй басо кӯрдил, ки аз таълим
Гашт қозулқузоти ҳафт иқлим.
Нимхӯрди сагони сайдсигол
Ҷуз ба таълими илм нест ҳалол.
Саг ба дониш чу ростришта шавад,
Одамӣ шояд ар фаришта шавад.
Хештанро чу Хизр бозшинос,
То хурӣ Оби Зиндагӣ ба қиёс.
Оби Ҳайвон на оби ҳайвон аст,
Ҷони бо ақлу ақли бо ҷон аст.
Ҷон чароғ асту ақл равғани ӯ,
Ақл ҷон асту ҷони мо тани ӯ.
Ақли бо ҷон атийяти аҳадист,
Ҷони бо ақл зиндаи адабист.
Ҳосили ин ду ҷуз яке набувад,
К-он ду дорӣ, дар ин шаке набувад.
То аз ин ду ба он яке нарасӣ,
Ҳеҷ касро магӯ, ки ҳеҷ касӣ.
К-он яке ёфтӣ, дуро кам зан,
Пой бар тораки ду олам зан.

Аз се бигзар, ки махмале на қавист,
В-аз ду ҳам даргузар, ки он санавист.
Сари як ришта гир чун мардон,
Ду раҳо кун, серо яке гардон.
То зи солис салоса ҷон набарӣ,
Гӯи ваҳдат бар осмон набарӣ.
З-ин ду чун кам шудӣ, фасона магӯй,
Чун яке ёфтӣ, баҳона маҷӯй.
То бад-ин поя дастрас бошад,
Ҳар-ч аз ин бигзарад, ҳавас бошад.
То ҷавонию тандурустӣ ҳаст,
Ояд асбоби ҳар мурод ба даст.
Дар саҳисарв чун шикаст ояд,
Мӯмиёӣ куҷо ба даст ояд?!
Ту, ки сарсабзии ҷаҳон дорӣ,
Раҳ кунун рав, ки пои он дорӣ.
Дар раҳи дин чу най камар барбанд,
То саромад шавӣ чу сарви баланд.
Ман, ки сарсабзиям намонд чу бед,
Лола зарду бунафша гашт сапед.
Бозмондам зи нотанумандӣ
Аз қулаҳдорию камарбандӣ.
Хидмате мардвор мекардам,
Ростиро, кунун на он мардам.
Рӯзгорам гирифту баст чунин,
Одати рӯзгор ҳаст чунин.
Нофитода шикаста будам бол,
Чун фитодам, чӣ гуна бошад ҳол?!
Аҳмадакро, ки рух намуна бувад,
Обила бардамад, чӣ гуна бувад?
Гарчи табъам зи соя бар хатар аст,
Соябонам шамоили ҳунар аст.
Сояе дар ҷаҳон надорад кас,
К-ӯ бара нест пешу гург аз пас.
Ҳеҷ кас нангарам зи ман таъман,
Ки нашуд пешдӯсту пасдушман.
Чун қафодӯстанд муште хом,
Рӯи худ дар кӣ оварам ба салом?
Гарчи барноӣ аз миён бархост.
Чӣ кунам, ҳирс ҳамчунон барҷост.
То тани солхӯрда пиртар аст,
Оз аз ӯ орзупазиртар аст.

Гӯӣ ин сикка нақди мо дорад,
Ё ҳама кас худ ин бало дорад.
Боз дор, эй давокуни дили ман,
Аз заминбӯси ҳар касе гили ман.
Тирагӣ чанд? Рӯшноӣ деҳ,
Чун шикастӣ-м, мӯмиёӣ деҳ.
Он-ч аз ӯ хотирам парешон аст,
Бикун осон, ки бар ту осон аст.
Гардане дорам аз расан раста,
Мекунам зери бори кас хаста.
Ман, ки қонеъ шудам ба донаи хеш,
Сарварам чун садаф ба хонаи хеш.
Сарварӣ беҳ, ки ёри ман бошад,
Сарпарастӣ чӣ кори ман бошад.
Шер аз он пояи бузургӣ ёфт,
Ки сар аз тавқи сарпарастӣ тофт.
Ноне аз хони худ диҳӣ ба касон,
Беҳ, ки ҳалво хурӣ зи хони хасон.
Субҳ чун баркашид дашнаи тез,
Чанд хусбӣ, Низомиё, бархез!
Кони нав кан, зи ранҷи хеш маранҷ,
Боз кун бар ҷаҳониён дари ганҷ!

## ОҒОЗИ ДОСТОНИ БАҲРОМ

Гавҳаромои ганҷхонаи роз
Ганҷи гавҳар чунин кушояд боз,
К-осмонро тарозуе дусар аст,
Дар яке сангу дар яке гуҳар аст,
Аз тарозуи ӯ ҷаҳони дуранг
Гаҳ гуҳар бар сар оварад, гаҳ санг.
Сулби шоҳон ҳамин асар дорад,
Бачча ё санг, ё гуҳар дорад.
Гоҳ ояд зи гавҳаре санге,
Гоҳ лаъле зи каҳраборанге.
Гавҳару санг шуд ба нисбату ном
Нисбати Яздгирд бо Баҳром.
Он заду ин навохт, ин аҷаб аст,
Санг бо лаълу хор бо рутаб аст.
Ҳар киро ин шикастапоӣ дод,
Он латаф карду мӯмиёӣ дод.

Рӯзи аввал, ки субҳи баҳромӣ
Аз шаби тира бурд бадномӣ,
Кӯратобони кимиёи сипеҳр,
К-огаҳӣ будашон зи моҳу зи меҳр,
Дар тарозуи осмонсанҷӣ
Бозҷустанд сими даҳпанҷӣ.
Худ зари даҳдаҳӣ ба чанг омад,
Дур зи дарё, гуҳар зи санг омад.
Ёфтанд аз тариқи пирӯзӣ
Дар бузургию оламафрӯзӣ.
Толеаш Ҳуту Муштарӣ дар Ҳут
Зуҳра бо ӯ чу лаъл бо ёқут.
Моҳ дар Савру Тир дар Ҷавзо,
Авҷи Миррих дар Асад пайдо.
Зуҳал аз Далв бо қавирои
Хасмро дода бодпаймои.
Занаб оварда рӯй дар Зуҳалаш
В-офтоб уфтода дар Ҳамалаш.
Дода ҳар кавкабе шаҳодати хеш
Ҳамчу Бирҷис бар саодати хеш.
Бо чунин толиъе, ки бурдам ном,
Чун баиқбол зода шуд Баҳром,
Падараш Яздгирди хомандеш
Пухтагӣ карду дид толиъи хеш,
К-он чи ӯ мепазад, ҳама хом аст,
Тухми бедод бадсаранҷом аст.
Пеш аз он ҳолаташ ба соле бист
Чанд фарзанд буду ҳеҷ назист.
Ҳукм карданд росидони сипеҳр,
К-он халафро, ки буд зебочеҳр,
Аз Аҷам сӯи тозиён  тозад,
Парваришгоҳ дар Араб созад.
Магар иқбол аз он тараф ёбад,
Ҳар кас аз буқъае шараф ёбад.
Орад он буқъа давлаташ ба масал,
Гарчи гуфтанд:– «Лилбақои дувал».
Падар аз меҳри зиндагонии ӯ
Дур шуд з-ӯву меҳрбонии ӯ.
Чун Суҳайл аз диёри хештанаш
Тахт зад дар вилояти Яманаш,
Кас фиристоду хонд Нӯъмонро,
Лолаи лаъл дод бустонро.

То чу Нуъмон кунад гулафшонӣ,
Гардад он барги лола нӯъмонӣ.
Олати хусравӣ-ш бардӯзад,
Адаби шоҳияш даромӯзад.
Бурд Нуъмонаш аз иморати шоҳ,
Кард оғӯши худ амории моҳ.
Чашмаеро зи баҳри номитар
Дошт аз чашми худ гиромитар.
Чун баромад чаҳор сол бар ин,
Гӯри айёр гашт шери арин.
Шоҳ Нӯъмон намуд бо  фарзанд,
К-эй писар, ҳаст хотирам дар банд,
К-ин ҳаво хушку ин замин гарм аст
В-ин маликзода нозуку нарм аст.
Парваришгоҳи ӯ чунон бояд,
К-аз замин сар бар осмон сояд,
То дар он авҷ баркашад пару бол,
Парвариш ёбад аз насими шимол.
Дар ҳавои латиф ҷой кунад,
Хобу  ороми ҷонфизой кунад.
Гавҳари фитраташ бимонад пок
Аз бухори замину хушкии хок.

## СИФАТИ СИМНОР ВА СОХТАНИ ҚАСРИ ХАВАРНАҚ

Рафт Мунзар ба иттифоқи падар,
Бар чунин ҷустуҷӯй баст камар.
Ҷуст ҷое фароху созу баланд,
Эмин аз гармию гудозу газанд,
К-ончунон диз дар он диёр набуд
В-он чи буд, чуз ҳамон ба кор набуд.
Устодони кор меҷустанд,
Ҷои он коргоҳ мешустанд.
Ҳар кӣ бар шуғли он ғараз бархост,
Он  намудор аз ӯ наёмад рост.
То ба Нуъмон хабар расид дуруст,
К-ончунон пешавар, ки дархури туст,
Ҳаст номоваре зи кишвари Рум,
Зираке, к-ӯ зи санг созад мум.
Чобуке чарбдасту ширинкор,
Сомнаслею номи ӯ Симнор.

Дастбурдаш ҳама ҷаҳон дида,
Ба ҳама дидаҳо писандида.
Карда чандин бино ба Мисру ба Шом,
Ҳар яке дар ниҳоди хеш тамом.
Румиён ҳиндувони пешаи ӯ,
Чиниён резачини тешаи ӯ.
Гарчи банност в-ин сухан фош аст,
Устоди ҳазор наққош аст.
Ҳаст берун аз ин ба раъю қиёс
Расадангезу иртифоъшинос.
Назараш бар фалак танида луоб
Аз дами анкабути устурлоб.
Чун Балиноси Рум соҳиброй,
Ҳам расадбанду ҳам тилисмкушой.
Огаҳ аз рӯйбастагони сипеҳр
Аз шабехуни моҳу кинаи меҳр.
Този ин шуғл аз ӯ тавонӣ ёфт,
Инчунин кисват ӯ тавонад бофт.
Тоқе аз гил чунон баророяд,
К-аз ситора чароғ бирбояд.
Чунки Нуъмон бад-ин талабгорӣ,
Гармдил шуд зи нори симнорӣ.
Кас фиристоду хонд з-он бумаш,
Ҳам ба румӣ фирефт аз Румаш.
Чунки Симнор сӯи Нӯъмон рафт,
Рағбати кор шуд яке дар ҳафт.
Он чи мақсуд буд, аз ӯ дархост,
В-он гаҳе кард кори ӯро рост.
Олате, к-он равоқро шоист,
Сохтанд,ончунон ки мебоист.
Панҷаи коргар шуд оҳансанҷ,
Бар бино кард кор соле панҷ.
То ҳам охир ба дасти зарринчанг
Кард симин равоқе аз гилу санг.
Кӯшке бурҷ баркашида ба моҳ,
Қиблагоҳи ҳама сапеду сиёҳ.
Коргоҳе ба зебу заркорӣ,
Ранг норию нақш симнорӣ.
Фалаке пой гирд карда ба ноз,
Нуҳ фалакро ба гирди ӯ парвоз.
Қутбе аз пайкари ҷанубу шимол
«Танглушо»-и сад ҳазор хаёл.

Мондаро диданаш муқобили хоб,
Ташнаро нақши ӯ баробари об.
Офтоб ар бар ӯ фиканди нур,
Дидаро дар исоба басти ҳур.
Чун биҳишташ дарун пуросоиш
Чун сипеҳраш бурун пуроройиш.
Сақфаш аз молиши сирешиму шир
Гашта ойинавор акспазир.
Дар шабонрӯзе аз шитобу диранг
Чун арӯсон баромадӣ ба се ранг.
Ёфтӣ аз се ранги новардӣ
Азрақию сапедию зардӣ.
Субҳдам з-осмони азрақпӯш
Чун ҳаво бастӣ азрақе бар дӯш,
К-офтоб омадӣ бурун зи навард,
Чеҳра чун офтоб кардӣ зард.
Чун задӣ абр килла бар хуршед,
Аз латофат шудӣ чу абр сафед.
Бо ҳаво дар ниқоби якрангӣ
Гоҳ румӣ намуду гаҳ зангӣ.
Чунки Симнор аз он амал пардохт,
Хубтар з-он, ки хостанд, бисохт.
З-осмон баргузашт равнақи ӯ,
Хур баравнақ шуд аз Хаварнақи ӯ.
Дод Нуъмон ба неъматеш навид,
Ки ба як нима з-он надошт умед.
Аз шутурборҳои пурзари хушк
В-аз гаронмояҳои гавҳари мушк,
Бештар з-он, ки дар шумор ояд,
То дигар вақтҳо ба кор ояд.
Чӯб агар боздорӣ аз оташ,
Хом монад кабоби сахтикаш.
Дасти бахшанда, к-офати дирам аст,
Ҳоҷибулбоби даргаҳи карам аст.
Марди банно , ки он навозиш дид,
Ваъдаҳои умедвор шунид,
Гуфт:– «Агар з-он чи ваъда додам шоҳ,
Пеш аз ин шуғл будаме огоҳ,
Нақши ин коргоҳи чиникор
Беҳтарак бастаме дар ин паргор.
Бештар бурдаме дар ин ҷо ранҷ,
То ба ман шоҳ беш додӣ ганҷ.

Кардаме кӯшке, ки то будӣ,
Рӯзаш аз рӯз равнақ афзудӣ.
Гуфт Нуъмон:– «Чу беш ёбӣ чиз,
Беҳ аз ин сохтан тавонӣ низ?»
Гуфт:– «Агар боядат ба вақти басеч,
Он кунам, к-ин бараш набошад ҳеч.
Ин се ранг асту он бувад сад ранг,
Он зи ёқут бошад, ин аз санг.
Ин ба як гунбаде намояд чеҳр,
Он бувад ҳафтгунбаде чу сипеҳр».
Рӯи Нуъмон аз ин сухан бифрӯхт,
Хирмани меҳру мардумиро сӯхт.
Подшоҳ оташест, к-аз нураш
Эмин он шуд, ки бинад аз дураш.
В-оташи ӯ гулест гавҳарбор
Дар баробар гул асту дар бар хор.
Подшаҳ ҳамчу токи ангур аст,
Дарнапечад дар он, к-аз ӯ дур аст.
В-он ки печад дар ӯ ба сад ёрӣ,
Беху бораш канад ба сад хорӣ.
Гуфт:– «Агар монамаш ба зӯру ба зар,
Беҳ аз ине кунад ба ҷои дигар,
Ному сити маро табоҳ кунад,
Номаи хешро сиёҳ кунад».
Кордорони хешро фармуд,
То баранд, аз диз афганандаш зуд.
Коргар бин, ки хоки хунхораш
Чун фиканд аз нишонаи кораш!
Кард қасре ба чанд сол баланд,
Ба замонеш аз ӯ замона фиганд.
Оташ ангехт, худ ба дуд афтод,
Дер бар бом рафту зуд афтод.
Бехабар буд аз уфтодани хеш,
К-он бино баркашид сад газ беш.
Гар зи гӯри худаш хабар будӣ,
Як ба даст аз се газ наяфзудӣ.
Тахтпоя чунон тавон бар бурд,
Ки чу афтӣ аз ӯ, нагардӣ хурд.
Номи Нуъмон бад-он бинои баланд
Аз баландӣ ба маҳ расонд каманд.
Хок ҷодуи мутлақаш мехонд,
Халқ рабб-ул-Хаварнақаш мехонд.

## СИФАТИ ХАВАРНАҚ ВА НОПАЙДО ШУДАНИ НУЪМОН

Чун Хаварнақ ба фарри баҳромӣ
Равзане шуд бад-он дилоромӣ,
К-осмон қиблаи замин хондаш,
В-офариниш Баҳори Чин хондаш.
Омаданд аз хабар шунидани ӯ
Сад ҳазор одамӣ ба дидани ӯ.
Ҳар кӣ медидаш, офарин мегуфт,
Остонаш ба остин меруфт.
Бар се дайри Хаварнақ аз ҳар боб
Байтҳое равона гашт чу об.
То ямантоб шуд Суҳайли сипеҳр,
Он парастиш на моҳ диду на меҳр.
Адане буд дар дурафшонӣ,
Ямане пурсуҳайли нуронӣ.
Яман аз нақши ӯ, ки номӣ шуд,
Дар ҷаҳон чун Ирам гиромӣ шуд.
Шуд чу бурҷи ҳамал ҷаҳонорой,
Хоса Баҳром карда будаш ҷой.
Чунки баршуд ба номи ӯ Баҳром,
Зуҳра бардошт бар нишоташ ҷом.
Кӯшке дид, гирда чун гардун,
Офтобаш даруну маҳ берун.
Офтоб аз дарун ба ҷилвагарӣ,
Маҳ зи берун чароғи раҳгузаре.
Бар сари ӯ ҳамеша бод вазон,
Дур аз он бод, к-ӯст боди хазон.
Чун фурӯ дид чор гӯшаи кох,
Соҳате дид чун биҳишт фарох.
Аз яке сӯ раванда оби Фурот,
Ба гуворандагӣ чу Оби Ҳаёт.
В-аз дигар сӯй сидра-ҷӯи садир,
Деҳе анбошта ба равғану шир.
Бодия пешу марғзор аз пас,
Бодаш аз нофа баркушода нафас.
Буд Нуъмон бар он каёнӣ бом,
Ба тамошо нишаста бо Баҳром.
Гирд бар гирди он равоқи биҳишт
Сурхии лола диду сабзии кишт.
Ҳама саҳро бисоти шуштарӣ
Ҷойгоҳи тазарву кабки дарӣ.

Гуфт:– «Аз ин хубтар чӣ шояд буд?
Ба чунин ҷой шод бояд буд».
Буд дастураш он замон бар даст
Додгарпешае масеҳпараст.
Гуфт, к-Эзид шинохтан ба дуруст
Хуштар аз ҳар чӣ дар вилояти туст.
Гар ту з-он маърифат хабар дорӣ,
Дил аз ин рангу бӯй бардорӣ.
З-оташангези он шарораи гарм
Шуд дили сахтгӯши Нӯъмон нарм.
То фалак баркашида ҳафт ҳисор,
Манҷанике чунин нашуд бар кор.
Чунки Нуъмон шуд аз равоқ ба зер,
Дар биёбон ниҳод рӯй чу шер.
Аз сари ганҷу мамлакат бархост,
Дину дунё ба ҳам наёяд рост.
Рахт барбаст аз он сулаймонӣ,
Чун парӣ шуд зи халқ пинҳонӣ.
Кас надидаш дигар ба хонаи хеш
Ин-т Кайхусрави замонаи хеш.
Гарчи Мунзар басе намуд шитоб,
Ҳотифи давлаташ надод ҷавоб.
Дошт сӯге, чунон-к бояд дошт,
Рӯзаке чандро ба ғам бигзошт.
Ғам басе хӯрду ҷои ғам будаш,
Ки сияҳ гашт хона з-он дудаш.
Чун набуд аз сарири тоҷ гузир,
Боз машғул шуд ба тоҷу сарир.
Ҷавр бас карду дод пеш овард,
Мулкро бар қарори хеш овард.
Бар сипаҳдорияш ба мулку сипоҳ
Хилъату дилхушӣ расид зи шоҳ.
Дошт Баҳромро чу ҷони азиз,
Чун падар, балки з-ӯ накӯтар низ.
Писаре хуб дошт, Нуъмонном,
Шири як доя хӯрда бо Баҳром.
Аз сари ҳамдилию ҳамсолӣ
Нашудӣ як замон аз ӯ холӣ.
Аз яке тахта ҳарф хондандӣ,
Дар яке базм дур фишондандӣ.
Ҳеҷ рӯзе чу офтоб аз нур
Ин аз он, он аз ин нагаштӣ дур.

Шоҳзода дар он ҳисори баланд
Парвариш мегирифт соле чанд.
Ҷуз ба омӯхтан набудаш рой,
Буд ақлаш ба илм роҳнамой.
Тозию порсию юнонӣ
Ёд додаш муғи дабистонӣ.
Мунзар-он шоҳи бомаҳорату меҳр
Ояте буд дар шумори сипеҳр.
Буд ҳафт ахтару дувозда бурҷ
Пеши ӯ сар кушода дурҷ ба дурҷ.
Ба хати ҳандасӣ амал карда,
Чун «Миҷастӣ» ҳазор ҳал карда.
Росиди чархи обгун буда,
Қатра то қатра қутр паймуда.
Аз ниҳонхонаҳои дурандеш
Боздода хабар ба хотири хеш.
Чунки шаҳзодаро ба ақлу ба рой
Донишомӯз диду рамзкушой,
Тахту милаш ниҳода пеш ба меҳр,
Дар вай омӯхт розҳои сипеҳр.
Ҳар замире, ки он ниҳонӣ буд,
Гар заминӣ, гар осмонӣ буд,
Ҳамаро як ба як ба ҳам бардӯхт,
Чун ба ҳам ҷумла шуд, дар ӯ омӯхт,
То чунон баҳраманд шуд Баҳром,
К-асли ҳар илмро шинохт тамом.
Дар намудори зиҷу устурлоб
Даркашидӣ зи рӯи ғайб ниқоб.
Боз чун тахту мил бинҳодӣ,
Гираҳ аз рози чарх бикшодӣ.
Чун ҳунарманд шуд ба гуфтушунид,
Ҳунаромӯзии силоҳ гузид.
Дар силоҳу саворию таку тоз
Гӯй бурд аз сипеҳри чавгонбоз.
Чун аз он поя низ гашт бузург,
Панҷаи шер канду гардани гург.
Теғи субҳ аз синонгузории ӯ
Сипар афканд бо савории ӯ.
Ончунон дӯхт санги хора ба тир,
Ки надӯзанд парниёну ҳарир.
Тир агар бар нишонае рондӣ,
Ҷаъбаро бар нишона биншондӣ.

Теғ агар барзадӣ ба тораки санг,
Об гаштӣ, валек оташранг.
Пеши найза-ш гар арзане будӣ,
Ба синонаш чу ҳалқа бирбудӣ.
Найза-ш аз ҳалқи шер ҳалқарубой,
Теғаш аз қуфли ганҷ ҳалқакушой.
Дар назаргоҳи ростандозӣ
Яғлиқашро ба мӯй шуд бозӣ.
Ҳар чӣ дидию гарчи будӣ дур,
Задӣ, ар соя будӣ он, гар нур.
В-он чи ӯ ҳам надид дар партоб,
Давлаташ зад, бар он чи дид савоб.
Шерпосони посгоҳи рама
Лофи шерӣ аз ӯ заданд ҳама.
Гоҳ бар бабр турктозӣ кард,
Гоҳ бо шери шарза бозӣ кард.
Дар Яман ҳар куҷо сухан ронданд,
Ҳама Наҷмулямонияш хонданд.

## ШИКОР КАРДАНИ БАҲРОМ ВА ДОҒ КАРДАНИ ГӮРОН

Чун Суҳайли ҷамоли баҳромӣ
Аз адими Яман ситад хомӣ,
Рӯи Мунзар аз он нишоту наим
Ёфт, он-ч аз Суҳайл ёфт адим.
Гашт Нӯъмону Мунзар аз ҳунараш,
Ин ба шафқат бародар, он падараш.
Падарию бародарӣ бигзор,
Он  раҳӣ в-ин ғулом дар ҳама кор,
Ин рақибаш ба донишомӯзӣ
В-он рафиқаш ба маҷлисафрӯзӣ,
Ин ба илм устовопияш дода
В-он нишоти саворияш дода,
То чунон шуд бузургии Баҳром,
К-аз заминаш бар осмон шуд ном.
Кораш илло маю шикор набуд,
Бо дигар корҳош кор набуд.
Мурдаи гӯр буд дар  нахчир,
Мурдаро кай бувад зи гӯр гузир.
Ҳар куҷо тираш аз камон биштофт,
Гӯрчашмӣ зи чашми гӯре ёфт.

Ашқаре бодпой будаш чуст,
Ба так осудаву ба гом дуруст.
Пар бароварда пой аз андомаш,
Дасти гардун шикаста аз гомаш.
Раҳнаварде, ки чун набаштӣ роҳ,
Гӯй бурдӣ зи меҳру қурса зи моҳ.
Карда бо ҷунбиши фалак хешӣ,
Бодро дода манзиле пешӣ.
Печи сад мор дода буд думаш,
Гӯри сад гӯр канда буд сумаш.
Шаҳ бар ӯ тохтӣ ба вақти шикор,
Бо дигар маркабаш набудӣ кор.
Ашқари гӯрсум чу зин кардӣ,
Гӯр бар гардаш офарин кардӣ.
Боз мондӣ ба так сутуронро,
Суфтӣ аз сум сурини гӯронро.
Вақт-вақте ки аз малолати кор
Зин бар ӯ кардӣ он ҳажирсавор,
Гаштӣ аз наъли ӯ шикористон
Нақш бар нақш чун нигористон.
Бештар з-он ки санг дорад вазн,
Пуштаҳо рехтӣ зи гӯру гавазн.
Рӯи саҳро ба зери сумми сутур
Гӯр гаштӣ зи бас гареваи гӯр,
Шаҳ бар он ашқари гареванаворд,
К-аз шитобаш надид гардун гард,
Чун каманди шикор бигрифтӣ,
Гӯри зинда ҳазор бигрифтӣ.
Бештар гӯр, к-оварид ба банд
Ё ба бозу фиканд, ё ба каманд.
Гӯр агар сад гирифт пуштопушт,
Камтар аз чорсола ҳеҷ накушт.
Хуни он гӯр карда буд ҳаром,
Ки набудаш чаҳор соли тамом.
Номи худ доғ кард бар ронаш,
Дод сарҳангии биёбонаш.
Ҳар кӣ з-он гӯри доғдор яке
Зинда бигрифтӣ аз ҳазор яке.
Чунки доғи малик бар ӯ дидӣ,
Гирди озори ӯ нагардидӣ.
Бӯса бар доғгоҳи ӯ додӣ,
Пои ӯро зи банд бикшодӣ.

Мо, ки бо номи доғи султонем,
Хатлӣ он беҳ, ки хуштарак ронем.
Ончунон Гӯрхон ба кӯҳу ба роғ
Гӯр, к-ӯ доғ дид, раст зи доғ .
Дар чунин гӯрхона мӯре нест,
Ки бар ӯ доғи дасти зӯре нест.

## КУШТАНИ БАҲРОМ БА ЯК ТИР ШЕР ВА ГӮРРО

Рӯзе андар шикоргоҳи Яман
Бо далерони он диёру даман,
Шаҳ, ки Баҳроми Гӯр шуд номаш,
Гӯй бурд аз сипеҳру Баҳромаш.
Мезад аз нузҳати шикор нафас,
Мунзараш пеш буду Нуъмон пас.
Ҳар яке дар шукӯҳи пайкари ӯ
Монда ҳайрон зи пой то сари ӯ.
Гарде аз дур ногаҳон бархост,
К-осмон бо замин яке шуд рост.
Ашқар ангехт шаҳрёри ҷавон,
Сӯи он гард шуд чу бод равон.
Дид, шере кашида панҷаи зӯр,
Дарнишаста ба пушту гардани гӯр.
То зи боло дарорадаш ба замин,
Шаҳ камон баргирифту кард камин.
Тире аз ҷаъба суфта пайкон ҷуст,
Дар зеҳ оварду даркашид дуруст.
Суфта бар сифти шеру гӯр нишаст,
Суфту аз ҳар ду суфт берун ҷаст,
То ба сӯфор дар замин шуд ғарқ,
Пеши тире чунон чи диръу чи дарқ.
Шеру гӯр уфтоду гашт ҳалок,
Тир то пар нишаст дар дили хок.
Шоҳ, к-он тир баркушод зи шаст,
Истоду камон гирифт ба даст.
Чун араб захмӣ ончунон диданд,
Дар Аҷам шоҳияш писандиданд.
Ҳар кӣ дида бар он шикор задӣ,
Бӯса бар дасти шаҳрёр задӣ.
Баъд аз он шерзӯр хондандаш,
Шоҳ Баҳроми Гӯр хондандаш.

Чун расиданд сӯи шаҳр фароз,
Қиссаи шеру гӯр гашт дароз.
Гуфт Мунзар ба корфармоён
То ба паргори суратороён,
Дар Хаварнақ нигоштанд ба зар
Сурати гӯр зеру шер забар.
Шаҳ зада тиру ҷаста з-он ду шикор
Дар замин ғарқ гашта то сӯфор.
Чун нигоранда ин рақам бингошт,
Ҳар кӣ он дид, ҷонвар пиндошт.
Гуфт:– «Бар дасти шаҳрёри ҷаҳон
Офаринҳои кирдгори ҷаҳон!»

## КУШТАНИ БАҲРОМ АЖДАҲОРО ВА ГАНҶ ЁФТАН

Рӯзе аз равзаи биҳиштии хеш
Кард бар май равона киштии хеш.
Бодае чанд хӯрд сардастӣ,
Сӯи саҳро шуд аз сари мастӣ.
Ба шикорафганӣ кушод каманд,
Аз паи гӯр канд гӯре чанд.
Аз басе гӯр, к-ӯ ба зӯр гирифт,
Ҳама дашт устухони гӯр гирифт.
Охируламр модиёнгӯре
Омад, афканд дар ҷаҳон шӯре.
Пайкаре чун хаёли рӯҳонӣ,
Тозарӯе, кушодапешонӣ,
Пуштмолидае чу шӯшаи зар,
Шикамандудае ба ширу шакар,
Хатти мушкин кашида сар то дум,
Хол бар холаш аз сурин то сум,
Даркашида ба ҷои зунноре
Бурқаъе аз паранди гулнорӣ.
Гӯй бурда зи ҳамтакон талалаш,
Бурда гӯй аз ҳама танаш кафалаш.
Оташе карда бо гиё хешӣ,
Гулрухе дар палоси дарвешӣ.
Соқ чун тири ғозиён ба қиёс,
Гӯш ханҷар кашида чун алмос.
Синае фориғ аз гареваи дӯш,
Гардане эмин аз канораи гӯш.

Сайруми пушташ аз адими сиёҳ
Монда зинкӯҳаро миёни ду роҳ.
Атфи кемухташ аз саводи адим
Ёфт он-ч аз савод ёбад сим.
Паҳлу аз пиҳу гардан аз хун пур,
Ин ба ранҷ аз ақиқу он аз дур.
Хаззи ҳамро танида бар тани ӯ
Хуни ӯ дар даволи гардани ӯ.
Раги он хун бар ӯ даволандоз
Рост чун зангии даволакбоз.
Кафале бо думаш ба дамсозӣ
Гардане бо сумаш ба сарбозӣ.
Гӯр Баҳром диду ҷаст ба зӯр,
Рафт Баҳроми Гӯр аз паи гӯр.
Гӯре, алҳақ, даванда буду ҷавон,
Гӯргир аз пасаш чу  шер давон.
З-аввали рӯз то ба вақти завол
Гӯр мерафту шер дар дунбол.
Шоҳ аз он гӯр барнатофт сутур,
Чун тавон тофтан инон аз гӯр!
Гӯр аз пешу Гӯрхон аз пас,
Гӯру Баҳроми Гӯру дигар кас.
То ба ғоре расид дур аз дашт,
Ки бар ӯ пои одамӣ нагузашт.
Чун даромад шикорзан ба шикор,
Аждаҳо хуфта дид бар дари ғор.
Кӯҳе аз қир печ-печ шуда,
Бар шикорафканӣ басеч шуда.
Оташе чун сиёҳдуд ба ранг,
К-оварад сар бурун зи дуд оҳанг.
Чун дарахте дар ӯ на бору на барг,
Молики дӯзаху миёнҷии марг.
Даҳане чун даҳонаи ғоре,
Ҷуз ҳалокаш на дар ҷаҳон коре.
Баччаи гӯр хӯрда, сер шуда,
Ба шикорафганӣ далер шуда.
Шаҳ чу бар раҳгузар балоро дид,
Аждаҳо шуд, чу аждаҳоро дид.
Ғами гӯр аз нишоти гӯраш бурд,
Даст бар рон ниҳоду пой фишурд.
Дар тааҷҷуб, ки ин чӣ нахчир аст,
В-эдар оварданам чӣ тадбир аст?!

Шуд яқинаш, ки гӯри ғамдида
Ҳаст аз он аждаҳо ситамдида.
Хонд шаҳро, ки дод гардонад,
К-аз ситамкора дод бистонад.
Гуфт:– Агар гӯям аждаҳост, на гӯр,
З-ин хиёнат хиҷил шавам дар гӯр.
Ману инсофи гӯру додани дод,
Боки ҷон нест, ҳар чӣ бодо, бод!
Аз миёни душохаҳои ҳаданг
Ҷуст миқрозаи фарохоҳанг.
Дар камони сапедтӯз ниҳод,
Бар сиёҳаждаҳо камин бикшод.
Аждаҳо дида боз карда фарох,
К-омад аз шасти шоҳ тири душох.
Ҳар ду чашма дар он ду чашм нишаст,
Роҳи биниш бар офариниш баст.
Ба ду нӯги синони суфтаи шоҳ
Суфта шуд чашми аждаҳои сиёҳ.
Чунки майдон бар аждаҳо шуд танг,
Шаҳ даромад ба аждаҳо чу наҳанг.
Ночахе ронд бар гулӯш далер,
Чун бар андоми гӯр панҷаи шер.
Аждаҳоро дарид кому гулӯ
Ночахи ҳаштмушти шашпаҳлӯ.
Бонге аз аждаҳо баромад сахт,
Дар саф афтод чун сутуни дарахт.
Шаҳ натарсид аз он шиканҷу шукӯҳ,
Абр кай тарсад аз гареваи кӯҳ!
Сар ба оҳан бурид аз Аҳриман,
Куштаву сарбурида беҳ душман!
Аз думаш баршикофт то ба дамаш,
Баччаи гӯр дид дар шикамаш.
Бегумон шуд, ки гӯри кинандеш
Хондаш аз баҳри кинахоҳии хеш.
Чанбарӣ кард пеши Яздон пушт,
К-аждаҳо кушту аждаҳош накушт.
Хост, то пой бар сутур орад,
Рахш дар сайдгоҳи гӯр орад.
Гӯр чун шоҳро надид қарор,
Омад аз дуру дархазид ба ғор.

Шаҳ дигарбора дар гирифтани гӯр
Шуд дар он ғори тангной ба зӯр.
Чун қадармоя шуд ба сахтию ранҷ,
Ёфт ганҷею барфурӯхт чу ганҷ.
Хусравонӣ ниҳода чандин хум,
Чун парӣ рӯй баста аз мардум.
Гӯрхонро чу гӯр дар хум кард,
Рафт аз он гӯрхона, пай гум кард.
Шаҳ чу бар қуфли ганҷ ёфт калид
В-аждаҳоро зи ганҷхона бурид,
Омад аз тангнои ғор бурун,
Гашт ҷӯёи роҳу роҳнамун.
Соате буду хосагони сипоҳ
Дар талаб омаданд аз паи шоҳ.
Чун якояк ба шоҳ пайвастанд,
Гирд бар гирди шоҳ саф бастанд.
Шоҳ фармуд, то камарбандон
Ҳам далерону ҳам танумандон
Роҳ дар ганҷдони ғор кунанд,
Ганҷ берун баранду бор кунанд.
Сесад уштур зи бухтиёни ҷавон
Шуд равона ба зери ганҷи равон
Шаҳ чу бо худ ҳисоби гӯр кунад
В-аждаҳоро асири гӯр кунад,
Лоҷарам оқибат ба поранҷаш
Ҳам саломат диҳанду ҳам ганҷаш.
Чун ба қасри Хаварнақ омад боз,
Ганҷпардоз шуд ба нӯшу ба ноз.
Даҳ шутурбор аз он ба ҳазрати шоҳ
Армуғонӣ равона кард ба роҳ.
Даҳи дигар ба Мунзару писараш
Дод бо он тароифи дигараш.
Сарф кард он ҳама ба бехавфӣ,
Фориғ аз мушрифону муставфӣ.
В-инчунин чанд ганҷҳои кушод
Ба азизӣ ситад, ба хорӣ дод.
Гуфт Мунзар, ки нақшбанд ояд,
Боз нақше зи нав баророяд.
Нақшбанд омаду қалам бардошт,
Сурати шоҳу аждаҳо бингошт.
Ҳар чӣ кардӣ, бад-ин сифат Баҳром,
Дар Хаварнақ нигоштӣ рассом.

## ДИДАНИ БАҲРОМ СУРАТИ ҲАФТ ПАЙКАРРО ДАР ХАВАРНАҚ

Шод рӯзе расида буд зи дашт,
Дар Хаварнақ ба хуррамӣ мегашт.
Ҳуҷрае хос дид, дарбаста,
Хоҷа аз ҷустуҷӯи он раста,
Шаҳ дар он ҳуҷра ноиҳода қадам,
Хосагону хазинадорон ҳам.
Гуфт:– «Ин хона қуфлбаста чарост?
Хозини хона ку, калид куҷост?»
Хозин омад, ба шаҳ супурд калид,
Шоҳ чун қуфл баркушод, чӣ дид?!
Хонае дид чун хизонаи ганҷ,
Чашми бинанда з-ӯ ҷавоҳирсанҷ.
Хуштар аз сад нигорхонаи Чин,
Нақши он коргоҳи дастгузин.
Ҳар чӣ дар  тарзи хурдакорӣ буд,
Нақши девори он аморӣ буд.
Ҳафт пайкар дар ӯ нигошта хуб,
Ҳар яке з-он ба кишваре мансуб.
Духтари рои Ҳинд Фавракном,
Пайкаре хубтар зи моҳи тамом.
Духти хоқон, ба ном Яғмоноз
Фитнаи лӯъбатони Чину Тароз.
Духти хоразмшоҳ–Нозпарӣ,
К-аш хироме ба сони кабки дарӣ.
Духти сақлобшоҳ–Насриннӯш
Турки чинитирози румипӯш.
Духтари шоҳи Мағриб–Озарюн
Офтобе чу моҳи рӯзафзун.
Духтари қайсари ҳумоюнрой
Ҳам ҳумоюну ҳам ба ном Ҳумой,
Духти Кисро зи насли Кайковус
Дурситиному хуб чун товус.
Дар яке ҳалқаи ҳамоил баст,
Карда ин ҳафт пайкар аз як даст.
Ҳар яке бо ҳазор зебоӣ
Гавҳарафрӯзи нури биноӣ.
Дар миён пайкаре нигошта нағз,
К-он ҳама пӯст буд в-ин ҳама мағз.
Навхате дарнишонда дар камараш,
Ғолия хат кашида бар қамараш.

Чун сиҳисарв барфарохта сар,
Зада дар сим тоҷ то ба камар.
Он бутон дида барниҳода бад-ӯ,
Ҳар яке дил ба меҳр дода бад-ӯ.
Ӯ дар он луъбатон шакарханда
В-он ҳама пеши ӯ парастанда.
Барнавишта дабир пайкари ӯ,
Номи Баҳроми Гӯр бар сари ӯ,
К-ончунон аст ҳукми ҳафт ахтар,
К-ин ҷаҳонҷӯй чун барорад сар.
Ҳафт шаҳзодаро зи ҳафт иқлим
Дар канор оварад чу дурри ятим.
Мо на ин донаро ба худ киштем,
Он чи ахтар намуд, бинвиштем.
Гуфт:– «То бошад аз намунаш рой,
Гуфтан аз мову сохтан зи Худой».
Шоҳ Баҳром, к-ин фасона бихонд,
Дар фусуни фалак шигифт бимонд.
Меҳри он духтарони зеборӯй
Дар дилаш ҷой кард мӯй ба мӯй,
Модиёнони гушну фаҳли шамӯс,
Шермарде ҷавону ҳафт арӯс.
Рағбати ком чун фузун накунад,
Дил тақозои ком чун накунад.
Гарчи он корнома роҳ задаш,
Шодмонӣ шуд аз яке ба садаш.
З-он ки бар  умраш устуворӣ дод,
Бар муродаш умедворӣ дод.
Дар мудорои мард кор кунад,
Ҳар чӣ ӯро умедвор кунад.
Шаҳ чу з-он хона рахт берун бурд,
Қуфл барзад, ба хозинаш биспурд.
Гуфт:– «Агар бишнавам, ки ҳеҷ касе
Қуфл аз ин дар ҷудо кунад нафасе,
Ҳам дар ин хона хуни ӯ резам,
Сараш аз гарданаш даровезам».
Дар ҳама хайл хона аз заму мард
Сӯи он хона кас нигоҳ накард.
Вақт-вақте ки шоҳ гаштӣ маст,
Сӯи он дар шудӣ калид ба даст.
Дар кушодию даршудӣ ба биҳишт,
Дидӣ он нақшҳои ҳурсиришт.

Монда чун ташнае баробари об,
Ба таманнои он шудӣ дар хоб.
То бурун шуд, сари шикораш буд,
К-омад, он хона ғамгусораш буд.

## ОГОҲИИ БАҲРОМ АЗ ВАФОТИ ПАДАР

Чун зи Баҳроми Гӯр бо падараш
Бозгуфтанд мунҳиён хабараш,
Ки ба сарпанҷа шергир шуда-ст,
Шер барнову гург пир шуда-ст.
Шер бо ӯ чу саг бувад ба набард,
К-ӯ ҳаме з-аждаҳо барорад гард.
Дев бандад ба хамми хоми каманд,
Кӯҳ сояд ба зери сумми саманд.
З-оҳан алмоси ӯ ҳарир кунад
В-оҳанаш сангро хамир кунад.
Падар аз оташи ҷавонии ӯ
Марги худ дид зиндагонии ӯ.
Кард аз он шери оташинбеша
Ҳамчу шерон зи оташ андеша.
Аз назаргоҳи хеш мондаш дур,
Гарчи ноқис бувад назар бе нур.
Буд Баҳром рӯзу шаб ба шикор,
Гоҳ бар боду гоҳ бодагусор.
Ба шикору ба май шитобанда,
Дар Яман чун Суҳайл тобанда.
Кард шоҳи Яман зи ғояти меҳр
Ҳукми ӯро равон чу ҳукми сипеҳр.
Аз сари донишу кифояти хеш
Ҳокимаш кард бар вилояти хеш.
Додаш аз чанд гуна гавҳару теғ,
Ҷон агар хост ҳам, надошт дареғ.
Ҳар чӣ боисташ аз ҷавоҳиру ганҷ,
Буду як ҷав набудаш андуҳу ранҷ.
З-он иноят, ки буд дар сафараш,
Ёд н-омад вилояти падараш.
Давр чун дарнабашт рӯзе чанд,
Бозие нав намуд чархи баланд:
Яздгирд аз сарир сер омад,
Кори бологирифта зер омад.

Тоҷу тахте, ки ёфт аз падарон,
Кард бо ӯ ҳамон, ки бо дигарон.
Чун тиҳӣ шуд сари сарир зи шоҳ,
Анҷуман сохтанд шаҳру сипоҳ,
К-аз нажодаш касе раҳо накунанд,
Хидмати мору аждаҳо накунанд.
Гарчи Баҳром сарбаландӣ дошт,
Донишу теғу зӯрмандӣ дошт,
Аз ҷиноят кашидани падараш
Дидаи кас надид дар ҳунараш.
Гуфт:– «Ҳар кас дар ӯ назар накунем
В-аз падар мурданаш хабар накунем,
К-он биёбонии арабпарвард
Кори мулки Аҷам надонад кард.
Тозиёнро диҳад вилояту ганҷ,
Порсизодагон расанд ба ранҷ».
Кас намехост, к-ӯ шавад бар гоҳ,
Чун Худо хост, барниҳод кулоҳ.
Пире аз бихрадон гузин карданд,
Номи ӯ довари Замин карданд.
Гарчи н-аз ҷинси тоҷдорон буд,
Ҳам ба гавҳар зи шаҳрёрон буд.
Тоҷ бар фарқи сар ниҳодандаш,
Камари ҳафт чашма додандаш.
Чунки Баҳроми Гӯр ёфт хабар,
К-осмон даври хеш бурд ба сар,
Давре аз сар намуд дигар бор,
Бар хилофи гузашта омад кор.
Аз сари тахту тоҷ шуд падараш,
Кас набуд тахтгиру тоҷвараш.
Пои бегона дар миён омад,
Шӯрише тоза дар ҷаҳон омад.
Аввал ойини сӯгворӣ дошт,
Нақши пирӯза бар ақиқ нигошт.
В-он гаҳ овард азми он, ки чу шер
Баркашад бар мухолифон шамшер.
Теғ бар душманон дароз кунад,
Дари пайкору кина боз кунад.
Боз гуфто:– «Чаро дадӣ созам,
Аввал он беҳ, ки бихрадӣ созам.
Гарчи эрониён хато карданд,
К-аз дил озарми мо раҳо карданд,

Дар дили сахташон нахоҳам дид,
Нармӣ орам, ки нармияст калид.
Бо ҳама сагдилӣ шикори мананд,
Гӯспандони марғзори мананд.
Гарчи дар пашми хештан хуспанд,
Ҳама дар пунбазори ман хуспанд.
Беҳ, ки бадаҳду сангдил бошанд,
То зи ман оқибат хиҷил бошанд,
Аз хиёнат расад хиҷолати мард
В-аз хиҷолат дареғ бошаду дард.
Ба ҷуз он ҳар чӣ бинӣ аз хорӣ,
Бошад он навъе аз ситамкорӣ.
Бехирадвор агар шуданд зи даст,
Ба хирадшон кунам хидевпараст.
Мард, к-аз сайд носабур афтад,
Тири ӯ аз нишона дур афтад».

## ЛАШКАР КАШИДАНИ БАҲРОМ БА ЭРОН

Бас кун, эй ҷодуи суханпайванд,
Сухани рафта чанд гӯӣ, чанд?
Чун гул аз коми худ барор нафас,
Коми ту атрсои коми ту бас.
Ончунон рафт аҳди ман зи нахуст,
Бо кӣ? Бо он ки аҳди ӯст дуруст.
К-он чи гӯяндаи дигар гуфта-ст,
Мо ба май хӯрданему ӯ хуфта-ст.
Бозаш андеша моли х(в)ад накунам,
Бад бувад, ман хисоли бад накунам.
То тавонам, чу боди наврӯзӣ
Накунам даъвии куҳандӯзӣ.
Гарчи дар шеваи гуҳар суфтан
Шарти ман нест гуфта вогуфтан.
Лек чун раҳ ба ганҷхона якест,
Тирҳо гар ду шуд, нишона якест.
Чун набошад зи бозгуфт гузир,
Донам ангехт аз палос ҳарир.
Ду мутарриз ба кимиёи сухан
Тоза карданд накдҳои куҳан.
Он зи мис кард нуқра, нуқраи хос
В-ин кунад нуқраро ба зарри халос.

Мис чу дидӣ, ки нуқра шуд ба аёр ,
Нуқра гар зар шавад, шигифт мадор.

## ОҒОЗИ СУХАН

Иқдпайванди ин сарири баланд
Инчунин дод иқдро пайванд,
Ки чу Баҳроми Гӯр гашт огоҳ
З-он чи бегонае рабуд кулоҳ.
Бар талаб кардани кулоҳи каён
Кинаро дар кушоду баст миён.
Дод Нуъмони Мунзараш ёрӣ
Дар талаб кардани ҷаҳондорӣ.
Ганҷ аз он бештар, ки шояд гуфт,
Гавҳар афзун аз он, ки шояд суфт.
Лашкар ангехт беш аз андоза,
Кинавар тез гашту кин тоза.
Аз Яман то Адан зи рӯи шумор
Дар ҳам афтод сад ҳазор савор.
Ҳама пӯлодпӯшу оҳанхой,
Кинкашу девбанду қалъакушой.
Ҳар яке дар наварди худ шере,
Қоими кишваре ба шамшере.
Дар раворав фитод мавкиби шоҳ,
Нам ба моҳӣ расиду гард ба моҳ.
Нолаи карраною рӯйинхум
Дар ҷигар кард захраҳоро гум.
Кӯси рӯйин баланд кард овоз,
Захма бар коса рехт  косанавоз.
Кӯҳу саҳро зи бас нафиру хурӯш
Бар табақҳои осмон зад ҷӯш.
Лашкаре бештар зи мӯру малах,
Гарми кина чу оташи дӯзах.
Пойгаҳҷӯи тахти шоҳ шуданд
В-аз Яман сӯи тахтгоҳ шуданд.
Огаҳӣ ёфт тахтгири ҷаҳон,
К-аждаҳое дигар кушод даҳон.
Бар замин омад осмонро майл
В-аз Яман сар бароварид Суҳайл.
Шери нар панҷа баркушод ба зӯр,
То кунад хасмро чу гӯр ба гӯр,

Тахт гирад, кулоҳ бистонад,
Бинишинад, ғубор биншонад.
Номдорону мӯбадони сипоҳ
Ҳама гирд омаданд бар дари шоҳ.
Анҷуман сохтанду рой заданд,
Саркаширо ба пушти пой заданд.
Рои эшон бад-он кашид анҷом,
Ки нависанд нома бар Баҳром.
Ҳар чӣ фармуд ақл, бинвиштанд,
Пӯст ноканда донаро киштанд.
Котиби номаи суханпардоз
Дар сухан дод шарҳи ҳол дароз.
Нома чун шуд набишта, печиданд,
Рафтани роҳро басечиданд.
Чун расидanду омаданд фуруд,
Шоҳи навро замона дод дуруд.
Ҳоҷибон дил ба корашон доданд,
Бор ҷустанду борашон доданд.
Дод Баҳромшоҳ дастурӣ,
То фаротар шаванд аз он дурӣ.
Пеш рафтанд бо ҳазор ҳарос,
Саҷда бурданду доштанд сипос.
Он к-аз он ҷумла гӯи дониш бурд,
Бар сари нома бӯса доду супурд.
Номаро  муҳр баркушод дабир,
Хонд бар шаҳрёри кишваргир.

## НОМАИ ПОДШОҲИ ЭРОН БА БАҲРОМИ ГӮР

Аввали нома буд номи Худой,
Гумраҳонро ба фазл роҳнамой.
Кирдгори баландию пастӣ,
Нестӣ ёфта бад-ӯ ҳастӣ.
З-одамӣ то ба ҷумла ҷонварон
В-ин сипеҳри баланду кӯҳи гарон,
Ҳамаро дар нигорхонаи ҷуд
Қудрати ӯст нақшбанди вуҷуд.
Дар таманнои ҳеҷ  пайванде
Нест берун аз ӯ худованде.
Офариниш гиреҳкушодаи ӯст
В-офарин муҳрбарниҳодаи ӯст.

Ӯст дорандаи замину замон,
Пайрави ҳукми ӯ ҳам ину ҳам он.
Чун фурӯ гуфт офаринпайванд
Офарин з-офаридгори баланд,
Гуфт:– «Бар шоҳу шоҳзода дуруд,
К-эй бароварда сар ба чархи кабуд,
Ҳам малакфарру ҳам маликзода,
Доди мардию мардумӣ дода!
Ман, ки ҳастам дар асл Кисроном,
Каср чун гирам аз хусумати хом?!
Ҳам ҳунарманду ҳам ҷаҳондида,
Ҳам ба чашми ҷаҳон писандида.
Аз ҳунармандиям навозад бахт,
Беҳунар кай расад ба тоҷу ба тахт?
Сарбаландӣ-м ҳасту тоҷу сарир,
Набувад ҳеҷ сарбаланд ҳақир.
Гарчи соҳибвилояти замиям,
Пешвои парию одамиям.
Ҳам бад-ин хусравӣ наям хушнуд,
К-ангубинест сахт заҳролуд.
Он қадар доштам зи тӯшу тавон,
К-ахтарам буд аз ӯ ҳамеша ҷавон.
Беҳ, агар будаме бад-он хурсанд,
К-аз хатар дур нест ҷои баланд.
Лекин эрониён ба зӯру ба шарм
Нарм кардандам аз навозиши гарм.
Доштандам бар он, ки шоҳ шавам,
Гарданафрози тоҷу гоҳ шавам.
Мулкро пос дорам аз табаҳӣ,
Посбонист ин, на подшаҳӣ.
Ин масал дар фасона сахт накӯст,
К-орзудушман аст оламдӯст.
Аз чунин оламе ту бехабарӣ,
Моликулмулки олами дигарӣ.
Хуштар ояд туро киёии гӯр,
Аз ҳазорон чунин киёии шӯр.
Ҷуръае бода бар навозиши руд
Беҳтар аз ҳар чӣ зери чархи кабуд.
Кор ҷуз бодаву шикорат нест,
Бо судоъи замона корат нест.
Рост хоҳӣ, ҷаҳон ту дорию бас,
Ки надорӣ ғами вилояти кас.

Шабу шабгир дар шикору шароб,
Гоҳ бо хӯрд хуш, гаҳе бо хоб.
На чу ман рӯзу шаб зи шодӣ дур,
Аз паи кори халқ дилранҷур.
Гоҳам андӯҳи дӯстон пеша,
Гоҳе аз душманон дар андеша.
Камтарин меҳнат он ки бо чу ту шоҳ
Теғ бояд задан зи баҳри кулоҳ.
Эй хунук ҷони айшпарвари ту,
К-аз чунин фитна дур шуд дари ту.
Кош, к-он пеша кори ман будӣ,
То магар кори ман биёсудӣ.
Кардаме айшу лаҳв сохтаме,
Ба маю руд ҷон навохтаме.
Ин нагӯям, ки дурӣ аз шоҳӣ,
Дорӣ аз дину давлат огоҳӣ.
Ворисӣ мамлакат туӣ ба дуруст,
Мулк мероси подшоҳии туст.
Лекин аз хомкории падарат
Сояи чатр дур шуд зи сарат.
Он накардаст бо раияти хеш,
К-он шикоят касе наёрад пеш.
Аз базаҳ карданаш аҷаб монданд,
Базагар з-ин ҷинояташ хонданд.
Аз басе ҷавр, к-ӯ ба хунрезӣ
Гоҳ тундӣ намуду гаҳ тезӣ,
Кас бар ин тухма офарин накунад,
Тухмкорӣ дар ин замин накунад.
Чун нахоҳад туро ба шоҳӣ кас,
Беҳ, к-аз ин поя бозгардӣ пас.
Оташи гарм ёбӣ, ар ҷӯшӣ,
Оҳани сард кӯбӣ, ар кӯшӣ.
Ман худ аз ганҷҳои пинҳонӣ
Вақти ҳоҷат кунам зарафшонӣ.
Он чи барги туро писанд бувад,
Харҷи он бар ту судманд бувад.
Нагузорам ба ҳеҷ тадбире
Дар кафофи ту ҳеҷ тақсире.
Ноибе бошам аз ту дар шоҳӣ,
Бандафармон ба ҳар чӣ дархоҳӣ.
Чун зи ман халқ низ гардад сер,
Худ вилоят туростбе шамшер.

## ПОСУХ ДОДАНИ БАҲРОМ ЭРОНИЁНРО

Чунки хонанда хонд нома тамом,
Ҷӯши оташ баромад аз Баҳром.
Боз худро ба сад тавоноӣ
Дод чун зиракон шикебоӣ.
Бо чунон гармие накард шитоб,
Баъд аз андеша боздод ҷавоб,
К-он чи дар нома котибон ронданд,
Гӯш кардам, чу нома бархонданд.
Гарчи котиб набуда чобукдаст,
Пандгӯяндаро иёре ҳаст.
Он чи баргуфта шуд зи ройи баланд,
Меписандам, ки ҳаст ҷои писанд.
Ман, ки дар пеши ман чи хоку чи сим,
Сар фурӯ н-оварам ба ҳафт иқлим.
Лек мулке, ки мондам аз падарон,
Айб бошад, ки ҳаст бо дигарон.
Гар падар даъвии худоӣ кард,
Ман худодӯстам, хирадпарвард.
Ҳаст бисёр фарқ дар рагу пӯст
Аз Худодӯст то худоидӯст.
Ман ба ҷурми накарда маъзурам,
К-аз базаҳкории падар дурам.
Падарам дигар асту ман дигарам,
К-он агар санг буд, ман гуҳарам.
Субҳи равшан зи шаб падид ояд,
Лаъли софӣ зи санг мезояд.
Натавон бар падар гувоӣ дод,
Ки Худотон аз ӯ раҳоӣ дод.
Гар бадӣ кард, чун ба некӣ хуфт?!
Аз паси мурда бад набояд гуфт.
Ҳар куҷо ақл пешрав бошад,
Бади бадгӯ зи бадшунав бошад.
Ҳар кӣ ӯ дар сиришт бадгуҳар аст,
Гуфтанаш бад, шуниданаш батар аст.
Бигзаред аз ҷинояти падарам,
Бигузоред, аз он чи бехабарам.
Ман, агар чашми бад нагирад роҳ,
Узр хоҳам, аз он чи рафт гуноҳ,
Пеш аз ин гар чу ғофилон хуфтам,
Инак, инак ба тарки он гуфтам.

Муқбилеро, ки бахт ёр бувад,
Хуфтанаш то ба вақти кор бувад.
Беҳ, ки бо хоби дида настезад,
Хусбад, аммо ба вақт бархезад.
Хоби ман гарчи буд хобе сахт,
Аз сарам ҳам набуд холӣ бахт.
Кард бедорбахтиям ёрӣ,
Додам аз хоби сахт бедорӣ.
Баъд аз ин рӯй дар беҳӣ дорам,
Дил зи ҳар ғафлате тиҳӣ дорам.
Накунам бехудию худкомӣ,
Чун шудам пухта, кай кунам хомӣ.
Муслиҳонро назарнавоз шавам,
Маслиҳатро ба пешбоз шавам.
Дар хатои касе назар накунам,
Тамаъи молу қасди сар накунам.
Аз гуноҳи гузашта н-орам ёд,
Бо намудори вақт бошам шод.
Бо шумо он кунам, ки бояд кард
В-аз шумо он хурам, ки шояд х(в)ард.
Н-оварам рахна дар хазинаи кас,
Дили душман кунам хазинаву бас.
Некрой аз дарам набошад дур,
Баду бадройро кунам маҳҷур.
Ҷуз ба некон назар наяфрӯзам,
Аз бадомӯз бад наёмӯзам.
Дур дорам зи доварӣ озарм,
Он кунам, к-аз Худой дорам шарм.
Зану фарзанду мулку моли ҳама
Бар ман эминтар аз шубону рама.
Нони касро ба зӯр накшоям,
Балки нонаш ба нон барафзоям.
Набарад деви орзу-м аз роҳ,
Орзуро гарав кунам ба гуноҳ.
Нанамоям ба чашми бинанда,
Он чи напсандад офаринанда».
Чун шаҳ ин гуфту ройҳо шуд рост,
Пиртар мӯбад аз миён бархост.
Гуфт:– «Моро ту аз худовандӣ
Ҳам хирадбахшу ҳам хирадмандӣ.
Ҳар чӣ гуфтӣ зи ройи хубсиришт,
Хирадаш бар нигини дил бинавишт.

Сар ту зебӣ, ки сарварӣ ҳамаро,
Саршубон ҳам ту шоӣ ин рамаро .
Тоҷдорӣ сазои гавҳари туст,
Тоҷ бо мост, лек бар сари туст.
«Занд»-и гуштоспӣ ба ҷуз ту кӣ хонд?
Зиндадори каён ба ҷуз ту кӣ монд?
Тухмаи баҳманию дороӣ
Аз ту мепояд ошкороӣ.
Меваи нав туӣ Сиёмакро,
Ёдгор Ардашери Бобакро.
То Каюмарс аз сариру кулоҳ
Меравад нисбати ту шоҳ ба шоҳ.
Мулк бо ту, ба ихтиёре нест,
Дар ҷаҳон ҷуз ту тоҷдоре нест.
Мӯбадон гар наванду гар куҳананд,
Ҳама аз як забон дар ин сухананд.
Лек мо - бандагон дар ин бандем,
Ки гирифтори аҳду савгандем.
Бо писандидае, ки дорад тахт,
Дасти аҳде шуда-ст моро сахт,
Ки нахоҳем тоҷ бе сари ӯ,
Барнатобем чеҳра аз дари ӯ.
Ҳуҷҷате бояд устувор кунун,
К-орад он аҳдро зи уҳда бурун.
То дар ойини худ хиҷил нашавем,
Нашканад аҳду тангдил нашавем».
Шоҳ Баҳром, к-ин ҷавоб шунид,
Посухе додашон, чунон ки сазид.
Гуфт:– «Узр аз шумо раво набувад,
Оқил он беҳ, ки бевафо набувад.
Ин мухолиф, ки тахтгири шумост,
Тифли ман шуд, агарчи пири шумост.
Тоҷаш аз сар чунон ба зер орам,
Ки яке мӯй аз ӯ наёзорам.
Гарчи мавқуф нест шоҳии ман
Бар мудорову узрхоҳии ман,
Шоҳаму шоҳзода то Ҷамшед
Мулки мероси ман сиёҳу сапед.
Тоҷу тахт олат асту шоҳӣ на,
Олате хоҳ бошу хоҳӣ на.
Ҳар кӣ шуд тоҷдору тахтнишин,
Тоҷи ӯ осмону тахт замин.

Тахти Ҷамшеду тоҷи Афридун
Ҳар ду доим намонд то акнун.
Ҳар киро моя буд, сар бифарохт,
Аз паи хеш тоҷу тахте сохт,
Ман, ки бар тоҷу тахт раҳ донам,
Теғ дорам, ба теғ бистонам.
Ҷои ман гар гирифт ғаддоре,
Анкабуте танид бар ғоре,
Аждаҳое расид бар дари ғор,
В-он гаҳ аз анкабут хоҳад бор?!
Мӯр кай ҷинси Ҷабраил бувад,
Пашша кай марди пои пил бувад?!
Гӯр чандон занад тарона далер,
Ки наолад сапедмуҳраи шер.
Назди хуршед, хоса, бурҷи ҳамал,
Инчунин сад чароғро чӣ маҳал?!
Ман ба сахтӣ ба хонаи дигарон,
Хонаи ман ба дасти хонаборон.
Хуриши хасм шаҳд ё шакар аст,
Хӯрди ман ё дил аст, ё ҷигар аст.
Теғу дашна беҳ аз ҷигар х(в)ардан,
Дашна бар нофу теғ бар гардан.
Ҳама мулки Аҷам хизонаи ман,
Дар Араб монда хайлхонаи ман.
Гоҳ Мунзар фиристадам хоне,
Гоҳ Нуъмон фидо кунад ҷоне.
Нондиҳонам бад-ин кулаҳдорӣ,
Нонхуронам бад-он гунаҳкорӣ.
Ман чу шери ҷавон вилоятгир,
Ҷои ман кай расад ба рӯбаҳи пир?!
Кай манам, кай барад мухолиф тоҷ,
Ҷуз ба кайзода кай диҳанд хироҷ?!
Ҳаст ҷои каён сазои каён,
Ҷуз каёнро мабод ҷои каён.
Шоҳ моему дигарон раҳиянд,
Мо пурем, он дигар касон тиҳиянд.
Шоҳ бояд ки лашкар ангезад,
Аз саворе чӣ гард бархезад?
Май, ки пири муғон зи даст ниҳод,
Ҷуз ба пури муғон нашояд дод.
Нек донед, к-он чи мегӯям,
Росткорию ростӣ ҷӯям.

Лекин аз роҳи некпаймонӣ,
Н-аз сари саркашию султонӣ.
Он кунам ман, ки вифқи рои шумост,
Ройи ман ҷустани ризои шумост.
В-он чи гуфтед, ҳуҷҷате бояд,
Ки бад-ӯ аҳди баста бикшояд.
Ҳуҷҷат он аст, к-аз миёни ду шер
Баҳра онро бувад, ки ҳаст далер.
Бомдодон ду шери ғурранда
Хурише дар шикам наёганда.
Ваҳшии тезчанги хашмолуд,
К-аз дами оташин барорад дуд,
Шердор оварад ба майдонгоҳ,
Гирд бар гирд саф кашанд сипоҳ.
Тоҷи шоҳон зи сар ба зер ниҳанд,
Дар миёни ду шарзашер ниҳанд.
Ҳар кӣ тоҷ аз ду шер бистонад,
Халқаш он рӯз тоҷвар донад».
Чун сухан гуфта шуд ба рифқу ба роз
Сухани дилфиребу табънавоз,
Номаро муҳри худ ниҳод ба рӯ,
Шарҳу басте тамом дод бар ӯ.
Ба парастандагони хеш супурд,
То барандаш, чунон ки бояд бурд.
Шаҳпарастон, ки меҳри шаҳ диданд
В-он суханҳои нағз бишниданд,
Бозгаштанд сӯи хонаи хеш,
Сурати шоҳи нав ниҳода ба пеш.
Гашта ҳар як зи меҳрбонии ӯ
Ошиқи фарри хусравонии ӯ.
Ҳама гуфтанд:– «Шоҳ Баҳром аст,
Ки маликгавҳару маликном аст.
Натавон бар хилофи ӯ будан,
Офтобе ба гил барандудан.
Тунд шерест он набарда савор,
К-аждаҳоро кунад ба тир шикор.
Чун шавад тунд шери панҷакушой,
Ҳеҷ кас пеши ӯ надорад пой.
Биситонад сарирў тоҷ ба зӯр,
Сарваронро барад ба пои сутур.
Беҳ, ки гармӣ дар ӯ наёмӯзем,
Оташи кушта барнаяфрӯзем.

Қиссаи шеру баргирифтани тоҷ
Ба чунин шарт нест ӯ муҳтоҷ.
Лекин ин шер ҳуҷҷатест бузург,
К-огаҳимон диҳад зи рӯбаҳу гург».
Сӯи даргаҳ шуданд ҷумла зи роҳ,
Бозгуфтанд шарти шоҳ ба шоҳ.
Нома хонданду ҳол бинмуданд,
Як сухан бар шунида нафзуданд.
Пири тахтозмои тоҷпараст
Тоҷ бинҳоду зери тахт нишаст.
Гуфт:– «Аз он тоҷу тахт безорам,
Ки аз ӯ ҷон ба шер биспорам.
Беҳ, ки зинда шавам зи тахт ба зер,
То шавам кушта дар миёни ду шер.
Марди зирак куҷо далер хурад,
Туъмае, к-аз даҳони шер хурад?!
Ворисли мамлакат ба теғу ба ҷом
Ҳеҷ кас нест, ҷуз малик Баҳром.
Ворисли мулкро диҳед сарир,
Соҳибафсар ҷавон беҳ аст аз пир.
Ман аз ин шуғл даркашидам даст,
Нестам шоҳ, лек шоҳпараст».
Посух оростанд номварон,
К-эй сари хусравону тоҷи сарон,
Шарти мо бо ту дар худовандӣ
Нест илло бад-ин хирадмандӣ.
Чун ба фармони мо шудӣ бар тахт,
Ҳам ба фармони мо раҳо кун рахт.
Нест бозӣ зи шер бурдани тоҷ,
То чӣ шаббозӣ оварад шаби доҷ.
Шарти ӯро ба ҷои хеш орем,
Шер бандему тоҷ пеш орем.
Гар битарсад, сарири оҷ туро ст
В-ар шавад кушта, низ тоҷ туро ст.
Гар шавад чиру тоҷ бардорад
В-аз вилоят хироҷ бардорад,
Дархури тахту офарин бошад,
Лек, ҳайҳот, агар чунин бошад».
Хатми қисса бар ин шуд охири кор,
К-он чи шарт аст, нагзарад зи қарор.
Рӯзи фардо чу дар қарор ояд,
Шоҳ бо шер дар шикор ояд.

## БАРГИРИФТАНИ БАҲРОМ ТОҶРО АЗ МИЁНИ ДУ ШЕР

Бомдодон, ки субҳи зарринтоҷ
Курсӣ аз зар ниҳоду тахт аз оҷ,
Кордорону корфармоён,
Ҳам қавидасту ҳам қавироён
Аз Араб то Аҷам савор шуданд,
Сӯи шерони корзор шуданд.
Шердорон ду шери мардумхор
Яла карданд бар нишонаи кор.
Шер бо шер дар ҳам афкананд,
Гӯри Баҳроми Гӯр меканданд.
Шердоре аз он миёна далер
Тоҷ бинҳод дар миёни ду шер,
Тоҷи зар дар миёни шери сиёҳ
Чун ба коми ду аждаҳо як моҳ.
Маҳ ба овози ташт раста зи меғ,
На ба ташти тиҳӣ, ба ташту ба теғ.
Мезананд он ду шери кинасигол
Бар замин чун ду аждаҳо дунбол?
Яъне ин тоҷи зар зи мо кӣ барад,
Ғорат аз шеру аждаҳо кӣ барад?
Огаҳишон на з-оҳанинҷигаре,
Шергирею аждаҳошикаре.
Гирд бар гирди он ду шери азим,
Кас як омоҷгаҳ нагашт аз бим.
Фатвӣ он шуд, ки шердил Баҳром
Сӯи шерон кунад нахуст хиром.
Гар ситонад зи шер тоҷ, ӯрост,
Ҷоми заррину тахти оҷ ӯрост,
В-арна аз тахт рой бардорад,
Рӯй бар сӯи ҷои хеш орад.
Шоҳ Баҳром аз ин қарор нагашт,
Сӯи шер омад аз танизаи дашт.
Дар дару дашт ҳеҷ пушта набуд,
Ки бар он пушта шер кушта набуд.
Сари сад шер канда буд зи ёл,
Буд умраш ҳанӯз бисту ду сол.
Он ки сад шер аз ӯ забун бошад,
Ӯ забуни ду шер чун бошад?!
Дар камар чуст кард банди қабо,
Дар дами шер шуд чу боди сабо.

Бонг барзад ба тундшерон зуд
В-аз миёни ду шер тоҷ рабуд.
Чунки шерон далерияш диданд,
Шергирию шерияш диданд,
Ҳамла бурданд чун танумандон
Дашна дар дасту теғ дар дандон.
То сари тоҷвар ба чанг оранд,
Бар ҷаҳонгир кор танг оранд.
Шаҳ ба таъдибашон чу рой афканд,
Сари ҳарду ба зери пой афканд.
Панҷа-шон пора карду дандон хурд,
Сару тоҷ аз миёни шерон бурд.
Тоҷ бар сар ниҳоду шуд бар тахт,
Бахтёрӣ чунин намояд бахт.
Бурдани тоҷаш аз миёни ду шер
Рӯбаҳонро зи тахт кард ба зер.

## БАР ТАХТ НИШАСТАНИ БАҲРОМ БА ҶОИ ПАДАР

Толеи тахту подшоҳии ӯ
Фаррух омад зи некхоҳии ӯ.
Пеш аз он росиди ситорашинос
Аз паи бахт буд дошта пос
Асаде буд, карда толиъ тахт,
Толиъе пойдору собиту сахт.
Офтобе дар авҷи хеш баланд,
Дар қирон бо Уторидаш пайванд.
Зуҳра дар Савру Муштарӣ дар Қавс,
Хона аз ҳар ду гашта чун фирдавс.
Дар даҳум Моҳу дар шашум Баҳром
Маҷлис ороста ба теғу ба ҷом.
Дасти Кайвон шуда тарозусанҷ,
Сахта аз хок то ба Кайвон ганҷ.
Чун бад-ин толеи муборакфол
Рафт бар тахт шоҳи хубхисол,
Аз басе лаъл рехтан бо дур
Киштии бахт шуд чу дарё пур.
Ганҷдорон фузун зи ҳадди шумор
Ганҷ бар ганҷ сохтанд нисор.
Он ки аввал сарири шоҳӣ дошт,
Байъати шаҳрию сипоҳӣ дошт.

Чунки дид он шукӯҳи баҳромӣ,
К-афсару тахт шуд бад-ӯ номӣ,
Аввал ӯ гуфташ аз кеҳону меҳон
Шоҳи офоқу шаҳрёри ҷаҳон.
Мӯбадонаш шаҳи ҷаҳон хонданд,
Хусравонаш худойгон хонданд.
Ҳамчунин ҳар кӣ ошкору ниҳуфт
Офарине ба қадри худ мегуфт.
Шоҳ чун сарбаланди олам гашт,
Сарбаландӣ-ш аз осмон бигзашт.
Хутбаи адли хештан бархонд,
Луълуи тар зи лаъли тоза фишонд.

## ХУТБАИ АДЛИ БАҲРОМИ ГӮР

Гуфт, к-Афсар Худой дод ба ман,
Ин худодод шод бод ба ман!
Бар Худо хонам офарину сипос,
К-офарин бод бар худойшинос.
Пушт бар неъмати Худо накунам,
Шукри неъмат кунам, чаро накунам?
Тоҷ бардоштан зи коми ду шер
Аз Худо донам он, на аз шамшер.
Чун расидам ба тахту тоҷи баланд,
Корҳое кунам худойписанд.
Он кунам, гар Худой бигзорад,
Ки зи ман ҳеҷ кас наёзорад.
Бо ман, эй хосагони даргаҳи ман,
Ростхона шавед чун раҳи ман.
Аз каҷӣ беҳ, ки рӯй бартобед,
Растгорӣ ба ростӣ ёбед.
Гар нагиред гӯши рост ба даст,
Эй басо гӯши чап, ки хоҳад хаст.
Рӯзаке чанд чун баросоям,
Дари инсофу адл бикшоям.
Он чи бар ман фариза афтода-ст,
Зулмро зулму додро дод аст.
То бимонад ба ҷой чархи кабуд,
Бод бар хуфтагони хок дуруд!
Беш аз андозаи сиёҳу сапед
Зиндагонро зи мо амону умед.

Кори ман ҷуз дуруду дод мабод,
Ҳар-к аз ин шод нест, шод мабод!
Чун шаҳ инсофи хеш кард падид,
Саҷдаи шукр кард, ҳар кӣ шунид.
Як-ду соат нишаст бар сари тахт,
Пас ба хилват кашид аз он ҷо рахт,
Адл мекарду дод мефармуд,
Халқ аз ӯ розию Худо хушнуд.
Анҷуман бо бузургворон кард,
Устуворӣ ба устуворон кард.

## ЧИГУНАГИИ ПОДШОҲИИ БАҲРОМИ ГӮР

Чун зи Баҳроми Гӯр тоҷу сарир
Созвар гашту шуд шукӯҳпазир,
Камари ҳафт чашмаро  дарбаст,
Бар сари тахти ҳафтпоя нишаст.
Чиние бар бараш чу синаи боз,
Румие бар танаш ба расми тироз.
В-ӯ ба хубӣ зи Рум боҷситон,
Ба накӯӣ зи Чин хироҷситон.
Чорболиш ниҳода чун Ҷамшед,
Панҷ навбат расонда бар хуршед.
Расми инсоф дар ҷаҳон овард,
Адлро сар бар осмон овард.
Кард бо додпарварон ёрӣ,
Бо ситамкорагон ситамкорӣ.
Қуфли ғамро дараш калид омад,
К-омад ӯ, фаррухӣ  падид омад.
Кори олам зи нав гирифт наво,
Бар нафасҳо кушода гашт ҳаво.
Гови нозода гашт зоянда,
Об дар ҷӯйҳо фазоянда.
Меваҳо бар  дарахт бор гирифт,
Сиккаҳо бар дирам қарор гирифт.
Ҳаллу ақли ҷаҳон бад-ӯ шуд рост,
Дуҳавоӣ зи мамлакат бархост.
Подшаҳзодагон ба ҳар тарафе
Ёфтанд аз шукӯҳи ӯ шарафе.
Кордорон зи ҳамли кишвари ӯ
Ҳамлҳо рехтанд бар дари ӯ.

Қалъадорон хазинаҳо бурданд,
Қалъаро бо калид биспурданд.
Ҳар касе рӯзнома нав мекард,
Ҷон ба тавқеъи ӯ гарав мекард.
Ӯ чу дар кори мамлакат пардохт,
Ҳар касеро ба қадри поя навохт.
Кори беравнақон ба соз овард,
Рафтагонро ба мулк боз овард.
Ситами гург баргирифт аз меш,
Бозро кард бо кабӯтар хеш.
Аз сари фитна бурд мастиҳо,
Кард кӯтаҳ дароздастиҳо.
Пояи гоҳи душманон бишкаст,
Бар ҷаҳон дод дӯстонро даст.
Мардумӣ кард дар ҷаҳондорӣ,
Мардумӣ беҳ зи мардумозорӣ.
Хасмро низ чун адаб кардӣ,
Даҳ бикуштӣ, яке наёзардӣ,
К-одамиро ба вақти парвардан
Куштан авлотар аст аз озурдан.
Мардумӣ карду мардумандӯзӣ,
Ҳеҷ касро намонд берӯзӣ.
Дид, к-ин хайлхонаи хокӣ
Н-орад илло ғубори ғамнокӣ.
Хештанро ба ишва каш медошт,
Айши худро ба ишва х(в)аш медошт.
Мулки бетакяро шинохта буд,
Такя бар мулки ишқ сохта буд.
Рӯзе аз ҳафта корсозӣ кард,
Шаши дигар ба ишқ бозӣ кард.
Нафас аз ошиқӣ бурун назадӣ,
Ишқро дар задию чун назадӣ.
Кист, к-аз ошиқӣ нишонаш нест?
Ҳар киро ишқ нест, ҷонаш нест.
Сиккаи ишқ шуд хулосаи ӯ,
Ошиқон мӯнисони хосаи ӯ.
Кору боре бар осмон ӯро,
Зери фармон ҳама ҷаҳон ӯро.
Ӯ ҷаҳонро ба хуррамӣ мех(в)ард,
Дод медоду хуррамӣ мекард.
Ганҷ дар ҳазраташ равона шуда,
Ғорати теғу тозиёна шуда.

Мулк аз ӯ гарчи сабзшохӣ дошт,
Ӯ чу хуршед пайфарохӣ дошт.
Мардумон аз ғурури неъмату мол
Такя карданд бар фарохии сол.
Шукри Яздон зи дил раҳо карданд,
Шафқат аз синаҳо ҷудо карданд.
Ҳар гаҳе к-офаридагони Худой
Шукри неъмат наёваранд ба ҷой,
Он фарохӣ шавад бар эшон танг,
Рӯзӣ оранд, лек аз оҳану санг.

## СИФАТИ ХУШКСОЛӢ ВА ШАФҚАТИ БАҲРОМ

Соле аз дона бар нарустани шох
Танг шуд дона бар ҷаҳони фарох.
Бар хуриш тангӣ ончунон зад роҳ,
К-одамӣ чун сутур хӯрд гиёҳ.
Тангдил шуд ҷаҳон аз он тангӣ,
Ёфт нон иззати гаронсангӣ.
Бозгуфтанд қисса бо Баҳром,
Ки дар офоқ тангиест тамом.
Мардумон ҳамчу гурги мардумхор
Гоҳ мардум хуранду гаҳ мурдор.
Шоҳ чун дид қадри дона баланд,
Дари анбор баркушод зи банд.
Сӯи ҳар шаҳр номае фармуд,
Ки дар ӯ аз  захира чизе буд.
То аминони шаҳр ҷамъ оянд,
Дари анбори баста бикшоянд.
Бо тавонгар ба нарх дарсозанд,
Бедирамро  диҳанду бинвозанд.
В-он чи  з-он борхона монад боз,
Пеши мурғон ниҳанд вақти ниёз.
То дар айёми ӯ зи бех(в)ардӣ
Кас намирад, зиҳӣ ҷавонмардӣ!
Он чи аз дона буд дар бораш,
Ҳар касе мекашид аз анбораш.
Уштуронаш зи марзи бегона
Мекашиданд нав ба нав дона.
Ҷаҳд мекарду ганҷ мепардохт,
Чораи кори ҳар касе месохт.

Лоҷарам чор соли бебару кишт
Рӯзии халқ бар хазина навишт.
Кораш он буд, к-он киёӣ ёфт,
Аз чунон пеша подшоӣ ёфт.
Ҷумлаи халқ ҷон зи тангӣ бурд,
Ҷуз яке тан, ки ӯ ба тангӣ мурд.
Шоҳ аз он марди бенавомурда
Тангдил шуд чу оби афсурда.
Рӯй аз он ранҷ дар Худой овард,
Узри тақсири худ ба ҷой овард.
Гуфт, к-эй ризқбахши ҷонварон,
Ризқ бахшиданат на чун дигарон.
Ба яке қудрати худоии хеш
Бешро кам кунию камро беш.
Н-ояд аз ман, в-агарчи кӯшам дер,
К-оҳуеро кунам ба саҳро сер.
Туӣ он, к-аз бароти пирӯзӣ
Як ба як халқро диҳӣ рӯзӣ.
Гар зи тангӣ тане зи ҷонварон
Мурд, ҷурме маро набуд дар он,
К-аз ҳаёташ хабар набуд маро,
Чунки мурд ӯ, хабар чӣ суд маро?
Шоҳ чун шуд чунин тазарруъсоз,
Ҳотифе додаш аз дарун овоз,
К-Эзид аз баҳри некроии ту
Бурд фитрат зи подшоии ту.
Чун ту дар чор соли хурсандӣ
Мурдаеро зи фоқа напсандӣ?!
Чор солат навишта шуд маншур,
К-аз диёри ту марг бошад дур.
Аз бузургони мулки ӯ то хурд
Кас шунидам, ки чор сол намурд,
Фаррух он шаҳ, ки ӯ ба неъмату ноз
Маргро дошт аз раийят боз.
Ҳар кӣ мезод, дар ҷаҳон мезист,
Дахл бехарҷ шуд, аз ин беҳ чист?
Аз халоиқ, ки гашта буд анбӯҳ,
Бе иморат на дашт монду на кӯҳ.
Аз Сифоҳон, шунидаам, то Рай
Хона бар хона шуд танида чу най.
Бом бар бом агар шудӣ хоҳон,
Кӯре аз Рай шудӣ ба Испоҳон.

Гар туро ин ҳадис равшан нест,
Уҳда бар ровияст, бар ман нест.
Буд неъматхурандагон бисёр,
Лек неъмат фузун зи неъматхор.
Мардум эмин шуда ба дашту ба кӯҳ,
Нозуишраткунон гурӯҳ-гурӯҳ.
Баркашида сафе дуфарсангӣ
Барбатию рубобию чангӣ.
Ҳавзаи май ба гирди ҳар ҷӯе,
Маҷлисе дар миёни ҳар кӯе.
Ҳар касе май хариду теғ фурӯхт.
Диръи оҳан дариду заркаш дӯхт.
Халқ якборагӣ силоҳ ниҳод,
Ҳамаро теғу тир рафт аз ёд.
Хар киро буд барги ишрат соз,
Айш мекард бо танаъъуму ноз.
В-он ки баргаш набуд, шаҳ фармуд,
Ӯ зи бахту ҷаҳон аз ӯ хушнуд.
Ҳар касеро гумошт бар коре,
Додаш аз айш рӯзи бозоре.
Рӯз фармуд, то ду қисмат кард,
Нимае касбу нимае мех (в)ард.
Ҳафт сол аз ҷаҳон хироҷ афганд,
Бехи ҳафтодсола ғам барканд.
Шаш ҳазор устоди дастонсоз,
Мутрибу пойкӯбу луъбатбоз
Гирд кард аз саводи ҳар шаҳре,
Дод ҳар букъаро аз он баҳре.
То ба ҳар ҷо, ки рахткаш бошанд,
Халқро хуш кунанду х(в)аш бошанд.
Дошт даври замона толеи Савр,
Соҳибаш Зуҳра, Зуҳра соҳиби давр.
Дар чунон давр ғам куҷо бошад,
Ки дар ӯ Зуҳра кадхудо бошад?!

## ДОСТОНИ БАҲРОМ БО КАНИЗАКИ ХЕШ

Шоҳ рӯзе шикор кард писанд
Дар биёбони пасту кӯҳи баланд.
Ашқари гӯрсум ба саҳро тохт,
Шӯр мекарду гӯр меандохт.

Муштариро зи Қавс бошад ҷой,
Қавси ӯ гашт муштарипаймой.
Аз саворони паррабаста ба дашт
Рамае гӯр сӯи шоҳ гузашт.
Шоҳ дар матраҳ истода чу шер,
Ашқараш рақс баргирифта ба зер.
Дасташ аз зеҳ нисори дур мекард,
Шаст холию тир пур мекард.
Бар замин з-оҳани балораки тир
Гоҳе оташ фиканду гаҳ нахчир.
Чун бувад рони гӯру бодаи ноб,
Оташе бояд аз барои кабоб.
Ёсиҷи шаҳ, ки хуни гӯрон рехт,
Магар оташ зи баҳри он ангехт?!
Гармии ночахаш ба захми дурушт
Пухта мекард, ҳар киро мекушт.
В-он чи з-ӯ даргузашт, ҳам нагузошт,
Ё паяш кард, ё паяш бардошт.
Дошт бо худ канизаке чун моҳ,
Чусту чобук ба ҳамрикобии шоҳ.
Фитнаноме, ҳазор фитна дар ӯ,
Фитнаи шоҳу шоҳ фитна бар ӯ.
Тозарӯе чу навбаҳори биҳишт,
Кашхироме чу бод бар сари кишт.
Ангубине ба равған олуда,
Чарбу ширин чу саҳни полуда.
Бо ҳама некуӣ сурудсарой,
Рудсозе, ба рақс чобукпой.
Нола чун  бар навои руд овард,
Мурғро аз ҳаво фуруд овард.
Бештар дар шикору бодаву руд
Шоҳ аз ӯ хостӣ симоъу суруд.
Сози ӯ чангу сози хусрав тир,
Ин задӣ чангу он задӣ нахҷир.
Гӯр бархост аз биёбон чанд,
Шоҳ бар гӯр гарм кард саманд.
Чун даромад ба гӯри тезоҳанг
Тунд шере камон гирифта ба чанг,
Тир дар нимгарди шаст ниҳод,
Пас камон даркашиду шаст кушод.
Бар кафалгоҳи гӯр шуд тираш,
Бӯса бар хок дод нахчираш.

Дар яке лаҳза з-он шикори шигифт
Чандро кушту чандро бигрифт.
В-он канизак зи нозу айёрӣ
Дар сано кард хештандорӣ.
Шоҳ як соат истод сабур,
То яке гӯр шуд равона зи дур.
Гуфт, к-эй тангчашми тоторӣ,
Сайди моро ба чашм мен-орӣ?
Сайди мо, к-аз сифат бурун ояд,
Дар чунон чашми танг чун ояд?
Гӯре омад, бигӯ, ки чун тозам
В-аз сараш то сумаш чӣ андозам?
Нӯшлаб з-он маниш, ки хӯй бувад,
Зан буду зан газофагӯй бувад.
Гуфт:– «Бояд ки рух барафрӯзӣ,
Сари ин гӯр дар сумаш дӯзӣ».
Шоҳ чун дид печ-печии ӯ,
Чорагар шуд зи бадбасечии ӯ.
Хост аввал камонгурӯҳа чу бод,
Муҳрае дар камонгурӯҳа ниҳод.
Сайдро муҳра дарфиканд ба гӯш,
Омад аз тоби муҳра мағз ба ҷӯш.
Сум суи гӯш бурд сайди забун,
То зи гӯш орад он алоқа бурун.
Тири шаҳ барқ шуд, ҷаҳон афрӯхт,
Гӯшу сумро ба якдигар бардӯхт.
Гуфт шаҳ бо канизаки чинӣ:
– «Дастбурдам чӣ гуна мебинӣ?»
Гуфт:– «Пур карда шаҳрёр ин кор,
Кори пуркарда кай бувад душвор.
Ҳар чӣ таълим карда бошад мард,
Гарчи душвор шуд, тавонад кард.
Рафтани тири шоҳ бар суми гӯр
Ҳаст аз идмон, на аз зиёдати зӯр».
Шоҳро ин шунида сахт омад,
Табари тез бар дарахт омад.
Дил бар он моҳи бемудоро кард,
Кинаи хеш ошкоро кард.
Подшоҳон, ки кинакаш бошанд,
Хун кунанд он замон, ки х(в)аш бошанд.
Ба чӣ оҳу, ки асб зин накунанд,
Чӣ сагеро, ки пӯстин накунанд.

Гуфт:– «Агар монамаш, ситезагар аст
В-ар кушам, ин ҳисоб аз он батар аст.
Занкушӣ кори шермардон нест,
Ки зан аз ҷинси ҳамнабардон нест».
Буд сарҳанге аз нажоди бузург,
Тунд чун шеру саҳмнок чу гург.
Хонд шоҳаш ба назди хеш фароз,
Гуфт:– «Рав, кори ин каниз бисоз!
Фитнаи боргоҳи давлати мост,
Фитна куштан зи рӯи ақл равост».
Бурд сарҳанги додпеша зи пеш
Он паричеҳраро ба хонаи хеш.
Хост, то кори ӯ бипардозад,
Шамъвор аз танаш сар андозад.
Об дар дида гуфташ он дилбанд,
К-инчунин нописандро меписанд.
Макун, ар нестӣ ту душмани хеш,
Хуни ман бе гунаҳ ба гардани хеш.
Мӯниси хоси шаҳрёр манам,
В-аз канизонаш ихтиёр манам.
То бад-он ҳад, ки дар шаробу шикор
Ҷуз манаш кас набуд мӯнису ёр.
Гар зи густохие, ки буд маро,
Дев бозичае намуд маро,
Шаҳ зи гармӣ сиёсатам фармуд,
Дар ҳалокам макӯш зудозуд!
Рӯзаке чанд сабр кун ба шикеб,
Шоҳро гӯ, бикуштамаш ба фиреб.
Гар бад-он гуфта шоҳ бошад шод,
Бикушам, хуни ман ҳалолат бод!
В-ар шавад тангдил зи куштани ман,
Эминӣ бошадат ба ҷону ба тан.
Ту зи пурсиш раҳию ман зи ҳалок,
Зодсарве наюфтад бар хок.
Рӯзе ояд, агарчи ҳеҷ касам,
К-он чи кардӣ, ба хидматат бирасам».
Ин сухан гуфту иқд боз кушод,
Пеши ӯ ҳафт пора лаъл ниҳод.
Ҳар яке з-он хироҷи иқлиме,
Дахли Уммон зи нархи ӯ ниме.
Марди сарҳанг аз он намунаш рост
Аз сари хуни он санам бархост.

Гуфт:– «Зинҳор сар зи кор мабар,
Бо касе номи шаҳрёр мабар.
Гӯ, ман ин хонаро парасторам,
Кор мекун, ки ман бад-ин корам.
Ман худ он чораҳо, ки бояд сохт,
Созам, ар хоҳадат замона навохт».
Бар чунин аҳд рафташон савганд,
Ин зи бедод расту он зи газанд.
Баъди як ҳафта чун расид ба  шоҳ,
Шоҳ аз ӯ бозҷуст қиссаи моҳ.
Гуфт:– «Маҳро ба аждаҳо додам,
Куштам, аз ашк хунбаҳо додам».
Об дар чашми шаҳрёр омад,
Дили сарҳанг бо қарор омад.
Буд сарҳангро деҳе маъмур,
Ҷойгоҳе зи чашми мардум дур.
Кӯшке рост баркашида ба авҷ,
Аз муҳити сипеҳр ёфта мавҷ.
Шаст  поя равоқи манзари ӯ,
Карда ҷои нишаст бар сари ӯ.
Буд дар вай ҳамеша ҷои каниз,
Ба азизон диҳанд ҷои азиз.
Модагове дар он ду рӯз бизод,
Зод гӯсолае латифниҳод.
Он паричеҳраи ҷаҳонафрӯз
Баргирифтӣ ба гарданаш ҳама рӯз.
Пой бар зери ӯ бияфшурдӣ,
Поя-поя ба кӯшк-бар бурдӣ.
Меҳри гӯсолакаш бувад ба баҳор,
Моҳи гӯсолакаш кӣ дид? Биёр.
Ҳама рӯз он ғизоли симандом
Бурд гӯсоларо зи хона ба бом.
Рӯз то рӯз аз ин қарор нагашт,
Коргар буд, чун зи кор нагашт.
То ба ҷое расид гӯсола,
Ки яке гов гашт шашсола.
Ҳамчунон он бути гуландомаш
Бурдӣ аз зери хона бар бомаш.
Ҳеҷ ранҷаш наёмадӣ з-он бор,
З-он ки хӯ карда буд бо он кор.
Ҳар чӣ дар гов гӯшт меафзуд,
Қуввати ӯ зиёдатар мебуд.

## МАШВАРАТ КАРДАНИ КАНИЗАК БО САРҲАНГ ДАР МЕҲМОНИИ ШОҲ

Рӯзе он тангчашм бо дили танг
Буд танҳо нишаста бо сарҳанг.
Чор гавҳар зи гӯши гавҳаркаш
Баркушод он нигори ҳавроваш.
Гуфт, к-ин нақдҳо бибар, бифрӯш,
Чун баҳо бистадӣ, биёр хамӯш.
Гӯсфандон хару бахуру гулоб
В-он чи бояд зи нуқлу шамъу шароб.
Маҷлисе рост кун чу равзаи ҳур
Аз шаробу кабобу нуқлу бахур.
Шаҳ чу ояд бад-ин тараф ба шикор,
Аз рикобаш чу фатҳ даст мадор.
Дил дарандозу ҷонпазирӣ кун,
Як замонаш лагомгирӣ кун.
Шоҳ Баҳром хӯи х(в)аш дорад,
Табъи озоди нозкаш дорад.
Чун бибинад ниёзмандии ту,
Сар дарорад ба сарбаландии ту.
Бар чунин манзаре ситорасарир
Гоҳ шаҳдаш диҳему гоҳе шир.
Гар чунин кор судманд шавад,
Кори мо ҳар ду з-ӯ баланд шавад.
Марди сарҳанг лаъл монд ба ҷой,
К-ончунонаш ҳазор дод Худой.
Рафту аз ганҷҳои пинҳонӣ
Як ба як сохт барги меҳмонӣ.
Хӯрдҳои мулуквори сара:
Мурғу моҳию гӯспанду бара,
Роҳу райҳон, ки маҷлис орояд,
Нӯшу нуқле, ки базмро шояд,
Ҳама асбоби кор сохт тамом,
То кай ояд ба сайдгаҳ Баҳром.

## БУРДАНИ САРҲАНГ БАҲРОМИ ГӮРРО БА МЕҲМОНӢ

Шоҳ Баҳром рӯзе аз сари тахт
Бурд сӯи шикори саҳро рахт.
Пештар з-он ки рафт, сайд андохт,
Сайд бин, то чӣ гуна сайдаш сохт.

Чун бар он деҳ гузашт, к-он сарҳанг
Дошт он манзари баландоҳанг.
Дид нузҳатгаҳе гаронмоя
Сабза дар сабза, соя дар соя.
Бозпурсид, к-ин диёр кирост,
Деҳхудованди ин диёр куҷост?
Буд сарҳанги хос пеши рикоб,
Чун зи хусрав чунин шунид хитоб,
Бар замин бӯса доду бурд намоз,
Гуфт, к-эй шаҳрёри банданавоз,
Банда дорад деҳе, ки додаи туст,
Лутфаш аз ҷуръарези бодаи туст.
Шоҳ агар ҷои он писанд кунад,
Бандаи пастро баланд кунад.
Бетакаллуф, чунон ки одати ӯст,
Суннати рои босаодати ӯст,
Сар дарорад бад-ин даричаи танг,
Сарбаланди ҷаҳон шавад сарҳанг.
Дорам аз додаи инояти шоҳ
Кӯшке баркашида сар то моҳ.
Боғ дар боғ гирд бар гирдаш,
Ҳулд мавлову равза шогирдаш.
Гар хурад шоҳ бода бар сари ӯ,
Хок бӯсад ситора бар дари ӯ.
Гарди шаҳ хонаро абир диҳад,
Магасам шаҳду гов шир диҳад».
Шоҳ чун дид, к-ӯ зи якрангӣ
Пеш бурд он сухан ба сарҳангӣ,
Гуфт:– «Фармон турост, кор бисоз,
То зи нахчиргаҳ ман оям боз».
Дод сарҳанг бӯса бар сари хок,
Рафту зангор кард аз ойина пок.
Манзар аз фарш чун биҳишт орост,
Кард ҳар зинате, ки бояд, рост.
Чун шаҳаншаҳ зи сайдгоҳ расид,
Бози чатраш ба авҷи моҳ расид.
Мизбон аз навардҳои гузин
Кисвати румию тароифи Чин.
Фарш бар фарш чанд ҷомаи нағз,
К-аз фурӯғаш кушода шуд дилу мағз,
Зери хатлихироми шоҳ афканд
Бар сари он нисор гавҳари чанд.

Шоҳ баршуд ба шастпоя равоқ,
Дид тоқе ба сарбаландӣ тоқ.
Тарҳ карда рухаш Хаварнақро,
Фарш афканда чархи азрақро.
Мизбон омад, он чи бояд кард
Аз гулобу бахуру шарбату х(в)ард.
Чун шаҳ аз хӯрдҳои хуш пардохт,
Май равон карду базми шодӣ сохт.
Шоҳ чун хӯрд соғаре ду-се май,
Аз гули ҷабҳаташ баромад хай.
Гуфт, к-эй мизбони зарринкох,
Ҷойгоҳат хуш асту барг фарох.
Лекин ин шастпоя кохи баланд,
К-осмон бар сараш равад ба каманд,
Аз паси шаст сол, к-аз ту гузашт,
Чун тавонӣ ба зери пой навашт?
Мизбон гуфт:– «Шоҳ боқӣ бод,
Кавсараш бода, ҳур соқӣ бод!
Ин зи ман нест, турфа ман мардам,
Аз чунин поя монда кай гардам?
Турфа он шуд, ки духтарест чу моҳ,
Нарму нозук чу хаззу қоқуми шоҳ,
Наррагове чу кӯҳ бар  гардан
Орад ин ҷо гаҳи алаф х(в)ардан.
Шастпоя чунон барад якдаст,
Ки насозад ба ҳеҷ поя нишаст.
Гове он гаҳ, чӣ гов, чун пиле,
Накашад пиҳи хешро миле.
Ба Худо,  гар дар ин диёр касе
Аз замин баргароядаш нафасе.
Зане он гаҳ ба шастпоя ҳисор
Барбарад чун, аҷаб набошад кор!»
Чунки сарҳанг ин ҳикоят гуфт,
Шаҳ сарангушти худ ба дандон суфт.
Гуфт:– «Аз ин гуна кор чун бошад?
Набувад, в-ар бувад, фусун бошад.
Боварам н-ояд ин сухан ба дуруст,
То набинам ба чашми хеш нахуст».
В-он гаҳ аз марди мизбон дархост,
То кунад даъвии суханро рост.
Мизбон, к-ин шунид, рафт ба зер,
Кард бо говкаш ҳикояти шер.

Симтан вақтро шинохта буд,
Пеш аз он кори хеш сохта буд.
Зевару зеби чиниён барбаст,
Дод гулро хумори наргиси маст.
Моҳро мушк ронд бар тақвим,
Ғамзаро дод ҷодуӣ таълим.
Чашмро сурмаи фиреб кашид,
Нозро бар сари итеб кашид.
Сарвро  ранги арғавонӣ дод,
Лоларо қадди хайзаронӣ дод.
Дур баромуд сарви симинро,
Баст бар моҳ иқди Парвинро.
Тоҷи анбар ниҳод бар сари дӯш,
Тавқи ғабғаб кашид то буни гӯш.
Зангии зулфу холи ҳиндуранг
Ҳар ду бар як тараф ситода ба ҷанг.
Фарқаш аз донаҳои дурри хушоб
Баста гирди маҳ аз ситора ниқоб.
Гавҳари гӯши гавҳаровезаш
Карда бозори ошиқон тезаш.
Моҳро дар ниқоби кофурӣ
Баста чун дар суман гули сурӣ.
Чунки моҳи дуҳафта аз сари ноз
Кард ҳар ҳафт, аз он чи бояд соз.
Пеши он гов рафт чун маҳи бадр,
Моҳ дар бурҷи Гов ёбад қадр.
Сар фурӯ бурду говро бардошт.
Гов бин, то чӣ гуна гавҳар дошт.
Поя бар поя бардавид ба бом,
Рафт то тахтпояи Баҳром.
Гов бар гардан истод ба пой,
Шер чун гов дид, ҷаст зи ҷой.
Дар аҷаб монд, к-ин чӣ шояд буд,
Суди ӯ буду дарнаёфт, чӣ суд?!
Маҳ зи гардан ниҳод гов ба зер,
Ба карашма чунон намуд ба шер,
К-он чи ман пеши ту ба танҳоӣ
Пешкаш кардам аз тавоноӣ,
Дар ҷаҳон кист, к-ӯ ба зӯру ба рой
Аз равоқаш барад ба зери сарой?!
Шоҳ гуфт:– «Ин на зӯрмандии туст,
Балки таълим кардаӣ зи нахуст.

Андак-андак ба солҳои дароз
Кардаӣ бар тариқи идмон соз.
То кунунаш зи роҳи беранҷӣ
Дар тарозуи хештан санҷӣ».
Саҷда бурдаш нигори симандом,
Бо дуое ба шарти хеш тамом.
Гуфт:– «Бар шаҳ ғароматест азим
Гов таълиму гӯр бе таълим?
Ман, ки гове бароварам бар бом,
Ҷуз ба таълим барнаёрам ном?
Чӣ сабаб, чун занӣ ту гӯре хурд,
Номи таълим кас наёрад бурд?»
Шоҳ ташнеъи турки худ бишнохт,
Ҳиндуӣ карду пеши ӯ дартохт.
Буркаъ аз моҳ боз кард, чу дид,
З-ашк бар маҳ фишонд марворид.
Дар канораш гирифту узр ангехт,
В-он гул аз наргис оби гул мерехт.
Аз баду нек хона холӣ кард,
Бо парирух сухансиголӣ кард.
Гуфт:– «Агар хона гашт зиндонат,
Узр хоҳам ҳазор чандонат.
Оташе гар задам зи худроӣ,
Ман аз он сӯхтам, ту барҷоӣ.
Чун зи фитнагарон тиҳӣ шуд ҷой,
Пеши худ Фитнаро нишонд аз пой.
Фитна биншасту баркушод забон,
Гуфт, к-эй шаҳрёри фитнанишон,
Эй маро кушта  дар ҷудоии хеш,
Зинда карда ба ошноии хеш,
Ғамат аз ман намонд ҳеҷ ба ҷой,
Кӯҳро ғам дароварад аз пой.
Хост рафтан зи меҳрбонии ман
Дар сари меҳр зиндагонии ман.
Шаҳ чу бар гӯши гӯр дар нахҷир
Он суми сахтро бидӯхт ба тир,
На замин, к-аз кушодани шасташ
Осмон бӯса дод бар досташ.
Ман, ки будам дар он писанд сабур,
Чашми бадро зи шоҳ кардам дур.
Ҳар чиро чашм дар писанд орад,
Чашмзахме дар ӯ газанд орад.

Ғабнам омад, ки аждаҳои сипеҳр
Туҳмати кина барниҳод ба меҳр».
Шоҳро он сухан чунон бигрифт,
К-аз дилаш дар миёни ҷон бигрифт,
Гуфт:– «Ҳаққо, ки рост гӯӣ, рост,
Бар вафои ту чанд чиз гувост.
Меҳрҳое чунон ба аввал бор,
Узрҳое чунин ба охири кор.
Эй ҳазор офарин бар он гуҳаре,
К-орад аз табъ инчунин ҳунаре!
Ин гуҳар пора гашта буд ба санг,
Гар набудӣ ҳифози он сарҳанг».
Хонд сарҳангрову хушдил кард,
Даст дар гарданаш ҳамоил кард.
Туҳфаҳои бузургвораш дод,
Бар яке дур иваз ҳазораш дод.
Аз паси чанд чизҳои латиф
Рай бад-ӯ дод бо дигар ташриф.
Шуд суи шаҳр шодиангезон,
Кард дар базми худ шакаррезон.
Мӯбадонро ба шарт пеш овард,
Моҳро дар никоҳи хеш овард.
Буд бо ӯ ба лаҳву ишрату ноз,
То бар ин рафт рӯзгори дароз.

## ЛАШКАР КАШИДАНИ ХОҚОНИ ЧИН БА ҶАНГИ БАҲРОМИ ГӮР

Чун баромад зи моҳ то моҳӣ
Номи Баҳром дар шаҳаншоҳӣ,
Дил қавӣ шуд бузургворонро,
Зинда шуд ном номдоронро,
Зардгӯшон ба гӯшаҳо мурданд
Сар ба оби сияҳ фурӯ бурданд.
Буд пире бузург, Нарсином,
Ҳамлақаб бо бародари Баҳром.
Ҳам қавирою ҳам тамомандеш,
Корҳоро шинохта пасу пеш.
Наслаш аз насли шоҳ Доро буд
В-ин на пинҳон, ки ошкоро буд.
Шоҳ аз ӯ як замон набудӣ дур,
Шоҳро ҳам рафиқу ҳам дастур.

Се писар дошт ӯю ҳар писаре
Ба сари хеш олами ҳунаре.
Он ки меҳ буд аз он се фарзандаш,
Ном карда падар Зарвандаш.
Шаҳ иёраш яке ба сад карда,
Мӯбади мӯбадони х(в)ад карда.
Ғоятандеш буду роҳшинос,
Порсоишро набуд қиёс.
В-он дигар мушрифи мамолик буд,
Боҷхоҳи ҳама масолик буд.
Карда шоҳ аз дурустии қаламаш
Нофизулхамри ҷумлаи Аҷамаш.
В-он се дигар ба шуғли шаҳру сипоҳ
Ноиби хостар ба ҳазрати шоҳ.
Шаҳ бар эшон амал раҳо карда,
Омилон бо амал вафо карда.
Ӯ ҳама шаб  ба бода базмафрӯз,
Омилонаш ба кори худ ҳама рӯз.
Осиёвор гирди худ метохт,
Ҳар чӣ андӯхт, боз меандохт.
Гирди олам шуд ин ҳикоят фош,
Тез шуд тешаҳо зи баҳри тарош.
Гуфт ҳар кас, ки маст шуд Баҳром,
Дин ба динор доду теғ ба ҷом.
Бо ҳарифон ба май  дарафтода-ст,
Ҳосилаш боду хӯрданаш бода-ст.
Ҳар касеро бар он тамаъ бархост,
Ки шавад кори мулк бар вай рост.
Хони хонон равона гашт зи Чин,
То шавад хонагири шоҳи замин.
Дар рикобаш чу аждаҳои дамон
Буд сесад ҳазор сахткамон.
Ситад аз ноибони шоҳ ба қаҳр
Ҷумлаи мулки Мовароуннаҳр.
З-оби Ҷайҳун гузашту омад тез,
Дар Хуросон фиканд растохез.
Шаҳ чу з-он турктоз ёфт хабар,
Эътимоде надид бар лашкар.
Ҳамаро дид дастпарвари ноз,
Даст аз ойини ҷанг дошта боз.
В-он ки буданд сарварони сипоҳ,
Якдилишон набуд дар ҳақи шоҳ.

Ҳар яке дар ниҳуфтаҳои навард
Пешрав карда сӯи хоқон мард.
Табъ бо шоҳи хеш бад карда,
Чораи мулку моли х(в)ад карда.
Гуфта:– «Мо-банда неккхоҳи туем,
Қасди раҳ кун, ки хоки роҳи туем.
Шоҳи олам туӣ, биё, бихром,
Подшоҳӣ наёяд аз Баҳром
Теғ агар боядат, дар ӯ орем,
В-арна бандаш кунему биспорем».
Мунҳие, з-он ки нома донад хонд,
Ин суханро ба самъи шоҳ расонд.
Шоҳ аз эрониён тамаъ бардошт,
Мамлакатро ба ноибон бигзошт.
Хештан рафту рӯй пинҳон кард,
Бо чунон ҳарба ҳарб натвон кард.
Дар ҷаҳон гарм шуд, ки шоҳи ҷаҳон
Рӯй кард аз сипоҳу мулк ниҳон.
Марди хоқон набуду лашкари ӯ
Ба ҳазимат гурехт аз бари ӯ.
Чун ба хоқон расид пайку дуруд,
Ки шаҳ омад зи тахти хеш фуруд.
Аз кулоҳу камар ту дорӣ бахт,
Пой дарнеҳ, на тоҷ мону на тахт.
Хони хонон чу гӯш кард паём,
К-аз ҷаҳон нопадид шуд Баҳром.
Дошт аз теғу теғбозӣ даст,
Форiғона ба руду бода нишаст.
Ғами душман нахӯрду май мех(в)ард,
Корҳои накарданӣ мекард.
Он чи аз хасми хеш напсандид,
Кард, то хасми ӯ бар ӯ хандид.
Шоҳ Баҳром рӯзу шаб ба шикор,
Қосидонаш равона бар сари кор.
Аз сипаҳдори Чин хабар меҷуст,
То хабар дод қосидаш ба дуруст,
К-ӯ зи шоҳ эмин асту фориғбол,
Шоҳро сахт фаррух омад фол.
З-он ҳама лашкараш ба гоҳи басич
Буд сесад савору дигар ҳеч.
Ҳар яке дида в-озмуда ба ҷанг,
Бар замин аждаҳо, дар об наҳанг.

Ҳама якдил чу нори саддона,
Гарчи сад дона аз яке хона.
Шоҳ бо хасм ҳуққасозӣ кард,
Муҳра пинҳону муҳрабозӣ кард.
Оташе хост, хасм дудаш дод,
Хоби харгӯш доду зудаш дод.
Хоби хуш кард бар нишонаи ӯ,
К-огаҳӣ дошт аз фасонаи ӯ.
Бар сараш ногаҳон шабехун бурд,
Гард болои ҳафт гардун бурд.
Дар шаби тира, к-аз сияҳкорӣ
Кард бо чашмҳо сияҳморӣ,
Шабе аз пеш баргирифта чароғ,
Кӯҳу саҳро сияҳтар аз пари зоғ.
Гуфтие сад ҳазор зангии маст
Сӯ ба сӯ медавид теғ ба даст.
Мардум аз бими зангие, ки давид,
Чашм бикшод, агарчи ҳеҷ надид.
Чархи равшандили сиёҳҳарир
Чун хуми зар сараш гирифта ба қир,
Дар шабе анбарин бад-ин хомӣ
Кард Баҳром ҷанги баҳромӣ.
Бар далерони Чин кушод инон,
Ҳамлабар гаҳ ба теғу гаҳ ба синон.
Тир бар ҳар куҷо задӣ ҳолӣ,
Тир гаштӣ зи тирхур холӣ.
Аз хадангаш, ки хораро месуфт,
Чашми парҳези душманон мехуфт.
Захм диданду тир пайдо не,
Тир пайдову захме он ҷо не.
Ҳама гуфтанд, к-ин чӣ тадбир аст,
Тир бе захму захм бе тир аст,
То чунон шуд, ки кас ба як фарсанг
Гирди майдони ӯ наёмад танг.
Ӯ чу абре ба ҳар тараф мегашт,
Дашт аз ӯ кӯҳу кӯҳ аз ӯ шуда дашт.
Кушт чандон аз он сипоҳ ба тир,
Ки замин нарм шуд зи хун чу хамир.
Бар тани ҳар кӣ рафт пайконаш,
Рахт бардошт аз танаш ҷонаш.
Субҳ чун теғи офтоб кашид,
Ташти хун омад аз сипеҳр падид.

Теғ бе хуну ташт чун бошад?
Ҳар кучо теғу ташт, хун бошад.
Аз басе хун, ки хунхудояш мурд,
Ҷӯи хун рафту гӯи сар мебурд.
В-аз басе тан, ки теғ пай мекард,
Зуҳра сафрову заҳра қай мекард.
Тирмори чаҳанда дар пайкор
Бад бувад, чун чаҳанда бошад мор.
Шоҳ Баҳром дар миёни масоф,
Нӯги тираш чу мӯи мӯйшикоф.
Теғ агар барзадӣ ба фарқи савор,
То камаргаҳ шикофтӣ чу хиёр.
В-ар ба таҳрифи теғ додӣ бим,
Мардро кардӣ аз камар ба ду ним.
Теғ аз ин сону тир аз он сон буд,
Шояд, ар хасм аз ӯ ҳаросон буд.
Турк аз ин турктози ногаҳи ӯ
В-ончунон захми сахт бар раҳи ӯ,
Ҳамаро дар баҳонагоҳи гурез
Теғҳо кунд гашту такҳо тез.
Оҳани шаҳ чу сахтҷӯшӣ кард,
Лашкари турк сусткӯшӣ кард.
Шаҳ намудори фатҳро бишнохт,
Теғ меронду тир меандохт.
Дарҳам афкандашон ба садмаи теғ,
Гуфтӣ, ӯ бод буду эшон меғ.
Лашкари хешро ба пирӯзӣ
Гуфт:– «Ҳон, рӯзгору ҳон, рӯзӣ!
Боз кӯшед, то саре бизанем,
Қиблагаҳро зи ҷойгаҳ биканем!»
Ҳамла бурданд ҷумла пуштопушт,
Шер дар зеру аждаҳо дар мушт.
Лашкаре бештар зи регу зи хок,
Гашта аз садмаҳои хеш ҳалок.
Маймана рафту майсара бигрехт,
Қалб дар соқаи муқаддама рехт.
Шоҳро дар зафар қавӣ шуд даст,
Қалбу дорои қалбро бишкаст.
Сахтии панҷаи сияҳшерон
Кӯфта мағзи нармшамшерон.
Тир чун мори Беварасб шуда,
З-ӯ савор уфтода, асб шуда.

Лашкари туркро зи дашнаи тез
То ба Ҷайҳун расид гарди гурез.
Шоҳ чандон гирифт гавҳару ганҷ,
Ки дабир омад аз шумор ба ранҷ.
Гашт бо фатҳ аз он вилоят боз,
Бо раият шуда риоятсоз.
Бар сари тахт шуд ба пирӯзӣ,
Бар ҷаҳон тоза кард наврӯзӣ.
Ҳар касе пеши ӯ замин меруфт,
Дархури фатҳ офарин мегуфт.
Паҳлавихони порсифарҳанг
Паҳлавӣ хонд бар навозиши чанг.
Шоирони араб чу дурри хушоб
Шеър хонданд бар нашиди рубоб.
Шоҳи фарҳангдони шеършинос
Беш аз он додашон, ки буд қиёс.
Кард аз он ганҷу он ғанимати пур
Вақфи оташкада ҳазор шутур.
Дур ба доман фишонду зар ба кулоҳ
Бар сари мӯбадони оташгоҳ.
Дод чандон зар аз хизонаи хеш,
Ки ба гетӣ намонд кас дарвеш.

## ИТОБ КАРДАНИ БАҲРОМ БО САРОНИ ЛАШКАР

Рӯзе аз толеъи муборакӣ бахт
Рафт Баҳроми Гӯр бар сари тахт.
Ҳар куҷо шоҳу шаҳрёре буд,
Тоҷбахшею тоҷдоре буд,
Ҳама дар зери тахтпояи шоҳ
Саф кашиданд чун ситораву моҳ.
Шаҳ забон баркушод чун шамшер,
Гуфт, к-эй миру меҳтарони далер,
Лашкар аз баҳри сулҳ бояду ҷанг,
К-ин набошад, чи одамию чи санг.
Аз шумо кист, к-ӯ ба гоҳи набард
Мардие, к-он зи мардум ояд, кард?
Ман, ки аз даҳр баргузидаматон,
Дар кадомин масоф дидаматон?
К-омад аз ҳеҷ кас чунон коре,
К-ояд аз пурдилею айёре?

Аз сари теғатон ба вақти газанд
Бар кадомин мухолиф омад банд?!
Ё кӣ дидам, ки пой пеш ниҳод,
Душмане басту кишваре бикшод?
Ин занад лоф, к-эрачигуҳарам
В-он ба даъвӣ, ки орашиҳунарам.
Ин зи Гев, он зи Рустам орад ном,
Ин ба кунят Ҳижабру он Зарғом.
Кас надидам, ки корзоре кард,
Чун гаҳи кор буд, коре кард.
Хуштар он шуд, ки ҳар касе биниҳуфт,
Гӯяд:– «Афсӯси шоҳи мо, ки бихуфт.
Май хурад в-аз касе наёрад ёд,
Аз чунин шаҳ касе набошад шод.
Гарчи ман май хурам, чунон нахурам.
Ки зи мастӣ ғами ҷаҳон нахурам,
Гар хурам ҳавзаи май аз кафи ҳур,
Теғам аз ҷӯи хун набошад дур.
Барқворам ба вақти бориши меғ
Ба яке даст май, ба дигар теғ.
Май хурам, кори маҷлис ороям,
Теғро низ кор фармоям.
Хоби харгӯши ман ниҳуфта бувад,
Хасмро бинад, арчи хуфта бувад.
Хандаву мастиям ба таъвил аст.
Хандаи шеру мастии пил аст.
Шер  дар вақти ханда хун резад,
Кист, к-аз пили  маст нагрезад?!
Аблаҳон масту  бехабар бошанд,
Ҳушёрони май дигар бошанд.
Он ки дар ақл пастияш набвад,
Май хурад, лек мастияш набвад.
Бар сари бода чунки рой орам,
Тоҷи қайсар  ба зери пой орам.
Чун манишро ба бода тез кунам,
Ба сари хасм ҷуръарез кунам.
Дӯстонро чу дар май овезам,
Ганҷи Қорун зи остин резам.
Душманонро гаҳе ки бех занам,
Ба кабобе ҷигар ба сих занам.

Некхоҳони ман чӣ пиндоранд,
К-ахтарони сипеҳр бекоранд.
Ман агарчанд хуфта бошаму маст,
Бахти бедори ман ба коре ҳаст.
Ба чунин хобҳо, ки ман мастам,
Хоби хоқон нигар, ки чун бастам!
Ба яке пай ғалат, ки афшурдам,
Рахти ҳинду нигар, ки чун бурдам.
Саг бувад, к-ӯ зи нотавонии хеш
Хуш нахусбад ба посбонии хеш.
Аждаҳо гарчи хусбад андар ғор,
Шери нар бар дараш наёбад бор.
Шаҳ чу ин достони хуш баргуфт,
Рӯи озодагон чу гул бишкуфт.
Ҳама сар бар замин ниҳодандаш,
Посухе оҷизона додандаш:
К-он чи шаҳ гуфт бо камарбандон,
Ҳаст пирояи хирадмандон.
Ҳамаро ҳирзи ҷону тан кардем,
Ҳалқаи гӯши хештан кардем.
Тоҷ бар фарқи шаҳ Худой ниҳод,
Кӯшиши халқ бод бошад, бод!
Сарвароне, ки сарварӣ карданд.
Бо ту бисёр ҳамсарӣ карданд.
Ҳеҷ кас бо ту тоҷвар нашуданд,
Ҳама дар сар шуданду сар нашуданд.
Он чи мо - банда дидаем зи шоҳ,
Кас надидаст аз сапеду сиёҳ.
Девро басту аждаҳоро сӯхт,
Пилро кушту каркаданро дӯхт.
Шербигзору гӯрнахчир аст,
Дому дад худ нишонаи тир аст.
Ба ҷуз ӯ кист, к-ӯ ба вақти шикор
Гардани гӯр даркашад ба канор?
Гоҳ созад ҳадаф зи холи паланг,
Гоҳ дандон канад зи коми наҳанг.
Гаҳ дар абрӯи ҳинд чин фиганад,
Гаҳ ба ҳиндӣ сипоҳи Чин шиканад.
Гаҳ зи Фағфур тоҷ бистонад,
Гаҳ зи Қайсар хироҷ бистонад.

Гарчи шерафканон басе буданд,
К-аз даҳан мағзи шер полуданд,
Шермард ӯст, к-ӯ ба сесад мард
Қаҳри сесад ҳазор душман кард.
Қиссаи хусравони пешина
Ҳаст пайдо зи меҳру аз кина.
Гар баровард ҳар касе номе,
Буд бо лашкаре ба айёме.
Дар масофе чунин ба чандон мард
Он чи ӯ кард, кас наёрад кард.
Чун зи шоҳон шумор баргиранд,
З-ӯ яке бо ҳазор баргиранд.
Ҳар якеро яке нишон бошад,
Ӯ ба танҳо ҳама ҷаҳон бошад.
Лахт бар ҳар саре, ки сахт кунад,
Чун дари торумаш ду лахт кунад.
Тираш ар сӯи санги хора шавад,
Санг чун рег пора-пора шавад.
Нӯш бахшад ба муҳрамори синон,
Мор гирад ба аждаҳои инон.
Ҳар тане, к-ӯ хилофи ӯ созад,
Шамъвораш замона бигдозад.
Сар, ки бар теғи ӯ бурун ояд,
З-он сар, албатта, бӯи хун ояд.
Мастии ӯ нишони ҳушёрист,
Хоби ӯ хоб нест, бедорист.
В-он замоне, ки майпараст шавад,
Ӯ хурад май, адӯш маст шавад,
Ӯст аз ҷумла халқ донотар,
Бар ҳама неку бад тавонотар.
Кордон ӯст дар замонаву бас,
Нест мӯҳтоҷи кордонии кас.
То замин зери чарх дорад пой,
Бар фалак бод ҳукми ӯро ҷой!
Ҳам замин дар паноҳи сояи ӯ,
Ҳам фалак зери тахтпояи ӯ».
Кордонон чу ин  сухан гуфтанд,
Пеши ёқут каҳрабо суфтанд.
Шоҳ Нуъмон аз он миён бархост,
Базми шаҳро ба офарин орост.
Гуфт:– «Ҳар ҷо, ки тахти шоҳ расад,
Гарчи моҳӣ бувад, ба моҳ расад.

Одамӣ кист, то ба тораки шоҳ
Рост ё каҷ кунад ҳисоби кулоҳ?!
Афсар Эзид ниҳод бар сари ту,
Сабз бод аз сари ту афсари ту!
Мо, ки мавлои боргоҳи туем,
Сарвар аз сояи кулоҳи туем,
Аз ту дорем, ҳар чӣ моро ҳаст,
Бар тару хушки мо ту дорӣ  даст.
Аз Араб то Аҷам ба мавлоӣ
Сар фишонем, агар бифармоӣ.
Муддате ҳаст, к-аз ҳунармандӣ
Бар дари шаҳ кунам камарбандӣ.
Чун шудам сарбузурги даргоҳаш,
Ёфтам роҳтӯша аз роҳаш.
Гар мисолам диҳад ба маъзурӣ,
То ба хона шавам ба дастурӣ.
Лахте аз ранҷи раҳ баросоям,
Чун расад ҳукми шоҳ, боз оям.
Гар на, то зиндаам ба хидмати шоҳ,
Сар нагардонам аз парастишгоҳ».
Шоҳ фармуд, то зи гавҳару ганҷ
Дасти хозин шавад ҷавоҳирсанҷ,
Оварад туҳфаҳои султонӣ
Мисрию мағрибию уммонӣ.
Ҳамлдорон даромаданд ба кор,
Ҳамл бар ҳамл сохтанд нисор.
Зар ба харвору мушки нофа ба кайл,
В-аз ғулому каниз чандин хайл.
Муртафеъ ҷомаҳои қиматманд
Бештар з-он ки гуфт шояд чанд.
Тозиаспони порсипарвард,
Ҳама  дарёгузору кӯҳнавард.
Теғ ҳиндию диръ довудӣ,
Киштии ҷуд ронд бар Ҷудӣ.
Лаълу дур беш аз он ки қадру қиёс
Донадаш дурфурӯшу лаълшинос.
Гавҳаромуда тоҷе аз сари хеш,
Бо  қабое зи дахли Шуштар беш
Дод, то з-он диҳиш рухаш рахшид
В-аз Яман то Адан ба ӯ бахшид.
Бо чунин неъмате зи даргаҳи шоҳ
Рафт Нуъмон чу Зуҳра аз бари моҳ.

## ХОСТАНИ БАҲРОМ ДУХТАРИ ШОҲОНИ ҲАФТ ИҚЛИМРО

Шаҳ ба нозу нишот шуд машғул,
К-аз диҳу гир гашта буд малул.
Кори ҳар як, чунон ки буд, бисохт,
Пас ба тадбири кори худ пардохт.
Ба фароғат ба коми дил биншаст,
Душманон зери пою май дар даст.
Ёдаш омад ҳадиси он устод,
К-он сифат карда буд пешин ёд.
В-он сароча, ки ҳафт пайкар буд,
Балки «Артанг»-и ҳафт кишвар буд.
Меҳри он духтарони ҳурсиришт
Дар дилаш тухми меҳрбонӣ кишт.
Кӯра-ш он гаҳ зи ҳафтҷӯш нишаст,
К-омад он ҳафт кимиёш ба даст.
Аввалин духтар аз нажоди каён
Буд, лекин падар шуда зи миён.
Хосташ бо ҳазор хоста беш,
Гавҳаре ёфт ҳам зи гавҳари хеш.
Пас ба хоқон равона кард барид
Бархе аз меҳру бархе аз таҳдид.
Духтараш хост бо хизонаву тоҷ
Бар сари ҳар ду ҳафтсола хироҷ.
Дод хоқон хироҷу духтару чиз,
Ҳамли динору ганҷи гавҳар низ.
В-он гаҳе турктоз кард ба Рум,
Дарфиканд оташе дар он бару бум.
Қайсар аз бим барназад нафасе,
Духтараш доду узр хост басе.
Кас фиристод сӯи Мағриб шоҳ
Бо зари мағрибию афсару гоҳ.
Духти ӯ низ дар канор овард,
Зиракӣ бин, ки чун ба кор овард!
Чун сиҳисарв бурд аз он бустон,
Рафт аз он ҷо ба мулки Ҳиндустон.
Духтари Ройро ба ақлу ба рой
Хост в-овард коми хеш ба ҷой.
Қосидаш рафту хост аз Хоразм
Духтари хубрӯй дархури базм.
Ҳамчунон нома кард бар Сақлоб,
Хост зеборухе чу қатраи об.

Чун зи кишвархудои ҳафт иқлим
Ҳафт луъбат ситад чу дурри ятим,
Аз ҷаҳон дил ба шодмонӣ дод,
Доди айши хушу ҷавонӣ дод.

## СИФАТИ БАЗМИ БАҲРОМ ДАР ЗИМИСТОН ВА СОХТАНИ ҲАФТ ГУНБАД

Рӯзе аз субҳи фатҳи нуронӣ,
Осмон баркушода пешонӣ.
Фарруху равшану ҷаҳонафрӯз,
Хунук он рӯз, ёд бод он рӯз!
Шаҳ ба хубӣ чу рӯи дилбандон
Маҷлисе сохт бо хирадмандон.
Рӯзи хона на рӯзи бустон буд,
К-аввалин рӯзе аз зимистон буд.
Шамъу қандили боғҳо мурда,
Рахту бунгоҳ боғбон бурда.
Бонг дуздида булбулонро зоғ,
Бонги дуздӣ дароварида ба боғ.
Зоғ ҷуз ҳиндуинасаб набвад,
Дуздӣ аз ҳиндувон аҷаб набвад.
Зоғ монда ба боғ бе булбул,
Хор монда ба ёдгор аз гул.
Дода наққоши боди шабгирӣ
Обро ҳалқаҳои занҷирӣ.
Тоби сармо, ки бурд аз оташ тоб,
Обро теғу теғро кард об.
Дама пайкони обдор ба даст
Чашмро суфту чашмаро мебаст.
Шир дар ҷӯш чун панир шуда,
Хун дар андом замҳарир шуда.
Кӯҳ қоқум, замин ҳавосилпӯш,
Чарх санҷоб даркашида ба дӯш.
Бар баҳоим дадон камин карда,
Пӯст канда, ба пӯстин карда.
Рустанӣ даркашида сар ба замин,
Номия гашта эътикофнишин.
Кимиёкории ҷаҳони дуранг
Лаъли оташ ниҳуфта дар дили санг.
Гул зи ҳикмат ба кӯзае пуда,
Гили ҳикмат ба сар барандуда.

Зайбақиҳои обгинаи об
Тахта бар тахта гашта нуқраи ноб.
Дар чунин фасл то ба хонаи шоҳ
Дошта табъи чор фасл нигоҳ.
Аз басе бӯйҳои атромез
Муътадил гашта боди барфангез.
Меваҳову шаробҳои чу нӯш
Мағзро хоб дода, дилро ҳуш.
Оташ ангехта зи сандалу уд,
Дуд гирдаш чу ҳиндувон ба суҷуд.
Оташе з-ӯ нишотро пуштӣ,
Кони гӯгирди сурхи зардуштӣ.
Хуне аз ҷӯш мунъақид гашта,
Парниёне ба хун дароғашта.
Финдиқе ранг дода уннобаш,
Гашта шангарфи суда симобаш.
Сурхсебе дил аз миён канда,
Ба дилаш нордона оганда.
Каҳрабое зи қир карда хизоб,
Офтобе зи мушк баста ниқоб.
Зулмате гашта аз наволаи нур,
Лолае руста аз кулолаи ҳур.
Турке аз асли румиён насабаш,
Қурратулъайни ҳиндувон лақабаш.
Машъали Юнусу чароғи Калим,
Базми Исову боғи Иброҳим.
Шӯшаҳои зуголи мушкинранг
Гирди оташ чу гирди ойина занг.
Он сияҳрангу ин ақиқсифот
Кони ёқут буд дар зуламот?
Гавҳараш дода дидаҳоро қут,
Зарду сурху кабуд чун ёқут.
Наварӯсе шарора зевари ӯ,
Анбарина зугол дар бари ӯ.
Ҳаҷлаву базмае ба заркорӣ,
Ҳаҷла удию базма гулнорӣ.
Гирди он базмаи парандзада
Кабку дурроҷ дастбанд зада.
Бар сари оташ аз сари хосӣ
Фохта парфишон ба раққосӣ.
Зардии шуъла дар бухори гиёҳ
Ганҷи зар буд зери мори сиёҳ.

Дӯзахию биҳиштияш машҳур,
Дӯзах аз гармию биҳишт аз нур.
Дӯзахи аҳли корвони куништ
Равзаи роҳи раҳравони биҳишт.
«Занд»-и Зардушт нағмасоз бар ӯ,
Муғ чу парвона хирқабоз бар ӯ.
Оби афсурдаро кушода масом,
Эй дареғо, чаро шуд оташном?!
Хона сарсабзтар зи сояи сарв,
Бода гулрангтар зи хуни тазарв.
Рехта осмони фохтагун
Аз ҳаво фохта, зи фохта хун.
Бода дар ҷоми обгинагуҳар
Рост чун оби хушку оташи тар.
Гӯрчашмон шароб мех(в)арданд,
Рони гӯрон кабоб мекарданд.
Шоҳ Баҳроми Гӯр бо ёрон
Бода мехӯрд чун ҷаҳондорон.
Маю нуқлу самоъу ёре чанд,
Майгусорею ғамгусоре чанд.
Роҳи гулгун чу гул шакарханда
Пухта гашта дар оташи зинда.
Мағзҳо дар самоъ гарм шуда,
Дил зи гармӣ чу мум нарм шуда.
Зиракон роҳи айш меруфтанд,
Нуктаҳои латиф мегуфтанд.
Ҳар гаронмояе зи мояи хеш
Гуфт ҳарфе ба қадри пояи хеш.
Чун сухан дар сухан мусалсал гашт,
Бар забони суханваре бигзашт,
К-ин дараҷ, к-осмони шаҳ дорад
В-ин дақиқа, ки ӯ нигаҳ дорад,
Ҳеҷ касро зи хусравони ҷаҳон
Кас надидаст ошкору ниҳон.
Ҳаст моро зи фарри тораки ӯ
Ҳама чиз аз паи мубораки ӯ.
Эминӣ ҳасту тандурустӣ ҳаст,
Тангии душману фарохии даст.
Тандурустию эминию кафоф
Ин се моя-ст в-он дигар ҳама лоф.
Тан чу пӯшида гашту ҳавсала пур,
Дар ҷаҳон, гӯ, на лаъл бошу на дур.

Мо, ки мисли ту подшо дорем,
Ҳама дорем, чун туро дорем.
Кошкӣ чорае дар он будӣ,
Ки зи мо чашми бад ниҳон будӣ.
Гардиши ахтару хироми сипеҳр
Ҳам бад-ин фаррухӣ намудӣ чеҳр.
Толеъи хушдилӣ зи раҳ нашудӣ,
Айш бар хушдилон табаҳ нашудӣ.
То ҳамасола шоҳ будӣ шод,
Хирмани айшро набурдӣ бод.
Шодмон ҷони шоҳ мебояд,
Ҷони мо гар фидо шавад, шояд!»
Чун сухангӯ сухан ба поён бурд,
Ҳар касе дил бад-он сухан биспурд.
Дур кард он дам аз дар он дамаро,
Дилписанд омад он сухан ҳамаро.
Дар миён буд марде озода,
Меҳтаройину муҳташамзода.
Шеданоме ба равшанӣ чун шед,
Нақшпирои ҳар сиёҳу сапед.
Устоде ба шуғли рассомӣ,
Дар масоҳат муҳандисе номӣ.
Аз табиию ҳандасию нуҷум
Ҳама дар дасти ӯ чу муҳраи мум.
Хурдакоре ба кори банноӣ,
Нақшбанде ба сураторoӣ,
К-аз латофат чу килку теша кушод,
Ҷон зи Монӣ ситад, дил аз Фарҳод.
Карда шогирдии хирад ба дуруст,
Буда Симнораш устоди нахуст.
Дар Хаварнақ зи нағзкориҳо
Дода бо устод ёриҳо.
Чун дар он базм шоҳро х(в)аш дид,
Дар забон обу дар дил оташ дид.
Зад замин бӯсу гашт шоҳпараст,
Чун замин бӯса дод, бознишаст.
Гуфт:– «Агар бошадам зи шаҳ дастур,
Чашми бад дорам аз диёраш дур,
К-осмонсанҷаму ситорашинос,
Огаҳ аз кори ахтарон ба қиёс.
Дар нигорандагию гилкорӣ
Ваҳйи санъат марост, пиндорӣ.

Нисбате гирам аз сипеҳри баланд,
Ки наёрад ба рӯи шоҳ газанд,
То бувад дар нигорхонаи хок,
З-ахтарони фалак надорад бок.
Ҷой дар ҳирзгоҳи ҷон дорад,
Бар замин ҳукми осмон дорад.
В-он чунон аст, к-аз гузориши кор
Ҳафт гунбад кунам чу ҳафт ҳисор.
Ранги ҳар гунбаде ҷудогона,
Хуштар аз ранги сад санамхона.
Шоҳро ҳафт нозанин санам аст,
Ҳар якеро зи кишваре алам аст.
Ҳаст ҳар кишваре ба рукну асос
Дар шумори ситорае ба қиёс,
Ҳафтаро бе судоъи гуфтушунид
Рӯзҳои ситора ҳаст падид.
Дар чунон рӯзҳои базмафрӯз
Айш созад ба гунбаде ҳар рӯз.
Ҷома ҳамранги хона дарпӯшад,
Бо дилороми хона май нӯшад.
Гар бар ин гуфта шоҳ кор кунад,
Хештанро бузургвор кунад.
То бувад умр бар нишонаи кор,
Бошад аз умри хеш бархурдор».
Шоҳ гуфто:– «Гирифтам, ин кардам,
Хона заррин, дар оҳанин кардам,
Оқибат чун ҳаме бибояд мурд,
Ин ҳама ранҷҳо чӣ бояд бурд?!
В-он чи гуфтӣ, ки гунбад ороям,
Хонаро ҳамчунон бипироям.
Ин ҳама хонаҳои кому ҳавост,
Хонаи хонаофарин ба куҷост?
Дар ҳама гарчи офарин гӯям,
Офаринандаро куҷо ҷӯям?»
Боз гуфт:– «Ин сухан хато гуфтам,
Ҷои ҷойофарин чаро гуфтам?!
Он ки дар ҷо нашоядаш дидан,
Ҳама ҷояш тавон парастидан».
Ин сухан гуфт шоду гашт хамӯш,
З-он ҳавас дар димоғаш омад ҷӯш.
З-он ки дар корномаи Симнор
Дид дар шарҳи ҳафт пайкар кор,

К-он парипайкарони ҳафт иқлим
Дошт дар дурҷи худ чу дурри ятим.
Даргирифт ин сухан ба шоҳи ҷаҳон,
К-огаҳӣ дошт аз ҳисоби ниҳон.
Дар ҷавоби сухан накард шитоб,
Рӯзаке чандро надод ҷавоб.
Чун бар ин гуфта рафт рӯзе чанд,
Шедаро хонд шоҳи шайдобанд.
Он чи пазруфта буд, аз ӯ дархост,
Кард кораш, чунон ки бояд рост.
Ганҷе омода карду барг супурд,
То барад ранҷ, агар тавонад бурд.
Рӯзе аз баҳри шуғли рассомӣ
Баҳраманд аз бақои баҳромӣ
Марди ахтаршиноси толиъбин
Кард бар толиъе хуҷаста гузин.
Шеда бар толиъе хуҷаста ниҳод,
Кард гунбадсаройро бунёд,
То ду солончунон биҳиште сохт,
Ки касаш аз биҳишт вонашнохт.
Чун чунон ҳафт гунбади гуҳарӣ
Кард гунбадгаре чунон ҳунарӣ.
Ҳар якеро ба табъу толиъи хеш
Шарти аввал нигоҳ дошт ба пеш.
Чун шаҳ омад, бидид ҳафт сипеҳр,
Ба яке ҷой даст дода ба меҳр.
Дид, к-афсона шуд ба ҷумла диёр,
Он чи Нуъмон намуд бо Симнор.
Нописанд омад аҳли бинишро
Куштан он сунъи офаринишро.
То шавад шод Шеда аз Баҳром,
Шаҳри Бобак ба Шеда дод тамом.
Гуфт:– «Нӯъмон агар хатое кард,
К-он уқубат бар ошное кард,
Адли ман узрхоҳи он ситам аст,
Он на аз бухлу ин на аз карам аст.
Кори олам чунин тавонад буд,
З-ӯ якеро зиён, якеро суд.
Ёре аз ташнагӣ кабоб шавад,
Ёри дигар ғариқи об шавад.
Ҳама дар кори хеш ҳайронанд,
Чора ҷуз хомушӣ намедонанд».

## ДАР ЧИГУНАГИИ ҲАФТ ГУНБАД

Чунки Баҳроми кайқубодкулоҳ
Тоҷи кайхусравӣ расонд ба моҳ,
Бесутуне зи нофи мулк ангехт,
К-он чи Фарҳод кард, аз ӯ бигрехт.
Дар чунон Бесутуни ҳафтсутун
Ҳафт гунбад кашид бар гардун.
Шуд дар он бораи фалакпайванд,
Борае дид бар сипеҳри баланд.
Ҳафт гунбад даруни он бора
Карда бар табъи ҳафт сайёра.
Ранги ҳар гунбаде ситорашинос
Бар мизоҷи ситора карда қиёс.
Гунбаде, к-ӯ зи қисми Кайвон буд,
Дар сиёҳӣ чу мушк пинҳон буд.
В-он ки будаш зи Муштарӣ моя,
Сандалӣ дошт ранги пироя.
В-он ки Миррих баст паргораш,
Гавҳари  сурх буд дар кораш.
В-он ки аз Офтоб дошт хабар,
Зард буд – Аз чӣ? – Аз ҳамоили зар.
В-он ки аз зеби Зуҳра ёфт умед,
Буд рӯяш чу рӯи Зуҳра сапед.
В-он ки буд аз Уторидаш рӯзӣ,
Буд пирӯзагун зи пирӯзӣ.
В-он ки Маҳ карда сӯи бурҷаш роҳ,
Дошт сарсабзие зи талъати шоҳ.
Баркашида бар ин сифат яксар
Ҳафт гунбад ба табъи ҳафт ахтар.
Ҳафт кишвар тамом дар аҳдаш,
Духтари ҳафт шоҳ дар маҳдаш.
Карда ҳар духтаре ба  рангу ба рой
Гунбадеро зи ҳафт гунбад ҷой.
В-аз намудори хона то ба фиреш,
Карда ҳамранги рӯи гунбади хеш.
Рӯз то рӯз шоҳи фаррухбахт
Дар сарои дигар ниҳодӣ рахт.
Шанбе он ҷо, ки қисми шанбеҳ буд,
В-он дигарҳо чунон, к-аз он беҳ буд.
Чун ба нерӯи рои фарзона
Маҷлис оростӣ ба ҳар хона,
Ҳар куҷо ҷоми бода нӯшидӣ,

Ҷома ҳамранги хона пӯшидӣ.
Бонуи хона пеш биншастӣ,
Ҷилва бардоштӣ зи ҳар дасте,
То дили шоҳро чӣ гуна барад,
Шоҳ ҳалвои ӯ чӣ гуна х(в)арад.
Гуфтӣ  афсонаҳои меҳрангез,
Ки кунад гармшаҳватонро тез.
Гарчи з-ин гуна баркашид ҳисор,
Ҷон набурд аз аҷал ба охири кор.
Эй Низомӣ, зи гулшане бигрез,
Ки гулаш хор гашту хораш тез.
Бо чунин мулк аз ин дурӯза мақом
Оқибат бин, чӣ гуна шуд Баҳром?!

## НИШАСТАНИ БАҲРОМ РӮЗИ ШАНБЕ ДАР ГУНБАДИ СИЁҲ ВА АФСОНА ГУФТАНИ ДУХТАРИ ПОДШОҲИ ИҚЛИМИ АВВАЛ

Чунки Баҳром шуд нишотпараст,
Дида дар нақши ҳафт пайкар баст.
Рӯзи шанбе зи дайри шаммосӣ
Хайма зад дар саводи аббосӣ.
Сӯи гунбадсарои ғолияфом
Пеши бонуи Ҳинд шуд ба салом.
То шаб он ҷо нишоту бозӣ кард,
Удсӯзию атрсозӣ кард.
Чун барафшонд шаб  ба суннати шоҳ
Бар ҳарири сапед мушки сиёҳ,
Шоҳ аз он навбаҳори кашмирӣ
Хост бӯе чу боди шабгире.
То зи дурҷи гуҳар кушояд қанд,
Гӯядаш модагона лафзе чанд.
З-он фасона, ки лаб пуроб кунад,
Мастро орзуи хоб кунад.
Оҳуи туркчашми ҳиндузод
Нофаи мушкро гиреҳ бикшод.
Гуфт:– «Аз аввал, ки панҷ навбати шоҳ
Бод болои чорболиши моҳ.
То ҷаҳон мумкин аст, ҷонаш бод,
Ҳама сарҳо бар остонаш бод!
Ҳар чӣ хоҳад, ки оварад бар чанг,
Давлаташро дар он мабод диранг!»

Чун дуо хатм кард, бурд суҷуд,
Баркушод аз шакар гувориши уд.

## АФСОНА

Гуфту аз шарм дар замин медид,
Он чи з-он кас нагуфту кас нашнид,
Ки шунидам ба хурдӣ аз хешон,
Хурдакорону чобукандешон,
Ки зи кадбонувони қасри биҳишт
Буд зоҳир зане латифсиришт.
Омадӣ дар сарои мо ҳар моҳ,
Сар ба сар кисваташ ҳарири сиёҳ.
Бозҷустанд, к-аз чӣ тарсу чӣ бим
Дар саводи ту, эй сабикаи сим?
Беҳ, ки моро ба қисса ёр шавӣ,
В-ин сияҳро сапедкор шавӣ.
Бозгӯӣ зи некхоҳии хеш
Маънии ояти сиёҳии хеш.
Зан чу аз ростӣ надид гузир,
Гуфт аҳволи ин сиёҳ ҳарир:
Чунки ногуфта боз нагзоред,
Гӯям, ар з-он ки боварам доред.
Ман канизи фалон малик будам,
Ки аз ӯ, гарчи мурд, хушнудам.
Малике буд комгору бузург,
Эминӣ дода мешро бо гург.
Ранҷҳо дида, боз кӯшида
В-аз тазаллум сиёҳ пӯшида.
Фалак аз толеи хурӯшонаш
Хонда шоҳи сиёҳпӯшонаш.
Дошт аввал зи ҷинси пироя
Сурху зарде, аҷаб гаронмоя.
Чун гули боғ буд меҳмондӯст,
Ханда мезад чу сурхгул дар пӯст.
Меҳмонхонае муҳайё дошт,
К-аз Саро рӯй дар Сурайё дошт.
Хон ниҳода, бисот густарда,
Ходимоне ба лутф парварда.
Ҳар кӣ омад, лагомгир шуданд,
Ба худаш меҳмонпазир шуданд.

Чун ба  тартиб хон ниҳодандаш,
Дархури поя нузл додандаш.
Шоҳ пурсид аз ӯ ҳикояти хеш,
Ҳам зи ғурбат, ҳам аз вилояти хеш.
Он мусофир ҳар он шигифт, ки дид,
Шоҳро қисса карду шоҳ шунид.
Ҳама умраш бар он қарор гузашт,
То нашуд умраш, аз қарор нагашт.
Муддате гашт нопадид аз мо,
Сар чу симурғ даркашид аз мо.
Чун бар ин қисса баргузашт басе,
З-ӯ чу анқо нишон надод касе.
Ногаҳон рӯзе аз иноятии бахт
Омад он тоҷдор бар сари тахт.
Аз қабову кулоҳу пираҳанаш
Пой то сар сиёҳ буд танаш.
То ҷаҳон дошт, тезҳушӣ кард,
Бе мусибат сиёҳпӯшӣ кард.
Дар сиёҳӣ чу Оби Ҳайвон зист,
Кас  нагуфташ, ки ин сиёҳӣ чист.
Шабе аз мушфиқию дилдорӣ
Кардам он қибларо парасторӣ.
Бар канорам ниҳод пой ба меҳр,
Гила мекард аз ахтарони сипеҳр.
К-осмон бин, чӣ  турктозӣ кард,
Бо чу ман хусраве чӣ бозӣ кард.
Аз саводи Ирам бурид маро,
Дар саводи қалам кашид маро.
Кас напурсид, к-он савод куҷост,
Бар сари симат ин савод чарост?
Посухи шоҳро сиголидам,
Рӯй дар пои шоҳ молидам.
Гуфтам:– «Эй дастгири ғамхорон,
Беҳтарини ҳама ҷаҳондорон,
Бар замин ёрие киро бошад,
К-осмонро ба теша битрошад.
Бозпурсидани ҳадиси ниҳуфт
Ҳам  ту донию ҳам тавонӣ гуфт».
Соҳиби ман маро чу маҳрам ёфт,
Лаълро суфту нофаро бишкофт.
Гуфт:– «Чун ман  дар ин ҷаҳондорӣ
Хӯ гирифтам ба меҳмондорӣ,

Аз баду нек ҳар киро дидам,
Саргузаште, ки дошт, пурсидам,
Рӯзе омад ғарибе аз сари роҳ,
Кафшу дастору ҷома – ҳар се сиёҳ.
Нузли ӯ чун ба шарт фармудам,
Хондаму ҳашматаш бияфзудам.
Гуфтам, эй ман нахонда номаи ту,
Сияҳ аз баҳри чист ҷомаи ту?»
Гуфт:– «Бигзор, аз ин сухан бигзар,
Ки зи симурғ кас надод хабар».
Гуфтамаш:– «Бозгӯ, баҳона магир,
Хабарам деҳ зи Қирвону зи қир».
Гуфт:– «Бояд ки дориям маъзур,
К-орзуест ин зи гуфтан дур.
З-ин сиёҳӣ хабар надорад кас,
Магар он, к-ин сиёҳ дораду бас».
Кардамаш лобаҳои пинҳонӣ,
Ман ироқию ӯ хуросонӣ.
Бо вай аз лоба ҳеҷ дарнагирифт,
Парда аз рӯи кор барнагирифт.
Чун зи ҳад рафт хостории ман,
Шармаш омад зи беқарории ман.
Гуфт:– «Шаҳрест дар вилояти Чин,
Шаҳре ороста чу хулди барин.
Номи он шаҳр Шаҳри Мадҳушон,
Таъзиятхонаи сияҳпӯшон.
Мардумоне ҳама ба сурати моҳ,
Ҳама чун моҳ дар паранди сиёҳ.
Ҳар кӣ з-он шаҳр бода нӯш кунад,
Он саводаш сиёҳпӯш кунад.
Он чи дар сарнибишти он салаб аст,
Гарчи нохонда, қиссае аҷаб аст.
Гар ба хун гарданам бихоҳӣ суфт,
Бештар з-ин сухан нахоҳам гуфт».
Ин сухан гуфту рахт бар хар баст,
Орзуи маро дар андарбаст,
Чун бар он достон ғунуд сарам,
Достонгӯй дур шуд зи барам.
Қиссагӯ  рафту қисса нопайдо,
Бими он буд, ки ман шавам шайдо.
Чанд аз ин қисса ҷустуҷӯ кардам,
Байдақ аз ҳар суе фурӯ кардам.

Беш аз он карда буд фарзинбанд,
Ки бар он қалъа баршавам ба каманд.
Додам андешаро ба сабр фиреб,
То шикебад, дилам надод шикеб.
Чанд пурсидам ошкору ниҳуфт,
Ин хабар кас чунон ки буд, нагуфт.
Оқибат мамлакат раҳо кардам,
Хеше аз хона подшо кардам.
Бурдам аз ҷомаву ҷавоҳиру ганҷ,
Он чи з-андеша боздорад ранҷ.
Номи он шаҳр бозпурсидам,
Рафтаму он чи хостам, дидам.
Шаҳре  ороста чу боғи Ирам,
Ҳар як аз мушк  баркашида алам.
Пайкари ҳар яке сапед чу шир,
Ҳама дар ҷомаи сиёҳ чу қир.
Дар сарое фурӯ ниҳодам рахт,
Барниҳодам зи ҷома тахт ба тахт.
Ҷустам аҳволи шаҳр то як сол,
Кас хабар вонадод аз он аҳвол.
Чун назар сохтам зи ҳар бобе,
Дидам озода марди қассобе.
Хубрӯю латифу оҳиста,
Аз бади ҳар касе забон баста.
Аз накӯию некроии ӯ
Роҳ ҷустам ба ошноии ӯ.
Чун ба ҳамсуҳбатӣ-ш пайвастам,
Ба кулаҳдорияш камар бастам.
Додамаш накдҳои рӯтоза,
Чизҳое бурун зи андоза.
Рӯз то рӯз қадраш афзудам,
Оҳанеро ба зар барандудам.
Кардамаш сайди хеш мӯй ба мӯй,
Гаҳ ба дебову гаҳ ба деборӯй.
Марди қасоб аз он зарафшонӣ
Сайди ман шуд чу гови  қурбонӣ.
Ончунон кардамаш ба додани ганҷ,
К-омад аз бори он хизона ба ранҷ.
Бурд рӯзе маро ба хонаи хеш,
Кард барге зи расму одат беш.
Аввалам хон ниҳоду х(в)ард овард,
Хидмате хуб дар навард овард.

Ҳар чӣ боист, буд бар хонаш,
Ба ҷуз аз орзуи меҳмонаш.
Чун зи ҳар гуна хӯрдҳо х(в)ардем,
Сухан аз ҳар даре фурӯ кардем.
Мизбон  чун зи кори хон пардохт,
Беш аз андоза пешкашҳо сохт.
Он чи ман додамаш, ба ҳам пайваст,
Пешам оварду узрхоҳ нишаст.
Гуфт:– «Чандин наварди гавҳару ганҷ
Барнасанҷида ҳеҷ гавҳарсанҷ.
Ман, ки қонеъ шудам ба андак суд,
Ин ҳама доданам зи баҳри чӣ буд?
Чист подоши ин худовандӣ?
Ҳукм кун, то кунам камарбандӣ.
Ҷон яке дорам, ар ҳазор бувад,
Ҳам дар ин каффа камъиёр бувад».
Гуфтам:– «Эй хоҷа, ин ғуломӣ чист?
Пухтатар пешам ой, хомӣ чист?
Дар тарозуи марди бофарҳанг
Ин муҳаққар чӣ вазн дораду санг?
Ба ғуломони дастпарвардам
Ба карашма ишорате кардам,
То давиданду аз хизонаи хос
Овариданд нақдҳои халос.
З-он гаронмоя нақдҳои дуруст
Беш аз он додамаш, ки буд нухуст.
Мард, к-огаҳ набуд зи нозиши ман,
Дар хиҷолат шуд аз навозиши ман.
Гуфт:– «Ман худ зи вомдории ту
Нарасидам ба ҳақгузории ту.
Додиям неъмате дигарбора,
Ҷои шарм аст, чун кунам чора?
Додаи ту на з-он ниҳодам пеш,
То руҷӯъ афтадат ба додаи хеш.
З-он ниҳодам, ки инчунин ганҷе
Набувад бе ҷазову поранҷе.
Чун ту бар ганҷ ганҷ афзудӣ,
Ман хиҷил гаштам, ар ту хушнудӣ.
Ҳоҷате гар ба банда ҳаст, биёр,
В-арна инҳо, ки додаӣ, бардор!»
Чун қавидил шудам ба ёрии ӯ,
Гаштам огаҳ зи дӯстдории ӯ,

Бозгуфтам бад-ӯ ҳикояти хеш,
Қиссаи шоҳию вилояти хеш,
К-аз чӣ маънӣ бад-ин тараф рондам,
Даст бар подшоҳӣ афшондам,
То бидонам, ки ҳар кӣ з-ин шаҳранд,
Чӣ сабаб, к-аш нишот бебаҳранд.
Бе мусибат ба ғам чаро кӯшанд,
Ҷомаҳои сияҳ чаро пӯшанд?»
Марди қассоб, к-ин сухан бишнид,
Гӯспанде шуду зи гург рамид.
Соате монд чун рамидадилон,
Дида бар ҳам ниҳода чун хиҷилон.
Гуфт:– «Пурсидӣ, он чи нест савоб,
Диҳамат, ончунон ки ҳаст ҷавоб.
Шаб чу анбар фишонд бар кофур,
Гашт мардум зи роҳи мардум дур.
Гуфт:– «Вақт аст, к-он чи мехоҳӣ,
Бинию ёбӣ аз вай огоҳӣ.
Хез, то бар ту роз бикшоям,
Сурати нонамуда бинмоям».
Ин сухан гуфту шуд зи хона бурун,
Шуд маро сӯи роҳ роҳнамун.
Ӯ ҳамешуд, мани ғариб аз пас
В-аз халоиқ набуд бо мо кас.
Чун парӣ, з-одамӣ бурид маро,
Сӯи вайронае кашид маро.
Чун дар он манзили хароб шудем,
Чун парӣ ҳар ду дар ниқоб шудем.
Сабаде буд дар расан баста,
Рафту овард пешам оҳиста.
Баста карда расан дар он паргор
Аждаҳое ба гирди саллаи мор.
Гуфт:– «Як дам дар ин сабад биншин,
Ҷилвае кун бар осмону замин.
То бидонӣ, ки ҳар кӣ хомӯш аст,
Аз чӣ маънӣ чунин сияҳпӯш аст.
Он чи пӯшида шуд зи неку бадат,
Нанамояд, магар ки ин сабадат».
Чун даме дидам аз халал холӣ,
Дарнишастам дар он сабад ҳолӣ.
Чун  танам дар сабад наво бигрифт,
Сабадам мурғ шуд, ҳаво бигрифт.

Ба тилисме, ки буд чанбарсоз,
Баркашидам ба чархи чанбарбоз.
Он расанкаш ба лимиёсозӣ,
Мани бечора дар расанбозӣ.
Шамъворам расан зи гардан руст,
Расанам сахт буду гардан суст.
Чун асире зи бахти худ маҳҷур
Расан аз гарданам намешуд дур.
Ман шудам бар хура ба гардани хурд,
Хари бахтам шуду расанро бурд,
Гарчи буд аз расан ба тоб танам,
Риштаи ҷон нашуд ҷуз он расанам.
Буд миле бароварида ба моҳ,
Ки забар диданаш фитод кулоҳ,
Чун расид он сабад ба мили баланд,
Расанамро гиреҳ расид ба банд.
Корсозам шуду маро бигзошт,
Кардам афғон басею суд надошт.
Зеру боло чу дар ҷаҳон дидам,
Хештанро бар осмон дидам,
Осмон бар сарам фусун хонда,
Ман муаллақ чу осмон монда.
З-он сиёсат, ки ҷон расид ба ноф,
Дида дар кор монд, заҳра шикоф.
Сӯи боло дилам надид далер,
Заҳраи он киро, ки бинад зер?
Дида бар ҳам ниҳодам аз сари бим,
Карда худро ба оҷизӣ таслим.
Дар пушаймонӣ аз фасонаи хеш,
Орзуманди хешу хонаи хеш,
Ҳеҷ судам на з-он пушаймонӣ,
Ҷуз худотарсию худохонӣ.
Чун баромад бар ин замоне чанд,
Бар сари он кашида мили баланд,
Мурғе омад, нишаст чун кӯҳе,
К-омадам з-ӯ ба дил - дар андӯҳе.
Аз бузургӣ, ки буд сар то пой,
Мил, гуфтӣ, даруфтод зи ҷой.
Пару боле чу шохҳои дарахт,
Пойҳо бар мисоли пояи тахт.
Чун сутуне кашида минқоре,
Бесутунею дар миён ғоре.

Ҳар дам оҳанги хорише мекард,
Хештанро гузорише мекард.
Ҳарпареро, ки гард меангехт,
Нофаи мушк бар замин мерехт.
Ҳар буни болро, ки мехорид,
Садафе рехт пур зи марворид.
Ӯ шуда бар сурини ман дар хоб,
Ман дар ӯ монда чун ғариқ дар об.
Гуфтам:– «Ар пои мурғро гирам,
Зери пой оварад чу нахчирам.
В-ар кунам сабр, ҷои пурхатар аст,
К-офатам зеру меҳнатам забар аст.
Бевафоӣ зи ноҷавонмардӣ
Кард бо ман даме бад-ин сардӣ.
Чӣ ғараз будаш аз шиканҷаи ман,
К-инчунин хурд кард панҷаи ман?
Магар асбоби ман зи роҳаш бурд,
Ба ҳалокам бад-ин сабаб биспурд.
Беҳ, ки дар пои мурғ печам даст,
З-ин хатаргаҳ бад-ин тавонам раст.
Чунки ҳангоми бонги мурғ расид,
Мурғу ҳар ваҳшие ки буд, рамид.
Дили он мурғ низ тоб гирифт,
Бол бар ҳам заду шитоб гирифт.
Даст бурдам ба эътимоди Худой,
В-он қавиболро гирифтам пой.
Мурғ по гирд карду бол кушод,
Хокиеро бар авҷ бурд чу бод.
З-аввали субҳ то ба нимаи рӯз
Ман сафарсозу ӯ мусофирсӯз.
Чун ба гармӣ расид тобиши меҳр,
Бар сари мо равона гашт сипеҳр.
Мурғ бо соя ҳамнишастӣ кард,
Андак-андак нишоти пастӣ кард.
То бад-он ҷой, к-аз чунон ҷое
То замин буд найзаболое.
Бар замин сабзае ба ранги ҳарир,
Лахлаха карда аз гулобу абир.
Ман бар он мурғ сад дуо кардам,
Пояш аз дасти худ раҳо кардам.
Уфтодам чу барқ бо дили гарм
Бар гуле нозуку гиёҳе нарм.

Соате нек  мондам афтода,
Дил ба андешаҳои бад дода.
Чун аз он мондагӣ баросудам,
Шукр кардам, ки беҳтарак будам.
Боз кардам назар ба одати хеш,
Дидам он ҷойгоҳро пасу пеш.
Равзае дидам, осмон замияш,
Норасида ғубори одамияш.
Сад ҳазорон гули шукуфта дар ӯ,
Сабза бедору об хуфта дар ӯ.
Ҳар гуле гуна-гуна аз ранге,
Бӯи ҳар гул расида фарсанге.
Зулфи сунбул ба ҳалқаҳои каманд
Карда ҷаъди қаранфулашро банд.
Лаби гулро ба гоз бурда суман,
Арғавонро забон бурида чаман.
Гард кофуру хок анбар буд,
Рег зар, санглох гавҳар буд.
Чашмаҳое равон ба сони гулоб,
Дар миёнаш ақиқу дурри хушоб.
Чашмае, к-ин ҳисори пирӯза
Карда з-ӯ обу  ранг дарюза.
Моҳиён дар миёни чашмаи об
Чун дирамҳои сим дар симоб.
Кӯҳе аз гарди ӯ зумуррадранг,
Бешаи кӯҳ сарву шоху хаданг.
Ҳама ёқути сурх буд сангаш,
Сурх гашта хадангаш аз рангаш.
Сандалу уд ҳар суе барпой,
Бод аз ӯ удсӯзу сандалсой.
Ҳур сар дар сиришташ оварда,
Саргазит аз биҳишташ оварда.
Ирам ороми дил ниҳодаш ном,
Хонда мину-ш чархи минуфом.
Ман, ки дарёфтам чунин ҷое,
Шод гаштам чу ганҷпаймое.
Аз накӯӣ дар ӯ аҷаб мондам,
Бар вай алҳамдулиллаҳе хондам.
Гирд баргаштам аз нишебу фароз,
Дидам он равзаҳои диданавоз.
Меваҳои лазиз мех(в)ардам,
Шукри неъмат падид мекардам.

Оқибат рахт бастам аз шодӣ
Зери сарве чу сарви озоде.
То шаб он ҷойгаҳ қарорам буд,
Нашудам, гар ҳазор корам буд.
Андаке хӯрдам, андаке хуфтам,
Дар ҳама ҳол шукр мегуфтам.
Чун шаб ороише дигаргун сохт,
Куҳле андӯхт, қирмизе андохт.
Бар сари кӯҳ меҳри тофта тофт,
Зуҳраи субҳ чун шукуфа шикофт.
Боде омад, зи раҳ фишонд ғубор,
Боде осудатар зи боди баҳор.
Абре омад чу абри найсонӣ,
Кард бар сабзаҳо дурафшонӣ.
Роҳ чун руфта гашту намзада шуд,
Ҳама роҳ аз бутон чу буткада шуд.
Дидам аз дур сад ҳазорон ҳур,
К-аз ман орому собирӣ шуд дур.
Як ҷаҳон-бар нигори нуронӣ,
Рӯҳпарвар чу роҳи райҳонӣ.
Ҳар нигоре ба сони тозабаҳор,
Ҳама дар дастҳо гирифта нигор.
Лаби лаъле чу лола дар бустон,
Лаълашон хунбаҳои Хузистон.
Дасту соъид пур аз алоқаи зар,
Гардану гӯш пур зи луълуи  тар.
Шамъҳое ба даст шоҳона,
Холӣ аз дуду гозу парвона.
Омаданд аз кашию раъноӣ
Бо ҳазорон ҳазор зебоӣ.
Бар сари он бутони ҳурсиришт
Фаршу тахте чу фаршу тахти биҳишт.
Фарш андохтанду тахт заданд,
Роҳи сабрам заданду сахт заданд.
Чун замоне бар ин гузашт на дер,
Гуфтӣ, омад маҳ аз сипеҳр ба зер.
Офтобе падид гашт зи дур,
К-осмон нопадид гашт зи нур.
Гирд бар гирди ӯ чу ҳуру парӣ
Сад ҳазорон ситораи саҳарӣ.
Сарв буд ӯ, канизакон чаманаш,
Ӯ гули сурху он бутон суманаш.

Ҳар шакарпора шамъе андар даст,
Шаккару шамъ хуш бувад пайваст.
Пурсиҳисарв гашт боғ ҳама,
Шаб чароғон бо чароғ ҳама.
Омад он бонуи ҳумоюнбахт,
Чун арӯсон нишаст бар сари тахт.
Олам осуда яксар аз чапу рост,
Чун нишаст ӯ, қиёмате бархост.
Паси як лаҳза чун нишаст ба ҷой,
Бурқаъ аз рух кушуду мӯза зи пой.
Шоҳе омад бурун зи торуми хеш,
Лашкари Руму Зангаш аз пасу пеш.
Румию зангияш чу субҳи дуранг
Размаи Рум доду базмаи Занг.
Тангчашме, зи тангчашмӣ дур,
Ҳама сарве зи хоку ӯ аз нур.
Буд лахте чу гул сарафканда,
Ба ҷаҳон оташе дарафканда.
Чун замоне гузашт, сар бардошт,
Гуфт бо маҳраме, ки дар бар дошт,
Ки зи номаҳрамони хокпараст
Менамояд, ки шахсе ин ҷо ҳаст.
Хезу баргард гирди ин паргор,
Ҳар кӣ пеш оядат, ба пеши ман ор».
Он паризода дарзамон бархост,
Чун парӣ мепарид аз чапу рост.
Чун маро дид, монд аз он ба шигифт,
Дастгирона дасти ман бигрифт.
Гуфт:– «Бархез, то равем чу дуд,
Бонуи бонувон чунин фармуд».
Ман бад-он гуфта ҳеҷ нафзудам,
К-орзуманди он сухан будам.
Пар гирифтам чу зоғ бо  товус,
Омадам то ба ҷилвагоҳи арӯс.
Пеш рафтам зи рӯи чолокӣ,
Хок бӯсидамаш мани хокӣ.
Хостам, то ба пой биншинам,
Дар сафи зер ҷой бигзинам.
Гуфт:– «Бархез, ҷой ҷои ту нест,
Пояи бандагӣ сазои ту нест.
Пеши чун ман ҳарифи меҳмондӯст
Ҷои меҳмон зи мағз беҳ, ки зи пӯст.

Хоса, хубию ошноназарӣ,
Дастпарварди роизи ҳунарӣ.
Бар сарир ою пеши ман биншин,
Созгор аст Моҳ бо Парвин».
Гуфтам:– «Эй бонуи фариштахӯй,
Бо чу ман банда ин ҳадис магӯй.
Тахти Билқис ҷои девон нест,
Марди он тахт ҷуз Сулаймон нест.
Ман, ки деве шудам биёбонӣ,
Чун кунам даъвии сулаймонӣ?»
Гуфт:– «Н-орад баҳо, баҳона магир,
Бо фусунхандае фасона магир.
Ҳама ҷой они тусту ҳукм турост,
Лек бо ман нишаст бояду хост.
То шавӣ огаҳ аз ниҳонии ман,
Бахра ёбӣ зи меҳрбонии ман».
Гуфтамаш:– «Ҳамсари ту сояи туст,
Тоҷи ман хоки тахтпояи туст».
Гуфт:– «Савгандҳо ба ҷону сарам,
Ки барои яке замон ба барам,
Меҳмони манӣ ту, эй сарамард,
Меҳмонро азиз бояд кард».
Чун ба ҷуз бандагӣ надидам рой,
Истодам чу бандагон бар пой.
Ходиме дасти ман гирифт ба ноз,
Бар сарирам нишонду омад боз.
Чун нишастам бар он сарири баланд,
Моҳ дидам, гирифтамаш ба каманд.
Бо ман он маҳ ба хушзабониҳо
Кард бисёр меҳрбониҳо.
Пас бифармуд, к-оваранд ба пеш,
Хону хӯрде, зи шарҳ додан беш.
Хон ниҳоданд хозинони биҳишт,
Хӯрдҳое ҳама абирсиришт.
Хон зи пирӯза, коса аз ёқут,
Дидаро з-ӯ насибу ҷонро қут.
Ҳар чӣ андеша дар гумон овард,
Матбахӣ рафту дар миён овард.
Чун фароғат расидамон аз х(в)ард
Аз ғизоҳои гарму шарбати сард,
Мутриб омад, равона шуд соқӣ,
Шуд тарабро баҳона дар боқӣ.

Ҳар насуфтадуре дуре месуфт,
Ҳар тарона таронае мегуфт.
Рақс майдон кушоду доира баст,
Пар даромад ба пою пӯя ба даст.
Шамъро сохтанд бар сар ҷой
В-истоданд ҳамчу шамъ ба пой.
Чун зи по кӯфтан баросуданд,
Дастбурде ба бода бинмуданд.
Шуд ба додан шитоби соқӣ гарм,
Баргирифт аз миён виқояи шарм.
Ман ба нерӯи ишқу узри шароб
Кардам онҳо, ки ратлиёни хароб.
В-он шакарлаб зи рӯи дамсозӣ
Бозгуфте накард аз он бозӣ.
Чунки дидам ба меҳри худ  рояш,
Уфтодам чу зулф дар пояш.
Бӯса бар пои ёри хеш задам,
То «макун» беш гуфт, беш задам,
Мурғи уммед барнишаст ба шох,
Гашт майдони гуфтугӯй фарох.
Ишқ мебохтам ба бӯсу ба май
Ба дилею ҳазор ҷон бо вай.
Гуфтамаш:– «Дилписанди коми ту чист?
Номдорӣ-т ҳаст, номи ту чист?
Гуфт:– «Ман турки нозанинандом,
Нозанин Турктоз дорам ном».
Гуфтам:– «Аз ҳамдамию ҳамкешӣ
Номҳоро ба ҳам бувад хешӣ.
Турктоз аст номат, ин аҷаб аст,
Турктозӣ маро ҳамин лақаб аст.
Хез, то турквор дартозем,
Ҳиндувонро дар оташ андозем.
Қути ҷон аз маи  муғона кунем,
Нуқлу май нӯши ошиқона кунем.
Чун маи талху нуқли ширин ҳаст,
Нуқл бар хон ниҳему май бар даст».
Ёфтам аз карашма дастурӣ,
К-аз миён дур гардад он дурӣ.
Ғамза мегуфт:– Вақти бозии туст,
Хон, ки давлат ба корсозии туст.
Ханда медод дил, ки вақт х(в)аш аст,
Бӯса бистон, ки ёр нозкаш аст.

Чунки бар ганҷи бӯса борам дод,
Ман яке хостам, ҳазорам дод.
Гарм гаштам, чунон ки гардад маст,
Ёр дар дасту рафта кор аз даст.
Хунам андар ҷигар ба ҷӯш омад,
Моҳро бонги хун ба гӯш омад.
Гуфт:– «Имшаб ба бӯса қонеъ бош,
Беш аз ин ранги осмон матарош.
Ҳар чӣ з-ин бигзарад, раво набвад,
Дӯст он беҳ, ки бевафо набвад.
То бувад дар ту сокинӣ барҷой,
Зулфи каш гоз гиру бӯса рабой.
Чун бад-он ҷо расӣ, ки натвонӣ,
К-аз табиат инон бигардонӣ.
З-ин канизон, ки ҳар яке моҳест,
Шаби ушшоқро саҳаргоҳест.
Он ки дар чашм хубтар ёбӣ,
В-орзуро дар ӯ назар ёбӣ,
Ҳукм кун, к-аз худаш кунам холӣ,
Зери ҳукми ту орамаш ҳолӣ.
То ба мавлоият камар бандад,
Ба шабистони хос пайвандад.
Кунадат дилбарию дилдорӣ,
Ҳам арӯсию ҳам парасторӣ.
Оташатро зи ҷӯш биншонад,
Обе аз баҳри ҷӯи мо монад.
Гар дигар шаб арӯси нав хоҳӣ,
Диҳамат бар муроди худ шоҳӣ.
Ҳар шабат з-ин яке гуҳар бахшам,
Гар дигар боядат, дигар бахшам».
Ин сухан гуфту чун аз он пардохт,
Мушфиқӣ карду меҳрбонӣ сохт.
Дар канизони худ ниҳонӣ дид,
Он ки дархурди меҳрбонӣ дид,
Пеш хонду ба ман супурд ба ноз,
Гуфт:– «Бархезу ҳар чӣ хоҳӣ, соз!»
Моҳи бахшида дасти ман бигрифт,
Ман дар он моҳрӯй монда шигифт,
К-аз шигарфию дилбарию кашӣ
Буд ёре сазои нозкашӣ.
Ӯ ҳамерафту ман ба дунболаш,
Бандаи зулфу ҳиндуи холаш,

То расидам ба боргоҳе чуст,
Дарнашуд, то маро набурд нахуст.
Чун дар он қасри тангбор шудем,
Чун баму зер созгор шудем.
Дидам афканда бар бисоти баланд
Хобгоҳе зи парниёну паранд.
Шамъҳои бисоти базмафрӯз
Ҳама ёқутсозу анбарсӯз.
Сар ба болину бистар овардем,
Ҳар ду барҳо ба бар даровардем.
Ёфтам хирмане чу гул дар бед,
Нозуку нарму гарму сурху сапед.
Садафе муҳрбаста бар сари ӯ,
Муҳр бардоштам зи гавҳари ӯ.
Буд то гоҳи рӯз дар бари ман,
Пур зи кофуру мушк бистари ман.
Гоҳи рӯз ӯ чу бахти ман бархост,
Сози гармоба кард як-як рост.
Ғуслгоҳам ба обдоне кард,
К-аз гуҳар сурх буду аз зар зард.
Хештанро ба оби гул шустам,
Дар кулоҳу камар чу гул рустам.
Омадам з-он нишотгоҳ бурун,
Буд як-як ситора бар гардун.
Дархазидам ба гӯшае холӣ,
Фарзи Эзид гузордам ҳолӣ.
Он арӯсону луъбатони сарой
Ҳама рафтанду кас намонд ба ҷой.
Ман бар он сабза монда чун гули зард
Бар лаби марғзору чашмаи сард.
Сар ниҳодам, хумори май дар сар
Бар гили хушк бо кулолаи тар.
Хуфтам аз вақти субҳ то гаҳи шом,
Бахт бедору хоҷа хуфта ба ком.
Оҳуи шаб чу гашт нофакушой,
Садафе шуд сипеҳри ғолиясой.
Сар баровардам аз амории хоб,
Бинишастам чу сабза бар лаби об.
Омад он абру бод чун шаби дӯш,
Ин дурафшону он абирфурӯш.
Бод меруфту абр меафшонд,
Ин суман кошт в-он бунафша нишонд.

Чун шуд он марғзор анбарбӯй,
Оби гул сар ниҳод ҷӯй ба ҷӯй.
Луъбатон омаданд ишратсоз,
Осмон боз гашт луъбатбоз.
Тахте аз тахтаи зар оварданд,
Тахтпӯше зи гавҳар оварданд.
Чун шуд ангехта сарири баланд,
Баста шуд бар сараш бисоти паранд,
Базме оростанд султонӣ,
Зевари базм ҷумла нуронӣ,
Шӯру ошӯбе аз ҷаҳон бархост,
Омаданд он ҷамоат аз чапу рост.
Дар миён он арӯси яғмоӣ
Бурда аз ошиқон шикебоӣ.
Бар сари тахт шуд, қарор гирифт,
Тахт аз ӯ ранги навбаҳор гирифт.
Боз фармуд, то маро ҷустанд,
Номам аз лавҳи ғоибон шустанд.
Рафтаму бар сарир хондандам,
Ҳам ба ойини худ нишондандам.
Ҳам ба тартибу соз рӯзи дигар
Хон ниҳоданду хӯрдҳо бар сар.
Ҳар абое, ки дархурад ба бисот,
В-оварад дар хуранда ранги нишот,
Сохтанд螺 чунон, ки бояд сохт,
Чунки ҳар кас аз он хуриш пардохт.
Май ниҳоданду чанг сохта шуд,
Аз задан рудҳо навохта шуд.
Нӯши соқию ҷоми нӯшгувор
Гармтар кард ишқро бозор.
Дар сар омад нишоти сармастӣ,
Ишқ бо бода кард ҳамдастӣ.
Турки ман раҳмат ошкоро кард,
Ҳандуи хешро мудоро кард.
Рағбат ангехт дар навохтанам,
Меҳрбон шуд ба кор сохтанам.
Кард шакле ба ғамза бо ёрон,
То шуданд аз бараш парасторон.
Хилватеончунону ёре нағз,
Тобам аз дил даруфтод ба мағз.
Даст бурдам чу зулф дар камараш,
Даркашидам чу ошиқон ба бараш.

Гуфт:– «Ҳон, вақти беқарорӣ нест,
Шаб шаби зинҳорхорӣ нест.
Гар қаноат кунӣ ба шаккару қанд,
Гоз мегиру бӯса дармебанд.
Ба қаноат касе, ки шод бувад,
То бувад, муҳташамниҳод бувад.
В-он ки бо орзу кунад хешӣ,
Уфтад оқибат ба дарвешӣ».
Гуфтамаш:– «Чора кун зи баҳри Худой,
К-обам аз сар гузашту хор аз пой.
Ҳаст занҷир зулфи чун қират,
Ман зи девонагони занҷират.
Дар ба занҷир кун, туро гуфтам,
То чу занҷириён наёшуфтам.
Шаб ба охир расиду субҳ дамид,
Сухани мо ба охире нарасид.
Гар кушӣ, ҷонам аз ту  нест дареғ,
Инак-инак сар, онак-онак теғ.
Ин ҳама сар кашидан аз паи чист,
Гул нахандид, то ҳаво нагирист.
Ҷӯи обию оби ҷӯят ман,
Хокию оби дастшӯят ман.
Ташнаеро, ки ӯ гулӯдеҳи туст,
Об дардеҳ, ки об дар деҳи туст.
Надиҳӣ оби ман, бақои ту бод!
Оби ман низ хоки пои  ту бод!
Хокиеро бигир, к-обе бурд,
Обҷӯе дар обҷӯӣ мурд.
Қатраеро ба ташнагӣ магудоз,
Ташнаеро ба қатрае бинавоз.
Рутабе дарфитода гир ба шир,
Сӯзане рафта дар миёни ҳарир,
Гар ҷуз ин аст кор, то хезам,
Хок дар чашми орзу резам.
Мурғе, ангоштам, нишасту парид,
На хар афтода шуд, на хик дарид».
Посухам дод, к-имшабе х(в)аш бош,
Наъли Шабдиз, гӯ, дар оташ бош.
Гар шабе з-ин хаёл гардӣ дур,
Ёбӣ аз шамъи ҷовидонӣ нур.
Чашмаеро ба қатрае мафрӯш,
К-ин ҳама неш дорад, он ҳама нӯш.

Дари худ бар як орзу дарбанд,
Ҳамасола ба хуррамӣ механд.
Бӯса мегиру зулф меандоз,
Нард, рав, бо канизакон мебоз.
Боғ дорӣ, ба тарки боғ магӯй,
Мурғ бо туст, шири мурғ маҷӯй.
Коми дил ҳасту комронӣ ҳаст,
Дар хиёнатгарӣ чӣ орӣ даст?!
Имшабе бо шикеб созу макӯш,
Дил бинеҳ бар вазифаи шаби дӯш.
Ман аз ин поя чун ба зер оям,
Ҳам ба даст оям, арчи дер оям.
Моҳӣ аз ҳавза ар ба шаст орӣ,
Моҳро дертар ба даст орӣ».
Чун гарон дидамаш дар он бозӣ,
Кардам оҳистагию дамсозӣ.
Дил ниҳодам ба бӯсае чу шакар,
Рӯза бастам ба рӯзҳои дигар.
Аз сари ишва бода мех(в)ардам,
Бар сари тоба сабр мекардам.
Боз табкардаро даромад тоб,
Рағбатам тоза шуд ба бӯсу шароб.
Чун дигарбора турки дилкаши ман
Дар ҷигар дид ҷӯши оташи ман,
Кард аз он лӯъбатон якеро соз,
К-ояду оташам нишонад боз.
Ёре, алҳақ, чунон ки дил хоҳад,
Дил ҳама чиз мӯътадил хоҳад.
Хушдил он шуд, ки бошадаш ёре,
Гар бувад кочкӣ чунон боре.
Рафтам он шаб, чунон ки одат буд,
В-он шабам коми дил зиёдат буд.
То гаҳи рӯз қанд мех(в)ардам,
Бо парӣ дастбанд мекардам.
Рӯз чун ҷома кард гозуршӯй,
Рангразвор шаб шикаст сабӯй.
Он ҳама рангҳои дидафиреб
Дур гашт аз бисоти зинату зеб.
Дар таманно, ки чун шаб ояд боз,
Май хурам бо бутони Чину Тароз.
Зулфи турке бароварам ба камар,
Дилнавозе дароварам ба ҷигар.

Гаҳ хурам бо шакарлабе ҷоме,
Гаҳ барорам зи гулрухе коме.
Чун шаб омад, ғараз муҳайё буд,
Маснадам бартар аз Сурайё буд,
Чанд гоҳ инчунин ба руду ба май
Ҳар шабам айш буд пай дар пай.
Аввали шаб назорагоҳам нур,
В-охири шаб ҳамошёнам ҳур.
Рӯз будам ба боғу шаб ба биҳишт,
Хок мушкину хона зарринхишт.
Будам иқлими хушдилиро шоҳ,
Рӯз бо офтобу шаб бо моҳ.
Ҳеҷ коме на, к-он набуд маро,
Бахти ман буд, к-он намуд маро.
Чун дар он неъматам набуд сипос,
Ҳаққи неъмат зиёда шуд зи қиёс,
Варақ аз ҳарфи хуррамӣ шустам,
К-аз зиёдат зиёдатӣ ҷустам.
Чун ба сӣ шаб расид ваҷдаи моҳ,
Шаб ҷаҳон бар ситора кард сиёҳ.
Анбарин турраи сарои сипеҳр
Турраи моҳ даркашид ба меҳр.
Абру боде, ки омадӣ з-он пеш,
Тоза карданд тозарӯии хеш.
Шӯрише боз дар ҷаҳон афтод,
Бонги зевар ба осмон афтод.
В-он канизон ба расми пешина
Себ дар дасту нор дар сина.
Омаданд, он сарир бинҳоданд,
Ҳалқа бастанду ҳалқ бикшоданд.
Омад он моҳи офтобнишон,
Дар бар афканда зулфи мушкфишон.
Шамъҳо пешу пас ба одати хеш
Пас раҳо кун, ки шамъ бошад пеш.
Бо ҳазорон ҳазор зинату ноз
Бар сари базмгоҳи худ шуд боз.
Мутрибон пардаро наво бастанд,
Пардадорон ба кор биншастанд.
Соқиён сирфи арғавониранг
Рост карданд бар тараннуми чанг.
Шоҳи шаккарлабон чунон фармуд,
К-оваред он ҳарифи моро зуд.

Боз хубон ба ноз бурдандам,
Ба худованди худ супурдандам.
Чун маро дид, меҳрбон бархост,
Кард бар дасти рост ҷоям рост.
Хидматаш кардаму нишастам шод,
Орзуи гузашта омад ёд.
Хон ниҳоданд боз бар тартиб,
Беш аз андоза хӯрдҳои ғариб.
Чун зи хонреза хӯрда шуд рӯзӣ,
Май даромад ба маҷлисафрӯзӣ.
Аз кафи соқиёни дарёкаф
Дурфишон гашт комҳои садаф.
Ман дигарбора гашта волаву маст,
Зулфи ӯ чун расан гирифта ба даст.
Боз девонам  аз расан растанд,
Мани девонаро расан бастанд.
Анкабуте шудам зи таннозӣ,
В-он шаб омӯхтам расанбозӣ.
Шефтам чун харе, ки ҷав бинад,
Ё чу саръӣ, ки моҳи нав бинад.
Ларз-ларзон чу дузди ганҷпараст
Дар камаргоҳи ӯ кашидам даст.
Даст бар сими сода месудам,
Сахт мегашту суст мебудам.
Чун чунон дид моҳи зебочеҳр,
Даст бар дасти ман ниҳод ба меҳр
Бӯса зад дастам он ситезаи ҳур,
То зи ганҷина даст кардам дур.
Гуфт «Бар ганҷи баста даст маёз,
К-аз ғараз кӯтаҳ аст дасти дароз.
Муҳр бардоштан зи кон натвон,
К-он ба муҳр аст, чун тавон, натвон.
Сабр кун, к-они туст хурмобун,
То ба хурмо расӣ, шитоб макун.
Бода мехур, ки худ кабоб расад,
Моҳ мебин, ки офтоб расад».
Гуфтам:– «Эй офтоби гулшани ман,
Чашмаи нуру чашми равшани ман,
Субҳи рӯят дамида чун гули боғ,
Чун намирам баробарат чу чароғ?
Менамоӣ ба ташна оби шакар,
Гӯӣ он гаҳ, ки лаб бидӯзу мах(в)ар.

Чун даромад рухат ба ҷилвагарӣ,
Ақл девона шуд, ки дид парӣ.
Наълаки гӯшро чу кардӣ соз,
Наъл дар оташам фикандӣ боз.
Бо шабехуни моҳ чун кӯшам,
Офтобе ба зарра чун пӯшам?
Даст чун дорамат, ки дар дастӣ,
Андуҳе нестам, чу ту ҳастӣ.
Аз заминӣ ту, ман ҳам аз замиям,
Гар ту ҳастӣ парӣ, ман одамиям.
Лаб ба дандон газиданам то чанд,
В-оби дандон мазиданам то чанд?
Чорае кун, ки ғамрасида касам,
То як имшаб ба коми дил бирасам.
Баски ҷонам ба лаб расида зи дард,
Бӯсаи гарм деҳ, мадеҳ дами сард.
Бахтам аз ёрии ту кор кунад,
Ёрии бахт бахтёр кунад.
Гӯӣ:– «Андуҳ махур, ки ёри туам,
Кори худ кун, ки ман ба кори туам».
Кор аз ин саъбтар, ки бор афтод,
Ворахон, ворахон, ки кор афтод.
Гарчи оҳусуринӣ, эй дилбанд,
Хоби харгӯш доданам то чанд?
Тарсам, ин пиргурги рӯбаҳбоз
Гургию рӯбаҳӣ кунад оғоз.
Шергирона сӯи ман тозад,
Чун паланге ба зерам андозад.
Орзуҳост, бо ту бигзорам,
К-орзуи худ аз ту бардорам.
Гар дари орзу-м дарбандӣ,
Мирам имшаб дар орзумандӣ.
Ноз мекаш, ки нози меҳмонон
Тоҷдорон кашанду султонон.
Чун шикебам намонд, дигар бор
Гуфт:– «Чунин кунам, ту даст бидор.
Нози ту гар ба ҷон бувад, бикашам,
Гар ту аз Халлухӣ, ман аз Ҳабашам.
Чӣ маҳал пеши чун ту меҳмоне
Пешкаш кардан инчунин хоне?!
Лекин ин орзу, ки мегӯӣ,
Дер ёбию зуд меҷӯӣ.

Гар барояд биҳиште аз хоре,
Ояд аз чун мане чунин коре.
В-агар аз  бед бӯи уд ояд,
Аз ман ин кор дар вуҷуд ояд.
Биситон, ҳар чӣ аз манат ком аст,
Ҷуз яке орзу, ки он хом аст.
Рух  туро, лаб турову сина туро,
Ҷуз дуре он дигар хазина туро.
Гар бад-ин кардаӣ, шабат беш аст,
Инчунин шаб ҳазор дар пеш аст.
Чун шудӣ гармдил зи бодаи хом,
Соқие бахшамат чу моҳи  тамом,
То аз ӯ коми хеш бардорӣ,
Домани ман зи даст бигзорӣ».
Чун фиреби забони ӯ дидам,
Гӯш кардам, валек нашнидам.
Чанд кӯшидам аз сукунату шарм,
Оҳанам тез буду оташ гарм.
Бахтам аз дур гуфт, к-эй нодон,
Лайса қарят варои аббодон».
Мани хом аз зиёдатандешӣ
Ба камӣ уфтодам аз бешӣ.
Гуфтам:– «Эй сахт карда кори маро,
Бурда якборагӣ қарори маро.
Сад ҳазор одамӣ дар ин ғам мурд,
Ки суи ганҷ роҳ донад бурд.
Ман, ки поям фурӯ шудаст ба ганҷ,
Даст чун дорам, арчи бинам ранҷ?
Нест мумкин, ки то даме дорам,
Сари зулфат зи даст бигзорам.
Ё бар ин тахт шамъи ман бифрӯз,
Ё чу тахтам  ба чормех бидӯз!
Ё бар ин натъ рақс кун, бархез,
Ё дигар натъ хоҳу хунам рез!
Дилу ҷонию ҳушу биноӣ,
Аз ту чун бошадам шикебоӣ?
Ғаразе, к-аз ту дилситон ёбам,
Ройгон аст, агар ба ҷон ёбам.
Кист, к-ӯ ганҷи ройгон нахарад,
В-орзуе чунон ба ҷон нахарад?!
Шамъвор имшабе барафрӯзам,
К-аз ғамат чун чароғ месӯзам.

Сӯзи ту зинда дорадам чу чароғ,
Зинда бо сӯзу мурда ҳаст ба доғ.
Офтоб ар бигардад аз сари сӯз,
Тангрӯзӣ шавад зи тангии рӯз.
Ин на ком аст, к-аз ту меҷӯям,
Хобе аз баҳри хеш мегӯям.
Мағзи ман хуфта шуд, дар ин чӣ шакест,
Хуфтаву мурда, балки ҳар ду якест.
Гар на чашмам рухи туро дидӣ,
Инчунин хобҳо куҷо дидӣ?!
Гар бар онӣ, ки хуни ман резӣ,
Тез шав, ҳон,  ки хун кунад тезӣ».
В-он гаҳ аз ҷӯши хуну оташи мағз
Ҳамла бурдам бар он шукуфаи нағз.
Дари ганҷинаро гирифтам зуд,
То кунам лаълро ақиқомуд.
З-орзуе чунон ки буд, надошт,
Лобаҳо карду ҳеҷ суд надошт.
Дар сабурӣ бад-он наволаи нӯш
Маҳл мехост, ман накардам гӯш.
Хӯрд савганд, к-ин хазина турост,
Имшаб уммеду коми дил фардост.
Имшабе бар умеди ганҷ бисоз,
Шаби фардо хазина мепардоз.
Сабр кардан шабе муҳоле нест,
Охир, имшаб шабест, соле нест.
Ӯ ҳамегуфту ман чу дашнаи тез
Дар камар карда даст кӯровез.
Хоҳише, к-ӯ зи баҳри худ мекард,
Хоришамро яке ба сад мекард.
То бад-ин ҷо расид, к-аз чустӣ
Додам он банди бастаро сустӣ.
Чунки дид ӯ ситезакории ман,
Ношикебию беқарории ман,
Гуфт:– «Як лаҳза дидаро дарбанд,
То кушоям дари хазинаи қанд.
Чун кушодам, бар он чи дорӣ рой,
Дар барам гиру дидаро бикшой».
Ман ба ширинии баҳонаи ӯ,
Дида барбастам  аз хизонаи ӯ.
Чун яке лаҳза муҳлаташ додам,
Гуфт:– «Бикшой дида!» Бикшодам.

Кардам оҳанг бар умеди шикор,
То дарорам арӯсро ба канор.
Чунки сӯи арӯси х(в)ад дидам,
Хештанро дар он сабад дидам.
Ҳеҷ кас гирди ман на аз зану мард
Мӯнисам оҳи гарму боде сард.
Монда чун сояе зи тобиши нур,
Турктозе зи турктозии дур.
Ман дар ин васваса, ки зери сутун
Ҷунбише з-он сабад кушод сукун.
Омад он ёру з-он равоқи баланд
Сабадамро расан кушод зи банд.
Бахт чун аз баҳона сер омад,
Сабадам з-он сутун ба зер омад.
Он ки аз ман канора карду гурехт,
Дар канорам гирифту узр ангехт.
Гуфт:– Агар гуфтаме туро сад сол,
Боварат н-омадӣ ҳақиқати ҳол.
Рафтию дидӣ, он чи буд ниҳуфт,
Инчунин қисса бо кӣ шояд гуфт?
Ман дар ин ҷӯши гарм ҷӯшидам,
В-аз тазаллум сиёҳ пӯшидам».
Гуфтамаш, к-эй чу ман ситамдида,
Рои ту пеши ман писандида.
Ман-ситамдидаро ба хомӯшӣ
Ногузир аст аз ин сияҳпӯшӣ.
Рав, паранди сиёҳ наздам ор»,
Рафту овард пеши ман шаби тор.
Дар сар афкандам он паранди сиёҳ,
Ҳам дар он шаб басеч кардам роҳ,
Сӯи шаҳри худ омадам дилтанг,
Ба худ афканда аз сиёҳӣ ранг.
Ман, ки шоҳи сиёҳпӯшонам,
Чун сиёҳабр аз он хурӯшонам,
К-аз чунон пухтаорзуи баком
Дур гаштам ба орзуе хом».
Чун худованди ман зи рози ниҳуфт
Ин ҳикоят ба пеши ман баргуфт,
Ман, ки будам дирамхаридаи ӯ,
Баргузидам ҳамон гузидаи ӯ.
Бо Сикандар зи бахри Оби Ҳаёт
Рафтам андар сиёҳии зулмот.

Дар сиёҳӣ шукӯҳ дорад моҳ,
Чатри султон аз он кунанд сиёҳ.
Ҳеҷ ранге беҳ аз сиёҳӣ нест,
Доси моҳӣ чу пушти моҳӣ нест.
Аз ҷавонӣ бувад сияҳмӯӣ,
В-аз сиёҳӣ бувад ҷавонрӯӣ.
Ба сиёҳӣ басар ҷаҳон бинад,
Чиркинӣ бар сиёҳ наншинад.
Гар на сайфури шаб сиёҳ шудӣ,
Кай сазовори маҳди моҳ шудӣ?
Ҳафт ранг аст зери ҳафт авранг,
Нест болотар аз сиёҳӣ ранг.
Чунки бонуи Ҳинд бо Баҳром
Боз пардохт ин фасона тамом,
Шаҳ бар он гуфта офаринҳо гуфт,
Дар канораш гирифту шод бихуфт.

## НИШАСТАНИ БАҲРОМ РӮЗИ ЯКШАНБЕ ДАР ГУНБАДИ ЗАРД ВА АФСОНА ГУФТАНИ ДУХТАРИ ПОДШОҲИ ИҚЛИМИ ДУВУМ

Чун гиребони кӯҳу домани дашт
Аз тарозуи субҳ пурзар гашт,
Рӯзи якшанбе он чароғи ҷаҳон
Зери зар шуд чу офтоб ниҳон.
Ҷоми зар баргирифт чун Ҷамшед,
Тоҷи зар барниҳод чун хуршед.
Баст чун зардгул ба раъноӣ
Каҳрабо бар нигини сафроӣ.
Зарфишонон ба зардгунбад шуд,
То яке хушдилиш дар сад шуд.
Хуррамиро дар ӯ ниҳод бино
Ба нишоти маю навои ғино.
Чун шаб омад, на шаб, ки хиҷлаи ноз
Пардаи ошиқони хилватсоз.
Шаҳ бад-он шамъи шаккарафшон гуфт,
То кунад лаъл бо табарзад ҷуфт.
Хост, то созад аз ғиносозӣ
Дар чунон гунбаде хушовозӣ.
Чун зи фармони шаҳ гузир набуд,
Узри боноз дилпазир набуд.

Гуфт румиарӯси чининоз
К-эй худованди Руму Чину Тароз,
Ту шудӣ зиндадори ҷони мулук,
Иззи нусрат, худойгони мулук.
Ҳар кӣ ҷуз бандагит рой кунад,
Сари худро сабили пой кунад».
Чун дуоро гузорише сара кард,
Дами худро бахури миҷмара кард.

## АФСОНА

Гуфт:– «Шаҳре зи шаҳрҳои Ироқ
Дошт шоҳе зи шаҳрёрон тоқ.
Офтобе ба оламафрӯзӣ,
Хуб чун навбаҳори наврӯзӣ.
Аз ҳунар ҳар чӣ дар шумор ояд,
В-он ҳунармандро ба кор ояд.
Дошт бо он ҳама ҳунармандӣ,
Дил ниҳод аз ҷаҳон ба хурсандӣ.
Хонда буд аз ҳисоби толиъи хеш,
К-аз занонаш хусумат ояд пеш.
Зан намехост аз чунон хатаре,
То набинад балову дарди саре.
Ҳамчунон муддате ба танҳоӣ
Сохт бо яктанию яктоӣ.
Чора он шуд, ки чору ночораш
Меҳрбонӣ бувад сазовораш.
Чанд гуна канизи хуб харид,
Хидмати кас сазои хеш надид.
Ҳар яке то ба ҳафтае каму беш
Пой берун ниҳодӣ аз ҳади хеш.
Сар барафрохтӣ ба хотунӣ,
Хостӣ ганҷҳои қорунӣ.
Буд дар хона кӯжпуште пир,
Зане аз аблаҳони аблаҳгир.
Ҳар канизе, ки шаҳ харидӣ зуд,
Пирзан дар газоф дидӣ суд.
Хондӣ он навхаридаро аз ноз
Бонуи Руму нозанини Тароз.
Чун каниз он ғурур дидӣ беш,
Бозмондӣ зи расми хидмати хеш.

Эй басо булфузул, к-аз ёрон
Оварад кибр дар парасторон.
Манҷаникҷе бувад ба зевару зеб
Хонавайронкуни аёлфиреб.
Шоҳ чандон ки ҷаҳд беш намуд,
Як канизак ба ҷои хеш набуд.
Ҳар киро ҷомае зи меҳр бидӯхт,
Чунки бадмеҳр дид, боз фурӯхт.
Шоҳ бас к-аз канизакон шуд дур,
Ба канизакфурӯш шуд машҳур.
Аз бурун ҳар касе ҳисобе сохт,
Кас даруни ҳисобро нашнохт.
Шаҳ зи бас ҷустуҷӯй тофта шуд,
Бемуродӣ, ки боз ёфта шуд.
На зи бетолеӣ ба зан биштофт,
На канизе чунон ки бояд, ёфт.
Даст аз олудадоманон мешуст,
Покдоман ҷамилае меҷуст.
То яке рӯз марди бардафурӯш
Бардахар шоҳро расонд ба гӯш,
К-омадаст аз баҳорхонаи Чин
Хоҷае бо ҳазор ҳурулъин.
Даст нокарда чанд гуна каниз
Халлухӣ дораду хитоӣ низ.
Ҳар як аз чеҳра оламафрӯзе,
Меҳрсозею меҳрбонсӯзе.
Дар миёна канизаке чу парӣ,
Бурда нур аз ситораи саҳарӣ.
Суфтагӯше чу дурри носуфта,
Дурфурӯшаш баҳо ба ҷон гуфта.
Лаб чу марҷон, валек луълубанд,
Талхпосух, валек ширинханд.
Чун шакаррез ханда бикшояд,
Хок то солҳо шакар хояд.
Гарчи хонаш наволаи шакар аст,
Халқро з-ӯ наволаи ҷигар аст.
Ман, ки ин шуғлро пазира шудам,
З-он руху зулфу хол хира шудам.
Гар ту низ он ҷамолу дилбандӣ
Бингарӣ, фориғам, ки бmatch
Шоҳ фармуд, к-оварад наххос
Бардагонро ба шоҳи бардашинос.

Рафта оварду шоҳ дар ҳама дид,
Бо фурӯшанда кард гуфтушунид.
Гарчи ҳар як ба чеҳра моҳе буд,
Он ки наххос гуфт, шоҳе буд.
З-он чи гӯянда дода буд хабар,
Хубтар буд дар писанди назар.
Бо фурӯшанда гуфт шоҳ:– «Бигӯй,
К-ин канизак чӣ гуна дорад хӯй?
Гар бад-ӯ рағбате кунад роям,
Ҳар чӣ хоҳӣ баҳо, бияфзоям».
Хоҷаи Чин кушода кард забон,
Гуфт, к-ин нӯшбахши нӯшлабон
Ҷуз яке хӯи зишт в-он на накӯст,
К-орзухоҳро надорад дӯст.
Ҳар чӣ бояд зи дилбарию ҷамол,
Ҳама дорад, чунон ки бинӣ ҳол.
Ҳар кӣ аз ман харад ба сад нозаш,
Бомдодон ба ман диҳад бозаш,
К-оварад вақти орзухоҳӣ
Орзухоҳро ба ҷонкоҳӣ.
В-он ки бо ӯ микос беш кунад,
Зуд қасди ҳалоки хеш кунад.
Бадписанд омадаст хӯи каниз,
Ту, шунидам, ки бадписандӣ низ.
Ӯ чунину ту ончунон, бигзор,
Созгорӣ куҷо бувад дар кор?
Аз ман ӯро харида гир ба ноз,
Дода гирам чу дигаронаш боз.
Беҳ, ки аз байъи ӯ бидорӣ даст,
Бинӣ он дигарон, ки лоиқ ҳаст.
Ҳар кӣ табъат бад-ӯ шавад хушнуд,
Бе баҳо дар ҳарам фиристаш зуд».
Шоҳ дар ҳар кӣ дид аз он париён,
Н-омадаш рағбате чу муштариён.
Ҷуз паричеҳра он канизи нахуст,
Дар дилаш ҳеҷ нақши меҳр наруст.
Монд ҳайрон дар он ки чун созад,
Нард бо хомдаст чун бозад?
На дилаш мешуд аз канизак сер,
На зи айбаш ҳамехарид дилер.
Оқибат ишқ саргароӣ кард,
Хок дар чашми кадхудоӣ кард.

Сим дар пои симсоқ кашид,
Гунбади симро ба сим харид.
Дари як орзу ба худ дарбаст,
Кушт морею аждаҳое раст.
В-он парирӯ ба зери пардаи шоҳ,
Хидмати аҳли парда дошт нигоҳ.
Буд чун ғунча меҳрбон дар пӯст,
Ошкороситезу пинҳондӯст.
Ҷуз дари хуфтухез, к-он дар баст,
Ҳеҷ хидмат раҳо накард аз даст.
Хонадорию эътимоди сарой
Як-як овард мушфиқона ба ҷой.
Гарчи шоҳаш чу сарв боло дод,
Ӯ чу соя ба зери пой афтод.
Омад он пирзан ба дам додан,
Хомаи хомро ба ҳам додан.
Бонг барзад бар он аҷузаи хом,
К-аз канизӣ-ш нагзаронад ном.
Шоҳ аз он эҳтироз, к-ӯ месохт,
Ғаври дигар канизакон бишнохт.
Пирзанро зи хона берун кард,
Бо фусунгар, нигар, чӣ афсун кард!
То чунон шуд ба чашми шоҳ азиз,
Ки шуд аз дӯстӣ ғуломи каниз.
Гарчи з-он турк дид айёрӣ,
Ҳамчунон кард хештандорӣ.
То шабе фурсат despite онзчунон афтод,
К-оташе дар ду меҳрбон афтод.
Пои шаҳ дар канори он дилбанд
Дархазида миёни хаззу паранд.
Қалъаи он дар об карда ҳисор
В-оташи манҷаниқи ин бар кор.
Шоҳ чун гарм гашт аз оташи тез,
Гуфт бо он гули гулобангез,
К-эй рутабдонаи расидаи ман,
Дидаи ҷону ҷони дидаи ман,
Сарв бо қоматат гиёҳфаше,
Ташти маҳ бо ту офтобакаше.
Аз ту як нукта мекунам дархост,
К-он чи пурсам, маро бигӯӣ рост.
Гар бувад посухи ту ростъиёр,
Рост гардад маро чу қадди ту кор.

В-он гаҳ аз баҳри ин дилангезӣ
Кард бар тозагул шакаррезӣ.
Гуфт:– «Вақте чу Зуҳра дар Тасдис
Бо Сулаймон нишаста буд Билқис,
Будашон аз ҷаҳон яке фарзанд,
Дасту пояш кушода аз пайванд.
Гуфт Билқис, к-эй расули Худой,
Ману ту тандуруст сар то пой.
Чист фарзанди мо чунин ранҷур,
Дасту пое зи тандурустӣ дур?
Дарди ӯро даво шинохтанист,
Чун шиносӣ, илоҷ сохтанист.
Ҷабраилат чу оварад пайғом,
Ин ҳикоят бад-ӯ бигӯй тамом.
То чу аз ҳазрати ту гардад боз,
Лавҳи маҳфузро биҷӯяд роз.
Чорае, к-ӯ илоҷро шояд,
Ба ту он чорасоз бинмояд.
Магар ин тифл растгор шавад,
Ба саломат умедвор шавад.
Шуд Сулаймон бад-он сухан хушнуд,
Рӯзаке чанд мунтазир мебуд.
Чунки Ҷибрил гашт ҳамнафасаш,
Бозгуфт, он чи буд дар ҳавасаш.
Рафту овард Ҷабраил дуруд,
Аз кӣ? Аз кирдгори чархи кабуд.
Гуфт, к-инро даво ду чиз омад,
В-он ду андар ҷаҳон азиз омад.
Он ки чун пеши ту нишинад ҷуфт,
Ҳар дуро ростӣ бибояд гуфт.
Ончунон дон, к-аз он ҳикояти рост
Ранҷи ин тифл бартавонад хост.
Хонд Билқисро Сулаймон зуд,
Гуфтаи Ҷабраил бознамуд.
Гашт Билқис аз ин сухан шодон,
К-аз халаф хона мешуд ободон.
Гуфт:– «Баргӯй, то чӣ хоҳӣ рост,
То бигӯям чунон ки аҳди Худост».
Боз пурсидаш он чароғи вуҷуд,
К-эй ҷамоли ту дидаро мақсуд,
Ҳаргиз андар ҷаҳон зи рӯи ҳавас,
Ҷуз ба ман рағбати ту буд ба кас?

Гуфт Билқис:– «Чашми бад зи ту дур,
З-он ки равшантарӣ зи чашмаи нур.
Ҷуз ҷавонию хубият, к-ин ҳаст,
Бар ҳама пойгаҳ ту дорӣ даст.
Хӯи хуш, рӯи хуш, навозиши х(в)аш,
Базми ту равзаву ту ризвонфаш.
Мулки  ту ҷумла ошкору ниҳон,
Муҳри пайғамбарӣ-т ҳирзи ҷаҳон.
Бо ҳама хубию ҷавонии ту,
Подшоҳию компронии ту,
Чун бибинам яке ҷавон манзур,
Аз таманнои бад набошам дур.
Тифли бедаст чун шунид ин роз,
Дастҳо сӯи ӯ кашид дароз.
Гуфт:– «Момо, дуруст шуд дастам,
Чун гул аз дасти дигарон растам».
Чун парӣ дид дар паризода,
Дид дасте ба ростӣ дода.
Гуфт, к-эй пешвои деву парӣ,
Чун ҳунар хубу чун хирад ҳунарӣ,
Бар сари тифл нуктае бикшой,
То зи ман дасту аз ту ёбад пой.
Як сухан пурсам, ар надорӣ ранҷ,
К-аз ҷаҳон бо чунин хазинаву ганҷ
Ҳеҷ бар табъ раҳ занад ҳавасат,
Ки таманно бувад ба моли касат?
Гуфт пайғамбари худойпараст,
К-он чи касро набуд, моро ҳаст.
Мулку молу хазинаи шоҳӣ,
Ҳама дорам зи моҳ то моҳӣ.
Бо чунин неъмати фароху тамом,
Ҳар кӣ ояд ба назди ман ба салом,
Сӯи дасташ кунам ниҳуфта нигоҳ,
То чӣ орад маро ба туҳфа зи роҳ».
Тифл, к-ин қисса гуфта омад рост,
Пой бикшоду аз замин бархост.
Гуфт:– «Бобо, равона шуд поям,
Кард рои ту оламороям».
Рост гуфтан чу дар ҳарими Худой
Офат аз даст бурду ранҷ аз пой,
Беҳ, ки мо низ ростӣ созем,
Тир бар сайд рост андозем.

Бозгӯй, эй зи меҳрбонон фард,
К-аз чӣ маънӣ шудаст меҳри ту сард?
Ман, гирифтам, ки меҳурам ҷигаре,
Дар ту аз дур мекунам назаре.
Ту бад-ин хубию паричеҳрӣ
Хӯ чаро кардаӣ ба бадмеҳрӣ?»
Сарви нозанда пеши чашмаи об
Беҳтар аз ростӣ надид ҷавоб.
Гуфт:– «Дар насли носитудаи мо
Ҳаст як хислат озмудаи мо,
К-аз занон ҳар кӣ дил ба мард супурд,
Чун ба зодан расид, зоду бимурд.
Мурд чун ҳар зане, ки аз мо зод,
Дил чӣ гуна ба мард шояд дод?
Дар сари ком ҷон нашояд кард,
Заҳр дар ангубин нашояд х(в)ард.
Бар ман ин ҷон аз он азизтар аст,
Ки супорам, бад-он чи з-ӯ хатар аст.
Ман, ки ҷондӯстам, на ҷонондӯст,
Бо ту аз айба баркушодам пӯст.
Чун зи хон уфтод сарпӯшам,
Хоҳ бигзору хоҳ бифрӯшам.
Лек ман чун замир нанҳуфтам,
Бо ту аҳволи хештан гуфтам.
Чашмдорам, ки шаҳрёри ҷаҳон
Накунад низ ҳоли хеш ниҳон,
К-аз канизони офтобҷамол
Зудсерӣ чаро кунад маҳу сол?
Надиҳад дил ба ҳеҷ дилхоҳе,
Набарад бо касе ба сар моҳе?
Ҳар киро чун чароғ бинвозад,
Боз чун шамъ сар бияндозад.
Баркашад бар фалак ба неъмату ноз,
Бифканад дар замин ба хорӣ боз»?
Шоҳ гуфт:– «Аз барои он ки касе
Бо ман аз меҳр барназад нафасе.
Ҳама дар банди кори х(в)ад буданд,
Нек пеш омаданду бад буданд.
Дил чу бо роҳат ошно карданд,
Ранҷи хидматгарӣ раҳо карданд.
Ҳар касеро ба қадри худ қадамест,
Нони майда на қути ҳар шикамест.

Шикаме бояд оҳанин чун санг
К-осиёш аз хуриш наёяд танг.
Зан чу марди кушодарӯ бинад,
Ҳам бад-ӯ, ҳам ба худ фурӯ бинад.
Бар зан эмин мабош, зан коҳ аст,
Барадаш бод, ҳар куҷо роҳ аст.
Зан чу зар дид, чун тарозуи зар
Ба ҷаве бо ҷаве дарорад сар.
Нор, к-аз нордона гардад пур,
Пухта лаълу напухта бошад дур.
Зан чу ангуру тифли бегунаҳ аст,
Хом сарсабзу пухта рӯсияҳ аст.
Модагон дар када кадуноманд,
Хомашон пухта, пухташон хоманд.
Исмати зан ҷамоли шӯй бувад,
Шаб чу маҳ ёфт, моҳрӯй бувад.
Аз парастандагон ман дар кас
Ҷуз худ оростан надидам бас.
Дар ту дидам ба шарти хидмати хеш,
Ки замон то замон намудӣ беш.
Лоҷарам гарчи аз ту бекомам,
Бе ту як чашмзад наёромам».
Шоҳ аз ин чанд нуктаҳои шигифт
Кард бар кору ҳеҷ дарнагирифт.
Шӯхчашм аз сари баҳона нарафт,
Тир бар чашмаи нишона нарафт.
Ҳамчунон зери бори дилтангӣ
Мебурид он гареваи сангӣ.
Кард бо ташнагӣ баробари об
Ӯ сабурию рӯзгор шитоб.
Пирзан, к-он бути ҳумоюнаш
Карда буд аз сарой берунаш,
Огаҳӣ ёфт аз сабурии шоҳ,
Ки бад-он орзу наёбад роҳ.
Оҷизаш карда наврасида зане,
Аз тане уфтода Таҳмтане.
Гуфт:– «Вақт аст, агар ба чорагарӣ
Рақси девон бароварам ба парӣ.
Рахна дар маҳди офтоб кунам,
Қалъаи моҳро хароб кунам,
То дигар захми ҳеҷ тирзане
Нарасад бар камони пирзане.

Бо шаҳ афсунгарона хилват хост,
Рафту кард он фусун, ки бояд рост.
Дар мукофоти он ҷаҳонафрӯз
Хонд бар шаҳ фусуни пиромӯз.
Гуфт:– «Агар боядат, ки курраи хом
Зери зини ту зуд гардад ром,
Курраи ромкардаро ду-се бор
Пеши ӯ зин куну ба рифқ бихор.
Роизоне, ки курра ром кунанд,
Тавсанонро чунин лагом кунанд».
Шоҳро ин фиреб чуст омад,
Хишти ин қолабаш дуруст омад.
Шӯху раъно харид нӯшлабе,
Муҳрабозикунею булъаҷабе.
Бардапарвар риёзаташ дода,
Ӯ худ аз асл нармсум зода.
Бо шаҳ аз чобукию дамсозӣ
Сад муаллақ задӣ ба ҳар бозӣ.
Шоҳ бо ӯ такаллуфе дарсохт,
Ба такаллуфгирифтае мебохт.
Вақти бозӣ дар он фигандӣ шаст,
Вақти ҳоҷат бад-ин кашидӣ даст.
Ноз бо он намуду бо ин хуфт,
Ҷигар он ҷову гавҳар ин ҷо суфт.
Рағбат омад зи рашки он хуфтан
Дурри носуфтаро ба дур суфтан.
Гарчи аз роҳи рашк додани шоҳ
Гарди ғайрат нишаст бар рухи моҳ,
Аз раҳу расми бандагӣ нагзашт,
Як сари мӯй аз он чи буд, нагашт.
Дар гумон омадаш, ки ин чӣ фан аст,
Асли тӯфон танӯри пирзан аст.
Сокинӣ пеша карду сабр намуд,
Сабр дар ошиқӣ надорад суд.
То шабе хилват он ҳумоюнчеҳр
Фурсате ёфт бо шаҳ аз сари меҳр.
Гуфт, к-эй хусрави фариштаниҳод,
Довари мамлакат ба дину ба дод,
Чун шудӣ ростгӯю ростназар,
Бо ман аз роҳи ростӣ магузар.
Гарчи ҳар рӯз, к-он кушояд ком,
Аввалаш субҳ бошад, охир шом.

Ту, ки рӯзи туро завол мабод,
Шаби ту ҷуз шаби висол мабод,
Субҳворам чу додӣ аввал нӯш,
Аз чӣ гаштӣ чу шом сиркафурӯш?
Гирам, аз ман нахӯрда гаштӣ сер,
Ба чӣ андохтим дар дами шер?
Доштӣ, то зи ғусса ҷон набарам,
Аждаҳое баробари назарам.
Куштанамро чӣ дархурад море,
Гар кушӣ ҳам ба теғи худ боре?!
Ба чунин раҳ кӣ раҳнамун будат
В-инчунин бозие кӣ фармудат?
Хабарам деҳ, ки бехабар шудаам,
То напаррам, ки тезпар шудаам.
Ба  Худову ба ҷони ту савганд,
Ки аз ин қуфл агар кушоӣ банд,
Қуфли ганҷи гуҳар бияндозам,
Бо беҳафтоди шоҳ дарсозам.
Шоҳ аз он ҷо ки буд дар бандаш,
Чунки дид эътимоди савгандаш,
Ҳол аз он моҳи меҳрбон нанҳуфт.
Гуфтанию нагуфтанӣ ҳама гуфт,
К-орзуи ту барфурӯхт маро,
Оташе дарфиганду сӯхт маро.
Сахт шуд дардам аз шикебоӣ
В-аз танам дур шуд тавоноӣ.
То ҳамон пирзан даво бишнохт,
Пирзанворам аз даво бинвохт.
Ба дурӯғам музавваре фармуд,
Дошт нохӯрда он музаввар суд.
Оташ ангехтан ба гармии ту
Сахтие буд барои нармии ту.
Нашавад об ҷуз ба оташ гарм,
Ҷуз ба оташ нагардад оҳан нарм.
Гарна з-он ҷо ки бо ту рои ман аст,
Дарди ту беҳтарин давои ман аст.
Оташе аз ту буд дар дили ман,
Пирзан дар миёна дудафган.
Чун шудӣ шамъвор бо ман рост,
Дуди дудафкан аз миён бархост,
К-офтоби ман аз ҳамал шуд шод,
Кай зи бардулаҷузам ояд ёд?!

Чанд аз ин достони табънавоз
Гуфту он нозанин шунид ба ноз.
Чун чунон дид турки тавсанхӯй,
Роҳ додаш ба сарви савсанбӯй.
Булбуле бар сарири ғунча нишаст,
Ғунча бишкуфту гашт булбул маст.
Тӯтие дид пуршакар хоне,
Бемагас, кард шаккарафшонӣ.
Моҳиеро дар обгир афканд,
Рутабе дар миёни шир афканд.
Буд ширину чарбие аҷабаш,
Кард ширин ҳаволати рутабаш.
Шаҳ чу он нақшро паранд кушод,
Қуфли заррин зи дурҷи қанд кушод.
Дид ганҷинае ба зар дарх(в)ард,
Кардаш аз зебҳои заррин зард.
Зардияст, он ки шодмонӣ аз ӯст,
Завқи ҳалвои заъфаронӣ аз ӯст.
Он чи бинӣ, ки заъфарон зард аст,
Ханда бин, з-он ки заъфарон х(в)ардаст.
Нури шамъ аз ниқоби зардӣ тофт,
Гови Мӯсо баҳо ба зардӣ ёфт.
Зар , ки зард аст, мояи тараб аст,
Тини асфар азиз аз ин сабаб аст.
Шаҳ чу ин достон шунид тамом,
Дар канораш гирифту хуфт ба ком.

## НИШАСТАНИ БАҲРОМ РӮЗИ ДУШАНБЕ ДАР ГУНБАДИ САБЗ ВА АФСОНА ГУФТАНИ ДУХТАРИ ПОДШОҲИ ИҚЛИМИ СЕВУМ

Чунки рӯзи душанбе омад, шоҳ
Чатри сарсабз баркашид ба моҳ.
Шуд барафрӯхта чу сабзчароғ,
Сабз дар сабз чун фариштаи боғ.
Рахтро сӯи сабзгунбад бурд,
Дил ба шодию хуррамӣ биспурд.
Чун бар  ин сабзаи зумуррадвор
Боғи анҷум фишонд барги баҳор,
З-он хирадманд сарви сабзоранг
Хост, то аз шакар кушояд танг.

Парӣ он гаҳ, ки бурда буд намоз,
Бар Сулаймон кушод пардаи роз.
Гуфт, к-эй ҷони мо ба ҷони ту шод,
Ҳама ҷонҳо фидои ҷони ту бод!
Хонаи давлат аст хиргоҳат,
Тоҷу тахт остони даргоҳат.
Тоҷро сарбаландӣ аз сари туст,
Бахтро пойгоҳе аз дари туст.
Гавҳарат иқди мамлакатро тоҷ,
Ҳама олам ба даргаҳат муҳтоҷ.
Чун дуо кард бар сарири баланд,
Баркушод аз ақиқ чашмаи қанд.

## АФСОНА

Гуфт:– «Шахсе азиз буд ба Рум,
Хубу хушдил чу ангубин дар мум.
Ҳар чӣ бояд дар одамӣ зи ҳунар,
Дошт он ҷумла некуӣ  бар сар.
Бо чунон хубию хирадмандӣ
Буд майлаш ба покпайвандӣ.
Мардумон дар назар нишондандаш,
Бушри парҳезгор хондандаш.
Мехиромид рӯзе аз сари ноз
Дар раҳе холӣ аз нишебу фароз.
Бар раҳаш ишқ турктозӣ кард,
Фитна бо ақл дастёзӣ кард.
Пайкаре дид дар лифофаи хом,
Чун дар абри сиёҳ моҳи тамом.
Фориғ аз Бушр мегузашт ба роҳ,
Бод ногаҳ рабуд бурқаи моҳ.
Фитнаро бод раҳнамун омад,
Моҳ аз абри сияҳ бурун омад.
Бушр, к-он дид, суст шуд пояш,
Тири якзахма дӯхт бар ҷояш.
Сурате дид, к-аз карашмаи маст
Ончунон сад ҳазор тавба шикаст.
Хирмане  гул, вале ба қомат сарв,
Шуста рӯе, вале ба хуни тазарв.
Хоби ғамза-ш ба сеҳркории хеш
Баста хоби ҳазор ошиқ беш.

Лаб чу барги гуле, ки тар бошад,
Барги он гул пур аз шакар бошад.
Чашм чун наргисе, ки хуфта бувад,
Фитна дар хоби ӯ ниҳуфта бувад.
Акси рӯяш ба зери зулфи батоб
Чун ҳавосил ба зери парри уқоб.
Холе аз зулф анбарафшонтар,
Чашме аз хол номусулмонтар.
Бо чунон зулфу холи дидафиреб
Ҳеҷ дилро набуд ҷои шикеб.
Омад аз Бушр бехуд овозе,
Чун зи тифле, ки баргирад гозе.
Моҳи танҳохиром аз он овоз
Банди бурқаъ ба ҳам кашид фароз.
Паи таъҷил баргирифт ба пеш,
Карда хуне чунон ба гардани хеш.
Бушр чун боз кард дида зи хоб,
Хонабур рафта диду хона хароб.
Гуфт:– «Агар бар паяш равам, на равост
В-ар шикебо шавам, шикеб куҷост?
Чораи кор ҳам шикебоист
Ҳар чӣ з-ин дар гузашт, расвоист,
Шавҳате гар маро зи роҳ бибурд,
Мардам, охир, зи ғам нахоҳам мурд.
Тарки шаҳват нишони дин бошад,
Шарти парҳезгорӣ ин бошад.
Беҳ, ки маҳмил бурун барам з-ин кӯй,
Сӯи Байтулмуқаддас орам рӯй,
То Худое, ки хайру шар донад,
Бар ман ин кор саҳл гардонад.
Рафт аз он ҷову барги роҳ бисохт,
Ба зиёратгаҳи муқаддас тохт.
Дар худованди худ гурехт зи бим,
Кард худро ба ҳукми ӯ таслим,
То чунон дорадаш зи дев нигоҳ,
Ки бад-ӯ фитнаро набошад роҳ.
Чун басе саҷда зад бар он сари хок,
Бозгашт аз ҳарими хонаи пок.
Буд ҳамсуфрае дар он роҳаш,
Некхоҳе ба табъи бадхоҳаш.
Нуктагире ба кори нукта шигифт,
Бар ҳадисе ҳазор нукта гирифт.

Бушр бо ӯ чу неку бад гуфтӣ,
Ӯ ба ҳар нуктае барошуфтӣ,
К-инчунин бояд, ончунон шояд,
Кас забон бар газоф накшояд.
Бушр гӯяндаро зи хомӯшӣ
Дода буд доруи фаромӯшӣ.
Гуфт:– «Номи ту чист, то донам,
Пас аз инат ба номи худ хонам».
Посухаш доду гуфт:– «Номи раҳӣ
Бушр шуд, то ту худ чӣ ном ниҳӣ?»
Гуфт:– «Бушрӣ ту, нанги одамиён,
Ман-Малехо, имоми оламиён.
Ҳар чӣ дар осмону дар замияст
В-он чи дар ақлу ройи одамияст,
Ҳама донам ба ақли хеш тамом,
В-огаҳӣ дорам аз ҳалолу ҳаром.
Як танам беҳтар аз дувозда тан,
Як фане буда дар дувозда фан.
Кӯҳу дарёву дашту бешаву рӯд
Ҳар чӣ ҳастанд зери чархи кабуд,
Асли ҳар як шинохтам ба дуруст,
К-ин вуҷуд аз чӣ ёфт в-он зи чӣ руст.
Аз фалак низ в-он чи ҳаст дар ӯ,
Огаҳам, норасида даст бар ӯ.
Дар ҳар атроф, к-уфтад хатаре,
Донам онро ба тезтар назаре.
Гар расад подшоҳие ба завол,
Пеш аз он донамаш ба панҷаҳ сол.
В-ар дарояд ба дона кам-беше,
Ман ба соле хабар диҳам пешӣ.
Набзу қорураро чунон донам,
К-офати таб зи тан бигардонам.
Чун ба афсун дар оташ орам наъл,
Каҳраборо кунам ба гавҳар лаъл.
Санг аз иксири ман гуҳар гардад,
Хок дар дасти ман ба зар гардад.
Боди сеҳре чу бардамам зи даҳан,
Мор песа кунам зи песарасан.
Кони ҳар ганҷ, к-офарид Худой,
Манам он ганҷро тилисмкушой.
Ҳар чӣ пурсанд аз осмону замин,
Ҳам аз он огаҳӣ диҳам, ҳам аз ин.

Нест дар ҳеҷ донишободе
Фаҳлу донотар аз ман устоде».
Чун аз ин баршумурд лофе чанд,
Хира шуд Бушр аз он газофе чанд.
Абре аз кӯҳ бардамид сиёҳ,
Чун Малехо дар абр кард нигоҳ,
Гуфт, к-абре сияҳ чарост, чу қир
В-абри дигар сапедранг чу шир?
Бушр гуфто, ки ҳукми яздонӣ
Инчунинҳо кунад, ту худ донӣ.
Гуфт:– «Аз ин бигзар, ин баҳона бувад,
Тир бояд, ки бар нишона бувад,
Абри тира духони муҳтариқ аст,
Бар чунин нукта ақл муттафиқ аст.
В-абр, к-ӯ ширгуну дурфом аст,
Дар мизоҷаш рутубате хом аст».
Ҷаст боде зи бодҳои ниҳуфт,
Боз бингар, ки булфузул чӣ гуфт.
Гуфт:– «Баргӯ, ки боди ҷунбон чист?
Хира чун гову хар набояд зист».
Гуфт Бушр:– «Ин ҳам аз қазои Худост,
Ҳеҷ бе ҳукми ӯ нагардад рост».
Гуфт:– «Дар дасти ҳикмат ор инон,
Чанд гӯӣ ҳадиси пирзанон?!
Асли бод аз ҳаво бувад ба яқин,
Ки бичунбонадаш бухори замин».
Дид кӯҳе баланду гуфт:– «Ин кӯҳ
Аз дигарҳо чаро рабуд шукӯҳ?»
Гуфт Бушр:– «Эзидист ин пайванд,
Ки яке пасту дигарест баланд».
Гуфт:– «Бозам зи ҳуҷҷат афкандӣ,
Нақш то чанд бар қалам бандӣ?
Абр чун сели ҳавлнок орад,
Кӯҳро сел дар мағок орад.
В-он ки теғаш бар авҷ дорад майл,
Дуртар бошад аз гузаргаҳи сайл».
Бушр бонге бар ӯ зад аз сари ҷӯш,
Гуфт:– «Бо ҳукми кирдгор макӯш!
Ман на к-аз сирри кор бехабарам,
Дар ҳама илме аз ту бештарам.
Лек иллат ба худ нашояд гуфт,
Раҳ ба пиндори худ набояд руфт.

Мо, ки дар парда раҳ намедонем,
Нақши беруни парда мехонем.
Пай ғалат рондан иҷтиҳоде нест,
Бар ғалат хондан эътимоде нест.
Тарсам, ин парда чун барандозанд,
Бо ғалатхондагон ғалат бозанд.
Беҳ, ки бо ин дарахти олишох
Нашавад дасти ҳар касе густох».
Ин азимат, ки Бушр бар вай хонд,
Ҳам дар он деви булфузулӣ монд.
Рӯзаке чанд мешуданд ба ҳам
В-он фузулӣ накард як мӯ кам.
Дар биёбони гарму беобе
Мағзашон тофта зи бехобӣ,
Медавиданд бо нафиру хурӯш,
То расиданд  аз он замини бачӯш
Ба дарахте ситабру олишох,
Сабзу покизаву баланду фарох
Сабза дар зери ӯ чу сабзҳарир,
Дида аз диданаш нишотпазир.
Оганида хуме сафол дар ӯ,
Обе, алҳақ, хушу зулол дар ӯ.
Чунки дид он фузул оби зулол,
Ҳамчу райҳони тар миёни сафол,
Гуфт бо Бушр, к-эй хуҷаста рафиқ,
Бозпурсам, бигӯ, ки аз чӣ тариқ
Ин сафолин хуми кушодадаҳон
То ба лаб ҳаст зери хок ниҳон?
В-оби ин хум, бигӯ, ки то ба куҷост,
Кӯҳпоя на, гирди ӯ саҳрост?»
Гуфт Бушр:– «Аз барои музди касе
Карда бошад, ки кардаанд басе.
То нагардад ба садмае ба ду ним,
Дар замин оганидаанд зи бим».
Гуфт:– «То посухи ту з-ин намат аст,
Ҳар чӣ гӯию гуфтаӣ, ғалат аст.
Оре, оре, касе зи баҳри касе
Кашад обе ба дӯш ҳар нафасе,
Хоса, дар водие, ки аз  тафу тоб
Сади дар сад  дар ӯ наёбӣ об.
Ин ватангоҳи домёрон аст,
Ҷои сайёду сайдкорон аст.

Оби ин хум, ки дарнишохтаанд,
Аз паи доми сайд сохтаанд.
То чу ғурму гавазну оҳую гӯр
Дар биёбон хуранд туъмаи шӯр,
Ташна гарданду қасди об кунанд,
Сӯи ин обхур шитоб кунанд,
Марди сайёд роҳ баста бувад,
Бо камон дар камин нишаста бувад.
Бизанад сайдро ба хӯрдани об,
Кунад аз сайди захмхӯрда кабоб.
Бандҳоро чунин кушой гиреҳ,
То наюшанда бар ту гӯяд зеҳ».
Бушр гуфт:– «Эй ниҳуфтагӯи ҷаҳон,
Ҳар касеро ақидаест ниҳон.
Ману ту з-он чи дар ниҳон дорем,
Ба ҳама кас зан  essentially ончунон дорем.
Бад маяндеш, гуфтамат пешӣ,
Оқибат бад кунад  бадандешӣ».
Чун бар он об суфра бикшоданд,
Нон бихӯрданду об дардоданд.
Обе алҳақ ба ташнагон дарх(в)ард,
Равшану хушгувору софию сард.
Бонг бар Бушр зад Малехо тез,
Ки аз онсӯтарак нишин, бархез!
То дар ин оби хушгувор шавам,
Шӯям андому беғубор шавам.
Аз арақҳои шӯри танфарсой
Чирк бар ман нишаста сар  то пой.
Чирки танро зи тан фурӯ шӯям,
Поку покиза сӯи раҳ пӯям.
В-он гаҳ ин хум ба санг пора кунам,
Сайдро аз газанд чора кунам».
Бушр гуфт:– «Эй салимдил, бархез,
Дар чунин хум мабош рангомез!
Оби ӯ хӯрда бо дилангезӣ,
Чирки танро чаро дар ӯ резӣ?!
Ҳар кӣ обе хурад, ки бинвозад,
Дар вай оби даҳан наяндозад.
Сирка натвон бар ойина судан,
Софиеро ба дурд олудан,
То дигар ташна чун ба тоб расад,
З-оби нӯшини ӯ ба об расад».

Марди бадрой гуфти ӯ нашнид,
Гавҳари зишти хеш кард падид.
Ҷома барканду ҷумла бар ҳам баст,
Хештан гирд карду дар хум ҷаст.
Чун дарун шуд, на хум, ки чоҳе буд,
То буни чаҳ дароз роҳе буд.
Бо аҷал зиракӣ ба кор нашуд,
Ҷон басе канду растгор нашуд.
З-об хӯрдан танаш ба тоб афтод,
Оқибат ғарқа шуд, дар об афтод.
Бушр аз он сӯ нишаста, дил зада тоб,
Аз паи об карда дида пуроб.
Гуфт:– «Боз ин ҳаромзодаи хом
Кард бар ман саломи хеш ҳаром.
Тарсам, ин чиркини намунахисол
Орад олудагӣ ба оби зулол.
Обро чирки ӯ кунад бадранг,
В-он гаҳе дар сафол дорад санг.
Ин бадандешӣ аз бадон ояд,
На зи покону бихрадон ояд.
Ҳеҷ касро чунин  рафиқ мабод,
Инчунин сифла ҷуз ғариқ мабод».
Чун дар ин гуфтугӯй зад нафасе,
Мард н-омад, бар ин гузашт басе.
Сӯи хум шуд ба  ҷустуҷӯи рафиқ
В-огаҳӣ на, ки хоҷа гашт ғариқ,
Ғарқае дид, ҷони ӯ шуда гум,
Сари чун хум ниҳода бар сари хум.
Турфа дармонд, к-ин чӣ шояд буд,
Чӯбе аз шохи он дарахт рабуд.
Ҳам ба болои найзае каму беш
Сода кардаш ба чангу нохуни хеш.
Чун масоҳатгарони дарёӣ
Зад дар он хум ба обпаймоӣ.
Хум  раҳо кун, ки дид чоҳе жарф,
Сар ба оҷур бароварида шигарф.
Нимаи хум ниҳода бар сари ӯ,
То дада гум шавад шиновари ӯ.
Баркашид он ғарикро ба шитоб,
Дар чаҳи хок бурдаш аз чаҳи об.
Чун даранбошташ ба хоку ба санг,
Бар суринаш нишаст бо дили танг.

Гуфт, к-он гурбузию роят ку?
В-он дирафши гиреҳкушоят ку?
В-он ҳама даъвият ба чорагарӣ
Бо даду деву одамию парӣ.
В-он ки гуфтӣ зи ҳафт чархи баланд
Ғайбро сар дароварам ба каманд,
Ку шуд он даъвии дувоздафан,
В-он ҳама мардӣ, эй на марду на зан?!
В-он намудан, ки бингарам пешӣ
Корҳоро ба чобукандешӣ,
Чоҳе он гоҳ саркушода ба пеш
Чун надидӣ ба дурбинии хеш?
В-он ки моро бар ончунон обе
Фаслҳо гуфта шуд зи ҳар бобе.
Фасли мо гар ба ҳам шуморе дошт,
Он нагуфтем, к-асли коре дошт.
Ҳар чӣ дар оби он хум афкандем,
Оташ андар хуми худ огандем.
Нақши он коргаҳ дигаргун буд,
Аз ҳисоби ману ту берун буд.
То фалак риштаро гиреҳ додаст,
Бар сари ришта кас наяфтодаст,
Гарчи ҳар чӣ дар он намат гуфтем,
Ҳар ду з-андешаи ғалат гуфтем.
Ту бад-он ғарқаию ман растам,
Ки ту шокир наию ман ҳастам.
Ту, ки доми баҳоимаш хондӣ,
Чун баҳоим ба дом дармондӣ.
Ман ба некӣ бад-ӯ гумон бурдам,
Неки ман нек буду ҷон бурдам».
Ин сухан гуфту аз замин бархост,
Рахти ӯ бозҷуст аз чапу рост.
Рафту бардошт як ба як салабаш,
Дақќи мисрӣ амомаи қасабаш.
Чунки муҳр аз навард бозкушод,
Кисае з-он миён ба зер уфтод.
Зари мисрӣ дар ӯ ҳазор дуруст,
З-он куҳансиккаҳо, ки буд нахуст,
Муҳр бинҳоду меҳр аз ӯ бардошт,
Ҳамчунон сар ба муҳри худ бигзошт.
Гуфт:– «Шарт он бувад, ки ҷомаи ӯ
Бо зару зинату амомаи ӯ

Ҷумла  дарбандаму нигаҳ дорам,
Ба касе, к-аҳли ӯст, биспорам.
Бозпурсам, сарои ӯ ба куҷост,
Бирасонам ба он, ки аҳли сарост.
Чун зи ман н-омад истионати ӯ,
Накунам ғадр дар амонати ӯ.
Гар ман онҳо кунам, ки ӯ кардаст,
Ҳам аз онҳо хурам, ки ӯ х(в)ардаст.
Ҳамчунон он навардро дар баст,
Чунки дар баста шуд, гирифт ба даст.
Раҳравӣ даргирифту роҳ навашт,
Сӯи шаҳр омад аз каронаи дашт.
Чун даросуд як-ду рӯз ба шаҳр,
Дод аз хобу хӯрд худро баҳр.
Он амома ба ҳар касе бинмуд,
Ки худованди ин кӣ шояд буд?
Зодмарде амомаро бишнохт,
Гуфт:– «Лахте раҳат бибояд тохт.
Дар фалон кӯй, чандумин хона
Ҳаст кохе баланду шоҳона,
Дар бизан, к-он дар остонаи ӯст,
Бегумон шав, ки хона хонаи ӯст».
Бушр бо ҷомаву амомаву зар
Сӯи он хона шуд, ки ёфт хабар.
Дар зад, омад шакарлабе дилбанд,
Боз кард он дари равоқи баланд.
Гуфт:– «Корею ҳоҷате бинмой,
То барорам, чунон ки бошад рой».
Бушр гуфто:– «Бизоате дорам,
Бонуи хона ку, ки биспорам?
Гар дарун омадан ба хона равост,
То дароям, сухан бигӯям рост,
Ки Малехои осмонфарҳанг
Аз замона чӣ рев диду чӣ ранг.
Зан дарун бурдаш аз буруни сарой,
Бар канори бисот  кардаш ҷой.
Хештан рӯй кард зери ниқоб,
Гуфт:– «Баргӯ сухан, ки ҳаст савоб».
Бушр ҳар қиссае, ки буд, тамом
Гуфт бо моҳрӯи симандом.
Он ба ҳамсуҳбатӣ расидани ӯ,
Дар ҳунарҳо сухан шунидани ӯ,

В-он барошуфтанаш чу бадмастон,
Даъвӣ ангехтан ба ҳар дастон,
В-он ба ҳар чиз бадгумон будан,
Хубиеро ба зиштӣ олудан;
В-он гаҳ аз баҳри дигарон кандан,
Хештанро дар он чаҳ афкандан,
В-он шудан чун муҳит мавҷзанаш,
Оқибат мондан об дар даҳанаш.
Чун фурӯ гуфт, ҳар чӣ дид ҳама
В-он чи з-он бевафо шунид ҳама,
Гуфт, к-ӯ ғарқа шуд, бақои ту бод,
Ҷои ӯ хок, хона ҷои ту бод!
Ҷифае, к-об шуста будаш пок ,
Дарсупурдам ба ганҷхонаи хок.
Рахти ӯ ҳар чӣ буд, дарбастам
В-инак, инак, гирифта дар дастам.
Ҷомаву зар ниҳод ҳолӣ пеш,
Кард равшан дурусткории хеш.
Зан зане буд кордону шигарф,
Он варақ бозхонд ҳарф ба ҳарф.
Соате з-он сухан парешон гашт,
Обе аз чашм рехту з-об гузашт.
Посухаш дод, к-эй ҳумоюнрой,
Нек мардӣ зи бандагони Худой.
Офарин бар ҳалолзодагият!
Бар латифию рӯкушодагият.
Кӣ кунад ҳаргиз ин ҷавонмардӣ,
Ки ту дар ҳаққи бекасон кардӣ?
Некмардӣ на он бувад, ки касе
Бибарад ангубине аз магасе.
Некмард он бувад, ки дар кораш
Рахна н-орад фиреби динораш.
Шуд Малехову тан ба хок супурд,
Ҷон ба ҷое ки лоиқ омад, бурд.
Он чи гуфтӣ, зи бадписандон буд,
Рост гуфтӣ, ҳазор чандон буд.
Буд кораш ҳама ситамкорӣ,
Бевафоию мардумозорӣ.
Кард бисёр ҷавр бар зану мард,
Бар чуноне чунин бувад дарх(в)ард.
Ба ақидат ҷуҳуди кинасиришт,
Морнайрангу аждаҳойкуништ.

Солҳо шуд, ки ман ба ранҷам аз ӯ,
Ҷуз бадӣ ҳеҷ барнасанҷам аз ӯ.
Ман ба болини нарми ӯ хуфта,
Ӯ ба ман-бар дурӯғҳо гуфта.
Ман зи бодаш сипар фиканда чу меғ,
Ӯ кашида чу барқ бар ман теғ.
Чун Худо дафъ кардаш аз сари ман,
Рафт ғавғои меҳнат аз дари ман.
Гар бад, ар нек буд, рӯй ниҳуфт,
Аз паси мурда бад нашояд гуфт.
Пои ӯ аз миёна берун шуд,
Ҳол пайванди мо дигаргун шуд.
Ту аз он ҷо, ки мардикори манӣ,
Ба заношӯӣ ихтиёри манӣ.
Мояву милк ҳасту ситру ҷамол,
Беҳ аз ин кай расад ба ҷуфти ҳалол?
Ба никоҳе, ки он Худо фармуд,
Кори моро фароҳам овар зуд!
Ман ба ҷуфтӣ туро писандидам,
Ки ҷавонмардии туро дидам.
Ту ба ман гар иродате дорӣ,
То кунам даъвии парасторӣ.
Қисса шуд гуфта, ҳасби ҳол ин аст,
Мол дорам басе, ҷамол ин аст».
В-он гаҳе бурқаъ аз қамар бардошт,
Муҳри хушк аз ақиқи тар бардошт.
Бушр чун хубию ҷамолаш дид,
Фитнаи чашму сеҳри холаш дид.
Он паричеҳра буд, к-аввали рӯз
Дида будаш чунон ҷаҳонафрӯз.
Наърае зад чунон ки рафт аз ҳуш,
Ҳалқа дар гӯши ёри халқабагӯш.
Чун чунон дид нӯшлаб, биштофт,
Бӯй хуш карду ҷони ӯ дарёфт.
Ҳушрафта чу ҳушёфта шуд,
Сараш аз тоби шарм тофта шуд.
Гуфт:– «Гар шефта-м зи ишқи парӣ,
То ба девонагӣ гумон набарӣ.
Гар бувад девдида афтода,
Ман парӣ дидам, эй паризода.
В-ин ки бинӣ, на меҳри имрӯз аст,
Дер бошад, ки дар ман ин сӯз аст,

Ки фалон рӯз дар фалон раҳи танг
Бурқаъатро рабуд бод аз чанг,
Ман туро дидаму зи даст шудам,
Маи васлат нахӯрда, маст шудам.
Сӯхтам дар ғами ниҳонии ту,
Рафт ҷонам зи меҳрбонии ту.
Гарчи як дам нарафтӣ аз ёдам,
Бо касе рози хеш накшодам.
Чунки сабрам даруфтод зи пой,
Рафтаму даргурехтам ба Худой.
То Худоям ба фазлу раҳмати хеш
Оварид, он чи шарт бошад, пеш.
Чун накардам тамаъ чу булҳавасон
Дар ҳарими ҷамолу моли касон,
Давлате, к-ӯ ҷамолу молам дод,
Н-аз ҳаром, инак аз ҳалолам дод».
Зан чу аз рағбати вай огаҳ шуд,
Рағбаташ з-он чи буд, яке даҳ шуд.
Бушр, к-он ҳурпайкараш бинвохт,
Рафт беруну кори хеш бисохт.
Гашт бо ӯ ба шарти ковин ҷуфт,
Неъмате ёфт, шукри неъмат гуфт,
Бо паричеҳра коми дил меронд,
Бар худ афсуни чашми бад мехонд.
Аз ҷуҳуде раҳонд шоҳеро,
Дур кард аз кусуф моҳеро.
Аз парандаш ғиёр зардӣ шуст,
Барги савсан зи шанбалидаш руст.
Чун надид аз биҳиштиён дураш,
Ҷомае сабз дӯхт чун ҳураш.
Сабзпӯшӣ беҳ аз аломати зард,
Сабзӣ омад ба сарвбун дарх(в)ард.
Рангсабзӣ салоҳи кишта бувад,
Сабзӣ ороиши фаришта бувад.
Ҷон ба сабзӣ гирояд аз ҳама чиз,
Чашм равшан ба сабза гардад низ.
Рустаниро ба сабзӣ оҳанг аст,
Ҳама сарсабзие бад-ин ранг аст.
Қисса чун гуфт моҳи базморой,
Шаҳ дар оғӯши хеш кардаш ҷой.

## НИШАСТАНИ БАҲРОМ РӮЗИ СЕШАНБЕ ДАР ГУНБАДИ СУРХ ВА АФСОНА ГУФТАНИ ДУХТАРИ ПОДШОҲИ ИҚЛИМИ ЧАҲОРУМ

Рӯзе аз рӯзҳои даймоҳӣ,
Чун шаби тирамаҳ ба кӯтоҳӣ,
Аз дигар рӯзи ҳафта он беҳ буд,
Нофи ҳафта, магар сешанбеҳ буд.
Рӯзи баҳрому ранги баҳромӣ,
Шоҳ бо ҳар ду карда ҳамномӣ,
Сурх дар сурх зеваре барсохт,
Субҳгаҳ сӯи сурхгунбад тохт.
Бонуи сурхрӯи саҳлобе
Он ба ранг оташе, ба лутф обе,
Ба парасторияш миён дарбаст,
Хуш бувад моҳи офтобпараст.
Шаб чу манҷуқ баркашид баланд,
Тоқи хуршедро дарид паранд.
Шоҳ аз он сурхсеби шаҳдомез
Хост афсонае нишотангез.
Нозанин сар натофт аз рояш,
Дур фишонд аз ақиқ дар пояш,
К-эй фалак остони даргаҳи ту,
Ҳурси хуршед моҳи хиргаҳи ту.
Бартар аз ҳар дуре, ки битвон суфт,
Беҳтар аз ҳар сухан, ки битвон гуфт,
Кас ба гардат расид натвонад,
Кӯр бод он, ки дид натвонад!
Чун дуое чунин ба поён бурд,
Лаъли конро ба кони лаъл супурд.

## АФСОНА

Гуфт, к-аз ҷумлаи вилояти Рус
Буд шаҳре ба некуӣ чу арӯс.
Подшоҳе дар ӯ иморатсоз,
Духтаре дошт, парварида ба ноз.
Дилфиребе, ба ғамза ҷодубанд,
Гулрухе, қоматаш чу сарви баланд.
Рух ба хубӣ зи моҳ дилкаштар,
Лаб ба ширинӣ аз шакар х(в)аштар.

Зуҳрае, дил зи Муштарӣ бурда,
Шаккару шамъ пеши ӯ мурда.
Тунги шаккар зи тангии шакараш
Тангдилтар зи ҳалқаи камараш.
Мушк бо зулфи ӯ ҷигархоре,
Гул зи райҳони боғи ӯ хоре.
Қадде афрохта чу сарв ба боғ,
Рӯе афрӯхта чу шамъу чароғ.
Тозарӯӣ-ш тозатар зи баҳор,
Хубрангӣ-ш хубтар зи нигор.
Хоби наргис хумори дидаи ӯ,
Нози насрин дирамхаридаи ӯ.
Оби гул хоки раҳпарастонаш,
Гул камарбанди зердастонаш.
Ба ҷуз аз хубию шакархандӣ
Дошт пирояи ҳунармандӣ.
Дониш омӯхта зи ҳар насақе,
Дарнабишта зи ҳар фане вароқе.
Хонда найранги номҳои ҷаҳон,
Ҷодуиҳову чизҳои ниҳон.
Даркашида ниқоби зулф ба рӯй,
Сар кашида зи борномаи шӯй.
Он ки дар даври хеш тоқ бувад,
Сӯи ҷуфташ кай иттифоқ бувад.
Чун шуд овоза дар ҷаҳон машҳур,
К-омадаст аз биҳишти ризвон ҳур,
Моҳу хуршед баччае зода-ст,
Зуҳра шири Уторидаш дода-ст,
Рағбати ҳар касе бад-ӯ шуд гарм,
Омад аз ҳар суе шафоати нарм.
Ин ба зӯр, он ба зар ҳамекӯшид
В-ӯ зари худ ба зӯр мепӯшид.
Падар аз ҷустуҷӯи номварон,
К-он санамро ризо надид дар он,
Гашт оҷиз, ки чора чун созад,
Нард бо сад ҳариф чун бозад?
Духтари хубрӯи хилватсоз
Дасти хоҳандагон чу дид дароз,
Ҷуст кӯҳе дар он диёр баланд,
Дур чун даври осмон зи газанд.
Дод кардан бар ӯ ҳисоре чуст,
Гуфтӣ, аз мағзи кӯҳ кӯҳе руст.

Пӯзиш ангехт в-аз падар дархост,
То кунад барги роҳи рафтан рост.
Падари меҳрбон аз он дурӣ
Гарчи ранҷид, дод дастурӣ,
То чу шаҳдаш зи хона гардад дур,
Дарнаёяд зи бому дар занбӯр.
Низ чун дар ҳисор бошад ганҷ,
Посбонро зи дузд н-ояд ранҷ.
В-он арӯси ҳисорӣ аз сари ноз
Кард кори ҳисори хеш басоз.
Чун бад-он муҳкамӣ ҳисоре баст,
Рафту чун ганҷ дар ҳисор нишаст.
Симтан чун дар устуворӣ шуд,
Номи ӯ бонуи ҳисорӣ шуд.
Дузди ганҷ аз ҳисори ӯ оҷиз,
К-оҳанинқалъа буд чу рӯйиндиз.
Ӯ дар он диз чу бонуи саҷлоб
Ҳеҷ дизбону он надида ба хоб.
Роҳ барбаста роҳдоронро,
Дӯхта коми комгоронро.
Дар ҳама коре он ҳунарпеша
Чорагар буду чобукандеша.
Анҷуми чархро мизоҷшинос,
Табъҳоро ба ҳам гирифта қиёс.
Бар табоеъ тамом ёфта даст,
Рози рӯҳонӣ оварида ба шаст,
Ки зи ҳар хушку тар чӣ шояд кард,
Чун шавад об гарму оташ сард?
Мардумонро чӣ мекунад мардум,
В-анҷуманро чӣ медиҳад анҷум?
Ҳар чӣ фарҳангро ба кор ояд,
В-одамизодро биёрояд.
Ҳама оварда буд зери навард,
Он ба сурат зану ба маънӣ мард.
Чун шикебанда шуд дар он бора,
Дил зи мардум бурид якбора.
Баст дар роҳи он ҳисори баланд
Аз сари зиракӣ тилисме чанд.
Пайкари ҳар тилисм аз оҳану санг,
Ҳар яке даҳрае гирифта ба чанг.
Ҳар кӣ рафтӣ дар он гузаргаҳи бим,
Гаштӣ аз захми теғҳо ба ду ним.

Ҷуз яке, к-ӯ рақиби он диз буд,
Ҳар кӣ он роҳ рафт, оҷиз буд.
В-он  рақибе, ки буд маҳрами кор,
Раҳ нарафтӣ, магар ба гоми шумор.
Гар яке пай ғалат шудӣ зи садаш,
Уфтодӣ сараш зи колбадаш.
Аз тилисме бад-ӯ расидӣ теғ,
Моҳи умраш ниҳон шудӣ дар меғ.
Дари он бора, к-осмонӣ буд,
Чун дари осмон ниҳонӣ буд.
Гар давидӣ муҳандисе як моҳ,
Бар дараш чун фалак набурдӣ роҳ.
Он парипайкари ҳисорнишин
Буд наққоши корхонаи Чин.
Чун қаламро ба нақш пайвастӣ,
Обро чун садаф гиреҳ бастӣ.
Аз саводи қалам чу турраи ҳур
Сояро нақш барзадӣ бар нур.
Чун дар он бурҷ шаҳрбандӣ ёфт,
Бурҷ аз он моҳ баҳрамандӣ ёфт.
Хома бардошт, пой то сари хеш,
Бар паранде нигошт пайкари хеш.
Бар сари сурати парандсиришт,
Ба хате ҳарчӣ хубтар, бинвишт,
К-аз ҷаҳон ҳар киро ҳавои ман аст,
Бо чунин қалъае, ки ҷои ман аст,
Гӯ, чу парвона дар назораи нур
Пой дарнеҳ, сухан магӯй аз дур.
Бар чунин қалъа мард ёбад бор,
Нест номардро дар ин диз кор.
Ҳар киро ин нигор мебояд,
На яке ҷон, ҳазор мебояд.
Ҳимматаш сӯи роҳ бояд дошт,
Чор шарташ нигоҳ бояд дошт:
Шарти аввал дар ин заношӯӣ
Некномӣ шудасту некӯӣ.
Дувумин шарт он, ки аз сари рой
Гардад ин роҳро тилисмкушой.
Севумин шарт он, ки аз пайванд
Чун кушояд тилисмҳоро банд,
Дари ин диз нишон диҳад, ки кадом
То зи дар ҷуфти ман  шавад, на зи бом.

Чорумин шарт агар ба ҷой орад,
Раҳ суи шаҳр зери пой орад,
То ман оям ба боргоҳи падар,
Пурсам аз вай ҳадисҳои ҳунар.
Гар ҷавобам диҳад, чунон ки сазост,
Хоҳам ӯро, чунон ки шарти вафост.
Шӯи ман бошад он гиромӣ мард,
К-он чи гуфтам, тамом донад кард.
В-он ки з-ин шарт бигзарад тани ӯ,
Хуни бешарти ӯ ба гардани ӯ.
Ҳар кӣ ин  шартро накӯ дорад,
Кимиёи саодат ӯ дорад.
В-он ки пай бар сухан надонад бурд,
Гар бузург аст, зуд гардад хурд.
Чун зи тартиби ин варақ пардохт,
Пеши он кас, ки аҳл буд, андохт.
Гуфт:– «Бархезу ин варақ бардор
В-ин табақпӯш аз ин табақ бардор.
Бар дари шаҳр шав ба ҷои баланд,
В-ин варақро ба тоҷи дар дарбанд,
То зи шаҳрию лашкарӣ ҳар кас,
К-афтадаш бар чу ман арӯс ҳавас,
Ба чунин шарт роҳ баргирад,
Ё шавад мири қалъа, ё мирад».
Шуд парастанда в-он варақ бардошт,
Печ бар печ роҳро бигзошт.
Бар дари шаҳр баст пайкари моҳ,
То дар ӯ ошиқон кунанд нигоҳ.
Ҳар киро рағбат уфтад, хезад,
Хуни худро  ба дасти худ резад.
Чун ба ҳар тахтгиру тоҷваре
З-ин ҳикоят расида шуд хабаре,
Бар таманнои он ҳадиси газоф
Сар ниҳоданд мардум аз атроф.
Ҳар кас аз гармии ҷавонии хеш
Дод бар бод зиндагонии хеш.
Ҳар кӣ дар роҳи ӯ ниҳодӣ гом,
Гаштӣ аз захми теғ душманком.
Ҳеҷ кӯшандае ба чораву рой
Нашуд он қалъаро тилисмкушой.
В-он ки лахте намуд чорагарӣ,
Ҳам фусунаш зи чора шуд сипарӣ.

Гарчи бикшод аз он тилисме чанд,
Бар дигарҳо нагашт нерӯманд.
Аз сари бехудию берой
Дар сари кор шуд ба расвой.
Бе муроде, к-аз ӯ муяссар шуд,
Чанд барнои хуб дар сар шуд.
Кас аз он раҳ халос дида набуд,
Ҳама раҳ ҷуз сари бурида набуд.
Ҳар саре, к-аз сарон буридандӣ,
Бар  дари шаҳр баркашидандӣ.
То зи бас сар, ки шуд бурида ба қаҳр,
Калла  бар калла баста шуд дари шаҳр.
Гирди гетӣ чу бингарӣ ҳама ҷой,
Набувад ҷуз ба сур шаҳророй.
В-он парирух, ки шуд ситезаи ҳур,
Шаҳре  ороста ба сар, на ба сур.
Норасида ба сояи дари ӯ,
Эй басо сар, ки рафт дар сари ӯ.
Аз бузургони подшаҳзода
Буд зебо ҷавоне озода.
Зираку зӯрманду хубу далер,
Сайди шамшери ӯ, чи гӯру чи шер.
Рӯзе аз шаҳр шуд ба сӯи шикор,
То шукуфта шавад чу тозабаҳор.
Дид як нӯшнома бар дари шаҳр,
Гирди ӯ сад ҳазор шишаи заҳр.
Пайкаре баста бар саводи паранд,
Пайкаре дилфиребу  дидаписанд.
Сурате, к-аз ҷамолу зебой
Бурд аз ӯ  дар замон шикебой.
Офарин гуфт бар чунон қаламе,
К-ояд аз нӯгаш ончунон рақаме.
Гирди он сурати ҷаҳонорой
Сад сар овехта зи сар то пой.
Гуфт:– «Аз ин гавҳари наҳанговез
Чун гурезам, ки нест ҷои гурез?
З-ин ҳаваснома гар бидорам даст,
Оварад дар танам шикеб шикаст.
Гар дилам з-ин ҳавас бадар нашавад,
Сар шавад в-ин ҳавас зи сар нашавад.
Бар паранд арчи сурате зебост,
Мор бо ганҷу хор бо хурмост.

Ин ҳама сар бурида шуд боре,
Ҳеҷ касро  ба сар нашуд коре.
Сари ман низ рафта гир, чӣ суд,
Хокие гашта гир хоколуд.
Гар на з-ин ришта боздорам даст,
Сар бар ин ришта боз бояд баст.
Гар далерӣ кунам ба ҷон суфтан,
Чун тавонам  ба тарки ҷон гуфтан?
Боз гуфт:– «Ин парандро париён
Бастаанд аз барои муштариён.
Пеши афсуни ончунон парие
Натавон рафт бе фусунгарие.
То забонбанди он парӣ накунам,
Сар ин кор сар-сарӣ накунам.
Чорае боядам на хурд, бузург,
То раҳад гӯсфандам аз дами гург.
Ҳар кӣ дар кор сахтгир шавад,
Назми кораш халалпазир шавад.
Дар тасарруф мабош хурдандеш,
То зиёне бузург н-ояд пеш.
Соз бар пардаи ҷаҳон месоз,
Суст мегиру сахт меандоз.
Дилам аз хотирам хароблар аст,
Ҷигарам аз дилам кабобтар аст.
Ба чунин дил чӣ гуна бошам шод,
В-аз чунин хотире чӣ орам ёд?»
Ин сухан гуфту лахте андуҳ х(в)ард,
В-аз нафас баркашид боде сард.
Об дар дида з-он назора гузашт,
Натъ бо теғ диду сар бо ташт.
Ин ҳавасро, чунон ки буд, ниҳуфт,
Бо кас андешае, ки дошт, нагуфт.
Рӯзу шаб буд бо диле пурсӯз,
На шабаш шаб буду на рӯзаш рӯз.
Ҳар саҳаргаҳ ба орзуи тамом
То дари шаҳр баргирифтӣ гом,
Дидӣ он пайкари навойинро,
Гӯри Фарҳоду Қасри Ширинро.
Он гиреҳро ба сад ҳазор калид
Ҷусту сарриштае нагашт падид.
Риштае дид, сад ҳазораш сар
В-аз сари ришта кас надод хабар.

Гарчи бисёр тохт аз пасу пеш,
Накушод он гиреҳ зи риштаи хеш.
Кибр аз он кор бар канора ниҳод,
Рӯй дар ҷустуҷӯи чора ниҳод.
Чорасозе ба ҳар тараф меҷуст,
Ки аз ӯ банди сахт гардад суст.
То хабар ёфт аз хирадманде,
Девбанде, фариштапайванде.
Дар ҳама тавсане кашида лагом,
Ба ҳама донише расида тамом.
Ҳама ҳамдасте уфтодаи ӯ,
Ҳама дарбастае кушодаи ӯ.
Чун ҷавонмард аз он ҷаҳони ҳунар
Аз ҷаҳондидагон шунид хабар,
Пеши симурғи офтобшукӯҳ
Шуд чу мурғи паранда кӯҳ ба кӯҳ.
Ёфташ чун шукуфта гулзоре,
Дар куҷо? Дар хароботар ғоре.
Зад ба фитроки ӯ чу савсан даст,
Хидматашро чу гул миён дарбаст.
Аз сари фаррухию фирӯзӣ
Кард аз ин Хизр донишомӯзӣ.
Чун аз он чашма баҳра ёфт басе,
Барзад аз рози хештан нафасе.
З-он парирӯю он ҳисори баланд
В-он ки з-ӯ халқро расид газанд.
В-он тилисме, ки баст бар раҳи хеш
В-он фикандан ҳазор сар дар пеш.
Ҷумла дар пеши файласуфи куҳан
Гуфту пинҳон надошт ҳеҷ сухан.
Файласуф аз ҳисобҳои ниҳуфт,
Ҳар чӣ дархурд буд, бо ӯ гуфт.
Чун шуд он чораҷӯй чорашинос,
Бозпас гашт бо ҳазор сипос.
Рӯзаке чанд чун гирифт қарор,
Кард бо хештан сиголиши кор.
З-олати роҳи он гареваи танг
Ҳар чӣ боисташ, оварид ба чанг.
Нисбате бозҷуст рӯҳонӣ,
К-орад аз сахтияш ба осонӣ.
Ончунон к-аз қиёси ӯ бархост,
Кард тартиби ҳар тилисме рост.

Аввал аз баҳри он талабгорӣ
Хост аз тезҳимматон ёрӣ.
Ҷомаро сурх кард, к-ин хун аст,
В-ин тазаллум зи ҷаври гардун аст.
Чун ба дарёи хун даромад зуд,
Ҷома чун дида кард хунолуд.
Орзуи худ аз миён бардошт,
Бонги ташнеъ аз ҷаҳон бардошт.
Гуфт:– «Ранҷ аз барои худ набарам,
Балки хунхоҳи сад ҳазор сарам.
Ё зи сарҳо кушоям ин чанбар,
Ё сари хештан кунам дар сар».
Чун бад-ин шуғл ҷома бар хун зад,
Теғ бардошт, хайма берун зад.
Ҳар кӣ з-ин шуғл ёфт огоҳӣ,
К-омад он шердил ба хунхоҳӣ,
Ҳиммати коргар дар он дарбаст,
К-ӯ бад-он кор зуд ёбад даст.
Ҳиммати халқу ройи равшани ӯ
Диръи пӯлод гашт бар тани ӯ.
В-он гаҳе бар тариқи маъзурӣ
Хост аз шоҳи шаҳр дастурӣ.
Пас раҳи он ҳисор пеш гирифт,
Паи тадбири кори хеш гирифт.
Чун ба наздики он тилисм расид,
Рахнае карду рукяе бидамид.
Ҳама найранги он тилисм биканд,
Баркушод он тилисмро пайванд.
Ҳар тилисме, ки дид бар сари роҳ,
Ҳамаро чанбар уфканд ба чоҳ,
Чун зи кӯҳ он тилисмҳо бардошт,
Теғҳоро ба теғи кӯҳ гузошт.
Бар дари он ҳисор шуд, дарҳол
Дуҳулеро кашид зери давол.
В-он садоро ба гирди бору ҷуст,
Канд, чун ҷои канда буд дуруст.
Чун садо рахнаро калид омад,
Аз сари рахна дар падид омад.
З-ин ҳикоят чу ёфт огоҳӣ,
Кас фиристод моҳи хиргоҳӣ.
Гуфт, к-эй рахнабанди роҳкушой,
Давлатат бар мурод роҳнамой,

Чун кушодӣ тилисмро зи нахуст,
Дари ганҷина ёфтӣ ба дуруст,
Сар суи шаҳр кун чу оби равон,
Собирӣ кун ду рӯз, агар битавон,
То ман оям ба боргоҳи падар,
Озмоиш кунам туро ба ҳунар,
Пурсам аз ту чаҳор чизи ниҳуфт,
Гар ниҳуфта ҷавоб донӣ гуфт,
Бо туам дӯстӣ ягона шавад,
Шуғлу пайванд бебаҳона шавад.
Мард чун дид комгории хеш,
Рӯй пас карду раҳ гирифт ба пеш.
Чун ба шаҳр омад аз ҳисори баланд,
Аз дари шаҳр баркашид паранд.
Дарнавишту ба чокаре биспурд,
Офарин зинда гашту офат мурд.
Ҷумла сарҳо, ки буд бар дари шаҳр,
Аз расанҳо фурӯ гирифт ба қаҳр.
Дод, то бар вай офарин карданд,
Бо тани куштагон дафин карданд.
Шуд суи хона бо ҳазор дуруд,
Мутриб оварду баркашид суруд.
Шаҳриён бар сараш нисорафшон,
Ҳама бому дараш нигорафшон,
Ҳама хӯрданд як ба як савганд,
Ки агар шаҳ нахоҳад ин пайванд,
Шоҳро дар замон табоҳ кунем,
Бар худ ӯро амиру шоҳ кунем,
К-он сари мо буриду сардӣ кард,
В-ин сари мо раҳонду мардӣ кард.
В-аз дигар сӯ арӯси зеборӯй
Шодмон шуд ба хостории шӯй.
Чун шаб аз нофаҳои мушки сиёҳ
Ғолия суд бар амории моҳ,
Дар аморӣ нишаст бо дили х(в)аш,
Моҳ дар мавкибаш аморикаш.
Сӯи кох омад аз гареваи кӯҳ,
Кох аз ӯ ёфт чун шукуфа шукӯҳ.
Падар аз диданаш чу гул бишкуфт,
Духтар аҳволи хеш аз ӯ нанҳуфт.
Ҳар чӣ пеш омадаш зи неку зи бад,
Кард бо ӯ ҳама ҳикояти х(в)ад.

З-он саворон, к-аз ӯ пиёда шуданд,
Чоҳ канданду дарфитода шуданд.
З-он ҳузаброн, ки номи ӯ бурданд,
В-аз сари аҷз пеши ӯ мурданд.
То бад-он ҷо, ки он маликзода
Буд якбора дил бад-ӯ дода.
В-он ки омад, чу кӯҳ пой фишурд,
Кард як-як тилисмҳоро хурд.
В-он ки бар қалъа комгорӣ ёфт,
В-аз сари шарти рафта рӯй натофт.
Чун се шарт аз чаҳор шарт намуд,
То чаҳорум чӣ гуна хоҳад буд.
Шоҳ гуфто, ки шарти чорум чист,
Шарти хубон яке кунанд, на бист.
Нӯшлаб гуфт:– «Чор мушкили сахт
Пурсам аз вай ба раҳнамунии бахт.
Гар бад-ӯ мушкилам кушода шавад,
Тоҷ бар торакаш ниҳода шавад.
В-ар дар ин раҳ хараш фурӯ монад,
Хиргаҳ он ҷо занад, ки ӯ донад.
Воҷиб он шуд, ки бомдоди пагоҳ
Бар сари тахти худ нишинад шоҳ.
Хонад ӯро ба шарти меҳмонӣ,
Ман шавам зери парда пинҳонӣ.
Пурсам ӯро суоли сарбаста,
То ҷавобам фиристад оҳиста».
Шоҳ гуфто:– «Чунин кунем, равост,
Ҳар чӣ он кардаӣ ту, кардаи мост».
Бештар з-ин сухан наяфзуданд,
Дар шабистон шуданду осуданд.
Бомдодон, ки чархи миноранг
Гарди ёқут бардамид ба санг,
Маҷлис ороcт шаҳ ба расми каён,
Баст бар бандагӣ-ш бахт миён.
Анҷуман сохт номдоронро,
Ростгӯёну росткоронро.
Хонд шаҳзодаро ба меҳмонӣ,
Бар сараш кард гавҳарафшонӣ.
Хони заррин ниҳода шуд дар кох,
Танг шуд боргаҳ зи барги фарох.
Аз басе орзу, ки бар хон буд,
Он на хон буд, к-орзудон буд.

Аз хуришҳо, ки буд бар чапу рост,
Ҳар кас он хӯрд, к-орзу дархост.
Чун хуриш хӯрда шуд ба андоза,
Шуд табиат ба парвариш тоза.
Шоҳ фармуд, то ба маҷлиси хос
Бар миҳакҳо зананд зарри халос.
Худ дарун рафту ҷои хеш бимонд,
Меҳмонро ба ҷои хеш нишонд.
Пеши духтар нишаст рӯй ба рӯй,
То чӣ бозигарӣ кунад бо шӯй.
Бозиомӯзи луъбатони Тароз
Аз паси парда гашт луъбатбоз.
Аз буногӯши худ ду луълуи хурд
Баркушоду ба хозине биспурд,
К-«Ин ба меҳмони мо расон ба шитоб,
Чун расонида шуд, биёр ҷавоб.
Шуд фиристода пеши меҳмон зуд,
В-он чи оварда буд, бад-ӯ бинмуд.
Мард лӯлӯи хурд барсанҷид,
Абра кардаш чунон, ки даргунҷид.
З-он ҷавоҳир, ки буд дарх(в)ари он,
Сеи дигар ниҳод бар сари он.
Ҳам бад-он пайки номавар додаш,
Сӯи он номвар фиристодаш.
Сангдил чунки дид луълу панҷ,
Санг бардошт, гашт луълусанҷ.
Чун каму беш дидашон ба аёр,
Ҳам бар он санг судашон чу ғубор.
Қабзаворе шакар бар он афзуд,
Он дуру он шакар ба як ҷо суд.
Дод, то назди меҳмон биштофт,
Меҳмон боз нуктаро дарёфт.
Аз парастанда хост ҷоме шир,
Ҳар ду дар вай фишонду гуфт:– «Бигир»,
Шуд парастанда сӯи бонуи хеш
В-он раҳовардро ниҳод ба пеш.
Бону он шир баргирифту бих(в)ард,
В-он чи з-ӯ монда буд, хамир бикард.
Баркашидаш ба вазн аввалбор,
Як сари мӯй кам накард иёр.
Ҳолӣ ангуштарӣ кушод зи даст,
Дод, то бурд пайки роҳпараст.

Марди бихрад ситад зи дасти каниз,
Пас дар ангушт карду дошт азиз.
Дод якто дуре ҷаҳонафрӯз,
Шабчароғе ба рӯшноии рӯз.
Бозпас шуд канизи ҳурнажод,
Дурри якто ба лаъли якто дод.
Бону он дур ниҳод бар кафи даст,
Иқди худро зи якдигар бигсаст,
То дуре ёфт ҳамтавилаи он,
Шабчароғе ҳам аз қабилаи он.
Ҳар ду дар риштае кашид ба ҳам,
Ину он чун яке, на бешу на кам.
Шуд парастанда, дур ба дарё дод,
Балки Хуршедро Сурайё дод.
Чунки бихрад назар ба он андохт,
Он ду ҳамиқдро зи ҳам нашнохт.
Ҷуз дуӣ  дар миёни он ду хушоб
Ҳеҷ фарқе набуд ба равнақу об.
Муҳраи азрақ аз ғуломон хост,
К-он дувумро севум наёмад рост.
Бар сари дур ниҳод муҳраи хурд,
Дод, то он ки оварид, бибурд.
Меҳрбонаш чу муҳра бо дур дид,
Муҳр бар лаб ниҳоду хуш хандид.
Ситад он муҳраву дур аз сари ҳуш
Муҳра дар даст басту дур дар гӯш.
Бо падар гуфт:– «Хезу кор бисоз,
Баски бар бахти хеш кардам ноз.
Бахти ман бин, чӣ гуна ёри ман аст,
К-инчунин ёре ихтиёри ман аст.
Ҳамсаре ёфтам, ки ҳамсари ӯ
Нест кас дар диёру кишвари ӯ.
Мо, ки доно шудему донодӯст,
Дониши мо ба зери дониши ӯст».
Падар аз лутфи он ҳикояти х(в)аш
Бо парӣ гуфт, к-эй фариштаваш,
Он чи ман дидам аз суолу ҷавоб
Рӯй пӯшида буд зери ниқоб.
Ҳар чӣ рафт аз ҳадисҳои ниҳуфт,
Як ба як бо манат бибояд гуфт.

Нозпарвардаи ҳазор ниёз
Пардаи рамз баргирифт зи роз.
Гуфт:– «Аввал ки тез кардам ҳуш,
Икди луълу кушодам аз буни гӯш.
Дар намудори он ду луълуи ноб
Умр, гуфтам, дурӯза шуд, дарёб»,
Ӯ, ки бар ду сеи дигар бифзуд,
Гуфт:– «Агар панҷ бигзарад ҳам, зуд».
Ман, ки шаккар ба дур дарафзудам
В-он дуру в-он шакар ба ҳам судам.
Гуфтам, ин умри шаҳватолуда
Чун дуру чун шакар ба ҳам суда.
Ба фусуну ба кимиё кардан
Кӣ тавонад зи ҳам ҷудо кардан?
Ӯ ки шире дар он миён андохт,
То яке монду дигаре бигдохт.
Гуфт:– «Шаккар, ки бо дур омезад,
Ба яке қатра шир бархезад».
Ман, ки хӯрдам шакар зи соғари ӯ,
Ширхоре будам баробари ӯ.
В-он ки ангуштаре фиристодам,
Ба никоҳи худаш ризо додам.
Ӯ ки дод он гуҳар, ниҳонӣ гуфт,
Ки чу гавҳар маро наёбӣ ҷуфт.
Ман, ки ҳам икди гавҳараш бастам,
Вонамудам, ки ҷуфти ӯ ҳастам.
Ӯ ки дар ҷустуҷӯи он ду гуҳар
Севумӣ дар ҷаҳон надид дигар
Муҳраи азрақ оварид ба даст
В-аз паи чашми бад дар эшон баст.
Ман ки муҳра ба худ баромудам,
Сар ба муҳри ризои ӯ будам.
Муҳраи меҳри ӯ ба синаи ман
Муҳри ганҷ аст бар хазинаи ман.
Бар вай аз панҷ рози пинҳонӣ
Панҷ навбат задам ба султонӣ».
Шоҳ чун дид тавсанеро ром,
Рафта хомӣ ба тозиёнаи хом,
Кард бар суннати заношӯӣ
Ҳар чӣ бояд зи шарти некӯӣ.
Дар шакаррези сури ӯ биншаст,
Зуҳраро бо Суҳайл кобин баст.

Базме орост чун бисоти биҳишт,
Базмгаҳро ба мушку уд сиришт.
Кард пирояи арӯсӣ рост,
Сарву гулро нишонду худ бархост.
Ду сабукрӯҳро ба ҳам биспурд,
Хештан з-ин миён гаронӣ бурд,
Конкани лаъл чун расид ба кон,
Ҷонканеро мадад расид зи ҷон.
Гоҳ рух бӯса доду гоҳ лабаш,
Гоҳ нораш газиду гаҳ рутубаш.
Охир алмос ёфт бар дур даст,
Боз бар синаи тазарв нишаст.
Муҳраи хеш дид  дар дасташ,
Меҳри худ дар ду наргиси масташ.
Гавҳарашро ба муҳри худ нагзошт,
Муҳри гавҳар зи ганҷи ӯ бардошт.
Зист бо ӯ ба нозу комаи хеш,
Чун рухаш сурх кард ҷомаи хеш,
К-аввалин рӯз бар сапедии ҳол
Сурхии ҷомаро гирифт ба фол.
Чун бад-он сурхӣ аз сиёҳӣ раст,
Зевари сурх доштӣ пайваст.
Чун ба сурхӣ барот рондандаш,
Малики сурхҷома хондандаш.
Сурхӣ ороише навойин аст,
Гавҳари сурхро баҳо з-ин аст.
Зар, ки гӯгирди сурх шуд лақабаш,
Сурхӣ омад накӯтарин салабаш.
Хун, ки омезиши равон дорад,
Сурх аз он шуд, ки лутфи ҷон дорад.
Дар касоне, ки некуӣ ҷӯӣ,
Сурхрӯист асли некӯӣ.
Сурхгул шохи бӯстон набвад,
Гар зи сурхӣ дар ӯ нишон набвад».
Чун ба поён шуд ин ҳикояти нағз,
Гашт пурсурхгул ҳаворо мағз.
Рӯи Баҳром аз он гулафшонӣ
Сурх шуд чун раҳиқи райҳонӣ.
Даст бар сурхгул кашид дароз,
Дар канораш гирифту хуфт ба ноз.

# НИШАСТАНИ БАҲРОМ РӮЗИ ЧОРШАНБЕ ДАР ГУНБАДИ ПИРӮЗАРАНГ ВА АФСОНА ГУФТАНИ ДУХТАРИ ПОДШОҲИ ИҚЛИМИ ПАНҶУМ

Чоршанбе, ки аз шукуфаи меҳр
Гашт пирӯзагун саводи сипеҳр,
Шоҳро шуд зи оламафрӯзӣ
Ҷома пирӯзагун зи пирӯзӣ.
Шуд ба пирӯза гунбад аз сари ноз,
Рӯз кӯтоҳ буду қисса дароз.
Зулфи шаб чун ниқоби мушкин баст,
Шаҳ зи наққобии нақибон раст.
Хост, то бонуи фасонасарой
Орад ойини бонувона ба ҷой.
Гӯяд аз роҳи ишқбозии ӯ,
Достоне ба дилнавозии ӯ.
Ғунчаи гул кушод сарви баланд,
Баст бар барги гул шамомаи қанд.
Гуфт, к-эй чарх, бандафармонат
В-ахтари фаррух офаринхонат,
Ману беҳтар зи ман ҳазор каниз
Аз заминбӯсии ту гашта азиз.
Зишт бошад, ки пеши чашмаи нӯш
Дар кушояд дукони сиркафурӯш.
Чун зи фармони шоҳ нест гузир,
Гӯям, ар шаҳ бувад судоъпазир.

## АФСОНА

Буд марде ба Миср, Моҳонном,
Манзаре хубтар зи моҳи тамом.
Юсуфи мисриён ба зебоӣ,
Ҳиндуи ӯ ҳазоряғмоӣ.
Ҷамъе аз дӯстону ҳамзодон
Гашта ҳар як ба рӯи ӯ шодон.
Рӯзаке чанд зери чархи кабуд
Дил ниҳоданд бар самоъу суруд.
Ҳар як аз баҳри он хуҷастачароғ
Карда меҳмоние ба хонаву боғ.
Рӯзе озодае бузург, на хурд,
Омад, ӯро ба боғ меҳмон бурд.

Бӯстоне латифу ширинкор,
Дӯстон з-ӯ латифтар сад бор.
То шаб он ҷо нишот мекарданд,
Гоҳ май, гоҳ мева мех(в)арданд.
Ҳар замон аз нишот парварише,
Ҳар дам аз гунаи дигар х(в)арише.
Шаб чу аз мушк баркашид алам,
Нуқраро қир даркашид қалам.
Айши хуш будашон дар он бустон,
Бода дар дасту нағма дар дастон.
Ҳам дар он боғ дил гарав карданд,
Хуррамӣ тоза, айш нав карданд.
Буд маҳтоби осмонафрӯз
Шабе алҳақ ба рӯшноии рӯз.
Мағзи Моҳон чу гарм шуд зи шароб,
Тобиши моҳ диду гардиши об.
Гирди он боғ гашт чун мастон,
То расид аз чаман ба нахлистон.
Дид шахсе зи дур, к-омад пеш,
Хабараш дод аз ошноии хеш.
Чунки бишнохташ, ҳамолаш буд,
Дар тиҷорат шарики молаш буд.
Гуфт:– «Чун омадӣ бад-ин ҳангом,
На рафиқу на чокару на ғулом?»
Гуфт, к-имшаб расидам аз раҳи дур,
Дилам аз диданат набуд сабур.
Суде овардаам бурун зи қиёс,
З-ончунон суд ҳаст ҷои сипос.
Чун расидам ба шаҳр, бегаҳ буд,
Шаҳр дарбаста, хона бераҳ буд.
Ҳам дар он корвонсарои бурун
Бурдам он бори муҳркарда дарун.
Чун шунидам, ки хоҷа меҳмон аст,
Омадам, боз рафтан осон аст.
Гар ту ой ба шаҳр, беҳ бошад,
Довари деҳ салоҳи деҳ бошад.
Низ мумкин бувад, ки дар шаби доҷ
Нимасуде ниҳон кунем аз боҷ.
Дили Моҳон зи шодмонии мол
Баргирифт он шарикро дунбол.
Дар кушоданд боғро зи ниҳуфт,
Чун касешон надид, ҳеҷ нагуфт.

Ҳар ду дар пӯя гашта бодхиром,
То зи шаб рафт як-ду поси тамом.
Пеш мешуд шарики роҳнавард,
Ӯ ба дунбол медавид чу гард.
Роҳ чун аз ҳисоби хона гузашт,
Тири андеша аз нишона гузашт.
Гуфт Моҳон:– «Зи мо ба фурзаи Нил
Дурии роҳ нест ҷуз як мил.
Чор фарсанг раҳ  фузун рафтем,
Аз хати доира бурун рафтем».
Боз гуфто:– «Магар ки ман мастам,
Бар назар сурате ғалат бастам?
Ӯ ки  дар раҳбарӣ маро ёр аст,
Роҳдон асту низ ҳушёр аст.
Ҳамчунон мешуданд дар таку тоб,
Пасрав оҳиста, пешрав ба шитоб.
Гарчи пасрав зи пешрав мемонд,
Пешрав бозмондаро мехонд.
Кам накарданд ҳар ду з-он парвоз
То бад-он гаҳ, ки мурғ кард овоз.
Чун пар афшонд мурғи субҳгаҳӣ,
Шуд димоғи шаб аз хаёл тиҳӣ.
Дидаи мардуми хаёлпараст
Аз фиреби хаёлбозӣ  раст.
Шуд зи Моҳон шарик нопайдо,
Монд Моҳон зи гумраҳӣ шайдо.
Мастию мондагӣ димоғаш суфт,
Мондаву маст буд, бар ҷо хуфт.
Ашк чун шамъи нимсӯз фишонд,
Хуфта то вақти нимрӯз бимонд.
Чун зи гармои офтоб сараш
Гармтар гашт аз оташи ҷигараш,
Дида бикшода  бар назораи роҳ,
Гирд бар гирди хеш кард нигоҳ.
Боғи гул ҷусту гул ба боғ надид,
Ҷуз диле бо ҳазор доғ надид.
Ғор бар ғор дид  манзили хеш,
Мори ҳар ғор аз аждаҳое беш.
Гарчи тоқат намонд дар  пояш,
Ҳам ба рафтан пазира  шуд рояш.
Пӯя мекарду зӯри пояш на,
Роҳ мерафту раҳнамояш на.

То назад шоҳи шаб сепояи хеш,
Буд тарсон дилаш зи сояи хеш.
Шаб чу нақши сиёҳкорӣ баст,
Рӯзгор аз сапедкорӣ раст.
Бехуд афтод бар дари ғоре,
Ҳар гиёҳе ба чашми ӯ море.
Ӯ дар он девхона рафта зи ҳуш,
К-омад овози одамӣ-ш ба гӯш.
Чун назар баркушод, дид ду тан,
З-ӯ яке мард буду дигар зан.
Ҳар ду бар дӯш пуштае баста,
Мешуданд аз гаронӣ оҳиста.
Мард, к-ӯро бидид бар раҳи хеш,
Монд занро ба ҷою омад пеш.
Бонг барзад бар ӯ, ки, ҳон, чӣ касӣ,
Бо кӣ дорӣ чу бод ҳамнафасӣ?
Гуфт:– «Марде ғарибу корам хом,
Ҳаст Моҳони Гӯшёрам ном».
Гуфт, к-ин ҷо чӣ гуна афтодӣ,
К-ин харобӣ надорад ободӣ?
Ин бару бум ҷои девон аст,
Шер аз ошӯбашон ғиревон аст.
Гуфт:– «Лиллоҳу филлаҳ, эй сарамард,
Он кун аз мардумӣ, ки шояд кард,
Ки ман ин ҷо ба худ наяфтодам,
Дев бигзор, к-одамизодам.
Дӯш будам ба нозу осонӣ
Бар бисоти Ирам ба меҳмонӣ.
Марде омад, ки ман ҳамоли туам.
Аз шарикони мулку моли туам.
З-он биҳиштам бад-ин хароб афканд,
Гум шуд аз ман, чу рӯз гашт баланд.
Бо ман он ёри фориғ аз ёрӣ.
Ё ғалат кард, ё ғалаткорӣ.
Мардумӣ кун ту аз барои Худой,
Роҳи гумкардаро ба ман бинмой».
Мард гуфт:– «Эй ҷавони зеборӯй,
Ба яке мӯй растӣ аз як мӯй.
Дев буд, он ки мардумаш хонӣ,
Номи ӯ Ҳойили биёбонӣ.
Чун ту сад одамӣ зи раҳ бурдаст,
Ҳар яке бар гаревае мурдаст.

Ману ин зан рафиқу ёри туем,
Ҳар ду имшаб нигоҳдори туем.
Дил қавӣ кун, миёни мо бихром,
Пай зи пай бармагиру гом аз гом».
Рафт Моҳон миёни он ду далел,
Роҳро менавашт мил ба мил.
То дами субҳ ҳеҷ дам назаданд,
Ҷуз паи якдигар қадам назаданд.
Чун дуҳул баркашид бонги хурӯс,
Субҳ бар ноқа баст заррин кӯс.
Он ду зиндон, ки бекалид шуданд,
Ҳар ду аз дида нопадид шуданд.
Боз Моҳон даруфтод зи пой,
Чун фурӯмондагон бимонд ба ҷой.
Рӯз чун акси рӯшноӣ дод,
Хок бар хуни шаб гувоӣ дод.
Гашт Моҳон дар он гареваи танг,
Кӯҳ бар кӯҳ дид ҷои паланг.
Тоқаташ рафт, аз он ки х(в)ард набуд,
Хурише ҷуз дареғу дард набуд.
Беху тухми гиё талаб мекард,
Андак-андак ба ҷои нон мех(в)ард.
Бозмондан зи роҳ рӯй надошт,
Раҳ наю раҳравӣ фурӯ нагзошт.
То шаб он рӯз рафт кӯҳ ба кӯҳ,
Омад аз ҷону аз ҷаҳон ба сутӯҳ.
Чун ҷаҳони сапед гашт сиёҳ,
Роҳрав низ бозмонд зи роҳ.
Дар мағоке хазиду лахте хуфт,
Рӯи хеш аз равандагон бинҳуфт.
Ногаҳ овози пои асб шунид,
Бар сари роҳ шуд, саворе дид.
Маркаби хеш гарм карда савор,
Дар дигар даст маркабе раҳвор.
Чун даромад ба назди Моҳон танг,
Пайкаре дид, дархазида ба санг.
Гуфт, к-эй раҳнишини зарқнамой,
Чӣ касию чӣ ҷои туст ин ҷой?
Гар хабар боздодӣ аз розам,
Варна ҳолӣ сарат бияндозам.
Гашт Моҳон зи бими ӯ ларзон,
Тухме афшонд чун кишоварзон.

Гуфт, к-эй раҳнаварди хубхиром,
Гӯш кун саргузашти банда тамом.
В-он чи донист з-ошкору ниҳуфт,
Чун ниюшанда гӯш кард, бигуфт.
Чун савор он фасона з-ӯ бишунид,
Дар аҷаб монду пушти даст газид.
Гуфт:– «Бурдам ба хештан лоҳавл,
Ки шудӣ эмин аз ҳалоки ду ҳавл.
Нару мода ду ғӯли чорагаранд,
К-одамиро зи роҳи худ бибаранд.
Дар мағок афкананду хун резанд,
Чун шавад бонги мурғ, бигрезанд.
Мода Ҳилову номи нар Ғилост,
Корашон кардани бадию балост.
Шукр кун, к-аз ҳалокашон растӣ,
Хон, сабук бош, агар касе ҳастӣ.
Бар ҷанибат нишин, инон даркаш
В-аз ҳама неку бад забон даркаш.
Бар паям бодпойро мерон,
Дар дили худ Худойро мехон.
Оҷизу ёва гашта з-он дар ғор,
Бар пари он  паранда гашт савор.
Ончунон бар паяш фарас меронд,
Ки аз ӯ бод бозпас мемонд.
Чун қадар моя роҳ бинваштанд
В-аз хатаргоҳи кӯҳ бигзаштанд,
Гашт пайдо зи кӯҳпояи паст
Сода даште, чӣ гуна? Чун кафи даст.
Омад аз ҳар тараф навозиши руд,
Нолаи барбату навои суруд.
Бонг аз он сӯ, ки сӯи мо бихром,
Наъра з-ин сӯ, ки нӯш бодат ҷом!
Ҳама сахро ба ҷои сабзаву гул
Ғӯл дар ғӯл буду ғул дар ғул,
Кӯҳу саҳро зи дев гашта сутӯҳ,
Кӯҳ сахро  гирифта, саҳро кӯҳ.
Барнишаста ҳазор дев ба дев,
Аз дару дашт баркашида ғирев.
Ҳама чун девбод хокандоз,
Балки чун деви чаҳ сиёҳу дароз.
То бад-он ҷо расид, к-аз чапу  рост
Ҳоюҳуе бар осмон бархост.

Сафаќу раќс баркашида хурӯш,
Мағзро бар сар оварида ба ҷӯш.
Ҳар замон он хурӯш меафзуд,
Лаҳза то лаҳза бештар мебуд.
Чун бар ин соате гузашт, аз дур
Гашт пайдо ҳазор машъали нур.
Ногаҳ омад падид шахсе чанд,
Колбадҳои саҳмноку баланд.
Лафчҳое чу зангиёни сиёҳ,
Ҳама ќатронќабову ќиркулоҳ,
Ҳама хартумдору шохгирой,
Гову пиле намуда дар як ҷой.
Ҳар яке оташе гирифта ба  даст,
Мункиру зишт чун забонии маст.
Оташ аз ҳалќашон забоназанон,
Байтгӯёну шохшоназанон.
З-он ҷалоҷил, ки дар дам оварданд,
Раќс дар ҷумла олам оварданд.
Ҳам  бад-он захма, к-он сиёҳон дошт,
Раќс кард он фарас, ки Моҳон дошт.
Кард Моҳон дар асби хеш назар,
То зи пояш чаро баромад пар.
Зери худ меҳнату балое дид,
Хештанро бар аждаҳое дид.
Аждаҳое чаҳорпою дупар,
В-ин аҷабтар, ки ҳафт будаш сар.
Фалаке, к-ӯ  ба гирди мо камар аст,
Чӣ аҷаб, к-аждаҳои ҳафтсар аст.
Ӯ бар он аждаҳои дӯзахваш
Карда бар гарданаш ду пой ба каш.
В-он ситамкора деви бозигар
Ҳар замон бозие намуд дигар.
Пой макӯфт бо ҳазор шикан,
Печдарпечтар зи тоби расан.
Ӯ чу хошоки сояпарварда
Селаш аз кӯҳ пеши дар карда.
Сӯ  ба сӯ мефиканду мебурдаш,
Кард якбора хаставу хурдаш.
Медавондаш зи роҳи сармастӣ,
Мезадаш бар  баландию пастӣ.
Гаҳ барангехташ чу гӯй аз ҷой,
Гаҳ  ба гардан дароваридаш пой.

Кард бар вай ҳазор гуна фусӯс
То ба ҳангоми субҳу бонги хурӯс.
Субҳ чун зад дам аз даҳонаи шер,
Ҳолӣ аз гарданаш фиканд ба зер.
Рафту рафт аз ҷаҳон нафиру хурӯш,
Дегҳои сияҳ нишаст зи ҷӯш.
Чун зи дев уфтод девсавор,
Рафт чун девдидагон аз кор.
Монд бехуд дар он раҳ афтода,
Чун касе хаста, балки ҷондода.
То натафсид аз офтоб сараш,
На зи худ буду н-аз ҷаҳон хабараш.
Чун зи гармӣ гирифт мағзаш ҷӯш,
Дар тани ҳушрафта омад ҳуш.
Чашм молиду аз замин бархост,
Соате нек дид дар чапу рост.
Дид бар гирди худ биёбоне,
К-аз дарозӣ надошт поёне.
Рег рангин кашида нах бар нах,
Сурх чун хуну гарм чун дӯзах.
Теғ чун бар саре фароз кашанд,
Рег резанду натъ бозкашанд.
Он биёбон алам ба хун афрохт,
Рег аз он рехту натъ аз он андохт.
Марди меҳнаткашидаи шаби дӯш
Чун тануманд шуд ба тоқату ҳуш,
Ёфт аз домгоҳи он дадагон,
Кӯчароҳе ба кӯи ғамзадагон.
Роҳ бардошту медавид чу дуд,
Саҳмзад з-он ҳавои заҳролуд.
Ончунон шуд, ки тир дар партоб,
Боз монд аз такаш ба гоҳи шитоб.
Чун даромад ба шаб сиёҳии шом,
Он биёбон наваšта буд тамом.
Замие сабз диду оби равон,
Дили пираш чу бахт гашт ҷавон.
Хӯрд аз он обу хештанро шуст,
В-аз паи хоб ҷойгоҳе ҷуст.
Гуфт:– «Беҳ, гар ба шаб баросоям,
К-аз шаб ошуфта мешавад роям.
Ман худ андар мизоҷи савдоӣ
В-ин ҳаво хушку роҳ танҳоӣ.

Чун набошад хаёлҳои дурушт,
Хотирамро хаёлбозӣ кушт.
Хусбам имшаб зи роҳи дамсозӣ,
То набинам хаёли шаббозӣ.
Пас зи ҳар манзилею ҳар роҳе
Бозмеҷуст офиятгоҳе.
То ба байғулае расид фароз,
Дид нақбе дар ӯ кашида  дароз.
Чоҳсоре ҳазорпоя дар ӯ,
Ношуда кас магар, ки  соя дар ӯ.
Шуд дар он чоҳхона Юсуфвор,
Чун расан пояш уфтода зи кор.
Чун ба поёни чоҳхона расид,
Мурғ, гуфтӣ, ба ошёна  расид,
Бехатар шуд, аз он ҳиҷоб ниҳуфт,
Бар замин сар ниҳоду лахте хуфт.
Чун даромад зи хоби нӯшин боз,
Карда болини хобгаҳро соз.
Дида бикшод бар ҳаволии чоҳ,
Нақш мебаст бар ҳарири сиёҳ.
Як дирамвор дид нури сапед,
Чун суманбар саводи сояи бед.
Гирди он рӯшноӣ аз чапу рост,
Дид, то асли равшанӣ зи куҷост.
Рахнае дид, дода чархи баланд
Нури маҳтобро бад-ӯ пайванд.
Чун шуд огаҳ, ки он фавораи нур
Тобад аз моҳу моҳ аз он ҷо дур.
Чангу нохун ниҳод дар сӯрох,
Тангияшро ба чора кард фарох.
То чунон шуд, ки фарқ то гардан
Метавонист аз ӯ бурун кардан.
Сар бурун карду боғу гулшан дид,
Ҷойгоҳе латифу равшан дид.
Рахна ковиду то ба ҷаҳду фусун
Хештанро зи рахна кард бурун.
Дид боғе на боғ, балки биҳишт
Беҳ зи боғи Ирам ба табъу сиришт.
Равзагоҳе чу сад нигор дар ӯ,
Сарву шамшод бешумор дар ӯ.
Мевадоронаш аз барӯмандӣ
Карда бо хок саҷдапайвандӣ.

Меваҳое бурун зи андоза,
Ҷон аз ӯ тоза, ӯ чу ҷон тоза.
Себ чун лаъли ҷомҳои раҳиқ,
Нор бар шакли дурҷҳои ақиқ.
Биҳ чу гӯӣ бароганида ба мушк,
Писта бо хандаи тар аз лаби хушк.
Ранги шафтолу аз шамоили шох
Карда ёқути сурху сабз фарох.
Мӯз бо луқмаи халифа ба роз
Рутабашро се бӯса бурда ба гоз.
Шаккарамруд дар шакархандӣ,
Иқди унноб дар гуҳарбандӣ.
Шаҳди анҷиру мағзи бодомаш
Саҳни полуда карда дар ҷомаш.
Токи ангур каҷ ниҳода кулоҳ,
Дида дар ҳукми худ сапеду сиёҳ.
З-оби ангуру нори оташгун
Ҳамчу ангур баста маҳзари хун.
Шохи норинҷу барги тора турунҷ
Нахлбанде ниҳода бар ҳар кунҷ.
Бӯстон чун мушаъбид аз найранг
Харбуза ҳуққаҳои рангоранг.
Мева бар мева себу синҷиду нор
Чун табархун, вале табарзадвор.
Чунки Моҳон чунин биҳиште ёфт,
Дил зи дӯзахсарои дӯшин тофт.
Ӯ дар он меваҳо аҷаб монда,
Хӯрда бархею бархе афшонда.
Ногаҳ аз гӯша наърае бархост,
Ки бигиред दуздро чапу рост.
Пире омад зи хашм кина ба ҷӯш,
Чӯбдасте бароварида ба дӯш.
Гуфт, к-эй деви мевадузд, киӣ?
Шаб ба боғ омада зи баҳри чиӣ?
Чанд сол аст, то дар ин боғам,
Аз шабехуни дузд пайдоғам.
Ту чӣ халқӣ, чӣ асл донандат?
Чунию кистӣ? Кӣ хонандат?
Чун ба Моҳон бар ин ҳадис шумурд,
Марди мискин ба дасту пой бимурд.
Гуфт:– «Марде ғарибам, аз хона
Дур монда ба ҷои бегона.

Бо ғарибони ранҷдида бисоз,
То фалак хонадат ғарибнавоз».
Пир чун дид узрсозии ӯ,
Кард рағбат ба дилнавозии ӯ,
Чӯбдасте ниҳод зуд зи даст,
Фориғаш карду пеши ӯ биншаст.
Гуфт:– «Баргӯй саргузашти хеш,
То чӣ дидӣ, туро чӣ омад пеш?
Чӣ ситам дидаӣ зи бехирадон,
Чӣ бадӣ кардаанд бо ту бадон?»
Чунки Моҳон зи рӯи дилдорӣ
Дид дар пир нармгуфторӣ,
Кардаш огаҳ зи саргузашти хеш
В-аз балоҳо, ки омад ӯро пеш.
Он зи меҳнат ба меҳнат афтодан,
Ҳар шабе дил ба меҳнате додан.
В-он саранҷом ноумед шудан,
Гаҳ сиёҳу гаҳе сапед шудан,
То бад-он чоҳу он хуҷиста чароғ,
Ки зи торикияш расонд ба боғ.
Қиссаи худ ягон-ягон баргуфт,
Кард пайдо бар ӯ ҳадиси ниҳуфт.
Пирмард аз шигифтии кораш
Хира шуд, чун шунид гуфтораш.
Гуфт:– «Бар мо фариза гашт сипос,
К-эминӣ ёфтӣ зи ранҷу ҳарос.
З-он фурӯмоя гавҳарон растӣ,
Ба чунин ганҷхона пайвастӣ».
Чунки Моҳон зи рифқу ёрии ӯ
Дид бар худ сипосдории ӯ,
Боз пурсид, к-он нишемани шум
Чӣ замин аст в-аз кадомин бум?
К-он қиёмат намуд дӯш ба ман,
К-офариниш надошт гӯш ба ман.
Оташе барзад аз димоғам дуд,
К-он ҳама шӯри як шарора намуд.
Дев дидам, зи худ шудам холӣ,
Девдида чунон шавад ҳолӣ.
Пешам омад ҳазор девкада,
Дар яке сад ҳазор деву дада.
Ин кашид, он фиканд в-онам зад,
Дадаву дев ҳар ду бад дар бад.

Тирагиро зи равшанист калид,
Дар сиёҳӣ сапед шояд дид.
Ман сияҳ дар сияҳ чунон дидам,
К-аз сиёҳии дида тарсидам.
Мондам аз кори хеш саргашта,
Даҳанам хушку дида тар гашта.
Гоҳе аз дасти дида нолидам,
Гоҳ бар дида даст молидам.
Мезадам гому мебуридам роҳ,
Ин ба «лоҳавл»-у он ба «бисмиллоҳ»,
То зи ранҷам Худой дод наҷот,
Зулматам шуд бадал ба Оби Ҳаёт.
Ёфтам боғе аз Ирам х(в)аштар,
Боғбоне зи боғ дилкаштар.
Тарси дӯшинам аз куҷо бархост
В-имшабам коми эминӣ зи куҷост?
Пир гуфт:– «Эй зи банди ғам  раста,
Ба ҳарими наҷот пайваста,
Он биёбон, ки гирди ин тараф аст,
Девлохе махуфу беалаф аст.
В-он биёбониёни зангисор
Девмардум шуданду мардумхор.
Бифиребанд мардро зи нахуст,
Бишканандаш, шикастане ба дуруст.
Ростхонӣ кунанду каҷ бозанд,
Даст гиранду дар чаҳ андозанд,
Меҳрашон раҳнамои кин бошад,
Девро одат инчунин бошад.
Одамӣ, к-ӯ фиребнок бувад,
Ҳам зи девони он мағок бувад.
В-инчунин дев дар ҷаҳон чананд,
К-аблаҳанду бар аблаҳон ханданд.
Гаҳ дурӯғе ба ростӣ пӯшанд,
Гоҳ заҳре дар ангубин ҷӯшанд.
Дар хаёли дурӯғ бемададист,
Ростӣ ҳукмномаи абадист.
Ростиро бақо калид омад,
Муъҷиз аз сеҳр аз он падид омад.
Содадил шуд дар асл гавҳари ту,
К-ин хаёл уфтод дар сари ту.
Инчунин бозие кареҳу калон
Нанамоянд ҷуз ба содадилон.

Тарси ту бар ту  турктозӣ кард,
Бо хаёлат хаёлбозӣ кард.
Он ҳама бар ту уштулум кардан
Буд ташвиши роҳ гум кардан.
Гар дилат будӣ он замон бар ҷой,
Нашудӣ хотират хаёлнамой.
Чун аз он ғӯлхона ҷон бурдӣ,
Софиошом то кай аз дурдӣ?
Модар, ангор имшабат зода-ст,
В-эзидат з-он ҷаҳон ба мо дода-ст.
Ин гаронмоя боғи минуранг,
Ки ба хуни дил омадаст ба чанг,
Мулки ман шуд, дар он хилофе нест,
Дар гуле нест, к-эътирофе нест.
Меваҳояст меҳрпарварда,
Ҳар дарахте зи боғе оварда.
Дахли ӯ он гаҳе, ки кам бошад,
З-ӯ яке шаҳри мӯҳташам бошад.
Ба ҷуз инам сарову анбор аст,
Зар ба хирман, гуҳар ба харвор аст,
Ин ҳама ҳасту нест фарзандам,
Ки дили хештан дар ӯ бандам.
Чун туро дидам аз ҳунармандӣ,
Дар ту дил бастаам ба фарзандӣ.
Гар бад-ин шодӣ, эй ғуломи ту ман,
Кунам ин ҷумларо ба номи ту ман.
То дар ин боғи тоза метозӣ,
Неъмате мехурию менозӣ.
Хоҳамат ончунон, ки рой бувад,
Наварӯсе, ки дилрабой бувад,
Дил ниҳам бар шумову х(в)аш бошам,
Ҳар чӣ хоҳед, нозкаш бошам.
Гар вафо мекунӣ бад-ин фармон,
Дасти аҳде бидеҳ бад-ин паймон».
Гуфт Моҳон:– «Чӣ ҷои ин сухун аст,
Хорбун кай сазои сарвбун аст?
Чун пазируфтиям ба фарзандӣ,
Банда гаштам бад-ин худовандӣ.
Шод бодӣ, ки кардиям шодон,
Эй  ба ту хонумонам ободон!»
Дасти ӯ бӯса дод шод бад-ӯ
В-он гаҳе дасти хеш дод бад-ӯ.

Пир дасташ гирифт зуд ба даст,
Аҳду мисоқ карду паймон баст.
Гуфт:– «Бархез!» Меҳмон бархост,
Бурдаш аз дасти чап ба ҷониби рост.
Боргоҳе бад-ӯ намуд  баланд,
Густаришҳои боргоҳи паранд.
Суффае то фалак сар оварда,
Гелуӣ тоқи ӯ баровarda.
Ҳама девору саҳни ӯ зи рухом,
Ба фурӯзандагӣ чу нуқраи хом.
Пешгоҳе фароху авҷе танг
Аз басе шохи сарву беду хаданг.
Даргаҳе баста бар ҷаноҳи дараш,
К-осмон бӯса дод бар камараш.
Пеши он суффаи каёникох
Руста сандалбуне баланду фарох.
Шох дар шох зевар афканда,
Зевараш дар замин сар афканда.
Карда бар вай нишастгоҳе чуст,
Тахт баста ба тахтаҳои дуруст.
Фаршҳое кашида бар сари тахт
Нарму хушбӯ чу баргҳои дарахт.
Пир гуфташ:– «Бар ин дарахт хиром
В-ар ниёз оядат ба обу таом.
Суфра овехтасту кӯза фуруд,
Пур зи нони сапеду оби кабуд.
Ман равам, то кунам зи баҳри ту соз,
Хонае хуш кунам зи баҳри ту боз.
То наёям, сабур бош ба ҷой,
Ҳеҷ аз ин хобгаҳ фуруд маёй,
Ҳар кӣ пурсад туро, бигардон гӯш,
Дар ҷавобаш сухан магӯю хамӯш.
Ба мудорои ҳеҷ кас мафиреб,
Аз мурооти ҳар касе бишикеб.
Гар ман оям, зи ман дурустӣ хоҳ,
Он гаҳе деҳ маро ба пешат роҳ.
Чун миёни ману ту аз сари аҳд
Суҳбате тоза шуд чу ширу чу шаҳд.
Боғ боғи ту, хона хонаи туст,
Ошёни ман ошёнаи туст.
Имшаб аз чашми бад ҳаросон бош,
Ҳама шабҳои дигар осон бош».

Пир чун дод як  ба як пандаш,
Дод бо панд низ савгандаш.
Нардбонпояе даволин буд,
К-аз паи он баланд болин буд.
Гуфт:– «Баршав, даволсой кун,
Яке имшаб даволпой кун!
В-аз замин баркаш он даволи дароз,
То нагардад касе даволакбоз.
Имшаб аз мор кун камарсозӣ,
Бомдодон ба ганҷ кун бозӣ.
Гарчи ҳалвои мо шабона расид,
Заъфаронаш ба рӯз бояд дид».
Пир гуфт ину рафт сӯи сарой,
То бисозад зи баҳри меҳмон ҷой.
Рафт Моҳон бар он дарахти баланд,
Баркашид аз замин даволи каманд.
Бар сарири баландпоя нишаст,
Зери пояш ҳама  баландон паст.
Дар чунон хонаи муанбарпӯш
Шуд чу боди шамол хонафурӯш.
Суфраи нон кушоду лахте х(в)ард
Аз руқоқи сапеду гурдаи зард.
Хӯрд аз он сардкӯза оби зулол,
Парвариш ёфта зи боди шамол.
Чун  бар он тахти румиороиш
Ёфт аз фарши чинӣ осоиш,
Шохи сандал,  шамомаи кофур
Аз дилаш кард ранҷи савдо дур.
Такя зад, гирди боғ менигарист,
Ногаҳ аз дур тофт шамъе бист,
Наварӯсон гирифта шамъ ба даст,
Шоҳи навтахт шуд арӯспараст.
Ҳафда султон даромаданд зи роҳ,
Ҳафда хасли тамом бурда зи моҳ.
Ҳар як ороише дигар карда,
Қасабе пургулу шакар карда,
Чун расиданд пеши суфаи боғ
Шамъ бар  дасту хештан чу чароғ.
Базмгаҳ хусравона бинҳоданд,
Пешгоҳи бисот бикшоданд.
Шамъ бар шамъ гашт рӯи бисот,
Рӯи дар рӯй шуд суруру нишот.

Он парирӯ, ки буд меҳтарашон,
Дурратутточи икди гавҳарашон,
Рафту дар базмгоҳи хос нишаст,
Дигаронро нишонд ҳам бар даст.
Баркашиданд мурғвор наво,
Даркашиданд мурғро зи ҳаво.
Бурд овозашон зи роҳи фиреб
Ҳам зи Моҳону ҳам зи моҳ шикеб.
Рақс дар пояшон ба захмагарӣ,
Зарб дар досташон ба  хонабарӣ.
Боде омад, намуд дастонҳо,
Даркушод аз турунҷ пистонҳо.
Дар ғами он турунҷи табъкушой
Монда Моҳон зи дур сандалсой.
Карда сад раҳ, ки чорае созад,
Хештан з-он дарахт андозад.
Бо чунон луъбатони ҳурсиришт
Бе қиёмат даруфтад ба биҳишт.
Боз гуфтори пираш омад ёд,
Банд бар саръиёни табъ ниҳод.
В-он бутон ҳамчунон дар он бозӣ
Менамуданд шуъбадасозӣ.
Чун замоне нишот бинмуданд,
Хон ниҳоданду хӯрдро буданд.
Хӯрдаҳое надида оташу об,
Карда хушбӯ ба мушку уду гулоб.
Зирабое ба заъфарону шакар,
Норбое зи зирабо  хуштар.
Барраи ширмасти булғорӣ,
Моҳии тоза, мурғи парворӣ.
Гирдаҳои сапед чун кофур
Нарму нозук чу пушту синаи ҳур.
Ҳусни ҳалвои парварида ба қанд
Бештар з-он, ки гуфт шояд чанд.
В-аз кулича ҳазор ҷинси ғариб,
Парвариш ёфта ба равғану тиб.
Чун бад-ин гуна хоне оварданд,
Хон на хон, бал ҷаҳоне оварданд.
Шаҳи хубон ба нозанине гуфт:
– «Тоқи мо зуд гашт хоҳад ҷуфт».
Бӯи уд оядам зи сандали хом,
Сӯи он уди сандалӣ бихиром.

Удбӯе бар ӯст удипӯш,
Сандаломезу сандалӣ бару дӯш.
Шаб чу уди сиёҳу сандали зард
Уди моро ба сандалаш парвард.
Мағзи моро зи тиб ҳаст насиб,
Тибате низ хуш бувад бо тиб.
Менамояд чу ошно нафасе,
Бар дарахт асту мепазад ҳавасе.
Зер хонаш зи рӯи дамсозӣ,
То кунад бо хаёли мо бозӣ.
Гар наёяд, бигӯ, ки хон пеш аст.
Меҳри он меҳрбон аз он беш аст.
Кай ба хон дасти хеш бикшояд,
Магар он гаҳ, ки меҳмон ояд.
Хез, то бар хурӣ зи пайвандаш,
Хон ниҳода мадор дар бандаш.
Нозанин рафт сӯи сандалшох,
Даҳане тангу лобаҳои фарох.
Булбулосо бар ӯ дуруд овард
В-аз дарахташ чу гул фуруд овард.
Меҳмон худ, ки ҷойкаш будаш,
Бар чунон рақс пой х(в)аш будаш.
Шуд ба дунболи он миёнҷӣ чуст,
К-ӯ бад-он кори худ миёнҷӣ ҷуст.
З-он ҷавонӣ, ки дар сар афтодаш,
Н-омад аз панди пири худ ёдаш.
Чун ҷавон ҷӯш дар ниҳод орад,
Панди пирон куҷо ба ёд орад.
Ишқ чун баргирифт шарм аз роҳ,
Рафт Моҳон ба меҳмонии моҳ.
Моҳ чун дид рӯи Моҳонро,
Саҷда бурдаш чу тахт шоҳонро.
Бо худаш бар бисоти хос нишонд,
Ин шакар рехт в-он гулоб афшонд.
Кард бо ӯ ба хӯрд ҳамхонӣ,
К-инчунин аст шарти меҳмонӣ.
В-аз сари дӯстию ихлосаш
Дод ҳар дам наволаи хосаш.
Чун фароғат расидашон аз хон,
Ҷоми ёқут гашт қути равон.
Соғаре чанд чун зи май х(в)арданд,
Шармро аз миёна пай карданд.

Чун зи мастӣ  дарид пардаи шарм,
Гашт бар моҳ меҳри Моҳон гарм.
Луъбате дид, чун шукуфта баҳор,
Нозанине чу сад ҳазор нигор.
Нарму нозукбаре чу луру панир,
Чарбу ширинтаре зи шаккару шир.
Рух чу себе, ки дилписанд бувад,
Дар миёни гулобу қанд бувад.
Тан чу симоб, к-оварӣ дар мушт,
Аз латофат бурун равад з-ангушт.
Дар канор, ончунон ки гул дар боғ
Дар миён, ончунон ки шамъу чароғ.
Зевари маҳ нисор гашта бар ӯ,
Меҳри Моҳон ҳазор гашта бар ӯ.
Гаҳ газидаш чу қандро махмур,
Гаҳ мазидаш чу шаҳдро занбӯр.
Чунки Моҳон ба моҳ дарпечид,
Моҳчеҳра зи шарм сар печид.
Дар бар овард луъбати Чинро,
Гули садбаргу сарви симинро.
Лаб бар он чашмаи раҳиқ ниҳод,
Муҳри  ёқут бар ақиқ ниҳод.
Чун дар он нури чашму чашмаи қанд
Кард некӯ назар ба чашми писанд,
Дид ифрите аз даҳан то пой,
Офарида зи хашмҳои Худой
Говмеше, гуроздандоне,
К-аждаҳо кас надида чандоне.
З-аждаҳо даргузар, ки Аҳрамане
Аз замин то ба осмон даҳане.
Чафтапуште, наузубиллаҳ, кӯз,
Чун камоне, ки баркашанд ба тӯз.
Пушт қавсию рӯй харчангӣ,
Бӯи гандаш ҳазорфарсангӣ.
Биние чун танӯри хиштпазон,
Даҳане чун тағори рангразон.
Боз карда лабе чу коми наҳанг,
Дар бар оварда меҳмонро  танг.
Бар сару рӯяш ошкору ниҳуфт
Бӯса медоду ин сухан мегуфт,
К-эй ба чанги ман уфтода сарат
В-эй ба дандони ман дарида  барат,

Чанг дар ман задию дандон ҳам,
То лабам бӯсию занахдон ҳам.
Чангу дандон нигар чу теғу синон,
Чангу дандон чунин бувад, на чунон.
Он ҳама рағбатат чӣ буд нахуст,
В-ин замон рағбатат чаро шуд суст?
Лаб ҳамон лаб шудаст, бӯса бихоҳ,
Рух ҳамон рух, назар мабанд зи моҳ.
Бода аз дасти соқие маситон,
К-оварад секие ба сад дастон.
Хона дар кӯчае магир ба музд,
Ки дар он кӯча шаҳна бошад дузд.
Эй чунон, инчунин ҳамешояд,
То кунам, он чи бо ту мебояд.
Гар насозам чунон ки дархури туст,
Пас, чунонам, ки дидаӣ зи нахуст».
Ҳар дам ошӯбе инчунин мекард,
Уштулумҳои оташин мекард.
Чунки Моҳони бенавогашта
Дид, моҳе ба аждаҳо гашта,
Симсоқе шуда гурозсуме,
Говчашме шуда ба говдуме.
Зери он аждаҳои ҳамчун қир
Мешуд аз зераш об, маънӣ гир.
Наърае зад чу тифли заҳрашикоф,
Ё зане тифлаш уфтода зи ноф.
Он гурози сияҳ чу деви сапед
Мезад аз бӯса оташ андар бед.
То бад-он гаҳ, ки нури субҳ дамид,
Омад овози мурғу дев рамид.
Пардаи зулмат аз ҷаҳон бархост
В-он хаёлот аз миён бархост.
Он хазафгавҳарони лаълнамой
Ҳама рафтанду кас намонд ба ҷой.
Монд Моҳон фитода бар дари кох,
То бад-он гаҳ, ки рӯз гашт фарох.
Чун зи райҳони рӯзи тобанда
Шуд дигарбора ҳушёбанда,
Дида бикшод: дид ҷое зишт,
Дӯзахе тофта ба ҷои биҳишт.
Нолише чанд монда, нол шуда,
Хок дар дидаи хаёл шуда.

З-он бино, к-асли ӯ хаёле буд,
Турфаш омад, ки турфа ҳоле буд.
Боғро дид ҷумла хористон,
Суффаро сифре аз бухористон.
Сарву шамшодҳо ҳама хасу хор,
Меваҳо мӯру меводорон мор.
Синаи мурғу пушти бузғола
Ҳама мурдорҳои даҳсола.
Ною чангу рубоби коргарон
Устухонҳои гӯру ҷонварон.
В-он тутуқҳои гавҳаромуда
Чармҳои дабоғатолуда,
Ҳавзҳое чу об дар дида
Поргинҳои оби  гандида.
В-он чи ӯ хӯрда буду боқӣ монд,
В-он чи аз ҷуръарези соқӣ монд,
Буд ҳошо зи ҷинси роҳатҳо
Ҳама полоиши ҷароҳатҳо.
В-он чи райҳону роҳ буд ҳама,
Резиши мустароҳ буд ҳама.
Боз Моҳон ба кори худ дармонд,
Бар худ астағфируллаҳе мехонд.
Пои он не, ки раҳгузор шавад,
Рӯи он не, ки пойдор шавад.
Гуфт бо хештан:– «Аҷаб корест,
Ин чӣ пайванду ин чӣ паргорест?
Дӯш дидан шукуфта бустоне,
Дидан имрӯз меҳнатистоне?
Гул намудан ба мову хор чӣ буд?
Ҳосили боғи рӯзгор чӣ буд?
В-огаҳӣ на, ки ҳар чӣ мо дорем,
Дар ниқоби маҳ аждаҳо дорем.
Бинӣ ар, пардаро барандозанд,
К-аблаҳон ишқ бо чӣ мебозанд.
Ин рақамҳои румию чинӣ
Зангие зишт шуд, ки мебинӣ,
Пӯсте баркашида бар сари хун,
Роҳ беруну мустароҳ дарун.
Гар зи гармоба баркашанд он пӯст,
Гулханеро касе надорад дӯст.
Бас мубассир, ки мормуҳра харид,
Муҳра пиндошт, мор дар сала дид.

Бас муғаффал дар ин харитаи хушк
Гираҳи уд ёфт нофаи мушк.
Чунки Моҳон зи чанги бадхоҳон
Раст чун ман зи қиссаи Моҳон,
Нияти кори хайр пеш гирифт,
Тавбаҳо карду назрҳо пазруфт.
Аз дили пок дар Худой гурехт,
Роҳ мерафту хун зи рух мерехт,
То ба обе расид равшану пок
Шуст худрову рух ниҳод ба хок.
Саҷда карду замин ба хорӣ руфт,
Бо каси бекасон ба зорӣ гуфт,
К-эй кушоянда, кори ман бикшой
В-эй намоянда, роҳи ман бинмой.
Ту кушойим кори баставу бас,
Ту намойим раҳ, на дигар кас.
На маро раҳнамои танҳоӣ,
Кист, к-ӯро ту роҳ нанмоӣ?»
Соате дар Худои худ нолид,
Рӯй дар саҷдагоҳи худ молид.
Чунки сар баргирифт дар бари хеш,
Дид шахсе ба шаклу пайкари хеш.
Сабзпӯше чу фасли найсонӣ,
Сурхрӯе чу субҳи нуронӣ.
Гуфт, к-эй хоҷа, кистӣ ба дуруст?
Қиматӣ гавҳаро, ки гавҳари туст!
Гуфт:– «Ман Хизрам, эй худойпараст,
Омадам, то туро бигирам даст.
Нияти неки туст, к-омад пеш,
Мерасонад туро ба хонаи хеш.
Дасти худро ба ман деҳ аз сари пой,
Дида бар ҳам бибанду боз кушой».
Чунки Моҳон саломи Хизр шунид,
Ташна буд, Оби Зиндагонӣ дид.
Дасти худро сабук ба дасташ дод,
Дида дарбасту дарзамон бикшод.
Дид худро дар он саломатгоҳ,
К-аввалаш дев бурда буд зи роҳ.
Боғро дар кушоду кард шитоб,
Сӯи Миср омад аз диёри хароб.
Дид ёрони хешро хомӯш,
Ҳар як аз сӯгворӣ азрақпӯш.

Ҳар чӣ з-оғоз дид то фарҷом,
Гуфт бо дӯстони хеш тамом,
Бо вай он дӯстон, ки хӯ карданд,
Дид, к-азрақ зи баҳри ӯ карданд,
Бо ҳама дар мувофиқат кӯшид,
Азрақӣ рост карду дарпӯшид.
Ранги азрақ бар ӯ қарор гирифт,
Чун фалак ранги рӯзгор гирифт.
Азрақ он аст, к-осмони баланд
Хуштар аз ранги ӯ наёфт паранд.
Ҳар кӣ ҳамранги осмон гардад,
Офтобаш ба қурси хон гардад.
Гули азрақ, ки он ҳисоб кунад,
Қурса аз қурси офтоб кунад.
Ҳар суе, к-офтоб сар дорад,
Гули азрақ дар ӯ назар дорад.
Лоҷарам, ҳар гуле, ки азрақ ҳаст,
Хонадаш ҳинду офтобпараст».
Қисса чун гуфт моҳи зебочеҳр,
Дар канораш гирифт шоҳ ба меҳр.

## НИШАСТАНИ БАҲРОМ РӮЗИ ПАНҶШАНБЕ ДАР ГУНБАДИ САНДАЛӢ ВА АФСОНА ГУФТАНИ ДУХТАРИ ПОДШОҲИ ИҚЛИМИ ШАШУМ

Рӯзи панҷшанбе аст рӯзе хуб,
В-аз саодат ба Муштарӣ мансуб.
Чун дами субҳ гашт нофакушой,
Удро сӯхт хоки сандалсой.
Бар намудори хоки сандалфом
Сандалӣ кард шоҳ ҷомаву ҷом.
Омад аз гунбади кабуд бурун,
Шуд ба гунбадсарои сандалгун.
Бодахур шуд зи дасти луъбати Чин
В-оби Кавсар зи дасти ҳурулъин.
То шаб аз дасти ҳур май меҳ(в)ард
В-аз маи хӯрда хуррамӣ мекард.
Садафи ин муҳити куҳлиранг
Чун баромуд дур ба коми наҳанг,
Шоҳ аз он тангчашми чинпарвард
Хост, к-аз хотираш фишонад гард.

Бонуи Чин зи чеҳра чин бикшод
В-аз рутаб ҷӯи ангубин бикшод,
Гуфт, к-эй зинда аз ту ҷони ҷаҳон,
Бартарин подшоҳи подшаҳон.
Бештар з-он ки рег дар саҳрост,
Санг дар кӯҳу об дар дарёст,
Умр бодат, ки ҳаст бахтат ёр,
Бодӣ аз умру бахт бархурдор!
Эй чу хуршеди рӯшноибахш,
Подшо, балки подшоибахш.
Ман худ андешанок пайваста
З-ин забони шикаставу баста.
В-он гаҳе пеши роҳи райҳонӣ
Кард бояд сикоҳанафшонӣ.
Лек чун шаҳ нишоти ҷон хоҳад,
В-аз паи ханда заъфарон хоҳад.
Кажмажиро харита бикшоям,
Хандае дар нишоташ афзоям.
Гӯям, ар з-он ки дилпазир ояд,
Дар дили шоҳ ҷойгир ояд.
Чун дуо кард моҳи меҳрпараст,
Шоҳро бӯса дод бар сари даст.

## АФСОНА

Гуфт:– «Вақте зи шаҳри худ ду ҷавон
Сӯи шаҳре дигар шуданд равон.
Ҳар яке дар ҷуволгӯшаи хеш
Карда  тартиби роҳтӯшаи хеш.
Номи ин Хайру номи он Шар буд,
Феъли ҳар як ба ном дарх(в)ар буд.
Чун бориданд рӯзаке ду-се роҳ,
Тӯшаеро, ки доштанд нигоҳ,
Хайр мехӯрду Шар нигаҳ медошт,
Ин ғала медуруду он мекошт,
То расиданд ҳар ду дӯшодӯш
Ба биёбоне аз бухор ба ҷӯш.
Кӯрае чун танӯр аз оташи гарм,
К-оҳан аз вай чу мум гаштӣ нарм,
Гармсере зи хушксории бум
Карда боди шамолро ба самум.

Шар хабар дошт, к-он замини хароб
Дурие дораду надорад об.
Машке аз об кард пинҳон пур,
Дар харита нигоҳ дошт чу дур.
Хайр фориғ, ки об дар роҳ аст,
Бехабар, к-об нест он, чоҳ аст.
Дар биёбони гарму роҳи дароз
Ҳар ду метохтанд бо такутоз.
Чун ба  гармӣ шуданд рӯзе ҳафт,
Оби Шар монду оби Хайр бирафт.
Шар, ки он обро зи Хайр ниҳуфт,
Бо вай аз хайру шар ҳадис нагуфт.
Хайр чун дид, к-ӯ зи гавҳари бад
Дорад обе дар обгинаи х(в)ад.
Вақт-вақт аз рафиқ пинҳонӣ
Мехурад чун раҳиқи райҳонӣ.
Гарчи дар тобу ташнагӣ месӯхт,
Лаб ба дандон зи лоба бармедӯхт.
Ташна  дар оби ӯ назар мекард,
Оби дандоне аз ҷигар мех(в)ард,
То ба ҳадде, ки хушк шуд ҷигараш,
Бозмонд аз кушодагӣ назараш.
Дошт бо худ ду лаъли оташранг,
Обдоранда в-обашон дар санг.
Мечакид об аз он ду лаъли ниҳон,
Оби дида, вале на оби даҳон.
Ҳолӣ он лаъли обдор кушод,
Пеши он реги обдор ниҳод.
Гуфт:– «Мурдам зи ташнагӣ, дарёб!
Оташамро бикуш ба лахте об!
Шарбате об аз он зулоли чу нӯш
Ё ба ҳиммат бибахш, ё бифрӯш.
Ин ду гавҳар дар оби хеш андоз,
Гавҳарамро ба оби худ бинвоз.
Шар, ки хашми Худой бод бар ӯ,
Номи худро варақ кушод бар ӯ.
Гуфт, к-аз санг чашма барматарош,
Фориғам з-ин фиреб, фориғ бош!
Медиҳӣ гавҳарам ба вайронӣ,
То ба ободшаҳр бистонӣ?!
Чӣ ҳарифам, ки ин фиреб х(в)арам,
Ман зи дев одамифиребтарам.

Нарасад вақти чорасозии ман
Муҳраи ту ба ҳуққабозии ман.
Сад ҳазорон чунин фусуну фиреб
Кардаам аз муқомирӣ ба шикеб.
Нанг дорам, ки оби ман бих(в)арӣ,
Чун ба шаҳр оӣ, оби ман бибарӣ.
Он гуҳар чун ситонам аз ту ба роз,
К-аз манаш оқибат ситонӣ боз?!
Гуҳаре боядам, ки натвонӣ,
К-аз манаш ҳеҷ гуна бистонӣ!
Хайр гуфт:– «Он чӣ гавҳар аст, бигӯй,
То супорам ба дасти гавҳарҷӯй?»
Гуфт Шар:– «Он ду гавҳари басар аст,
К-ин аз он, он аз ин азизтар аст.
Чашмҳоро ба ман фурӯш ба об,
Варна з-ин обхӯрд рӯй битоб».
Хайр гуфт:– «Аз Худо надорӣ шарм,
К-оби сардам диҳӣ ба оташи гарм?
Чашма, гирам, ки хушгувор бувад?!
Чашм кандан, бигӯ, чӣ кор бувад!
Чун ман аз чашми худ  шавам дарвеш,
Чашма гар сад шавад, чӣ суд аз беш?
Чашм додан зи баҳри чашмаи нӯш
Чун тавон?! Обро ба зар бифрӯш!
Лаъл бистону он чи дорам чиз,
Бидиҳам хат, бад-он чи дорам низ.
Ба Худои ҷаҳон хурам савганд,
Ки бад-ин доварӣ шавам хурсанд.
Чашм бигзор бар ман, эй сарамард,
Сардмеҳрӣ макун ба обе сард!»
Гуфт Шар, к-ин сухан фасона бувад,
Ташнаро з-ин басе баҳона  бувад.
Чашм бояд, гуҳар надорад суд,
К-ин гуҳар беш аз ин тавонад буд.
Хайр дар кори хеш хира бимонд,
Оби чашме бар оби чашма фишонд.
Дид, к-аз ташнагӣ бихоҳад мурд,
Ҷон аз он ҷойгаҳ нахоҳад бурд.
Дили гармаш ба оби сард фирефт,
Ташнае, ку, к-аз оби сард шикефт?
Гуфт:– «Бархез, теғу дашна биёр,
Шарбате об сӯи ташна биёр.

Дидаи оташини ман баркаш
В-оташамро бикуш ба обе х(в)аш!»
Зан чунин бурд, к-аз чунон таслим
Ёбад уммедворӣ аз паси бим.
Шар, ки он дид, дашна бозкушод,
Пеши он хоки ташна рафт чу бод.
Дар чароғи ду чашми ӯ зад теғ,
Н-омадаш куштани чароғ дареғ.
Наргисеро ба теғ гулгун  кард,
Гавҳареро зи тоҷ берун кард.
Чашми ташна чу карда буд табоҳ,
Об нодода, кард ҳиммати роҳ.
Ҷомаву рахту гавҳараш бардошт,
Марди бедидаро тиҳӣ бигзошт.
Хайр чун  рафта дид Шар зи бараш,
Набуд огоҳие зи хайру  шараш.
Бар сари хуну хок меғалтид,
Беҳ ки чашмаш набуд, ки худро дид.
Буд курде зи меҳтарони бузург,
Галлае дошт дур аз офати гург.
Чорпоёни хуб низ басе,
К-ончунон чорпо надошт касе.
Хонае, ҳафт-ҳашт бо ӯ хеш,
Ӯ  тавонгар  буд, он дигар дарвеш.
Курди саҳронишини кӯҳнаворд
Чун биёбониён биёбонгард
Аз барои алаф ба саҳро гашт,
Галларо мечаронд дашт ба дашт.
Ҳар куҷо дидӣ обхӯрду гиёҳ,
Кардӣ он ҷо ду ҳафта манзилгоҳ.
Чун алаф хӯрд, ҷойро мемонд,
Галла бар ҷониби дигар меронд.
Аз қазо андар он ду рӯз, на дер
Панҷа он ҷо кушода буд чу шер.
Курдро буд духтаре баҷамол,
Луъбате туркчашму ҳиндухол.
Сарве об аз раги ҷигар х(в)арда,
Нозанине ба ноз парварда.
Расани зулф то ба доман беш,
Карда маҳро расан ба гардани хеш.
Ҷаъд бар ҷаъд чун бунафшаи боғ,
Ба сиёҳӣ сияҳтар аз пари зоғ.

Сеҳри ғамза-ш, ки буд аз афсун маст,
Бар фиреби замона ёфта даст.
Халқ аз он сеҳри бобилӣ кардан,
Дил ниҳода ба бобилӣ х(в)ардан.
Шаб зи ҳолаш савод ёфта буд,
Маҳ зи тобандагӣ-ш тофта буд.
Тангии пистаи шакаршиканаш
Бӯсаро роҳ баста бар даҳанаш.
Он хироманда моҳи хиргоҳӣ
Шуд талабгори об чун моҳӣ.
Хоние об буд дур аз роҳ,
Буд аз он хонӣ оби он бунгоҳ.
Кӯза пур кард аз оби он хонӣ,
То барад сӯи хона пинҳонӣ.
Ногаҳон нолае шунид аз дур,
К-омад аз захмхӯрдае ранҷур.
Бар паи нола шуд, чу нола шунид,
Хуфта дар хоку хун ҷавоне дид.
Дасту пое зи дард меафшонд,
Дар тазарруъ Худойро мехонд.
Нозанинро зи сар бурун шуд ноз,
Пеши он захмхӯрда рафт фароз.
Гуфт:– «Вайҳак, чӣ кас тавонӣ буд
Инчунин хоксору хонолуд?
Ин ситам бар ҷавонии ту кӣ кард,
В-инчунин зинҳор бар ту кӣ х(в)ард?»
Хайр гуфт:– «Эй фариштаи фалакӣ,
Гар паризодаӣ в-агар малакӣ,
Кори ман турфа бозие дорад,
Қиссаи ман дарозие дорад.
Мурдам аз ташнагию беобӣ,
Ташнаро ҷаҳд кун, ки дарёбӣ.
Об агар нест, рав, ки ман мурдам,
В-ар яке қатра ҳаст, ҷон бурдам».
Соқии нӯшлаб, калиди наҷот
Додаш обе ба лутфи Оби Ҳаёт.
Ташнаи гармдил зи шарбати сард
Хӯрд бар қадри он, ки шояд х(в)ард.
Зинда шуд ҷони пажмуридаи ӯ,
Шод гашт он чароғи дидаи ӯ.
Дидаеро, ки канда буд зи ҷой,
Дар ҳам афканду бурд номи Худой

Гар харошида шуд сапедии тӯз,
Муқла дар пиҳ монда буд ҳанӯз.
Он қадар зӯр дид дар пояш,
Ки барангехт шояд аз ҷояш.
Пиҳ дар чашми ӯ ниҳоду бибаст,
В-аз сари мардумӣ гирифташ даст.
Кард ҷаҳде тамом, то бархост,
Қоидаш гашту бурд бар раҳи рост.
То бад-он ҷо, ки буд бунгаҳи ӯ,
Марди бедида буд ҳамраҳи ӯ.
Чокареро, ки аҳли хона шумурд,
Дасти ӯро ба дасти ӯ биспурд.
Гуфт:– «Оҳиста, то наранҷонӣ,
Бар дари мо бараш ба осонӣ».
Хештан рафт пеши модар зуд,
Саргузаште, ки дид, боз намуд.
Гуфт модар:– «Чаро раҳо кардӣ,
К-омадӣ, бо худаш наёвардӣ?
То магар чорае намуда шудӣ,
К-андаке роҳаташ фузуда шудӣ».
Гуфт, к-овардам, ар ба ҷон бирасад,
Чашм дорам, ки ин замон бирасад.
Чокаре, к-ӯ ба хона роҳ овард,
Хастаро сӯи хобгоҳ овард.
Ҷой карданду хон ниҳодандаш,
Шӯрбову кабоб додандаш.
Марди гармирасида бо дами сард
Хӯрд лахтею сар ниҳод ба дард.
Курд, к-омад шабонгаҳ аз саҳро,
То хурад, он чи бишканад сафро,
Дид чизе, ки он на одат буд,
Ҷӯши сафрош аз он зиёдат буд.
Беҳуше хаста дид афтода,
Чун касе захмхӯрда, ҷондода.
Гуфт, к-ин шахси нотавон зи куҷост,
В-инчунин нотавону хаста чарост?
Он чи бар вай гузашта буд нахуст,
Кас надонист шарҳи он ба дуруст.
Қиссаи чашмканданаш гуфтанд,
Ки ба алмос ҷазъи ӯ суфтанд.
Курд чун дид, к-он ҷигархаста
Шуд зи бедидаӣ назарбаста.

Гуфт, к-аз шохи он дарахти баланд
Боз боист кард барге чанд.
Кӯфтан баргу об аз ӯ ситадан,
Судан он ҷову тоб аз ӯ ситадан.
Гар чунин марҳаме гирифтӣ соз,
Ёфтӣ дида рӯшноӣ боз.
Рахнаи дида гарчи бошад сахт,
Беҳ шавад з-оби он ду барги дарахт.
Пас нишон дод, к-он дарахт куҷост,
Гуфт:– «Аз он обхур, ки хонии мост,
Ҳаст руста куҳандарахте нағз,
К-аз насимаш кушода гардад мағз.
Соқаш аз бех баркашида ду шох,
Дурие дар миёни ҳар ду фарох.
Барги як шох аз ӯ чу ҳуллаи ҳур
Дидаи рафтаро дарорад нур.
Барги шохи дигар чу Оби Ҳаёт
Саръиёнро диҳад зи саръ наҷот».
Чун зи курд он шунид духтари курд,
Дил ба тадбири он илоҷ супурд.
Лобаҳо карду аз падар дархост,
То кунад барги бенавое рост.
Курд чун дид лоба кардани сахт,
Роҳ бардошт, рафт сӯи дарахт.
Боз кард аз дарахт муште барг
Нӯшдоруи хастагон аз марг.
Омад, овард, нозанин бардошт,
Кӯфт чандон, ки мағз бозгузошт.
Кард софӣ чунон, ки дурд намонд,
Дар назаргоҳи дардманд фишонд.
Доруву дидаро ба ҳам дарбаст,
Хаста аз дард соате биншаст.
Дида бар бахти корсоз ниҳод,
Сар ба болини тахт бозниҳод.
Буд  то панҷ рӯз баста сараш
В-он тилоҳо ниҳода бар назараш.
Рӯзи панҷум халос додандаш,
Дору аз дида баркушодандаш.
Чашми аздастрафта гашт дуруст,
Шуд биайниҳ, чунон ки буд нахуст.
Марди  бедида баркушода назар,
Чун ду наргис, ки бишкуфад ба саҳар.

Хайр, к-он хайр дид, бурд сипос,
К-аз рамад раста шуд чу гови харос.
Аҳли хона зи ранҷи дил растанд,
Дил кушоданду рӯй барбастанд.
Аз басе ранҷҳо, ки бар вай бурд,
Меҳрбон гашта буд духтари курд.
Чун ду наргис кушод сарви баланд
Дурҷи гавҳар кушода гашт зи банд.
Меҳрбонтар шуд он паризода
Бар ҷамоли ҷавони озода.
Хайр низ аз латафрасонии ӯ
Меҳрбон шуд зи меҳрбонии ӯ.
Гарчи рӯяш надида буд тамом,
Дида будаш ба вақти хезу хиром.
Лафзи ширини ӯ шунида басе,
Лутфи дасташ бад-ӯ расида басе.
Дил дар ӯ баста буду он дилбанд
Ҳам дар ӯ баста дил, зиҳӣ пайванд!
Хайр бо курди пир ҳар саҳаре
Бастӣ аз роҳи чокарӣ камаре.
Ба шутурбонию галадорӣ
Кардӣ оҳистагию ҳушёрӣ.
Аз гала дур кардӣ офати гург,
Доштӣ поси ҷумла хурду бузург.
Курди саҳрорави биёбонӣ
Чун аз ӯ ёфт он таносонӣ,
Ба таваллои худ азизаш кард,
Ҳокими хонумону чизаш кард.
Хайр чун шуд ба хона-дар густох,
Қиссаи ҷустуҷӯй гашт фарох.
Бозҷустанд ҳоли дидаи ӯ,
К-аз кӣ буд он ситам расидаи ӯ.
Хайр аз эшон ҳадиси Шар нанҳуфт,
Ҳар чӣ будаш зи хайру шар, ҳама гуфт.
Қиссаи гавҳару харидани об,
К-оташи ташнагӣ-ш кард кабоб.
В-он ки аз дида гавҳараш барканд,
Ба дигар гавҳараш расонд газанд.
Ин гуҳар суфту он гуҳар бардошт
В-об нодода, ташнаро бигзошт.

Курд, к-он достон шунид зи Хайр,
Рӯй бар хок зад чу роҳиби дайр,
К-ончунон тундбоди беаҷале
Нарасонд ин шукуфаро халале.
Чун шуниданд, к-он фариштасиришт
Чӣ бало дид аз он забонии зишт,
Хайр аз ном гашт номитар,
Шуд бар эшон зи ҷон гиромитар.
Доштандаш чунон, ки бояд дошт,
Нозанин хидматаш ба кас нагзошт.
Рӯйбаста парастише мекард,
Об медоду оташе мех(в)ард.
Хайр якбора дил бад-ӯ биспурд,
Аз вай он ҷон, ки бозёфт, набурд.
Кард бар ёди он гиромӣ дур
Хидмати гову гӯспанду шутур.
Гуфт:– «Мумкин нашуд, ки ин дилбанд
Бо чу ман муфлисе кунад пайванд.
Духтареро бад-ин ҷамолу камол
Натавон ёфт бе хазинаву мол.
Ман, ки ноншон хурам ба дарвешӣ,
Кай ниҳам чашми хеш бар хешӣ?
Беҳ аз он нест, к-аз чунин хатаре
Зиракона бароварам сафаре?»
Чун бар ин қисса ҳафтае бигзашт,
Шомгоҳе ба хона рафт аз дашт.
Дил зи тимори он арӯс ба ранҷ,
Чун гадое нишаста бар сари ганҷ.
Ташнаву дар баробар оби зулол,
Ташнатар з-он ки буд аввали ҳол.
Он шаб аз рахнае, ки дошт дилаш,
З-оби дида шукуфа кард гилаш.
Гуфт бо курд, к-эй ғарибнавоз,
Аз ғарибон басе кашидӣ ноз,
Нури чашмам бинониҳодаи туст,
Дилу ҷон ҳар ду боздодаи туст.
Чун ба хонрезаи ту парвардам,
Неъмат аз хони ту басе х(в)ардам,
Доғи ту бартар аз ҷабини ман аст,
Шукри ту беш аз офарини ман аст.

Гар биҷӯӣ даруну берунам,
Бӯи хони ту ояд аз хунам.
Хони бар сар, бар ин надорам даст,
Сари бар хон, агар бихоҳӣ, ҳаст.
Беш аз ин меҳмон нашояд буд,
Намаке бар ҷигар нашояд суд.
Бар қиёси наволахории ту
Н-ояд аз ман сипосдории ту.
Магарам ҳам ба фазли хеш Худой
Диҳад, он-ч оварам ҳақи ту ба ҷой.
Гарчи тимор ёбам аз дурӣ,
Хоҳам аз хидмати ту дастурӣ.
Дер гоҳ аст, аз вилояти хеш
Дурам аз кору аз кифояти хеш.
Азм дорам, ки бомдоди пагоҳ
Сӯи хона кунам азимати роҳ.
Гар ба сурат ҷудо шавам зи барат,
Набурад ҳимматам зи хоки дарат.
Чашм дорам ба чун ту чашмаи нур,
Ки зи дурӣ дилам надорӣ дур.
Ҳимматамро кушодабол кунӣ
В-он чи хӯрдам, маро ҳалол кунӣ.
Чун сухангӯ сухан ба охир бурд,
Дарзад оташ ба хайл хонаи курд.
Гиряи курде аз миён бархост,
Ҳой-ҳое фитод дар чапу рост.
Курд гирёну курдзода батар,
Мағзҳо хушку дидаҳо шуд тар.
Аз паси гиря сар фурӯ бурданд,
Гӯӣ, обе буданд, к-афсурданд.
Сар баровард курди равшанрой,
Кард холӣ зи пешкорон ҷой.
Гуфт бо Хайр, к-эй ҷавони баҳуш,
Зираку хубу меҳрбону хамӯш,
Рафта гират ба шаҳри худ боре
Хӯрда аз ҳамраҳе дигар хоре.
Неъмату нозу комгорӣ ҳаст,
Бар ҳама неку бад ту дорӣ даст.
Некмардон ба бад инон надиҳанд,
Дӯстонро ба душманон надиҳанд.
Ҷуз яке духтари азиз маро
Несту бисёр ҳаст чиз маро.

Духтари меҳрбони хидматдӯст
Зишт бошад, ки гӯямаш на накӯст.
Гарчи дар нофа аст мушк ниҳон,
Ошкор аст бӯи ӯ ба ҷаҳон.
Гар ниҳӣ дил ба мову духтари мо,
Ҳастӣ аз ҷон азизтар бари мо.
Бар чунин духтаре ба озодӣ
Ихтиёрат кунам ба домодӣ.
В-он чи дорам зи гӯсфанду шутур,
Диҳамат, то зи моя гардӣ пур.
Ман миёни шумо ба неъмату ноз
Мезиям, то расад раҳил фароз.
Хайр, к-ин хушдилӣ шунид зи курд,
Саҷдаеončунон ки шояд, бурд.
Чун бад-ин хуррамӣ сухан гуфтанд,
Аз сари нозу дилхушӣ хуфтанд.
Субҳ ҳорунсифат чу баст камар,
Мурғ нолид чун ҷалоҷили зар.
Аз сари толеи ҳумоюнбахт
Рафт султони машриқӣ бар тахт.
Курд хушдил зи хобгаҳ бархост,
Кард кори никоҳ кардан рост.
Ба никоҳе, ки асли пайванд аст,
Тухми авлод аз ӯ барӯманд аст,
Духтари хешро супурд ба Хайр,
Зуҳраро дод бо Уторид сайр.
Ташнаи мурда Оби Ҳайвон ёфт,
Нури хуршед бар шукуфа битофт.
Соқии нӯшлаб ба ташнаи хеш
Шарбате дод аз оби Кавсар беш.
Аввалаш гарчи оби хонӣ дод,
Охираш оби зиндагонӣ дод.
Шодмон зистанд ҳар ду ба ҳам,
З-он чи бояд, набуд чизе кам.
Аҳди пешина ёд мекарданд,
В-он чи-шон буд, шод мех(в)арданд.
Курд ҳар мояе, ки бо худ дошт,
Бар гаронмоягони худ бигзошт.
То чунон шуд, ки хонумону рама
Ба суи Хайр бозгашт ҳама.
Чун аз он марғзору обу дарахт
Баргирифтанд сӯи саҳро рахт,

Хайр шуд зӣ  дарахти сандалбӯй,
Ки аз ӯ ҷон-ш гашт дармонҷӯй.
На зи як шох, к-аз сутуни ду шох
Чид бисёр баргҳои фарох.
Кард аз он баргҳо ду анбон пур
Таъбия дар миёни бори  шутур.
Он яке буд илоҷи саръ тамом,
В-он дигар худ «Давои дида» ба ном.
Бо кас аҳволи барг бознагуфт,
Он даворо зи дида дошт ниҳуфт,
То ба шаҳре шитофтанд зи роҳ,
Ки дар ӯ саръ дошт духтари шоҳ.
Гарчи бисёр чора мекарданд,
Беҳ намешуд, дареғ мех(в)арданд.
Ҳар пизишке, ки буд донишбаҳр,
Омада бар умед шаҳр ба шаҳр.
То баранд аз тариқи чорагарӣ
Офати девро зи пеши парӣ.
Подшаҳ шарт карда буд нахуст,
Ки ҳар он к-ӯ кунад илоҷи дуруст,
Духтар ӯро диҳам ба озодӣ,
Арҷмандаш кунам ба домодӣ,
В-он ки бинад ҷамоли ин духтар,
Накунад чорасозие дарх(в)ар,
Бар вай аз теғ турктоз кунам,
Сараш аз тан ба теғ боз кунам.
Бедавое, ки дид он бемор,
Гашт чандин пизишк дар тимор.
Сарбурида шуда ҳазор табиб,
Чи зи шаҳрӣ, чи мардумони ғариб.
Ин сухан гашт дар вилоят фош,
Лек ҳар як ба орзуи маош
Сари худро ба бод бармедод,
Дар паи хуни хеш меафтод.
Хайр, к-аз мардум ин сухан бишнид,
Он халалро халос бо худ дид.
Кас фиристоду подшаҳро гуфт,
К-аз раҳ ин хор ман тавонам руфт.
Бибарам ранҷи ӯ ба фазли Худой
В-оварам бо ту шарти хеш ба ҷой.
Лек шарт он бувад ба дастурӣ,
К-аз тамаъ ҳаст бандаро дурӣ.

Ин даворо, ки рой хоҳам кард,
Аз барои Худой хоҳам кард,
То Худоям ба вақти пирӯзӣ
Кунад асбоби ин ғараз рӯзӣ.
Чунки пайғоми ӯ расид ба шоҳ,
Шоҳ додаш ба дастбӯсӣ роҳ.
Хайр шуд, хидмате ба воҷиб кард,
Шоҳ пурсиду гуфт, к-эй сарамард,
Чист номи ту? Гуфт:– «Номам Хайр,
К-ахтарам дод аз саодат сайр».
Шоҳ номаш хуҷаста дид ба фол,
Гуфт, к-эй  хайрманди чорасигол,
Дар чунин шуғли некфарҷомат
Оқибат хайр бод чун номат!
В-он гаҳ ӯро ба маҳраме биспурд,
То ба хилватсарои духтар бурд.
Пайкаре дид Хайр чун хуршед,
Сарве аз боди саръ гашта чу бед.
Говчашме чу шери ошуфта
Шаб наёсуда, рӯз нохуфта.
Андаке барг аз он хуҷаста дарахт
Дошт бо худ гиреҳ бар ӯ зада сахт.
Суду з-он суда шарбате барсохт,
Сарду ширин, ки ташнаро бинвохт.
Дод, то шоҳзода шарбат х(в)ард
В-аз димоғаш фурӯ нишаст он гард.
Раст аз он валвала, ки савдо буд,
Хӯрдану хуфтанаш ба як ҷо буд.
Хайр чун дид, к-он шукуфта баҳор
Хуфту эмин шуд аз ниҳеби ғубор,
Шуд бурун з-он сарои минуфаш
Сар суи хона кард бо дили х(в)аш.
В-он парирух се рӯз хуфта бимонд,
Бо падар ҳоли худ нагуфта бимонд.
Дар севум рӯз, чун ки сар бардошт,
Хӯрд он чизҳо, ки дарх(в)ар дошт.
Шаҳ, ки ин муждааш ба гӯш расид,
Пои бекафш дар сарой давид.
Духтари хешро ба ҳушу ба рой
Дид бар тахт дар миёни сарой.
Рӯй бар хок зад, ба духтар гуфт,
К-эй ба ҷуз ақл кас наёфта ҷуфт,

Чунӣ аз хастагию ранҷурӣ,
К-аз барат бод фитнаро дурӣ?
Духтари шармгин зи ҳашмати шоҳ
Бар худ ойини шукр дошт нигоҳ.
Шоҳ рафт аз саройпарда бурун,
Андуҳаш кам шуду нишот фузун.
Дод духтар ба маҳраме пайғом,
То бигӯяд ба шоҳи некӯном,
Ки шунидам, ки дар ҷаридаи ҷаҳд
Подшоро дуруст бошад аҳд.
Чун ба ҳангоми теғи тораксой
Шарти хеш оварид шоҳ ба ҷой,
Бо саре, к-ӯ ба тоҷ шуд дарх(в)ард,
Аҳди худро дуруст бояд кард.
То чу аҳдаш бувад ба теғ дуруст,
Ба гаҳи тоҷ ҳам набошад суст.
Сад сар аз теғи тез ёфт газанд,
Гӯ, яке сар ба тоҷ бош баланд.
Он ки з-ӯ шуд маро илоҷ падид
В-аз вай ин банди баста ёфт калид,
Кори ӯро ба тарк натвон гуфт,
К-аз ҷаҳонам ҷуз ӯ набошад ҷуфт.
Беҳ, ки мо дил зи аҳд накшоем
В-аз чунин уҳдае бурун оем.
Шоҳро низ рои он бархост,
Ки кунад аҳди хештанро рост.
Хайри озодаро ба ҳазрати шоҳ
Бозҷустанду ёфтанд ба роҳ.
Гуҳаре ёфта шумурдандаш,
Дар замон назди шоҳ бурдандаш.
Шоҳ гуфт:– «Эй бузургвори ҷаҳон,
Рух чӣ дорӣ зи бахти хеш ниҳон?»
Хилъате хос додаш аз тани хеш
Аз яке мамлакат ба қимат беш,
Ба ҷуз ин чанд зинати дигараш,
Камари зар, ҳамоили гуҳараш.
Килла бастанд гирди шаҳру сарой,
Шаҳриён сохтанд шаҳр орой.
Духтар омад зи тоқи гӯшаи бом,
Дид домодро чу моҳи тамом.
Чобуку сарвқадду зеборӯй,
Ғолияхат, ҷавони мушкинмӯй.

Ба ризои арӯсу рои падар
Хайр домод шуд ба кӯрии Шар.
Бар дари ганҷ ёфт султон даст,
Муҳри ончи-ш дуруст буд, шикаст.
Айш аз он пас ба коми дил меронд,
Нақши хубию хушдилӣ мехонд.
Шоҳро муҳташам вазире буд,
Халқро нек дастгире буд.
Духтаре дошт дилрабою шигарф,
Чеҳра чун хуни зоғ бар сари барф.
Офати обила расида ба моҳ,
З-обила дидаҳош гашта табоҳ.
Хост дастурие дар он дастур,
Ки диҳад Хайр чашми маҳро нур.
Ҳам ба шарте, ки шоҳ кард нахуст,
Кард маҳро давои Хайр дуруст.
В-он дигар низ гашт бо ӯ, ҷуфт,
Гавҳарӣ бин, ки чанд гавҳар суфт.
Ёфт  Хайр аз нишоти он се арӯс
Тоҷи Кисрову тахти Кайковус.
Гоҳ бо духтари вазир нишаст,
Бар ҳама коми хеш ёфта даст.
Чашмравшан гаҳе  ба  духтари шоҳ,
К-ин чу  хуршед буду он чун моҳ.
Шодмона гаҳе ба  духтари курд,
Ба се нард аз ҷаҳон надаб мебурд,
То чунон шуд, ки некхоҳии бахт
Бирасондаш ба подшоҳию тахт.
Мулки он шаҳр дар шумор гирифт,
Подшоҳӣ бар ӯ қарор гирифт.
Аз қазо сӯи боғ шуд рӯзе,
То кунад айш бо дилафрӯзе.
Шар, ки дар роҳ буд дар сафараш,
Гашт сирри дилаш қазои сараш.
Бо ҷуҳуде муомилат месохт,
Хайр дид он ҷуҳудро, бишнохт.
Гуфт, к-ин шахсро ба вақти фароғ
Аз паси ман биёваред ба боғ.
Ӯ суи боғ рафту хуш бинишаст,
Курд пеш истода теғ ба даст.
Шар даромад, фарох карда ҷабин,
Фориғ аз Хайр бӯса дод замин.

Гуфт Хайраш:– «Бигӯ, ки номи ту чист,
Эй ки хоҳад сари ту бар ту гирист?»
Гуфт:– «Номам Мубашшири Сафарӣ
Дар ҳама корномаи ҳунарӣ».
Хайр гуфто, ки номи хеш бигӯй,
Рӯи худро ба хуни хеш бишӯй.
Гуфт:– «Берун аз ин надорам ном,
Хоҳ теғам намову хоҳӣ ҷом».
Гуфт Хайр:– «Эй ҳаромзодаи хас,
Ҳаст хунат ҳалол бар ҳама кас.
Шарри халқӣ, ки ном Шар дорӣ,
Сират аз номи худ батар дорӣ.
Ту на онӣ, ки бо ҳазор азоб
Чашми он ташна кандӣ аз паи об?!
В-он батар шуд, ки дар чунон тобе
Бурдӣ обу надодияш обе.
Гавҳари чашму гавҳари камараш
Ҳар ду бурдию сӯхтӣ ҷигараш?!
Манам он ташнаи гуҳарбурда,
Бахти ман зинда, бахти ту мурда!
Ту маро куштию Худой накушт,
Муқбил он, к-аз Худой гирад пушт.
Давлатам чун Худо панохе дод,
Инакам тоҷу тахти шоҳӣ дод.
Вой бар ҷони ту, ки бадгуҳарӣ,
Ҷонбарӣ кардаию ҷон набарӣ!»
Шар, ки дар рӯи Хайр дид, шинохт,
Хештан зуд бар замин андохт.
Гуфт:– «Зинҳор, агарчи бад кардам,
Дар бади ман мабин, ки х(в)ад кардам.
Он нигар, к-осмони чобуксайр
Номи ман Шар ниҳоду номи ту Хайр.
Гар ман он бо ту кардаам зи нахуст,
К-ояд аз номи чун мане ба дуруст,
Бо ман он кун ту дар чунин хатаре,
К-ояд аз номи чун ту номваре».
Хайр, к-он нукта рафт бар ёдаш,
Кард ҳолӣ зи куштан озодаш.
Шар чу аз теғ ёфт озодӣ,
Мешуду мепарид аз шодӣ.

Курди хунхор рафт бар асараш,
Теғ зад в-аз қафо бурид сараш.
Гуфт:– «Агар Хайр ҳаст хайрандеш,
Ту Шарӣ, ҷуз шарат наёяд пеш».
Дар танаш ҷусту ёфт он ду гуҳар,
Таъбия карда дар миёни камар.
Омад, овард пеши Хайр фароз,
Гуфт:– «Гавҳар ба гавҳар омад боз».
Хайр бӯсиду пеши ӯ андохт,
Гавҳариро ба гавҳаре бинавохт.
Даст бар чашми худ ниҳоду бигуфт,
К-аз ту дорам ман ин ду гавҳари ҷуфт,
Ин ду гавҳар бад-он шуд арзонӣ,
К-ин ду гавҳар бад-ӯст нуронӣ.
Чун ки шуд корҳои Хайр ба ком,
Халқ аз ӯ дид хайрҳои тамом.
Давлат он ҷо ки роҳбар гардад,
Хор хурмову хора зар гардад.
Чун саодат бад-ӯ супурд сарир,
Оҳанаш нуқра шуд, палос ҳарир.
Адлро устуворкорӣ дод,
Мулкро бар худ устуворӣ дод.
Баргҳое, к-аз он дарахт овард,
Роҳати ранҷҳои сахт овард.
Вақт-вақт аз барои дафъи газанд
Тохтӣ сӯи он дарахти баланд.
Омадӣ зери он дарахт  фуруд,
Додӣ он бумро салому дуруд.
Бар ҳавои дарахти сандалбӯй
Ҷомаро карда буд сандалшӯй.
Ҷуз ба сандалхарӣ накӯшидӣ,
Ҷома ҷуз сандалӣ напӯшидӣ.
Сандал осоиши равон дорад,
Бӯи сандал нишони ҷон дорад,
Сандали суда дарди сар бибарад,
Таб зи дил, тобиш аз ҷигар бибарад.
Турки чинӣ чу ин ҳикоят ҷуст
Ба забони шикаста кард дуруст,
Шоҳ ҷой аз миёни ҷон кардаш,
Яъне аз чашми бад ниҳон кардаш.

## НИШАСТАНИ БАҲРОМ РӮЗИ ОДИНА ДАР ГУНБАДИ САПЕД ВА АФСОНА ГУФТАНИ ДУХТАРИ ПОДШОҲИ ИҚЛИМИ ҲАФТУМ

Рӯзи одина, к-ин муқарнаси бед
Хонаро кард аз офтоб сапед,
Шоҳ бо зевари сапед ба ноз
Шуд суи гунбади сапед фароз.
Зуҳра бар бурҷи панҷум иқлимаш
Панҷавбатзанон ба таслимаш.
То назад бар Хутан талояи занг,
Шаҳ зи шодӣ накард майдон танг.
Чун шаб аз сурмаи фалакпарвард
Чашми моҳу ситора равшан кард,
Шоҳ аз он ҷоннавози дилдода,
Шабнишини сапедадамзода
Хост, то аз садои гунбади хеш
Орад овози арғанунаш пеш.
Пас аз он, к-офарини он дилбанд
Хонд бар тоҷу бар сарири баланд,
В-он дуоҳо, ки давлат афзояд
В-ончунон тоҷу тахтро шояд.
Гуфт:– «Шаҳ чун зи баҳри тибат хост,
Он чи аз тибати ман ояд рост».

### АФСОНА

Модарам гуфту ӯ зане сара буд,
Пирзан гург бошад, ӯ бара буд.
К-ошное маро зи ҳамзодон
Бурд меҳмон, ки хонаш ободон!
Хоне ороста ниҳод ба пеш,
Хӯрдҳое, чӣ гӯям, аз ҳад беш.
Барраву мурғу зирабои Ироқ
Гирдаҳову куличаҳову руқоқ.
Чанд ҳалво, ки он набудаш ном,
Бархе аз писта, бархе аз бодом.
Меваҳои латифи табъфиреб,
Аз Рай ангуру аз Сипоҳон себ.
Бигзар аз нор, нуқли мастон буд,
Худ ҳама хона норпистон буд.
Чун ба андоза з-он хуриш х(в)ардем,
Ба май оҳанги парвариш кардем.

Дар ҳам овехтем хандоханд
Ману чун ман фасонагӯе чанд.
Ҳар касе саргузаште аз худ гуфт,
Яке аз тоқу дигаре аз ҷуфт.
Омад афсона то ба симбаре,
Шаҳд дар ширу шир дар шакаре.
Дилфиребе, ки чун сухан гуфтӣ,
Мурғу моҳӣ бар он сухан хуфтӣ.
Баркушод аз ақиқ чашмаи нӯш,
Ошиқона бароварид хурӯш.
Гуфт:– «Ширинсухан ҷавоне буд,
К-аз зарифӣ шакарситоне буд.
Исие гоҳи донишомӯзӣ,
Юсуфе вақти маҷлисафрӯзӣ.
Огаҳ аз илму аз кифоят низ,
Порсоӣ-ш беҳтар аз ҳама чиз.
Дошт боғе ба шакли боғи Ирам,
Боғҳо гирди боғи ӯ чу ҳарам.
Хокаш аз бӯи хуш абирсиришт,
Меваҳояш чу меваҳои биҳишт.
Ҳама дил буд чун миёнаи нор,
Ҳама гул буд бе миёнҷии хор.
Тез хоре, ки дар гулистон буд,
Аз паи чашмзахми бустон буд.
Об дар зери сарвҳои ҷавон,
Сабза дар гирди обҳои равон.
Мурғ дар мурғ баркашида наво,
Арғанун баста дар миёни ҳаво.
Сарвбун чун зумуррадин кохе,
Қумрие бар сарири ҳар шохе.
Зери сарваш, ки пой дар гил буд,
Ба наво дода, ҳар киро дил буд.
Баркашида зи хатти паргораш
Чор муҳра ба чор девораш.
Аз биноҳои баркашида ба моҳ
Чашми бадро набуд дар вай роҳ.
Дар таманнои ончунон боғе
Бар дили ҳар тавонгаре доғе.
Мард ҳар ҳафтае зи роҳи фароғ
Ба тамошо шудӣ ба дидани боғ.
Сарв пиростӣ, суман киштӣ,
Мушк судию анбар оғиштӣ.

Тоза кардӣ ба дасти наргис ҷом,
Сабзаро додӣ аз бунафша паём.
Соате гирди боғ баргаштӣ,
Боз бигзоштию бигзаштӣ.
Рафт рӯзе ба вақти пешингоҳ,
То дар он боғи равза ёбад роҳ.
Боғро баста дид дар чун санг,
Боғбон хуфта бар навозиши чанг.
Боғ пуршӯр аз он хушовозӣ
Ҷоннавозон дар ӯ ба ҷонбозӣ.
Рақс бар ҳар дарахте афтода,
Мева дил бурда, балки ҷон дода.
Хоҷа, к-овози ошиқона шунид,
Ҷон-ш ҳозир набуду ҷома дарид.
На шикебе, ки баргирояд сар,
На калиде, ки баркушояд дар.
Дар басе кӯфт, кас надод ҷавоб,
Сарв дар рақс буду гул дар хоб.
Гирд бар гирди боғ баргардид,
Дар ҳама боғ ҳеҷ роҳ надид.
Бар дари хештан чу бор наёфт,
Рукни девори хештан бишикофт.
Шуд дарун, то кунад тамошое,
Сӯфиёна бароварад пое.
Гӯш бар нағмаи тарона ниҳад,
Дидани боғро баҳона ниҳад.
Шӯриши боғ бингарад, ки зи кист,
Боғ чун асту боғбонро чист.
З-он гуле чанд бӯстонафрӯз,
Ки дар он бӯстон буданд он рӯз,
Ду сумансина, балки симинсоқ
Бар дари боғ доштанд яток.
То бар он ҳурпайкарони чу моҳ
Чашми номаҳраме наёбад роҳ.
Чун дарун рафт хоҷа аз сӯрох,
Ёфтандаш канизакон густох.
Захм бардоштанду хастандаш,
Дузд пиндоштанду бастандаш.
Хоҷа дардода тан бад-он хорӣ,
Аз чӣ? Аз туҳмати гунаҳкорӣ.
Баъд аз озурданаш ба чангу ба мушт
Бонгҳое дар ӯ заданд дурушт,

К-эй зи доғи ту боғ нохушнуд,
Нест ин ҷо нақиби боғ, чӣ суд?!
Чун ба боғи касон дарояд дузд,
Заданаш ҳаст боғбонро музд.
Мо, ки лахте ба чӯб хастемат,
Шояд, ар дасту пой бастемат,
То ту, эй нақбзан, дар ин паргор
Дар гузорӣ, дарой аз девор.
Мард гуфто, ки боғ боғи ман аст,
Бар ман ин дуд аз чароғи ман аст.
Бо даре чун даҳони шер фарох
Чун дароям чу рӯбаҳ аз сӯрох?
Ҳар кӣ дар мулки худ чунин ояд,
Мулк аз ӯ зуд бар замин ояд.
Чун канизон нишони ӯ диданд,
В-аз нишонҳои боғ пурсиданд,
Ёфтандаш дар он гувоҳӣ  рост,
Меҳр биншасту доварӣ бархост.
Соҳиби боғ чун шинохта шуд,
Ҳар дуро дил ба меҳр охта шуд.
Буд хубу ҷавону нодирагӯй,
Зан ки ин дид, аз ӯ ту даст бишӯй.
Оштӣ карданаш раво диданд,
З-он ки бо табъаш ошно диданд.
Дасту пояш зи банд бикшоданд,
Бӯса бар дасту пои ӯ доданд.
Узрҳо хостанд бисёраш,
Ҳар ду якдил шуданд дар кораш.
Пас ба узре, ки хасм ёр шавад,
Рахнаи боғ устувор шавад.
Хор бурдандү рахнаро бастанд
В-аз шабехуни раҳзанон растанд.
Бинишастанд пеши хоҷа ба ноз,
Бозгуфтанд қиссаҳои дароз,
Ки дар ин боғ чун шукуфтабаҳор,
Ки аз ӯ хоҷа бод бархурдор,
Меҳмонист дилситононро,
Моҳрӯёну меҳрбононро.
Ҳар зани хубрӯ, ки дар шаҳр аст,
Дидаро аз ҷамоли ӯ баҳр аст.
Ҳама ҷамъомада дар ин боғанд,
Шамъи бедуду нақши бедоғанд.

Узри онро, ки бо ту бад кардем,
Хок дар обхурди х(в)ад кардем.
Хезу бо мо яке замон бихиром,
То барорӣ, зи ҳар кӣ хоҳӣ, ком.
Рӯй даркаш ба кунҷи пинҳоне,
Шодмон бин дар он гулафшоне.
Ҳар бутеро, ки дил дар ӯ бандӣ,
Меҳр бар вай ниҳию бипсандӣ,
Оваремаш ба кунҷи хонаи ту,
То ниҳад сар бар остонаи ту.
Хоҷаро, к-он сухан ба гӯш омад,
Шаҳвати хуфта дар хурӯш омад.
Гарчи дар табъ порсоӣ дошт,
Табъ бо шаҳват ошноӣ дошт.
Мардияш мардумӣ-шро бифирефт,
Мард буд, аз дами занон нашикефт.
Бо сумансинагони симандом
Пой бардошт бар умеди тамом.
То ба ҷое расидашон новард,
Ки бад-он ҷой дил қарор овард.
Пеши он шоҳидони қасри биҳишт
Ғурфае буд, баркашида зи хишт.
Хоҷа бар ғурфа рафту баст дараш,
Бозгаштанд раҳбарон зи бараш.
Буд дар нофи ғурфа сӯрохе,
Равшанӣ тофта дар ӯ шохе.
Чашми хоҷа зи чашмаи сӯрох
Чашмаи танг диду оби фарох.
Карда бар ҳар тараф гулафшонӣ
Симсоқеюю норпистоне.
Равшаноне, чароғи дида ҳама,
Хуштар аз меваи расида ҳама.
Ҳар арӯс аз раҳи дилангезӣ
Карда бар сури худ шакаррезӣ.
Аждаҳое нишаста бар ганҷаш,
Ба турунҷе расиданоранҷаш.
Нори пистон бидиду себи занах,
Номи он себ барнибишта ба ях.
Буд дар равзагоҳи он бустон
Чамане бар канори сарвистон.
Ҳавзае сохта зи санги рухом
Ҳавзи Кавсар бад-ӯ навишта ғулом,

Мешуд обе чу оби дида дар ӯ,
Моҳиёне ситамнадида дар ӯ.
Гирди он обдони рӯшуста
Савсану наргису суман руста.
Омаданд он бутони хиргоҳӣ,
Ҳавз диданду моҳ бо моҳӣ.
Гармии офтоб тофташон
В-оби чун офтоб ёфташон.
Сӯи ҳавз омаданд нозкунон,
Гираҳ аз банди фӯта бозкунон.
Судра канданду бениқоб шуданд
В-аз латофат чу дур дар об шуданд.
Мезаданд обро ба сими мурод,
Мениҳуфтанд симро ба савод.
Моҳу моҳӣ равона ҳар ду дар об,
Моҳ то моҳӣ уфтода ба тоб.
Моҳ дар об чун дирам резад,
Ҳар куҷо моҳияст, бигрезад.
Моҳи эшон дар он дирамрезӣ
Хоҷаро карда моҳиангезӣ.
Соате дастбанд мекарданд,
Бар суман ришханд мекарданд.
Соате бар ба бар дарафшурданд,
Нору норанҷро кирав карданд.
Ин шуд, онро ба мор метарсонд,
Мор мегуфту зулф меафшонд.
Бесутуне ҳама сутунангез
Кушта Фарҳодро ба тешаи тез.
Ҷӯи шире, ки қасри Ширин дошт,
Сар бад-он ҳавзҳои ширин дошт.
Хоҷа, к-он дид, ҷои сабр набуд,
Ёрию ёрагӣ надошт, чӣ суд.
Буд чун ташнае, ки бошад маст,
Об бинад, бар ӯ наёбад даст.
Ё чу саръӣ, ки моҳи нав бинад,
Барҷаҳад гоҳу гоҳ биншинад.
Сӯи ҳар сарвқомате медид,
Қомате не, қиёмате медид.
Раг ба раг хунаш аз гирифтани ҷӯш
Аз ҳар андом баркашид хурӯш.
Истода чу дузд пинҳонӣ
В-он чи донӣ, чунон ки медонӣ.

Хост, то дар миён ҷаҳад густох
Мурғаш аз рахна, мораш аз сӯрох.
Лек мораш накард густохӣ,
Аз чӣ? Аз роҳи тангсӯрохӣ.
Шустарӯён чу рӯи гул шустанд,
Чун суман бар паранди гул рустанд.
Осмонгун паранд пӯшиданд,
Бар маҳи осмон хурӯшиданд.
Дар миён буд луъбате чангӣ,
Пеши румӣ рухаш ҳама зангӣ.
Офтобе ҳилоли ғабғаби ӯ,
Рутабе, ногазида кас лаби ӯ.
Ғамза-ш аз ғамза тезпайконтар,
Ханда-ш аз ханда шаккарафшонтар.
Уфтода зи сарви пурбораш
Нор дар обу об дар нораш.
Ба фиребе ҳазор дил бурда,
Ҳар кӣ дида, баробараш мурда.
Чун ба дастон задан кушодӣ даст,
Ишқ ҳушёру ақл гаштӣ маст.
Хоҷа бар фитнае чунон аз дур
Фитнатар з-он ки ҳиндувон бар нур.
Зоҳид аз роҳ рафт пинҳонӣ,
Кофарӣ бин, зиҳӣ мусулмонӣ.
Баъди як соат он ду оҳучашм,
К-оташи барқ будашон дар пашм,
В-оҳуангези он Хутан буданд,
Оҳувонро ба юз бинмуданд,
Омаданд аз раҳи шакарборӣ,
Карда зери қасаб кулаҳдорӣ.
Хоҷаро дар ҳиҷобгаҳ диданд,
Ҳоҷибона зи кор пурсиданд,
К-аз ҳама луъбатони ҳурнажод
Майли ту бар кадом хур афтод?
Хоҷа нақше, ки дар писанд овард,
Дар миёни ду нақшбанд овард.
Ин нагуфта ҳанӯз, барҷастанд,
Гуфтӣ, оҳу на, шери сармастанд.
Он паризодаро ба тунбалу ранг
Овариданд бо навозиши чанг.
Ба тариқе, ки кас гумон набарад
В-ар барад, з-он ду шаҳна ҷон набарад.

Турфаро чун ба ғурфа пайвастанд,
Ғурфаро турфа бин, ки дар бастанд.
Хоҷа з-он бехабар, ки ӯ аҳл аст,
Ёри ӯ аҳлу кори ӯ саҳл аст.
В-он бути чангзан, ки тохта буд,
Кори ӯро чу чанг сохта буд.
Гуфта будандаш он ду мояи ноз
Қиссаи хоҷаи канизнавоз.
В-он парипайкари писандида
Дил дар ӯ баста буд нодида.
Чун дар ӯ дид, аз он баҳитар буд,
Оҳанаш симу сими ӯ зар буд.
Хоҷа, к-аз меҳр ношикеб омад,
Бо сиҳисарв дар итеб омад.
Гуфт:– «Номи ту чист?» Гуфто:– «Бахт».
Гуфт:– «Ҷоят куҷост?» Гуфто:– «Тахт»
Гуфт:– «Асли ту чист?» Гуфто:– «Нур».
Гуфт:– «Чашми бад аз ту?» Гуфто:– «Дур!»
Гуфт:– «Парда-т чӣ парда?» Гуфто:– «Соз».
Гуфт:– «Шева-т чӣ шева?» Гуфто:– «Ноз».
Гуфт:– «Бӯса диҳим?» Гуфто:– «Шаст».
Гуфт:– «Ҳон, вақт ҳаст?» Гуфто:– «Ҳаст».
Гуфт:– «Ой ба даст?» Гуфто:– «Зуд».
Гуфт:– «Бод ин мурод!» Гуфто:– «Буд».
Хоҷаро ҷӯш аз устухон бархост,
Шарму раъноӣ аз миён бархост.
Зулфи дилбар гирифт чун чангаш,
Дар бар овард чун дили тангаш.
Бӯсаву гоз бар шакар мезад,
Аз яке то даҳу зи даҳ то сад.
Гарм шуд бӯса дар дилангезӣ,
Дод гармӣ нишотро тезӣ.
Хост, то нӯшчашмаро хорад,
Муҳр аз Оби Ҳаёт бардорад.
Чун даромад сиёҳшер ба гӯр,
Зери чанги худаш кашид ба зӯр.
Ҷойгаҳ суст буд, сахтӣ ёфт,
Хишт бар хишт рахнаҳо бишкофт.
Ғурфа дерина буд, фуруд омад,
Кори некон ба бад наянҷомад,
Ин зи мӯяю он ба мӯе раст,
Ин аз ин сӯ шуд, он аз он сӯ ҷаст.

То набинандашон бар он сари роҳ,
Дур гаштанд аз он иморатгоҳ.
Хоҷа гӯша гирифт аз он ғаму дард,
Рафт дар гӯшаею ғам мех(в)ард.
Шуд канизак, нишаст бо ёрон,
Бар ду абрӯ гиреҳ чу ғамхорон.
Ранҷҳои гузашта пеш ниҳод,
Чангро бар канори хеш ниҳод.
Нолаи чангро чу пайдо кард,
Ошиқонро зи нола шайдо кард.
Гуфт, к-аз чанги ман ба нолаи руд
Бод бар хастагони ишқ дуруд!
Ошиқ он шуд, ки хастагӣ дорад,
Ба дурустӣ шикастагӣ дорад.
Ишқ пӯшида чанд дорам, чанд?
Ошиқам, ошиқам ба бонги баланд.
Мастию ошиқӣ-м бурд зи даст,
Сабр н-ояд зи ҳеҷ ошиқи маст.
Гарчи бар ҷони ошиқон хорист,
Тавба дар ошиқӣ гунаҳкорист.
Ишқ бо тавба ошно набвад,
Тавба дар ошиқӣ раво набвад.
Ошиқ он беҳ, ки ҷон кунад таслим,
Ошиқонро зи теғу тир чӣ бим?
Турки чангӣ чу дур зи лаъл афшонд,
Ҳасби холе бад-ин сифат бархонд.
Он ду гавҳар, ки риштакаш буданд,
Дар нишоти симоъ х(в)аш буданд.
Дар дил афтодашон, ки дар ду чароғ
Тундбоде расидааст ба боғ.
Юсуфи ёвагаштаро  ҷустанд,
Чун Зулайхо зи доманаш рустанд.
Бозҷустандаш аз ҳақиқати кор,
Дод шарҳе, ки гиря орад бор.
Ҳар ду ташвири кори ӯ х(в)арданд,
Боз тадбири кори ӯ карданд,
К-имшаб ин ҷойгаҳ ватан созем,
Аз  ту бо кори кас напардозем.
Нагузорем бар баҳонаи хеш,
Ки кас имшаб равад ба хонаи хеш.
Магар он моҳро, ки дилбари туст,
Имшаб андар канор гирӣ чуст.

Рӯзи равшан сапедкор бувад,
Шаби торик пардадор бувад.
К-ин сухан гуфта шуд, равона шуданд,
Бо бутон бар сари фасона шуданд.
Шаб чу зери самури анқосӣ
Кард пинҳон давоҷи бартосӣ,
Теғи якмехи офтоб гузашт,
Ҷавшани шаб ҳазормехӣ гашт.
Омаданд он бутон, вафо карданд,
В-он санамро бад-ӯ раҳо карданд.
Сарви ташна ба ҷӯи об расид,
Офтобе ба моҳтоб расид.
Ҷой холию ончунон ёре,
Ки кунад сабр дар чунон коре?
Хоҷаро дар уруқи ҳафт андом
Хун ба ҷӯш омада зи ҷустани ком.
В-он чи гуфтан нашоядам бо кас,
Бо ту гуфтам наузу биллаҳу бас.
Хост, то дур ба лаъл суфта шавад,
Тавқ бо тоқи ҳар ду ҷуфта шавад.
Гурбаи ваҳшӣ аз сари шохе
Дид мурғе ба кунҷи сӯрохе.
Ҷаст бар мурғу бар замин афтод,
Садмае бар ду нозанин афтод.
Ҳар ду ҷастанд, дилрамида зи ҷой
Тоб дар дил фитода, так дар пой.
Дур гаштанд норасида ба ком,
Тобаи пухта бин, ки чун шуд хом.
Нӯшлаб рафт пеши нӯшлабон,
Чангро баргирифт нимшабон.
Чанг мезад, ба чанг删дармегуфт,
К-арғавон омаду баҳор шукуфт.
Сарвбун баркашид қадди баланд,
Хандаи гул кушод ҳуққаи қанд.
Булбул омад, нишаст бар сари шох
Рӯзи бозори айш гашт фарох.
Боғбон боғро мутарро кард,
Шоҳе омад, дар ӯ тамошо кард.
Ҷоми май диду баргирифт ба даст,
Санге афтоду ҷомро бишкаст.
Эй ба тороҷ бурда, ҳар чӣ мост,
Ҷуз ба ту кори ман нагардад рост.

Гарчи бо ту зи кори худ хиҷилам,
Бе туе нест дар ҳисоб дилам.
Роздорони пардаи созаш
Огаҳӣ ёфтанд аз розаш.
Боз рафтанду ғусса мех(в)арданд,
Хоҷаро ҷустуҷӯй мекарданд.
Хоҷа чун бандагони равғандузд
Дар раҳаш ҳуҷрае гирифта ба музд.
Дархазида ба ҷӯйборе танг
Зери шамшоду сарву беду ханданг.
Хира гашта зи хомтадбирӣ,
Бардамида зи савсанаш хайрӣ.
Бозҷустанд, аз он чи дошт ниҳуфт,
Як ба як бо ду роздор бигуфт.
Фарз гашт он ниҳуфтакоронро,
Ки ба ёрӣ расанд ёронро.
Бозгаштанду роҳ бикшоданд,
Оби гилро ба гил фиристоданд.
Омад он дастгири дастонсоз,
Меҳри нав карда меҳрбонро боз.
Хоҷа дасташ гирифту рафт аз пеш
То ба ҷое, ки дид лоиқи хеш.
Ток бар ток шоххҳои дарахт
Баста бар авҷгоҳ тахт ба тахт.
Зери он тахти подшоҳӣ тохт,
Ба фароғат нишастгоҳе сохт,
Дилситонро ба меҳр пеш кашид,
Чун дил андар канори хеш кашид.
Зодсарве бад-он хиромонӣ,
Чун суман бар бисоти сомоне.
Дар канораш кашиду шодӣ кард,
Сарв бо гул қиронибодӣ кард.
Хоҷаро маҳ даромада ба канор,
Даст бар кору пой рафта зи кор.
Муҳраи хоҷа хонагир шуда,
Ҳам бисоташ гаравпазир шуда.
Чун бар он шуд, ки қалъа бистонад,
Оташеро ба об биншонад.
Муши даштӣ, нигар, зи токи баланд
Дида бад охта кадуе чанд.
Кард чун мурғ бар расан парвоз,
Аз кадуҳо расан бурид ба гоз.

Бар замин омад ончунон ҳабле,
Ҳар кадуе ба шакл чун табле.
Бонги он табл рафт мил ба мил,
Табл в-он гаҳ чӣ табл? Табли раҳил.
Боз бонг андаруфтод ба ҳуз,
Оҳу озод шуд зи панҷаи юз.
Хоҷа пиндошт, к-омадаст ба ҷанг
Шаҳна бо кӯсу муҳтасиб бо санг.
Кафш бигзошту роҳ пеш гирифт,
Боз дунболи кори хеш гирифт.
В-он санам рафт бо ҳазор ҳарос
Пеши он ҳамдамони пардашинос.
Чун замоне бар он намуд диранг,
Пардадар гашту сохт пардаи чанг.
Гуфт:– «Гуфтанд ошиқон боре
Рафт ёре ба дидани ёре.
Хост, к-аз роҳи орзумандӣ
Ёбад аз васли ӯ барумандӣ.
Бар канораш кашад, чунон ки ҳавост,
Сурхгул дар канори сарв равост.
Аз раҳи синаву занахдонаш
Себу норе хурад зи бустонаш.
Даст  бар ганҷи  дур дароз кунад,
То дари ганҷхона боз кунад.
Ба табарзад шакар баромезад,
Ба табархун зи лола хун резад.
Ногаҳ овард фитна ғавғое,
То ғалат шуд чунон таманное.
Монд парвонаро дар андуҳи нур,
Ташнае гашт аз Оби Ҳайвон дур.
Эй ҳама зарби ту ба каҷбозӣ
Зарбае зад ба ростандозӣ.
Ту маро парда каҷ диҳию  равост,
Нагзарам бо ту ман зи пардаи рост»,
К-ин ғазал гуфта шуд чу дамсозон,
З-ӯ хабар ёфтанд ҳамрозон.
Сӯи хоҷа шуданд пӯзишсоз,
Ёфтандаш кашида пои дароз.
Шармзад гашта, дилрамида шуда,
Бар сари хок орамида шуда.
Ба навозишгарию дилдорӣ
Баркашидандаш аз чунон хорӣ.

Ҳол пурсида шуд, ҳикоят кард,
Он чи дар дӯзах оварад дами сард.
Чорасозон ба чораҳои х(в)адаш
Дур карданд аз хаёли бадаш.
Бар дили баста банд бикшоданд,
Бедилеро ба ваъда дил доданд,
Ки дар ин кор кордонтар бош,
Меҳрбонию меҳрбонтар бош.
Вақти кор ошёна ҷое соз
К-офат он ҷо наёварад парвоз.
Мо худ аз дур пай нигаҳ дорем,
Посдорона поси раҳ дорем.
Омаданд он гаҳе пазираи кор
Пеши он сарвқадди гулрухсор,
То дигарбора турктозӣ кард,
Хоҷаро ёфт, дилнавозӣ кард,
Омад, аз хоҷа бори ғам бардошт,
Хоҷа, к-он дид, хоҷагӣ бигзошт.
Сари зулфаш гирифт чун мастон,
Ҷуст байғулае дар он бустон.
Буд дар кунҷи боғ ҷое дур,
Ёсуманхирмане чу гунбади нур.
Баркашида алам ба деворе,
Бар сараш беша, дар бунаш ғоре.
Хоҷа беҳ з-он наёфт боргаҳе,
Сохт андар миёна коргаҳе.
Ёсуманро зи ҳам дарид ба соз,
Нозанинро дар ӯ кашид ба ноз.
Банди судра-ш кушоду шарм ниҳуфт,
Банди судре дигар, ки натвон гуфт.
Хирмани гул дароварид ба бар,
Мағзи бодом дар миёни шакар.
Мил дар сурмадон нарафта ҳанӯз,
Бозие боз кард гунбади кӯз.
Рӯбаҳе чанд буд дар буни ғор,
Ба ҳам афтода аз барои шикор.
Гурге оварда роҳ бар сарашон,
То кунад дур сар зи пайкарашон.
Рӯбаҳон аз ҳаромхории гург,
К-офате буд саҳмноку бузург,
Ба ҳазимат шуданду гург аз пас,
Роҳашон дар бисоти хоҷаву бас.

Бардавиданд бар ду чорасигол,
Рӯбаҳон пешу гург аз дунбол.
Хоҷаро боргаҳ фитод аз пой,
Дид лашкаргаҳе, биҷаст аз ҷой.
Худ надонист, он чӣ воқиа буд,
Сӯ ба сӯ медавид хоколуд.
Дил пурандешаву ҷигар пурхун,
То чӣ гуна равад зи боғ бурун.
Он ду сарваш баробар афтоданд,
К-он ҳама нору наргисаш доданд.
Домани дилбараш гирифта ба чанг
Чун дуре дар миёнаи ду наҳанг.
Бонг бар вай заданд, к-ин чӣ фанест,
Дар хисоли ту ин чӣ аҳриманист?
Чанд барҳам занӣ ҷавониро,
Куштӣ аз кина меҳрбониро.
Бо ғарибе зи рӯи дамсозӣ
Накунад ҳеҷ кас чунин бозӣ.
Чанд бор имшабаш раҳо кардӣ,
Чанд найрангу кимиё кардӣ!
Ӯ ба савганд узрҳо мехост,
Нашуниданд аз ӯ ҳикояти рост.
То зи бунгаҳ расид хоҷа фароз,
Шамъро дид дар миёни ду гоз.
Дар хиҷолат зи сарзаниш кардан
Захми ину қафои он х(в)ардан.
Гуфт:– «Зинҳор даст аз ӯ доред,
Ёри озурдаро маёзоред.
Гавҳари ӯ зи ҳар гунаҳ пок аст,
Ҳар гуноҳе, ки ҳаст, аз ин хок аст.
Чобукони ҷаҳону чолокон
Ҳама ҳастанд бандаи покон.
Кори моро инояти азалӣ
Аз хато дода буд бехалалӣ.
В-он халалҳо, ки кард моро хурд,
Офатеро ба офате мебурд.
Бахт моро чу порсоӣ дод,
Аз чунон кори бад раҳоӣ дод.
Он ки деваш ба коми х(в)ад накунад,
Нек шуд, ҳеҷ нек бад накунад.
Бар ҳаром он ки дил ниҳода бувад,
Дур аз ин ҷо, ҳаромзода бувад.

Бо арӯсе бад-ин паричеҳрӣ
Накунад ҳеҷ мард бадмеҳрӣ.
Хоса он, к-ӯ ҷавоние дорад,
Мардию меҳрбоние дорад.
Лек чун исмате бувад дар роҳ,
Натавон рафт боз пеши гуноҳ.
Кас аз он мевадор бар нах(в)арад,
Ки яке чашми бад дар ӯ нигарад.
Чашми сад гуна дому дад бар мо,
Ҳол аз ин ҷо шудаст бад бар мо.
Он чи шуд, шуд, ҳадиси он накунам,
В-он чи дорам, бад-ӯ зиён накунам.
Тавба кардам ба ошкору ниҳон,
Дарпазируфтам аз Худои ҷаҳон,
Ки агар дар аҷал бувад таъхир,
В-ин шикорӣ бувад шикорпазир.
Ба ҳалолаш арӯси хеш кунам,
Хидматаш з-он чи буд, беш кунам».
Корбинон, ки кори ӯ диданд,
Аз худотарсияш битарсиданд.
Сар ниҳоданд пеши ӯ бар хок,
К-офарин бар чунон ақидаи пок,
Ки дар ӯ тухми некуӣ коранд,
В-аз сиришти бадаш нигаҳ доранд.
Эй басо ранҷҳо, ки ранҷ намуд,
Ранҷ пиндоштанду роҳат буд.
В-эй басо дардҳо, ки бар мард аст,
Ҳама ҷондоруе дар он дард аст.
Чун баромад зи кӯҳ чашмаи нур,
Кард аз офоқ чашми бадро дур.
Субҳ чун анкабути устурлоб
Бар амуди замин танид луоб,
Боде омад, ба каф гирифта чароғ,
Боғбонро ба шаҳр бурд зи боғ.
Хоҷа барзад алам ба султонӣ,
Раст аз он банду бандафармонӣ.
З-оташи ишқбозии шаби дӯш
Омада хотираш чу дег ба ҷӯш,
Чун ба шаҳр омад аз вафодорӣ,
Кард мақсудро талабгорӣ.
Моҳи дӯшинаро расонд ба маҳд,
Баст кобин, чунон ки бошад аҳд.

Дурри носуфтаро ба марҷон суфт,
Мурғ бедор гашту моҳӣ хуфт.
Гар бибинӣ зи мурғ то моҳӣ,
Ҳамаро бошад ин ҳавохоҳӣ.
Давлатӣ бин, ки ёфт оби зулол,
В-он гаҳе хӯрд аз ӯ, ки буд ҳалол.
Чашмае ёфт пок, чун хуршед,
Чун суман софию чу сим сапед.
Дар сапедист рӯшноии рӯз
В-аз сапедист маҳ ҷаҳонафрӯз.
Ҳама ранге такаллуфандуда-ст,
Ҷуз сапедӣ, ки ӯ наёлуда-ст.
Ҳар ч-аз олудагӣ шавад навмед,
Покияшро лақаб кунанд сапед.
Дар парастиш ба вақти кӯшидан
Суннат омад сапед пӯшидан».
Чун сумансина з-ин сухан пардохт,
Шаҳ дар оғӯши хеш ҷояш сохт.
В-инчунин шаб басе ба нозу нишот
Сӯи ҳар гунбаде кашид бисот,
Бар вай ин осмони гунбадсоз
Карда дарҳои ҳафт гунбад боз.

## ОГОҲИИ БАҲРОМ АЗ ЛАШКАРКАШИИ ХОҚОНИ ЧИН БОРИ ДУВУМ

Чун ба таслиси Муштарию Зуҳал
Шоҳи анҷум зи Ҳут шуд ба Ҳамал,
Сабзаи хизрваш ҷавонӣ ёфт,
Чашмаи Оби Зиндагонӣ ёфт.
Нофи ҳар чашма рӯди Ниле шуд,
Ҳар сабиле ба Салсабиле шуд.
Мушкбар гашт хоки удипӯш,
Нофахар гашт боди нофафурӯш.
Эътидоли ҳавои наврӯзӣ
Рострав шуд ба оламафрӯзӣ.
Боди наврӯзӣ аз қаболаи нав
Бо раёҳин ниҳод ҷон ба гарав.
Рустанӣ сар бурун зад аз дили хок,
Занги хуршед гашт аз ойина пок.
Шабнам аз домани асир нишаст,
Гармӣ андоми замҳарир шикаст.

Барфи кофурӣ аз гареваи кӯҳ
Рӯдро з-оби дида дод шукӯҳ.
Сабза гавҳар зудуд бинишро,
Дод сарсабзӣ офаринишро.
Наргиси тар ба чашми хоболуд
Ҳар киро чашм буд, хоб рабуд.
Боди субҳ аз насими нофакушой
Бар саводи бунафша ғолиясой.
Сарв, к-аз соя бодбона зада,
Ҷаъди шамшодро ба шона зада.
Чашми нилуфар аз шиканҷаи хоб
Ҷон дарандохта ба қалъаи об.
Ғунчаҳои нав аз шукуфаи шох
Карда луълу чу барги лола фарох.
Савсан аз баҳри тоҷи наргиси маст
Нӯшаи зар ниҳода бар кафи даст.
Аз шамоил шамомаҳои баҳор
Бе қиёмат ситора карда нисор.
Шанбалиди сиришкдардида
Заъфарон хӯрда, боз хандида.
Котибулваҳйи гул ба Оби Ҳаёт
Бар шақоиқ ба хун навишта барот.
Барги насрин ба гавҳар омудан,
Шохи савсан ба тӯтиё судан.
Ҷаъд бар ҷаъд баста марзангӯш
Дайламосо фиканда бар сари дӯш.
Гашта ҳам баргу ҳам гиё розӣ,
Ин ба микроза, он ба микрозӣ.
Сунбул аз хӯшаҳои мушкангез
Бар қаранфул кушода атсаи тез.
Дода хайрӣ ба шарти ҳамаҳдӣ
Ёсуманро хати валиаҳдӣ.
Бӯи сисанбар аз ҳарорати хеш
Акраби чархро гудохта неш.
Ғунча бо чашми говчашм ба ноз,
Мурғ бо гӯши пилгӯш ба роз.
Гули кофурбӯи мушкнасим
Чун буногӯши ёр дар зару сим.
Мушкбед аз дарахти уднишон
Гоҳ кофуру гоҳ мушкфишон.
Арғавону суман баробари бед
Рояте баркашида сурху сапед.

З-офати бедбарги боди хазон
Шохи пурбарги бед дастгазон.
Гул камар баста дар шаҳаншоҳӣ,
Хок чун бод дар ҳавохоҳӣ.
Булбул овоз баркашида чу кӯс
Ҳама шаб  то ба вақти бонги хурӯс.
Сурхгулро ба сабзмайдоне
Панҷнавбатзанон ба султонӣ.
Бар сари сарв бонги фохтагон,
Чун тарабруди дилнавохтагон.
Нои қумрӣ ба нолаи саҳарӣ
Ханда бурда зи коми кабки дарӣ.
Бонги дурроҷ бар ҳаволии кишт
Карда тақтеъ байтҳои биҳишт.
Зандбоф аз биҳиштномаи «Занд»
Дар шаб оварду хонд ҳарфе чанд.
Андалеб аз навои  тезоҳанг
Гашта борик чун бирешими чанг.
Боғ чун лавҳ нақшбанд шуда,
Мурғу моҳӣ нишотманд шуда.
Шоҳ Баҳром дар чунин рӯзе
Кард шоҳона маҷлисафрӯзӣ.
Аз намудори ҳафт гунбади хеш
Гунбаде з-осмон фарохта беш.
Чорбандӣ расид пайке чуст,
Роҳи шаштоқи ҳафт гунбад ҷуст.
Чун даромад дар он биҳиштӣ кох,
Шуд дилаш чун дари биҳишт фарох,
Кард бар Хусрав офарини дароз,
К-офарин карда буд, бурд намоз.
Гуфт:– «Боз аз нигорхонаи Чин
Ҷӯши лашкар гирифт рӯи замин.
Монд паймони шоҳро Фағфур,
Шуд дигар раҳ зи некаҳдӣ дур.
Чиниёнро вафо набошаду аҳд.
Заҳрнок андаруну берун шаҳд.
Лашкаре теғ баркашида ба авҷ,
То ба Ҷайҳун расида мавҷ ба мавҷ.
Селе омад, гирифт саҳрое,
Ҳар наҳанге дар ӯ чу дарёе.
Гар шаҳ ин шуғлро бидорад пос,
Чиниён хуни мо хуранд ба тос».

Шаҳ чу аз фитна ёфт огоҳӣ,
Дар бало дид офиятхоҳӣ.
Пештар з-он ки дар сар ояд дом,
Доман аз май кашиду даст аз ҷом.
Рои он зад, ки аз кифояту рой
Хасмро чун ба  сар дарорад пой.
Ҷуз ба ганҷу сипаҳ надид паноҳ,
К-олати нусрат аст ганҷу сипоҳ.
Чун сипаҳ бозҷуст, панҷ надид,
Чун ба ганҷина рафт, ганҷ надид.
Ҳам тиҳӣ дид  ганҷи оганда,
Ҳам силеҳу  сипаҳ пароканда.
Монд оҷиз чу шери бедандон
Тавқ–занҷиру мамлакат–зиндон.
Шаҳ шунидам, ки дошт дастуре,
Нохудотарсе, аз Худо дуре.
Номи худ карда з-он ҷарида, ки хост,
Ростравшан, вале на равшану рост.
Равшану ростӣ-ш бас борик,
Ростӣ – кӯжу равшанӣ – торик.
Дода шаҳро ба номи нек ғурур,
В-ӯ зи таълиқи некномӣ дур.
То вазорат ба ҳукми Нарсӣ буд,
Дар вазорат худойтарсӣ буд.
Ростравшан чу з-ӯ вазорат бурд,
Ростиҳову равшаниҳо мурд.
Шаҳ чу машғул шуд ба нӯшу ба ноз,
Ӯ ба бедод кард даст дароз.
Фитна месохт, маслиҳат месӯхт,
Милк меҷусту мол меандӯхт.
Ноиби шоҳро ба зарру ба зеб
Дод бар кимиёи фитна фиреб.
Гуфт:– «Халқ орзуталаб шудаанд,
Шӯху густоху беадаб шудаанд.
Неъмати мо зи роҳи серишон
Дода дар кори мо  далеришон.
Гар намолемашон ба рою ба ҳуш,
Мулкро чашми бад бимолад гӯш.
Мардумоне баданду бадгуҳаранд,
Юсуфоне зи гургу саг батаранд.
Гургро гургбанд бояд кард,
Рақси рӯбоҳ чанд бояд кард?

Хокиёне, ки зодаи замиянд,
Дадагоне, ба сурат одамиянд.
Дадагон бар вафо назар нанииханд,
Ҳукмро ҷуз ба теғ сар наниҳанд.
Хонда бошӣ зи дарси ғамзадагон,
Ки Сиёвуш чӣ дид аз дадагон?
Ҷоҳи Ҷамшед хор чун карданд,
Сари Доро ба дор чун карданд?
Молашон ҳавза асту эшон сер,
Гандад об, ар ба ҳавз монад дер.
Об, к-аз хок тираваш гардад,
Ҳам ба тадбири хок х(в)аш гардад.
Шоҳ агар маст, хасм ҳушёр аст,
Шаҳна гар хуфта, дузд бедор аст.
Чун сиёсат зи ёди шоҳ шавад,
Подшоҳӣ бар ӯ табоҳ шавад.
Аз шаҳе, к-ӯ сиёсат ангезад,
Душману дев ҳар ду бигрезад.
Дев бошад раийяти густох,
Чун гузорӣ, ниҳанд пой фарох.
Ҷаҳди он кун, ки аз сиёсати хеш
Нашканӣ равнақи раёсати хеш.
Нафиребӣ ба ошноии кас,
Каси худ, теғи худ шиносию бас.
Шаҳ ба уммеди мост бодапараст,
Ман қалам дораму ту теғ ба даст.
Аз ту қаҳр ояду зи ман тадбир,
Ҳар кӣ гӯям, гирифтанист, бигир.
Муҳташамро ба мол молиш кун,
Бедирамро ба хун сиголаш кун.
Неку бад ҳар ду ҳаст бар ту ҳалол,
Аз бадон ҷон ситон, зи некон мол.
Хор кун халқро ба ҷоҳу ба чиз,
То бимонӣ ба чашми халқ азиз.
Чун раийят забуну хор бувад,
Мулк пайваста барқарор бувад».
Ноиби шаҳ зи рӯи сармастӣ
Кард бо ӯ ба ҷавр ҳамдастӣ.
Ба ҷафое, ки ӯ намудаш роҳ,
Ҷавр мекард бар раийяти шоҳ.
То ба ҳадде, ки хорӣ аз ҳад бурд,
Ҳеҷ касро ба ҳеҷ кас нашумурд.

Дар ситамкорагӣ пай афшурданд,
Мегирифтанду хона мебурданд.
Дар деҳу шаҳр ҷуз нафир набуд,
Сухане ҷуз гирифту гир набуд.
То дар он мамлакат ба андак сол
Ҳеҷ касро на мулк монду на мол.
Ҳамаро Ростравшан аз каму беш
Росту равшан ситад ба ришвати хеш.
Аз зару гавҳару ғулому каниз
Дар вилоят намонд касро чиз.
Уфтод аз камӣ, на аз бешӣ
Муҳташамтар касе ба дарвешӣ.
Хонадорон зи ҷаври хонаварон
Хонаи хеш монда бар дигарон.
Шаҳрию лашкарӣ зи ҷон ба сутӯҳ
Ҳама овора гашта кӯҳ ба кӯҳ.
Дар навоҳӣ на гов монду на кишт,
Дахлро кас фазолике нанвишт.
Чун вилоят хароб шуд ҳолӣ,
Дахли шоҳ аз хазона шуд холӣ.
Ҷуз вазире, ки хона будашу ганҷ,
Ҳосили кас набуд ҷуз ғаму ранҷ.
Шоҳро чун ба соз кардани ҷанг
Ганҷу лашкар набуд, шуд дилтанг.
Мунҳиёнро ягон-ягон ба дуруст
Як ба як ҳоли он харобӣ ҷуст.
Кас зи бими вазири оламсӯз
Он чи шаб рафт, вонагуфт ба рӯз.
Ҳар касе узре аз дурӯғ ангехт,
К-ин тиҳидаст гашту он бигрехт.
Бар замин ҳеҷ дахлу дона намонд,
Лоҷарам, ганҷ дар хизона намонд.
Шуд зи бемаксабию бемолӣ
Мулки шаҳ аз муаддиён холӣ.
Шаҳ чу шафқат барад, фароз оянд,
Бар амалҳои хеш боз оянд.
Шоҳро он баҳона сер накард,
Лек бевақт ҷанги шер накард.
Аз бади гунбади ҷафопеша
Кард, чандон ки бояд, андеша.
Раҳ ба сомони кори хеш набурд,
Ҷаҳди худ бо замона пеш набурд.

## АНДАРЗ ГИРИФТАНИ БАҲРОМ АЗ ШУБОН

Шаҳ чу танг омадӣ зи тангии кор,
Як савора бурун шудӣ ба шикор.
Сайд кардию шодмона шудӣ,
Чун шудӣ шод, сӯи хона шудӣ.
Чун шуд он рӯз ғам инонгираш,
Рағбат омад ба сӯи нахчираш.
Яктана сӯи сайд рафт бурун,
То зи дил ҳам ба хун бишӯяд хун.
Кард сайде, чунон ки будаш рой,
Ғуссаро даст басту ғамро пой.
Чун зи сайди палангу шеру гуроз
Хост, то сӯи хона гардад боз,
Дар таку тоб з-он ки тохта буд,
Мағзаш аз ташнагӣ гудохта буд,
Гирд бар гирди он замин биштофт,
Об то беш ҷуст, камтар ёфт.
Дид дуде, чу аждаҳои сиёҳ
Сар баровarda дар гирифтани моҳ.
Кӯҳа бар кӯҳа печ-печкунон,
Бар сууди фалак басечкунон.
Гуфт:– «Он дуд, гарчи з-оташ хост,
Аз фурӯзанда-ш об бояд хост».
Чун бар он дуд рафт гоме чанд,
Хиргаҳе дид, баркашида баланд.
Галлаи гӯспанд сум то гӯш
Гашта дар офтоб яхниҷӯш.
Саге овехта зи шохи дарахт,
Баста чун санг дасту пояш сахт.
Сӯи хиргоҳ ронд маркаб тез,
Дид пире чу субҳ меҳрангез.
Пир чун дид меҳмон, барҷаст,
Ба парастишгарӣ миён дарбаст.
Чун замин меҳмонпазирӣ кард
В-осмонро лагомгирӣ кард.
Аввалаш пешкаш дуруд овард
В-он гаҳ аз маркабаш фуруд овард.
Ҳар чӣ дар хона дошт моҳазаре,
Пешаш оварду кард лобагарӣ.
Гуфт:– «Шак нест, к-инчунин хоне
Нест дархурди чун ту меҳмоне.

Лек аз ободӣ ин  тараф дур аст,
Хон агар бенавост, маъзур аст».
Шаҳ чу нонпораи шубонро дид,
Шарбате об хӯрду даст кашид.
Гуфт:– «Нон он гаҳе хурам, ки нахуст
З-он чи пурсам, хабар диҳӣ ба дуруст,
К-ин саги баста мустаманд чарост,
Шери хона-ст, гургбанд чарост?»
Пир гуфт:– «Эй ҷавони зеборӯй,
Гӯямат, он чи рафт, мӯй ба мӯй.
Ин саге буд посбони гала,
Ман бад-ӯ карда кори хеш яла.
Аз вафодорию аминии ӯ
Шод будам ба ҳамнишинии ӯ,
К-аз гала дур доштӣ ҳама сол
Дуздро чангу гургро чангол.
Ман бад-ӯ дода ҳирзи хонаи хеш,
Хонда ӯро на саг, шубонаи хеш.
В-ӯ ба дандону чанги душмансӯз
Бозуи оҳанини ман шабу рӯз.
Гар ман аз дашт рафтаме суи шаҳр,
Галла аз поси ӯ гирифтӣ баҳр.
В-ар шудӣ шуғли ман ба шаҳр дароз,
Галларо ӯ ба хона бурдӣ боз.
Чанд солам ятокдорӣ кард,
Ростбозию росткорӣ кард,
То яке рӯз бар саҳифаи кор
Галларо нақш барзадам ба шумор.
Ҳафт сар гӯсфанд кам дидам,
Ғалатам, дар ҳисоб тарсидам.
Баъди як ҳафта чун шумурдам боз,
Ҳам кам омад, ба кас нагуфтам роз.
Пос медоштам  ба рою ба ҳуш,
Дар хатои касам наёмад гӯш.
Гарчи медоштам ба шабҳо пос,
Нашудам ҳеҷ шаб ҳарифшинос.
В-он саг огоҳтар ба кор аз ман,
Посбонтар ҳазор бор аз ман.
Боз чун кардам он шумор дуруст,
Ҳам кам омад чунон, ки рӯзи нахуст.
Ҳама шаб хотирам бағам мебуд,
К-аз гала гӯсфанд кам мебуд.

Даҳ-даҳу панҷ-панҷ мепардохт,
Чун яке, к-ӯ ба офтоб гудохт.
То ба ҳадде, ки омили садақот
Он чи монд аз манаш, ситад ба закот.
Уфтодам мани биёбонӣ
Аз галасоҳибӣ ба чӯпонӣ.
Нарм кард он ғами дурушт маро,
Дар ҷигар кор карду кушт маро.
Гуфтам:– «Ин рахна, гар зи чашми бад аст,
Дасткори кадом дому дад аст?
Бо саге инчунин, ки шерӣ кард,
Кист, к-ин ошно далерӣ кард?
То яке рӯз бар канораи об
Хуфта будам, даромадам аз хоб.
Ҳамчунон сар ниҳода бар сари чӯб,
Дасту пое кашида бе ошӯб.
Модагурге зи дур дидам чуст,
К-омаду шуд сагаш баробар суст.
Хонд сагро ба сагзабонии хеш,
Саг давидаш ба меҳрбонӣ пеш,
Гирди ӯ гашту гард меафшонд,
Гаҳ думу гаҳ дабус меҷунбонд.
Оқибат бар сурини гург нишаст,
Коми дил ронду рафт кор аз даст.
Омаду хуфту орамид танаш,
Муҳри ҳаққуссукут бар даҳанаш.
Гург чун ришва дода буд зи пеш,
Ҷуст ҳаққулқудуми хидмати хеш.
Гӯсфанде қавӣ, ки саргала буд,
Пояш аз бори дунба обила буд,
Бурду хӯрдаш ба камтарин нафасе
В-инчунин ришва хӯрда буд басе.
Саги малъун ба шаҳвате, ки биронд,
Галлаеро ба дасти гург бимонд.
Галлаеро, ки корсозӣ кард,
Дар сари кор ишқбозӣ кард.
Чанд навбат муоф доштамаш,
Ӯ хато карду ман гузоштамаш.
То ҳам охир гирифтамаш бо гург,
Бастамаш бар чунин хатои бузург.
Кардамаш дар шиканҷа зиндонӣ,
То кунад банда бандафармонӣ.

Саги ман гурги роҳбанди ман аст,
Балки қассоби гӯсфанди ман аст.
Бар амонат хиёнате бардӯхт,
В-он аминӣ ба хоинӣ бифрӯхт.
Рухсат он шуд, ки то нахоҳад мурд,
Аз чунин банд ҷон нахоҳад бурд.
Ҳар кӣ бо муҷримон чунин накунад,
Ҳеҷ кас бар вай офарин накунад».
Шоҳ Баҳром аз он сухандонӣ
Ибрате баргирифт пинҳонӣ.
Ин сухан рамз буд, чун дарёфт,
Хӯрд чизею сӯи шаҳр шитофт.
Гуфт бо худ, к-аз ин шубонаи пир
Шоҳӣ омӯхтам, зиҳӣ тадбир!
Дар намудори одамийяти ман
Ман шубонам, гала раийяти ман.
Ин ки дастури тезбини ман аст,
Дар ҳифози гала амини ман аст.
Чун намонад асоси кор дуруст,
Аз амин рахна боз бояд ҷуст,
То бигӯяд, ки ин харобӣ чист,
Аслу бунёди ин харобӣ кист?
Чун ба шаҳр омад, аз гумоштагон
Хост машрӯҳи боздоштагон.
Чун дар он рӯзнома кард нигоҳ,
Рӯз бар вай чу нома гашт сиёҳ.
Дид саргашта як ҷаҳон маҷрӯҳ,
Номи ҳар як набишта дар машрӯҳ.
Гуфта дар шарҳҳои мотаму сур
«Куштан аз шаҳ, шафоат аз дастур».
Номи шаҳро ба ҷавр бад карда,
Некномӣ ба номи х(в)ад карда.
Шоҳ донист, к-он чӣ шевагарист,
Дузди хона ба қасди хонабарист.
Чун саге, к-ӯ гала ба гург супурд,
Шеван ангехт бо шубонаи курд.
Худ сагон дар сагӣ чунин бошанд,
Бихурӯшанд, чунки бихрошанд.
Маслиҳат дид боздоштанаш,
Рӯзаке даҳ фурӯ гузоштанаш.
Гуфт:– «Агар монамаш ба мансаби хеш,
Кас ба рафъаш қалам наёрад пеш.

Чун зи ҳашмат кунам дарашро дур,
Дар шаби тира беҳ намояд нур».

## БОЗХОСТИ БАҲРОМ АЗ ВАЗИРИ СИТАМГАР

Бомдодон, ки рӯз равшан гашт,
Шаби торик фарши худ бинвашт.
Субҳи якзахмии душамшерӣ
Дод маҳро зи хуни худ серӣ.
Боргаҳ бар сипеҳр зад Баҳром,
Бори худ кард бар халоиқ ом.
Меҳтарон омаданд аз пасу пеш,
Саф кашиданд бар маротиби хеш.
Ростравшан даромад аз дари кох,
Рафт бар садргоҳи худ густох.
Шаҳ дар ӯ дид хашмноку дурушт,
Бонг барзад чунон, ки ӯро кушт,
К-эй ҳама мулки ман хароб аз ту,
Рафта равнақ зи мулку об аз ту.
Ганҷи худро ба гавҳар оганди,
Гавҳару ганҷи ман пароканди.
Созу барг аз сипаҳ гирифтӣ боз,
То сипаҳро на барг монду на соз.
Хонаи бандагони ман бурдӣ,
Пой дар хуни ҳар кас афшурдӣ.
Аз раият ба ҷои расму хироҷ
Гаҳ камар хостию гоҳе тоҷ.
Ҳаққи неъмат гузоштӣ аз ёд,
Нест шармат зи ман, ки шармат бод!
Ҳаст бар ҳар касе ба миллати хеш
Куфри неъмат зи куфри миллат беш.
Ҳаққи неъмат шинохтан дар кор
Неъмат афзун диҳад ба неъматхор.
Аз ту бар ман чӣ рост равшан гашт,
Ростӣ рафту равшанӣ бигзашт.
Лашкару ганҷро расондӣ ранҷ,
То на лашкар ба ҷой монду на ганҷ.
Чӣ гумон бурдаӣ, ки вақти шароб
Ғофилона маро рабояд хоб,
Рахна созӣ ту дасти мастонро,
Бишканӣ пои зердастонро.

Бахри ман бод хок, агар Баҳром
Теғ фармуш кунад, чу гирад ҷом.
Гар зи худ ғофилам ба бодаву руд,
Нестам ғофил аз сипеҳри кабуд.
З-ин сухан сад ҳазор чанбар сохт,
Ҳама дар гардани вазир андохт.
Пас бифармуд, то забонии зишт
Сӯи дӯзах давонадаш зи биҳишт.
Аз амома каманд кардандаш,
Даркашиданду банд кардандаш.
Пой дар кунда, даст дар занҷир
Инчунин кас вазир бувад, на вазир!
Чун бад-он қаҳрамон даромад қаҳр,
Шаҳ мунодӣ равона кард ба шаҳр,
То ситамдидагон дар он фарёд
Дод хоҳанду шаҳ диҳадшон дод.
Чун шуниданд ҷумла хайлу сипоҳ,
Сар ниҳоданд сӯи ҳазрати шоҳ.
Шаҳ ба зиндониён чунин фармуд,
К-аз дили дардноки хунолуд
Ҳар касе ҷурми худ падид кунад,
Банди худро бад-он калид кунад.
Бандиёни зи банд ҷаста бурун
Омаданд аз ҳазор шахс фузун.
Шоҳ аз он ҷумла ҳафт шахс гузид,
Ҳар касеро зи ҳоли худ пурсид.
Гуфт бо ҳар яке:– «Гуноҳи ту чист?
Аз  куҷоию дудмони ту кист? »

## ШИКОЯТ КАРДАНИ МАЗЛУМИ АВВАЛ

Аввалин шахс гуфт бо Баҳром,
К-эй шуда душмани ту душманком,
Ростравшан ба захмҳои дурушт
Дар шиканҷа бародарамро кушт.
В-он чи буд аз маошу маркабу чиз,
Ҳама бистад, ҳаёту ҳашмат низ.
Ҳар кас аз хубию ҷавонии ӯ
Сӯхт бар ғабни зиндагонии ӯ
Чун ман ангехтам хурӯшу нафир,
З-он ҷиноят маро гирифт вазир,

К-ӯ ҳавохоҳи душманон буда-ст,
Ту чунинию ӯ чунон буда-ст.
Ғӯрие тундро ишорат кард,
То маро низ хона ғорат кард.
Банд бар пои ман ниҳод ба зӯр,
Кард бар ман саройро чун гӯр.
Он бародар ба ҷавр ҷон бурда
В-ин бародар ба дасту по мурда.
Карда зиндониям, кунун солест,
Рӯи шоҳам хуҷастатар фолест!
Шоҳро чун зи гуфти он мазлум
Он чи дастур кард, шуд маълум.
Ҳар чӣ дастур аз ӯ ба ғорат бурд,
Ҷумла бо хунбаҳо бад-ӯ биспурд.
Кардаш озоду дилхушӣ додаш,
Бар сари шуғли худ фиристодаш.

## ШИКОЯТ КАРДАНИ МАЗЛУМИ ДУВУМ

Кард шахси дувум дуои дароз
Дар заминбӯси шоҳи банданавоз.
Гуфт:– «Боғем дар киёӣ буд,
К-ошноӣ-ш равшаноӣ буд.
Чун бисоти биҳишт сабзу фарох,
Калла бар калла меваҳо бар шох.
Дар хазон дода навбаҳор маро
В-аз падар монда ёдгор маро.
Рӯзе аз роҳи оташин доғе
Сӯи боғи ман омад он боғӣ.
Меҳмон кардамаш ба меваву май,
Меҳмонӣ сазои хидмати вай.
Ҳар чӣ дар боғ буду дар хона,
Пеши ӯ рехтам ба шукрона,
Хӯрду хандиду хуфту оромид
В-аз шароб он чи хост, ошомид.
Чун замоне ба гирди боғ бигашт,
Хост, к-аз ишқи боғ гирад дашт.
Гуфт:– «Бар ман фурӯш боғатро,
То диҳам равшанӣ чароғатро».
Гуфтам:– «Ин боғро, ки ҷони ман аст,
Чун фурӯшам, ки айшдони ман аст?

Ҳар касеро дар оташе доғест,
Мани бечорароҳамин боғест.
Боғ пиндор, к-они туст мудом,
Ман туро боғбон на, балки ғулом.
Ҳар гаҳе, к-афтадат ба боғ шитоб,
Мева хур, бода нӯш бар лаби об.
В-он чи хезад зи матбахи чу мане,
Пешат орам ба дасти симтане».
Гуфт:– «Аз ин даргузар, баҳона масоз,
Боғ бифрӯшу рахт вопардоз».
Ҷаҳди бисёр шуд ба шӯру ба шар,
Боғ нафрӯхтам ба зӯру ба зар.
Оқибат чун зи кина шуд сармаст,
Тухмате аз дурӯғ бар ман баст.
То бад-он ҷурм аз ҷинояти хеш
Боғро бистад аз мани дарвеш.
В-аз паи он, ки дар тазаллумгоҳ
Ин тазаллум наёварам бар шоҳ,
Кард зиндониям ба ранҷу вабол,
В-ин суханро камина рафт ду сол».
Шаҳ бад-ӯ боғ доду гашт обод,
Хонаву боғ дод чун Бағдод.

## ШИКОЯТ КАРДАНИ МАЗЛУМИ СЕВУМ

Гуфт зиндонии севум бо шоҳ
К-эй туро сӯи ҳар чӣ хоҳӣ, роҳ.
Банда бозоргони дарё буд,
Рӯзиям з-он сафар муҳайё буд.
Рафтаме гаҳ-гаҳе ба дарёбор,
Судҳо дидаме дар он бисёр.
Чун шиносо шудам ба доноӣ
Дар баду неки дурри дарёӣ,
Луълуе чандам уфтод ба чанг,
Шабчароғи саҳар ба равнақу ранг.
Омадам сӯи шаҳр ҳавсалапур
Чашмравшан бад-он алоқаи дур.
Хостам, к-он алоқа бифрӯшам
В-аз баҳо гаҳ хурам, гаҳе пӯшам.
Чун вазири малик хабар бишунид,
К-они ман буд иқди марворид

Хонду аз ман харид бо сад шарм,
Дар баҳо доштам басе озарм,
Чунки вақти баҳо расид фароз,
Гуна-гуна баҳона кард оғоз.
Ман баҳо хостам ба ғуссаву дард,
Ӯ наёвард ҷуз баҳонаи сард
Рӯзаке чандам аз сиёҳу сапед
Ишва бар ишва доду ман баумед.
В-охируламр хонд пинҳонам,
Кард бо хуниён ба зиндонам.
Бар гуноҳам яке баҳона шумурд,
К-он баҳоро бад-он баҳона бибурд.
Ивази иқди ман, ки бурд аз даст,
Дасту поям ба уқдаҳо дарбаст.
Ӯ зи ман гавҳар оварида ба чанг,
Ман аз ӯ дар шиканҷа монда чу санг.
Ӯ  даровардa дар шиканҷ кулоҳ,
Ман садафвор монда дар буни чоҳ.
Шуд се сол ин замон, ки дар бандам,
Рӯи шаҳ дида диду хурсандам».
Шаҳ зи ганҷи вазири бадгавҳар
Гавҳараш боздоду зар бар сар.

## ШИКОЯТ КАРДАНИ МАЗЛУМИ ЧАҲОРУМ

Чорумин шахс бо ҳазор ҳарос
Гуфт, к-эй дархури ҳазор сипос,
Мутрибе ошиқам ғарибу ҷавон,
Барбате хуш занам чу оби равон,
Меҳрбон доштам нав-ойине
Чиние, балки дардбарчине.
Меҳраш аз моҳ равшанӣ бурда,
Рӯз чун шаб баробараш мурда.
Ҳечро ном карда, к-ин даҳан аст,
Нӯш дар ханда, к-ин шакаршикан аст.
Хубияш аз баҳори зеборӯй
Хонаву боғ бурда рӯборӯй.
Гулҳи гелӣ кашон ба домонаш,
Сарвро лавҳ дар дабистонаш.
Дар вилоят дирамхаридаи ман
В-аз валинеъматони дидаи ман.

Бурда равнақ ба тезбозорӣ
Тори зулфаш зи мушки тоторӣ.
Аз ман омӯхта тараннуми соз,
Заданаш дилфиребу рӯҳнавоз.
Ҳар ду бо якдигар ба як хона
Гарми суҳбат чу шамъу парвона.
Ман бад-ӯ зиндадил чу шаб ба чароғ
Ӯ ба ман шодмон чу сабза ба боғ.
Равшану рост ҳамчу шамъ аз нур
Ростравшан зи банда кардаш дур.
Шамъро дар сарои хеш афрӯхт,
Дили парвонаро ба оташ сӯхт.
Чун барошуфтам аз ҷудоии ӯ,
Роҳ ҷустам ба рӯшноии ӯ.
Банд бар ман ниҳод хандоханд,
Яъне ошуфтаро бибояд банд.
Ӯ арӯси маро гирифта ба ноз,
Ман ба зиндон ба сад ҳазор ниёз.
Чор сол аст, к-аз ситамкорӣ
Дорадам бе гунаҳ бад-ин хорӣ.
Шоҳ ҳолӣ бад-ӯ супурд каниз,
На тиҳӣ, балки бо фаровон чиз.
Бар арӯсӣш дод ширбаҳо,
Бо арӯсаш зи банд кард раҳо.

## ШИКОЯТ КАРДАНИ МАЗЛУМИ ПАНҶУМ

Шахси панҷум ба шоҳи анҷум гуфт,
К-эй фалак бо чаҳортоқи ту ҷуфт,
Ман раиси фалон расадгоҳам,
К-аз мутеони давлати шоҳам.
Шуда шуғлам ба кишвароройӣ
Ҳалқа дар гӯши ман ба мавлоӣ.
Дода буд Эзидам ба давлати шоҳ
Неъмату ҳашмате зи молу зи ҷоҳ.
Аз паи ҷондарозии шаҳи Шарқ
Кардам офоқро ба шодӣ ғарқ.
Аз дуо зоди роҳ мекардам,
Хайре аз баҳри шоҳ мекардам.
Хурраму тоза шаҳру кӯй ба ман,
Аҳли дониш ниҳода рӯй ба ман.

Додам аз мамлакатфурӯзии хеш
Ҳар касеро бароти рӯзии хеш.
Тангдастон зи ман фароҳдирам
Бевагон серу бевазодон ҳам.
Ҳар кӣ зар хост, зарпазир шудам,
В-он ки афтод, дастгир шудам.
Ҳеҷ дармонда дар намонд ба банд,
То раҳоӣ надодамаш зи газанд.
Ҳар чӣ омад зи дахли деҳқонон,
Сарф мешуд ба харҷи меҳмонон.
Дахлу харҷе чунон ки бояд, буд,
Халқ розӣ зи ман, Худо хушнуд.
Чун вазир ин сухан ба гӯш овард,
Деги бедодро ба ҷӯш овард.
Кадхудоӣ-мро зи даст кушод,
Даст бар молу мулки банда ниҳод.
Гуфт, к-ин мол дастранҷи ту нест,
Бахшиши ту ба қадри ганҷи ту нест.
Ё ба иксир кӯра тофтаӣ,
Ё ба харвор ганҷ ёфтаӣ.
Қисмати ман чунон ки бояд дод,
Бидеҳ, арна сарат диҳам бар бод!
Ҳар маишат, ки банда дошт тамом,
Ҳама бистад бад-ин баҳонаи хом.
В-охири кор дардмандам кард,
Бандаи худ будам, ба бандам кард.
Панҷ сол аст, то дар ин зиндон
Дурам аз хонумону фарзандон».
Шоҳ фармуд, то ба неъмату ноз
Бар сари мулки хештан шуд боз.

## ШИКОЯТ КАРДАНИ МАЗЛУМИ ШАШУМ

Чун ба шахси шашум расид шумор,
Дар сари бахти худ шикаст хумор.
Кард бар шаҳ дуои пирӯзӣ,
К-эй зи хулқи ту халқро рӯзӣ.
Ман яке курдзода лашкариям,
К-аз ниёкони хеш гавҳариям.
Банда ҳаст аз сипоҳиёни сипоҳ,
Падарам буд низ бандаи шоҳ.

Хидмати шоҳ мекунам ба дуруст,
Падарам низ карда буд нухуст.
Аз паи душманони шаҳ пайваст
Медавам ҷону теғ бар кафи даст.
Шоҳ нонпорае ба миннати хеш
Бандаро дода буд зи неъмати хеш.
Банда он нон ба офият мех(в)ард,
Бар дари шоҳ бандагӣ мекард.
Хос кардаш вазири ҷофирой,
Бо ҷафо ҳеҷ кас надорад пой.
Банда, соҳиб аёлу мол надошт,
Ба ҷуз он мазраа манол надошт.
Чанд раҳ пеши ӯ шудам ба нафир,
К-аз барои Худой дастам гир!
То аёре ба адл бинмояд,
Бар аёлони ман бибахшояд.
Ё чу итлоқиёни бенонам
Рӯзие нав кунад зи девонам.
Бонг барзад ба ман, ки хомуш бош,
Ранги хеш аз ҳаданги хеш тарош!
Шоҳро нест бо кас озоре,
То кунад ваҳшатею пайкоре.
Душмане бар дараш наёмад танг,
То ба лашкар ниёз бошаду ҷанг.
Пешаи коҳилон магир ба даст,
Кори гил кун, ки тандурустӣ ҳаст.
Тӯша гар нест, бар зиёда макӯш,
Асбу зину силоҳро бифрӯш.
Гуфтам:– «Аз табъи деврой битарс!
Аҷзи ман бину аз Худой битарс.
Манамой аз камию камрахтӣ
Мани сахтирасидаро сахтӣ.
Ту ҳама шаб кашида пой ба ноз,
Ман ба шамшер карда даст дароз.
Гар ту дар мулк мезанӣ қаламе,
Ман ба шамшер мезанам қадаме.
Ту қалам мезанӣ ба хуни сипоҳ,
Ман занам теғ бо мухолифи шоҳ.
Маситон аз ман, он чи шаҳ фармуд,
Гарна фитроки шаҳ бигирам зуд».
Гарм шуд, к-аз ман ин хитоб шунид,
Бар мани беқалам давот кашид.

Гуфт, к-аз аблаҳию нодонӣ
Чун кулӯхам ба об тарсонӣ?!
Гаҳ ба зарқам ҳамекунӣ тақлид,
Гаҳ ба шоҳам ҳамедиҳӣ таҳдид.
Шоҳро ман нишондаам бар гоҳ
Нест бе хатти ман сапеду сиёҳ.
Сари шоҳон ба зери пои ман аст,
Ҳамаро зиндагӣ ба рои ман аст.
Гар тавалло ба ман накардандӣ,
Каргасон мағзашон бих(в)ардандӣ.
Ин бигуфту давот бар ман зад,
Асбу созу салеҳи ман бистад.
Пас ба дужхими хуниён додам,
Сӯи зиндони худ фиристодам.
Қурби шаш сол ҳаст, балки фузун,
То дилам пурғам асту ҷон пурхун».
Шоҳ бинвохташ ба хилъату соз,
Ҷовидон бод шоҳи банданавоз!
Чун лабашро ба лутф хандон кард,
Расми иқтоъи ӯ дучандон кард.

## ШИКОЯТ КАРДАНИ МАЗЛУМИ ҲАФТУМ

Ҳафтумин шахс чун расид фароз,
Бар лаб аз шукри шаҳ кашид тироз,
Гуфт:– «Ман, к-аз ҷаҳон кашидам даст,
Зоҳиде раҳравам, худойпараст.
Тангдасте фарохдида чу шамъ
Хештан сӯхта баробари ҷамъ.
Оқибатро ҷарида бархонда,
Даст бар шуғли гетӣ афшонда.
Аз ҳама хӯрду хоб бебаҳрам,
Қоимуллайлу соимуддаҳрам.
Рӯз нохӯрда, к-обу нонам нест,
Шаб нахуфта, ки хонумонам нест.
Дар парастиш гаҳе гирифта қарор,
Нестам ҷуз худопарастӣ кор.
Ҳар куҷо бингарам, ризо ҷӯям,
Ҳар кӣ ёд орамаш, дуо гӯям.
Кас фиристода сӯи ман дастур,
Хонду рафтам, маро нишонд аз дур».

Гуфт:– «Бар ту маро гумони бад аст,
Гар азобат кунам, ба ҷои х(в)ад аст».
Гуфтам:– «Эй саййидӣ, гумони ту чист,
То ба тартиби ту тавонам зист?!
Гуфт:– «Метарсам аз дуои бадат,
Марг мехоҳам аз Худои х(в)адат,
К-аз сари кинварию бадхӯӣ
Дар ҳақи ман дуои бад гӯӣ.
З-он дуои шабона шабгире
Тарсам, афтад бад-ин ҳадаф тире.
Пештар з-он, к-аз оташи кинат
Дар ман афтад шарори нафринат,
Дасти ту бандам аз дуо кардан,
Даст танҳо на, даст бо гардан.
Зери бандам кашиду бок надошт,
Ғами ин ҷони дарднок надошт.
Ҳафт солам дар ин ҳарос афканд,
Дар ду поям калиду дос афканд.
Банд бар дасти ман каманд зада,
Ман бар афлок дастбанд зада.
Ӯ фурӯ баста аз дуо дастам,
Ман бар ӯ дасти мамлакат бастам.
Ӯ маро дар ҳисор карда ба фан,
Ман бар айвони ӯ ҳисоршикан.
Чун Худоям ба рифқи шоҳ расонд,
Хушдилиро дигар баҳона намонд».
Шоҳ дар бар гирифт зоҳидро,
Шери кофиркуши муҷоҳидро.
Гуфт:– «Ҷуз нуктае, ки тарси Худост,
Ростравшан нагуфт чизе рост.
Лек дафъи дуо чунон накунанд,
Ҳукми зоҳид чу раҳзанон накунанд.
Он ки он бад ба ҷои х(в)ад мекард,
Хештанро дуои бад мекард.
То дуои бадаш ба охири кор
Ҳам сар аз тан рабуду ҳам дастор».
Аз тару хушк ҳар чӣ дошт вазир,
Гуфт бо зоҳид:– «Они туст, бигир!»
Зоҳид он фарши додаро бинвашт,
Зад яке чарху чархвор бигашт.
Гуфт:– «Аз ин нақдҳо, ки озодам,
Беҳтарам деҳ, ки беҳтарат додам.

Рақс бардошт бе муқаттиъи соз,
Ончунон шуд, ки кас надидаш боз.
Раҳравон он гаҳ ончунон буданд,
К-аз замин сар бар осмон суданд.
Ин гурӯҳ арчи одаминасабанд,
Ҳама девони одамилақабанд.
То маи пухта ёфтан дар ҷом
Дид бояд ҳазор ғӯраи хом.
Пухта он аст, к-аз чунин хомон
Баркашад ҷайбу даркашад домон.

## КУШТАНИ БАҲРОМ ВАЗИРИ ЗОЛИМРО

Чун замин аз гилеми гардолуд
Сояи гил бар офтоб андуд,
Шаҳ дар ин хиштхонаи хокӣ
Хишти намнок шуд зи ғамнокӣ.
Роҳ меҷуст бар масолиҳи кор,
То зи гул чун барад дуруштии хор.
Дар ҷафои ҷаҳон назоракунон,
Маслиҳатро ба адл чоракунон,
Чун зи кори вазираш омад ёд,
Даст аз андеша бар шақиқа ниҳод.
То саҳаргаҳ нахуфт аз он хиҷилӣ,
Дида бар ҳам назад зи тангдилӣ.
Чун дар ин кӯзаи сафолсиришт
Чашмаи офтоби райҳон кишт,
Шаҳ чу боронрасида райҳоне
Кард бар ташнагон гулафшонӣ.
Дод фармон, ки тахти бор зананд,
Бар дари боргоҳ дор зананд.
Омро бор доду худ биншаст,
Хосагон истода теғ ба даст.
Сарбаландони мулкро биншонд,
Адлро ноқа бар баландӣ ронд.
Ҷамъ кард аз халоиқ анбӯҳе,
Баркашид аз назорагон кӯҳе.
Он ҷафопешаро, ки буд вазир,
Пой то сар кашида дар занҷир,
Зинда бар дор карду бок набурд,
То чу duздон ба шармсорӣ мурд.

Гуфт:– «Ҳар-к ончунон сар афрозад,
Рӯзгораш чунин сар андозад.
Аз хиёнатгарист бадномӣ
В-аз бадӣ ҳаст бадсаранҷомӣ.
Золиме, к-ончунон намояд шӯр,
Одилонаш чунин кунанд ба гӯр.
То нагӯӣ, ки адл беёр аст,
Осмону замин бад-ин кор аст.
Ҳар кӣ меху кудина пеш ниҳод,
Кунда бар дасту пои хеш ниҳод.
Пас аз ин доваринамои бузург
Ёд кард аз сагу шубонаву гург.
В-он шубонро бихонду шоҳӣ дод,
Некбахтию некхоҳӣ дод,
Сахтӣ аз кори мамлакат бардошт,
Бар касе зӯрдаст кас нагузошт,
То на бас дер аз чунон тадбир
Оҳанаш зар шуду палос ҳарир.
Лашкару ганҷ шуд бар ӯ анбӯҳ,
Ин зи дарё гузашту он аз кӯҳ.

## ПӮЗИШ ХОСТАНИ ХОҚОНИ ЧИН АЗ БАҲРОМ

Чун ба хоқон расида шуд хабараш,
Бозпас шуд, надод дарди сараш.
Кас фиристоду узр хост басе,
Барназад бе ризои ӯ нафасе.
Гуфт, к-он куштанӣ, ки шоҳаш кушт,
Офате буд, фитнаро ҳам пушт.
Сӯи мо нома карду моро хонд,
Фаслҳое ба дилфиребӣ ронд,
То бад-он ишваҳои табъфиреб
Аз мани содатабъ бурд шикеб,
Гуфт:– «Кон пурзар асту раҳ холӣ,
К-ин бихонӣ, шитоб кун ҳолӣ!
Шаҳ зи мастӣ бад-он напардозад,
К-обе аз даст бар рух андозад.
Ман камар бастаам ба дамсозӣ,
Аз ту теғу зи ман сарандозӣ.
Чун хабарҳои шоҳ бишнидам,
Корҳо бар хилофи он дидам.

Шаҳ ба ҳангоми оштию набард
Корҳое кунад, ки шояд кард.
Ман ҳамон суфтагӯши ҳалқакашам,
Бо худ аз Чину бо ту аз Ҳабашам.
Духтарам худ канизи хонаи туст,
Тоҷи ман хоки остонаи туст».
В-он чи он хоини харобиҳоҳ
Ба шикоят набишта буд зи шоҳ,
Ҳама тӯморҳо ба ҳам дарпехт,
Дод, то пайк пеши хусрав рехт.
Шаҳ чу бархонд номаҳои вазир,
Тез шуд чун қалам ба дасти дабир.
Бар ҳалокаш сипосдорӣ кард,
Кор аз он пас ба устуворӣ кард.
Пайкари адл чун ба дидаи шоҳ
Ибрат ангехт  аз сапеду сиёҳ,
Шоҳ кард аз ҷамоли манзари ӯ
Ҳафт пайкар фидои пайкари ӯ.
Бехи дигар хаёлҳо барканд,
Дил дар ӯ басту шуд бад-ӯ хурсанд.

## ФАРҶОМИ КОРИ БАҲРОМ ВА НОПАДИД ШУДАНИ Ӯ ДАР ҒОР

Лаълпайванди ин алоқаи дур,
К-аз гуҳар кард гӯши  гетӣ пур,
Гуфт:– «Чун ҳафт гунбад аз маю ҷом
Он садо боздод бо Баҳром,
Ақл дар гунбади димоғи сараш
Дод аз ин гунбади равон хабараш,
К-аз санамхонаҳои гунбади хок
Дур шав, к-аз ту дур бод ҳалок!
Гунбади мағзи шоҳ ҷӯш гирифт,
К-аз фусуну фасона гӯш гирифт.
Дид, к-ин гунбади бисотнаворд
Аз ҳама гунбаде барорад гард.
Ҳафт гунбад бар осмон бигзошт,
Ӯ раҳи гунбади дигар бардошт.
Гунбаде, к-аз фано нагардад паст,
То қиёмат бар ӯ бихуфтад маст.
Ҳафт мӯбад бихонд мӯбадзод,
Ҳафт гунбад ба ҳафт мӯбад дод.

Дарзад оташ ба ҳар яке ногоҳ,
Яъне он шуд, ки кардаш оташгоҳ.
Сарвбун чун ба шаст сол расид,
Ёсуман бар сари бунафша дамид.
Аз сари сидқ шуд худойпараст,
Дошт аз хештанпарастӣ даст.
Рӯзе аз тахту тоҷ кард канор,
Рафт бо вижагони худ ба шикор.
Дар чунон сайду сайд сохтанаш
Буд бар сайди хеш тохтанаш.
Лашкар аз ҳар суе парокананд,
Ҳар яке гӯру оҳу афкананд.
Майли ҳар як ба гӯри саҳрой,
Ӯ  талабгори гӯри танҳое.
Гӯр ҷуст аз барои маскани хеш,
Оҳу афканд, лек аз тани хеш.
Гӯру оҳу маҷӯй аз ин гили шӯр,
К-оҳуяш оҳу асту гӯраш гӯр.
Оқибат гӯре аз канораи дашт
Омаду сӯи Гӯрхон бигзашт.
Шоҳ донист, к-он фариштапаноҳ
Сӯи минуш менамояд роҳ.
Кард бар гӯр маркабангезӣ,
Дод якрони тундро тезӣ.
Аз паи сайд менамуд шитоб
Дар биёбону ҷойҳои хароб.
Пар гирифта наванди чорпараш
В-аз вушоқон яке-ду бар асараш.
Буд ғоре дар он харобистон,
Хуштар аз чоҳи ях ба тобистон.
Рахнае жарф дошт чун чоҳе,
Ҳеҷ касро на  бар дараш роҳе.
Гӯр дар ғор шуд равону далер,
Шоҳ дунболи ӯ гирифта чу шер.
Асб дар ғори жарф ронд савор,
Ганҷи кайхусравӣ расонд ба ғор.
Шоҳро ғор пардадор шуда
В-ӯ ҳамоғӯши ёри ғор шуда.
В-он вушоқон ба посдории шоҳ
Бар дари ғор карда манзилгоҳ.
На раҳи он ки дархазанд ба ғор,
На сари бозпас шудан ба шикор.

Дида бар роҳ монда бо дами сард,
То зи лашкар куҷо бароял гард.
Чун замоне бар он кашид дароз,
Лашкар аз ҳар суе расид фароз.
Шоҳ ҷустанду ғор медиданд,
Муҳра дар мағзи мор медиданд.
Он вушоқон зи ҳоли шоҳи ҷаҳон
Бозгуфтанд, он чи буд ниҳон,
Ки чу шаҳ бар шикор кард оҳанг,
Ронд маркаб бад-ин каричаи танг,
Кас бад-ин доварӣ нашуд ёвар
В-ин суханро надошт кас бовар,
Ҳама гуфтанд; к-ин хаёли бад аст,
Қавли ноболиғони бехирад аст.
Хусрави пилтан ба номи Худой
Кай дар ин тангной гирад ҷой?!
В-огаҳӣ на, ки пили он бустон
Дид хобеую шуд ба Ҳиндустон.
Банд бар пилтан замона ниҳод,
Пилбанди замонаро кӣ кушод?!
Бар нишон додани халифаи тахт
Мезаданд он вушоқаконро сахт.
З-оҳи он тифлакони дардолуд
Гарде аз ғор бардамид чу дуд.
Бонге омад, ки шоҳ дар ғор аст,
Бозгардед, шоҳро кор аст!
Хосагоне, ки аҳли кор буданд,
Шоҳҷӯён даруни ғор шуданд.
Ғорбун баста буду кас на падид,
Анкабутон басе, магас на падид.
Сад раҳ аз оби дида шустандаш,
Балки садбора бозҷустандаш.
Чун надиданд шоҳро дар ғор,
Бар дари ғор саф заданд чу мор.
Дидаҳоро ба об тар карданд,
Модари шоҳро хабар карданд.
Модар омад чу сӯхтаҷигаре,
В-аз миён гум шуда чунон писаре.
Ҷуст шаҳро на чун касони дигар,
К-ӯ ба ҷон ҷусту дигарон ба назар.
Гул талаб карду хор дар бар ёфт,
То писар беш ҷуст, камтар ёфт.

Зар фурӯ рехт пушта-пушта чу кӯҳ,
То ананд он замин гурӯҳ-гурӯҳ.
Чоҳ канду ба ганҷ роҳ наёфт,
Юсуфи хешро ба чоҳ наёфт.
З-он заминҳо, ки рахна кард аҷуз,
Монда он хок рахна-рахна ҳанӯз.
Он шиносандагон, ки донандаш,
«Ғори Баҳроми Гӯр» хонандаш.
То чиҳил рӯз хок меканданд,
Дар ҷаҳон гӯркан чунин чанданд.
Шуд замин канда то даҳонаи об,
Касе он ганҷро надид ба хоб.
Он ки ӯро бар осмон рахт аст,
Дар замин бозҷустанаш сахт аст.
Дар замин ҷирму устухон бошад
В-осмоне бар осмон бошад.
Ҳар ҷасадро, ки зери гардун аст,
Модаре хоку модаре хун аст.
Модари хун бипарварад дар ноз,
Модари хок аз ӯ ситонад боз.
Гарчи Баҳромро ду модар буд,
Модари хок меҳрбонтар буд,
К-ончунонаш ситад, ки бознадод,
Сози чора ба чорасоз надод.
Модари хун зи ҷаври модари хок
Кард худро ба дарду ранҷ ҳалок.
Чун табиш барзад аз димоғаш ҷӯш,
Омад овози ҳотифеш ба гӯш,
К-эй ба ғафлат чу дому дад пӯён,
Шири мурғони ғайбро ҷӯён,
Бар ту Яздон вадиате биспурд,
Чунки вақт омад, он вадиат бурд.
Бар видои вадиати дигарон
Хештанро макуш чу бехаборон.
Бозпас гарду кори хеш бисоз,
Даст кӯтоҳ кун зи ранҷи дароз!
Чун зи ҳотиф чунин шунид паём,
Меҳр бардошт модар аз Баҳром.
Рафту он дил, ки дошт дар бандаш,
Кард машғули кори фарзандаш.
Тоҷу тахташ ба ворисон биспурд,
Ҳар кӣ з-ӯ ворисе бимонд, намурд.

Эй зи Баҳроми Гӯр дода хабар,
Гӯри Баҳром ҷӯй, аз ин бигзар.
На ки Баҳроми Гӯр бо мо нест,
Гӯри Баҳром низ пайдо нест.
Он чи бинӣ, ки вақте аз сари зӯр
Ном доғе ниҳод бар тани гӯр,
Доғи гӯраш мабин ба аввалбор,
Гӯри доғаш нигар ба охири кор.
Гарчи пои ҳазор гӯр шикаст,
Охир аз поймоли гӯр нараст.
Хонаи хок, дон, ду дар дорад,
То якеро барад, яке орад.
Эй се газ хоку паҳнии ту газе,
Чор хум дар дукони рангразе.
Ҳар навола, ки меъдаи ту пазад,
Хилте онро ба ранги худ биразад.
Аз сару пой то ба гардану гӯш
Ҳаст аз ин чор хилт орияпӯш.
Бар чунин рангҳои ориясоз
Чӣ ниҳӣ дил, ки дод бояд боз?!
Ғоибоне ки рӯйбаста шуданд,
Аз чунин рангу бӯй раста шуданд.
То қиёмат қиём нанмояд,
Кас рухи баста бознакшояд.
Раҳ раҳи хавфу шаб шаби хатар аст,
Шаҳна хуфтасту дузд бар гузар аст.
Хоксорон ба хок сер шаванд,
Зердастон ба дасти зер шаванд.
Чун ту боре зи дасти болоӣ,
Зери ҳар даст хун чӣ полоӣ?!
Осмон зери даст хоҳӣ, хез,
Пой боло неҳ, аз замин бигрез.
Мераву ҳеҷ гуна бозмабин,
То наяфтӣ аз осмон ба замин.
Анҷуми осмон ҳамоили туст,
Чистанд он ҳама, васоили туст.
Тангии ҷумларо маҷол туӣ,
Танглушои ин хаёл туӣ.
Ҳар як аз ту гирифта тимсоле,
Ту чӣ гирӣ зи ҳар яке фоле.
Он чи онҳо кунад, туӣ он нур,
В-он чи инҳо харад, туӣ з-он дур.

Ҷуз яке хат, ки нуқтапарвари туст,
Он дигар ҳарфҳо зи дафтари туст.
Офаринро туӣ фариштаи пос,
В-офаринандаро далел шинос.
Некмардӣ, бибин, ки бад нашавӣ,
Бо дадонӣ, нигар, ки дад нашавӣ!
Он чи донӣ, ҳисоби неку бад аст,
Он чи хоҳӣ, вилояти хирад аст.
Ё даре зан, ки қаҳти нон набувад,
Ё чунон шав, ки кас чунон нашавад.
Дида, к-ӯ дар ҳиҷоби нур афтад,
З-осмону фаришта дур афтад.
Чошнигири осмон замияст,
Мизбони фаришта одамияст.
Рӯй аз ин чор сӯи ғам бартоб,
Чанд аз ин хоку боду оташу об?
Ҳуҷрае бо чаҳор дудоҳанг
Бар дилу дида чун набошад танг?
Дударӣ шуд чу кӯи тарророн,
Чорбандӣ чу банди айёрон.
Пеш аз он, к-ат бурун кунанд зи деҳ,
Рахт бар гову бор бар хар неҳ.
Раҳ ба ҷон рав, ки колбад кунд аст,
Бор кам кун, ки борагӣ тунд аст.
Мурдаеро, ки ҳол бад бошад,
Майли ҷон сӯи колбад бошад.
В-он ки донад, ки асли ҷонаш чист,
Ҷони ӯ бе ҷасад тавонад зист,
То напиндорӣ, эй баҳонабасеч,
К-ин ҷаҳон в-он ҷаҳону дигар ҳеч.
Тӯлу арзи вуҷуд бисёр аст
В-он чи дар ғаври мост, ин ғор аст.
Ҳаст чанд офарида з-инҳо дур,
К-огаҳӣ нестшон зи зулмату нур.
Офариниш басест, нест шаке
В-офаринанда ҳаст лек яке.
Нақши ин ҳафт лавҳи чорсиришт
З-ибтидо ҷуз яке қалам нанабишт.
Гар на ҳафт, ар чаҳорсад бошад,
Зери як доду як ситад бошад.
Аввалин нуқта в-охирин паргор
Аз якию якӣ нагардад кор.

Дар дуиҳо мабину дар васлаш,
Дар якӣ бину дар якӣ аслаш.
Ҳар дуӣ аввал аз якӣ шуд рост,
Ҳам якӣ монд, чун дуӣ бархост.
Ҳар кӣ ояд дар ин сипанҷсарой,
Боядаш бозрафтан аз сари пой.
Дар вай оҳиста рав, ки тезҳуш аст,
Дергир аст, лек зудкуш аст.
Гарчи дар доварӣ забункуш нест,
Аз ҳисобаш касе фаромуш нест.
Гар кунӣ сад ҳазор бозии чуст,
Нахурӣ беш аз он, ки рӯзии туст.
Ҳавзае дорад, осмон яхбанд,
Чанд аз ин ях фуқаъ кушоӣ, чанд?
Дар ҳавое, к-аз он фусурда шавӣ,
Пеш аз он зинда шав, ки мурда шавӣ.
Он ки чун чарх гирди олам гашт,
Оқибат ҷумларо гузошту гузашт.
Олами  ҳеҷ кас ба ҳечаш кушт,
Чархи печон ба чархпечаш кушт.
Аз ғаразҳои инҷаҳонии хеш
Боз бар хур ба зиндагонии хеш,
То чу шамшеру тири ҷоноҳанҷ
Ҳар-ч аз онат барад, надорӣ ранҷ.
Аз ҷаҳон пеш аз он ки даргузарӣ,
Ҷон бибар, то зи марг ҷон бибарӣ.
Хонаро хор кун, хуришро хурд,
Аз ҷаҳон ҷон чунин  тавонӣ бурд.
Дар ду чиз аст растгории  мард–
Он ки бисёр доду андак х(в)ард.
Ҳар кӣ  дар меҳтарӣ гузорад гом,
З-ин ду номоварӣ барорад ном.
Ҳеҷ бисёрхора поя надид,
Ҳеҷ камдеҳ ба пойгаҳ нарасид.
Дирраи муҳтасиб, ки доғнеҳ аст,
Аз паи доғи камдеҳонидеҳ аст.
Дар чунин деҳ касе даҳо дорад,
Ки беҳиро беҳ аз баҳо дорад.
Дар ҷаҳон хосу ом ҳар ду басест,
На ки хос ин ҷаҳон зи баҳри касест.
Чӣ тавон дил дар он амал бастан,
К-ӯ ба азли ту бошад обистан?!

Ҳар иморат, ки зери афлок аст,
Хок бар сар кунаш, ки худ хок аст.
Бигзар аз доми ӯю дер мабош,
Минбарат дор шуд, далер мебош.
Зинда рафтан ба дор-бар ҳавас аст,
Зинда бар дор як Масеҳ бас аст.
Гар замине расад ба чархи барин,
Ҳам заминаш фурӯ кашад ба замин.
Гар касе бар фалак расонад тоҷ,
Ҳафт кишвар кашад ба зери хироҷ.
Бинияш ногаҳон шабе мурда,
Сар фурӯ бурда, дарди сар бурда.
Хок бе хасфи луоболӣ нест,
Ганҷдонаш зи мор холӣ нест.
Рутабе ку, ки несташ хоре?
Ё куҷо нӯши муҳра бе море?
Ҳукми ҳар неку бад, ки дар даҳр аст,
Заҳр дар нӯшу нӯш дар заҳр аст,
Кӣ хурад нӯшпорае дар пеш,
К-аз паи он нахӯрд бояд неш?!
Нешу нӯши ҷаҳон, ки пешу пас аст,
Дар даму дар думи яке магас аст.
Набувад дар ҳиҷоби зулмату нур
Муҳраи хар зи муҳри Исо дур.
Кист, к-ӯ бар замин фарозад тахт,
К-охираш ҳам замин нагирад сахт.
Ё раб, он деҳ, ки орад осонӣ,
Н-оварад оқибат пушаймонӣ.
Бар Низомӣ дари карам бикшой,
Дар паноҳи дари ту созаш ҷой.
Аввалаш додай накӯномӣ,
Охираш деҳ накӯсаранҷомӣ.

## ДАР ХАТМИ КИТОБ ВА ДУОИ АЛОУДДИН КАРПАРСЛОН

Чун фурӯзанда шуд ба аксу иёр
Нақди ин ганҷахези румикор,
Номи шоҳаншаҳӣ бар ӯ бастам,
К-об гирад зи нақши ӯ дастам.
Шоҳи чиниқабои румитоҷ
Ҷизяташ дода Чину Рум хироҷ.

Ёфта аз раҳи усулу фурӯъ
Бахти Ишӯъу ройи Бахтишӯъ.
Бар заминбӯсаш осмон бар пой,
В-офариниш зи ҷоҳи ӯ бар ҷой.
Дар низоме, ки осмон дорад,
Учрии мамлакат ду нон дорад.
З-он мурувват, ки бӯи мушк диҳад,
Лӯлӯи тар чу хоки хушк диҳад.
Аз замин то асири дурду каф аст,
Софӣ ӯ шуд, ки мояи шараф аст.
Дар заҳаб доданаш  ба соили хеш
Зари мисрӣ зи реги маккӣ беш.
Теғаш он карда дар салобати санг,
К-оташи тез бо тароши ҳаданг.
Бедбаргаш ба нӯки мӯйшикоф
Нофаи кӯҳро фиганда зи ноф.
Диръаш аз дасти субҳ найзакушой,
Найза-ш аз диръи моҳ ҳалқарубой.
Шаш ҷиҳат бар қабои ӯ зираҳе,
Ҳафт чарх аз каманди ӯ гираҳе.
Эй Низомӣ умедвор ба ту,
Назми даврони рӯзгор ба ту.
Замӣ аз қадрат осмон донад
В-осмонат ҳам осмон хонад.
Дуру наздик чун дар оби сипеҳр
Тезу оҳиста чун дар ойина меҳр.
Қоими аҳди оламӣ  ба дуруст,
Қоими н-омада фикандаи туст.
Бо ҳама чун малак баромадаӣ
В-аз ҳама чун фалак сар омадаӣ.
Инчунин нома бар ту шояд баст,
К-аз ту ҷои  баландномӣ ҳаст.
Чунки шуд лаъл баста бар тоҷаш,
Бар ту бастам зи бими тороҷаш.
Гар ба самъи ту дилписанд шавад,
Чун сарири ту сар баланд шавад.
Хоракон ангубин бар ӯ ронанд,
Зираконаш  тарангубин хонанд.
Мевае додамат зи боғи замир,
Чарбу ширин чу ангубин дар шир.
Завқи анҷир дода донаи ӯ,
Мағзи бодом дар миёнаи ӯ.

Пеши беруниён бурунаш нағз
В-аз дарунаш даруниёнро мағз.
Ҳуққае баста пур зи дур дорад
В-аз иборат калид пур дорад.
Дур дар он ришта саргирой бувад,
Ки калидаш гиреҳкушой бувад.
Ҳар чӣ дар назми ӯ зи неку бад аст,
Ҳама рамзу ишорати хирад аст.
Ҳар як афсонае ҷудогона,
Хонаи ганҷ шуд, на афсона.
Он чи кӯтоҳҷома шуд ҷасадаш,
Кардам аз назми худ дароз қадаш.
В-он чи будаш дарозӣ аз ҳад беш,
Кӯтаҳӣ додамаш ба санъати хеш.
Кардам ин туҳфаро гузориши нағз,
Ин-т чарбустухону ширинмағз.
То дарорӣ ба ҳусни ӯ назаре,
Ҷилвае додамаш ба ҳар ҳунаре.
Лутфи бисёрдахли андакхарҷ
Карда дар ҳар дақиқа дурҷе дарҷ.
Дастнокарда дилситоне чанд,
Бикр чун рӯи ғунча зери паранд.
Мисраъе зарру мисраъе аз дур,
Тиҳӣ аз даъвию зи маънӣ пур.
То бидонанд, к-аз замири шигарф
Ҳар чӣ хоҳам, дароварам ба ду ҳарф.
В-он чи бар ҳафт ганҷхонаи роз
Бастам ороише фароху дароз,
Ғараз он шуд, ки чашм аз ороиш
Дар фарохӣ пазирад осоиш.
Он чи бинӣ, ки бар бисоти фарох
Кардаам чашму гӯшро густох,
Тангчашмони маъниям ҳастанд,
Ки рух аз чашми танг барбастанд.
Ҳар арӯсе чу ганҷи сарбаста,
Зери зулфаш калиди зар баста.
Ҳар кӣ ин кон кушод, зар ёбад,
Балки дур ёбад, он ки дарёбад.
Ман, ки наққоши найшакарқаламам,
Рутабафшони нахли ин ҳарамам.
Наи килкам зи киштзори ҳунар
Аз Уторид расонд сунбули  тар.

Сунбула карда сунбуламро хос,
Гарчи «ал-қос ло юҳиббулқос».
Чун ман аз қалъаи қаноати хеш
Шоҳро ганҷи дур кашидам пеш,
Дар адо кардани зари ҷоиз
Вомдори ман аст Рӯйиндиз.
Вомдорӣ на, к-аз тиҳишикамӣ
Дизи рӯйин бувад зи бедирамӣ,
К-оҳани тези он гареваи санг
Лаълу алмос рехт сад фарсанг.
Лаъл бар дасти дӯстон ба қиёс
В-аз паи пои душманон алмос.
Он на диз, Каъбаи мусулмонист,
Мақсади раҳравони рӯҳонист.
Мехи заррину маркази замияст,
Ном Рӯйиндизаш зи муҳкамияст.
Ёфт дарёфти норасидаи ӯ,
Зуҳраро ҳам зиреҳ даридаи ӯ.
Ҷабалуррахма з-он ҳарим дарест,
Бӯқубайс аз кулоҳи ӯ камарест.
Абадӣ бод хатти ин паргор,
З-он баландофтоби нуқтақарор.
Дар дизе чун ҳисор пайванданд,
Номае бар кабӯтаре банданд.
То барад номаро кабӯтар шод
Бари он кас, ки ӯ расад фарёд.
Ман, ки дар шаҳрбанди кишвари хеш
Баста дорам гурезгаҳ пасу пеш,
Нома дар мурғи номабар бастам,
К-ӯ расонад ба шоҳ, ман растам.
Эй фалак бар дари ту ҳалқабагӯш,
Ҳам хатопӯшу ҳам хатоипӯш!
Чун маро давлати ту ёрӣ кард,
Табъ, бин, то чӣ сеҳркорӣ кард!
Аз паси понсаду навад се бар он
Гуфтам ин номаро чу номварон.
Рӯз бар чордаҳ зи моҳи сиём
Чор соат зи рӯз рафта тамом.
Бод бар ту муборак ин пайванд,
То нишинӣ бар ин сарири баланд.
Нӯшӣ Оби Ҳаёт аз ин абёт,
Зинда монӣ чу Хизр аз Оби Ҳаёт.

Эй ки дар мулк, ҷовидон бодӣ
Мулк бо умру умр бо шодӣ!
Гар наранҷӣ, зи роҳи маъзурӣ
Гӯямат нуктае ба дастурӣ:
Базмҳои ту гарчи рангин аст,
Он чи базми мухаллад аст, ин аст.
Ҳар чӣ ҳаст аз ҳисоби гавҳару ганҷ,
Роҳат ин аст в-он дигар ҳама ранҷ.
Он агар сад кашад ба понсад сол,
Дер зӣ ту, ки ҳам расад ба завол.
В-ин хазина, ки хоси даргоҳ аст,
Абадуддаҳр бо ту ҳамроҳ аст.
Ин суханро, ки шуд хирадпарвард,
Бар дуои ту хатм хоҳам кард.
Давлатӣ бош, ҳар куҷо бошӣ,
Дар рикобат фалак ба фаррошӣ.
Давлататро, ки бар зиёдат бод,
Ҳотами кор бар саодат бод!

## ЛУҒОТ ВА ТАВЗЕҲОТ

### А

**Аббосӣ** – маҷозан ба маънии сиёҳ. Аз он гирифта шудааст, ки байраҷи аббосиён сиёҳ будааст.

**Абдон** – ҷамъи бадан – баданҳо.

**Абдуҳу** – бандаи ӯ, ғуломи ӯ.

**Аблақ** – аспи алои сурху сафед.

**Або** – нон, нонхӯриш, ош, таом.

**Абраш** – аспи ало, аспи сиёҳе, ки холҳои сафед дорад ё аспи сафеде, ки холҳои сиёҳ дорад ва амсоли ин.

**Авзаҳуддалоил** – далели равшантарин. Маҷозан ба маънои Қуръон низ меояд.

**Авво** – манзили сездаҳуми моҳ аст.

**Авво зи Симоки Ҳеҷшамшер. Тозӣ саги хеш ронда бо шер** – мувофиқи эътиқоди арабҳо Авво аз тарафи Симок бе шамшеру аслиҳаи дигар сагҳои худро ба тарафи шер мерондааст.

**Авлиё** – ҷамъи валӣ-сардорони давлат, вазирон ва кормандони давлатӣ.

**Авн** – ёрӣ, мадад.

**Авон** – зани ҷавон; сипоҳипеша.

**Авранг** – тахт.

**Адабсаро** – мактаб.

**Адам** – нестӣ.

**Адим** – чарми сурхи маҳин, киноя аз сурхии рӯй низ ҳаст.

**Адён** – ҷамъи дин – динҳо.

**Адӯ** – душман.

**Адҳам** – аспи сиёҳ.

**Азрақ**– сабз.

**Азро** – ошкоро.

**Айба** – ҷомадони чармин.

**Айёр** – чолок; даврагард.

**Айюқ** – номи ситораи хурду равшан, ки дар тарафи рости Каҳкашон воқеъ аст ва аз ақиби Парвин (Сурайё) ҷойгир аст.

**Акзаби ӯст аҳсани ӯ** – дурӯғтарини он беҳтарини он аст. Ин ибора мазмуни ҳадисест, ки ба Муҳаммад-пайғамбар нисбат медиҳанд, ки гӯё дар бораи шеър гуфта будааст, ки «акзабуҳо афсаҳуҳо», яъне дурӯғтарин шеър беҳтарин шеър аст. Дар ин ҷо «дурӯғтарин» шоирона буданро ифода мекунад.

**Алам** – парчам, байрақ.

**Албурз** – номи кӯҳе дар Кавказ.

**Ал-илму илмон, илм-ул-абдон вал-илмул-адён** – асли илм дуто мебошад, илми баданшиносӣ ва илми дин.

**Алминнату лиллоҳ** – миннат Худойро.

**Аморӣ (аморӣ)** – каҷоваи одамкашонӣ дар болои шутур.

**Амри маъруф** – корҳое, ки иҷрои онҳоро дини ислом ҳатмӣ ва маҷбурӣ медонад.

**Андудан** – андовидан, молидан.

**Амм** – амак, аму.

**Амома (аммома)** – салла.

**Амру Зайд** – номҳои ашхоси машҳури араб ва номҳои машҳури арабӣ.

**Анбарина** – гарданбанди занон, ки аз сангҳои қиматбаҳои анбарогину сиёҳранг иборат будааст.

**Ангубин** – асал.
**Ангушткаш** – ангуштнамо, чизе ё касе ки ҳама онробо ангушт барои хубӣ ё бадияш нишон медиҳанд.
**Анҷум** – ҷамъи наҷм – ситорагон.
**Араб** – Арабистон.
**Араз** – беморӣ.
**Арз** – замин.
**Арз** – паҳно.
**Арзоқ** – ҷамъи ризқ – ризқҳо, рӯзиҳо.
**Арризқа алаллоҳ** – ризқ аз Худост.
**Аррода** – як асбоби ҷангии қадим, ки ба манҷаниқ монанд буда, барои сангпаронӣ истифода мешудааст.
**Арғанун** – навъе аз асбоби мусиқӣ, ки гӯё ихтироъкори он Афлотун будааст.
**Арӯсак** – (арӯсакандоз) манҷаниқи хурд.
**Асад** – (Шер) – номи яке аз дувоздаҳ бурҷи фалакӣ.
**Асам** – кар, ношунаво.
**Асида** – навъе аз ҳалво.
**Асли уммаҳот** – чаҳор унсур (обу оташу хоку бод)-и маълум.
**Асоба** – пешонибанд.
**Атф** – баргардонидан.
**Афсар** – тоҷ.
**Афсаҳулқабоил** – беҳтарини қабилаҳо. Арабҳои истилогар дар байни мусулмонҳо қабилаи худро беҳтарин ҳисоб мекарданд ва ба ин лақаб мехонданд.
**Ахбия** – манзили биступанҷум аз манзилҳои моҳ.
**Ахзар** – кабуд.
**Ахтар гузаштан** – сайри мувофиқ.
**Аъдо** – ҷамъи адӯ – душманон.
**Ақлбурда** – девона.
**Ақраб (Каждум)** – яке аз бурҷҳои фалакӣ.
**Ақтоъ** – ҷамъи қатеъ – каллаҳои гӯсфандон ва чорпоёни дигар.
**Аҳвал** – олус.
**Аҳмад** – лақаби Муҳаммад пайғамбар.
**Аҳсан** – хубтарин
**Аҳсант** – офарин.
**Аҷам** – Эрону Афғонистон ва Мовароуннаҳру Хуросон, кишварҳои форсизабон.
**Аҷром** – ҷамъи ҷирм – ситорагон.
**Аҷроми буруҷ** – ситорагони дувоздаҳ бурҷи фалакӣ..

## Б

**Баддил** – тарсу.
**Бадра** – ҳамён, ҳамёни пури пул.
**Базл** – бахшиш, инъом.
**Байёъ** – даллол, фурӯшанда.
**Байт** – хона.
**Балбала** – ғаму андӯҳи шадид.
**Балда** – манзили бисту якуми моҳ аст.
**Балорак** – шамшери ҷавҳардор, ҷавҳари шамшер, заҳри шамшер.
**Балъ** – манзили бистусеюми моҳ.

**Балъам** – марди пурзӯр ва томеъ.

**Баноти Наъш (Банотуннаъш ва Наъш)** – Ҳафтдодарон – номи ҳафт ситора дар буни Қутби Шимолӣ.

**Барг** – асбобу анҷом, дороӣ.

**Баргрезон** – тирамоҳ.

**Барда** – номи пойтахти қадимии Аррон, ки дар Озарбойҷони имрӯза, дар резишгоҳи дарёи Гартар ба Кура воқеъ гардида, хеле обод будааст.

**Барзгар** – деҳқон.

**Бар лафзи чу обаш об мехуфт** – яъне об барои шунидани лафзи чу об софу гуворои ӯ аз рафтан бозмеистод.

**Барот** – фармони хаттӣ.

**Басар** – чашм.

**Басит** – ҷои фарох ва густарда.

**Бас қоим, к-афтад аз саворе** – гоҳе мешавад, ки шоҳи шатранҷ (қоим) аз пеш рондани саворае мот мегардад.

**Бат** – мурғобӣ.

**Батнулҳут** – номи галаситора.

**Батнулҳамал** – номи галаситорае.

**Бақоим рехтан** – киноя аз аҷзу забунӣ.

**Баҳор** – гул; гули норинҷ.

**Бенамак** – бевафо.

**Бенақл** – доимӣ, ҳамешагӣ.

**Бидоят** – оғоз, ибтидо.

**Бидром** – (пидром) – ороста, зебо.

**Бинвишта ду байт зераш аз зар, - К-ин ҳаст муқаддам, он муаххар** – ҳамон чаҳор ситораи Далвро дар назар дорад, ки дутои он, ки Мункибулфарас ном дорад, манзили бистушашуми моҳ (яъне муқаддам) ва дутои дигараш, ки Ҷаноҳулфарас ном дорад, манзили бистуҳафтумини моҳ (яъне муаххар) аст.

**Барҷис** – ситораи бахтовар.

**Бисечидан** – ихтиёр кардан, ирода кардан.

**Бихрад** – хирадманд, доно.

**Боб** – дар.

**Бод** – сури афсонавии Исрофил дар назар дошта шудааст, ки гӯё бо дамидани он ҳамаи мурдаҳо дар қиёмат зинда мешудаанд.

**Бод дар даст будан** – дастхолӣ будан, бебаҳра будан.

**Бодӣ**– бодо.

**Бокӯра** – навбова, меваи аввалин; намакчашак.

**Бонги дузд** – бонге, ки дузд барои гум кардани пай мебардорад.

**Бону** – соҳиба.

**Борагӣ** – асп.

**Борбад** – номи сарояндаи машҳур дар замони Хусрави Парвези Сосонӣ.

**Бошад** – шояд.

**Боғи Ирам** – боғи афсонавие, ки гӯё Шаддод ном подшоҳи афсонавии мисрӣ сохта будааст, аммо дар рӯзе, ки боғро ба итмом расонидаанд, Шаддод ҳангоми ба он ворид гардидан аз асп афтода мурдааст.Боғи Ирам чун рамзи ободӣ ва хуррамӣ истифода мешавад.

**Буд** – вуҷуд, ҳастӣ.

**Булбула (булбулак)** – сурохӣ, шишаи шароб: навъе аз чароғи пилтасӯз.

**Булқосим (Абулқосим)** – лақаби Муҳаммад-пайғамбар.

**Бум** – сарзамин.

**Бурок**– мавчуди афсонавие, ки Муҳаммад-пайғамбар дар шаби меърочи худ ба он савор шуда, ба осмонҳо барои бо Худо мулоқот кардан сайр карда будааст. Сурати он ҳамчун асп тасаввур карда мешавад, вале бо сари одамӣ.

**Буркаъ** – парда, ниқоб.

**Бухтӣ** – шутур.

**Букъа** – порчаи замин, замини махсус, ҷой.

**Бӯлаҳаб (Абӯлаҳаб)** – аз хешовандони Муҳаммад-пайғамбар, ки душмани қаттоли ӯ будааст ва ҳамчун рамзи душмани дини ислом машҳур аст.

**Бӯқубайс** – номи кӯҳе дар Арабистон. Аксар чун тазоди санги сиёҳи Каъба истифода мешавад.

## В

**Вало** – вилоят, кишвар, мулк.

**Варо** – берун аз…он сӯй аз…

**Ваҳш** – ҳайвоноти ваҳшӣ.

**Вуқос** – хона, хайма.

**Вом** – қарз.

**Вомиқ** – қаҳрамони афсонавӣ, ки ошиқи Азро буд ва дар хусуси ишқи онҳо достонҳои зиёде навишта шудааст. Афсонаи Вомиқу Узро, ки аслан юнонӣ мебошад, мисли Афсонаҳои Маҷнуну Лайлӣ аз ишқи дилбохтагони номурод ҳикоят мекнад ва ҳамчун саргузашти ошиқу маъшуқаи Бадбахту ноком дар адабиёт шухрат дорад. Аввалин бор дар ин мавзӯъ шоири асри XI Унсурӣ достон навиштааст.

**Воҳиб** – бахшанда.

**Вуслат** – хешӣ.

**Вушоқ** – ғулом.

**Вуҳуш** – ҷамъи ваҳш-ҷонварони биёбонӣ.

## Г

**Гадя** – гадоӣ.

**Газанд** – зиён, офат.

**Газоф** – бехуда.

**Гарева** – кӯҳи паст ва пуштаи баланд; пуштаи хокӣ, ки борон онро рахна карда бошад.

**Гарза** – навъе аз мори заҳрнок.

**Гизоидан** – лоиқ шудан, сазовор шудан.

**Говарс** – курмак.

**Гови фалак** – бурҷи Савр (барзгов), ки яке аз дувоздаҳ буруҷ аст.

**Гови фалакӣ** – бурҷи Бақарро дар назар дорад. «Гови фалакӣ чу гови дарё – Гавҳар ба гулӯ-дар аз Сурайё» - дар афсонаҳо гуфта мешавад, ки гови афсонавии зери баҳрҳо дар гардан гавҳари шабчароғ доштааст. Ин ҷо ба бурҷи Бақар (гов) наздик шудани Сурайё (Парвин) ишора шудааст.

**Гоз** – хоиш.

**Гом** – қадам.

**Гоҳ** – мақом.

**Гула** – зулф.

**Гулнор** – гули анор.

**Гулола** – гесӯи мусалсал, гесӯи гиреҳ бар гиреҳ.

**Гулолаи хок** – киноя аз гирдбод ва боди хазонрез.

**Гурд** – паҳлавон.

**Гурича** – навъе аз ҳалво.

**Гуроз** – хуки ваҳшӣ.

**Гурчии туррабаркашида** – маҷозан шаб.

**Гуфтӣ зи камонгурӯҳаи шоҳ**– Як муҳра фитод бар сари моҳ – ин ҷо «шоҳ» мамдӯҳи шоир Шервоншоҳро фаҳмонда, мӯҳра доғи моҳтобро мефаҳмонад, ки бо муболиға шоир онро аз тири гилини камонгурӯҳаи Шарвоншоҳ ба вуҷуд омадааст мегӯяд.

**Гӯшсуфта** – гӯшшикоф, шикоф кардани гӯш барои ҳалқа; маҷозан мутеъ буданро ифода мекунад.

## Ғ

**Ғавр** – умқ, чуқурӣ, қаър.

**Ғазбон** – манҷаниқ ё асбоби дигари ҷангие, ки мисли манҷаниқ барои сангпаронӣ ба кор мерафтааст.

**Ғайри мағзуб** – сазовори ғазаб нест.

**Ғаммоз** – фитнагар, хабаркаш.

**Ғаня** – молу сарват, доройӣ.

**Ғанҷ** – аҷиб, аҷоиб.

**Ғафр** – яке аз манзилҳои Моҳ, ки аз се ситора иборат буда, дар доманаи Азро ҷой доштааст.

**Ғизол** – оҳубарра; хуршед, офтоб.

**Ғирев** – бонгу фарёд ва хурӯш ҳангоми ғазабу қаҳр.

**Ғошия** – пӯшиш; зинпӯш; дарду беморӣ.

**Ғул** – дев.

**Ғӯладон** – кӯзаи даҳантанг, кӯзае, ки даҳонашро бо чарм баста, чармро ба андозаи танга сӯрох мекардаанд ва тангаҳоро ба он меандохтаанд.

**Ғунна** – савти димоғ, нағмае, ки ҳангоми суруд бо димоғ мебароранд.

**Ғунудан** – пинак рафтан.

**Ғурбат** – ғарибӣ, ҷудоӣ.

**Ғуроб** – зоғ.

## Д

**Дабир** – муаллим, омӯзгор, мактабдор.

**Дабирӣ** – котибӣ, мирзоӣ.

**Даврони дуаспа** – киноя аз шабу рӯз.

**Дад** – ҳайвони даранда.

**Дайлам** – номи вилоят.

**Дайр** – ибодатхонаи насрониён.

**Далв** – номи чаҳор ситора, ки дутои онро Мункибулфарас ва дутои онро Ҷаноҳулфарас мегуфтаанд. Инчунин номи бурҷи ёздаҳумини дувоздаҳ бурҷи фалакӣ.

**Дама** – бӯрон, тӯфони барфолуд.

**Дами гург** – киноя аз субҳи козиб.

**Дарамна** – навъе аз гиёҳест, ки барои даво истифода мекардаанд.

**Даранг** – таъхир.

**Дарё** – баҳр.

**Даст** – маснад, дастгоҳ, боргоҳ.

**Даст бар ҳарф ниҳодан** – киноя аз хурдагирӣ кардан аст.

**Дастурӣ** – рухсат.

**Дастихуш (дастхуш)** – ғанимат, зорича.
**Дастос** – осиёи хурди дастӣ.
**Дастхуш** – дастнигар, зердаст.
**Дахма** – гӯрхона.
**Даҳдаҳӣ** – тилои холис.
**Даҳпанҷӣ**– тилое, ки нисфаш филиззи дигар аст, зари қалб.
**Девбод** – гирдбод.
**Девони сапед** – аспҳои сипоҳи Навфалро дар назар дорад.
**Девчаҳ** – зулук, шулук.
**Деҳхудо** – соҳиби деҳа.
**Диз (диж)** – қалъа.
**Диман** – ҷамъи димна – харобаҳои ҷои хонаҳо.
**Дирамхарида** – ғуломи зархарид.
**Диръ** – зиреҳ, зиреҳи ҷангӣ.
**Дирҳам** – пули нуқра.
**Дият** – хунбаҳо.
**Довар** – додрас; ҳокими одил, подшоҳи додгустар.
**Доварӣ** – муҳокима.
**Доду ситад** – доду гирифт.
**Дом** – ҳайвони ваҳшии ғайридаранда.
**Домёбӣ** – ҳиссаест, ки сайёд аз сайди ба дом афтондааш ба касоне медиҳад, ки ба сари сайд расида оянд.
**Дуаспа** – шитобанда.
**Дувол** – тасма ва чарм.
**Duздафшор** – шарики дузд, ёри дузд.
**Ду маҳд** – мурод аз он ду ҷаҳон, ҷаҳони ҳастӣ ва ҷаҳони нестист, ин дунё ва он дунё.
**Дурбош** – найзаи душох, ки пешравони подшоҳ бо он халкро бо нидои «дур бош!» аз роҳ дур карда, роҳро барои подшоҳ холӣ мекардаанд.
**Дурри макнун** – гавҳари хуноб.
**Дурроъа** – яктаҳ.
**Дурроча** – бурҷҳое, ки бар ду тарафи қалъаҳо ва истеҳкомҳо месохтаанд.
**Дуррочаи Муштарӣ** – бурҷи Муштарӣ, яке аз дувоздаҳ бурҷи осмонӣ.
**Дурудан (дуруда)** – даравидан (даравида).
**Дурҷ** – сандукча.
**Духт** – духтар.

## Ё

**Ёвагиён** – киноя аз чаҳорпоён ва дарандагон.
**Ёвар** – мададгор.
**Ёри ғор** – дӯсти содиқ, дӯсти ҷоннисор.
**Ё шакли Уторид аз камонаш** – Тирест, ки зад бар осмонаш – маънии Уторид дар забони тоҷикӣ тир аст. Бинобар ин Уторидро дар тоҷикӣ Тир низ мегӯянд. Низомӣ бо муболиға Тирро тир аз камони Шарвоншоҳ барҷаста мегӯяд.

## З

**Забон додан** – қавл додан.
**Забони мурғ кушодан** – суханони бемаънӣ гуфтан.
**Забоно** – яке аз манозили моҳ, ки аз ду ситора иборат буда бар ду паҳлуи барҷи Мизон (Тарозу) воқеъ гардидааст.

**Зайн** – зинат.

**Залил** – хору беқарор.

**Залозил** – ҷамъи зилзила.

**Замзам** – чоҳест дар наздикии Каъба ва Макка.

**Замим** – дамидагии пӯст аз гармо.

**Замӣ** – мухаффафи замин.

**Занах** – манаҳ.Занах задан – киноя аз таъна задан.

**Занд** – тафсири «Авесто» китоби динии зардуштиён аст.

**Занҷир буридан** – девонагии бисёр кардан.

**Зардгӯш** – одами дурӯя ва мунофиқ.

**Зардушт** – асосгузори дини зардуштӣ, ки ойини асосии он ба парастиши оташ қарор гирифта буд.

**Зарних** – моддаи гӯгирд.

**Зарқ** – дурӯягӣ, макр, фиреб.

**Зеру бам** – садоҳои пасту баланди мусиқӣ.

**Зилл** – хорӣ.

**Зимом** – инони ихтиёр.

**Зинҳорӣ** – касе, ки шарту аҳд мекунад; шахсе, ки дар паноҳ ва ҳимояти касе амон мебарад; мутеъ.

**Зироъ** – ситорае, ки дар яке аз манзилҳои моҳ ҷойгир шудааст.

**Зобеҳ**– яке аз манзилҳои моҳ.

**Золик (золика)** – ин.

**Зуҳра** – сайёраи маъруф, ки мувофиқи ақидаи пешиниён олиҳаи шодию сурур, ишқу зебоӣ мебошад. Мувофиқи афсона вай аслан зани муғанния буда, бо ҷоду ба фалак баромадааст.

**Зӯбин** – (жӯпин) – найзаи хурд.

## И

**Иёр** – санҷидани чизе бо чизи дигар барои муайян кардани дурустӣ ва қалбакӣ будани он.

**Иксир** – кимиё.

**Иқтоъ** – ҷамъи қитъа – қитъаҳои замин, ки подшоҳон ба шахсони алоҳида мебахшидаанд.

**Илми қол** – илмҳое, ки расман онҳоро дар мадрасаҳои мусулмонӣ меомӯхтаанд.

**Иноят** – ёрӣ, ёрмандӣ.

**Иншоаллоҳ**– Худо кушоиш диҳад, Худо хоҳад.

**Ин ҳафт қавораи шаш ангушт, Як дида, чаҳор дасту нӯҳ пушт** – ҳафт осмону ҷиҳат (тагу боло ва чаҳор атроф) хуршед, ки чашми ягонаи олам дониста мешавад ва чаҳор унсуру нӯҳ фалак дар назар дошта шудааст, ки дар якҷоягӣ олами ҳастиро ифода мекунанд.

**«Ирҳам – турҳам»** – раҳм кунӣ, раҳм бинӣ.

**Искандар** – лашкаркаши бузурги ҷаҳонӣ Искандари Мақдунӣ писари Филқус (Филиппи II), ки дар солҳои 356 – 323 пеш аз мелод ҳукмронӣ кардааст. Дар Шарқ ӯ чун рамзи подшоҳи одил шинохта шуда, дар ҳаққи ӯ достонҳои зиёде навишта шудааст, ки Искандар дар он достонҳо ба Искандари таърихӣ монандие надорад.

**Исмат** – покӣ, беолоишӣ.

**Исмоиле зи худ бисанҷам** – монанди Исмоил, ки яке аз пайғамбарон буда, барои хоҳиши падарашонро рад накардан барои қурбонӣ шудан дар зери теғ меистод, собирӣ ва пуртоқат будани худро санҷиданӣ ҳастам.

**Ифлос** – бечизӣ, нодорӣ.
**Ифлосхар** – касе, ки мехоҳад бе пул чизеро ба даст орад.
**Икди занах** – занахбанд, манаҳбанд, зиннати занон.

## К

**Кавкаба** – ситораи калон.

**Кавкаби** дегпоякирдор – ситораеро, ки дар илми ситорашиносии асри миёна Насри Воқеъ меномидаанд, авом онро Дегпоя мегуфтаанд.

**Кавн** – ҷаҳон.

**Кавнайн** – ду ҷаҳон.

**Кавоъиб** – занони норпистон, дӯшизагон.

**Кадевар** – боғбон.

**Кадхудо** – соҳибхона.

**Каён** – бузургон.

**Кайл** – паймона, паймудан.

**Кайқубод** – мувофиқи ривоятҳои халқӣ яке аз аввалин подшоҳони муқтадири силсилаи Каёниён будааст, ки боргоҳи ӯ бо шукӯҳи худ машҳур аст.

**Камзада** – касе, ки дар қимор бохтааст.

**Камина** – камтарин.

**Камон** – яке аз бурҷҳои фалакӣ.

**Камонгурӯҳа** – камоне, к ибо он гулӯлаҳои сангӣ мепарондаанд.

**Канаф** – тараф, ҷониб, канор.

**Каппӣ** – маймун, бӯзина.

**Карамул китобу хатмуху** – бузургии китоб (навиштаҷот) дар он аст, ки поён пазирад.

**Карафс додан ба каждумгазида** – киноя аз чораҷӯии ғалат аст.

**Карича** – хонаи камарӣ, ғор.

**Карӣ** – куравӣ, гирд.

**Катора** – олати ҷангии ба шамшер монанд.

**Каторахӯрда** – захмин.

**Кашхиром** – хушхиром.

**Каҳтоб** – давое, ки аз чандин гиёҳ ҷӯшонда, барои сиҳҳат кардани варами аъзои бадани ҳайвонот истифода мебурданд ва онро гармогарм ба рӯи варам мегузоштанд.

**Кемухт** – чарми сиёҳи дурушт.

**Киё** – чаҳор унсур (обу оташу хоку бод), ки мавҷудоти олам аз онҳо донистa мешаванд; Худованд.

**Кисват** – либос.

**Кифоят** – суд, нафъ.

**Киштӣ ба Ҷиноҳи Шат расонда** – дар ин ҷо «Киштӣ» номи яке аз ҷисмҳои осмонӣ буда, «Ҷиноҳ» мухаффафи Ҷиноҳ-ул-Фарас аст, ки низ номи ситораест ва «Шат» Каҳкашонро мефаҳмонад.

**Кос** – коса.

**Косаи ятимон** – номи галаситорае.

**«Коф» - у «нун»** – ишораест ба ақидаи динии мусулмонҳо, ки Худованд тамоми оламҳоро бо як фармони «кун», ки маънои тоҷикиаш «бош» ё «ҳаст шав» аст, аз ҳеҷ сохтааст.

**Кудина** – ҷӯбе,ки гозурон (ҷомашӯйҳо) бо он либосро кӯфта мешустаанд.

**Кулича (Кулич)** – кулча.

**Кулола** – мӯи печида, муҷаъад.

**Кумайт** – аспи тӯруқ; маҷозан шаробе, ки рангаш байни сиёҳиву сурхист.
**Кунфаякун** – киноя аз олами мавҷудот аст.
**Кунят** – лақабе, к ибо он шахсро хонанд.
**Кӯҳа** – барҷастагӣ ва баландии кӯҳ.
**Кӯҳагирифта** – ҷинзада, девона.

## Қ

**Қавора** – шакл, таркиб.
**Қазиб** – шохи дарахт.
**Қайд** – фиреб; дом.
**Қалабуаласад** – ситорае, ки дар муқобили бурҷи Асад ҷойгир аст.
**Қалоид** – ҷамъи қилода – гарданбандҳо, ҳамелҳо.
**Қамар** – моҳ.
**Қарроба** – шишаи маю шароб.
**Қасаб** – ҷомаи катони нозук.
**Қассом** – тақсимкунанда.
**Қаттол** – кушанда.
**Қибал** – ҷониб, тараф, ҷиҳат.
**Қиём** – рост шудан.
**Қилода** – гарданбанди ҳайвонот.
**Қонуни муғанниёни Бағдод** – киноя аз шахси бисёр нолакунанда. Бағдодиён дар қонуннавозӣ машҳур будаанд.
**Қорун** – аз молдорони хасиси афсонавӣ, ки дар замони Мӯсо-пайғамбар мезистааст ва бо дуои Мӯсо-пайғамбар бо тамоми дороияш ба зери замин фурӯ рафтааст.
**Қорура** – пешоб.
**Қорурашинос** – табиб.
**Қорӣ** – номи ситорае, ки дар паҳлуи Банотуннаъш воқеъ гардидааст.
**Қофия** – аз қафораванда.
**Қоҳир** – бадқаҳр.
**Қулзум** – баҳр.
**Қумайт** – асп.
**Қурратулайн** – нури дида.
**Қурбат** – наздикӣ.
**Қурроба** – қулқула, шишаи маю шароб.

## Л

**Лаббайк** – лафзест, ки доимо ба хидмат тайёр буданро ифода мекунад.
**Лавн** – ранг.
**Лагом** – лаҷом.
**Лайл** – шаб.
**Лангар** – хонақоҳ, ҷои ист, истгоҳ.
**Латаф** – ҳадя, эҳсон, некӣ.
**Латафрасон** – некӯкор.
**Латма** – зарба.
**Лахт** – гурз.
**Лаҳн** – овоз.
**Лоайба лаҳу** – айбе надорад он.

**Ло, валлоҳ** – не, ба Худо.

**Лоязолӣ** – доимӣ, абадӣ.

**Лоҳавл** – аввали дуоест, ки шакли комили он чунин аст: «Лоҳавла ва лоқувватта илло биллоҳи алиюлазим» - «Нест касеро қувват ва тавоноӣ, магар Худованди бузург ва азим»-ро ва ҳангоми тарсу бим ва ифодаи он хонда мешавад.

**Луч** – каҷ, олус, аҳвал, дубин; чашми луч – чашми аҳвал, он, ки якро ду ва дуро чаҳор мебинад.

## М

**Мабсута ба як чароғ зинда** – Мақбуза ду чашми зоғ канда – ин ҷо ҳамон ду ситораи Шиъро дар назар дошта шудааст, ки мувофиқи афсонаҳои арабӣ гӯё замоне дар байни Суҳайл ва Ҷавзо ҷанг шудааст ва дар он ҷанг Суҳайл пушти Ҷавзоро шикаста ба тарафи ҷануб мегурезад. Шиърои Ямонӣ аз оқиби ӯ аз Каҳкашон мегурезад ва Шиърои Шомӣ дар фироқи он чунон мегиряд, ки кӯр мешавад. Бинобар ин Низомӣ Шиърои Ямониро, ки равшан аст, мабсута (яъне фаршгустарда) ва Шаърои Шомиро, ки хира аст, мақбуза (яъне дарбандафтода ва мисли кӯр) меномад.

**Мавкиб** – гурӯҳ.

**Мавло** – фармонбардор.

**Мавсуф** – ба сифате хос.

**Мазраъ** – киштгоҳ.

**Мамзуҷ** – шароби омехта.

**Манзилат** – қадр, поя, эътибор.

**Маниш** – хӯ, сиришт, табиат, хулқ.

**Мансуба** – бозӣ ва дови ҳафтуми нард.

**Мансубасаро** – воқеасаро.

**Мансур** – зафарёб, ёригирифта.

**Мансух шудан** – бекор шудан, аз эътибор мондан.

**Манҷаниқ** – фалахмон; асбоби ҷангие, ки дар қадим барои парондани санг ва тирҳои оташбор ба кор мерафтааст.

**Марв** – яке аз қадимтарин ва маъмуртарин шаҳрҳои гузаштагони халқи тоҷик, ки дар асри XIII онро муғулон хароб кардаанд ва харобаҳои он имрӯз ҳам дуртар аз шаҳри Марии Ҷумҳурии Туркманистон боқист.

**Маркаб** – ҳайвони саворӣ.

**Марсила** – гарданбанди гаронбаҳои занон.

**Манас** – олати пӯлодине будааст, ки бо ҳалқа ба миён овехта, бо он шамшер ва кордро тез мекардаанд.

**Масеҳ (Масеҳо)** – наҷотбахш. Лақаби пайғамбар Исо, ки мурдаро зинда мекардааст. Чун рамзи ҷонбахшӣ ва гуворо истифода мешавад.

**Масобат** – гирдогирди чоҳ, сангҳои атрофи чоҳ; маҷозан тарҳ, нақша.

**Масом** – сӯроххои ба назар ноаёни пӯсти одамӣ ва наботот.

**Масоф** – ҷанг, корзор.

**Масъад** – бар ҷои боло ва баланд баромадан.

**Масъуд** – нек, некбахт.

**Матраҳ** – ҷои партофтан, ҷои афгандан.

**Мафраш** – фарш, палос.

**Мафхар** – ифтихор, боиси ифтихор.

**Машшота** – зане, ки арӯсонро оро медиҳад.

**Машғула** – ғавғо.

**Машҳад** – гӯристони шаҳидон; гӯр, қабр.
**Маъзул** – бекоршуда.
**Маъраз** – арзгоҳ.
**Маъҷун** – даво, дору.
**Маъхуз** – гирифташуда.
**Мағзуб** – ба ғазаб гирифторшуда.
**Мақлуб** – баръакс, вожгуна.
**Маҳзар бастан** – қасд кардан.
**Маҳмуд** – ситоишкардашуда, ситуда.
**Маҳҷуба** – дурафтода, ҳиҷронзада.
**Маҷлис** – ба маънои ҷашну базм низ меояд.
**Маҷнун** – девона.
**Маҷусӣ** – муғ, оташпараст, офтобпараст; пайравони дини зардуштӣ.
**Меъодгоҳ** – ваъдагоҳ.
**Меъроҷ** – ба боло баромадан; мувофиқи суф таъризи ислом Муҳаммад барои мулоқот бо Худованд ба осмон баромада будааст ва ин сафари осмонии ӯ меъроҷ номида мешавад.
**Мեғ** – абр.
**Меҳнат** – азобу ранҷ.
**Меҳр** – офтоб.
**Мизон (Тарозу)** – номи яке аз дувоздаҳ бурҷи фалакӣ.
**Милҳ** – намак.
**Мино** – шиша ва ё чизи дигаре, ки онро бо лоҷварду нуқра ва ҷавоҳир наққошӣ карда бошанд.
**Минукада** – биҳишт.
**Миррих** – номи сайёрае, ки дар тоҷикии қадим Баҳром низ мегуфтаанд ва мувофиқи афсонаҳо ӯ Худованди ҷанг ва зӯроварӣ дониста мешавад. Миррих – дар наҳсӣ (бадиоварӣ) маъруф аст.
**Мисмор** – мех, мехи оҳанин.
**Мисол** – фармони подшоҳ.
**Мисоқ** – аҳду паймон.
**Микоил** – номи фариштаи хос.
**Миҷарра** – Каҳкашон.
**Миъҷар** – сарандоз, саргирак.
**Мо аъзама шаънук** – бигузор, шукӯҳи ӯ дар афзудан бошад.
**Мозоғ** – ишорат ба ояте, ки аз шаби меъроҷи пайғамбар Муҳаммад (с) нақл мекунад ва маънояш он аст, ки Муҳаммад (с) чашми худро ба тарафи дигаре нагардонд.
**Мошоаллоҳу кона** – он чи Худо хоста буд (барои изҳори тааҷҷуб ва офарин гуфта мешавад).
**Муайяд** – қувватдиҳанда; неруманд; номи бобои Низомӣ.
**Муаттал** – бемор, хору зор.
**Мубассир** – биноидиҳанда, равшанкунанда.
**Мубдиъ** – аз худ чизе пайдокунанда.
**Мубғам** – идғомшуда, ҳарфе, ки бо ҳарфи дигар як шуда, талаффуз намешавад, маҷози сарфиназаршуда.
**Муздат бошад** – дуоест, ки маънояш ҷазои хайр бинӣ ва мукофоти хуб ёбӣ гуфтан аст.
**Мул** – шароб.
**Мунир** – равшан, нурпош.
**Мунъим** – неъматдиҳанда.

**Мунқод** – фармонбардор.
**Муомил** – харидор.
**Мурдарег** – мерос.
**Мурсал** – пайғомфиристодашуда; сифати пайғамбарони китобдор.
**Мурсала** – гулӯбанд, гарданбанди занон.
**Мусаббиб** – сабабгор, офаридагор.
**Мусаҷҷал** – муҳруимзокардашуда, тасдиқшуда.
**Муставфӣ** – саромади дафтардорони молияи як мамлакат.
**Мустаманд** – бечора, бенаво, андӯҳгин.
**Мустағнӣ** – беэҳтиёҷ.
**Мутаарриф** – пурсуҷӯгар.
**Мутарро** – тоза, тару тоза, босафо.
**Мутворӣ** – пинҳоншуда, камингиранда.
**Муфарриҳ** – доруе, ки табибон ва пизишкони қадим аз лӯълӯ ва ёқути суда тайёр мекарданд ва онро барои дафъи ҷунун ва девонагӣ ба кор мебурданд. фараҳбахш.
**Муфаттеҳ** – кушоянда, фатҳкунанда.
**Муфод** – маънӣ, мазмун.
**Мушриф** – назораткунандаи корҳои дафтардорон.
**Муштақ** – бавуҷудомада аз чизе.
**Муфхир** – ифтихорманд, фахркунанда.
**Муъаввал** – такягоҳ.
**Муғаммиз** – ходими ҳаммом, ки дигаронро шустушӯ мекардааст.
**Муғаммиз** – ғаммоз, ғамзагар.
**Муқаввас** – қавсмонанд, хамида.
**Муқбил** – хушбахт, соҳибиқбол.
**Муқомир** – қиморбоз.
**Муҳаввас** – девона.
**Муҳит** – укёнус; уқёнуси олам; баҳри амиқ; умуман қисми тарии кураи замин.
**Муҷрим** – гунаҳкор.
**Мӯён** – гирён.
**Мӯя** – гиря.

## Н

**Набард** – муҳориба.
**Набиз** – шароби хурмоӣ.
**Навард** – як асбоби бофандаҳо.
**Наваштан** – тай кардан.
**Навбатзан** – дуҳулзан, дуҳулнавоз.
**Навбатӣ** – хиргоҳи подшоҳӣ.
**Навбова** – меваи аввалини дарахтони ҷавон.
**Наво** – дороӣ, сарват.
**Навола** – луқма.
**Наволапеч** – баҳравар.
**Навон** – ҳаракатҳои берабт, ҳаракат бо оҳу нола, калавида-калавида ва ғурунг-ғурунг карда роҳ рафтан.
**Навоҳӣ** – ҷамъи ноҳия – гӯшаву канорҳои мамлакат.
**Надаб** – дови нард, ки ба ҷиҳати он гаравро мебаранд.
**Наззора** – интизорӣ.

**Наззоратурунҷ каф бурида** – ишора ба лаҳзае аз қиссаи Юсуфу Зулайхост, ки дар бораи Зулайхоро ба ишқи ғулом гирифтор шудан сарзаниш кардани занони Миср ва ҷамоли Юсуфро дида, маҳви ҷамоли ӯ шудан ва аз беҳушӣ дастҳои худро ҳангоми турунҷрезакунӣ буридани онҳо нақл мекунад.

**Намат** – фарш аз «намад»-и тоҷикӣ арабӣ шудааст. Маҷозан ба маънои сатҳ меояд; расму одат.

**Насиб** – суруди ошиқона, суруди шодиовар.

**Насрайн** – ду ситораи Наср, ки яке Насри Воқеъ ва дигаре Насри Тоир ном дорад.

**Нассоба** – насабшинос, пушт ба пушт доно.

**Насф** – навъе аз соғару ҷоми шароб ва қадаҳи шароб.

**Натъ** – фарш, бисот.

**Нафир** – фарёд.

**Нафоз** – иҷро шудани фармон.

**Нахват** – бузургӣ; калонгирӣ, кибр.

**Нахл бастан** – пайванд кардани дарахтон ва рустаниҳо.

**Нахҷир** – шикор.

**Нашид** – суруди ошиқона.

**Наъл дар оташ будан (афгандан)** – киноя аз кашиш ва ҷалби ошиқон аст аз тарафи маъшуқагон.

**Наъоим** – манзили бистуми қамар, ки ҳашт ситора дорад. «Бо содиру вориди Наъоим» - арабҳо Каҳкашонро ба наҳр ташбеҳ карда, ин ҳашт ситораи Наъоимро ба ҳашт мурғ монанд кардаанд ва чаҳортои онро, ки дохили Каҳкашонанд, вориди он ва чаҳор ситораеро, ки беруни онанд, содири он номидаанд. «Балда ду-се даст карда қоим» - яъне Балда барои рабудани Наъоим ду-се даст шатранҷбозӣ кард.

**Нақиза** – зидди ҳам, муқобили ҳам, мутазод.

**Нақиса** – айбҷӯй, зиштхӯй, бухтон.

**Нақли ҷой** – ҷойдигаркунӣ.

**Наққоб** – баҳскунанда доир ба ахбори гузашта; сӯрохкунанда.

**Наҳйи мункар** – корҳои баде, ки дини ислом иҷрои онҳоро аз номи шариат манъ кардааст.

**Наҳл** – занбӯри асал.

**Наҷд** – номи кӯҳе дар Арабистон.

**Наҷиб** – шутури баргузида.

**Наҷми Ямонӣ** – Суҳайл.

**Ниёз** – эҳтиёҷ.

**Ниём (наём)** – ғилофи шамшер.

**Ниёиш кардан** – зорӣ кардан, муноҷот кардан.

**Низор** – лоғар, заиф.

**Нил бар рух кашидан** – дар гузашта барои чашми бад нарасидан ба рӯи кӯдакон аз нил (ранги кабуд) хате мекашидаанд.

**Нийюшидан** – шунидан, гӯш кардан.

**Ниҳеб** – тарсу бим, ваҳм.

**Новард** – ҷангу ҷидол; рафтор.

**Нозбартоб** – нозбардор.

**Нозир** – назораткунанда.

**Нол** – най.

**Нонхӯрда** – нонхуриш.

**Нор** – анор.

**Нор** – оташ.

**Носия** – пешонӣ, мӯи пешонӣ.
**Нудамо** – ҷамъи надим – хидматгорон ва одамони наздики подшоҳ.
**Нузл** – нозу неъмат.
**Нузҳатгоҳ** – истироҳатгоҳ.
**Нусра** – номи ситорае, ки дар яке аз манзилҳои моҳ ҷойгир аст.
**Нӯш** – асал;  занбӯри асал.
**Нуҳ аморӣ** – киноя аз нуҳ фалаки даврзанандаест, ки дар тасаввури пешиниён мавҷуд буд.

## О

**Об** – обрӯ.
**Обгина** – шиша.
**Об дар даҳон овардан** – об дар даҳон гирифтан, яъне аз шиддати шавқ дам фурӯ бастан, гӯё ки дар даҳон об гирифта бошанд.
**Оби рӯйшуста** – киноя аз оби пок, оби соф.
**Обхӯрда (обхӯр)** – сарманзил, ҷойгоҳи иқомат.
**Одиён** – авлоди Од, ки гӯё яке аз гузаштагони арабҳо будааст. Ба маънои қадимӣ низ меояд.
**Озар** – оташ.
**Озарм** – иззат; тобу тавон; шарму ҳаё, оштӣ, сулҳ.
**Ойинаи дард** – ойинае, ки барои охирин нафаси бемори сари сакаротро фаҳмидан ба кор мебурдаанд.
**Олоиш** – гуноҳ.
**Омоҷгаҳ (омоҷгоҳ ва омоҷ)** – ҳадаф, нишонагоҳ, дидгоҳ, ҷое, ки барои тирандозӣ нишона мекунанд.
**Омудан** – гуҳар ё муҳраву шаба ба ришта кашидан. Ба маънои ороста шудан, омода шудан низ меояд.
**Он бод** – дуоест, ки барои рост баромадани хабаре ё барои анҷоми нек ёфтани коре ё нияте гуфта мешавад.
**Ораш** – номи паҳлавони халқӣ, ки ба тирандозӣ ва нишонгирӣ машҳур аст. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва «Хамса»-и Низомӣ ҳамчун тирандози бемисл тасвир гардидааст. Лафзи «ораш» калимаи паҳлавӣ буда, маънои он «маънӣ, зот, ҳақиқату сиришт» аст.
**Остинфишонӣ** – раққосӣ.
**Офтоби зард** – киноя аз марг.
**Оҳехтан (бароҳехтан)** – кашидан, баркашидан.
**Оҳу** – гуноҳ; алам.

## П

**Пайғамбари мурсал** – пайғамбари хос, пайғамбароне, ки ойини худро дар китоби махсус аз номи Худованд навиштаанд ё нависондаанд.
**Парвез** – Хусрави дуввум Парвез , ки аз шоҳони сосонӣ буда, солҳои 590 – 628 милодӣ ҳукмронӣ кардааст.
**Паризада** – девона.
**Парниён** – ҳарир, матои абрешимини нафис.
**Парраи дашт** – доманаи дашт.
**Пашиз** – пули сиёҳ, тангаи мисин.
**Пидром (бидром)** – ороста, зебо.

**Пилпо** – навъе аз соғар ва ҷом.
**Поинталаби хасон** – яъне фурӯтан ва зердаст.
**Полудаи ровиқи рабеъ** – киноя аз гулу шукуфаҳои баҳорӣ.
**Пора** – парвоз.
**Поргин** – пасоби ҳаммом, оби гандида.
**Пуда** – пӯсида, кухна, рехта.
**Пунба (панба)** – пахта.
**Пӯзиш** – узрхоҳӣ.

## Р

**Рабеъ** – баҳор.
**Равоӣ** – ривоҷдорӣ, баравнақ будан.
**Раз** – ангур.
**Разин** – пурқимат, гаронбаҳо, гаронмоя.
**Райҳонӣ** – сабзгун, сабзча.
**Райҳонӣ** – як навъ шароби хушмаза.
**Рамгала** – мухаффафи рама ва гала.
**Ранг** – макру фиреб.
**Расадфурӯшон** – киноя аз ситорагон.
**Рахм** – каргас.
**Рашо** – манзили бистуҳаштуми моҳ.
**Раъб** – саро ва маҳалла.
**Рағм** – зид.
**Рақ** – пӯст; ғуломӣ.
**Рақиб**–нигаҳбон.
**Раҳил** – кӯч.
**Раҳиқ** – шароби холис ва хушбӯ.
**Раҳӣ** – ғулом, чокар.
**Рифоқ** – ресмоне, ки бозу ва зонуи шутурро бо он мебастаанд, ки ба ҷои одатияш барнагардад. Маҷозан кунҷи танҳоӣ.
**Рифъат** – баландӣ.
**Рифқ** – рафоқат, дӯстӣ.
**Риштаи таб** – риштае, ки дуо хонда, онро барои дафъи бемории вараҷа ба гардани бемор мебастаанд ва то чиҳил рӯз ҳар рӯзе онро як гиреҳ мекардаанд.
**Ровақ** – шакли арабишудаи ровак, соф, пок, холис.
**Ровиҷ** – порча ва биёре, ки ба воситаи он шаробро соф мекардаанд.
**Роиз** – ромкунандаи аспони саркаш ва навсаворӣ.
**Рокиб** – савор.
**Ромиш** – хурсандӣ.
**Ронро доғ кардан** – рони аспҳоро барои моли касе буданашро фарқ кардан доғ мекардаанд. Маҷозан ба маънои хосса гардондан ва махсус- гардондашуда низ меояд.
**Роят** – парчам, байрақ.
**Рутаб** – хурмои тар.
**Рух** – мухраи шатранҷ.
**Руҳбон** – зоҳид ва порсои тарсоён, рӯҳонии дини насронӣ.
**Руқъа** – нома.
**Рӯин** – асбоби аз рӯҳ сохташуда, қалъагӣ; маҷозан кабуди шаффоф.
**Рӯҳ** – осоиш, даму нафас.

## С

**Садма** – лат, зарба.

**Сайёра** – киштии тезгард; корвон.

**Сайёр** – шамшергар, шамшерсоз.

**Сайёф Миҷарра ранги шамшер** – Андохта бар қалодаи шер - чанд ситораи беруни сурати Асад ба мисли шамшере менамояд, ки гӯё ба гардани Асад (Шер) овехта шуда бошад. Низомӣ ҳаминро дар назар дорад.

**Сайл** – сел.

**Сайфур** – матои абрешимини нозук.

**Салаб** – либос.

**Салоҳранг** – маслиҳатомез, маслиҳатмонанд.

**Салх** – рӯзи сивуми ҳар моҳи қамарӣ.

**Саманд** – асп.

**Самоки Ҳеҷшамшер (Самоки Аъзал)** – манзили чаҳордарҳуми моҳ.

**Самоъ** – истилоҳи аҳли ирфон, суруду нағма ва рақсу ваҷдро аз шунидани он мефаҳмонад; яке аз амалиёти аҳли тасаввуф.

**Самоъ кардан** – шунавидан.

**Самоъи хирқабозӣ** – дар истилоҳи аҳли тасаввуф самоъеро мефаҳмонад, ки сӯфиён дар ҳолати ваҷд ва рақс хирқаҳои худро пора мекунанд.

**Самъ** – шунавоӣ.

**Санг** – қадру қимат, эътибор.

**Санҷақ** – байрақ, нишон; камарбанд.

**Сарир** – тахт.

**Саркӯфт** – сарзаниш.

**Сарсом** – дарди варамноке, ки дар димоғ пайдо мешавад.

**Сарфа** – ба маънои илми андӯхташуда низ меояд.

**Сарфа** – номи яке аз манозили моҳ.

**Сафина** – киштӣ.

**Сафро** – заҳра, талха.

**Саъд** – нек, бахтовар.

**Саъд** – яке аз манзилҳои моҳ.

**Саҷҷода** – ҷойнамоз.

**Сепояи ҳавоӣ** – номи як шакли фалакӣ, ки аз се ситора иборат буда, дар арабӣ ва адабиёти асримиёнагии мо бо номи Мусаллас машҳур будааст. Се бурҷи фалакӣ – Ҷавзо, Мизон ва Далвро низ Сепояи ҳавоӣ мегуфтаанд.

**Сибоъ** – номи яке аз ҷирмҳои осмонӣ.

**Сибоъ** – ҷамъи сабъ – дарандагон.

**Сиголидан** – андешидан; ғайбат кардан; сурудан.

**Сидра** – дарахте, ки болои осмони ҳафтум рӯидааст. Киноя аз баландӣ.

**Сиёқат** – равиш, тарз.

**Силсила** – занҷир.

**Силӣ** – тарсакӣ.

**Симокҳо** – номи ду ситора, ки яке Симоки Ромеҳ ва дигаре Симоки Аъзал ном дорад.

**Сипаҳсолор** – сарлашкар.

**Сирка** – сирко.

**Ситабрақ (истабрақ)** – матоъи нозук.

**Ситом (Ситомунноқа)** – номи ситораест. Ситом – маънои лаҷом ва зинбандро низ дорад.

**Ситораи яманӣ** – Суҳайл.

**Сиҳҳа** – комил шудан; ёфтан, тандуруст шудан.
**Сиҳо** – риштае, ки дар он лифофаи мактубро банданд.
**Созанда** – навозанда.
**Солеҳ** – нек, некӯкор, шоиста.
**Солеҳ** – номи пайғамбарест, ки мувофиқи ривоятҳои динӣ бо дуои ӯ санги сафеде ноқа (шутури мода) зоида будааст, аммо онро мухолифонаш зуд куштаанд ва пайравони ӯ хеле аз ин андӯҳгин гардидаанд. Бинобар ин «солеҳиён» маҷозан «ғамзадагон»-ро ифода мекунад.
**Сомирӣ** – номи ҷодугар машҳурест, ки гӯсолаи тилои сухангӯ сохта, мардумонро аз дини Мӯсо-пайғамбар гардонда будааст.
**Судоъ** – дарди сар.
**Сулаймон** – номи пайғамбарест, ки ба ӯ ҳамаи ҷонварону парандагон ва деву париён низ мутеъ будаанд.
**Сулб** – зот, шарафи аҷдодӣ.
**Султону Аёз** – Султон Маҳмуди Ғазнавӣ (997 – 1030) ва ғуломи ӯ Аёз дар назар дошта шудааст, ки дар хусуси қаробати онҳо достонҳои зиёде навишта шудааст.
**Сунбидин** – суфтан, сӯрох кардан, фирефтан.
**Суннат** – роҳу равиш.
**Суруш** – фаришта.
**Сустхезӣ** – беҳушӣ.
**Суфра** – дартархон.
**Суфт** – дӯш, китф.
**Суфтан** – шикофтан, шикоф кардан.
**Суъуд** – болоравӣ.
**Суҳайл** – ситораи равшантарини қутби ҷанубӣ, ки ҳамчун бонӣ ва муҳофизи Яман дониста мешавад.
**Суҳо** – номи ситораи хира.
**Сӯг** – ғам, мотам.

## Т

**Таaҳҳуд** – аҳду паймон бастан, кореро ба уҳда гирифтан.
**Табарзад** – набот, гулқанд.
**Табаъ** – тобеъон.
**Таббол** – таблнавоз.
**Табиш** – тобиш.
**Табоеъ** – сиришт ва хӯю хулқ.
**Таборак Аллоҳ** – бузург ва пок аст Худованд.
**Тавaққуъ** – чашмдошт, умед, хоҳиш.
**Тавзеъ кардан** – ба ҳар куҷо бурдан; пароканда кардан.
**Тавила** – ресмоне, ки бо он ҳайвонҳоро мебанданд ва ҷое, ки дар он ҳайвонҳоро ҷо мекунанд.
**Тавсан** – аспи саркаш.
**Тавқеъ** – имзо ва муҳри подшоҳ ё ҳоким дар зери фармон.
**Тазаррӯъ** – дуою нола.
**Так** – давиш.
**Талал** – ба маънои одамон ва аспон омадааст.
**Талаттуф** – меҳрубонӣ.
**Талоя** – пешоҳанг, пешқаровул, пешрави лашкариён, аскарону сипоҳиён, ки пеш-пеши ҳоким рафта, ба ӯ роҳ мекушоянд.

**Талъат** – чеҳра.
**Танзгарӣ** – таннозӣ, назаррабоӣ; тақлидгарӣ.
**Тангёб** – ноёб.
**Тапонча** – тарсакӣ.
**Тараф** – ба маънои бузургӣ ва шарофат.
**Тарафайни аҳд** – зиндагӣ ва марг.
**Тарид** – ҳуҷум.
**Тарида (тарид)** – тири нозук.
**Таридгоҳ** – ҳамлагоҳ.
**Ташвир** – хиҷолат, шармсорӣ.
**Ташреҳ** – илми баданшиносӣ.
**Ташту теғ** – асбоби сиёсат кардан ва ҷазо додани подшоҳон, ки сари гунаҳкорро дар пеши мардум бо теғ дар рӯи ташт (тос) мебуридаанд.
**Таъбия** – оростан, офаридаҳои ғарибу асрорангез.
**Таъвиз** – тӯмор.
**Таъдиб** – ҷазодиҳӣ.
**Таъзим** – бузургӣ, азамат.
**Таъриз** – ба киноя сухан гуфтан, бадгӯӣ.
**Тақарруб** – наздикӣ.
**Таҳаккум** – зӯрӣ кардан.
**Таҳрири ғулом** – озод кардани ғулом.
**Таҷассус** – ҷустуҷӯ, тафтиш.
**Темор** – андӯҳ.
**Тиб** – бӯи хуш.
**Тироз** – зебо, зеб.
**Тиҳигоҳ** – шикам.
**Тиҳӣ** – холӣ; ройгон.
**Тозӣ** – арабӣ.
**Тозӣ** – аспи арабӣ.
**Тоқу турунб** – карру фар.
**Торум** – авҷ.
**Туло** – гурӯҳ, ҷамъият.
**Тунг** – қуттӣ, кӯзача.
**Турунҷӣ** – зарди сурхчатоб.
**Туғро** – унвони нома ё фармон.
**Тӯш** – қувват.

## У

**Увайс** – номи яке аз бузургони дини ислом.
**Узро** – бикр, бокира.
**Узро** – маъшуқаи Вомиқ.
**Узро** – номи бурҷи Сунбула, Азрорухи Сунбула, яъне Сунбулаи Азрорух.
**Уммаҳонӣ** – номи яке аз занони пайғамбар Муҳаммад (с), ки духтари аммуаш будааст.
**Унноб** – номи меваи сурх; лаби сурх, киноя аз лаби маъшуқа.
**Уторид** – сайёраи маъруф.
**Уштулум** – ҳаёху.
**Укда** – гиреҳ.
**Учрӣ** – таоме, ки ба муҳтоҷон дода мешавад.

## Ф

**Файёза** – бахшанда, файзбахш.

**Фалаксаворӣ** – гардиши фалакҳо ва сайёраҳо.

**Фарасниҳода** – маҷозан ба маънои рондашуда меояд.

**Фараҷ** – фараҳ, хурсандӣ.

**Фард** – ситораи сурхе, ки дар гардани сурати осмонии Шуҷоъ воқеъ гардидааст ва онро Фардушшуҷоъ низ мегуфтаанд.

**Фарзона** – донишманд.

**Фармӯш** – мухаффафи фаромӯш.

**Фаросёб (Афросёб)** – подшоҳи машҳури Тӯрон, ки гӯё хеле тавоно ва ҳамасри Каёниён будааст.

**Фаррух** – зебо, хушбахт, хуш.

**Фарқад** – номи ситорае.

**Фарҷом** – оқибат, анҷоми нек.

**Фассод** – рагзан, ҷарроҳ.

**Фақеҳ** – ҳуқуқшинос, донандаи илми фиқҳ, ки ҳуқуқи мусулмониро фаро мегирад.

**Фидӣ** – фидо, сарбаҳо; чизе, ки боиси халосии касе шавад.

**Фиреш** – бистари хоб.

**Фисор** – нӯхта.

**Фотиҳа** – ибтидо, оғоз.

**Фоқ** – киноя аз гӯшаи танг.

**Фоқа** – эҳтиёҷ ва тангдастӣ.

**Фурот** – оби ширин, оби лазиз.

**Фурот** – номи дарё дар Ироқ.

## Х

**Хаз** – ҳарир, порчаи абрешимин.

**Хазро** – кабуд.

**Хай** – арақи бадан.

**Хайзарон** – як навъ чӯби рости сахт.

**Хайл** – сипоҳ, лакар; ҷамоа.

**Халаф** – фарзанд.

**Халхол** – ҳалқаи заррин ё симин, ки занон дар пой барои зинат кунанд.

**Хандидани гули зард** – киноя аз баромадани офтоб аст.

**Ханида** – машҳур, писандида.

**Харос** – осиёе, бо қувваи аспу хар ва гову хачир кор мекунад.

**Харт** – пӯст кандан ва тарошидан.

**Харчанг** – бурҷи Саратон.

**Хатти қиёсӣ** – киноя аз ҷаҳон аст.

**Хидев** – Худованд, подшоҳ, амир.

**Хизр** – пайғамбарест, ки оби ҳаётро хӯрда зинда мондааст ва ҳамеша дар либоси сабз мегардад ва ба роҳмондагон мадад мерасонад. Ҳамчун рамзи бохирадӣ низ истифода мешавад.

**Хусрав** – шоҳӣ сосонӣ, ки қаҳрамони асосии достони «Хусраву Ширин»-и Низомист.

**Хиҷлат бурдан** – дар хиҷолат мондан.

**Хобанида** – мухаффафи хобонида.

**Хозеъ** – шикастанафс.

**Хозин** – хазинадор.
**Хокӣ** – хоксор, фурӯтан.
**Хокӣ пой доштан** – пиёда рафтан.
**Хокӣ шудан** – худро чун хок паст гирифтан, хоксорӣ кардан.
**Хол** – тағо.
**Хома** – қалам.
**Хонӣ** – ҳавз, ҳавзи оби ширин.
**Хотун** – номи галаситора.
**Хоҷатош** – бандагони як хоҷа, ҳамхоҷа.
**Худо** – соҳиб.
**Худодиҳод кардан** – маҳрум кардан. Асли ин ибора аз он пайдо шудааст, ки агар ба гадо чизе надиҳанд, «Худо диҳад» гуфта ӯро гусел мекардаанд.
**Хунбура** – хуми хурд, хумча.
**Хунфурӯш** – касе, ки хуни рехташударо бифурӯшад ва ба ҷои он хунбаҳо, яъне пулу мол бигирад.
**Хунёгар** – мутриб, муғаннӣ, нағмасаро. Хунёгари зан – киноя аз чархи ресмонресисит.
**Хун** – қотил, кушанда, одамкуш.
**Хурдакорӣ** – хурсандкорӣ.
**Хушгор** – орди сабӯсаш нобехта.

## Ҳ

**Ҳабаш** – Ҳабашистон.
**Ҳабба** – дони ғалла; вазни як дона ҷав.
**Ҳавзи Кавсар** – ҳавзе дар ҷаннат, ки оби он софу гуворо меояд.
**Ҳазира** – ҳаёт.
**Ҳазоҳиз** – ҷунбиши сипоҳ ва лашкар дар ҷанг.
**Ҳазрат** – ҳузур.
**Ҳай** – зинда.
**Ҳайи абадӣ** – зиндаи ҷовид.
**Ҳай** – қабила, қабилагоҳ.
**Ҳай** – беморӣи меъда, ки дар натиҷаи он таом ё ба тариқи қай ва ё исҳол берун меояд.
**Ҳайф** – зулму ситам.
**Ҳамал (Барра)** – номи бурҷи якумин аз дувоздаҳ бурҷи фалакӣ.
**Ҳамзод** – ҳамсол.
**Ҳамора** – мухаффафи ҳамвора – доимо, ҳамеша.
**Ҳамул** – пуртоқат, собир, пурбардошт.
**Ҳарба** – найзаи кӯтоҳ.
**Ҳариф** – дӯст.
**Ҳариф** – душман.
**Ҳар ҳафт** – холи сохта бар рухсора ё кунҷи лаб.
**Ҳасир** – бӯриё.
**Ҳафт арӯс** – киноя аз ҳафт сайёраи машҳур аст.
**Ҳафт мардон** – киноя аз Асҳоби Каҳф, ки аз зулми Дақёнус ном подшоҳи золим гурехта, дар ғоре солҳои зиёд хуфта будааст. Онҳо чун рамзи ёрони ҷонӣ ёд карда мешаванд.
**Ҳафт паргор** – маҷозан ҳафт осмон.
**Ҳафт субъ** – Қуръон.
**Ҳафт фарас** – киноя аз ҳафт осмон.

**Ҳафт хазина** – киноя аз ҳафт осмон.

**Ҳафт халифа** – ҳафт сайёраи маъруф дар назар дошта шудааст. Аммо дар луғат ҳафт халифа ба ин маъноҳо меояд; Ҳафт узви муҳимтарини бадан, ки зиндагиро таъйин мекунанд: меъда, ҷигар, шуш, дил, заҳра, испурч, гурда; ҳафтҳис ақл, нафас, биноӣ, шунавоӣ, маза, бӯёӣ, ломиса ва ғайра.

**Ҳафт хиргоҳ** – киноя аз ҳафт осмон.

**Ҳашиш** – гиёҳи хушк, ки аз он моддаи масткунанда гирифта мешавад.

**Ҳаюн** – ҳайвони саворӣ, шутур.

**Ҳидоят** – роҳнамоӣ.

**Ҳилолханда** – лабханд. Ин таъбир ба сабаби ба лаб шабоҳат доштани моҳи нав пайдо шудааст.

**Ҳирфат** – касбу ҳунар.

**Ҳисн** – қалъа, паноҳгоҳ.

**Ҳисор** – қалъа.

**Ҳисорӣ** – хонанишин.

**Ҳита** – эҳтиёт, иҳота, ҳаёт.

**Ҳиқд** – кинаву адоват, бухлу душманӣ.

**Ҳозима** – узвҳои ҳазмкунанда.

**Ҳорис** – дарбон, нигоҳбон.

**Ҳорут** – Ҳорут ва Морут гӯё ду фариштае будаанд, ки одамонро ба гунаҳкорӣ ва носипосӣ айб монда, аз Худованд хоҳиш кардаанд, ки онҳоро ба шакли инсон гардонад, то ин ки бо одамон худро чун намунаи парҳезкорӣ намоиш диҳанд. Лекин ҷамоли Зӯҳраро дидан замон нияти худро фаромӯш мекунанд ва ба гуноҳ меомезанд. Барои ин манманӣ онҳо ба ғазаби Худованд гирифтор мешаванд ва дар чоҳи Бобил абадӣ сарнигун овехта мешаванд. Дар адабиёт ин номҳо чун рамзи макру фиреб ва сеҳру ҷоду истифода мешавад.

**Ҳотиф** – каси пайғомовар, ки овозаш шунида мешаваду худаш дида намешавад; хабардиҳандаи ғайб.

**Ҳоҷиб** – посбон.

**Ҳудус** – навпайдо, навбунёд.

**Ҳулла** – либос, ҷома.

**Ҳумой** – номи мурғи афсонавие, ки гӯё сояи боли ӯ саодатбахш будааст.

**Ҳумоюн** – муборак.

**Ҳунут** – хушбӯиҳое, ки ба мурда мезананд.

**Ҳунъа** – номи ситорае, ки дар яке аз манзилҳои офтоб ҷойгир шудааст.

**Ҳурмнишин** – эҳром бастан.

**Ҳуқъа** – номи ситорае, ки дар яке аз манзилҳои офтоб ҷойгир шудааст.

## Ч

**Чарб** – нарм.

**Чароғи осмонгард** – киноя аз офтоб.

**Чашмаи об** – киноя аз рухсораи Лайлӣ.

**Чор гуҳар** – чор унсур (обу оташу хоку бод), ки мувофиқи таълимоти фалсафаи гузаштагони мо ҳамаи мавҷудоти олам аз онҳоянд.

**Чаҳоргӯша** – киноя аз қабру тобути чаҳоргӯша.

**Чир** – ғолиб, диловар.

**Чира шудан** – ғолиб омадан.

**Чор фарас** – чаҳор унсури машҳур (обу оташу хоку бод), аз чаҳор пиёда шудан – киноя аз нesту нобуд шудан .

**Чор халифа** – аввалин чаҳор ёри пайғамбар Муҳаммад (с) – Абӯбакр (632 -634), Умар (634 -644), Усмон (644 – 656) ва Алӣ (656 – 661), ки якумӣ Сиддиқ, дуввумӣ Форуқ лақаб дошта, дар байни мусулмонҳо Усмон дар ҳилму ҳаё ва Алӣ дар шермардӣ машҳуранд.

**Чоҳ** – зиндон.

## Ҷ

**Ҷабҳа** – номи ситорае, ки дар яке аз манзилҳои моҳ ҷойгир аст.

**Ҷав задан** – ба ҷав фол дидан, ки дар қадим расм будааст.

**Ҷавзо (Дутана)** – номи бурҷи сеюмини дувоздаҳ бурҷи фалакӣ.

**Ҷавонӣ** – ҷаҳлу нодонӣ.

**Ҷавқ** – тӯда.

**Ҷавҳари фард** – ҳар як аз чаҳор унсур (обу оташу хоку бод).

**Ҷадд** – бузургӣ, бузургворӣ.

**Ҷаддӣ (Бузғола**) – номи ситораи хурде дар тарафи қутби шимол, ки дар паси Ҳафтдодарон ҷойгир шудааст. Инчунин бурҷи даҳумини бурҷҳои дувоздаҳгонаи фалакӣ низ Ҷаддӣ ном дорад ва онро дар тоҷикӣ Бурҷи Буза низ мегуфтаанд.

**Ҷаддӣ сари худ чу буз бурида** – К-афсонаи сарбузӣ шунида – яъне ситораи ҷаддӣ сари худро мисли бузе, ки дар афсонаи «Сарбузӣ» мавҷуд аст, бурид. Мазмуни афсонаи «Сарбузӣ» он аст, ки дар пеши маймуне сари бузеро, ки бофандагиро ёд намегирад, мебуранд, маймун аз тарс бофандаи хуб мешавад.

**Ҷазаъ** – бетоқатӣ, ношикебоӣ.

**Ҷазо** – мукофот.

**Ҷазр** – истилоҳи илми ҳисоб, ки зарб задани ҳар ададеро ба худи он ифода мекунанд, мисли 2 х 2 = 4; 3 х 3 = 9; 11 х 11 = 121 ва ғайра.

**Ҷазри асам** – истилоҳи илми ҳисоб, ки ҳалнопазирии масъаларо ифода мекунад.

**Ҷазъ** – шаба ва муҳраи яманӣ, ки чашмро дар сафедӣ ва сиёҳӣ ба он ташбеҳ мекардаанд.

**Ҷалол** – бузург, бузургӣ.

**Ҷалолат** – бузургӣ, бузургворӣ, дороӣ.

**Ҷамила** – хубу зебо.

**Ҷаммош** – шӯх.

**Ҷамоза** – шутури тезрав ва тезрафтор.

**Ҷамшед (Ҷам)** – яке аз подшоҳони сулолаи асотирии пешдодоиён, ки дар адабиёт чун рамзи тавоноӣ, хирадмандӣ ва соҳибтадбирӣ истифода мешуд. Ҷамшед гӯё ба воситаи ҷоми худ ҳама оламро медидааст.

**Ҷаниба** – асп.

**Ҷарида** – дафтари ёддошт.

**Ҷаридаронон** – ваҳшиён ва дарандагоне, ки аз гуруснагӣ худро ба ҳар тараф мезананд.

**Ҷаноҳ** – паҳлу, қанот, бол.

**Ҷаъба** – сандуқча.

**Ҷаҳондирангӣ** – ба дунё таъхир карда омадан, дер ба дунё омадан.

**Ҷигар** – киноя аз ғаму андӯҳ низ меояд.

**Ҷигархӯр** – ғамхор, ҷигари ҷигархӯр – фарзанди ғамхор.

**Ҷигар хӯрдан** – сабру таҳаммул кардан.

**Ҷизя** – андози махсус, ки аз ашхоси ғайримусулмон меситондаанд.

**Ҷомагӣ** – маоши ҳаррӯза ва ҳармоҳа.

**Ҷондор** – посбони силоҳдор.
**Ҷондору** – тарёки заҳр.
**Ҷузъ** – зардчӯба.
**Ҷурм** – гуноҳ.
**Ҷуфта** – дом.

## Ш

**Шабгир** – субҳ, бомдодон.
**Шабдез** – шабранг, сиёҳ; аспи сиёҳ, аспи хушзот; номи аспи машҳури Хусрави Парвез.
**Шаби қадр** – шаби 27 моҳи рамазон.
**Шабранг** – киноя аз бурок, як саворе, ки пайғамбар Муҳаммад (с) ба он савор шуда, сайри афлок карда, бо Худованд роз гуфта будааст.
**Шабхуш** – «шабат хуш» - гӯён видоъ кардан.
**Шайхи наҷдӣ** – киноя аз шайтон.
**Шайхона** – бузургона, боҳашамат.
**Шамома** – бӯи хуш.
**Шамса** – нақшу нигори либос; бут.
**Шанг** – зебо, хубрӯй, ҷавони зебо.
**Шангарф** – ранги сурх.
**Шарза** – бадхашм.
**Шариф** – бузургвор, баландқадр, бошараф.
**Шарт** – вобастагӣ.
**Шаш**-ҳафт ҳазор сол буда… - ба ақидаи мусулмонҳо Худованд одамро ҳафт ҳазор сол пеш аз таваллуди пайғамбар Муҳаммад (с) офарида будааст.
**Шаш ҷиҳат** – киноя аз мавҷудот ва ҳастӣ.
**Шағаб** – шӯру шар, фитнакорӣ.
**Шаҳна** – миршаб.
**Шаҳоб (шиҳоб)** – шӯъла; ситора, ситораи равшан.
**Шаҳрбанд** – асир.
**Шаҷар** – дарахти мевадор.
**Шер** – бурҷи Асад.
**Шерони сиёҳ** – ҷанговарони навфалро, ки сиёҳ будаанд, дар назар дорад.
**Шигарф** – зебо, некӯ.
**Шиканҷи хиргоҳ** – пардаи дари хиргоҳ; Барбаста зи дар шиканҷи хиргоҳ – яъне пардаи дари хиргоҳ боло бардошта шуда буд.
**Шикеб** – сабру тоқат.
**Шиққа** – дари хайма.
**Шиъро** – номи ду ситора, ки якеро Шиърои Шомӣ ва дигареро Шиърои Ямонӣ ва дар якҷоягӣ Шиъриён низ мегуфтаанд ва Шиърои Ямонӣ танҳо дар шабҳои тобистон намудор мешавад. Шиърои Шомӣ тира ва Шиърои Ямонӣ равшан аст.
**Шудан** – рафтан.
**Шӯридан** – шустан.

## Э

**Эътикоф** – Худопарастӣ, гӯшанишинӣ, парҳез.

**Эҳром бастан** – дар роҳи Макка дар ҷои муайяне либоси нодӯхта дар бар кардани ҳоҷиён ва маҷозан ба маънои қасд кардан, ният кардан низ меоянд.

**Эҳтироз** – парҳез, эҳтиёт.

## Ю

**Юсуф** – пайғамбар, ки чун рамзи ҳусну малоҳат ва зебоӣ ва инчунин ёри дурафтодае, ки висоли ӯро мунтазиранд, кор фармуда мешавад.

**Юсуфрухи машриқӣ** – маҷозан офтобро мефаҳмонад.

# МУНДАРИЧА

ЛАЙЛИЮ МАЧНУН.........................................................5-204
ҲАФТ ПАЙКАР..............................................................205-454
ЛУҒОТ ВА ТАВЗЕҲОТ..................................................455-478

**"АХТАРОНИ АДАБ" (СИЛСИЛА)**
**ИБОРАТ АЗ 50 ҶИЛД**

**Ҷилди 20**

# НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ
# ХАМСА:

**(Лалию Маҷнун, Ҳафт пайкар)**


Муҳаррири ороиш *Р. Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*
Тарроҳ *Ҳ. Холов*
Ҳуруфчини компютерӣ *Ш. Муҳаммадиева*
*Р. Ализода*

Ба матбаа 5.11.2012 таҳвил гардид. Чопаш 24.12.2012
ба имзо расид. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҳуруфи адабӣ.
Андозаи 60x90 $^1/_{16}$. Ҷузъи чопӣ 30,0. Адади нашр 5000 нусха.
Супориши № 108/12.

Нашриёти "Адиб"-и Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734018, ш. Душанбе,
кӯчаи Неъмат Қарабоев, 17а.

Дар матбааи нашриёти «***Истеъдод***» чоп шудааст.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36.
Тел.: 221-95-43. E-mail: istedod2010@mail.ru.